ISSN 2219-5408

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ОМӮЗГОРӢ

Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

Издание Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни

HERALD OF THE PEDAGOGICAL UNIVERSITY

Publication of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Ayni

№ 4 (117)

Душанбе – 2025

Маҷалла соли 1978 таъсис ёфтааст

Маҷалла ба феҳрасти маҷаллаву нашрияҳои илмии пешбари тақризшаванда, ки натиҷаи асосии рисолаҳо барои дарёфти унвони илмии номзад ва докторони илм дар онҳо бояд интишор гардад, шомил шудааст

Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 майи соли 2023 таҳти № 291/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст

Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Намояи иқтибоси илмии Русия» (НИИР) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи миллии маҷозӣ ҷойгир аст

ISSN 2219-5408

Суроға: *734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121*

Тел.: *(+992 37) 224-36-91*

Факс: *(+992 37) 224-13-83*

Почтаи электронӣ: *vestnik.tgpu@gmail.com*

Сомонаи маҷалла: *www.vestnik.tgpu.tj*

Сармуҳаррир: ***Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло*** *– доктори илмҳои таърих, профессор, ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Муовини сармуҳаррир: ***Раҷабзода Сироҷиддин Икром*** *– доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба корҳои илмии ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

Котиби масъул: ***Муборакиён С. М.***

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

Бозорзода Нуриддин Шодипур *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Каримзода Шуҳрат Бозор *- доктори илмҳои филологӣ, дотсент*
Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир *- доктори илмҳои филологӣ, дотсент*
Қосимов Олимҷон Ҳабибович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Муллоев Шариф Боқиевич *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саидмуроди Хоҷазод *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Саломиён Муҳаммаддовуд Қаюм *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Худойдодов Аъзам Овлододович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Элбоев Вафо Ҷурақулович *- доктори илмҳои филологӣ, профессор*
Абдурашитов Фозил Маматович *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Ёқубов Юсуфшо *- доктори илмҳои таърих, профессор, академики АМИТ*
Қурбонзода Хоналӣ *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Пирумшоев Ҳайдаршо *- доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи АМИТ*
Расулиён Қаҳҳор Расул *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Сайнаков Сайнак Парпишоевич *- номзади илмҳои таърих, дотсент*
Ҳақназаров Абдуназар *- доктори илмҳои таърих, профессор*
Ҳусайнов Аҳмадҷон Қурбонович *- доктори илмҳои таърих, профессор*

© ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2025

Журнал основан в 1978 году

Журнал включен в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени доктора и кандидата наук

Журнал зарегистрирован Министерством культуры Республики Таджикистан 01 мая 2023 года за №291/ЖР-97

Журнал включен в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ), размещенный на платформе Национальной электронной библиотеки

ISSN 2219-5408

Адрес: *734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121*

Тел. : *(+992 37) 224-36-91*

Факс: *(+992 37) 224-13-83*

Электронная почта: *vestnik.tgpu@gmail.com*

Сайт журнала*: www.vestnik.tgpu.tj*

Главный редактор: ***Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло*** *- доктор исторических наук, профессор, ректор ТГПУ им. С. Айни*

Зам. главного редактора: ***Раджабзода Сироджиддин Икром*** *- доктор химических наук, профессор, проректор по научной работе ТГПУ им. С. Айни*

Ответственный редактор: ***Муборакиён С. М.***

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Бозорзода Нуриддин Шодипур *– доктор филологических наук, профессор*
Гаффоров Абдушукур Одинашоевич *- доктор филологических наук, профессор*
Каримзода Шухрат Бозор *- доктор филологических наук, доцент*
Косими Саъди Абдулкодир *- доктор филологических наук, доцент*
Касимов Олимджон Хабибович *- доктор филологических наук, профессор*
Муллоев Шариф Бокиевич *- доктор филологических наук, профессор*
Саидмуроди Ходжазод *- доктор филологических наук, профессор*
Саломиён Мухаммаддовуд Каюм *- доктор филологических наук, профессор*
Салихов Шамсиддин Аслиддинович *- доктор филологических наук, профессор*
Худойдодов Аъзам Овлододович *- доктор филологических наук, профессор*
Джаматов Самиддин Салохиддинович *- доктор филологических наук, профессор*
Элбоев Вафо Джуракулович *- доктор филологических наук, профессор*
Абдурашитов Фозил Маматович *- доктор исторических наук, профессор*
Якубов Юсуфшо *- доктор исторических наук, профессор, академик НАНТ*
Курбонзода Хонали *- доктор исторических наук, профессор*
Пирумшоев Хайдаршо *- доктор исторических наук, профессор, член-корр. НАНТ*
Расулиён Каххор Расул *- доктор исторических наук, профессор*
Сайнаков Сайнак Парпишоевич *– кандидат исторических наук, доцент*
Хакназаров Абдуназар *- доктор исторических наук, профессор*
Хусайнов Ахмаджон Курбонович *- доктор исторических наук, профессор*

© ТГПУ имени С. Айни, 2025

The journal was founded in 1978

The Journal is included in the List of the leading peer reviewed scientific journals and publications, which should publish the main scientific results of dissertations for Doctor of science and Candidate of science degrees.

The Journal is registered by the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan from May 01, 2023 under No.291/JR-97

The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library

ISSN 2219-5408

Address: *734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121*
Phone: *(+992 37) 224-36-91*
Fax: *(+992 37) 224-13-83*
E-mail: *vestnik.tgpu@gmail.com*
Journal website: *www.vestnik.tgpu.tj*

Editor-in-chief: ***Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo*** *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Rector of the TSPU named after S. Ayni*
Deputy Editor-in-chief: ***Rajabzoda Sirojiddin Ikrom*** *- Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Research at TSPU named after S. Ayni*
Executive Editor: ***Muborakiyon S. M.***

THE EDITORIAL BOARD:

Bozorzoda Nuriddin Shodipur *– Doctor of Philological Sciences, Professor*
Gafforov Abdushukur Odinashoevich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Karimzoda Shuhrat Bozor *- Doctor of Philological Sciences, Docent*
Qosimi Sadi Abdulqodir *- Doctor of Philological Sciences, Docent*
Qosimov Olimjon Habibovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Mulloev Sharif Bokievich *- Doctor of Philological Sciences , Professor*
Saidmurodi Khojazod *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Salomiyon Muhammaddovud Qayum *- Doctor of Philological Sciences , Professor*
Solehov Shamsiddin Asliddinovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Khudoydodov Azam Ovlododovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Jamatov Samiddin Salohiddinovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Elboev Vafo Juraqulovich *- Doctor of Philological Sciences, Professor*
Abdurashidov Fozil Mamatovich *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Yakubov Yusufsho *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Academician of NAST*
Qurbonzoda Khonali *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Pirumshoev Haydarsho *- Doctor of Historical Sciences, Professor, Corr. member of NAST*
Rasuliyon Kahhor Rasul *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Saynakov Saynak Parpishoevich *– Candidate of Historical Sciences, Docent*
Haqnazarov Abdunazar *- Doctor of Historical Sciences, Professor*
Husaynov Ahmadjon Qurbonovich *- Doctor of Historical Sciences, Professor*

© TSPU named after S. Ayni, 2025

МУНДАРИҶА / СОДЕРЖАНИЕ

ЗАБОНШИНОСӢ / ЯЗЫКОЗНАНИЕ

Қосимзода М. Қ., Шарифова Ҳ. Қ.
Ташаккули ибораҳои сифати феълӣ бо пешояндҳои аслии “ба”, “бо” ва “бе” дар “Ёддоштҳо”-и Садриддин Айнӣ 8
Тураев Б. Б.
Таърихи як вожа ва ё «Яғноб» чӣ маъно дорад (таҳлили решашиносӣ) 16
Анварӣ С., Шоҳзода Г.
Ҳавзаҳои забонӣ ва таҳаввулоти луғавию маъноии вожаҳо 22
Нематова Д. А.
Морфемаи ҳам- ва роҳҳои калимасозии он дар осори Лоиқ Шералӣ 28
Ваҳҳобов Т., Бобоҷонова Д. А.
Мавқеи теонимҳо дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ 35
Кодирова С. А.
Особенности номинативных изафетных словосочетаний типа существительное + существительное с различными семантическими значениями в поэзии Абуабдуллаха Рудаки 41
Табарзода Х.
Мавқеи вожаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ дар осори Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ 49
Зокирзода М. Ш.
Роҷеъ ба таснифоти лакунаҳо дар тарҷумашиносӣ 55
Маликов А. Р., Ҳакимов Н. С.
Калимасозӣ тавассути пасванди «-вор» дар забони тоҷикӣ ва муродифоти он дар забони форсавӣ 64
Бойматова Д. М.
Ифодаи мубтадо дар забони форсавӣ ва муқоисаи он дар забони тоҷикӣ 70
Каримова Д. Н.
Образование терминов кожных и венерических заболеваний путем словосложения в таджикском и английском языках 75
Кулобиев А. Н.
Особенности именных субстантивных предложений в русском языке 86
Асламов И. А.
Моҳият ва хусусияти консептҳои фарҳангӣ дар тасвири забонии ҷаҳон 90
Каримова М. Б.
Дискурсивные модели репрезентации еды в русской и таджикской культуре 96
Кесамирова С. Р.
Фарқият дар методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзӣ (дақиқ) 104
Рустамзода Ш. Р.
Ментальные репрезентации и концептуальные схемы в фразеологических выражениях «Бустона» Саади и их английских аналогов 111
Хоркашова З. Х.
Синтаксические особенности предлогов в современном немецком языке 118
Ҳакимова З. А.
Воситаҳои наҳвии ифодаи савол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ 124

АДАБИЁТШИНОСӢ / ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИЕ

Боқиев Ҳ.
Сафарномаи мансур ва хусусияти мундариҷавию жанрии он 132
Бақозода С. А.
Сотим Улуғзода ва ташаккули андешаи истиқлоли миллӣ 139

Раҳмонӣ Р.
Ҳунари наққолии «Шоҳнома» ва симои Абӯдулаф дар романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода 146
Қосимӣ С. А.
Жанри суруд дар таҳқиқи Б. Шермуҳаммадов 160
Қурбонзода М., Қурбонова З.
Ҳифзи ватан ва эҳсоси ватандорӣ дар назми солҳои охири тоҷик 170
Қаҳорзода М. В.
Тафаккур ва рисолати иҷтимоӣ дар шеъри Аскар Ҳаким 177
Ҳамидзода З. А.
Соҳиб Табаров дар шинохти Абдулқодири Раҳим 186
Ҷумъаев Ҷ. Ҷ.
Ҷойгоҳи авзони арузӣ ва корбурди ҳунармандонаи он дар ашъори Озарахш 191
Шарифова Г. Х.
Ремесла и ремесленники в произведениях жанра “Шахрошуб” 200
Эҳсон Х. Р.
Пешинаи пажӯҳиши ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ 209
Ашурова М. Б.
Симои Восеъ дар мероси шифоҳӣ ва имконоти бозсозии визуалӣ дар шароити муосир 215
Хайридинова М. С.
Передача стилистики и культурных реалий в таджикских переводах произведений А.П. Чехова 222
Юсупова А. С.
Стилистические трансформации как средства достижения адекватности в художественном переводе (на материале романа «Три дня одной весны» Саттора Турсуна 231
Султонова Ш. Б.
Нақши Шокир Мухтор дар таҳқиқ ва тарҷумаи осори Оноре де Балзак ба забони тоҷикӣ... 238
Асомиддинзода Ш.
Вижагиҳои истифодаи радиф дар рубоиёти Воқифи Лоҳурӣ 244
Ҷавҳарӣ М. О.
Муҳтаво ва устухонбандии достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ ва монандиву фарқи онҳо 250
Шоев А. А.
Ашъори ошиқона-орифонаи Воизи Қазвинӣ 256
Муҳаммадохирзода Ҳ. И.
Лоиқ дар шинохти Сорбон 263
Саидова Д. Р.
Процесс развития переводов русской детской поэзии в таджикской культуре 270
Моҳрухсори А.
Марҳилаҳои рушди телевизион ва мавқеи он миёни дигар васоити ахбори омма 279

ИЛМҲОИ ТАЪРИХ / ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ

Ибодуллозода А. И., Вохидова М. А.
Координация научных связей Таджикистана со странами-членами Шанхайской организации сотрудничества (ШОС) 286
Абдурашитов Ф. М.
Ислоҳот дар ҳаёти аграрии Тоҷикистон дар солҳои “бозсозӣ” (1985-1991) 292
Набизода М. С.
Вопросы легитимация власти мингов в исторических сочинениях 298

Айнулозода Н. А., Абдурашитов Ф. М.
Историческая эволюция транспорта и логистики в Таджикистане: проблемы, возможности и цифровые перспективы 304
Umarov A. K., Khojaev M. P.
Historiographical traditions and approaches to the study of the Timurid period: an overview and analysis 312
Муродзода А., Шодизода С. И.
Аз таърихи рушд ва инкишофи соҳаи тандурустии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар давраи соҳибистиқлолии кишвар 320
Гафуров А. М., Гадоев Х.
Поддержка семей военнослужащих в годы Великой Отечественной войны: роль населения Таджикистана 325
Мухаммадфаридуни Ф.
Курсы внешней политики Сасанидов 331
Амроев У. М., Назаров Ш. С.
Сайёҳӣ дар Тоҷикистон: рушди соҳа дар даврони истиқлол 338
Қодирзода Х. С.
Сиёсати кишваркушоии Куруши Кабир дар осори муҳаққиқон 345
Ализода Б. П., Одилова З. Р.
Нақши Турсун Ӯлҷабоев дар рушди иҷтимоию фарҳангӣ ва тайёр кардани кадрҳо дар ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 50 – ибтидои солҳои 60-уми асри XX 351

ТДУ 811.221.78′367.625

ТАШАККУЛИ ИБОРАҲОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ БО ПЕШОЯНДҲОИ АСЛИИ “БА”, “БО” ВА “БЕ” ДАР “ЁДДОШТҲО”-И САДРИДДИН АЙНӢ

Қосимзода М. Қ., Шарифова Ҳ. Қ.
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

Пешояндҳо дар забони тоҷикӣ мавқеи хос дошта, яке аз муҳимтарин воситаҳои ифодаи муносибати синтаксисии калимаҳо ба шумор мераванд. Дар забоншиносии тоҷик ин мавзуъ то ҷое тадқиқ шуда, дар ин замина баҳсҳое низ дар миён будааст.

Азбаски эҷодиёти устод Айнӣ давраи нави ташаккули забони тоҷикиро инъикос мекунад, истеъмоли пешояндҳо низ то ҷое таҳаввулоте, ки дар забонамон дар ин давра ба амал омад, муҷассам месозад. Вале сабки устод Айнӣ устувор буда, пеш аз ҳама ба меъёри забони адабӣ мувофиқ аст. Дар ин замина устод Айнӣ ҷараёни тараққиёти забони адабии давр, комилан муайян нашудани ҳудуди истеъмол ва ба вазифаи ҳамдигар истифода шудани пешояндҳоро ба инобат гирифтааст, ки ба талаботи забони меъёр ҳамсон аст.

Дар сабки нигориши устод Айнӣ ибораҳои сифати феълии пешояндӣ ба воситаи пешоянд алоқа пайдо карда, бо ин восита ҷузъи тобеъ бо ҷузъи асосӣ пайванд мешавад. Аз рӯйи вазифаи грамматикӣ ва сохташон ибораҳои сифати феълии пешояндӣ ба гурӯҳҳои мушаххас ҷудо мешаванд. Дар ташаккули ибораҳои сифати феълӣ пешояндҳо мақоми хос дошта, устод Айнӣ аз онҳо фаровон истифода кардааст. Дар сабки нигориши устод Айнӣ ба хусус, «Ёддоштҳо» маънои ҳар як узви ибора, ҳам калимаи тобеъкунандаву ҳам тобеъшаванда, инчунин воситаҳои грамматикӣ, аз чумла пешояндҳо, маҳз дар алоқамандӣ ва муносибати онҳо пурра зоҳир мешавад. Ҳама гуна тобишҳои маъноии онҳо дар ҳамин гуна мавридҳо ошкор мешавад.

Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ибораҳои сифати феълии ин мавзуъ то ҳол дар забоншиносии тоҷик ба қадри кофӣ таҳқиқ нашудааст. Вале ишораҳои ҷузъии донишмандони ин соҳа Д.Т. Тоҷиев [12, с. 56] ва А.Мирзоев дар бораи ибораҳои сифати феълии пешояндӣ ҳанӯз тадқиқоти дигаре дар даст нест [8, с. 64].

Маълум аст, ки алоқаи калимаҳо дар ҳайати ибора ба ҷуз изофат бо ёрии пешоянд, пасоянд ва калимаҳои ёридиҳанда низ сурат мегиранд. Ин намудҳои алоқа на танҳо дар ифодаи миёни калимаҳо ёрӣ мерасонанд, балки дар пайванд намудани калимаҳо дар ҷумла низ ҷойгоҳи муҳим доранд. Дар ин тарзи алоқа ҷузъи тобеъ ба тақозои калимаи асосӣ пешоянд гирифта ба калимаи асосии ибора пойбанд мегардад [9, с. 133[.

Ҳангоми таҳлили ибораҳои сифати феълӣ ба маънои пешояндҳо эътибор додан ниҳоят муҳим аст, зеро ба эътибори мақоми грамматикиашон дар забони тоҷикӣ пешояндҳо яке аз воситаҳои муҳими алоқаи синтаксисии байни ҳиссаҳои номӣ, аз ҷумла сифати феълӣ мебошанд.

Аз ин мавқеъ, мақоми пешояндҳо дар сохтани ибораҳои сифати феълӣ калон буда, бештарини чунин ибораҳо ба воситаи пешояндҳо сохта мешаванд.

Вазифаи пайвандгарии пешояндҳо аз моҳияти онҳо сар мезанад. Зеро «пешояндҳо ҳамчун калимаҳои ёридиҳанда маънои мустақили луғави надоранд. Пешояндҳо ҳамеша бо исмҳо, шумораҳо, ҷонишинҳо пайваст шуда, муносибати синтаксисии онро нисбат ба дигар калимаҳо(феъл, исм, сифат, ҷонишин ва зарфҳо) нишон медиҳанд. Мулоҳизаи зерини забоншинос А. Мирзоев дар шинохти муносибатҳои синтаксисии байни калимаҳои мустақили ибораҳо муҳим аст. Ин донишманд дар рисолаи «Ибораҳои феълии замонӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» менависад, ки «пешояндҳо калимаҳои ёридиҳандаанд. Онҳо муносибатҳои синтаксисии байни калимаҳои мустақилро дар таркиби ибора нишон дода, якҷоя ба онҳо дар забон муносибатҳои гуногун (масоҳа, замон, макон, сабаб, мақсад, обйект, сӯй ва ғайра)-ро ифода мекунанд» [8, с. 34].

Пешояндҳо алоқаи синтаксисии байни ҷузъҳои ибораро таъмин намуда, худашон дар ибора мақоми мустақил надоранд. Ба ин далел ҷузъи ибора шуда наметавонад. Маънои луғавии пешояндҳо асосан дар ибора равшан мегардад. Дар ибораҳо, аз ҷумла ибораҳои

сифати феълӣ низ маънои пешоянд ҳам вобаста ба маънои ҷузъи тобеъ, ки бо он пайваст шудааст, ҳам ба маънои он ҷузъи асосие, ки ба тавассути пешоянд калимаи тафсилдиҳандаро ба худ тобеъ намудааст, ифода меёбад [6, с. 46].

Дар ибораҳои сифати феълӣ низ монанди дигар ибораҳо ифодакунандаи маъно калимаи асосӣ буда, пешояндҳо танҳо вазифаи вобастагиро иҷро менамоянд.

Ибораҳои сифати феълии пешояндӣ микдоран зиёд буда, маъноҳои гуногунро ифода мекунанд. Ифода ёфтани ин ё он маънои ҷудогона ба маънои луғавии ҷузъҳои ибора ва вазифаи грамматикии пешоянд алоқаманд мебошад.

Мавқеи пешоянд дар ибораҳои сифати феълӣ устувор буда, пеш аз ҷузъи тобеъ ва асосӣ меояд.

Ҳамин тариқ, ибораҳои сифати феълии пешояндӣ аз рӯйи таркиби мавқеъгирии ҷузъҳои ибора асосан ду хел мешаванд.

Пеш аз он ки доир ба ин намуди ибораҳо сухан кунем бояд дар бораи як хусусияти хоси ибораҳои сифати феълӣ, ки тафовути куллии онҳоро аз дигар ибораҳо нишон медиҳад, маълумот диҳем. Ин тафовут дар он ифода меёбад, ки ибораи сифати феълӣ дар дохили ибораи исмӣ ташаккул меёбад. Масалан:

Аммо озори асосии поҳоям монанди пештара ба замми *сӯзиши аз йод пайдошуда* давом мекард [4, с. 552]. Ва ё: Ин ҳодиса дар шаҳр чунон овоза шуд, ки *ҳар каси ба масчид нарафтаро* «ин кас намози ҷумъаро дар ҷомеаи Ғозиён хондаанд», мегуфтанд [4, с. 317].

Ин мисолҳо гувоҳи он аст, ки дар ибораҳои сифати феълӣ ҳузур доштани муайяншаванда шарт будааст.

Назар ба мушоҳидаи забоншинос Р.Л. Неменова ин пешояндҳо барои пайванд намудани калимаҳо нисбат ба дигар пешояндҳо серистифода буда, ибораҳои бо ин пешоянд таркибёфта, аз ҷумла. ибораи сифати феълӣ низ серистеъмол ва ҳамчунин сермаъноянд [10, с. 26].

Тартиби ҷузъҳои ибораи сифати феълии пешояндӣ асосан монанди дигар намуди ибораҳо буда, ҷузъи тобеъ пеш аз ҷузъи асосӣ меояд [5, с. 17].

Қолаби ибораҳои сифати феълии пешояндӣ дар ҷумла чунин аст:

- (исм) - пешоянд - ҷузъи тобеъ - ҷузъи асосӣ

Ба ҳар ҳол дар сабки нигориши устод Айнӣ чунин тарзи ҷойгиршавии ҷузъҳои ибораҳои сифати феълӣ маъмул аст.

Масалан:

Чун ба ман маълум шуд, ки донишмандони мазкур сабаби пайдо шудани риштаро муайян кардаанд, ман дар дили худ фикр кардам , ки «шояд он донишмандон барои *ришгаи дар бадани одамӣ пайдошуда* давое ҳам ёфта, ба доктори беморхона таълимот дода рафта бошанд» [3, с. 553-554].

Ва ё:

Бинобар ин дастурхонеро, ки бо нонбурдаҳо дар он ҷо истода буд, кушода ба пеши ӯ кашидам ва аз *чойники бо рӯймол печондагӣ* як пиёла чои гарм кашида, ба ӯ дароз кардам [3, с. 161].

Чунин сохтори ибораҳои сифати феълӣ дар осори устод Айнӣ фаровон буда, то ҷое сабки нигориши ӯро муайян намудаанд ва дар бештарин ҳолатҳо гувоҳи бархӯрдории ӯ аз шеваи гуфтугӯйии мардум аст.

Ибораҳои сифати феълии пешояндӣ вобаста ба хусусият, вазифа ва маънои грамматикии ин воситаи алоқа ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд, ки яке ибораҳои сифати феълии бо пешояндҳои аслӣ ва дигаре бо пешояндҳои номӣ таркибёфта мебошанд. Пешояндҳои аслӣ ва номӣ аз рӯйи истеъмол, маънои луғавии сохти морфологӣ ва вазифаи синтаксисиашон аз ҳам тафовут доранд.

Ибораҳои сифати феълии бо пешояндҳои аслӣ таркибёфта, дар навбати худ хусусияти хоси маъноофаринӣ дошта, аз рӯйи сохтор ва маъно навъҳои гуногун доранд. Ба ин далел ҳар кадоме аз пешояндҳои аслии таркиби ибораҳои сифати феълиро ба таври ҷудогона аз назар мегузаронем.

а). Ибораҳои сифати феълӣ бо пешоянди аслии <u>ба</u>

Пешоянди аслии ба дар сохтани ибораҳои сифати феълӣ ҳам аз рӯйи шакл ва ҳам аз рӯйи маъно яке аз пешояндҳои серистеъмол мебошанд. Ин пешоянд вобаста ба семантикаи ҷузъҳои ибора ва мавқеи он дар ҷумла тобишҳои гуногуни маъноро ифода мекунад.

Дар Грамматика ва асарҳои тадқиқотӣ оид ба забони адабии тоҷик муносибатҳои ин пешоянд ба тариқи зер муайян карда шудааст: а) муносибати обйект; б) муносибати масоҳа; в) муносибати восита; г) муносибати замон [7, с. 124].

Доираи ифодаи муносибатҳои зикршудаи ин пешоянд хеле пурдомана аст. Исмҳое, ки бо пешоянди **ба** дар дохили ибораҳои сифати феълӣ муносибатҳои таъиншударо ифода мекунанд, аз рӯйи микдор зиёд ва аз ҷиҳати маъно гуногунанд.

Дар ибораҳои сифати феълии бо пешоянди **ба** ҳамчун ҷузъи тобеъ исмҳои шахс, конкрет, мафҳум (абстракт), исмҳои масоҳа, амал, парранда, муассиса, ташкилот, ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва табиӣ, узви бадан, касбу ҳунар, шумора, ҷонишин, зарфҳои макону замон, масдар ва ғайра истифода мешаванд.

Дар сабки нигориши устод Айнӣ ибораҳои сифати феълии бо пешоянди аслии **ба** сохташуда тобиши зерини маъноиро ифода мекунанд:

1. Муносибати обйект. Дар ибораи сифати феълие, ки бо пешоянди аслии ба сохта мешаванд ва муносибати объектро (пуркунандаро) ифода мекунанд, исмҳои шахс, ғайришахс, ҷонишинҳои шахсӣ ва ғайришахсӣ, ҳамчунин, масдар чун ҷузъи тобеъ меоянд.

Ибораҳои сифати феълии ифодакунандаи муносибати обйект аз рӯйи сохташон дукалимагӣ ва секалимагӣ мешаванд: *ба адабиёт алоқадоштааш, ба номаш ҳамроҳшуда, ба пул муҳтоҷшуда, ба чарм банд кардашуда, ба_чанголи гург гирифторомада, ба даҳони ман наздикомада* ва ғайра. Ин навъи ибораҳои сифати феълӣ вобаста ба ҷузъи асосӣ ва тобеи худ тобишҳои маъноии алоқа доштани чизе, гирифтор шудан, соҳиб шудан, наздик расидан ба чизе, муҳтоҷӣ, маҷбурият, вобастагӣ, таъсир кардани чизе, мақсад, сабаб, майлу хоҳиш, ба ҳам бархӯрдани ду ашё ва ғайраҳоро нишон медиҳанд.

Барои ифодаи сареҳи чунин муносибатҳо ин пешоянд аксар бо исмҳо ва таркибҳои сифати феълӣ алоқаманд мешавад. Пешоянди ба дар матн тобишҳои муайяни услубию синтаксисӣ зоҳир менамояд ва ин хусусияти он дар матн аз ҷумла падид меояд. Мисолҳо:

Суҳбатҳо ва гуфтугӯзорҳои ин ҷо оддӣ буда, *ҷои ба адабиёт_алоқадоштааш* байтбарак буд [3, с. 319].

Унвони ба номаш ҳамроҳшуда «Қорӣ бошад ҳам, ӯ аз қоригӣ даромад надошт [2, с. 316].

Усто *ҳалқаи ба дандонҳилол андармон шуда берун баромадаи* риштаро ба дасти худ гирифта, аввал қисми ба тарафи соқи пой дароз шуда рафтаи вайро кашид ва он ба осонӣ тамоман баромад [3, с. 538].

Ӯ аз *тарафи ба бадан банд шуда истодаи* ришта ба қадри ним ангуштро дар байни ангуштони дасти худ маҳкам дошта истода, боқимондаашро бо он қайчӣ бурида партофт [3, с. 538].

Инҳо ба он пасандоз қаноат нанамуда ба *муллобачагони ба пул*_муҳтоҷшуда ва ба майдабаққолони сари кӯча ба фоида пул қарз дода судхӯри ҳам мекарданд [1, с. 224].

Ӯ *муллои ба хатм наздикрасида* буда, ба адабиёт ҳам ҳавас доштааст [1, с. 295].

Баъд аз он *ришtаи ба чарм бандкардашударо* аз даруни най ба сурохча рост кард ва аз берун кашида гирифт [3, с. 67].

Аммо ӯ дар ин ҷанҷол ягон сабаби ба шаҳрравӣ маҷбуркунандае намедид [1, с. 146].

Ман ҳис мекардам, ӯ дар ин кор тачрибаи кифоякунанда дорад, барои ҳар ҳарф байти бисёреро аз ёд медонад ва инчунин *ӯ байтҳои хуби ба одам_таъсиркунанда* мехонд [3, с. 192].

2. *Муносибати масоҳа*. Ибораҳои сифати феълие, ки муносибати масоҳа доранд, нисбат ба ибораҳои муносибати обйект дошта каммиқдоранд. Ҷузъи тобеи исмҳои ҳайати чунин ибораҳои сифати феълӣ маъноҳои масоҳа (макон, суй, тараф, масофаю ҷой), номҳои ҷуғрофӣ (шаҳрҳо, мамлакатҳо, номи маҳал ва исми амалу ҳаводиси бо мафҳуми масоҳа алоқамандро ифода мекунанд.

Доираи ҷузъи асосии ибора (сифати феълӣ) нисбат ба ҷузъи тобеъ дар фарогирии гурӯҳи луғавии калимаҳо доманадор мебошад. Маънои луғавии ҷузъҳои ибора дар ифода ва ё зоҳир намудани муносибати масоҳа мавқеи асосӣ дорад.

Ибораҳои сифати феълии ифодакунандаи муносибати масоҳа аз ду ва ё зиёда калимаҳо таркиб ёфта, ҷузъҳои тобеи он тобишҳои маъноии ба суи ҷое, маконе равона шудани амал, ба дохили чизе ё ҷое равона гардидани амал, макони ба вуҷуд омадани амал, иваз кардан ё иваз шудани мавқеъ, макон ва ғайраро ифода мекунад.

Чунин тарзи ифодаи ибораҳои сифати феълӣ асосан дар осори даврахои аввали эҷодиёти устод Айнӣ ба мушоҳида расид, ки то ҷое ба масъалаи таҳаввулоти сабки

нигориши ӯ алоқаманд буда, доир ба вижагиҳои ин равиши эҷодии устод мо дар боби охир муфассал сухан хоҳем кард. Ҳоло намунаи чанд мисолро аз навъи ибораҳои феълии ифодакунандаи муносибати масоҳа зикр мекунем:

Арбоб, ки дар асл ба шӯриш омада буд, ба сабаби канда шудани риш зиёдтар хашмгин шуда *Гулбибии ба замин афтодаро* то метавонист лагадкорӣ кардан гирифт [3, с. 316].

Вай Гуландом будани дониста бошад ҳам, кӣ будан ва чӣ будани сиёҳии дуввумро муайян карда натавонист [3, с. 318].

Ин муддаоро, ки фаҳмид, боз як ҷои дигари *ба болояш қалам_кашидашудаи* хатро нишон дода мехононд [4, с. 64].

Ӯ рӯи борики мурғӣ, риши тунук ва ками бузӣ, чашмони танги бемижгони милксурхи маймунӣ, *гӯшҳои дарози ба пеш хамхӯрдаи* харгӯшӣ ва бинии дарознӯги хами кабкӣ дошт [2, с. 86].

... Худам бо писарҳо болои бом баромада монанди он, ки барф меруфта бошад, *регҳои ба боми хона ғуншударо* бо бел руфта истодем [8, с. 41].

3. *Муносибати восита*. Ибораҳои сифати феълии бо пешоянди аслии <u>ба</u> дар ифодаи муносибати восита чандон серистифода нестанд.Дар ин гуна ибораҳои сифати феълӣ исмҳои узви бадан, мафҳум, исмҳои ифодакунандаи маънои касбу кор ва ғайраҳо истифода мешаванд. Чунин ибораҳо аз рӯйи сохташон аз ду ва ё зиёда калимаҳо таркиб ёфта, амал ва воситаи иҷрои онро нишон медиҳанд.

Гоҳо ҷузъи тобеи чунин ибораҳои сифати феълӣ ба худ эзоҳдиҳанда қабул мекунад. Дар ин навъи ибораҳо пешоянди **<u>ба</u>** аксаран чун муродифи пешоянди <u>бо</u> ба назар меояд.

Мисолҳо:

Ин тавр гапҳои ба ҳамаамон маълумро мон, ҳамон *чизҳои ба чашми_худ дидаатро* гуфта дех! [3: 121].

- Эй. - гуфт яке аз бачагон нохост - *пулҳои ба чӯтал ба Корӣ рафтаро* ҳисоб накардаед [9, с. 95]. Қорӣ-Ишкамба ин «*гӯсфанди фарбеҳи ба_пои худ_омадаро*» дида, оби даҳонаш рафта, гулӯяш хориш кардан гирифт [1, с. 106].

Амир Музаффар дар охирҳои умри худ аз ҳамаи *деҳқонбачагони ба_андоз баҳо карда додашуда* ба номи ғуломбача» як дастаи сарбози махсус ташкил карда буд [2, с. 90].

Аммо ҳар сеи ин Ботурчаҳо курсавод буда, ягон сатр *хати ба забони_тоҷикӣ навишташударо* хонда наметавонистанд ва ҳеҷ хат надоштанд [1, с. 53].

Як *бемори ба духтуршоҳ худро муолиҷакунонда* ҳамин Ҷӯра- корвон буд [1, с. 554].

4. *Муносибати микдору дараҷа*. Доираи истифодаи ҷузъи тобеи ин намуди ибораҳои сифати феълӣ аз ҷиҳати луғавӣ махдуд аст. Дар ин гуна ибораҳо баъзе исмҳои синну сол, ҳолат, исмҳои алоқаманд ба мафҳумҳои микдору дараҷа ҳамчун ҷузъи тобеъ ба маънои микдору дараҷа меоянд.

Ин намуди ибораҳои сифати феълӣ аз рӯйи сохт аз ду ва ё се калима таркиб ёфта, аз рӯйи маъно микдору дараҷаи воқеъ шудани амалро нишон медиҳанд.

Дар ин гуна ибораҳо барои ифодаи муносибати микдору дараҷа бештар таркибҳои квантативӣ ва гоҳи дигар таркибҳои устувори синтаксисӣ истифода мешаванд. Чунончи:

Бинобар ин ӯ панҷ таноб *замини ба дах ҳазор танга арзандаи* Ҳамроҳрафикро ба Арбоб рӯзӣ ба чор ҳазор танга фурӯшонда пули худро рӯёнид [1, с. 129].

Ӯ як харидори судхӯри беруна ёфта, *ҳуҷраи меарзидагиатро* ба 12 ҳазор танга фурӯхтааст [3, с. 260].

Охир, ин дунё олами асбоб аст, бояд *маблаги ба ин қадар ҳароҷот сарфшаванда* ба воситаи мову шумо ба даст дарояд [3, с. 512].

5. Муносибати замонӣ. Ибораҳои сифати феълии ифодакунандаи маънои замон дар осори бадеии устод Айнӣ, ба хусус, «Ёддоштҳо» серистифода нестанд. Дар ифодаи ин маъно аксаран исмҳои замон ва гоҳи дигар исмҳои амалу протсес дар алоқамандӣ ба маънои луғавии калимаи асосӣ (сифати феълӣ) истифода мешаванд. Чунончи:

Назар ба қавли пиёдакамбағалони он қишлоқ, ки аз *хурӯҷи ба наздикӣ мешудагии* босмачиён хабар ёфтаанд, ба қишлоқҳои атроф кас фиристода ин аҳволро фаҳмидаанд [3, с. 299].

6. *Муносибати тарз*. Ибораҳои сифати феълии ифодакунандаи маънои тарз, ки ба воситаи пешоянди аслии <u>ба</u> сохта шудаанд, дар осори устод Айнӣ чандон зиёд истифода нашудаанд. Дар ин ибораҳо исмҳои маънӣ ва амал, зарфи тарзи амал ва ҳиссаҳои субстантиватсияшудаи нутқ ҳамчун ҷузъи тобеъ меоянд. Ин навъи ибораҳои сифати феълӣ таркиби ду ва секалимаги дошта, тарзи ба вуҷуд омадани амалро ифода мекунанд.

Он *хунҳои ба ноҳақ рехта* ҳадар нахоҳад рафт [4, с. 291].

Ҳар кафил вақте дар кор мешавад, ки қарздор *чизи ба гарав диҳанда* надошта бошад, ё чизе ба гарав надиҳад [4, с. 107].

Ҳар вақт ба *маблаги ба қарз додаи* ин кас (Қори-Ишкамба) фоида ба болои фоида зам шуда қарздор адо карда натавонад, албатта, заминро фурӯшонда пули худро мерӯёнанд [4, с. 116-117].

Бо он кор амир на танҳо андозҳои деҳқононро сабук накард, балки зиёдтар кард, то ки *пули ба тороҷ рафтаро* даҳчанд карда аз деҳқонон руёнад; ба он кирдори ӯ бойҳои ғоратдида на танҳо аз ҳаннотӣ ва судхӯрӣ боз намеистоданд, балки ин кирдорҳои бади худро боз ҳам зиёдтар ривоҷ доданд, то ки ҷои молҳои дар пинҳони ба дуздӣ рафтаи худро бо тарзи рӯйрост чанд-чанд карда пур кунанд [1, с. 363-364.

б). Ибораи сифати феълӣ бо пешоянди аслии бо

Пешоянди бо дар забони тоҷикӣ сермаъно буда, дар сабки нигориши устод Айнӣ, ба хусус, сохтани ибораҳои сифати феълӣ, ҷойгоҳи хос дорад.

Ҳарчанд доир ба маъно ва мақоми услубии ин пешоянд дар ибораҳои сифати феълӣ дар забоншиносии тоҷик тадқиқоти ҷомеа анҷом нагирифтааст, вале доир ба муносибатҳои маъноии он дар баъзе асарҳои забоншиносӣ ишораҳое ба назар мерасад.

Маънои асосии пешоянди **бо** дар ибораи сифати феълӣ, пеш аз ҳама нишон додани муносибати ҳамроҳӣ ва воситаи иҷрои амал мебошад. Ин ибораҳо дар алоқамандӣ бо маънои ҷузъҳо тобишҳои тарз, ҳолату вазъият, сабаб, обйект ва ғайраҳоро ифода мекунад.

1. Муносибати обйект. Дар ибораҳои сифати феълие, ки бо пешоянди **бо** сохта шудаанд ва муносибати обйектро ифода мекунанд, исмҳои хос, ғайришахс, ҷонишинҳо ва ғайра ҳамчун ҷузъи тобеъ истифода мешаванд: *бо хишти пухта сохташуда, бо чанги роҳ олудашударо, бо арра буридашуда, бо рӯймолча печонда мондагӣ ва ғайра*.

Ин тарзи ифодаи ибораҳои сифати феълӣ дар осори устод Айнӣ ҷойгоҳи хос дошта, баъзе паҳлӯҳои сабки нигориши ӯро муайян мекунад, ки дар боби охир хангоми баррасии вижагихои нигориши нависанда оид ба ин масъала боз мегардем. Мисолҳое, ки аз осори устод иқтибос кардем, ифодакунандаи тобишҳои гуногуни маъноии пешоянди **бо** дар ибораҳои сифати феълии офаридаи нависандаи бузург аст:

Дар ин вақт аз тарафи Қашқармаҳаллаи Тошканд як тобути фақиронае намудор шуд, ки атрофашро бо чор газ *карбоси бо рӯяш ранг карда* печонида буданд [3, с. 324].

Мадрасаҳо дар берун ва даруни саҳни васеи сангин, *деворҳои бо хишти пухта сохташудаи* мустаҳкам, токҳо, равоқҳо ва гулдастаҳои пурҳашамат дошта, бештарин пештоқҳо, гунбазҳо ва деворҳошон кошинкорӣ буданд [3, с. 199].

Дар вақти хурдсолии худ Қорӣ зоҳид, ки ба навишта мондани корҳои бадахлоқии худ ҳавас доштааст, *ҳодисаҳои бо писари Козикалон аз сар гузаронидаашро* бо тафсил ва таъбирҳои шармовар навишта монда будааст [4, с. 354].

Ман кампалро аз китфам партофта, дуртар аз сарҳавз - ба тарафи боғ рафта, қадаре гашт карда, *дасту рӯи бо чанги роҳ олудаамро* дар ҷӯйчаи даруни боғ шуста омадам [2, с. 221].

Ҳамсухбати ман аз *чойники бо рӯймолча печонда мондагиаш* як пиёла чой кашида нӯшид [2, с. 249].

Баъд аз он дар *ҷои бо арра буридашудаи* чӯб, ба қадре, ки ҷои дами аррароро пур кунад, пахта гузошта, ҳар ду қисми чӯбро ба ҳам пайванд дода, бо ресмонҳо ва симҳо маҳкам бастам [3, с. 296].

Сонитарҳо маълум шуд, ки Аҳмади Дониш дар замони ҳаёти худ Аҳмади Дониш дар замони ҳаёти худ як *нусхаи ба дасти худ навишташудаи* инкитобро ба Сиддихони Ҳашмат тақдим карда будааст [1, с. 448].

2. Муносибати тарз. Ибораҳои сифати феълие, ки бо пешоянди бо сохта мешаванд, аз руи маъно ба ибораҳои ифодакунандаи муносибати восита қаробат доранд ва сохту маънои онҳо низ ба ҳам наздиканд. Вале ҷузъи тобеи ибораи сифати феълии маънои восита исмҳои малмус (конкрет)-и ғайришахс буда, ҷузъи тобеи ин ибораҳо исмҳои маънӣ, исмҳои амал ва дигарҳоянд. Ин ибораҳои сифати феълӣ аз ду ва гоҳо се калима сохта шуда, аз ҷиҳати маъно тарзи иҷро шудани амалро бо тобиши маънои восита ифода менамоянд. Мисолҳо аз осори гуногуни устод Айнӣ:

Арбоб *Одинаи бо шатта шалпаршударо* ба ҳоли худ гузошта, монанди касе, ки ногаҳ чизе ба хотираш расида бошад, давида ба сари кӯча баромада ба пеши масҷид рафт ... [3, с. 195].

..*Лабҳои бо ханда кушода шударафтаашро* бо ҳам кашида натавониста чанд сония нигоҳ карда истод [4, с. 289].

Танҳо *чашмони навакак бо андӯҳи бепоён гиристаистодаи* худро бо остин пок карда, ба он одам табассумкунон менигаристам ва ҳис мекардам, ки на танҳо лабонам, ҳатто чашмонам ҳам бо ҳиссиёти миннатдорӣ табассумкунон медурахшиданд [3, с. 115].

Ман *чизҳои бо ин машаққат тайёркардаамро* дидан хостам [3, с. 259].

3. Муносибати сабаб. Ибораҳои сифати феълии бо пешоянди бо, ки муносибати сабабро ифода мекунанд, чандон серистеъмол нестанд. Ин ибораҳо аз ду ва ё се калима сохта мешаванд ва аз ҷиҳати маъно сабаби ба вуқуъ омадани амалро нишон медиҳад. Ҷузъи тобеи ин гуна ибораҳои сифати феълӣ исмҳои амалу протсес мебошанд: бо оби

Чойи гарм дар аввали нӯшиданам монанди оби сард якбора ташнагии моро нашикаста бошад ҳам, баъд аз чанд дақиқа осудагие, ки ин ба ман дод, аз *осудагии бо оби сарднӯшӣ пайдошуда* зиёдтар ва бардавомтар буд [4, с. 215-216].

в). Ибораҳои сифати феълӣ бо пешоянди бе

Пешоянди **бе** дар забони адабии ҳозираи тоҷик серистифода мебошад. Вале дар зоҳир кардани муносибатҳои синтаксисӣ чандон ғаноманд нест. Ин пешоянд аз ҷиҳати маъно антоними пешоянди **бо** аст: бе бунак коркунанда - бо бунак коркунанда.

Ибораҳои сифати феълие, ки бо пешоянди **бе** шакл мегиранд, муносибатҳои а) набудани чизе ва б) тарзи амалро ифода мекунанд. Дар муносибати тарзӣ низ «набудани чизе» дар назар дошта мешавад.

Дар тадқиқотҳое, ки алоқаманд ба ин мавзуъ анҷом гирифтаанд, фақат як маънои «набудани чизе»-ро нишон додани пешоянди **бе** зикр шудааст [11, с. 17].

Азбаски пешоянди **бе** дар зимни ифода кардани муносибати тарзи амал маънои «набудани чизе»-ро низ ифода мекунад, мо онҳоро ба гурӯҳҳо тақсимбандӣ накарда дар якҷоягӣ тавсиф мекунем:

Шулка ҳатто ба қозикалони он замон, ки *бандаи бе дирам харидаи* амир ва Николай буд, хат навишта, чанд хешовандони уро шубханок нишон дод [1, с. 67].

Дар пешину бегоҳи камтар-камтар оби *шӯрбои гӯштини бе равған пухташуда*ро, ки дар вай як каф биринҷ ҳамроҳ карда буданд, ба ман хӯронд [4, с. 88].

Бинобар ин *пешоварони бе бунак коркунанда* аз як ҳафта зиёд кор намекарданд [4, с. 200].

Хулоса, аз таҳқиқи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ ба чунин натиҷа расидем, ки дар сабки нигориши устод ибораҳои сифати феълӣ бо пешояндҳои аслӣ мавкеи хос доранд. Дар истифодаи устод Айнӣ ин навъи пешояндҳо аз рӯйи дараҷаи истеъмол, маънои луғавию сохти морфологӣ ва вазифаи синтаксисиашон аз ҳам фарқ мекунанд. Устод Айнӣ дар корбасти пешояндҳои аслӣ барои сохтори ибораҳои сифати феълӣ пойбанди суннатҳои дар вазифаи худ истифода кардани ин навъи пешояндҳо буда, онҳоро барои ифодаи муносибатҳои синтаксисии гуногун истифода кардааст

Пешояндҳои аслии ба, бо, бе дар сабки нигориши устод Айнӣ муносибатҳои гуногуни синтаксисӣ, аз ҷумла, муносибати обйект, муносибати масоҳа, муносибати замонӣ, муносибати тарз ва миқдору дараҷа, муносибати сабабро ифода карда, доираи истифодаи онҳо гуногун аст. Агар доираи истифодаи пешояндҳои **ба, бо** нисбатан васеъ бошад, истеъмоли пешоянди **бе** маҳдуд аст.

Адабиёт

1. *Айнӣ, С. Куллиёт, ҷ.1. / С. Айнӣ. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958. – 346 с.*
2. *Айнӣ, С. Куллиёт, ҷ.3. / С. Айнӣ. - Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1960. – 620 с.*
3. *Айнӣ, С. Куллиёт, ҷ.5. / С. Айнӣ. - Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. – 276 с.*
4. *Айнӣ, С. Куллиёт, ҷ.7. / С. Айнӣ. - Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1962. – 650 с.*
5. *Акрамов, М. Ибораҳои сифатии забони адабии ҳозираи тоҷик / М. Акрамов. – Душанбе: Дониш, 1977. – 23 с.*
6. *Абдураҳмонов, У. Напрягаемые глагольные формы в современном таджикском и персидском языках / У. Абдураҳмонов. – Душанбе: Дониш, 1988. - 168 с.*
7. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди дуввум. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои сода. - Душанбе: Дониш, 1986. - 280 с.*
8. *Мирзоев, А. Ибораҳои феълии замони бо пешоянди «аз» / А. Мирзоев // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. - Душанбе: Дониш, 1967. - С 12-23.*
9. *Мирзоев, А. Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ / А. Мирзоев. - Душанбе: Деваштич, 2002. - 306 с.*

10. *Неменова, Р.Л. Предлоги в таджикском языке / Р. Л. Неменова. – Душанбе: Изд. АН Тадж. ССР, 1954. – 64 с.*
11. *Расторгуева, В.С. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Фонетика ва морфология. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / В. С. Расторгуева. - Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1956. – 134 с.*
12. *Таджиев, Д. Причастия в современном таджикском литературом языке / Д. Таджиев. - Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1954. – 56 с.*

ТАШАККУЛИ ИБОРАҲОИ СИФАТИ ФЕЪЛӢ БО ПЕШОЯНДҲОИ АСЛИИ “БА”, “БО” ВА “БЕ” ДАР “ЁДДОШТҲО”-И САДРИДДИН АЙНӢ

Бо омӯзиши "Ёддоштҳо"-и устод Айнӣ мо ба хулосае омадем, ки дар услуби нигориши ӯ ибораҳои феълии сифатии дорои пешояндҳо бо маънои хос мавҷуданд. Устод Айнӣ пешояндҳоеро истифода мебарад, ки аз рӯи дараҷаи истифодабарӣ, маънои луғавӣ, сохтори морфологӣ ва вазифаи синтаксисии худ фарқ мекунанд. Айнӣ барои сохтани ҷумлаҳои иборагӣ бо сифатҳои феълӣ аз пешояндҳои аслӣ истифода бурда, ба таври анъанавӣ ин пешояндҳоро барои ифодаи муносибатҳои гуногуни синтаксисӣ ба кор мебарад. Пешояндҳои аслӣ ба, бо, бе-ро нависанда Айнӣ бо ҳамон услуб истифода мебарад, яъне онҳо муносибатҳои гуногуни синтаксисиро ифода мекунанд, аз ҷумла муносибат ба объект, муносибат ба мавқеъ, муносибат ба вақт, муносибат ба тарз, миқдор ва дараҷа, муносибат ба сабаб. Доираи истифодаи онҳо гуногун аст. Агар пешояндҳои ба ва бо нисбатан маъмул бошанд, пас пешояндҳои ҳосила аз пешоянди бе маҳдуд нестанд.

Калидвожаҳо: ибора, ибораи феълӣ, сифати феълӣ, пешоянд, С. Айнӣ, “Ёддоштҳо”, забони тоҷикӣ, муносибати синтаксисӣ.

ОБРАЗОВАНИЕ ПРИЧАСТНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ ПРИ ПОМОЩИ ПРЕДЛОГОВ “БА”, “БО” И “БЕ” В ПРОИЗВЕДЕНИИ С.АЙНИ «ВОСПОМИНАНИЯ»

Изучая “Воспоминания” писателя С. Айни, мы пришли к выводу, что в его стиле есть словосочетания с причастиями, которые имеют предлоги с собственным значением. Писатель Айни использует предлоги, которые различаются степенью их потребления, лексическим значением, морфологической структурой и синтаксической функцией. Айни использует оригинальные предлоги для построения фразовых предложений с причастиями, традиционно используя эти предлоги для выражения различных синтаксических отношений. Оригинальные предлоги **ба, бо, бе** писатель Айни употребляет в том же стиле, то есть они выражают различные синтаксические отношения, в том числе отношение к объекту, отношение к положению, отношение ко времени, отношение к образу, количеству и степени, отношение к причине. Диапазон их использования различен. Если же предлоги **ба, бо** относительно распространены, то производные от предлога **бе** не ограничены.

Ключевые слова: словосочетание, глагольное словосочетание, причастие, предлог, С. Айни, “Воспоминания”, таджикский язык, синтаксическое отношение.

THE FORMATION OF VTRBAL ADJECTIVE PHRASES WITH THE ORIGINAL PREPOSITIONS “BA“, “BO”, AND “BE” IN S.AINIS “MEMOIRS”

While studying S. Aini's "Memoirs," we concluded that his writing style features participial phrases where the prepositions possess their own semantic meaning. Writer Aini uses prepositions which differ in their degree of consumption, lexical meaning, morphological structure and syntactic function. Aini uses original prepositions to construct phrasal sentences with participles, traditionally using these prepositions to express various syntactic relations. The original prepositions **ba, bo, be** are used by the writer Aini in the same style, i.e. they express various syntactic relations, including relation to object, relation to position, relation to time, relation to image, quantity and degree, relation to cause. The range of their usage is different. If the prepositions **ba, bo** are relatively common, derivatives of the preposition **be** are not restricted.

Keywords: phrase, verbal phrase, verbal adjective, preposition, S. Ayni, “Memoirs”, Tajik language, syntactic relation.

Дар бораи муаллифон

Қосимзода Момагул Қурбоналӣ
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳо
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Академикҳо Раҷабовҳо, 10
E-mail: momagultemurova@gmail.com

Шарифова Ҳурлиқо Қурбонхоновна
Ассистенти кафедраи забонҳо
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Академикҳо Раҷабовҳо, 10

Об авторах

Косимзода Момагул Курбонали
Кандидат филологических наук, доцент, зав.кафедрой языков
Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими
734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Академиков Раджабовых, 10
E-mail: momagultemurova@gmail.com

Шарифова Хурлико Курбонхоновна
Ассистент кафедры языков
Таджикский технический университет имени академика М.С. Осими
734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Академиков Раджабовых, 10

About the authors

Qosimzoda Momagul Qurbonali
Candidate of Philological sciences, associate Professor, Head of the Department of Languages
Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi
734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academicians Rajabovs Street, 10
E-mail: momagultemurova@gmail.com

Sharifova Hurliko Qurbonkhonovna
Assistant of the Department of Languages
Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi
734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Academicians Rajabovs Street, 10

ТДУ 490.550.0

ТАЪРИХИ ЯК ВОЖА ВА Ё «ЯҒНОБ» ЧӢ МАЪНО ДОРАД (ТАҲЛИЛИ РЕШАШИНОСӢ)

Тураев Б. Б.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Яғноб водиест ба ҳамин ном дар шимоли марзи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз шимол силсилакӯҳҳои Зарафшон ва аз ҷануб қаторкӯҳҳои Ҳисор онро иҳота кардааст. Ин сарзамин дар иртифои 2500 то 3000 метр аз сатҳи дарё қарор дорад ва аз лиҳози табиӣ дорои дарёчаҳо, обшорҳо, чашмасорҳо ва манзараҳои табиии бисёр зебое аст. Водии Яғноб акнун дорои 18 деҳаи обод аст ва дар ҳудуди 400 нафар аҳолӣ дорад.

Водии Яғноб то миёнаҳои садаи XIX мелодӣ тобеи аморати Бухоро буд. Дар соли 1870 пас аз лашкаркашии русҳо ин сарзамин ба ҷузъе аз қаламрави империтории Рус табдил шуд; пас аз инқилоби Октябр дар соли 1917 қисмате аз марзи Иттиҳоди Шуравӣ буд. Ин водӣ дар аввалҳои даврони Иттиҳоди Шуравӣ, тобеи ноҳияи Панҷакент ва сипас ноҳияи Заҳматобод шуд, аммо акнун мансуб ба ноҳияи Айнӣ дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

Қабл аз соли 1970 дар деҳаҳои Водии Яғноб ҳудудан 6000 нафар аҳолӣ умр ба сар мебурданд. Дар соли 1970 давлати вақт яғнобиёнро барои пахтакорӣ ба заминҳои тозакишти дашти Мирзочӯл (ноҳияи Зафарободи кунунӣ) кӯчонданд. Аз ин замон ба баъд бисёре аз оилаҳои яғнобӣ дар он ҷо сокин шуданд, гурӯҳе роҳии пойтахт ва навоҳии атрофи он шуданд ва гурӯҳе дигар дар деҳаҳои навоҳии Варзоб, Рӯдакӣ, Ваҳдати тобеи ҷумҳурӣ ва ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон муқимӣ гаштанд. Ҳамчунин гурӯҳе дигар аз яғнобиён, хеле қадимтар, дар асрҳои XVI-XVII ё пештар аз он ба навоҳии ободтар, аз ҷумла ноҳияи Ғончӣ (имрӯза ноҳияи Деваштич) кӯчидаанд. Имрӯза сокинони рустоҳои Кафровут, Метк, Хоҷаи Соф , Навободи Султон, Қалъачаи Арбоб, Далёни Боло ва Падровут(Пушти Отхона) ва ғайра , ки дар ин ноҳия мебошанд, худро яғнобӣ медонанд, аммо забони модарии худро тақрибан аз ёд бурдаанд. Хушбахтона имрӯзҳо робитаҳои хешутабории авлодии аҳли деҳаҳои яғнобиасли Кафровут ва Навободи Султон бо аҳли деҳаҳои водии Яғноб ва дигар яғнобиёни суғдизабони ҷумҳурӣ хеле мустаҳкам аст.

Зиндагии мардумони Яғноб аз роҳи кишти ғалладонагӣ, сабзавот, чорводорию гӯшту шир таъмин мешавад. Дар зимистон низ ба далели яхбандии шадид ҳатто то чандин моҳ иртиботи деҳаҳои ин сарзамин бо дигар манотиқи Тоҷикистон ғайримумкин мегардад. Ҳамин авомил боис гардида, ки муҳоҷират аз он сарзамин сол ба сол афзоиш ёбад ва ба вижа забони яғнобӣ, ки танҳо бозмондаи як лаҳҷаи забони суғдӣ аст, рӯ ба завол ниҳад.

Имрӯза сокинони деҳаҳои Хишортоб, Ворсовут, Навобод, Деҳкалон, Кансе, Кирёнте ва Тагоби Витихон ба забони тоҷикӣ ва аҳолии ёздаҳ деҳаҳои дигар ба забони суғдии яғнобӣ сухан мегӯянд.

Дар мутуни куҳан Яғноб «Буттамон» номида мешуд. Ин сарзамин дар маконе қарор дорад, ки суғдиёни бостон мезистанд. Забони яғнобӣ аз маъдуди забонҳои зиндаи дунёст, ки алорағми гӯйишварони андаки он унвони «забон» бад - он итлоқ мешавад, на гӯиш. Зеро сохтори ин забон аз назари забоншиносии таърихӣ бо ҳеҷ як аз забонҳои зиндаи эронӣ иртиботи тулӣ надорад. Имрӯза мусаллам шуда, ки забони яғнобӣ танҳо бозмондаи як лаҳҷаи уструшании забони суғдӣ аст, ки ҳамин амр худ нишондиҳандаи аҳамияти фавқулодаи зиёди ин забон мебошад.

Таҳлили этимологии (решашиносӣ) вожаҳо ва минҷумла номвожаҳои ҷуғрофӣ, яке аз босамартарин ва боэътимодтарин усул ва ё методи таҳлили лингвистии воҳидҳои луғавии забон маҳсуб мешавад. Оид ба маънои дақиқи номвожаи ҷуғрофии «Яғноб» муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ андешаҳои мухталифе баён намудаанд, ки аз ҳақиқати воқеии ҳол хеле дуранд. Бинобар ҳамин мо зарур донистем, ки оид ба этимологияи маънидоди дақиқи ба ҳақиқат наздики номвожаи ҷуғрофии «Яғноб» чанд ҳарфи илмии хешро дарҷ намоем.

Дар бораи этимологияи вожаи «Яғноб» ихтилофи назар вуҷуд дорад. Бинобар ақидаи худи мардуми Яғноб, ин калима аз «яғд» ба маънии «васеъ» ва «нов» ба маънии «дара» аст. Аммо М. С. Андреев, шарқшиноси машҳури рус, Яғнобро баргирифта аз ду вожаи «яхни» ва «об» ва ба маънии «оби ях, об яхӣ» медонад. А.Л. Хромов ва дигар забоншиноси шаҳири рус бо истинод ба номи «Яғноб» дар навиштаҳои аврупоӣ ба сурати *ignāu,* ки барои нахустин бор дар китоби «Саёҳат аз Оренбург то Бухоро» (1820) - навиштаи Г. Мейендорф дида шуда,

онро маъхуз аз ду вожа «ях» ва «нов» медонад. «Ях» дар яғнобӣ ба маънии «ях» ва «нов» ба маънии «сарзамин, водӣ» аст, ки дар мақмуъ ба маънии «водии яхӣ» аст.

Дар ҳавзаи эроншиносӣ барои нахустин бор дар бораи водии Яғноб ва аҳолии он Г. Мейендорф, ки дар соли 1820 дар ҳайати сафорати Русия ба Бухоро омада буд, иттилоъ додааст. А.Л. Кун шарқшиноси дигари рус, зимни мусофирати худ дар Осиёи Миёна, ки аз моҳи ноябри соли 1867 то соли 1882 тул кашида буд, ба зиндагии мардуми ин водӣ ва забону фарҳанги онҳо таваҷҷуҳ нишон додааст. Вай изҳор дошта буд, ки яғнобиён аз насли суғдиён ҳастанд ва забони яғнобӣ идомаи таърихии забони суғдӣ мебошад. Вай соли 1881 дар рӯзномаи русии «Туркестанские ведомости» («Хабарномаи Туркистон») мақолаеро бо унвони «Дар бораи мардуми Яғноб» чоп кард ва яғнобиёнро барои ҷомеаи илмии ҷаҳон муаррифӣ намуд.

А.Гребенкин, эроншиноси рус, пас аз боздид аз Яғноб ва соири манотиқи кӯҳистони Мовароуннаҳр соли 1872 мақолаеро бо номи «Хотироте дар бораи кӯҳистон» дар мақаллаи «Туркестанские ведомости» чоп кард, ки дар ин мақола ишороте дар бораи деҳаҳои Яғноб, забон ва расму оини сокинони ин сарзамин вуҷуд дорад.

Ҳамчунин, дар мақолоти эроншиносони русӣ, мисли Ш. Акимбетов, Г.К. Залеман, Ф. Коротков, А. Липский ва дигарон, ки дар ҳамин даврон мунташир шудаанд, иттилооти ҷолибе дар бораи расму оин ва забони мардуми яғнобӣ омадааст.

Дар пажӯҳиш ва таҳқиқи зиндагӣ, забон, расму оин ва фарҳанги мардуми яғнобӣ ҳамчунин К. Уйфалви, М. С. Андреев, А.М. Пешерева, С.И. Климчитский ва А.А. Фрейман, А.М. Мухторов, А.Л. Хромов ,В.А. Лившитс, М.Н. Боголюбов, Р.Ҷумъаев, Б. П. Ализода, С. Мирзозода, Б.Б. Тӯраев, Г. Неъматов, Т.Ёров ва дигарон хидматҳои шоистае кардаанд.

Ҳоло дар Тоҷикистон аз миёни яғнобиён муҳаққиқоне мисли Гулмурод Неъматов, Сайфиддин Мирзозода, Баҳриддин Ализода, Бурҳониддин Тӯраев (Бузургмеҳр), Бӯри Ҳайдарзода, Рустам Ҷумъаев, Тағоймурод Ёров ба камол расида, ба таҳқиқи масоили гуногуни забон, таърих, фолклор ва фарҳанги мардуми яғнобӣ машғуланд. Акнун дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ду муҳаққиқи шинохтаи илми забоншиносии тоҷик С. Мрзозода ва Б.Б. Тӯраев (Б.Б. Туразода) ба таҳқиқи забону фарҳанг, вижагиҳои ономастикаи водии Яғнобу водии Зарафшон ва адаби мардуми суғдиасли водии Яғноб машғул буда, асарҳои зиёди илмӣ ҳам дар ин самт ба табъ расонидаанд.

Баррасии номҳои хос ва бавижа номҳои ҷуғрофиёӣ ва таъини ҳуввият ва ваҷҳи решашиносии онҳо, яке аз душвортарин ва печидатарин риштаҳои забоншиносии таърихӣ аст. Яке аз умдатарини ин душвориҳо касрати ин навъ номвожаҳо дар қиёс бо набудани асноди бақомондаи таърихӣ аст. Илова бар ин, шабоҳати зоҳирии як исми хос бо вожае дар ҳамон забон, ки мумкин аст ҳеҷ иртиботе миёни онҳо набошад, ё шабоҳати суварӣ бо вожае аз забони ғайриҳамхонавода ва ҳатто тағйиру таҳаввулоти фарозабонӣ ва таҳмилӣ аз қавми дигар ва бисёре аз авомили дигар боис мешавад, то муҳаққиқони ин соҳа, илова бар доштани дониши забоншиносии таърихӣ ва забонҳои бостонӣ, дар улуми дигар, аз ҷумла донистани забонҳои гузашта ва имрӯзаи акъвоми муҷовир, дар таърих, ҷомеашиносӣ, асотир, фолклор, ҷуғрофия, таърихи мазоҳиб ва бисёре улуми дигар ба қадри кофӣ маълумот дошта бошанд.

Аз қарни нуздаҳи мелодӣ, ки забоншиносон алоқае вижа ба забонҳои эронӣ нишон доданд, асомии хос яке аз мавзуъҳои таҳқиқоти академикии мусташриқон қарор гирифтааст. То кунун машҳуртарини ин осори таҳқиқӣ яке «Номнома»-и Фердинанд Юстии олмонӣ дар садаи нуздаҳ аст ва дигар асари сутурги забоншиноси бузурги утришӣ Манфред Майрҳофер дар садаи бисти мелодӣ аст, ки имрӯза марҷаи муътабари ҷаҳонӣ дар заминаи номвожаҳои хоси эронӣ аст. Як қисматти муҳиими асомии хосро номҳои одамон ташкил медиҳад, ки онҳо низ «аз таърихи қавму миллат, зиндагии рӯзмарра, расму оин, маданият, фарҳанги моддию маънавии мардум дар давраҳои гуногуни таърихӣ маълумот дода, муаррификунандаи вижагиҳои овоию хаттии гузаштагон дар доираи гурӯҳҳои забонӣ маҳсуб меёбанд» [12, с. 53].

Дар бораи вожаи «Яғноб» (Yaghnow//Yaghnob), маъно ва решашиносии он дар илми эроншиносии муосир назароти мухталифе баён шудааст. Аз сабаби он ки андешаҳои муҳаққиқон доир ба ин масъала ҳанӯз ҳам наметавонанд сарнавишти таърихии ин вожаро дақиқ муайян намоянд, аз ин рӯ лозим донистем, ба сайри таърихии он бори дигар руҷӯъ намоем.

Маълумоти аввалинро роҷеъ ба яғнобиҳо дар адабиёти аврупоӣ, дар таълифот ва ёддоштҳои Георг Мейендорф бо номи Ignou (?) дарёб менамоем. Г. Мейендорф соли 1820 дар ҳайати сафорати русӣ ба Бухоро омада буд ва ҳангоми гирдоварии мавод ба шунидаҳои худ аз сокинони

Бухоро иттико дошт. Бинобар иттилои Г. Мейендорф, Мастчо ва Яғноб рустоҳо мебошанд, ки аз шимоли Қӯқанд (шояд Қаротегин саҳван ин тавр номида шуда бошад, зеро Яғноб дар шимоли ғарбии Қаротегин ҷойгир аст - Б. Т.) мавқеъ доранд [5, с. 101].

Кашфи бевоситаи Яғноб ва сокинони он дар илми шарқшиносӣ аз мусофирати илмии ҳайати экспедитсияи Искандаркӯл (соли 1870) шуруъ мегардад. Сарвари ҳайати илмии экспедитсия (роҳбалади он донишманди тоҷик Абдураҳмон Мустаҷири Самарқандӣ буд) дастпарвари Донишгоҳи Санкт-Петербург, номзади илми таъриху филология, муҳаққиқи варзидаи забонҳои арабӣ, форсӣ ва туркӣ шарқшиноси рус А. Л. Кун, мулаққаб бо Искандартӯра, яғнобиҳоро бо номи Ягноус (?) Yagnous ёд мекунад [4, с. 133-263]. Муаллифи «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл» Абдураҳмон Мустаҷири Самарқандӣ номи Яғнобро дар ин асари худ ба шакли имрӯзаи он «Яғноб» ба қалам додааст (10, 176). Аз он замоне, ки ин ду нафар муҳаққиқ ва нахустин кашшофони Яғноб оид ба Яғноб ва яғнобиён асару мақолаҳо навиштанд, диққати олимон ва муҳаққиқон ба Яғноб ва мардуми он ба якборагӣ боло гирифт. Ба ҳамин минвол, дар илм маскуниёни суғдизабони Яғноб бо вожаи Yagnobi (Yaγnobi) эътироф гардиданд ва вожаи «яғнобӣ» ҳамчун этноним қабул гардид [4, с. 111- 113, 119].

Муҳаққиқон роҷеъ ба маънии калимаи «Яғноб» (Yagnov// Yagnob) назари воҳид надоранд, аммо як нукта қобили зикр аст, ки дар тамоми навиштаҳо ин вожа ба шакли «Ignou//Ygnou» зикр гардидааст, ки саҳеҳ нест ва боиси мушкилоте дар тафсири маъно ва шинохти решаи таърихии он гардидааст. Дар ҳоле ки дар забони яғнобӣ вожаи серистеъмоли «Яғд» (Yaγd) ва «Яғда» (yaγda) ‘**васеъ**, **кушод**, **доманфарох**, **паҳн** ва **густурда**» мавҷуд буд (ва ҳоло ҳам мавҷуд аст), ки гирехи мушкилоти кори муҳаққиқонро метавонад боз кунад [3, с. 79- 85].

Дар китоби М. С. Андреев ва Е. М. Пешерева «Ягнобские тексты», (ки матнҳои онро солҳои 20-уми асри XX аз забони мардуми калонсол ва босаводи Яғноб навиштаанд) низ вожаи «Яғд» дар чанд ҷое ба кор рафтааст, аз ҷумла: «Мох Yaγnob yaγda **j**oga(h) xast(i)» («Яғноби мо ҷойгоҳи васеъ аст») [5, с. 392].

Дар адабиёти илмӣ вожаи «Яғноб» ба шакли Yagnov, Yagnob, Yagnop қабул гаштааст. Баромади худи вожаро М. С. Андреев ва Е. М. Пешерева аз «yaxni»-и афғонии миёна y-Yagn,k//yaγn,k - яхнии суғдии миёна меҳисобанд» [1, с. 3-365]. Муҳаққиқ Е. Бенвенист хондани вожаро ба чунин намуд -Yynk пешниҳод кардааст [6, с. 222; 13, с. 208].

Мардумшинос ва шарқшиноси шинохтаи рус М. С. Андреев калимаи «Яғноб»-ро сурате аз вожаҳои «яхнӣ» ва «об» ба маънои «Оби яхин ё сардоб, оби сард» медонад [2, с. 3-17, с. 20-119].

Чунин маънидоди вожаи «Яғноб» аз ҷониби муҳаққиқони яғнобшинос қариб, ки яксон аст ва чунон ба назар мерасад, ки гӯё онҳо шарҳу тавзеҳи маънои вожаи мазкурро аз якдигар рӯйбардор карда бошанд.

А. Л. Хромов ёдовар мешавад, ки дар навиштаҳои урупоӣ калимаи «Яғноб» ба шакли «Игнов» (Ignou) аввалин бор дар китоби «Сайёҳат аз Оренбург то Бухоро», навиштаи Георг Мейендорф, ба чашм мехӯрад [10, с. 101]. Ба гуфтаи А. Л. Хромов, вожаи «Яғноб» аз ду калимаи яғнобии «их»ва «нов» таркиб шудааст. Калимаи «их» дар яғнобӣ ба маънии «ях» ва «нов» ба маънии «водӣ» ва «сарзамин» аст ва рӯиҳам «водии яхин» маънӣ медиҳад [11, с. 3-20]. Дар канори назариёти ёдшуда лозим ба ёдоварӣ аст, ки ба ақидаи бархе аз худи соҳибони забон «Яғноб» аз вожаи «Яғд» ба маънии «васеъ, кушод» ва «нов» ба маънии «дара» ташкил шудааст, яъне «дараи васеъ ва кушод», ки ба назари мо, тафсири саҳеҳтари ин калима аст.

С. Мирзозода дар тақвияти назариёти устодони урупоӣ ва рус вожаи «Яғноб»-ро аз ду қисм ё ҷузъ, яке «их» («ях») ва дигаре «нов» («дара»), яъне «дараи яхин» («Ихинов») шарҳ дода ва ин фикри худро дар як мақолае бо номи «Яғноб чӣ маънӣ дорад?» [6, с. 14] ба чоп расонд.

Дере нагузашта дар раддияи мақолаи С. Мирзозода, шумораи дигари маҷаллаи «Илм ва ҳаёт» хитобаи як омӯзгори яғнобӣ Бӯрибой Ҳайдарзода бо номи «Яғноб» дараи яхин нест!» чоп шуд, ки гуфта мешавад: «... Муаллиф (яъне С. Мирзозода) дар мақолаи кӯчаки хеш оид ба вожаи «Яғноб» ибрози ақида намуда қайд мекунад, ки мафҳуми «Яғноб» асосан аз калимаҳои яғнобии «ихи нов» (ибора), яъне «водии яхин» (аз вожаҳои яғнобии «их- ех»- ях, «нов»- водӣ, дара) баромадааст. Мо ба ин гуфтаҳои муаллиф ва ҳукми он кас розӣ шуда наметавонем. Ба ақидаи мо, мафҳуми «Яғноб» аз калимаҳои яғнобии «яғд// яғда» - васеъ, паҳн, фарох ва «нов»- водӣ, дара баромадааст. Азбаски ҳамсадои «д» талаффузнашаванда (душворталаффуз) аст, бо мурури замон «Яғнов» шуда ва баъдтар ба «Яғноб» табдил ёфтааст [12, с. 15].

Мирзозода С. қайд мекунад, ки: «Водии Яғноб дар ҳақиқат ҳам саропо «Дараи яхин» аст» [6, с.14]. Аммо Б. Ҳайдарзода эрод гирифтааст, ки шахсе, ки ин водиро надида ва ба ин водӣ нарафтааст, аз шарҳи Мирзозода С. чунин хулоса мебарорад, ки Яғноб мисли Қутби Яхбастаи Шимолӣ водии ҳамеша яхину яхпӯш аст. Доимо дар ин минтақа шамоли сахту сард мевазад. Ҳол

он ки ин тавр нест. Ҳатто нисбати дигар водиҳо – Помири Шарқӣ, Дарвозу Зиддӣ водии Яғноб камбарфу иқлимаш муътадил ва гарм аст. «Дараи яхин» ба иқлими табииву ҷуғрофии Яғноб мувофиқ намеояд» [12, с. 15].

Ҳангоми тафсири вожаи «Яғноб» нукоти зайлро мебоист ба назар гирифт: аввалан, он топоними топографӣ аст, ки номи як мавзеъ ва минтақаи ҷуғрофиро ифода мекунад ва ҳамчун этнонимибошандагони бумии ин сарзамин (Яғноб) маъмул аст. Сониян, номвожаи «Яғноб» аслан калимаи суғдӣ-яғнобӣ буда, аз нигоҳи сохт вожаи мураккаб аст ва аз ду ҷузъ (Яғ+ноб) таркиб ёфтааст. Мафҳуми «Яғноб» ифодакунандаи номи тамоми ҷуғрофиёи минтақаи баландкӯҳи Яғноб мебошад.

Вожаи «яғднов //яғда нов» дар гузашта вожаи хеле серистеъмол буда, дар захираи луғавии мардуми суғдизабони Яғноб то ба ҳол вуҷуд дорад ва воқеан аз вожаи қадимаи яғнобӣ маҳсуб меёбад, ки баъди муҳоҷиркунии иҷбории яғнобиён дар солҳои 70-уми садаи XX-ум ин калима камистеъмол шудааст. Ҷузъи аввали калима вожаи «яғд»(ба маънои васеъ ва кушоду фарох) камистеъмол ва ҷузъи дуввуми калимаи мазкур вожаи «нов» бошад дар алоҳидагӣ саристеъмол буда, ифодакунандаи маънии «дара»-ро дорад [3, с. 79-85].

Вожаи «Яғд» (Yaγd) аслан ба маънои «васеъ ва паҳну фарох» аст ва чуноне, ки қайд намудем, ин вожа аслан аз нигоҳи решашиносӣ вожаи суғдӣ буда, айнан бо ҳамон маъно дар забони суғдӣ вуҷуд дошт, аммо бо каме аз тағйироти савтӣ ва овоӣ. Дар калимаи «яғд»-и имрӯзаи забони яғнобӣ каме тағйирот ба вуҷуд омадааст ва дар забони суғдӣ, дар калимаи мазкур байни ҳарфҳои «Я» (дар навишти форси арабӣ - ё) ва «ғ» боз ҳарфи (овози) «р» дида мешавад ва ба ҷойи ҳамсадои «д» ҳарфи (овози) «т» (t) аст. Пас метавон ба хулосае омад, ки вожаи «яғд»-и имрӯза дар забони суғдии қадим ба шакли зайл- я(р)ғт (Yrγt) навишта мешудааст. Вале муҳимаш барои мо он аст, ки вожаи мазкур бо он маъное, ки дар забони суғдии қадима дошт (яъне, «васеъ, паҳн, фарох») дар забони яғнобӣ низ айнан бо ҳамон маъно дар истеъмол мондааст. Дар фарҳанги забони суғдии Б. Қариб вожаи «Яғд» (шакли имрӯзааш «яғн») ва ё «Я(р)ғт» (Yrγt) дар чанд вариант оварда шудааст ва мо онро бо каме тағйирот, дар шакли ҷадвали муқоисавӣ овардем, ки чунин аст:

Суғдӣ	Яғнобӣ	Овонавишти лотинӣ	Форсӣ- тоҷикӣ	Англисӣ
Yrγt	Яғд	(yaγd)	паҳн, фарох	Wide
Yγrtr	Яғд(а) ҷогаҳ	(yaγd(a) jogah)	паҳнтар, васеътар	Wider
Yγrt	Яғд	(yaγd)	паҳн, васеъ, фарох	Wide
Yγrt	Яғд(а) ҷога(х)	(yaγd (a) joga(h))	паҳно, вусъат, густариш	Extension breadth
Yγrj'k	Яғд(а) ҷога(х)	(yaγd(a) joga(h))	вусъат, паҳно, густариш	Extension, openness, diffusion

Яъне вожаи «Яғд» (yrγt, yγd, yγd(a), yaγd(a)) дар бештари матнҳои суғдӣ ба таври Yrγt, Yγrtr, Yγrt омадааст ва ҳама ба маънии «паҳн, васеъ ва густурда (ба паҳно)» мустаъмал будаанд. Дар «Фарҳанги забони яғнобӣ»омада: «Яғд» (Yγd// Yaγd) - васеъ, кушод, паҳн» [8, с. 98].

Дар китоби «Луғати яғнобӣ-тоҷикӣ» низ вожаи «яғд» (yγd//yaγd) чунин шарҳу тавзеҳи хуб дода шудааст; «яғд»- васеъ, кушод: Ғоват молти сен яғд(а) ҷогаҳи пой. – Гову молро бурда дар як ҷойи васеъ нигоҳбонӣ кун [7, с. 232].

Пас шакли саҳеҳи калимаи «Яғноб» - «Яғднов» аст, аз ду ҷузъ таркиб ёфтааст: ҷузъи аввал «яғ» (< *yaγd-) ва ҷузъи дуввум- «ноб» (< *nāw). Ҳар ду ҷузъи калима бо гузашти замон ба тағйироти фонетикӣ дучор гашта, акнун чун як калимаи мураккаб мустаъмал буда, маънои «дараи васеъ, водии паҳнодор»-ро баён мекунад. Тағйироти овозии ин калима, ки чунончи зикр шуд, ҳам пояи лингвистӣ ва ҳам экстралингвистӣ дорад, сабаби ҳам сабти ғалати шакли калима ва ҳам тавзеҳи нодурусти он дар илми муосир гардидааст.

Хулоса, маънои калимаи «Яғноб» («Яғднов») дараи васеъу кушод ва густурда мебошад, на ин ки «дараи яхин». Вожаи «Яғноб» («Яғднов») аз исму сифат (yγ+nob// y(a)γ+ nob) сохта шудааст ва форманти (анҷома) топонимсоз дар вожаи мазкур ҳамоно ҷузъи дуюми калима- форманти- «ноб» (шакли тағйирёфтаи- «нов») буда, маънияш ҳамон «нов», яъне «дара» ва ё «воҳа» аст, ҳарчанд, ки дар ин формант ба ҷои ҳарфи «в»-и таърихӣ ҳарфи «б» омадааст, аммо мантиқан ҳамон вожаи «нов» аст. Анҷомаи «ноб» бошад, дар алоҳидагӣ ягон маъноеро ифода намекунад [3, с. 84].

Мушоҳидаҳои мо нишон доданд, ки дар музофоти Яғноб ва дар музофоти деҳаҳои яғнобнишини Кӯктеппа, Зуманд, Гароб ва деҳаи вайронаи Оби Сафеди ноҳияи Варзоб бо унсури суғдӣ- яғнобии «яғд» чунин навъи топонимҳо дар шакли калимаҳои мураккаб: Yγdaxiram- 'хирмани васеъ', Yγdaxon// Yaγdaxun – 'айлоқи васеъ', 'чарогоҳи васеъ ва кушод', Yγdazoy-

‘замини васеъ’, Yaγdapast -‘майдони васеъ’ ‘ҳамвории васеъ’, Yγdmaydun- ‘майдони васеъ’, ‘ҳамвории кушод’ (Кӯктеппа) ва дар шакли ибораҳо мавҷуданд. Чунончи:

Y(a)γday zoy //Yaγd(a) zoy – ‘замини васеъ’; Yaγd(a) xiram – ‘хирмани васеъ, хирмани калон’; Yaγda pahmi – ‘паҳно, замини ҳамвори васеъ’ (д. Кӯктеппа); Y(a)γdiy sar-‘болои паҳно, болои замини васеъ’ (д. Оби Сафед); Y(a)γdiy tak-‘поёни замини васеъ’ (Яғноб- музофоти Қул) ва ғайра. Вожаи уаγd ҳамчун унсури топонимсоз берун аз қаламрави водии Зарафшон дар ноҳияи Ишкошими Бадахшон ба сифати номи мавзеъ – Yaγdru «рӯяи васеъ, пуштаи васеъ» ба кор рафтааст, ки далели муҳимме доир ба густариши он дар қаламрави амалкарди забонҳои эронии шарқӣ мебошад.

Ҳамчунин, вожаи яғнобии «нов»- ‘дара’ боз муродифи серистеъмоли яғнобии худро дорад, ки он вожаи ё форманти (анҷомаи топонимсоз) «ровут» мебошад (rout- аслан дар суғдӣ ба маънии «рӯд») ва маънии ин вожа ҳам «дара» ва «тангно», «воҳа» ва «рӯдхона» мебошад.

Анҷомаи топонимсоз, яъне форманти «ровут» низ яке аз сермаҳсултарин форманти топонимсози забони яғнобӣ маҳсуб меёбад ва бо ин формант низ топонимҳои зиёде сохта шуда аст. Аз ҷумла, ҷойе мушоҳида намудем, ки бо форманти- «ровут» ва ҷузъи ва ё унсури суғдӣ-яғобии «яғд» низ топоними зебое сохта шудааст. Муқ.Ниг. Yaγdrout// y(a)γdrout// yaγdrowut (наздикии музофоти деҳаи вайронаи Шахту - дар деҳи Бидони Қул- Яғноб). Ва топоними Яғдровут дар Яғноб ягона мисол ва ягона далели қатъие (ва ҳам синоними вожаи куҳнашудаи «Яғднов»- шакли имрӯзаи тағйирёфтаи он - «Яғноб») мебошад, ки битавонем ҳукм намоем, ки маънои вожаи «Яғноб» «дараи яхин» набуда, балки асли он аз вожаи суғдӣ-яғнобии «Yaγdnou// Yaγdnow» гирифта шуда, маънои он «дараи васеъ» [3, с. 79-85], «водии доманфароху васеъ ва паҳну густурда» мебошад.

Адабиёт

1. *Андреев, М. С., Пещерева Е. М. Ягнобские тексты / М. Андреев. -М.-Душанбе, 1957. - 392 с.*
2. *Андреев, М. С. Материалы по этнографии Ягноба / М. Андреев - Душанбе, 1970. - 192 с.*
3. *Бузургмеҳр, Бурҳониддин (Тураев Б. Б.). Таърихи як вожа ва ё «Яғноб» чӣ маънӣ дорад? // Устод Айнӣ ва асолати забон (Мач. мақолаҳои илмӣ) / Б. Бузургмеҳр (Б.Б. Тураев). -Душанбе: Сино, 2004. - С. 79-85.*
4. *Кун, А. Л. Дневник, веденный во время Искандер-кульской экспе-диции на самаркандском таджикском наречии с 25 апреля по 27 июня 1870 года / А. Кун.- (рукопись Д. 133/60д/, л, 263 а: Инст. восток. АН СССР).*
5. *Мейендорф, Г. К. Путешествие из Оренбурга в Бухару / Г. Мейендорф -М., 1975. – 101 с.*
6. *Мирзозода, С. Яғноб чӣ маънӣ дорад / С. Мирзозода. - Илм ва ҳаёт. №12, 1990. - С. 14.*
7. *Мирзозода, С. Луғати яғнобӣ-тоҷикӣ / С. Мирзозода. -Душанбе, 2002. -235 с.*
8. *Мирзозода, С. , Қосимӣ М. Фарҳанги забони яғнобӣ / С. Мирзозода, М. Қосимӣ. -Душанбе, 1995. - 98 с.*
9. *Мустаҷир, А. Рӯзномаи сафари Искандаркӯл / А. Мустаҷир. -Душанбе: Ирфон, 1989. -176 с.*
10. *Хромов, А. Л. Ягнобский язык / А. Хромов. -М .: Наука, 1972. -208с.*
11. *Хромов, А. Л. Историко лингвистическое исследование Ягноба и верхнего Зеравшана. АДД. / А. Хромов. -Душанбе, 1970. -765с.*
12. *Холназаров, Р.М.Таъсирпазирии забони қирғизӣ аз забони тоҷикӣ (дар мисоли маводи антропонимҳои ноҳияи Лахш) / Р.М. Холназаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2023, №3(104) - С. 53-57.*
13. *Ҳайдарзод, Б. Яғноб «Дараи яхин» нест! (Дар ҳошияи мақолаи С. Мирзозода «Яғноб чӣ маънӣ дорад?») / Б. Ҳайдарзода.- Илм ва ҳаёт. 1991, №9. -С. 15.*
14. *Шамсудинова, М. Таҳлили сохтории антропонимҳои осори Аҳмади Дониш / М. Шамсудинова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2024, №4(111) - С. 48-54.*
15. *Benveniste, E. Une lexsique du yagnobi // Journal Asia Tique / E. Benveniste. -T. cc XL. III fasc, 2. 1966.*

ТАЪРИХИ ЯК ВОЖА ВА Ё «ЯҒНОБ» ЧӢ МАЪНО ДОРАД (ТАҲЛИЛИ РЕШАШИНОСӢ)

Дар мақола сухан дар бораи этимологияи (маънидоди решашиносӣ) дақиқи номвожаи ҷуғрофии «Яғноб» меравад. Таҳлили этимологии (решашиносӣ) вожаҳо ва минҷумла номвожаҳои ҷуғрофӣ, яке аз босамартарин ва боэътимодтарин усул ва ё методи таҳлили лингвистии воҳидҳои луғавии забон маҳсуб мешавад. Оид ба маънои дақиқи номвожаи ҷуғрофии «Яғноб» муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ андешаҳои мухталифе баён намудаанд, ки аз ҳақиқати воқеии ҳол хеле дуранд. Бинобар ҳамин муаллифи мақолаи мазкур, барои бартараф намудани ғалатфаҳмиҳо ва маънидоди нодурусти аз ҳақиқати илмӣ хеле дури муҳаққиқони пешин, оид ба маънидоди нодурусти ҷойноми «Яғноб» зарур дониста, ки дар такя бо далелҳои нави раднопазир, оид ба этимологияи маънидоди дақиқи ба ҳақиқати илми наздики номвожаи ҷуғрофии «Яғноб» чанд ҳарфи илмии хешро дарҷ намояд. Муаллифи мақола бо далелҳои илмии методи таҳлили

диахронию синхронии (дерзамонӣ ва ҳамзамонӣ) ва муқосавӣ - таърихӣ, бо овардани мисолҳо ва муродифҳои вожаи суғдӣ - яғнобии «nóu // nów» (масалан вожаи «róun // rówut») ба исбот расонидааст, ки маънои номвожаи суғдӣ - яғнобии «Яғноб» - «дараи яхин» набуда, балки маънои дурусти ин ҷойном «водии васеъ, водии паҳну густурда, водии доманфарох» мебошад.

Калидвожаҳо: муҳаққиқони эроншинос, шарқшиносон, муҳаққиқони яғнобшинос, этимология (решашиносӣ), «Игноу», «Игноус», «Яғноб», дараи яхин, «Яғднов», «Яғдровут».

ИСТОРИЯ ОДНОГО СЛОВА ИЛИ ЗНАЧЕНИЕ ТОПОНИМА «ЯГНОБ» (ЭТИМОЛОГИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ)

В статье рассматривается точная этимология (корневое значение) географического названия «Ягноб». Этимологический анализ (анализ корней) слов и словосочетаний, в том числе географических названий, считается одним из наиболее эффективных и надежных методов или приемов лингвистического анализа лексических единиц языка. Относительно точного значения географического названия «Ягноб» отечественные и зарубежные исследователи высказывают различные мнения, далекие от истины. Поэтому, чтобы исключить недоразумения и неверные толкования предыдущих исследователей, относительно неверного значения топонима «Ягноб», далекие от научной истины, автор настоящей статьи счел необходимым включить в нее несколько своих научных комментариев, основанных на новых неопровержимых доказательствах относительно точной этимологии близкого к научной истине значения географического названия «Ягноб». Автор статьи, используя научные доказательства из метода диахронно-синхронного (длительного и одновременного) и сравнительно-исторического анализа, а также приведя примеры и синонимы согдийско-ягнабского слова «nóu // nów» (например, слово «róun // rówut»), доказал, что значение согдийско-ягнабского слова «Ягноб» не «ледяное ущелье», а правильное значение этого топонима - «широкая долина, просторная долина».

Ключевые слова: иранские исследователи, востоковеды, ягнобские исследователи, этимология (корневедение), «Игноу», «Игноус», «Ягноб», «Ягднов».

THE HISTORY OF ONE WORD OR MEANING OF TOPONYM "YAGNOB" (ETHYMOLOGICAL ANALYS)

The article examines the exact etymology (root meaning) of the geographical name "Yagnob". Etymological analysis (root analysis) of words and phrases, including geographical names, is considered one of the most effective and reliable methods or techniques of linguistic analysis of lexical units of language. Regarding the exact meaning of the geographical name "Yagnob", domestic and foreign researchers express different opinions that are far from the truth. Therefore, in order to exclude misunderstandings and incorrect interpretations of previous researchers regarding the incorrect meaning of the toponym "Yagnob", far from the scientific truth, the author of this article considered it necessary to include several of his scientific comments based on new irrefutable evidence regarding the exact etymology of the meaning of the geographical name "Yagnob", close to the scientific truth. The author of the article, using scientific evidence from the method of diachronic-synchronous (long-term and simultaneous) and comparative-historical analysis, as well as giving examples and synonyms of the Sogdian-Yagnabi word "nóu // nów" (for example, the word "róun // rówut"), proved that the meaning of the sogdian -yagnobī word "Yagnob" is not "icy ravine", but the correct meaning of this toponym is "wide valley, wide valley, wide-spreading valley".

Keywords: iranian researchers, orientalists, Yaghnobi researchers, etymology (root studies), “Ignou”, “Ignous”, “Yagnob”, ice valley, “Yagnov”, “Yagdrovut”.

Дар бораи муаллиф
Тураев Бурҳон Бузургович
Номзади илмҳои филологӣ, ходими пешбари илмӣ
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33

Об авторе
Тураев Бурхон Бузургович
Кандидат филологических наук, ведущий научный сотрудник
Институт языка и литературы имени Рудаки НАНТ
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33

About the author
Turaev Burkhon Buzurgovich
Candidate of Philological Sciences, Leading Researcher
Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33

ТДУ 811.221.78

ҲАВЗАҲОИ ЗАБОНӢ ВА ТАҲАВВУЛОТИ ЛУҒАВИЮ МАЪНОИИ ВОЖАҲО

Анварӣ С., Шоҳзода Г.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав

Дар ашъори устод Шамсиддин Шоҳин калима ва таркибҳое (тоҷикӣ-форсӣ, иқтибосӣ-ғолибан арабӣ) ба назар мерасанд, ки барои ҳамаи форсизабонони замони зиндагии ӯ умумӣ буданд. Аммо вобаста ба омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ ин воҳидҳои луғавӣ ба таҳаввулот рӯбарӯ шуданд: бисёре аз онҳо бо мафҳумҳои пешини худ дар форсии Эрон боқӣ монданд, бархе дар дарӣ (-и Афғонистон) ва забони тоҷикӣ тағйири маъно карданд ё ҷойи худро ба унсурҳои дигар доданд. Инак, дар заминаи маводди забони назми Шамсиддин Шоҳин хостем, ки оид ба ин масъала андешаҳои хешро баён намоем. Онҳо аз ин ҷумлаанд:

Омӯза (Маҷмуае аз назариёт ва таъолими фалсафӣ, сиёсӣ...; назария) [3, с. 42]. Далел аз Шоҳин:

Сазад ба тариқи меҳрубонӣ
***Омӯза**и ҳикмати ямонӣ [1, с. 341].*

Омӯза дар забони форсии муосир маъмул аст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [4] қайд нашудааст. Ҳоло дар забони тоҷикӣ дар навиштаҳои илмӣ ва публитсистӣ кам-кам истифода шуда истодааст.

Гирифторӣ (… дар қайду банди чизе будан) [4-1, с. 269]. Бояд зикр намоем, ки дар «Дари - русский словарь» **гирифторӣ** ба маънои манзури назар ба русӣ (**занятость; влюблённость**) саҳеҳ тарҷума шудааст [6, с. 605]:

*Ҳусни ошиқсифатон ғайри **гирифторӣ** нест,*
Ҳалқаи доме ба по зинати халхоли ман аст [1, с. 48].

Чуна. Дар луғатномаҳои то замони Шоҳин тадвиншуда мушоҳида нагардид. Аммо дар шеъри шоир ба кор рафтааст:

*Эй **чуна** з-имтиёзи ту аблуҷ дар назар*
В-эй ҷифа дар мазоқ зи идроки ту рағад [1, с. 240].

Чуна чун муродифи вожаи **оҳак** дар гуфтори мардуми Афғонистон роиҷ аст ва дар «Дари - русский словарь» тавзеҳ ёфтааст: **чуна** известь, извёстка [6, с. 294]. Мусалламан, **известь** ба тоҷикӣ оҳак [7, с. 195] аст.

Фаротар (болотар, (аз ин) зиёдтар; дуртар) [5-2, с. 415]**;** ба сӯйи болотар, ба дуртар [3, с.822]:

*Чу гавҳар зи дарё **фаротар** нишаст,*
Хазафпора дар ҷойи гавҳар нишаст [1, с. 467].

Тӯ ба тӯ // тӯйи бар тӯ (қабат ба қабат, печ дар печ, дарун ба дарун). Дар «Шоҳнома» ва «Девон»-и Ҳофиз омадааст:

Бар он бебаҳо чарми оҳангарон,
*Баровехти **тӯ ба тӯ** гавҳарон [5-2, с. 381].*
***
Сабо зи ҳоли дили танги мо чӣ шарҳ диҳад,
*Ки чун шиканҷи варақҳои ғунча **тӯ бар тӯст** [2-3, с. 1945].*

Устод Шоҳин мегӯяд:

Замире дурахшанда дорад чу меҳр,
*Ки равшан кунад **тӯ** ба **тӯи** сипеҳр [1, с. 513].*
***
*Ин ҳафт фалак, ки **тӯйи** бар **туст**,*
Як палла ба вазни ҳиммати туст [1, с.327].

Дар забони форсӣ аз таркибҳои фаъоли корбурдӣ мебошад. Дар «Фарҳанги ...» мо («Фарҳанги забони тоҷикӣ») зикр наёфтааст.

Таркиби **Худо нахоста** (Худо накунад // Худо накарда, нахоста, дар забони русӣ **не дай бог**! [9-1, с.539] ва **қурбон шудан –** дорогой мой // дорогая мая; қурбони шумо – а)

благодарю; всего хорошего) [10-2, с.263]; қурбон гардидан – разг. жизнь отдам за тебя! [6, с.560] - ро Шоҳин ба кор бурдааст:

***Худо нахоста**, бегона мешавам аз дин,*
Чаро ки он бути бегона ошнои ман аст [1, с.57].

***

Гуфт: Эй дилу дида хоки роҳат,
***Қурбон**и забони узрхоҳат [1, с. 375].*

***

Як сари мискин чӣ бошад, к-аз шумо дорам дареғ,
***Қурбони** лаби лаъли шакархои ту гардам [1, с.156].*

Таркибҳои зикршуда дар форсӣ (-и Эрон) ва дарӣ (-и Афғонистон) роиҷ мебошанд. Ин маъниҳо дар забони тоҷикии имрӯза ранги дигар ифода меёбанд. Далели ин фикрро боз ҳам аз ашъори шоир мегирем. Шоҳин таъбири имрӯз машҳури **садқа шуданро** кор фармудааст:

*Дилбаро, **садқа шавам** наргиси фаттони туро,*
*Қадди сарву **лаби лаълу хатти** райҳони туро [1, с.32].*

Дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и устод Айнӣ **садқа** (шудан) чунин тавзеҳ ёфтааст: «**Садқа** қурбон («садқаат шавам» **қурбонат шавам** гуфтан аст. Ин калима ва ин маънии вай махсуси забони тоҷикист. Дар ин маънӣ Шоҳин гуфтааст:

***Шудам** гаҳ **садқа** бо он нозанин, гоҳе балогардон,*
Тақал ҳар кӯча роҳе дошт бо ӯ як ба як кардам» [11-12, с. 327].

Таркиби мазкурро Доро Наҷот дар «Фарҳанги Доро» ин гуна маънидод намудааст: «(гуф.) (мухаф. а. **садақа**) фидо, қурбон: ман садқаи **лабу даҳони пистанамот** «(Сурудҳои мардумии Кӯлоб)», **Садқа шудан** – қурбон шудан, фидо шудан:

*Ман **садқа шавум** ду чашми мастонаи ту,*
Ду чашми сарум мудом бар хонаи ту.
(Фолклор). («Себи Самарқанд») [12-2, с. 241].

Аз далелҳои оварда ҷуз аз таркиби **қурбон**и шумо (**қурбон** гардидан), ки як ҷузъаш арабӣ (қурбон) аст, дигар баромади тоҷикӣ-форсӣ доранд. Калимаи **чуна,** он гуна ки зикр ёфт, дар фарҳангҳои қадима мундариҷ нест. Эҳтимолан, аз нигоҳи пайдоиш ба забони пушту мансуб буда бошад.

Барои исботи маъмул будан ва истеъмоли калимаву таркиботи зикршуда ночор ба луғатномаҳои форсӣ ва форсиву дарӣ ба русӣ рӯ овардем. Қисме аз ин унсурҳои луғавӣ вобаста ба вазъи нисбатан мусоиди адабиву фарҳангии дар қаламрави форсизабонон ба вуҷудомада тадриҷан ба забони тоҷикии муосир роҳ ёфта истодаанд. Акнун ба шарҳи калимаҳои арабии **таслим, таклиф, маърака, таҳрир, таъмир, меҳнат, дағдаға, ғурфа, муҳассил ва муъояна** (дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» **муояна**, дар «Фарҳанги имлои забони тоҷикӣ» **муоина**) мегузарем.

Ба сабаби падидаи иҷтимоӣ будани забон вожаҳо ба тағйироти маъноӣ рӯбарӯ мешаванд: ё мафҳуми худро ба мурур дигар мекунанд, ё дар онҳо тобишҳои маъноӣ ба вуҷуд меояд. Дар адабиёти забоншиносӣ ин масъала бозтоб дорад. На танҳо вожаҳои решагии забон ин таҳаввулотро аз сар мегузаронанд, балки калимаҳои иқтибосӣ ҳам ба ин дигаргунӣ дучор мегарданд. Чунончи, мувофиқи маълумоти манбаъҳо калимаи **таслим** аввал ба маънои «саломдиҳӣ, изҳори эҳтиром» [5-2, с.336]. маъруф будааст. Пасон мафҳуми «фармонбардорӣ: тан додан ба тақдир, худро ба ихтиёри каси дигар супурдан» [5-2, с.336], «гардан ниҳодан»-ро гирифтааст. Ба фикри мо, дар шеъри Шоҳин ба маънии дуюм омадааст:

*Баски, Шоҳин, ҳеҷ кас шоистаи **таслим** нест,*
Мениҳам дар пойи худ ҳамчун хатти паргор сар [1, с.126].

Ба маънии «итоат кардан» дар шеъри ҳамасри Шоҳин – Савдо низ истифода шудааст:

Маро аз шаш ҷиҳат роҳест пеши дида аз угро,
Ба таслим орамидам, то чӣ хоҳад карад сайёдам? [5-2, с. 336].

Аммо **таслим (шудан)** дар форсии имрӯз «вогузорӣ (амал ё фароянди пазируфтани шикаст...» [3, с.341]-ро мефаҳмонад. Дар форсии дарӣ ба маънии «додан, супоридан» (сдача [6, с.211] мустаъмал аст. Аз ҷумла, **таслими қуво**» сдача, капитуляция»,**таслим шудан** «сдаваться (в плен); получать, принимать» (гирифтан) [6, 211].

Таклиф. Ин вожа дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба ду маъно омадааст: 1. пешниҳод, даъват. 2. азоб, азият, ҷавр [5-2, с. 309]. Мусалламан, дар забони тоҷикии муосир ба мафҳуми

аввал меояд. Дар забони форсӣ низ ҳамин маъно таъйид шудааст: «**Таклиф кардан** анҷом додани кореро аз касе хостан» [3, с. 57]. Вале дар байти Шоҳин маънии дуюми он зикр ёфтааст:

Тӯтӣ, ки намуд хӯрда минқор,
***Таклиф**и шакар бад - ӯст озор [1, с.432].*

Шарҳи маънии дуюми вожаи **таклиф**, ки қайд шуд, бо тафсири Муҳаммад Ғиёсиддин мутобиқ аст. Дар «Ғиёс-ул-луғот» пурра ба ҳамин мафҳум дарҷ шудааст: «Касеро дар ранҷ андохтан ва кор фармудан касеро, ки ба андозаи тоқати ӯ набошад» [14-1, с.204]. Дар асоси маводди «Дарӣ - русский словарь» калимаи **таклиф** дар форсии дарӣ ҳам ба маъниҳои **азоб, азият, сахтӣ, машаққат** ва **ҷавр** ба кор мерафтааст: «Таклиф 1) беспокойство, затруднение (**агар таклиф набошад** – будьте добры!; если (Вас) не затруднить; **Кадом таклиф доред**? – Что (Вас беспокоить?, На что жалуетесь?), 2)труд, хлопоты (**таклиф додан**) причинять беспокойство) [6, с.220-221]. Ҳоло дар забони тоҷикӣ танҳо ба маънои «**пешниҳод, даъват**» ба кор меравад.

Маърака. Устод Айнӣ маънии тағйирёфтаи **маърака**ро дар луғати худ додааст: «Гурӯҳи мардум, ки ба ҷое барои коре ғун шуда бошанд; маросими тӯй ё азо» (11-12, с.204). Дар «Фарҳанги Доро» мафҳуми пешинаи он дар охири тафсир омадааст: «1. баргузории маросими суннатӣ (онҳо пагоҳ маърака доранд). 2. гурӯҳи мардум, ки дар маросиме ширкат намоянд... 3. фароянди баргузории кор ё иқдоми ҳамагонӣ 4. майдони ҷанг ё мубориза; корзор» [13-2, с. 546].

Маърака дар ибтидо дар забони тоҷикӣ, форсӣ мафҳуми ҳарбӣ доштааст: «1.майдони ҷанг; 2.ҷанг, муҳориба, ҳамла, ҳуҷум; майдони ҷанг ё мубориза» [4-1, с. 666; 9, с.1061]. Чун истилоҳи размӣ дар «Луғати нимтафсилӣ... » -и устод Айнӣ низ мазкур аст: «Ҷанггоҳ, майдони ҷанг» [11-12, с. 204]. Дар забони Шоҳин ба ҳамин маонӣ ба қалам омадааст:

Чун маърака шуд зи хайл холӣ,
Маҷнун шуду шуғли лоуболӣ.
Мерафту ба куштагон ҳамедид,
Мегашту ягон-ягон ҳамедид.
К-аз таъни синону захми пайкон
В-аз ҷаври сипеҳру кини дерон [1, с.370].

Ҳамин мафҳуми ҳарбии он дар форсии дарӣ то имрӯз боқист. Дар «Дарӣ-русский словарь» чунин тарҷума шудааст: «Поле, арена битвы; битва, бой, схватка» [6, с. 660].

Таҳрир. Дар Куллиёти адиб ба мафҳуми **навиштан** аст:

Як қалам таҳрир кардан нест, Шоҳин, тоқатам,
Хома дорад саъйи чандин дафтарам аммо ҳанӯз [1, с. 128].

Дар «Фарҳанги форсии имрӯз» низ ҳамин маънӣ омадааст: «Амал ё фароянди навиштан» [3, с. 324]. Шарҳи русии онро дар дарӣ [6, с. 200] мехонем: «**Таҳрир** писание, написание; **таҳрир кардан** писать, записывать» [6, с. 200].Дар забони тоҷикӣ мафҳуми он васеъ шудааст. Ин фикрро тавзеҳи устод Айнӣ қувват мебахшад. «Навиштан; ислоҳ карда навиштани чизи навишташуда (**маънии имрӯзааш**») [11-12, с. 391]. Ин таъкиди устод ба тарҷумаи русии он – **редактирование** [8, с. 963] мувофиқ аст.

Таъмир. Дар сухани Шоҳин ба мафҳуми имрӯзаи тоҷикияш ҳаст: «Ободгарӣ, ободонӣ, иморатпардозӣ; обод ва нав кардан» [13-2с. 332]:

Ба солҳо накашад нанги туҳмати таъмир.
Харобае, ки ба сели ҳаводис обод аст [1, с.44].

Дар забони форсӣ ҳам ҳамин гуна шарҳ дорад: «Бозсозии он чи хароб шуда бошад» [3, с. 349]. Аммо дар форсии дарӣ, дар маҷмуъ, ба маънои сохтмон, бино ва сохтан ба кор меравад [6, с. 216].

Меҳнат. Ин калима бо ҳамин мазмунҳои таърихии худ (мусибат, бало, бадбахтӣ, идбор; ранҷ, азобу уқубат, машаққат, заҳмат [4, с.684] дар ашъори Шоҳин ба кор бурда шудааст:

Кӣ дидӣ роҳати гетӣ ҷуз ин ки рӯзе панҷ
*Гузошт умр ба **меҳнат** дар ин сарои сипанҷ [1, с. 227].*

***

*Ба ғайри хору хасу **меҳнат**ам наёмад пеш,*
Ба ҳар тараф, ки чу оби равон равон шудам [1, с. 151].

Маонии мазкурро устод Айнӣ ҳам дар луғатномаи хеш овардааст: бало; **ғаму кулфат**. Вале устод ба мавқеи маъноии **меҳнат** дар забони тоҷикии муосир низ шарҳе дорад: «Коре, ки дар кардани он одам машаққат кашад (ба ҳамин маънӣ...дар адабиёти имрӯзаи Осиёи Миёна ва забони халқӣ зинда аст» [11-12, с. 221].Тафсири Доро Наҷот маънидодҳои болоро пурра менамояд: «Ранҷ, бало, мушаққат, азоб, сахтӣ..., кор, фаъолият ё амал...» [13-2, с. 550].Шарҳи **меҳнат** дар «Фарҳанги форсии имрӯз»: «Андӯҳ, сахтӣ ва душвории зиндагӣ» [3, с. 1027].Тарҷумаи русии **меҳнат** ба форсии дарӣ: «Труд, работа; трудности» [6, с. 641]. Зимнан, калимаи **заҳмат (**душворӣ; кори сахт) [3, с. 626]: ранҷест, ки аз кардани коре пайдо шавад [11-12, с. 122], **заҳмат –** труд, старание; беспокойство [6, с. 421], чун муродифи **меҳнат** бо тобишҳои маъноии худ аз он фарқ дорад. Бояд хотирнишон сохт, ки ба мафҳуми калимаи русии **труд** дар форсӣ ва дарӣ **заҳмат** истеъмол меёбад. **Заҳмат** бо мафҳумҳои «ранҷ, гирифторӣ ва кори мушкил; заҳмат кашидан, «ранҷ бурдан, кӯшиш ва кори бисёр кардан» [13-2, с.31] дар забони тоҷикии имрӯз низ роиҷ шуда истодааст.

Дағдаға. Дағдағаро шоир ба маъное кор фармудааст, ки аз рӯйи маъхазҳо хосси забони тоҷикист. Масалан, ба мафҳуми «майлу хоҳиш, орзу, ҳавас» [4-1, с. 356]:

*Сокини савмааро **дағдаға**и кӯйи ту нест,*
Он, ки хӯ кард ба гулхан, ба гулистон наравад [1, с.113],

Шарҳи **дағдаға** дар манобеи форсӣ: «Бим, тарс, нигаронӣ [3, с.526], ва дар тарҷумаи русии дари «Тревога, беспокойство, волнение; сомнение, колебание» [3, с. 365]. Мафҳуми манзури назари мо (ба асоси мавқеи корбурди вожаи **дағдаға** дар байти Шоҳин), мутаассифона, аз «Фарҳанги Доро» фурӯгузор шудааст: «**дағдаға** дар гуфт.тоҷ:иддао, манманӣ; лоф, ҳавобаландӣ; овоза, шоеъа (**дағдаға кардан** овоза кардан)» [3-2, с.245]. Ба маънии **лофи зӯроварӣ** (маънии зиндаи тоҷикӣ–қавли устод Айнӣ) дар фарҳанги устод Айнӣ зикр шудааст: «...мегӯянд: ту хеле дағдаға дорӣ, яъне **лофи зӯроварӣ** дорӣ» [11-12, с.98]. Ба маънои **воҳима** ва **васваса** кор фармуда шудани **дағдаға**ро таҳиягарони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» бо овардани шоҳид аз Куллиёти Шоҳин нишон додаанд:

К-ин шоҳ сари гадо чӣ дорад?
*З-ин **дағдаға** муддао чӣ дорад? [4-1, 356].*

Ғурфа. Дар забони форсӣ «...Ҳар як аз ...утоқакҳо ё утоққо...», ки ба арзаи...колоҳои вижае ихтисос дошта бошанд (**ғурфа**и китоб...») [3, с. 809] ва дар тарҷумаи русии дарӣ: «Торговая палатка, киоск, секция...;павильон») [6, с.53] ташреҳ шудааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» **ғурфа** – «болохона; дарича» [5-2, с. 659]. Ба фикри мо, устод Шоҳин **ғурфа**ро ба мафҳуми **дарича** истифода кардааст:

*Рухат зи **ғурфа**и манзар ба чашми ман тобад,*
Чунонки моҳ диҳад равшани зӣ гӯшаи бом [1, с. 148].

Муҳассил. дар шеъри Шоҳин:

*Кунун **муҳассил**и дарси вафои хубонам,*
Ки чашми бад ба ҷамоли бадеашон нарасад [6, 231].

ва забони форсӣ ва дарӣ (донишомӯз; таҳсилдор) [3, 1052]; учащийся, студент... [6, с. 640] аз ҷиҳати маъно тафовут надорад. Аммо дар забони тоҷикии имрӯза бо ин мафҳумҳо истифода намешавад.

Муъояна. Дар назми Шоҳин ба сурати сохта – **билмуъояна** истеъмол ёфтааст**.** Мураттибони «Фарҳанги забони тоҷикӣ» онро **бо мушоҳида, аён** ва **ошкоро** тафсир намуда байти Шоҳинро гувоҳ баргузидаанд:

*Дидан тавон шамоили ҷон **билмуояна***
Аз ҷисми нозуки ту, ки руҳи мусаввар аст [5-1, с. 184].

Далели мо доир ба ин истилоҳи пизишкӣ ҳамин байт аст, ки дар саҳифаи 53-и Куллиёти шоир воқеъ аст.

Чунонки мебинем, дар шарҳи устод Айнӣ ва фарҳангҳои форсӣ-дарӣ **муояна** бо маъниҳои дигаргунатар, яъне бо тафовут аз шарҳи «Фарҳанги забони тоҷикӣ», қайд гардидааст. Чунончи, устод Айнӣ навиштааст: «**Муояна** чизеро равшан ва рӯбарӯ истода бинӣ. **Муояна кардан** ягон чизи номаълумро равшан карда нишон додан (монанди доктурон, ки чӣ дард доштани беморро равшан карда нишон медиҳанд» [11-12, с. 230].

Дар «Фарҳанги форсии имрӯз»: «**Муъояна** амал ё фарояндаи дидан ва баррасӣ кардани чизе ё ҷое, бавижа бадани ҷондор барои шиносоии осеб ё беморӣ...» [3, с. 060]. Тарҷумаи русии он дар дарӣ: «Осмотр, проверка; анализ» [6, 660].Маънидоди руси **муоина**, ба ақидаи

мо, воқеитар аст: «1. просмотр; 2; мед.обследование; **муоина кардан**; а) проводить осмотр, осмотривать; б)изучать; беморро **муоина кардан** осмотреть больного; обследовать больного» [16, с. 382].

Он гуна ки баён кардем, вобаста ба рӯйдодҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангӣ калимаҳои иқтибосгардида ҳам тағйири маъно кардаанд. Аз ин лиҳоз, дар корбурди як қисми онҳо дар забони тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ тафовут рух додааст.

Адабиёт

1. *Шамсиддин, Шоҳин. Куллиёт [Матн] / Шоҳин Ш. – Душанбе: Адиб, 2006. – 640 с.*
2. *Ҳасан, Анварӣ. Фарҳанги бузурги сухан. Ҷилди I [Матн] / Анварӣ Ҳ. – Теҳрон: Сурӯш, 1381-1388 ҳ. – 699 с.*
3. *Ғуломҳусайн, Садрии Афшор, Насрин Ҳакамӣ, Настаран Ҳакамӣ. Фарҳанги форсии имрӯз [Матн] / А. С. Ғуломҳусайн, Ҳакамӣ Н., Ҳакамӣ Н. – Теҳрон : Муассисаи нашри Калима, 1377 ҳ. – 1239 с.*
4. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 [Матн]. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 952 с.*
5. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2 [Матн]. – Москва: Советская энциклопедия, 1969. –952 с.*
6. *Киселёва, Л.н., Николайчик В.И. Дари-русский словарь [Текст] / Л. Н. Киселёва В.И., Николайчик. – Москва: Русский язык, 1978. – 744 с.*
7. *Восканян, Г.А. Русско-персидский словарь [Текст] / Г. А. Восканян. – Москва: Русский язык, 1986.– 832 с.*
8. *Русско-таджикий словарь [Текст]. – Москва: Русский язык, 1985. – 1280 с.*
9. *Персидско-русский словарь. Том. 1 [Текст]. – Москва: Русский язык, 1985. – 800 с.*
10. *Персидско-русский словарь. Том. 11 [Текст]. – Москва: Русский язык,1985. – 864 с.*
11. *Айнӣ, С. Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. Куллиёт. Ҷилди 12 [Матн] С.Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976.– 565 с.*
12. *Доро, Наҷот. Фарҳанги Доро. Ҷилди 1 [Матн] / Н. Доро. – Душанбе, 2021. – 658 с.*
13. *Доро, Наҷот. Фарҳанги Доро. Ҷилди II [Матн] / Н. Доро. – Душанбе, 2021. – 698 с.*
14. *Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ. Ғиёс-ул-луғот. Ҷилди 1 [Матн] / Ромпурӣ Ғиёсиддин Муҳаммад. – Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.*
15. *Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ. Ғиёс-ул-луғот. Ҷилди 2 [Матн] / Ромпурӣ Ғиёсиддин Муҳаммад. – Душанбе: Адиб, 1988. – 416 с.*
16. *Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ [Матн]. – Душанбе: Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ - тоҷикӣ, 2006. – 814 с.*
17. *Лебедев, К.А., Яцевич Л.С., Конаровский М.А. Русско - пушту – дари словарь [Текст] / К.А. Лебедев, Л.С. Яцевич, М.А Конаровский. – Москва: Русский язык, 1983. – 768 с.*

ҲАВЗАҲОИ ЗАБОНӢ ВА ТАҲАВВУЛОТИ ЛУҒАВИЮ МАЪНОИИ ВОЖАҲО

Дар ашъори устод Шамсиддин Шоҳин, яке аз намояндагони машҳури адабиёти тоҷики охири XIX ва ибтидои садаи XX, калима ва таркибҳое (тоҷикӣ-форсӣ ва иқтибосӣ - ғолибан арабӣ) ба назар мерасанд, ки барои ҳамаи форсизабонони замони зиндагии ӯ умумӣ буданд. Аммо вобаста ба омилҳои сиёсиву иҷтимоӣ воҳидҳои луғавӣ ба таҳаввулот рӯбарӯ шуданд: бисёре аз онҳо бо мафҳумҳои пешини худ дар форсии Эрон боқӣ монданд, бархе дар дарӣ (-и Афғонистон) ва забони тоҷикӣ тағйири маъно карданд ё ҷойи худро ба унсурҳои дигар доданд. Мо мақсад гузоштем, ки тавассути ин мақола дар заминаи маводди забони ашъори Шамсиддин Шоҳин оид ба ин масъала мулоҳизаҳои худро баён намоем.

Калидвожаҳо: гирифторӣ, чуна, таслим, маърака, таъмир, меҳнат, муоина, дағдаға.

ЯЗЫКОВЫЕ АРЕАЛЫ И ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКИЕ ТРАНСФОРМАЦИИ СЛОВ

В поэзии Шамсиддина Шохина – одного из знаменитого представителя таджикской литературы конца XIX и начало XX века встречались слова и фразы (таджикско - персидские и заимствованные – в основном арабские), которые были едиными для всех персоязычных его эпохи. Однако, в связи с политическими факторами эти словарные единицы подвергались трансформации. Большинство из них сохранились в персидском языке Ирана с прежними понятиями. А некоторые из них меняли своё значения в языке дари (Афганистан) и таджикском языке, или же уступили места другим элементам. Данной статьей мы решили на основании языка поэзии Шамсиддина Шохина выразить своё мнение по данному вопросу.

Ключевые слова: зависимость, известь, капитуляция, битва (арена), строительство (здание), бедствие, осмотр, тревога.

LANGUAGE AREALS AND THE LEXICO-SEMANTIC TRANSFORMATION OF WORDS

In the poetry of Shamsiddin Shohin – one of the prom inentvepvesentatiues of Tajik literatuve at the end of the 19 th and the beginning of the 20 th century – there appeared words and expressions (of Tajik Persian arigin as well as borrowings, primarily from Arabic) that were common to all Persian – speaking communities of his time. However, due to political and social factors, these lexical units underwent transformation. Most of thtm were preserved in the Persian language of Iran with their original meanings in Dari (Afghanistan) and Tajik, or gave way to other eiements. In this article, based on the language of Shamsiddin Shohin' s poetry, we have sought to express our views on this issue.

Keywords: dependence, fame, capitulation, battie field, construction, disaster, inspection, anxiety.

Дар бораи муаллифон

Анварӣ Сулаймон
Номзади илми филология, профессори кафедраи забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷик
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17

Шоҳзода Гулнора
Омӯзгори кафедраи забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67

Об авторах

Анвари Сулаймон
Кандидат филологических наук, профессор кафедры таджикского языка и методики преподования таджикского языка и литературы
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр. Рӯдакӣ, 17

Шохзода Гулнора
Преподаватель кафедры таджикского языка
Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава
735140, Республика Таджикистан,
г. Бохтар, ул. Айни, 67

About the authors

Anvari Sulaymon
Candidate of philological sciences, Professor of the Department of the Tajik Ianguage and methods of Tajik Ianguage and literature
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 17

Shohzoda Gulnora
Teacher of department of Tajik Ianguage
Bokhtar State University named after Nosir Husrav
735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, S.Ayni st., 67

ТДУ 809.155.0

МОРФЕМАИ ҲАМ- ВА РОҲҲОИ КАЛИМАСОЗИИ ОН ДАР ОСОРИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Нематова Д. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Роҳу васоити калимасозӣ яке аз манбаъҳои асосии рушду нуму ва такомули таркиби вожагонии забон маҳсуб меёбад ва ба ин восита, ҳайат ва захираи луғавии забони тоҷикӣ мукаммал мегардад. Таҳқиқ ва баррасии масоили калимасозӣ дар илми забоншиносии тоҷик таърихи на он қадар зиёд дошта, бо вуҷуди ин, дар ин самт аз тарафи як гурӯҳ олимони забоншинос корҳои зиёди таҳқиқотӣ дар замони муосир ва даврони истиқлол ба сомон расонида шудаанд, ки дар байни онҳо муҳаққиқон Ш. Рустамов [12], С. Ҳалимов [18], О. Қосимов [6], С. Раҳматуллозода [11], С. Низомова [9], А. Амлоев [1], М. Олимджонов [10], Ҷ. Валиев [2] ва дигарон ин масъаларо мавриду омӯзишу таҳқиқ қарор додаанд.

То ба имрӯз дар илми забоншиносии тоҷик калимасозӣ, хусусан, дар пояи грамматика омӯхта шуда, оид ба роҳу усулҳои он андешаҳои забоншиносон гуногунанд. Забоншинос М. Муҳаммадиев зимни омӯзиш чор усули калимасозиро зикр намудааст, ки инҳо мебошанд: морфологӣ, луғавӣ-маъноӣ, морфологию синтаксисӣ ва луғавию синтаксисӣ [8, с. 37-45]. Дар китоби “Забони адабии ҳозираи тоҷик” шаш роҳи калимасозӣ: морфологӣ, синтаксисӣ-морфологӣ, морфологӣ-синтаксисӣ, луғавӣ-синтаксисӣ, лексикӣ-семантикӣ, калимасозӣ бо роҳу усулҳои ихтисора нишон дода шудааст.

Мо низ дар ин роҳ ба ақидаи олимони забоншинос такя намуда, ҳам дар назария ва ҳам дар амалияи мақолаи хеш ба онҳо таваҷҷуҳ намудем.

Лоиқ Шералӣ аз зумраи шоиронест, ки дар баробари Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода дар инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷик саҳми босазое гузоштааст. Забони осори Лоиқ ҳам аз ҷиҳати таркиби луғавӣ, ҳам аз нигоҳи сохтор, калимасозиву калимабандӣ, таркибу иборасозӣ ва ҷумлабандӣ низ бағоят дилпазиру гуворост. Шоир барои ифодаи мақсади худ аз имконоти афзуну беинтиҳо ва пурғановати забони тоҷикӣ бо маҳорати том истифода мебарад. Ин аст, ки шоир дар эҷодиёти нотакрораш аз воҳидҳои луғавии классикӣ бештар корбаст намуда, онҳоро ба воситаи осори худ ба мардум пешкаш намудааст.

Устод Лоиқ Шералӣ дар калимасозӣ бо пешванди **ҳам-** хеле пухтакору ботаҷриба буда, ҳангоми истифодаи ин морфема ба қоидаҳои сарфии забони тоҷикӣ эҳтиёткорона риоя кардааст. Аз осори Лоиқ бармеояд, ки ӯ боигарии забони зиндаи халқро хеле моҳиронаву устокорона истифода карда, чандин калимаҳои навро ба таркиби луғавии забон ворид намудааст, ки баъзеи онҳо дар луғатҳо ба назар намерасанд. Инҳо вожаҳои ҳамзод (саҳ. 300)*, ҳамсоядил (саҳ. 446), ҳамниҳод (саҳ. 79), ҳампарвоз (саҳ. 35, 39, 92, 221, 287), ҳамшиша (саҳ. 386), ҳамгӯр (саҳ. 490), ҳамхумор (саҳ. 367), ҳамгунаҳ (саҳ. 365), ҳамсафир (саҳ. 140), ҳамшева (саҳ. 361), ҳамзӯр (саҳ. 291), ҳамқафас (саҳ. 525), ҳамрод (саҳ. 512), гӯрҳамсоя (ҳамсоягӯр) (саҳ. 449), ҳампар (саҳ. 323, 429), ҳамсифат (саҳ. 43), ҳамсуруд (саҳ. 140), ҳамнола (саҳ. 391), ҳамқарор (саҳ. 367), ҳамбаҳор (саҳ. 367), ҳамтарозу (саҳ. 403), ҳамбар (саҳ. 404), ҳамтарона (саҳ. 367), ҳамлона (саҳ. 452), ҳамбазм (саҳ. 460), ҳамҳол (саҳ. 140) ҳамшӯр (саҳ. 205, 294, 369), ҳамнола (саҳ. 361) ва ғайра мебошанд. Ҳангоми гирдоварии мавод мо калимаҳоеро пайдо намудем, ки бо эҳтимоми шоир дар забон мавқеъ ёфтаанд ва аввалин гӯяндаашон Лоиқ мебошад:

*То **ҳамтарона** будиям, дунё тарона дошт,*
То ғамгусор будиям, ғам бӯйи ёр дошт.
Имрӯз аз хазони ишқ афсӯс мехӯрам,
*То **ҳамбаҳор** будиям, дунё баҳор дошт (саҳ. 367).*

Дар ин порчаи шеърӣ шоир ду вожа **ҳамтарона** ва **ҳамбаҳор**ро истифода намудааст, ки сохта ва эҷоди худи шоиранд. Маънои луғавии тарона дар фарҳангҳо чунин шарҳ ёфтааст**: суруд, нағма оҳанг** ва **наво.**

*Суруде хоҳаму достон, ки дунё **ҳамсадою ҳамнаво** бошад,*

* Мисолҳо дар қавсайн аз китоби зайл дода шудаанд: Шералӣ Л. Куллиёт. Ҷ.1. / Л. Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 560 с.

Заминҳову замонҳоро висолу иттисол орад.
Барои ҳар забону миллату ирқу нажоди даҳр,
Фаҳмову раво бошад (саҳ. 84).

Агар калимаи **баҳор** маънои фасли солро ифода кунад, дар ин порчаи шеърӣ вожаи **ҳамбаҳор** ба маънои маҷозияш, яъне авҷи гулафшонии умр, давраи ҷавонӣ ва инчунин, ба маънои равнақу ривоҷ, нишоти умр истифода шудааст.

Аз бозии кӯдакон хушам меояд,
Аз хандаи беғамон хушам меояд.
Чун ҷуфти кабутаре бубинам дар бом,
***Ҳамлонаю ҳамзабон**, хушам меояд (саҳ. 452).*

Вожаи "**лона**" дар луғати тафсирӣ ба маънои хонаи ҷонварон, ошёнаи парандагон, ошён ва ба маънои маҷозии сокинони як хона, ҷой, кулба, макон оварда шудааст (ФТЗТ), ки бо калимаҳои **ҳамошён, ҳамхона** муносибати муродифӣ доранд:

Ёд кун аз ман, ки андар чор фасли умри ишқ,
***Ҳамзабон, ҳамошён, ҳамдостонат** будаам (саҳ. 375).*
*Тӯ **ҳамхонаю ҳамгӯри** ошиқ,*
Гули шодоби ҷашну сури ошиқ (саҳ. 490).

Дар осори пуразиши Лоиқ Шералӣ хусусиятҳои наҷиби морфологии калимасозиро оид ба пешванди **ҳам-** вохӯрдем, ки адиб аз ин усул моҳирона истифода карда, калимаҳои нав офаридааст. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки Лоиқ Шералӣ ба сохтори калима ва мавқеи истифодаи он дар шеърҳояш эътибори ҷиддӣ дода, ҳатто дар ҳар як байташ андешаҳояшро бо маҳорати тамом баён намудааст.

Дар рушду нумуи таркиби луғавии забон пешвандҳои калимасоз нақши намоён доранд. Пешванди вожасози ***ҳам-*** ягона пешванде мебошад, ки дар калимасозии исм иштирок менамояд ва хусусияти зиёди калимасозиро низ доро мебошад. Ин морфема аз исм исмҳое месозад, ки муносибати дутарафа, ҳамроҳӣ ва шарикиро оид ба шахс ифода менамояд: ***ҳамроҳ, ҳамсоя,ҳамхона, ҳамҷинс*** ва ғайра. Дар "Фарҳанги забони тоҷикӣ" пешванди **ҳам-**ро ҷузъи аввали калимаҳои мураккаб номида, онро **"рафоқат**, **шабоҳат** ва **шарокат** (шарикӣ) маънидод кардаанд ва ҳамчун далел якчанд вожаҳоро намуна оварданд: **ҳамдам, ҳамроҳ, ҳамном** [14, с. 5, 72]. Ҳол он ки барои инҳоро калимаи мураккаб ном бурдан ё ҳамнишин шудан асос калимаҳои мустақилмаъно дар як қолиби калимасозӣ муҳим мебошад. Чӣ тавре ки дар мисолҳои боло қайд шуд, ***ҳам-*** чун морфемаи калимасоз дар аввали решаи калима омада, аз як вожа вожаи дигар сохтааст.

Дар осори Лоиқ Шералӣ пешванду пасвандҳои калимасоз мақоми намоён дошта, саҳми онҳо дар сохтани калимаҳо назаррас аст. Зимни тадқиқот дар осори Лоиқ Шералӣ мо калимаҳои зиёдеро вохӯрдем, ки бо морфемаи калимасози **ҳам-** сохта шудаанд.

Муҳаққиқ Валиев Ҷ. дар рисолаи номзадии худ, ки "Калимасозии исм дар осори Абдулҳамид Самад" номгузорӣ шудааст, бо пешванди исмсози **ҳам-** ҳамагӣ 59 калимаро вохӯрдааст, ки шарикӣ, ҳамроҳӣ ва муносибати дутарафаи шахс ва ашёро ифода кардаанд. Дар намунаҳо инчунин, вожаҳое, ки руҳи замони нависандаро баён мекунанд, нишон дода шудааст: **ҳамсабақ, ҳамкурс, ҳамсафар, ҳамхизмат, ҳамхун** ва ғайра [2, с. 24].

Нақши пешвандҳои калимасоз дар забон ниҳоят васеъ буда, дар рушди таркиби луғавии забон саҳми бориз доранд. Мавзуи мо "Морфемаи ҳам- ва роҳҳои калимасозии он дар осори Лоиқ Шералӣ" номгузорӣ шудааст ва ягона пешванди исмсози **ҳам-** дар сохтани калимаҳои исмӣ иштирок мекунад. Пешванди калимасози **ҳам-** яке аз унсурҳои фаъоли калимасозӣ буда, таваҷҷуҳи забоншинос М.Н. Қосимоваро низ ба худ ҷалб намудааст. Ӯ чунин менигорад: "Преффикси **ҳам-** хеле серистеъмол буда, бештар исм месозад: **ҳамбар,ҳамранг ҳамҷинс** ва ғ. Префикси ҳам- дар сохтани баъзе ҷонишинҳо низ корбаст мешавад **ҳам**ин, **ҳам**он, **ҳам**чунин, **ҳам**чунон" [7, с. 128]. Дар осори Лоиқ Шералӣ унсури калимасози **-ҳам** ба таври фаровон истифода шудааст. Бо ин морфема дар осори шоир зиёда аз 120 калимаро пайдо намудем, ки ҳар кадоми онҳо бамаротиб дар шеърҳои Лоиқ истифода шудаанд. Ин унсурҳо ба калимаи маънодоре, ки пешванди **ҳам-** ба он васл мегардад, зоҳир мешаванд: ҳамдаст (7), ҳамсабақ (2), ҳамдил (14), ҳамроҳ, ҳамраҳ (14), ҳамнаво (4), ҳамқофия (1), ҳамшафат (1), ҳамрадиф (3), ҳамшир (1), ҳамризо (1), ҳамнишон(ӣ) (4), ҳамзамон (а) (5), ҳамсомон (1), ҳамзабон (10), ҳамзабонӣ (3), ҳамҷом (2), ҳамдаврон (3), ҳамсол (7), ҳамбол (7), ҳамнишин (3), ҳамнишаст (1), ҳамзамин (1), ҳамсуруд (1), ҳамошён (4), ҳамқад (2-), ҳамовар (4), ҳамнаво (3), ҳамназар (3), ҳамҳудуд (1), ҳамзод (1), ҳамқисмат (4), ҳамтақдир (3), ҳамсоядил (1), ҳамсоя (8), ҳамсоядар (1), гӯрҳамсоя (1), ҳамоғӯш (4), ҳамсуҳбат (3) ҳампар

(2), ҳамдарс (1), ҳамандеша (1), ҳамнафас (4), ҳамроз (8), ҳампарвоз. (5), ҳамнасиб (2), ҳамнасаб (2), ҳамҷавор (6), ҳамсадо (3), ҳамдиёр (3), ҳамсар (6), ҳамгавҳар (1), ҳамахтар (1), ҳаммаслак (1), ҳамоин (1), ҳамсол (5), ҳамсанг (1), ҳампо (5), ҳамдам (8), ҳамбастагӣ (1) ҳамдард (ӣ) (10), ҳамнабард (1), ҳамнажод (3), ҳамсифар (3), ҳамдабистон (1), ҳамсоядухтар (3), ҳамниҳод (1), ҳамкорӣ (1), ҳампаймон (2), ҳамсафир (1), ҳамсуруд (2), ҳамдӯш (2), ҳамном (2), ҳамкор (2), (1), ҳаммаҳфил (1), ҳамсоғар (3), ҳамшӯр (3), ҳамҷур (2), ҳамбаста (1), ҳамқад (1), ҳампанҷагӣ (1), ҳамдостон (6), ҳамқалам (4), ҳамқадаҳ (3), ҳамсанг(1), ҳамсухан (1), ҳамсаф (2), ҳамнола (1), ҳамканор (4), ҳамгунаҳ (1), ҳамтан (1), ҳамқарор (1), ҳамхумор (1), ҳамбаҳор (1), ҳамқадам (5), ҳамшиша (1), ҳамтароз (2), ҳамтарозу (1), ҳамхун (1), ҳамбар (1), ҳамҷода (1), ҳаммиллат (1), ҳамватан (3), ҳамлона (1), ҳамбазм(1), ҳамрикоб (1), ҳамнавъ (1), ҳамхона (1), ҳамгӯр (1), ҳамрикобӣ (1), ҳамрой (1), ҳамгинон (1), ҳампушт (1), ҳамрод (1), ҳамқафас (1), ҳамреша (1), ҳамравонӣ (1), ҳамҳол (1), ҳамшева (1), ҳамшеван (1), ҳамсоз (1) ва ғ.

Забоншинос Ш. Рустамов дар китоби худ “Каломи Лоиқ” чунин нигоштааст: “Дар бобати калимасозӣ Лоиқ мавқеъшинос аст. Ӯ дигар унсурҳои калимасозро низ барои офаридани луғату образ ва ҳусну таъсири калом истифода мекунад. Ҳатто ягона пешванди калимасози исм ба ҳамин мақсад нигаронида шудааст. Пешванди “ҳам-” аз дигар унсурҳои калимасози забони тоҷикӣ бо он фарқ мекунад, ки бо калимаҳо маънии ҳамроҳӣ, шарокат, ваҳдат ва муттаҳидӣ мебахшад. Калимаҳои **ҳамбахту ҳамнасиба, ҳамширу ҳамризоӣ, ҳамгавҳару ҳамахтар, ҳаммаслаку ҳамоин, ҳамсолу ҳамнишин, ҳамдостону ҳамдил, ҳамсолу ҳамзамон** низ тавсифи калимаи **“мо”** буда, ҳамаи онҳо дар айни замон баёнияи баробарвазни таркиби ёру бародар мебошанд, ки дар тамоми бандҳо ба ин вазифа такрор омадааст” [13, с. 113].

Адиб дар бандҳои овардашуда дар калимабандию калимасозӣ, дар баробари морфемаи ҳам- барои хушоянду гӯшнавоз шудани шеър муродифҳои ҷуфтистеъмолро истифода намудааст, ки мисолҳои дар боло зикршуда гувоҳи онанд.

Лоиқ Шералӣ фарҳангу луғатро заминаи асосии омӯзиши забон ҳисобида, аз луғатҳои пешин “Луғати фурс”, “Ғиёс-ул-луғот”, “Туҳфат-ул-аҳбоб”, “Фарҳанги Муин” ва фарҳанги замони муосир китоби дуҷилдаи “Фарҳанги забони тоҷикӣ”-ро мавриди корбурд қарор додааст. Ба ақидаи муҳаққиқ Усмонҷон Ғаффоров “Инҳо асарҳое буданд, ки дар ташаккули дониш, ҷаҳонбинӣ ва баланд бардоштани захираи луғавии шоир кумак расонидаанд” [4, с. 19]. Лоиқ Шералӣ хуб мефаҳмид, ки дар фарҳангҳои қадимаи тоҷикӣ на танҳо шарҳи калимаҳо ва инкишофу такомули онҳо инъикос ёфтааст, балки дар онҳо воқеаҳои таърихӣ, адабӣ ва илмӣ низ баён шудаанд.

Лоиқ дар эҷоди калимасозӣ дар баробари имкониятҳои маъноӣ, наҳвӣ, хусусан, дар офаридани силсилаи баёнияҳо, таркибҳои тавсифӣ бо калимаи “як” аз калимасозии пешванди **ҳам-** эҷодкорона ва мавридшиносона истифода карда, умумияти маъноии пешванди ҳам- ва тобиши маъноии калимаи “як”-ро нишон дадааст. Дар ин тарзи ифода калимаҳои баёншаванда бо пешванди “**ҳам-**”сохта шуда, ҷамъбаст мешаванд.

Ангӯштҳои як даст, як дасти пуртавонем.
***Ҳамбахту ҳамнасиба** - ёру бародаронем...*
Аз модари замона, фарзанди тавъамонем,
***Ҳамширу ҳамризоӣ** ёру бародаронем...*
Хурду бузург тобон, наҷми як осмонем,
***Ҳамгавҳару ҳамахтар** ёру бародаронем...*
Абёти шоҳворӣ як шеъру достонем,
***Ҳаммаслаку ҳамоин** ёру бародаронем.*
*З-он пас бидонӣ мо чун **ҳамному ҳамнишон**ем,*
***Ҳамдостону ҳамдил** –Ёру бародаронем...*
Авроқи як китоби таърихи ҷовидонем,
***Ҳамсолу ҳамзамона** ёру бародаронем... (саҳ. 104, 105).*

Лоиқ Шералӣ чун шоири тавонои миллат ва ворису донандаи хуби забони тоҷикӣ аз таркиби луғавии забон фаровон истифода бурдааст. Забони шоир на танҳо аз ҷиҳати таркиби луғавӣ, балки аз лиҳози сохтор, калимасозиву калимабандӣ, таркибу иборасозӣ ва ҷумлабандӣ низ рангину гуворост. Морфемаи **ҳам-** яке аз унсурҳои калимасози забони тоҷикӣ буда, бештар калимаҳое месозад, ки маънои ҳамроҳӣ ва муттаҳидӣ доранд:

Шоирони асри фатҳи осмон,
*Ҷумла **ҳампарвоз** мебошанд бо кайҳоннавардон.*

Баски як шаҳболашон бошад агар боли Ватан.
Шоҳболи дигари эшон бувад боли фану боли сухан (саҳ. 287).

Аз ин порчаи шеърии устод Лоиқ Шералӣ калимаи **ҳампарвозро** мисол овардем, ки маънои ҳамроҳиро ифода карда, аз пешванди исмсози **ҳам-** ва исми **парвоз** сохта шудааст, ки ин калима бо вожаҳои **ҳамбол ва ҳампар** ҳаммаъно мебошад:

*Ману ту ҷуфти **ҳамдардему ҳамдил,***
*Ману ту ҷуфти **ҳампарвозу ҳамбол** (саҳ. 92).*
Гӯиё парвоз дорам дар фазо
*Бо ту,эй **ҳамболу ҳампарвоз**и ман (саҳ. 221).*
Эй паршикастаи ман,мисли уқоб бигзашт,
***Ҳамболу ҳампар**и ту,дидор то қиёмат (саҳ. 429).*

Дар мисраҳои зикргардида муродифоти ҷуфт дар назми шоир тавассути пайвандаки –у сохта шудаанд, ки ҷузъҳояшон маънои мустақил доранд.

Муродифоти ҷуфт дар ташаккули вожагони забони тоҷикӣ саҳми муҳим доранд. Масалан, вожагони **ҳамболу ҳампар** асосан аз ҷиҳати баромад тоҷикӣ мебошанд, ки дар осори шоир ба маънии аслии худ корбурд шудаанд.

Ба ҳамин монанд, калимаҳоеро мисол оварда метавонем, ки ҳангоми таҳқиқи мавод вохӯрдем: **ҳамниҳод, ҳамдара, ҳамсон, ҳамдаврон.** Устод Лоиқ дар номаи ҷавобӣ ба шоири Афғонистон Сулаймон Лоиқ, ки худро "Лоиқи ғамҳо" ва Лоиқи тоҷикро "Лоиқи шодиҳо" номидааст, калимаи **"ҳамсафир"**-ро хеле дилкашу муассир истифода намудааст:

*Мо на танҳо **ҳамҷавору ҳамҳудуд,***
*Ҳамдилему **ҳамсафиру ҳамсуруд.***
Сӯйи ту, эй Лоиқи разму набард,
Мефиристад Лоиқи ошиқ дуруд! (саҳ. 140).

Дар ин ҷо вожаҳои **ҳамҷавору ҳамҳудуд** бо пайвандаки **– у** муродифи ҷуфт шуда ба маънии **ҳамсояи наздик** корбаст шудааст.

Калимаи **сафир** дар луғат ба маънои 1.намояндаи як давлат дар давлати дигар, фиристода, намояндаи сиёсии як мамлакат дар мамлакати дигар. 2.хониш ва садои парандаҳо. 3. дар маъданшиносӣ ба маънои ёқути кабуд [14, с.15] оварда шудааст, вале калимаи **ҳамсафир** дар мисоли овардашуда ба маънои ҳамовоз ва ҳамсадо омадааст, ки адиб онро дар мавқеаш корбаст намудааст.

Адиб дар сохтани калима дар заминаи тарҷума низ маҳорати хосса дорад. Масалан, калимаи русии "собутильник"-ро содаву равон дар шакли "ҳамшиша" истифода кардааст. Ин калима дар забони тоҷикӣ муродифи калимаи ҳамқадаҳ мебошад (саҳ. 327, 423, 469), ки шоир онро бо вожаҳои ҳамсоғар (саҳ. 43, 198, 386), ҳамҷом (саҳ. 110, 484) низ истифода намудааст:

*Шудам пазмонат, эй **ҳамшишаву ҳамсоғарам**, Варзоб,*
Биё, ҷоме ба ҳам гирем, пеш о дар барам, Варзоб.
Ҳама занги диламро ҳар замон пеши ту меорам,
Даме руҳи маро бинвоз, эй хунёгарам, Варзоб (саҳ. 386).

Дар ин ҷо калимаҳои **ҳамшишаву ҳамсоғар** истифода шудаанд, ки агар аз як тараф эҷоди калимасозии шоирро ифода намоянд, аз тарафи дигар ба ҳам муродифи ҷуфтистеъмол шуда, маънои ҳамроҳиву шарокатро ифода менамоянд. Дар фарҳанги забони тоҷикӣ калимаҳои **ҳамсоғар** ва **ҳамшиша** пайдо нашуд, аммо мо калимаҳои **шиша** ба маънои **1.** ҷисми шаффофи шикананда, **2.** зарфи шишагӣ барои моеот ва **соғар** ба маънои зарфи шаробнӯшӣ, пиёла, қадаҳро пайдо намудем, ки шоир ба калимаҳои зикршуда пешванди **ҳам-**ро ҳамроҳ намудааст:

*Офарин, **ҳамқаламон, ҳамқадамон, ҳамқадаҳон**,*
Бо ҳама теғи забон, теғи қалам, бесилаҳон (саҳ. 423).
*Ман на онам, ки бувад **ҳамқадаҳи** бехабарон,*
*Ман на онам, ки бувад **ҳамраҳи** бепову сарон (саҳ. 328).*
*Шукри ёрони **ҳамдилу ҳамҷом**,*
Шукри ёрони дуру наздикам (саҳ. 110).

Дар ҷойгоҳи калима арзи вуҷуд доштан, яъне муродиф шудани пешванди ҳам- бо калимаи **низ** таърихи баромади форсӣ доштани он ва ҷузъи калимаро ташкил додани ин таркиби овозиро муаллифи "Ғиёс-ул-луғот" -и Муҳаммад Ғиёсиддин низ таъкид намудааст. Ӯ дар луғат наздики 20 калимаи исмии сохтаро ба пешванди **ҳам-** шарҳу тавзеҳ додааст, ки барои ифодаи муносибатҳо дар муошират корбурд шудаанд.

Муҳаққиқон ба он ақидаанд, ки дар забони адабии классикӣ ва ҳам дар забони адабии муосири тоҷик дар калимасозии пешвандии исм танҳо морфемаи **ҳам-** банду баст шуда, пешвандҳои дигари исмсоз то замони анҷоми ташаккулёбии забони тоҷикӣ вазифаи пашвандии худро аз даст дода, ба ҷузъи таркибии калимаҳо табдил ёфта, шакли рехтаву яклухтии калимаро пайдо кардаанд [14, с. 124].

Муҳаққиқон нақши калимасозии пешванди **ҳам-**ро дар заминаи маводи асарҳои бадеии назмию насрӣ дар баъзе корҳои илмию таҳқиқотии худ инъикос кардаанд. Аз ҷумла, С. Ҳалимов, С. Низомова, А. Амлоев, Ҷ. Валиев дар диссертатсияҳои номзадию докториашон калимасозии исмро дар асарҳои гуногун таҳқиқ намудаанд. Дар "Гулистон"-и Саъдии Шерозӣ пешванди **ҳам-** дар сохтани ҳамагӣ ҳашт калима [18, с. 306], дар достонҳои "Хамса"и Низоми Ганҷавӣ бештар аз шасту чор вожа [9, с. 180], дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев сиву шаш вожа [1, с. 10] ва дар насри бадеии Абдулҳамид Самадов панҷоҳу нуҳ вожа [2, с. 65] корбаст шудааст. Аз таҳқиқоти болозикр маълум мегардад, ки доираи истеъмоли пешванди ҳам- дар ашъори Лоиқ Шералӣ нисбат ба адибони дигар густурдаву фарох аст. Таҳлили омории калимаҳои бо ин пешванд сохташуда дар осори шоир нишон дод, ки ӯ дар беш аз 120 вожа пешванди ҳам-ро ба кор бурдааст. Бинобар ин, маълум мешавад, ки Лоиқ Шералӣ дар баробари эҷоди назм, аз ҳисоби маънои маҷозӣ пайдо кардани калимаҳо вобаста ба муҳити иҷтимоиву фарҳангӣ, калимасозиро муттасил рушд додааст.

Ҳамин тариқ, баррасии масъалаи нақши морфемаи **ҳам-** дар осори Лоиқ Шералӣ тавассути роҳҳои морфологии калимасозӣ ё ба воситаи пешванду пасвандҳо сохта шудани исмҳо нақши боризро дорост.

Лозим ба ёдоварист, ки бо пешванди **ҳам-** дар осори шоир на фақат исм, балки сифат низ сохта шудаанд, вале дар кори мо танҳо вожаҳои исмсохтаи пешванди **ҳам-** ба назар гирифта шудааст.

*Бешак, ӯ мебуд марди **ҳамназар,***
Бо Сиолковискӣ ё ки Эншитен.
Дар замин меҷуст агар рози фалак,
Дар фалак рози замин (саҳ. 139).

Вожаи **ҳамназар** дар ин порчаи шеърӣ ба маънои ҳамфикр, ҳамақида корбаст шудааст. Ё ин ки дар мисраъҳои зерини дигар шоир овардааст:

То ба кӯҳистон расидед,
*Чун бародарҳои **ҳамзоде** қатор андар қатор.*

Пешванди ҳам- дар байти зерини шоир калимаи сохтаи **ҳамзод** сифати исми **бародар** шуда омадааст.Инчуни вожаи **ҳамзод** ба маънои **ҳамсин, ҳамсол** корбурд мешавад.

Морфемаи **ҳам-** дар мисраъҳои дигари шоир низ ба исм ҳамроҳ шуда, сифат сохтааст.

Як нафас боз сабр бинмоед,
Чеҳраҳотон ба ёди худ гирам.
*Дӯстон, дӯстони **ҳамдарсам**,*
Пас равам ҷустуҷӯи тақдирам (саҳ. 30).

Пешванди **ҳам-** инчунин бо зарф омада, зарфи замон, исмҳои шахс ва ғайришахс месозад: **ҳампушт, ҳампаҳлу.**

Зи дасти тирандозони бадзот,
***На ҳамдасту на ҳампуштем** худро (саҳ. 509).*

Исми сохтаи **"ҳамнишин"** ба маънои бо ҳам дар як ҷо нишинанда, ҳамсуҳбат, мусоҳиб, ҳамдам, ҳар як аз касоне, ки бо ҳамдигар муошират ва дӯстии наздик доранд омада, исми ифодакунандаи шарокат сохтааст. Дар таркиби вожаи **ҳамнишин** бо асоси феълии **"нишин"** омада, исми ғайришахсро сохтааст.

*Лек ман шодам, ки будам **ҳамнишин** бо зиндагонӣ,*
***Ҳамнишину ҳамнишон** бо рӯзгори ҷовидона (саҳ. 389).*

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик, дар сохтани исмҳо ҳамагӣ як пешванд **ҳам-** нишон дода шудааст, ки корбасти он дар ашъори Лоиқ ба таври фаровон истифода шудааст. Дар корбурди ин пешванд, баробари анъанаҳои калимасозӣ ҳамчун эҷодкориҳои шоир дар корбурди морфемаи **ҳам-** ба мушоҳида расидааст. Дар забони адабии имрӯзаи тоҷик истифодаи пешванди **ҳам-** зуҳуроти муқаррарӣ маҳсуб ёфта, дар сохтани калимаҳо ва истифодабариаш дар нутқ маҳсулнокии зиёде дорад, ки мо дар мақолаи худ тавонистаем аз ин пешванд васеъ истифода намоем.

Хулоса, морфемаи исмсози **ҳам-** дар забони тоҷикӣ серистеъмол буда, аз мавқеи устувори пешванди мазкур дар калимасозӣ гувоҳӣ медиҳад.

Адабиёт

1. *Амлоев А. Калимасозии сарфии исм дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев.// А. Амлоев.- Душанбе: ДСРТ, 2016. - 151 с.*
2. *Валиев Ҷ.А. Калимасозии исм дар осори А. Самад. – дис. номзадӣ // А.Ҷ. Валиев. Душанбе. 2023. - 196 с.*
3. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1985. - қисми 1: Фонетика ва морфология. – 356 с.*
4. *Ғаффоров У. Лоиқ Шералӣ / У. Ғаффоров. - Хуҷанд: "Адиб", 2012. – 513 с.*
5. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. – Душанбе: Маориф, 1973. – қисми 1 китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. – 464 с.*
6. *Косимов О. Суффиксальное словообразование имён существительных в «Шахнаме» Абулкосима Фирдоуси. – Душанбе, 1988.*
7. *Қосимова, М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ, қисми 1. / М. Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 490 с.*
8. *Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ. / М. Муҳаммадиев // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе, 1967. – 134 с.*
9. *Низомова С. Калимасозии исм дар "Хамса"-и Низомии Ганҷавӣ./ С. Низомова. – Душанбе, 2002. – 180 с.*
10. *Олимджонов М. О. Структурно-семантические особенности композитов в поэзии Бедиля (на примере композитов типа татпуруша): Автореферати диссертатсия. – Душанбе, 2024. – 49 с.*
11. *Раҳматуллозода С. Калимасозии исм (дар асоси маводи шеваҳои ҷанубу шарқии забони тоҷикӣ) / С. Раҳматуллозода. – Душанбе: Дониш, 2019. – 57 с.*
12. *Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов – Душанбе: Дониш, 1972. – 79 с.*
13. *Рустамов Ш. Каломи Лоиқ / Ш. Рустамов. – Душанбе, 2003. – 170 с.*
14. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (асри X то ибтидои асри XX). – Душанбе: Сов. Энциклопедия, 1969. Ҷ. 2. – 904 с.*
15. *Хоркашев С. Калимасозии исм бо пасвандҳо (аз рӯйи маводи шеваи ҷанубу шарқии забони тоҷикӣ) / С. Хоркашев. - Душанбе: Ирфон, 2010. – 144 с.*
16. *Хоркашев С. Ташаккули таркиби луғавӣ ва калимасозӣ / С. Хоркашев. – Душанбе, 2014. – 106 с.*
17. *Хоркашев С. Калимасозии исм бо пасвандҳо / С. Хоркашев. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 143 с.*
18. *Ҳалимов С. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик (аз рӯйи забони «Гулистон»-и Саъдӣ) // Масъалаҳои забон ва адабиёт / С. Ҳалимов. Қисми 1/2. – Душанбе, 1975. – С. 283-307.*
19. *Шералӣ Л. Куллиёт. ҷ.1 / Л. Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 560 с.*

МОРФЕМАИ ҲАМ- ВА РОҲҲОИ КАЛИМАСОЗИИ ОН ДАР ОСОРИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Роҳу васоити калимасозӣ яке аз манбаъҳои асосии рушду нуму ва такомули таркиби вожагонии забон маҳсуб меёбад ва ба ин восита ҳайат ва захираи луғавии забони тоҷикӣ мукаммал мегардад. Таҳқиқи роҳҳои калимасозии осори устод Лоиқ Шералӣ яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ ба шумор меравад. Ин аст, ки дар мақола вазифаи морфологии қолибҳои калимасозӣ бо пешванди **ҳам-** дар асоси маводи осори Лоиқ Шералӣ баррасӣ карда мешавад. Муаллиф, асосан, ба қолиби калимасозии пасвандҳои **ҳам-** таваҷҷуҳ зоҳир карда, онро мавриди омӯзиш қарор дода, имконияти пешванди номбурдаро дар қолибҳои болозикр нишон медиҳад. Дар осори шоир калимасозӣ оид бо пешванди зикршуда, далели он аст, ки пешванди **ҳам-** ба гурӯҳи пешвандҳои сермаҳсул дохил шуда, хусусияти ҳамроҳию шахссозиро ифода мекунад. Мо то ҳадде кӯшидем, ки дар осори адиб калимаҳоеро, ки бо пешванди зикршуда сохта шудаанд ҷудо намуда, таҳлил намоем. Дар осори пуразиши Лоиқ Шералӣ хусусиятҳои наҷиби морфологии калимасозиро оид ба пешванди **ҳам-** вохӯрдем, ки адиб аз ин усул моҳирона истифода карда, калимаҳои нав офаридааст. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки Лоиқ Шералӣ ба сохтори калима ва мавқеи истифодаи он дар шеърҳояш эътибори ҷиддӣ дода, ҳатто дар ҳар як байташ андешаҳояшро бо маҳорати тамом баён намудааст.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, ҳам-, морфема, қолиб, омоморфема, исм, пешванд, ҳамроҳӣ, осор, морфология, шеър, мисраъ, сермаҳсул.

МОРФЕМА ХАМ- И СПОСОБЫ ЕЁ СЛОВООБРАЗОВАНИЯ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ЛОИКА ШЕРАЛИ

Способы и средства словообразования является одним из основных источников развития, роста и совершенствования словарного состава языка, и посредством этого совершенствуется состав и словарный состав таджикского языка. Изучение способов словообразования в творчестве Лоика Шерали считается одной из самых актуальных научных проблем. Именно поэтому в статье рассматривается морфологическая функция словообразовательных моделей с префиксом хам- на материале произведений Лоика Шерали. Автор уделяет основное внимание словообразовательной

модели суффиксов, изучая ее и показывая возможности вышеуказанного префикса в указанных моделях. В творчестве поэта словообразование с вышеуказанным префиксом свидетельствует о том, что префикс хам- входит в группу продуктивных префиксов, выражающих характер ассоциации и персонализации. Мы попытались выделить и проанализировать слова, образованные с помощью вышеуказанного префикса в произведениях писателя. В ценных трудах Лоика Шерали мы столкнулись с благородными морфологическими особенностями словообразования относительно префикса «-», поскольку писатель умело использовал этот прием для создания новых слов. Стоит вспомнить, что Лоик Шерали уделял серьезное внимание структуре слов и месту их использования в своих стихотворениях, выражая свои мысли с полным мастерством в каждом из своих стихов.

Ключевые слова: словообразование, хам-, морфема, шаблон, омоморфема, имя собственное, префикс, сопровождение, произведение, морфология, стихотворение, стих, продуктивный.

MORPHEME HAM- AND THE METHODS OF ITS WORD FORMATION IN THE WORKS OF LOIK SHERALI

Ways and means of word formation are one of the main sources of development, growth and improvement of the vocabulary of the language, and through this the composition and vocabulary of the Tajik language is improved. The study of word formation methods in the works of Loik Sherali is considered one of the most pressing scientific problems. That is why the article examines the morphological function of word formation models with the prefix хам- based on the works of Loik Sherali. The author pays special attention to the word formation model of suffixes, studying it and showing the possibility. The author pays special attention to the word-formation model of suffixes, studying it and showing the possibilities of the above-mentioned prefix in the indicated models. In the poet's works, word formation with the above-mentioned prefix indicates that the prefix ham- is part of the group of productive prefixes expressing the nature of association and personalization. We tried to identify and analyze words formed with the help of the above-mentioned prefix in the writer's works. It is worth remembering that Loik Sherali paid serious attention to the structure of words and the place of their use in his poems, expressing his thoughts with complete mastery in each of his poems.

Keywords: word formation, ham-, morpheme, template, homomorpheme, proper name, prefix, accompaniment, work, morphology, poem, verse, productive.

Дар бораи муаллиф
Нематова Дилафрӯз Амоновна
Омӯзгори кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: dilafruzbm@gmail.com

Об авторе
Нематова Дилафрӯз Амоновна
Преподаватель общеуниверситетской кафедры таджикского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: dilafruzbm@gmail.com

About the author
Nematova Dilafruz Amonovna
Teacher of the General University Department of Tajik Language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: dilafruzbm@gmail.com

ТДУ 821.222.1.09

МАВҚЕИ ТЕОНИМҲО ДАР «ХАМСА»-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Ваҳҳобов Т., Бобоҷонова Д. А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Дар забоншиносии тоҷик доир ба масъалаи омӯзиши гурӯҳҳои луғавии таркиби луғавии забони тоҷикӣ корҳои ҷолиб ба анҷом расидаанд. Тадқиқотҳои мазкурро зимни аҳамият ва дарбаргирии масоили баррасӣ ва коркард ба чанд гурӯҳ табақабандӣ намудан ба мақсад мувофиқ мебошанд. Гурӯҳи аввалро мақолаю асарҳое ташкил медиҳанд, ки онҳо аҳамияти муқаддимотию масъалагузорӣ доранд. Дар ин бахш зикр намудани як идда мақолаҳои ба таркиби луғавӣ бахшидаи профессорон Н.Маъсумӣ, Н.Шаропов, Р.Ғаффоров, Б.Камолиддинов, дотсентон М.Муҳаммадиев, Қ.Мухторӣ, Б.Маҳкамова ва дигарон ҷоиз аст [10; 12; 14; 31 ва ғ].

Гурӯҳи дигар асару мақолаҳое мебошанд, ки зимни омӯзиши забон ва услуби асарҳои илмию адабӣ бахшида шудаанд ва таркиби луғавии онҳоро аз рӯи ифодаю мансубияташон ба гурӯҳҳои муайян табақабандӣ шудаанд [12; 13; 21; 26; 32; 33 ва ғ.].

Инчунин, боз гурӯҳи навбатиро асарҳое ташкил медиҳанд, ки бевосита ба баррасии гурӯҳҳои луғавии таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ ва шеваю лаҳҷаҳои он бахшида шудаанд ва дар ин самт аҳамияти вижа доранд, аз ҷумла, тадқиқотҳои Д.Саймиддинов, О.Қосимов, М.Ҳ.Султон, Н.Шарофов, С.Хоркашев ва дигаронро зикр кардан зарур аст [11; 22; 26; 28; 29].

Мо дар зер такя ба тадқиқотҳои зикршуда ва бо дарназардошти ҳадафи гузоштаи хеш мақому вижагиҳои корбурди гурӯҳи вожаҳои ифодагари номҳои Худо ва сифатҳои онро дар «Хамса»-и Низомӣ ба риштаи баррасӣ мекашем ва онро дар ду мақола манзур менамоем.

Таркиби луғавии осори адабӣ ва таърихии гузаштагонамон басе бою рангин буда, имкони ба пуррагӣ инъикос намудани ҳаёти моддӣ ва маънавии гузаштагони моро соҳибанд. Аз рӯи ҳисоби тахминии баъзе олимони забоншиноси мо, ки дар бораи гурӯҳҳои луғавии таркиби луғавии осори гузаштаю кунунии забонамон тадқиқот ба анҷом расонидаанд, тахминан ҳадс задаанд, ки миқдори ҷамъи воҳидҳои луғавии осори гузаштаи забонамон ҳудуди беш аз сад ҳазор вожаю воҳидҳои луғавиро ташкил медиҳад. Аз чумла, профессор А.Ҳасанзода такя ба афкори академик М.Шукуров (Шакурӣ) зикр менамояд, ки «Тибқи ҳадси пажӯҳишгарон, дар давраи ҳозираи инкишофи забони тоҷикӣ теъдоди аносири луғавии он сад ҳазорро ташкил медодааст» [25, с.86]. Ба назари мо, ин рақам хеле бакоҳиш баён гардидааст. Дар суҳбатҳои устод Толиб Ваҳҳобов борҳо такя ба афкори олимони маъруф профессор А.Афсаҳзод ва яке аз муҳаррирони «Фарҳанги забони тоҷикӣ [23], узви вобастаи АУ ҶТ Абдуқодир Маниёзов маводи луғавии ин фарҳанг, ки дар заминаи осори классикии мо таҳия шудааст, на кам 150 ҳазор воҳидҳои луғавию забонӣ ворид ва шарҳ ёфтааст, таҳия шудааст ва сабаби кам нишон додани моддаҳои луғавиро дар он мебинанд, ки фарҳангҳои тафсирии халқу миллатҳои собиқ Шӯравӣ аз теъдоди воҳидҳои луғавии фарҳанги С.И.Ожегов «Словарь русского языка» [19] бояд зиёд набошад. Ин ҳукми сиёсатмадорони давр маҳсуб меёфт.

Муҳаққиқони таркиби луғавии осори адабӣ, таърихӣ ва динии забони адабии тоҷикӣ зимни гурӯҳбандии вожа ва воҳидҳои луғавии ин осор як гурӯҳ ё бахши онро вожаҳо ва воҳидҳои луғавии динӣ мансуб донистаанд. Чунин таснифотро мо дар асарҳои Д.Саймиддинов, С.Сабзаев, А.Ҳасанзода, О.Қосимов, М.Ҷумъаев, Д.Фозилов [12; 21; 22; 28; 29] ва дигарон мушоҳида менамоем. Мо низ кӯшиш ба харҷ додем, ки ин гурӯҳи вожаҳоро дар иддае аз манзумаҳои «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ пайгирӣ ва баррасӣ намоем.

Қобили зикр аст, ки дар «Хамса» низ як бахши таркиби луғавии онро вожа ва воҳидҳои забонии марбути дин ва илоҳиёт ташкил медиҳад, ки Низомӣ чун адиби хушсалиқа онҳоро мавқеъшиносона дар достони хеш корбурд ва истифода намуда, маҳорати баланди забондонии худро нишон додааст.

Дар байни номҳои маъмули илоҳӣ баррасии чор исм – Оллоҳ (Аллоҳ), Худо, Эзид (Эзад), Яздонро зарур мешуморем, ки бо истифода аз шарҳу маънидоди онҳо дар фарҳангу луғатҳои зери даст ва тадқиқотҳои анҷомёфта дар бораи онҳо маълумоти густурда пешниҳод

намуда, баъдан дар атрофи сифатҳои Худо (дар мақолаи 2) дар «Хамса» ва иддае аз манзумаҳои он таҳлил ва баррасии мушаххасро манзур гардонем.

1. **Оллоҳ (Аллоҳ)** (الله):

К-ин маҳи заррин, ки дар ин хиргаҳ аст,
Ғӯли раҳи ишқи Халилуллаҳ аст [5, с.102]
К-илоҳӣ бар Низомӣ кор бикшой,
Зи нафси кофараш зуннор бикшой [5, с.142]

Ин вожа ифодагари асосии дини ислом маҳсуб меёбад. Дар шарҳи маонии ин вожаи пурбор фарҳангу луғатҳои дастрас қариб шарҳи якгунро манзур кардаанд.

Тавре ки муҳаққиқони ин гурӯҳи вожаҳо тазаккур менамоянд, Аллоҳ офаранда ва идоракунандаи тамоми мавҷудоти олами ҳастӣ буда, ба истиснои Ӯ каси дигар ин сифатҳоро доро нест. Мавҷуди Аллоҳ барои олам зарур аст. Мавҷуд набудани Ӯ ғайриимкон мебошад. Ӯ бениёз ва беназиру ваҳдати мутлақро доро мебошад. Исми *Аллоҳ* аз артикли муайянии *al-* (ال) ва вожаи «*илоҳ*» таркиб ёфта, маънои «оне, ки ба Ӯ ибодат мекунанд, қобили ибодату парастиш»-ро дорад [30, с.61]. Муҳаққиқ дар идомаи китобаташ зикр менамояд, ки Аллоҳ бо номҳои мухталиф номида мешавад ва онҳо танҳо ба Ӯ тааллуқ доранд, ҷовид аст ва оғозу интиҳо надорад [30, с.62]. Аз маълумоти баъзе маъхазҳо бармеояд, ки *Аллоҳ* (الله) дар забони адабӣ ба маънии Худованд дар забони форсӣ аст. Мусулмонон *Аллоҳ*ро танҳо Худои олам медонанд. Ин вожа тавассути арабзабонони масеҳӣ ва яҳудӣ низ ишора ба Худо ба кор меравад [8].

Сохтори решагии «Аллоҳ»-ро муайян кардан ба мақсад мувофиқ аст ва дар ин росто сарчашмаҳо чунин маълумот медиҳанд, ки вожаи «Аллоҳ» ба ақидаи забоншиносони таърихи забони арабӣ роҷеъ ба реша ва маънои вожаҳои «алаҳ (الله)» ва «Аллоҳ (آلله)» баҳс намуда, аксари онҳо бар он ақидаанд, ки исми хоси Аллоҳ (آلله) аз «алилаҳ (علیله)» шакл гирифтааст ва саъй кардаанд «алаҳ (الله)»-ро ба решаи сеҳарфӣ (салосӣ) рабт диҳанд [8]. Инчунин, афкори дигар низ мавҷуд аст, ки аз таҳлили онҳо мо худдорӣ мекунем [8].

2. **Худо (خدا)**:

Беҳтар аз ин дар дилам озарм бод,
Ё зи Худо, ё зи худам шарм бод! [5, с.67]

Дар «Ғиёс-ул-луғот» такя ба шарҳи «Рашидӣ» шарҳи зайли ин вожа оварда шудааст: **Худо** (خدا) ба маънии молик ва соҳиб; чун лафзи Худо мутлақ бошад, бар ғайри зоти борӣ таоло итлоқ накунад, магар дар сурате, ки ба чизе музоф шавад, чун *кадхудо* ва *деҳхудо* ва гуфтаанд, ки Худо ба маънии худоянда аст, чи аз калимаи *худ* ва калимаи *о*, ки сиғаи амр аст аз *омадан*. Ва зоҳир аст, ки амр ба таркиби исми маънӣ исми фоил пайдо мекунад. Ва чун *Ҳақ таоло* (курсив аз мо – Д.Б.) ба зуҳури худ ба дигаре муҳтоҷ нест, лиҳозо ба ин сифат хондаанд» [16, ҷ.1, с.295].

Шарҳи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар заминаи сиёсати замони Шӯравӣ, ки асосашро назарияи атеистӣ ташкил медод ва ин фарҳанг маҳсули фарҳангнигории солҳои 50-60-уми асри ХХ ба шумор меравад, чунин рангро ба худ гирифтааст: **Худо (й)** (خدا(ی 1. *д.* зоти мавҳуми олӣ, ки дар ақидаи аҳли дин гӯё ҷаҳон ва ҷаҳониёнро офарида ва ҳамаро идора мекардааст, аллоҳ, илоҳ, холиқ, парвардигор, яздон [23, ҷ.2, с.501].

Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» оҳанги ташреҳ ва тавзеи вожаи «Худо» ба асли маънии он наздик буда, маънидод аз рӯи усули ифодаи воқеият сурат гирифтааст: **Худо** (خدا) 1. *д.*халқкунанда, холиқ, Аллоҳ. 2. соҳиб, молик [25, ҷ.2, с.456].

«Луғати нимтафсилӣ барои забони адабии тоҷик»-и устод С.Айнӣ бошад, шарҳи воқеиро пешниҳод кардааст: **Худо** خدا 1. *д.* аллоҳ, халқкунанда, холиқ. 2. соҳиб, молик [2, с.442].

Худо номи зоти борӣ таоло аст, ҳамчу «Оллоҳ» (آلله ваالله) («Бурҳони қотеъ» ва «Онандроҷ»). Дар ҳошияи «Бурҳони қотеъ» дар ваҷҳи иштиқоқи ин калима чунин омадааст: паҳлавии мутааххир xvatāy, паҳлавии ашконӣ xvatādh, позанд xvadāi. Баъзе ин калимаро аз авестоии xvadhāya (hudhāya) муштақ донистаанд ва Нулдаке (Нёлдек – Д.Б.) ба Ҳақ дар ин ваҷҳи иштиқоқ шак карда, чун Худои форсӣ ва хонои (خوانای) паҳлавӣ ба калимаи xwatadha ё xwatāya ақраб аст ва он ҳам бо санскрит svatas+āyu (аз худ зинда) ё санскрит svatas+ādi (аз худ оғоз карда) робита дорад. Барои иттилоъ аз ақоиди мухталиф руҷуъ шавад ба Барталоме 1843 [7, ҷ.4, с.955]. Инчунин, нигаред ба шарҳи доктор М.Муин дар ҳошияи «Бурҳони қотеъ» [17, ҷ.2, с.718].

Мусулмонон муътақиданд, ки Худо қобили дарк нест. Аз Ҷаъфари Содиқ ҳадисеро зикр намудан бамаврид аст, ки «ҳар он чӣ шумо бо дақиқтарин афкоратон тасвир кунед, он

мавҷуде мисли шумост (махлуқи зеҳни шумост) ва (ба унвони Худо) қобили мақбул нест». Дар бораи фикр кардан дар чистии Худо натиҷаи мусбате нахоҳад дошт, вале тафаккур дар сифоти Худо (монанди бахшандагӣ, доной, адолат ва ғайра) аз корҳои писандида ба шумор меравад.

3. **Эзид (Эзад)** ایزد:

Ҳар вилоят, ки чун ту шоҳ дорад,
Эзид аз ҳар бадаш нигаҳ дорад [4, с.50].
Эзад, к-ӯ дод тавонию мулк,
Мулк туро дод, ту дониву мулк [5, с.37].

Мувофиқи шарҳи «Ғиёс-ул-луғот» ***Эзид*** ایزد номи Ҳақ таоло ва дар ваҷҳи таркиби ин номи воло, ки аз чаҳор ҳуруф аст, чунин гуфтаанд, ки «чун мадори олам бар толеи аввал ва аксар ва собеъ ва робеъ аст, ки онҳоро автоди арбаа гӯянд. Бидон, ки барои алиф як адад аст ва барои ё даҳ ва барои син ҳафт ва барои дол чаҳор» (аз «Рашидӣ» ва «Бурҳон») [16, ҷ.1, с.103].

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» *Эзид* ба маънои Худо, Яздон омадааст [23, ҷ.2, с.613].

«Фарҳанги Доро» *Эзад*ро ба Эзид мусовӣ дониста, изҳори ақида менамояд, ки *Эзад* аз решаи авестоии yazata (аз решаи yaza) парастидан ташаккул ёфта, маънои аввал, фариштa, малакро ифода мекунад. Ва баъди он такя ба маълумоти «Фарҳангномаи адабии форсӣ»(ҷ.2, бо сарпарастии Ҳасан Анӯша, Созмони чоп ва интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ. – Теҳрон, 1381) тавзеҳ медиҳад, ки фариштa дар дини зардуштӣ, ки рутбаашон фурӯтар аз Амшоспандон (дар авестои нав Амеша спента ва дар паҳлавӣ Амаҳре пант ба маънии «варҷовандони ҷовидонӣ» мебошад [1, с. 577]. Вай хулосаеро пешниҳод мекунад, ки дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ вожаи «Эзад» хеле кам ба маънии фариштa ва ғолибан ба маънии Худо ва Офаридгор мавриди истифода қарор дорад. Маънии дуюми ғолиби он Худо, Офаридгор, Борӣ таоло, Яздонро ифода менамояд [9, с. 585].

Эзад дар авесто yazata, дар санскрит yajata аст. Сифат аз решаи jaz ба маънии парастидан ва сутудан, пас, yazata ба маънии дархури ситоиш ва ба фариштагоне итлоқ мешуда, ки аз ҷиҳати мартаба ва манзалат дуни Амшоспандон ҳастанд. Ин вожа дар паҳлавӣ yazd ва дар форсӣ Эзид ба маънии фариштa нест, балки фақат ба маънии Худо ва Офаридгори кулл аст ва дар ҳақиқат итлоқи хос ба ом шуда (Маздаясно) [1, с. 159].

К-ин фожаи пар зи баҳри ту маро хор гирифт,
Бираҳонид аз ӯ Эзиди додор маро (Рӯдакӣ)
Ҳар он шамъе, ки Эзид барфурӯзад,
Ҳар он кас пуф кунад, салбат бисӯзад (Абушакур)
Ҷуз аз Эзид тавоми худовандӣ,
Кунам аз дил ба ту барафтид сито [7, ҷ.3, с.507].

Тақдими таърихи васеи *Яздон* дар «Бурҳони қотеъ» манзур гардидааст, ки мувофиқи маълумоти ин фарҳанг *Яздон* яке аз номҳои Худои таоло аст, ҷаллаҳ ҷалолаҳу мебошад. Инчунин, номи фариштae будааст, ки амалаш хайр арзёбӣ гардидааст ва тоифаи офаринандаи хайрро Яздон ва офаринандаи шарро Аҳриман гӯянд. Инчунин, офаринандаи нурро Яздон ва офаринандаи зулмотро Аҳриман хонанд [17, ҷ.4, с.2432]. Муҳаммад Муин дар поварақи ҳамин ҷилд, саҳифаи зикршуда таърихи ташаккули *Яздон*ро ба таври зер муайян мекунад, ки вожаи «Яздон» дар авесто шакли yazatanām, паҳлавӣ yaztān, yazd[ā]n, yazdan аст. Яздон дар асл ҷамъи язд (یزد) (=Эзад ایزد yazat авестоӣ yazata) аст [17, ҷ.4, с.2432].

Яздон дар «Фарҳанги Амид» аз паҳлавӣ yazdān Эзид, Худо нишонрас гардидааст [27, с.1083].

Дар «Фарҳанги решаҳои ҳиндуаврупоӣ.Забони форсӣ» бошад, Яздон форсӣ – Яздон (yazdān), ҳиндуаврупоӣ *IαG, *IαGOS, авестоӣ yazata, yaztān, yazdan, yazd, курдӣ Ēzdan, паҳлавӣ yazat, балуҷӣ yedā, санскрит yajati, yasta, Ijyā, yajas, юнонӣ Agios, Ahios оварда шудааст [24, с.545].

Муҳаққиқ М.Ҷумъаев такя ба хулосаи забоншинос З.Мухторов [15, с. 6] хулосае пешниҳод мекунад, ки «Баъзе истилоҳоти динҳои пешина (масалан, зардуштӣ – оташпарастӣ) низ ба дини ислом мувофиқ гардидаанд. Масалан, калимаҳои Эзид, Яздон ва монанди инҳо. Онҳо аввал ба забони арабӣ ворид гардида, сипас, ба адабиёти бадеӣ роҳ ёфтанд» [29, с.68].

4. **Яздон** یزدان :

Касеро, ки Яздон бувад корсоз,
Бувад з-одаму одамӣ бениёз [6, с.388].

Профессор А.Ҳасанов такя ба шарҳу эзоҳи муаллифи «Луғатнома» ибрози назар менамояд, ки «Дар таърихи забонҳои эронӣ, аз ҷумла, тоҷикӣ баъзе вожаҳои мафҳуми тазаккурёфтаро ифодакунанда (Худо – Т.В., Д.Б.) аслан паси сар намудани таҳаввулоти маъноӣ ин вазифаро бар дӯш гирифтаанд. Ба калимаи *Эзид* ҳамин ҳодиса рӯй додааст» [28, с.91]. Ин калима аз решаи yaz ташаккул ёфта, ба маънои парастидан, ситудан сарчашма мегирад ва дар забонҳои санскриту авестоӣ дар шаклҳои yazata ва yajata ба назар мерасад [28, с.91].

Мувофиқи маълумоти профессор Д.Саймиддинов ин вожа нисбат ба фариштагон тааллуқ дорад ва аз лиҳози рутбаву мақом аз Амшоспандон пасттар ҳастанд. Ин вожа ба забони порсии миёна аз забони авестоӣ вом гардидааст [20, с. 45]. Ба ақидаи профессор Д.Саймиддинов yazd (Изад) шакли ҷамъи он yadān (Изадон), аз yaz – сутудан, он ки сутуда мешавад ва қиёс мекунад, ки дар паҳлавӣ yazišn - ситоиш yaštan – сутудан аст. Дар паҳлавӣ ба идомаи ақидаи мавсуф, ки ба таҳлили олими маъруф Барталоме сарчашма мегирад, дар паҳлавӣ ин вожа идомаи мустақими шакли авестоии генетиви ҷамъ маҳсуб мегардад [22, с.182].

Муаллифони фарҳангҳои дастрас дарк намудаанд, ки *Яздон* дар осори забони адабии тоҷикӣ (ҳам классик ва ҳам муосир) маънои *Худо*ро ифода менамояд [2, с.493; 3, с.461; 9, с.591; 16, ҷ.2, с.412; 18, с.291; 23, ҷ.2, с.628; 25, ҷ.2, с.712 ва ғ.].

Муҳаққиқон, аз ҷумла, профессор А.Ҳасанов ҳадс мезананд, ки *Яздон* бо мурури замон ба вожаҳои *Худо* ва амсолашон хусусияти ҳаммаъноию муродифӣ пайдо кард ва ташреҳи фарҳангу луғатҳои дастрас низ *Яздон*ро чун *Худо* меҳисобанд.

Адабиёт

1. *Авесто / гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Додхоҳ ; баргардон ва таҳияи Муаззами Диловар. – Душанбе, 2001.*
2. *Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 12 : Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик / С. Айнӣ. – Душанбе : Ирфон, 1976. – 564+206 с.*
3. *Ализода, И. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома» / И. Ализода. – Душанбе : Адиб, 1992. – 492 с.*
4. *Ганҷавӣ, Н. Куллиёт (дар 5 ҷилд). Ҷ. 3 : Ҳафт пайкар / Н. Ганҷавӣ. – Душанбе : Ирфон, 1983. – 416 с.*
5. *Ганҷавӣ, Н. Хамса : Махзан-ул-асрор. Хусраву Ширин / Н. Ганҷавӣ. – Душанбе : Адиб, 2012. – 480 с.*
6. *Ганҷавӣ, Н. Хамса : Искандарнома. Шарафнома. Иқболнома / Н. Ганҷавӣ. – Душанбе : Адиб, 2012. – 480 с.*
7. *Деҳхудо, А. Луғатнома. Ҷ. 1–50 / А. Деҳхудо. – Теҳрон, 1325–1345 ҳ.ш.*
8. *Доиратулмаорифи бузурги исломӣ. Ҷ. 10. – Теҳрон : Маркази доиратулмаорифи бузурги исломӣ, с. 78–79. (Иқтибос аз: https://fa.wikipedia.org/wiki).*
9. *Доро, Н. Фарҳанги Доро / Н. Доро. – Душанбе : Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикии Сафорати ҶИЭ дар Тоҷикистон, 2012. – 600 с. + 8 с.*
10. *Забони адабии ҳозираи тоҷик : лексикология, фонетика ва морфология. Қ. 1. – Душанбе : Маориф, 1973. – 464 с.*
11. *Зикриёев, Ф. Лексикаи маросими шеваи шимолии забони тоҷикӣ / Ф. Зикриёев // Сухани сабз. – 2003. – № 1. – С. 66–75.*
12. *Касимов, О. Лексика «Шахнаме» Абулқосими Фирдавсӣ / О. Касимов. – Душанбе, 2011.*
13. *Касимов, О. Картина животного мира в «Шахнаме» Абулькасима Фирдоуси / О. Касимов. – Душанбе : Дониш, 2011. – 136 с.*
14. *Маъсумӣ, Н. Дар бораи вазъият ва баъзе тағйиротҳо дар таркиби луғавии забони адабии тоҷик дар асрҳои X–XIX / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 1951.*
15. *Мухторов, З. Суфийская лексика газелей Санои / З. Мухторов. – Душанбе, 1999. – 22 с.*
16. *Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷ. 1–3 / таҳияи матн бо пешгуфтор ва тавзеҳот А. Нуров. – Душанбе : Адиб, 1987–1989. – Ҷ. 1. – 480 с. ; Ҷ. 2. – 416 с. ; Ҷ. 3. – 304 с.*
17. *Бурҳон, Муҳаммадҳусайн. Бурҳони қотеъ : дар 5 ҷилд / бо эҳтимоми Муҳаммад Муин. – Теҳрон : Амири Кабир, 1391. – 2470 с.*
18. *Нуров, А. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ / А. Нуров. – Душанбе : Маориф, 1990. – 368 с.*
19. *Ожегов, С. И. Словарь русского языка / С. И. Ожегов. – М. : Госиздат, 1949.*
20. *Расторгуева, В. С., Молчанова, Е. К. Среднеперсидский язык // Основы иранского языкознания. Среднеперсидские языки / В. С. Расторгуева, Е. К. Молчанова. – М. : Наука, 1981. – С. 6–145.*
21. *Сабзаев, С. Забон ва сабки баёни Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ / С. Сабзаев. – Душанбе : Ирфон, 2014. – 520 с.*
22. *Саймиддинов, Д. Вожашиносии забони форсии миёна / Д. Саймиддинов. – Душанбе :*

Пайванд, 2001. – 394 с.
23. *Фарҳанги забони тоҷикӣ : дар ду ҷилд / таҳрири М. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М. : Советская энциклопедия, 1969. – Ҷ. 1. – 951 с. ; Ҷ. 2. – 952 с.*
24. *Ормонпури Кошонӣ, М. Фарҳанги решаҳои ҳиндуаврупоӣ : забони форсӣ / таълифи дуктур Манучеҳри Ормонпури Кошонӣ. – Теҳрон, 1387. – 1026 с.*
25. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ : дар ду ҷилд. – Душанбе : Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ, 2010. – 897 с.*
26. *Хоркашев, С. Баррасии лингвистии мавзуии таркиби луғати лаҳҷа / С. Хоркашев. – Душанбе : Маориф, 2014. – 234 с.*
27. *Амид, Ҳасан. Фарҳанги Амид / Ҳ. Амид. – Теҳрон, 1389. – 1088 с.*
28. *Ҳасанзода, А. Асолати забон ва маҳорати баён / А. Ҳасанзода. – Хуҷанд : Ношир, 2018. – 516 с.*
29. *Ҷумъаев, М. Хусусиятҳои лексикию семантикии «Нафаҳот-ул-унс»-и Абдураҳмони Ҷомӣ / М. Ҷумъаев. – Душанбе : Эҷод, 2009. – 160 с.*
30. *Ҷумъаев, М. Хусусиятҳои лексикаи иқтибосоти арабӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» ва «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ / М. Ҷумъаев. – Душанбе : Матбаа, 2022. – 192 с.*
31. *Шарофов, Н. Инкишофи лексикаи забони ҳозираи тоҷик / Н. Шарофов. – Душанбе, 1972.*
32. *Шарофов, Н. Инкишофи лексикаи забони адабии тоҷик бо терминҳои ҳарбӣ / Н. Шарофов. – Душанбе : Дониш, 1970. – 134 с.*
33. *Шарофов, Н. Оид ба лексикаи касбу ҳунари забони тоҷикӣ / Н. Шарофов // Масъалаҳои забоншиносӣ. – Душанбе : Дониш, 1983. – С. 56–60.*

МАВҚЕИ ТЕОНИМҲО ДАР «ХАМСА»-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Мақолаи мазкур ба таҳлили номвожаҳои илоҳӣ — теонимҳо — дар маҷмуаи панҷгонаи «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ бахшида шудааст. Муаллиф номҳои серистеъмоли Худо чун Оллоҳ, Худо, Эзид (Эзад) ва Яздонро мавриди омӯзиш қарор дода, хусусиятҳои таърихӣ ва маънавии онҳоро дар заминаҳои динӣ ва адабӣ мавриди баррасии муқоисавӣ қарор медиҳад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки як қисмати ин номҳо пеш аз густариши ислом дар сарзаминҳои Эронзамин ва Осиёи Марказӣ дар дохили ҷаҳонбинии динҳои қадим, бахусус зардуштӣ ва монавия, ҳамчун номҳои воҳиди олии илоҳӣ корбурд мешуданд. Бо омадани ислом, ин номҳо ба маънии ягонаи Худо дар иртибот бо тафсири тавҳидӣ дар Қуръон ва адабиёти тасаввуфӣ таҳким ёфтанд. Дар осори Низомӣ, истифодаи ин теонимҳо на танҳо шакли эҳтиромона ва илтифот ба Худовандро нишон медиҳад, балки як омили бадеӣ ва семиотикиро ташкил медиҳад. Шоир бо маҳорат тавонистааст, ки ҳар як теонимро вобаста ба мақому мавқеи матн истифода бурда, маънои фалсафӣ ва ахлоқӣ ба он бахшад. Мақола ба хулосае мерасад, ки номҳои зикршуда на танҳо арзиши луғавӣ доранд, балки рамзҳои фарҳангиву таърихӣ низ ба шумор мераванд. Онҳо ба хонанда имконият медиҳанд, ки равандҳои табдили тасаввуроти динӣ ва истилоҳоти илоҳиро дар адабиёти форс-тоҷикӣ аз назари таърихию забоншиносӣ пайгирӣ кунад. Ҳамин тариқ, таҳқиқи мазкур равзанаи тозае барои фаҳми баланди шеъри ирфонӣ ва ифодаҳои илоҳии адабиёти асрҳои миёна фароҳам месозад.

Калидвожаҳо: номвожа, номи Худо, Аллоҳ, Эзид (Эзад), Яздон, таърих ва маънои номҳои Худо, фарҳангҳо, «Хамса», манзумаҳои «Хамса», забонҳои авесто, паҳлавӣ, забони адабии классик ва кунунии тоҷикӣ.

РОЛЬ ТЕОНИМОВ В «ХАМСЕ» НИЗАМИ ГЯНДЖЕВИ

Настоящая статья посвящена анализу теонимов — имён, обозначающих Бога, — в поэтическом наследии Низами Гянджеви, особенно в его знаменитом цикле «Хамса». В центре внимания находятся такие имена, как Аллах, Бог, Эзид (Эзад), Яздон. Автор статьи выявляет их лексическое и семантическое разнообразие, прослеживает исторические и культурные пласты, связанные с употреблением каждого из этих терминов. Анализ показывает, что хотя все эти имена ныне ассоциируются с понятием Бога в исламском контексте, многие из них имели доисламское происхождение и функционировали в зороастрийских, манихейских и других вероучениях как имена высших существ. Отдельное внимание уделяется тому, как Низами использует теонимы в разных жанровых и тематических контекстах — будь то прославление, молитвенное обращение или философское размышление. Поэт демонстрирует не только глубокую религиозную осведомлённость, но и филологическую тонкость, превращая теонимы в художественное средство. Таким образом, статья позволяет по-новому взглянуть на сакральную лексику в поэзии Низами, а также проследить процессы трансформации религиозной терминологии в персидской литературе.

Ключевые слова: теоним, имя Бога, Аллах, Эзид (Эзад), Яздон, история и значение имен Бога, словари, «Хамса», стихи «Хамса», языки авеста, пехлеви, классический и современный таджикский литературный язык.

THE POSITION OF THEONYMS IN THE «KHAMSA» OF NIZAMI GANJAVI

This article explores the role of theonyms—names denoting God—in the poetic works of Nizami Ganjavi, particularly in his renowned quintet *Khamsa*. The study focuses on such divine names as Allah, God, Ezid (Ezad), and Yazdan, analyzing their lexical nuances and historical semantics. The author reveals that while these names are today firmly embedded in Islamic theological discourse, many of them trace their origins to pre-Islamic belief systems, including Zoroastrianism and Manichaeism, where they referred to supreme deities or metaphysical forces. Special attention is given to how Nizami integrates these theonyms into different poetic and thematic frameworks, whether through praise, supplication, or philosophical reflection. The poet's use of divine names illustrates not only theological knowledge but also artistic sensitivity, transforming sacred terminology into a powerful literary device. The article thereby offers new insights into the role of sacred vocabulary in Persian classical literature and highlights the continuity and adaptation of theonyms in cultural history.

Keywords: theonym, the name of God, Allah, Ezid (Ezad), Yazdon, history and meaning of the names of God, dictionaries, «Khamsa», the meaning of «Khamsa», Avestan languages, Pahlavi, classical and modern Tajik literary language.

Дар бораи муаллифон

Ваҳҳобов Толиб
Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, Мавлонбеков 1

Бобоҷонова Дилбарҷон Абдумӯминовна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, Мавлонбеков 1
E-mail: bobojonova1977@mail.ru

Об авторах

Ваххобов Толиб
Доктор филологических наук, профессор кафедры таджикского языка
Худжандский государственный университет имени ак. Б. Гафурова
735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул. Мавлонбекова, 1

Бободжанова Дилбарджон Абдумуминовна
Кандидат филологических наук, доцент общеуниверситетской кафедры таджикского языка
Худжандский государственный университет имени ак. Б. Гафурова
735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул. Мавлонбекова, 1
E-mail: bobojonova1977@mail.ru

About the authors

Vahhobov Tolib
Dr. of Philology, Professor of the department of the Tajik language
Khujand State University named after academician B. Gafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 1 Mavlonbekov Street

Bobojonova Dilbarjon Abdumuminovna
Candidate of Science in Philology, Assistant Professor the all-University Department
Khujand State University named after academician B. Gafurov
735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 1 Mavlonbekov Street
E-mail: bobojonova1977@mail.ru

УДК 491.550+2+891.550.092

ОСОБЕННОСТИ НОМИНАТИВНЫХ ИЗАФЕТНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ ТИПА СУЩЕСТВИТЕЛЬНОЕ + СУЩЕСТВИТЕЛЬНОЕ С РАЗЛИЧНЫМИ СЕМАНТИЧЕСКИМИ ЗНАЧЕНИЯМИ В ПОЭЗИИ АБУАБДУЛЛАХА РУДАКИ

Кодирова С. А.
Институт языка и литературы имени Рудаки НАНТ

Словосочетание как основная единица синтаксиса играет ключевую роль при выражении и фиксации мысли человека. В языке поэзии Абуабдуллоха Рудаки, как один из видов проявления национального языка, встречаются синтаксические конструкции разного типа и характера.

Основной целью данного исследования в статье является изучение и анализ номинативные изафетные словосочетания модели существительное + существительное (отношения обладания (притя-жательности) в широком значении, родственные отношения, отношение предмета с именем, ремесла и мастерство, части предмета к его целности) на материале поэзии Абуабдуллоха Рудаки.

В настоящей статьи послужили труды известных ученых, таких как: А. Дискола, В. В. Виноградова, В.С. Расторгуевой, Б. Ниёзмухаммадова, С. А. Арзуманова, Д.Т. Таджиева, Н. Маъсуми, М.Н. Касымовой, Х. Маджидова, Р. Гаффарова, А. Мирзоева, С. Абдурахимова, М. Акрамова, У. Ахмадовой, С. Курбонова, Х. Камолова и др.

Еще с самых древних времен, а точнее со времен Аполлона Дискола, люди считали синтаксис наукой о взаимосвязи слов и в этом плане они рассматривали, прежде всего, словосочетания как основной предмет изучения и исследования синтаксиса. Известный советский лингвист, академик В. В. Виноградов представил наиболее научно-обоснованное определение словосочетания и его места и роли в структуре грамматического строя языка [7, с. 154].

Впервые грамматическое описание таджикских словосочетаний приводится В. С. Расторгуевой в книге «Очерки по таджикской диалектологии» [1, с. 98, 110, 324], где автор подвергает анализу такие научные понятия, как «изафетная конструкция синтаксической группы», «словосочетание», «атрибутивные сочетания», «деепричастные обороты» и дает их грамматическую характеристику.

Одним из первых, кто представил основополагающую научную концепцию грамматической характеристики номинативных словосочетаний таджикского литературного языка, был известный ученый профессор Д.Т. Таджиев. В своей монографии «Способы связи определения с определяемым в современном таджикском литературном языке» [2, с. 3, 50, 72], он детально рассматривает структурные и синтаксические особенности, а также способы и средства связей компонентов словосочетаний в современном таджикском языке.

Далее, таджикский лингвист Ш. Ниёзи в своей научной статье «Существительное и прилагательное в таджикском языке» приводит краткую классификацию номинативных словосочетаний [9, с. 3, 7, 50].

Вопросы изафетных словосочетаний подробно рассмотрены в монографическом труде А. Халилова «Изафетные словосочетания в современном таджикском языке», где автор делит изафетные словосочетания на две группы: свободные и устойчивые. Наряду с этим, А. Халилов характеризует способы образования словосочетаний в современном таджикском языке и приводит следующие виды связи: предикативная, атрибутивная, релятивная, при разъяснении которых возникли некоторые спорные моменты [16, с. 30, 37].

М. Н. Касымова в своей статье «Изафетные инфинитивные словосочетания» даёт достаточно четкую и научно - обоснованную классификацию изафетных словосочетаний инфинитива и выделяет их грамматические и структурные особенности. [9, с. 2-4].

Таджикские исследователи Д. Ходжаев и Ш. Кабиров в книге «Синтаксис и пунктуация» приводят достаточно ценную информацию об изафетных словосочетаниях. Рассматривая особенности синтаксических взаимоотношений составных компонентов они классифицируют их в следующем порядке: атрибутивные, изъяснительные, обстоятельственные. По морфологическим особенностям составных компонентов словосочетаний ученые классифицируют следующие морфологические группы: словосочетания имен существительных, словосочетания имен прилагательных,

словосочетания имен числительных, местоименные словосочетания, глагольные словосочетания, наречные словосочетания [17, с. 6, 8, 9].

Количество словосочетаний модели существительное + существительное (словосочетания, выражающие отношения обладания (притяжательности) в широком значении, словосочетания, выражающие родственные отношения, отношение предмета с именем, словосочетания, выражающие ремесла и мастерство, словосочетания, выражающие отношения части предмета к его целности), извлеченных из поэзии Абуабдуллахи Рудаки, достигает 288 примеров.

Таким образом, мы классифицировали номинативные словосочетания по лексическому составу и участию частей речи на следующие группы:

1. Словосочетания, выражающие отношения обладания (притяжательности) в широком значении

Данная модель словосочетаний в поэзии Абуабдуллаха Рудаки образовалась следующим образом: зависимое слово в данных словосочетаниях указывает на лицо, а главное слово выражает предмет, к которому это лицо имеет отношение. Например: *чашми хирад (дословное перевод)* - глаза знание*, шеъри шоир* (дос. пр) - стиха поэта*, девони одамушшуаро* - (дос. пр) сборник стихов Адамушшуаро и т. г.д.

Ин ҷаҳонро нигар бо ***чашми хирад,***
Не бад-он чашм к-андар ӯ нигарӣ. [4, с. 101].

В ниже приведенно двустишье (двухстрочный) употреблено два словосочетания: «**марди адаб, марди хирад**». Словосочетание «**марди адаб, марди хирад**» выражают значение притяжательности. В данном случае основной компонент выражается конкретным существительным, зависимым словом является имя собственное. В связи с тем, что компоненты такого рода словосочетаний выражают значение определенности, поэтому они могут быть распространены. При распространении таких словосочетаний прилагательное употребляется как поясняющий компонент как главной, так и зависимой части в словосочетании.

В поэзии Абуабдуллаха Рудаки **марди адаб, марди хирад** употреблено семь раз: Например:

Марди адаб*ро хирад физояду ҳикмат,*
Марди хирад*ро адаб физояду имон.* [6, с. 241].

Основным компонентом словосочетания «***боди аҷал***» - (дос. перевод) **«бод-ветер»**, выражается конкретным существительным, зависимым словом **«аҷал - смерть»** является имя собственное. Например:

Ба хушдилӣ гузарон баъд аз ин, ки ***боди аҷал,***
Дарахти умри бадандешро зи по афканд. [4, с. 163].

Сравнительный анализ паказывает, что в творчестве Сайидои Насафӣ таких моделей словосочетаний иногда употребляется как свободное (синтаксическое), а иногда как устойчивое или фразеологическое.

Синтаксические модел и фразеологические единицы имеют устойчивые двусторонние связи, несмотря на их значительные расхождения, они имеют много общих черт со словом (особенно со сложным словом) [6, с. 358].

В ряде случаев вне текста синтаксические модели внешне особо не отличаются от фразеологических единиц. К примеру, «***Чамани ақл*** **- (дос. пр) далина знания**», «**гулшани ишқ - (дос. пр) далина лубви мира»** в своем основном значении выражает объектное отношение и является синтаксическим словосочетанием, однако в переносном значении является фразеологическим сочетанием: *баҳори майдон, арса, олам.*

Следует отметить, что фразеологические единицы появились в языке на базе модели устойчивых сочетаний. Фразеологические единицы, прежде всего это результат развития слова и образовании синтаксической модел.

Синтаксическая модел для более выражения образного речи и мыслей, получает дополнительный оттенок, который постепенно становится переносным значением. Со временем свободное сочетание превращается во фразеологическое сочетание. Неслучайно, что в языке одно и то же словосочетание иногда употребляется как свободное (синтаксическое), а иногда как устойчивое или фразеологическое [7, с. 55].

Чамани ақл*ро хазони агар,*
Гулшани ишқ*ро баҳор туйӣ.* [4, с. 102].

Основным компонентом словосочетания «***Мурғи дил***» является слово **«мурғ - птица»** (дос. пр) зависимая часть **«дил - сердце»** лицо, род деятельности. Оба компонента словосочетания являются одушевленными существительными и могут выражать переносное значение. Данное словосочетание также выражает отношение принадлежности.

Мурғи дил*ро куштаӣ имрӯз пинҳон кардаӣ,*
Хуни ин сайд аз дами теғи тағофул мечакад. [4, с. 7].

2. Словосочетания, выражающие родственные отношения

В данных словосочетаниях главное слово выражает одушевленный предмет, а зависимое слово часто выражается собственным именем, подчиняющее слово выражает степень родства собственного имени: *модари май* - (дословно п). мать вина, *баччаи Хоқон* - (д.п) сын Хокон и т.п.

Словосочетание «Модари май - *мать вина*» (дос. пр) выражает значения принадлежности и родственные отношения, в котором главное слово **модар - мать** одушевленное существительное, а зависимое слово **май - вино** собственное:

Модари май*ро бикард бояд қурбон,*
Бачаи ӯро гирифту кард ба зиндон. [4, с. 8].

Словосочетание «**Модари май - мать вина**» (дос. пр) выражает значения принадлежности и родственные отношения, в котором главное слово - одушевленное существительное, а зависимое слово собственное.

В связи с тем, что компоненты подобных словосочетаний предают значение определительности, они могут быть распространенны.

Хокон - *прозвище тюрко монголских ханов, велих падишахов исползуется в* поэзии Абуабдулло Рудаки. Главное слово **бача - сын** (дос. пр) выражает одушевленный предмет, а зависимое слово ***Хоқон - Хокон*** часто выражается собственным именем, подчиняющее слово выражает степень родства собственного имени:

Бодадиҳанда буте бадеъ зи хубон,
Баччаи хотуни турку ***баччаи Хоқон*** [6, с. 185].

Словосочетание «***падари фарзандӣ*** - **отца сына**» (дос. пр) выражает значение принадлежности и родственных отношений. В нем главное слово - одушевленное существительное, а зависимое собственное имя существительное:

Дар ҷаҳон гум шуда меҳри ***падари фарзандӣ***,
Варна Рӯстам ба чӣ боис сари суҳроб хурад. [15, с. 39].

В поэзии Абуабдуллахи Рудаки редко встречаются словосочетания, в которых и главное и зависимое слова выражают родственные отношения и собственные имена существительные.

Главное и зависимое слова в словосочетании «**Борбати Исо - Борбат Иса**» (дос. пр) образованы из имен собственных и выражают родственные отношения:

Борбати Исо*ву фаршҳои фуодӣ,*
Чанги Мудакниру нойи ***Чобуки Ҳобон***. [5, с. 161].

3. Отношение предмета с именем

Эту группу составляют словосочетания, главный компонент которых выражает название места, организации, учреждения и разных коллективов, а зависимое слово обозначает название того места, организации и учреждения.

Анализ собранного нами фактического материала показывает, что словосочетания, выражающие отношение предмета, продуктивны и компоненты также выражаются по - разному:

А. Качество предмета постепенно превращается в его название:

Таких модели словосочетания мы в поэзии Рудаки невстречали.

Б. Выражение отношения предмета выражается принадлежности:

В словосочетании «**Кӯҳи Сиём - гора Сиям**» (дос. пр) главное слово лицо **«куҳ - гора»** – одушевленное существительное, зависимое слово **«Сиём - Сиям»** – название гора, имя собственное.

Гарчи ба ҳангоми ҳилм кӯҳи тани уй,
Кӯҳи Сиём *аст, ки кас набинад ҷунбон.* [5, с. 28].

В словосочетании «**ситораи Бахром - звезда Бахрам**» (дос. пр) главное слово лицо «**ситора - звезда»** – одушевленное существительное, зависимое слово **«Баҳром - Бахрам»** – название звезда, имя собственное.

В-ар ба набард оядаш ***ситораи Баҳром,***
Тӯшаи шамшери ӯ шавад ба гаравгон. [5, с. 50].

Слова **Ҷайҳун - Чайхун** имя арабский река Ому, Омурека, исползуется в двух строках стихотворение устод Рудаки

В словосочетании «**оби Ҷайҳун - вада Джайхуна» (дос. пр)** главное слово лицо «**об - вада**» – одушевленное существительное, зависимое слово «**Ҷайҳун - Джайхун»** – название река, имя собственное:

Оби Ҷайҳун *аз нишоти рӯйи дӯст,*
Хинги моро то миён ояд ҳаме. [5, с. 71].

В словосочетании «**чӯйи Мӯлиён - ручёь Мулиёна**» (дос. пр) главное слово лицо «**об - вада**» – одушевленное существительное, зависимое слово «**Мӯлиён -Мулиёна»** – название ручё, имя собственное:

Бӯйи ***ҷӯйи Мӯлиён*** *ояд ҳаме,*
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме. [5, с. 76].

А также в этом (модели) конструкцые словососитание исползуется в паэзии Хофиза Шерози:

Хез то хотир бад - он турки самарқандӣ диҳем,
К-аз насимаш бӯйи ***ҷӯйи Мӯлиён*** *ояд ҳаме. [5, с. 76].*

Словосочетание «**Кӯҳи Сиём - гора Сиям**», «**ситораи Баҳром** - звезда Бахрам», «**оби Ҷайҳун** - вада Джайхуна», «**чӯйи Мӯлиён - ручёь Мулиёна**» (дос. пр) показывает отношение предмета. Главное слово **«кӯҳ, ситора, об,ҷӯй»** указывает на общее название предмета, зависимое слово **«Сиёма, Баҳром, Ҷайҳун, Мулиён»** – название местности.

Таджикский исследователь Абдурахимов С., исследовавший номинативные словосочетания, справедливо отмечает, что «после Октябрьской революции в таджикском языке стала развиваться связь управление. Причина заключалась в том, что разговорный язык стал приближаться к литературному языку, а вторая причина – влияние перевода произведений» [18, с. 51-57].

Мирзоев А. такую связь между словами номинативных словосочетаний называл «алоқаи ҳамроҳӣ/управление», он отмечал следующее: в старых словосочетаниях «кӯҳна гап/старые слова, тоҷик халқ/таджикский народ, Ургут район/Ургутский район» и такого типа другие словосочетания, позиция определения перед определяемым словом не является инверсией, а результатом влияния узбекского языка. Это связано с тем, что в узбекском языке определение обычно стоит перед определяемым словом» [10, с. 308].

Следует отметить, что возможно моделирование всех лексико– грамматических групп существительных в данной модели. Поэтому именно грамматические характеристики компонентов, особенно поясняющего компонента, создали возможность такой организации словосочетаний.

4. Словосочетания, выражающие ремесла и мастерство

В языке паэзие устод Рудаки главное слово такого рода словосочетаний составляют одушевленные существительные, а зависимое слово состоит из существительного, выражающего профессию или специальность. В данных словосочетания ***дасти чангнавоз - рука музиканта*** (дос. пр) главное слово ***даст - рука*** является частью предмета, а зависимое слово **чангнавоз - музикант** – целым, то есть полностью выражает предмет.

Главное и зависимое слово в таких словосочетаниях всегда выражают предмет и лицо. Например:

Агарчӣ чангнавозон латифдаст буванд,
Фидои дасти қалам бод, ***дасти чангнавоз.*** [4, с. 74].

5. Словосочетания, выражающие отношения части предмета к его целности

В данных словосочетаниях главное слово является частью предмета, а зависимое слово – целым, то есть полностью выражает предмет.

Главное и зависимое слово в таких словосочетаниях всегда выражают предмет и лицо. Например: *чанголи уқоб, дили аду, лолакои хурус, сари ангушт, пусти рӯбоҳ, чанголи шоҳин* и т. г.

В данных словосочетания главное слово ***чангол*** - **пальци** (дос. пр) является частью предмета, а зависимое слово ***уқоб*** - ***коршун*** (дос.пр) целым, то есть полностью выражает предмет.

Главное и зависимое слово ***чанголи уқоб*** - **пальци** ***коршуна*** (дос. пр) в таких двустишие всегда выражают предмет и лицо.

Агар ин май ба абр андар ба ***чанголи уқоб*** *астӣ,*
Аз он то нокасон ҳаргиз нахурдандӣ савоб астӣ. [3, с. 74].

В этот словосочетания главное слово ***дил*** - **сердца** (дос. пр) является частью предмета, а зависимое слово ***аду - враг*** целым, то есть полностью выражает предмет.

Главное и зависимое слово ***дили аду - сердца врага*** в таких двустишие всегда выражают предмет и лицо.

Этот словосочетания - **дили аду - сердца врага** (дос. пр) в паэзии устод Рудаки используется толко в этот варианте, в аригинале (бо маънои аслияш корбурд шудааст). В таким конструкции и модели словосочетания в поэзии Абуабдулаха Рудаки многоупотрибительный. Например:

Хаёли размι ту гар дар ***дили аду*** *гузарад,*
Зи бими теғи ту бандаш ҷудо шавад аз банд. [3, с. 85].

В этот словосочетания главное слово ***лолакои*** - **карона** (дос. пр) является частью предмета, а зависимое слово ***хурус - петух*** – целым, то есть полностью выражает предмет.

Главное и зависимое слово ***лолакои хурус - карона петуха*** в таких двустишие стихи всегда выражают предмет и лицо.

Этот словосочетания ***лолакои хурус - карона петуха*** (дос. пр) в паэзии устод Рудаки используется толко в этот варианте, в фразеологических стил. В таким конструкции и модели словосочетания в поэзии Абуабдулаха Рудаки многоупотребляюшый. Например:

Табар азбаски зад ба душмани кӯс,
Сурх шуд ҳамчу ***лолакои хурус.*** [3, с. 86].

Устод Рудаки как паэт в своей паэзии приглашает людей к дабрату, и мудрост когда челавек зделает добрие дела эта паступак возвращает к него от других людей которий он не ждёт. Толко дабрата спасает человека от груст. Бог всегда не забудет добрие дела которий человек зделал. Дабрата всегда возвращает к тебя.

В этот словосочетания главное слово ***сар - начала*** *(дос. пр)* является частью предмета, а зависимое слово ***ангушт - пальца*** *(дос. пр)* целым, то есть полностью выражает предмет.

Главное и зависимое слово ***сари ангушт - начала пальца*** *(дос. пр)* в таких двустишие стихи всегда выражают предмет и лицо.

Этот словосочетания - ***сари ангушт - начала пальца*** в творчестве устод Рудаки используется толко в этот варианте, аригинал (манои асл). В таким конструкции и модели словосочетания в поэзии Абуабдулаха Рудаки многоупотребляюшый. Например:

Чун теғ ба даст орӣ мардум натавон кушт,
Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт.
Ин теғ на аз баҳри ситамгорон карданд,
Ангур на аз баҳри набид аст ба чархушт.
Исо ба раҳе дид яке кушта фитода,
Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон ***сари ангушт.*** [3, с. 101].

В этот словосочетания главное слово ***пӯст - кожа*** *(дос. пр)* является частью предмета, а зависимое слово ***рӯбоҳ-лиса*** *(дос. пр)* целым, то есть полностью выражает предмет.

В данных словосочетаниях основное слово является частью животного, а зависимое указывает на его целое.

Главное и зависимое слово ***пӯсти рӯбоҳ - кожа лиса*** *(дос. пр)* в таких двустишие всегда выражают предмет и лицо.

Словосочетание «***пӯсти рӯбоҳ - кожа лиса***» *(дос. пр)* выражает отношение целого к части. Главное слово «***пӯсти - кожа***» является одной частью лиса, а зависимое слово «***рӯбоҳ - лиса***» указывает на саму лису.

Этот словосочетания - ***пӯсти рӯбоҳ - кожа лиса*** *(дос. пр)* в паэзии устод Рудаки используется толко в этот варианте, аригинал (манои асл). В таким конструкции и модели словосочетания очен мала исползуется в поэзии Абуабдулаха Рудаки. Например:

Чӯ ***пӯсти рӯбаҳ*** *бинӣ ба хони вотгарон,*
Бидон, ки туҳмати ӯ дунбае ба саркор аст. [5, с. 189].

В славаре слова **чарз** – (як навъи парандаи ҳалол) **птитца** которий можна ест её мяса людей, которий ему можно ахотатсия **Шоҳин -Соколом.**

В этот словосочетания главное слово **чангол-пальци** *(дос. пр)* является частью предмета, а зависимое слово **шоҳин - Сокол, ястрем** – целым, то есть полностью выражает предмет.

Словосочетание «**чанголи Шоҳин - пальци Сокол, ястрем** *(дос. пр)*» выражает отношение целого к части. Главное слово **«чангол - пальцы»** является одной частью птицы, а зависимое слово «**шоҳин - Сокол, ястрем**» указывает на саму птицу.

Главное и зависимое слово **чанголи Шоҳин - пальци Сокол, ястрем** *(дос. пр)* в таких двустишие всегда выражают предмет и лицо.

Этот словосочетания - **чанголи Шоҳин - пальци Сокол, ястрем** в паэзии устод Рудаки используется толко в этот варианте - фразеологических вид- (манои маҷозӣ). В таким концрукции и модели словосочетания часто употребляет в паэзие устод Рудакӣ. Например:

Ба чанголи қаҳри ту дар хасми баддил,
Бувад ҳаму чарзе ба ***чанголи шоҳин.*** [4, с. 263].

В паэзии устод Рудаки номинативные изафетные словосочетания модели существительное + существительное часто употребительны, и признаны одним из распространенных моделей изафетных конструкций.

С целью сравнения нами были рассмотрены ряд произведений писателей классического и современного периодов, таких как Сайидои Насафӣ, Ҳофиз Шерозӣ, и другие паэти.

Сравнительный анализ даёт основание утверждать, что таджикские классического и современного паэти периодов часто использовали модели словосочетаний, образовавшихся в паэзии Абуабдуллои Рудаки.

Как самостоятельная языковая единица словосочетания в каждом языке имеет определенное формообразование. В зависимости от лексико-грамматических особенностей существительного создаются новые оттеночные значения в рамках существующих моделей словосочетаний.

Простые номинативные словосочетания в поэзии устод Рудаки играют заметную роль. Модели словосочетаний, выражающих значения притяжательности, родственные отношения, отношение предмета к названию, профессия и специальность, отношение целого к части, в поэзии устод Рудаки часто употребительны.

Язык поэзие устод Рудаки как одно из направлений языка, имеет свои особенности, которые не свойственны современному таджикскому языку. Например: словосочетания, выражающие отношения обладания (притяжательности) в широком значении: чашми хирад - глаза знание, ***шеъри шоир - стихи поэта,*** девони одамушшуаро - произвидение Адамшуаро и т. г.д.

В зависимости от синтаксических возможностей поэзии устод Рудаки наблюдалось особое оформление номинативных словосочетаний, сокращени главного и зависимого слова которых распространено. Круг употребления такого рода номинативных словосочетаний ограничен: «**Модари май - мать вина**», «**баччаи Хоқон - сын Хокона. и т. д.**

Язык паэзии устод Рудаки отражает человеческую мысль. Словосочетания играют ключевую роль в организации стихи его творчества, которое имеет особые форму и содержание. Например: Отношение предмета с именем. Кӯҳи Сиём - гора Сиёма, ситораи Баҳром- звезда Бахрама, Оби Ҷайҳун - вода Чайхуна, ҷӯйи Мӯлиён - канай, ручё - Мулияна и т.д.

Адабиёт

1. *Абдураҳимов С. Ибораҳои исмии изофӣ // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик. / С. Абдураҳимов. – Душанбе, 1967. - С. 128-146.*
2. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди дуввум. Ибора ва синтаксиси ҷумлаи сода. (С. Абдураҳимов, М. Акрамов, А. Мирзоев, Ф. Зикриёев, М. Исматуллоев, Б. Камолиддинов, С. Раҳматова, Ш. Рустамов, Р. Гафоров). – Душанбе: Дониш, 1986. – 372 с.*
3. *Донишномаи Рӯдакӣ. Ҷ 1. А- К. - Душанбе, 2008.- 586 с.*
4. *Донишномаи Рӯдакӣ. Ҷ 2. Қ- С. - Душанбе, 2008. -540 с.*
5. *Донишномаи Рӯдакӣ. Ҷ 3. Т- Я. - Душанбе, 2018. 577 с.*
6. *Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика, морфология. Қисми 1. Душанбе: Ирфон, 1973. – 452 с.*
7. *Камолов Х. М. Ибораҳои изофӣ (дар асоси маводи «Таърихи Табарӣ» - и Балъамӣ) / Х. М. Камолов. – Душанбе.: Баҳманрӯд, 2011. – С. 1-154.*
8. *Қурбонов С. Лаҳҷа – нумӯи дигари забони куҳан. (Ибораҳои исмӣ дар лаҳҷаҳои Бойсун) / С. Қурбонов. – Душанбе: Оила, 2008. – 173 с.*
9. *Қосимова М. Н. Таърихи забони адабии тоҷик. (асрҳои IX - X). /М. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 490 с.*
10. *Мирзоев А. Абӯабдуллои Рӯдакӣ. НДТ, / А. Мирзоев. – Сталинобод, - 1958. – 277 с.*
11. *Мухторов Қудбиддин. Хусусиятҳои луғавию услубии ашъори Рӯдакӣ. /Қ. Мухторӣ. – ҶДММ.*

Анҷумани Девештич.- Душанбе, 2006. – 129 с.
12. *Нуров А. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ. Д./ А. Нуров. – Душанбе: Маориф, 1990.- 120 с.*
13. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ 1. - М., 1969. – 518 с.*
14. *Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ 2. – М., 1969. – 570 с.*
15. *Сайидои Насафӣ. Девони мунтахаб. / Н. Сайидо. – Сталинобод, 1944. – 212 с.*
16. *Халилов А. Ибораҳои изофӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик. / А. Халилов. – Душанбе.: Дониш, 1964. - 334 с.*
17. *Хоҷаев Д., Кабиров Ш. Синтаксис ва пунктуатсия. / Д. Хоҷаев, Ш. Кабиров. – Душанбе, 1991. - 689 с.*
18. *Шаҳлои А. Т. Ақидаҳои назариявии олимон оид ба ибораҳои исмии изофӣ. / А. Т. Шаҳлои, Ё. Камолиён // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2024. - № 5-6 (112-113). - С. 51-57.*

ОСОБЕННОСТИ НОМИНАТИВНЫХ ИЗАФЕТНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ ТИПА СУЩЕСТВИТЕЛЬНОЕ + СУЩЕСТВИТЕЛЬНОЕ С РАЗЛИЧНЫМИ СЕМАНТИЧЕСКИМИ ЗНАЧЕНИЯМИ В ПОЭЗИИ АБУАБДУЛЛАХИ РУДАКИ

В статье рассматривается употребление номинативные изафетные словосочетания модели существительное + существительное (обладания в широком значении, родственные отношения, отношение предмета с именем, ремесла и мастерство, отношения части предмета к его целности) в поэзии Абуабдуллахи Рудаки. В ходе анализа показаны особенности малоупотребителний и многоупотребительный номинативные изафетные словосочетания модели существительное + существительное. Также была предпринята попытка определить особенности словосочетания, смысловых и грамматических признаков, определение различных форм строения, роли и функции номинативные изафетные словосочетания модели существительное + существительное в произведениях Абуабдуллахи Рудаки. Изучение номинативные изафетные словосочетания модели существительное + существительное способ проявления их словообразовательных свойств в отдельности, безусловно, имеет большое теоретическое и практическое значение, а в плане анализа и совершенствования этого типа словосочетания с практически помогает владельцам языка. Помимо изучения уточняющей синтаксиса в работах Рудаки, структура языка также считается строительным материалом для владельцев языка. Этапы развития номинативные изафетные словосочетания модели существительное + существительное представляют ценность для реального документа, отражающего эволюцию формы и значения языка. Способы и средства словосочетания модели существительное + существительное явление включения в литературный язык различных форм словосочетания, описание его простых и красноречивых форм — это реальность, которую наш язык пережил на протяжении веков.

Ключевые слова: синтаксис, слово, словосочетание, стихотворение, номинативные изафетные словосочетания, модели существительное + существительное, Абуабдуллахи Рудаки.

ВИЖАГИҲОИ ИБОРАҲОИ ИСМИИ ИЗОФИИ ҚОЛАБИ ИСМУ ИСМ БО МАЪНОҲОИ ГУНОГУНИ СЕМАНТИКӢ ДАР АШЪОРИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

Дар мақола ҷойгоҳи истифодаи ибораҳои исмии изофии қолаби исму исм (муносибати соҳибиятро бо маънои васеаш, мафҳумҳои хешу таборӣ, муносибати ашё бо ном, касбу ҳунар, нисбати ҷузъ ба кул) дар ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Хусусиятҳои сериетъмолию камистеъмолии ибораҳои исмии изофии қолаби исму исм зимни таҳлилҳо нишон дода мешавад. Ҳамчунин кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки хусусиятҳои ибораҳо, нишонаҳои маъноӣ ва грамматикӣ, таъйини шаклҳои гуногуни сохтор, нақш ва вазифаи ибораҳои исмии изофии қолаби исму исм дар эҷодиёти Абуабдуллои Рӯдакӣ муайян карда шавад. Пажӯҳиши ибораҳои исмии изофии қолаби исму исм, усули дар алоҳидагӣ нишон додани хосиятҳои калимасозии онҳо бешак, арзиши фаровони назарӣ ва амалӣ дошта, дар роҳи таҷзия ва такмили ин навъи вожасозӣ бо ибораҳои исмии изофии қолаби исму исм пасвандҳо амалан ба соҳибони забон ёрӣ мерасонад. Ҳамчунин таҳқиқи аниқ намудани ибораҳои исмии изофии қолаби исму исм дар осори Рӯдакӣ барои соҳибони забон, сохти забон ҳамчунин як маводи бинокорӣ ба ҳисоб меравад. Зинаҳои инкишофи иборасозӣ ба санади воқеии инъикоскунандаи таҳаввулоти шаклӣ ва маъноии забон арзишманд аст. Роҳҳо ва воситаҳои иборасозӣ аз исм, ҳодисаи ба забони адабӣ дохил шудани шаклҳои гуногуни иборасозӣ тавсифи шаклҳои он воқеиятест, ки забони мо дар тули асрҳо аз сар гузаронидааст.

Калидвожаҳо: наҳв, калима, ибора, шеър, ибораҳои исмии изофӣ, қолаби исму исм, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

FUTURES NOMINATIVE IZAFET PHRASES OF THE MODEL NOUN + NOUN KITH LPPERENT SEMCNHCAE MEANINGS IN THE POETRY OF ABUABDULLAHI RUDAKI

The article examines the use of nominative izafet phrases of the model noun + noun (possessions in a broad sense, kinship relations, the relationship of an object with a name, crafts and skill, the relationship of a part of an object to its integrity) in the poetry of Abuabdullahi Rudaki. The analysis shows the features of

little-used and frequently used nominative izafet phrases of the model noun + noun. An attempt was also made to determine the features of the phrase, semantic and grammatical features, the definition of various forms of structure, the role and function of nominative izafet phrases of the model noun + noun in the works of Abuabdullahi Rudaki. The study of nominative izafet phrases of the noun + noun model, the way of manifestation of their word-formation properties separately, of course, has great theoretical and practical significance, and in terms of analysis and improvement of this type of phrase with practical help to language owners. In addition to studying the clarifying syntax in the works of Rudaki, the structure of the language is also considered a building material for language owners. The stages of development of nominative izafet phrases of the noun + noun model are valuable for a real document reflecting the evolution of the form and meaning of the language. The methods and means of the phrase of the noun + noun model, the phenomenon of inclusion in the literary language of various forms of the phrase, the description of its simple and eloquent forms - this is the reality that our language has experienced over the centuries.

Keywords: syntax, word, phrase, poem, nominative izafet phrases, noun + noun models, Abuabdullahi Rudaki.

Об авторе
Кодирова Салтанат Абдуллоевна
Кандидат филологических наук, старший научный сотрудник отдела языка
Институт языка и литературы имени Рудаки НАНТ
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33

Дар бораи муаллиф
Қодирова Салтанат Абдуллоевна
Номзади илмҳои филологӣ, ходими калони илмии шуъбаи забон
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: saltanatkodirova632@gmail.com

About the author
Kodirova Saltanat Abdulloevna
Candidate of Philology, Senior Researcher of the Language Department
Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33
E-mail: saltanatkodirova632@gmail.com

ТДУ 491.55:81'38

МАВҚЕИ ВОЖАҲОИ ИҚТИБОСИИ ТУРКӢ-МУҒУЛӢ ДАР ОСОРИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

Табарзода Х. Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масъалаи амалӣ ва назариявии омезиши забонҳо бо ҳамдигар ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ ва таҳқиқи забоншиносон қарор дорад. Ба қавли забоншиноси маъруфи Эрон Маликушшуаро Баҳор: «Дар олам ҳеҷ забоне нест, ки битавонад аз омехтагӣ бо забони дигар худро ба канор дорад...» [Баҳор, 1337, с. 267]. Сабаби вуруди калимаҳои муқтабасро дар забон метавон ба вазъи сиёсию иҷтимоӣ, таърихӣ ва илмиву фарҳангии ҳар миллату кишвар донист, ки дар натиҷаи таъсир бо ҳамдигар дар таркиби луғавӣ ворид мешаванд. Ногуфта намонад, ки дар ташаккули забони форсӣ-тоҷикӣ низ нақши калимаҳои иқтибосӣ басо ҷолиби диққат буда, гунаи вожаҳо дар муддати тулонӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ ворид гардида, ба меъёрҳои сарфиву наҳвии забон мутобиқ гардидаанд. Тибқи назари профессор Ҳ. Маҷидов «имрӯз беш аз 50 дарсади калимаҳои таркиби луғавии забонро иқтибосот… ташкил менамояд» [Маҷидов, 2007, с. 78].

Аз ҷумла, дар забони тоҷикӣ вожаҳои иқтибосии арабӣ, туркӣ-муғулӣ, русӣ ва ғ. ба назар мерасад, ки бештари онҳоро вожаҳои арабӣ ташкил медиҳад.

Агар вуруди вожаҳои арабиро дар забони форсӣ - тоҷикӣ дар дигаргуншавии вазъи сиёсӣ: қабули фарҳанги исломӣ, расму русуми дини ислом, ба меъёрҳои сарфиву наҳвии мутобиқ гардидани ин забон ва ба вуҷуд омадани қолаб ва меъёрҳои луғавӣ-сохтории муштарак муаррифӣ намоем, пас, дар асоси далелҳои сарчашмаҳои илмиву адабӣ, ки шаҳодат медиҳанд, робитаи байни форсии дарӣ ва забонҳои мухталифи туркӣ хеле барвақт шуруъ гардидааст. Аз ҷумла, Пейсиков Л.С. (Пейсиков, 1975, с. 46) ибтидои робитаи ин ду халқиятро то даврони Ислом нисбат додаст.

Баъди ба сари қудрат омадани хонадонҳои гуногуни турку муғул дар ибтидои асри Х1 ҳарчанд мақоми забони форси дарӣ паст нагашта бошад ҳам, тарзи нави зист, тағйироти сиёсӣ-давлатдорӣ, илмиву фарҳангӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд омад ва ба забони форсии дарӣ низ таъсири худро гузошт. Дар забон пайдоиши як қатор калимаҳои туркиву муғулӣ ҳамчун мафҳумҳои тозаи ҳамондавра заминаи худро гузошт.

Аз рӯйи сарчашмаҳои илмӣ муайян мегардад, ки калимаҳои туркӣ- муғулӣ оҳиста-оҳиста ба забонҳои зиндаи мардум ворид шуданд. Аслан, воридшавии фаъоли калимаҳои туркиву муғулӣ ба адабиёти бадеӣ дар забони зиндаи мардум бештар аз нимаҳои асри Х1Х шуруъ шудааст ва сабабҳо сурат гирифтани онҳоро метавон бо чунин тариқ гуруҳбандӣ намуд:

а) Охирин сулолаи манғитиён амир Олимхон, ки худ аз оилаи туркнажод буд, то Инқилоби октябр ҳамчун амир ҳукумрони Осиёи Миёна буд ва ин метавонад як сабаби воридшавии калимаҳои туркӣ гарадад. Масалан вазифаҳо ва унвонҳои зиёди дарборӣ аз қабили ***ясову***л - хидматгори дарбор, ***қушбегӣ*** - садри аъзам, ***тӯра*** - лақаби валиаҳдон дар аморати Бухоро, ***юриш*** - ҳуҷум, ***қурбошӣ*** - саркардаи босмачиён, ***қӯшун*** - лашкар ***қаровулбегӣ*** - сардори посбонҳо ва монанди инҳо дар кори давлатдории ҳамондавра серистеъмол будаанд.

б) Аморати амирӣ дар Бухоро буд ва шаҳри Бухоро наздикӣ дорад ба мардуми узбекҳо. Дар дохили шаҳр ва гирду атрофи шаҳр мардуми зиёди узбеку дигар қабилаҳои туркӣ умр ба сар мебурданд. Ин бетаъсир наметавонад;

в) Дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ вобаста ба зинаҳои инкишофи ҷомеа ва оғози ҳаракати адабии равияи маорифпарварӣ дар заминаи вазъи забон бо шеваи то андозае содабаёнӣ рӯ ба рӯ хоҳем шуд. Равияи маорифпарварӣ барои сода кардани забон ва омафаҳм будан онҳо аз калимаҳои туркӣ-муғулӣ низ истифода намуданд.

«Сиёсати кӯтоҳназаронаи амирон (дар назар аст амирони манғит - Х.Т.), - таъкид менамояд Пешвои миллат, Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар китоби дуюми асари бунёдии хеш «Забони миллат-ҳастии миллат», - ҳукуматҳои дар идораи корҳои

давлатӣ оҷиз, дарбориёни мутаассиб ва бехабар аз ҳоли ҷаҳон, кашмакашҳои феодалҳои маҳаллӣ аморати Бухороро дар сатҳи ақибмондатарин кишварҳои Осиё қарор дода буданд» [Эмомалӣ Раҳмон, 2020, с. 255].

Ва ин вазъият ҳолати мардумро, аз ҷумла, тоҷиконро хеле аз ҷиҳати сиёсӣ обутоб дод ва равияе бо номи маорифпарварон пайдо гардид, ки дар баробари пешниҳодҳо оид ба дигарсозии сохти ҷамъият, сиёсат, усули давлатдорӣ, ҳолати иқтисодии кишвар ба масъалаҳои илму фарҳанг, забону адабиёт низ изҳори назар мекарданд. Муҳаққиқ Н. Маъсумӣ менигорад, ки «... ҳаракати адабии равияи маорифпарварӣ... ба анъанаҳои пешқадами назму насри гузаштагони худ такя карда, барои ба халқ наздик кардани адабиёт, мувофиқати шаклу мазмун ва ба забони адабӣ дохил кардани калимаю ибораҳои халқӣ кушише зоҳир намуданд» [Маъсумӣ, 1976, с. 43].

Забони дарбории ҳамондавра бисёр мураккаб ва печдарпеч буд. Истифодаи аз ҳад зиёди калимаҳои иқтибосӣ, махсусан, арабӣ дар таркиби луғавии забон яке аз сабабҳои пайдоиши равияи мазкур ҳисобидан мумкин аст Ҳарчанд забоншинос Ш. Рустамов яке аз роҳҳои бойшавии таркиби луғавии ҳар як забонро "...аз забонҳои дигар қабул намудани калимаҳои ҷудогона" [Рустамов, 1981, с.101] ҳисобад ҳам, аммо аз меъёр зиёд истифодаи калимаҳои иқтибосӣ сабаби дур гардидани забони адабӣ аз забони омаи мардум мебошад.

Таърих гувоҳ мебошад, ки робитаи байни мардуми форсу тоҷик ва мардумони туркӣ хеле барвақт шуруъ гардидааст. Дар китоби чаҳорҷилдаи муҳаққиқ Д. Герҳард бо номи «Аносири туркиву муғулӣ дар форсии нав» (чопи 1963-1965) мебошад, ки вомвожаҳои туркӣ-муғулиро ба се марҳала ҷудо намудааст: «… туркии ноби куҳна…, туркӣ ва муғулии миёна… ва… туркии ноби ҷадид, ки шомили ҳар минтақаҳо буданд» ва бештари онҳоро истилоҳоти девонӣ (давлатдорӣ, ҳукумат) ва қонунгузориҳо дар бар мегирад. [Doerfer. 1963, с. 228].

Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ шоири нимаи дуюми асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ чун идомадиҳандаи кори неки аҳли илму адаб рисолати инсонии худро дар назди ҷамъият ба субут расонида, мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ гузоштааст.

Пас аз мутолиаи "Куллиёт"-и шоир (нашриёти Ирфон, 1998) метавон зикр намуд, ки Ҳоҷӣ Ҳусайн дар қатори калимаҳои арабӣ, юнонӣ, лотинӣ ва русӣ калимаҳои туркиро низ фаровон истифода намудааст*.

Замони зиндагии Ҳоҷӣ Ҳусайн замони тағйироти давлатдории Осиёи Миёна, давраи ҳукмронии силсилаи амирони Манғития дар Аморати Бухоро буд. Амирони Манғития барои пешравии иқтисодиёти сарзамини Осиёи Миёна, илму фарҳанги мардуми тоҷик кори чашмрасу мондагоре накарданд. Онҳо фақат ба кашмокашу тохтутоз, харобиорию зулму асорати халқи камбағал ва айшу ишрати худ машғул буданд. Ин вазъияти нооромии зуд-зуд тағйирёбанда ба забони адабӣ, рушди илму фарҳанг бетаъсир намонд.

Вомвожаҳои туркӣ-муғулӣ дар эҷодиёти Ҳоҷӣ Ҳусайн миқдоран зиёд нестанд. Масалан, калимаҳои *аёғ, иноқ, каҷак, қадоқ, қӯш, қоб, қоба, тамға, тин, ол, яғмо, турк, туркистонӣ, қадоқ , қантар қаратоқ, қоз, суроғ, суроға, туғро, тумтароқ\тумтуроқ, иноқ (туркӣ, муғулӣ), урду//ӯрду* ва амсоли инҳо.

Турк- **ترک** - номи умумии халқиятҳои туркизабон, «халқи забонаш мансуб ба гурӯҳи забонҳои туркӣ, ки сокинони асосии Туркияро ташкил медиҳад» [ФТЗТ, 2008, с. 337]. Дар эътимодтарин манбаъ - «Забони миллат - ҳастии миллат» доир ба туркон чунин оварда шудааст: «Дар аҳди Салҷуқиён ва ё чанде пештар аз он қавму қабилаҳои гуногуни турк, аз қабили туркони ғуз, қипчоқ, қарлуқ, чигил, яғмо, қарохитойӣ, туркман ва ғайра, ки аз даштҳои Олтою соҳилҳои Енисей ба Ҳафтрӯд наздик омада буданд, тадриҷан ба Мовароуннаҳру шимоли Хуросон кӯч бастанд ва аз ин манотиқ ба ноҳияҳои марказию ғарбии Эронзамин омада, дар ин ноҳияҳо сукунати доимӣ ихтиёр карданд ва аз кашмакашҳои дохилии мардуми маҳаллӣ истифода бурда, дар аксари минтақаҳо қудрати сиёсиро ба даст гирифтанд. Бо гузашти айём аз забони ин қавму қабилаҳо низ баъзе луғоту калимот ба забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ворид шуданд, ки бештар ба низоми идории давлату ҳукумат ва муносибатҳои қабилавию авлодӣ вобастагӣ доштанд, вале ин вожагону таркибот дар бофту сохти забон ба зудӣ куллан ҳазм гардида, дар девори забон рахна ба вуҷуд оварда натавонистанд» [Эмомалӣ

* Минбаъд зимни овардани мисолҳо ва саҳифаи онҳо ба асари мазкур истинод карда мешавад.

Раҳмон, 2020, с. 260]. Вожаи турк дар ашъори Ҳоҷӣ Ҳусайн бо дар бар доштани маонии мазкур 23 маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст.

Турк - **ترک**, аслан, номи умумии халқиятҳои туркизабон буда, дар таърих ҳамчун миллати тохтутозгар ва ба миллатҳои дигар шиканҷаовар тавсиф ёфтааст. Ҳоҷӣ Ҳусайн дар байти "Ғофил манишин зи ғорати турки аҷал, Аз панҷаи ӯ тамом абтар бошад" (саҳ. 347) ин маъниро бозгӯ намудааст.

Турон. Дар достонҳои эронӣ номи Туркистон ва Мовароуннаҳр билоди муҷовири Ҷайҳун, ки Фаридун - подшоҳи пешдодӣ пас аз тақсими мамлакат худ миёни се писараш Салму Тур ва Эрач қисматро ба таври зарурӣ вогузор кард ва аз ин рӯ, он сарзаминро Турон гуфтаанд. Ва чун Салму Тур бар Эрач ҳасад бурда ва ӯро куштанд. Манучеҳр - писари Эрач ба хунхоҳии падар лашкар кашид ва Салму Турро кушт ва ҷонишини Фаридун шуд. сипас ҷангҳои миёни эрониён ва турониён рух дод, ки қисмате аз афсонаҳои миллии эрониро ташкил медиҳад: [Фарҳанги форсии Амид. 1391, с.750].

Дар эҷодиёти Ҳоҷӣ Ҳусайн вожаи Турон, туронӣ (бо иловаи пасванди исмсози -ӣ) истифода шудааст:

Шоҳи олиманзалат, султони дин Абдулаҳад,
Тоҷдори турку Турон, молики мулки Бухор [саҳ. 379].

***

Шуд баланд дар диёри туронӣ
Шуҳрати шоҳии Раҳимхонӣ [саҳ. 369].

Вожаи сохтаи **туркистонӣ** бошад, дар ашъори шоир на ишора ба қавму нажод, балки ифодакунандаи маъноҳои маҳбуба, ёр; зебосанам мебошад:

Нақди дилро зи мани зор ба яғмо бурдӣ,
Ба гадо ҳам накунад шафқате туркистонӣ [саҳ. 295].

Калимаи **аёғ//аёқ** - ایاق//ایاغ дар "Ғиёс-ул-луғот" пиёлаи шаробхӯрӣ; ва ба маънии пой; ва ин лафзи туркист [Ғиёс-ул-луғот, с.104] маънӣ шуда, дар ашъори шоир чор маротиба истифода шудааст:

Аз шавқи киям дил ба сари ахғари доғ аст,
Чун лола пур аз хун ҷигари хаста <u>аёғ</u> аст [саҳ. 67].

Вожаи **иноқ** аз рӯйи таърихи пайдоишаш муғулӣ-туркӣ буда, чун истилоҳи таърихӣ баёнгари яке аз мансабҳои олӣ - рутбаи ёздаҳум аз понздаҳ рутбаи мансабдорон дар аморати Бухоро будааст. Ҳоҷӣ Ҳусайн ин вожаро дар ин мазмун мавриди истифода қарор додааст:

Мири олиманзалат Абдулҳафиз беки иноқ,
Волии Хатлонзамину нойиби шоҳи Бухор [саҳ. 336].

Қадоқ - дар ҷумлаи «Бист <u>қадоқ</u> чою ду шиша равғани баласон расид, ҳамчун гиёҳи сероб бо баргу наво ва чун баласон тарласон гардида, андалибсон навохони дуо гардидем…" (саҳ. 507) ба назар расид, ки дар маънои воҳиди ченаки вазн, ки баробар ба 409, 05 г., фунт истифода шудааст.

Қул - вожаи гуфтугӯйӣ буда, аз ҷиҳати баромад мансуб ба туркист ва ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои ғулом, банда (асосан дар таркиби номҳои мардона) меояд. Дар Куллиёт номҳои Ҳамроқул, Авлёқул, Субҳонқул, Авлёқулбек, Субҳонқулӣ истифода шудаанд.

Вожаи **бек** истилоҳи таърихист ва дар шакли Бек/бег низ дар номҳои ашхос истифодаи васеъ дорад. Аз рӯйи баромад туркӣ буда, ҳамчун унвони расмӣ ва фахрии ашроф, асилзода ва мансабдорони дарборӣ дар маънии хон ё амире, ки ҳокими шаҳру ноҳия ба ӯ итоат мекарданд, тааллуқ дошт. Ҳарчанд имрӯз давлатдории амирӣ, дарборӣ, шоҳигариҳо аз байн рафта бошад ҳам, дар забони омма вожаҳои бек\бег ва бой барои ифодаи меҳрубонӣ ва навозиш дар охири номҳои мардона илова карда, аслан ба мардуми нажоди турк мансуб мебошад. Мисол Аминбой, Саидбек ва ғ.

Авлиёқул беки волову низомуссалтана,
Мири би, парвоначиву нойиби шоҳи Бухор [саҳ. 385].

Мактуб ба Авлиёқулибек бии парвоначи дар зилзилаи воқиаи Кангурт навишта шуд [саҳ. 499].

Вожаи **қоб** туркӣ мебошад. Ҳоҷӣ Ҳусайн ин вожаро 3 маротиба истифода намудааст. Вожаи қоб-дар байни мардуми туркнажод дар маъноҳои ғилофи ашёҳо; устухони оринҷ ва пошнаи пой; буҷул, устухони чоркунҷаи ҳайвоноти хонагӣ аз ҷумлаи бузу гӯсфанд, ки бо он қимор мебозанд; зарф, табақ маънидод мешавад. Аммо ба ашъори Ҳоҷӣ Ҳусайн назар афканем, дар байтҳои зерин вожаи **қоб** дар ибораи **қоби қавсайн** маъноҳои фосилаи байни ду абрӯ; бисёр наздик буданро доро мебошад. Ҳоло ин вожа аз истеъмол баромадааст. Мисол:

Эй шаҳи мулки рисолат, меҳтари покизазот,
Шахсавори қоби қавсайн, манбаи баҳри сифот [саҳ. 318].

Вожаи **тамға//тамғо** туркист ва дар байти Ҳоҷӣ Ҳусайн

Ҷу дорам аз ғуломӣ тамғае ман,
Ба гӯшам ҳалқаи бобӣ набӣ зан [саҳ. 399].

дар маънои нишона, аломат истифода гардидааст.

Истилоҳи таърихии **туғро** низ туркӣ буда, Ҳоҷӣ Ҳусайн ин вожаро дар ду маънӣ истифода намудааст:

Дар маънии амр, фармон:

Эй номи ту туғрои ҷабин кӯҳи Яманро,
Аз лутфи ту ҳар қатра гуҳар баҳри Аданро [саҳ. 32].

Дар маънии навъе аз хатти насх:

Ба мавзунӣ шуда туғрош нозил,
Набошад гарчи шеъру аз лабу дил [саҳ. 420].

Ба ҳамагон маълум аст, ки **урду** номи забони асосии мардуми Покистон ва як қисми аҳолии Ҳиндустон ва дар маънои дигар **урду** ҳамчун истилоҳи таърихӣ лашкар, лашкаргоҳ, сипоҳ, қароргоҳи қушун буда, аз ҷиҳати таърихи пайдоиш туркӣ- муғулӣ мебошад ва Ҳоҷӣ Ҳусайн ин вожаро ду маротиба мавриди истифода қарор додааст, чунончи:

Мурадад лашкаре ҷамъ оварид,
Самти аду он ҳама урду кашид [саҳ. 476].

***

Довари дорогулому урду уммatро маоз,
Сарвари хусравсагу шоҳаншаҳи фармоннафоз [саҳ. 319].

Вожаи **қӯшронӣ** аз ҷиҳати сохт мураккаб мебошад ва аз ду реша дар қолаби туркӣ+тоҷикӣ ва пасванди сифатсози -ӣ сохта шудааст. Дар ФТЗТ маънои вожаи туркии **қӯш** 1. як ҷуфт барзагови ба омоч басташуда барои шудгор кардан замин. 2. шакли куҳнашудаи вожа дар маънои андозаи замини зироатӣ, ки дар мавсими деҳқонӣ бо як ҷуфти гов кор карда мешуд ва дар хонигариҳои Осиёи Миёна як қӯш замин 40-50 таноб (ё 10-12 га)-ро ташкил медод, [ФТЗТ, 2008, с. 693] маънидод гардидааст. Ногуфта намонад, ки калимаи қӯш дар лаҳҷаҳои минтақаҳои Тоҷикистон дар маъноҳои васл кардан, қӯш (пайваст) шудан, ҳамроҳ шудан, якҷоя шудан (Ман ҳам бо кори шумо қуш, домулло!) истифода мешавад. Мисол: қӯш партофтан, яъне дуруст кардани ҷойи нишаст барои гурӯҳи одамон, калимаи мураккаби дукӯша (шакли дигари ғӯлак - рогатка) барои бозии бачагон ва ғ.

Ҳоҷӣ Ҳусайн аз калимаи туркии **қӯш**, аз асоси замони ҳозираи феъли **рондан**, ки дар баъзе вожаҳо ҷузъи пасини калимаҳои мураккаб ба маънои аслии **рон** истифода мешавад ва пасванди калимасози **-ӣ** калимаи мураккаби **қушронӣ** сохтааст, ки дар фарҳангномаҳо дарёфт нагардид:

…ва аз хушомади кӯшронӣ ба рикоби фароғат муштоқ вагарна, аз ноқабулии фармони Шумо обрӯйи якҷиҳатӣ бар пойи инфиол мерезад…[саҳ. 515].

Хулоса, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ аз боигарии таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба тарзу услуби хоси худ истифода намуда, барои пуробуранг, образноку таъсирбахш баромадани забони осори офаридааш аз калимаҳои иқтибосии туркӣ-муғулӣ низ истифода намудааст.

Адабиёт

1. *Ғиёс-ул-луғот. Таълифоти Муҳаммад Ғиёсуддин. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров. – Душанбе: Адиб, 1987, Ҷ.1. – 398 с.*
2. *Маликушшуаро, Баҳор. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ [Матн] / Баҳор, Маликушшуаро. – Теҳрон, 1337. – 267 с.*
3. *Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ [Матн] 3 Ҳ. Маҷидов – Ҷ. 1. – Душанбе, 2007. – 242 с.*
4. *Маъсумӣ, Н. Забон ва услуби Аҳмади Дониш. Фасли «Мулоҳизаҳо оид ба вазъи забони адабии охири асри XIX» [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Душанбе: Дониш, 1976. – 196 с.*
5. *Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка [Текст] / Л.С. Пейсиков. – М., 1975.*
6. *Рустамов, Ш. Забон ва замон [Матн] / Ш. Рустамов. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 256 с.*
7. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Дар зери таҳрири М.Ш.Шукуров, В.А.Капранов, Р.Ҳошимов, Н.А.Маъсумӣ. – Москва: Совет. энциклопедия, 1969, Ҷ.1. – 951 с.*
8. *Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). Дар зери таҳрири М.Ш.Шукуров, В.А.Капранов, Р.Ҳошимов, Н.А.Маъсумӣ. – Москва: Совет. энциклопедия, 1969, Ҷ.2. – 947 с.*
9. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.–Душанбе, 2008, Ҷ. 2.–943 с.*
10. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.–Душанбе, 2008, Ҷ. 2.–943 с.*
11. *Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.–Душанбе, 2008,Ҷ. 1.– 945 с.*
12. *Фарҳанги форсӣ. Ҳасан Амид. Интишороти Ашҷаъ. – Теҳрон. Чопи дувум, Баҳор 1391. Ҷ.2 , –1274 с.*
13. *Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Кангуртӣ. Куллиёт. Виросторон ва сомондиҳандаи матн К. Чиллазоди Теҳрайӣ, Амирхӯҷа Абдураҳимӣ. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 1054 с.*
14. *Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат-ҳастии миллат [Матн] / Э. Раҳмон. Китоби 1. Ба сӯйи пояндагӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 277 с.*
15. *Эмомалӣ Раҳмон. Китоби 2. Забон ва замон[Матн]. / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 431 с.*
16. *Doerfer, 1963-1975 Turkishe und Mongolische Elemente im Neupersischen, Wiesbaden, 1-1V). – 782s.*

МАВҚЕИ ВОЖАҲОИ ИҚТИБОСИИ ТУРКӢ-МУҒУЛӢ ДАР ОСОРИ ҲОҶӢ ҲУСАЙНИ КАНГУРТӢ

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи нақш ва мавқеи иқтибосоти туркӣ-муғулӣ дар эҷодиёти шоири тоҷики нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ бахшида шудааст. Дар кор масъалаи таъсири мутақобилаи забонҳо ва калимаҳои иқтибосӣ, ки аз робитаҳои таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, бахусус дар замони ҳукмронии сулолаи Манғит дар Аморати Бухоро ба вуҷуд омадаанд, таҳлил карда мешавад. Муайян гардид, ки ҳарчанд асоси таркиби луғавии забони тоҷикиро калимаҳои иқтибосии арабӣ ташкил медиҳанд, дар осори Кангуртӣ, инчунин дар забони давраи маорифпарварӣ, истифодаи вожаҳои туркӣ-муғулӣ мушоҳида мегардад. Ин ҳолат ҳам аз наздикии забонӣ бо қавмҳои туркзабон ва ҳам аз зарурати сода намудани забони адабӣ барои оммаи васеи мардум ба миён омадааст. Муаллиф теониму топонимҳо ва истилоҳоти идории давлатиро, аз қабили иноқ, қадоқ, қӯш, тамға, туғро, урду ошкор намуда, маънои луғавӣ, сохтори грамматикӣ ва фаъолияти онҳоро дар заминаи мероси назмию насрии Кангуртӣ таҳлил мекунад.

Калидвожаҳо: Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, иқтибосоти туркӣ-муғулӣ, луғат, истилоҳоти таърихӣ, забони тоҷикӣ.

МЕСТО ТЮРКО-МОНГОЛЬСКОЙ ЗАИМСТВОВАННОЙ ЛЕКСИКИ В ТВОРЧЕСТВЕ ХОДЖИ ХУСАЙНА КАНГУРТИ

Настоящая статья посвящена изучению роли и места тюрко-монгольских заимствований в творчестве таджикского поэта второй половины XIX – начала XX века Ходжи Хусайна Кангурти. В работе анализируется проблема языкового взаимодействия и заимствований, обусловленная историческими, политическими и культурными связями, особенно в контексте правления династии Мангытов в Бухарском эмирате. Установлено, что, несмотря на то что основу лексики таджикского языка составляют арабские заимствования, в произведениях Кангурти, как и в языке эпохи просветительства, наблюдается использование тюрко-монгольских слов. Это было вызвано как языковой близостью с тюркскими народами, так и необходимостью упрощения литературного языка для широких масс. Автор выявляет и классифицирует такие теонимы, топонимы и термины государственного управления, как иноқ, қадоқ, қӯш, тамға, туғро, урду и другие, анализируя их лексическое значение, грамматическую структуру и функционирование в контексте поэтического и прозаического наследия Кангурти.

Ключевые слова: Ходжи Хусайн Кангурти, тюрко-монгольские заимствования, лексика, исторические термины, таджикский язык.

THE PLACE OF TURKO-MONGOLIC BORROWED VOCABULARY IN THE WORKS OF HOJI HUSAYN KANGURTI

This article is devoted to the study of the role and place of Turko-Mongolic borrowings in the work of the Tajik poet of the second half of the 19th and early 20th centuries, Hoji Husayn Kangurti. The paper analyzes the problem of linguistic interaction and borrowings resulting from historical, political, and cultural ties, particularly in the context of the rule of the Manghit dynasty in the Emirate of Bukhara. It is established that, despite Arabic loanwords forming the core of the Tajik language's vocabulary, the use of Turko-Mongolic words is observed in Kangurti's works, as well as in the language of the Enlightenment era. This phenomenon was caused both by linguistic proximity to Turkic peoples and by the need to simplify the literary language for the general public. The author identifies and classifies theonyms, toponyms, and terms of state administration such as inoq, qadoq, qūsh, tamgha, tughra, urdu, and others, analyzing their lexical meaning, grammatical structure, and function within the context of Kangurti's poetic and prosaic legacy.

Keywords: Hoji Husayn Kangurti, Turko-Mongolic borrowings, vocabulary, historical terms, Tajik language.

Дар бораи муаллиф
Табарзода Хайрулло Назар
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
E-mail: tabarov-64@mail.ru

Об авторе
Табарзода Хайрулло Назар
Кандидат филологических наук, доцент
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17
E-mail: tabarov-64@mail.ru

About the author
Tabarzoda Khayrullo Nazar
Candidate of Philological Sciences, Docent
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17
E-mail: tabarov-64@mail.ru

ТДУ 81′25:81′374

РОҶЕЪ БА ТАСНИФОТИ ЛАКУНАҲО ДАР ТАРҶУМАШИНОСӢ

Зокирзода М. Ш.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Асри XXI-ро бидуни тарҷумаву тарҷумонӣ тасаввур кардан номумкин аст. Дар ин даврае, ки робитаҳои ҳамаҷониба, чи дар сатҳи давлату ҳукуматҳо, чи дар сатҳи шахсони алоҳида босуръат рушд мекунанд, зарурати таъмини муносибатҳои забонӣ ба воситаи тарҷума пеш меояд. “Дар шароити ҷаҳонишавӣ тарҷума ва тарҷумашиносӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад, зеро имрӯз ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаро бидуни тарҷума ва касби тарҷумонӣ тасаввур кардан имконнопазир аст. Фаъолияти тарҷумонӣ тамоми соҳаҳои ҳаёту фаъолияти инсонро фаро гирифта, аҳамияти бештари иҷтимоӣ касб кардааст” [15, с. 6].

Мувофиқи сарчашмаҳо тарҷума аз замонҳои қадим бо сабаби гуногунии забон зуҳур кардааст, “вале ҳамчун илм ё омӯзиш дар бораи он дар солҳои бистуми асрҳои XX ташаккул ёфтааст” [5, с. 97]. Он як навъ фаъолияти муоширатӣ ё гуфтугӯӣ буда, барои таъмини муошарати касбиву ғайрикасбӣ миёни соҳибзабонони гуногун хизмат мерасонад. Аз мутолиаи ақидаҳои тарҷумашиносон ба хулосае омадан мумкин аст, ки тарҷума раванди махсуси гузариши низоми аломатҳои як забон ба низоми аломатҳои забони дигар мебошад. Суханони профессор Нуриддин Саид гуфтаҳои болоро мукаммалтар мекунанд: “Тарҷума танҳо ивази як забон ба забони дигар набуда, дар раванди он мо ба бархурд ва муколамаи тамаддунҳои адабиёт ва анъаноти гуногун низ дучор мешавем” [16, с. 4].

Чун дар ин раванд бархӯрд ва муколамаи тамаддунҳо сурат мегирад, баъзе ноҳинҷорӣ ва мушкилиҳое рӯёрӯи тарҷумон мешаванд, ки ба тарҷума кардан ва ифода намудани мазмуну муҳтавои матни асл халал ворид месозанд. Дар тарҷумашиносӣ ин мушкилоти забониро воҳидҳои луғавии бемуодил ном мебаранд, ки мақолаи мо низ атрофи яке аз қисматҳои ҳамин мавзуст. Чун маълумоти муқаддимавӣ оид ба лакунаҳоро дар мақолаҳои қаблӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаем, ин навбат мо кӯшиш менамоем, то дар ин мақола масъалаи таснифоти лакунаҳоро баррасӣ кунем.

Калимаву ибораҳое, ки дар забони тарҷумашаванда муодили худро надоранд, ҳамчун воҳидҳои луғавии бемуодил ё худ вожаҳои бемуодил маъмул гаштаанд. Ин нуктаро тарҷумашинос Ф. Турсунов бисёр муъҷаз ва нишонрас баён намудааст: “Воҳидҳои луғавии забони А, ки дар забони Б эквивалент ё баробарҳои бевоситаи луғавии худро надоранд, воҳидҳои луғавии бемуодил номида мешаванд” [19, с. 98]. Дар ин раванд “тарҷумон вазифадор аст, ки ҳамвазну ҳамтарозуҳои образҳо, тамсилҳо, зарбулмасалу мақолҳо, санъатҳои дигари бадеиро, ки хоси забону тафаккури миллии ӯст, корбаст намояд” [10, с. 14], то ин мушкилоти пешомадаро бомуваффақият пушти сар кунад. Тарҷумони бомаҳорат аз донишу таҷриба ва малакаи касбӣ истифода бурда, ин воҳидҳоро бармегардонад. “Дониши васеътар – огоҳии имконпазир аз таърих, ҷуғрофия, мардумшиносӣ, хислату урфу одатҳои халқе, ки асари адибаш тарҷума мешавад, танҳо бурди тарҷумон аст ва ба сифати кор таъсири аёни мусбат мерасонад. Агар тарҷумон забонро хуб ҳам бидонад, вале тахайюли бадеӣ надошта бошад, тарҷумааш матни хушку холие мешавад, ки аз ҳама шӯру шавқ, эҳсосу эҳтирос, рӯҳи асар орист” [10, с. 14]. Барои ин, тарҷумонро мебояд, ки ба қавле “аз ҳар гӯшае хӯшае”, яъне аз ҳар як илму фан донишу маълумоти заминавию замонавӣ дошта бошад, то дар раванди тарҷума ба мушкилии ҷиддӣ дарнамонад. Тарҷумонро зарур аст, ки “аз нозукӣ ва хусусиятҳои афзалтари ин касб бархӯрдор бошад. Зеро маводи тарҷумашуда бояд мувофиқи табъи дили ҳамагон бошаду маънои аслии хешро пайдо карда тавонад” [8, с. 113].

Барои интиқол додани воҳидҳои луғавии бемуодил тарҷумон, чунон ки дар боло қайд гардид, ба ғайр аз забони хориҷӣ, бояд аз таъриху фарҳанг, ҷуғрофияву сиёсат, сохти иҷтимоию иқтисодии мардум ва кишвари он огоҳӣ дошта бошад. Масалан, “ман китоберо, ки дар асри XVI навишта шуда, ҳаёти он даврароро инъикос менамояд, бе омӯзиши ин даврааи таърихӣ фаҳмида наметавонам”, – мегӯяд А.Самадов [17, с. 161]. Тарҷумашинос А. Самадов талаботи дигареро низ пешниҳод намудааст: “Ба қатори он талабот донистани забони тарҷумашаванда, яъне забони мабдаъ, забони тарҷумакунанда, яъне забони мақсад, оҳангу задаҳои мантиқӣ, шумораву феъл, ҷойи аъзои ҷумла дар ҷумла ва амсоли инҳоро шомил кардан мумкин аст” [17, с. 160].

Мавзуи воҳидҳои луғавии бемуодил, ба андешаи мо, аз ҷузъҳои барҷастатарини тарҷумашиносӣ ба шумор меравад. Тарҷумашиносон воҳидҳои луғавии бемуодилро ба гурӯҳу синфҳо ва навъу гунаҳо тақсимбандӣ кардаанд. Реалияҳо, лакунаҳо, экзотизмҳо, исмҳои хос, неологизмҳо, афоризмҳо, зарбулмасалу мақолҳо аз қабили гуруҳҳои барҷастаи воҳидҳои луғавии бемуодил маҳсуб мешаванд. Дар яке аз сатрҳои китоби “Оинадори Фарангу Ховар” [14], ки аз забони тарҷумашинос А. Самадов дар такя ба ақидаи олимони ин соҳа навишта шудааст, вохӯрдем, ки чунин омадааст: “Л. В. Ашмарина вожаҳои урфиро яке аз рукнҳои лексикаи бемуродиф шуморида, қайд менамояд, ки дар забони русӣ ба ҷои “реалия” калимаҳои “экзотизм” ва “лакуна”-ро низ истифода мебаранд ва маҳз дар онҳо вижагиҳои ин ё он миллат инъикос меёбанд” [17, с. 164].

Бо вуҷуди истифодаи фаровон аз назариёти пешниҳоднамудаи А. Самадов, мо ба ақидаи Л. Ашмарина розӣ шуда наметавонем, зеро реалияҳо бештар дар ашё дида шуда, ба як миллат, қавм, мардум, қабила хосанд. Лакуна ва экзотизмҳо бо вуҷуди аз зергурӯҳҳо ё худ рукнҳои воҳидҳои луғавии бемуодил будан аз реалияҳо фарқ мекунанд, гарчанде дар раванди тарҷума монандиҳо зиёданд. Ин нуктаро С. Кесамирова низ қайд кардааст: “... тарҷумонҳо лакунаҳоро “чоҳҳои маъноӣ” ном мебаранд, зеро онҳо тарҷуманашавандаанд. Лакунаҳо мафҳумҳои бемуодили забон ба ҳисоб рафта, ҳангоми интиқол ба дигар забонҳо ба реалияҳо шабоҳат доранд” [9, с. 104].

Доир ба лакунаҳо ё холигоҳҳои маъноӣ чун падида ва яке аз гурӯҳҳои воҳидҳои луғавии бемуодил, инчунин моҳияти лингвистии онҳо мо дар мақолаҳои худ таҳти унвони “Лакунаҳо ҳамчун падидаи воҳидҳои луғавии бемуодил” [5] ва “Оид ба моҳияти лингвистии лакунаҳо дар тарҷумашиносӣ” [7] дар такя ба фикру мулоҳизоти олимони соҳа то ҷое маълумоти муфассал пешниҳод кардаем. Таҳқиқ дар ин самт дар мақолаи бо номи “Оид ба мафҳумҳои муодилнокӣ ва бемуодилӣ дар тарҷума” [6] ба мо маълум намуд, ки лакунаҳо ифодагари мафҳумҳое мебошанд, ки дар як фарҳанг ё забон вуҷуд доранд, аммо дар фарҳанг ва ё забони дигар ба мушоҳида намерасанд. Ин ҷо қайд кардан бамаврид аст, ки сухан дар бораи ду ва ё зиёда фарҳангу забони муайян меравад, яъне агар як воҳиди забонӣ дар забони англисӣ бошаду муодили он дар забони тоҷикӣ дарёфт нагардад, маънои онро надорад, ки он дар забони русӣ низ мавҷуд нест ва ё баръакс. Вуҷуд надоштани муодили мукаммали воҳиди забони як фарҳанг дар забони фарҳанги дигарро чи аз нигоҳи лингвистӣ ва чи аз лиҳози фарҳангӣ лакунология меомӯзад.

Масъалаи мазкурро бо якчанд мисол шарҳ додан ба мақсад мувофиқ аст. Калимаи мураккаби “шабонарӯз”-и тоҷикӣ дар забони русӣ бо калимаи сохтаи “сутки” тарҷума мешавад, вале дар забони англисӣ барои ифода кардани як шабонарӯзи иборат аз 24 соат калимаи махсус ва ё ҷудогона вуҷуд надорад ва соҳибзабонон барои ивази он аз калимаи “day” ё “24 hours” истифода мебаранд. Дар ин мавридҳо, агар муқоисаи забони англисӣ бо забони тоҷикӣ бошад, пас калимаи мазкури тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ лакуна мебошад. Агар муқоисаи забонҳои русӣ ва тоҷикӣ бошад, ин калима лакуна ба ҳисоб намеравад.

Аз ин рӯ, вақте ки сухан дар бораи воҳидҳои луғавии бемуодил меравад, ҷуфти забонҳои мавриди муқоиса бояд ба эътибор гирифта шавад, то сатҳ ва дараҷаи интиқоли онҳо аз як забон ба забони дигар дуруст муайян карда шаванд.

Олимону пажӯҳишгарон ин гурӯҳи воҳидҳои луғавии бемуодил – лакунаҳоро аз рӯи мазмуну муҳтаво, сохту шакл, мансубият ба ҳиссаҳои нутқ гуногун ва ба навъҳои зиёд тасниф кардаанд.

Инак, ба баррасии масъалаҳои таснифи лакунаҳо мепардозем. Ҳанӯз дар соли 1975 тарҷумашинос В. Л. Муравёв дар китоби худ бо номи “Лексические лакуны” [13] лакунаҳоро ба “лакунаҳои лингвистӣ ё забоншиносӣ ва этнографӣ” ҷудо намудааст, ки дар навбати худ боз ба зергурӯҳҳо тақсим мешаванд. Маврид ба қайд аст, ки ҳамин гуруҳбандӣ миёни олимон бештар ҷонибдор пайдо кардааст.

Олимони дигар низ тақсимоти гуногуни лакунаҳоро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Масалан, аз ҷиҳати мазмун **моддӣ ва маънавӣ**, аз ҷиҳати хислати парадигматикӣ ва ё мақоми он дар парадигмаҳои забонӣ **ҷинсӣ ва навъӣ**, аз нигоҳи мансубияти низоми забонӣ **байнизабонӣ ва дохилизабонӣ**, аз нигоҳи ҳолатҳои ғайризабонӣ **далелнок ва бедалел**, аз рӯйи типи номинатсия **номинативӣ ва услубӣ**, аз рӯйи мансубият ба ҳиссҳои нутқ **лакунаҳои ҳиссаҳоинутқӣ** мешаванд, ки ин таснифотро олимон И. А. Стернин, З. Д. Попова, М. А. Стернина пешниҳод кардаанд [18, с. 205].

А.А. Махонина лакунаҳоро аз нигоҳи мансубияти ҷинсии мафҳумҳои ифодашаванда (гендерӣ) ва дар заминаи робитаҳои дохилӣ ва берунии миёни ашёи мавриди ифода (метонимӣ) ҷудо намудааст [11, с. 42].

Г.В. Бикова намудҳои мухталифи лакунаҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ниҳоятан онҳоро ба қисмӣ, ҷуброншуда ва комил тақсим кардааст [1, с. 57-75].

Китоби тарҷумашинос Б. Дашидоржиева таҳти унвони “Лакунаҳо дар муоширати байнифарҳангӣ” [4] ҷанбаҳои гуногун ва серпаҳлӯи лакунаҳоро фаро гирифтааст, ки аз нигоҳи мо ба бисёр масъалаҳо равшанӣ меандозад. Дар ин сарчашма лакунаҳо ба ду гурӯҳи калон ҷудо шудаанд, ки бештари олимон бар ҳамин назаранд. Яъне лакунаҳо аз ду ҷиҳат ба омӯзиш фаро гирифта мешаванд: аз нигоҳи забоншиносӣ ва фарҳангшиносӣ. Ё ба таври дигар, **лакунаҳои лингвистӣ ва лакунаҳои фарҳангӣ** унвон гирифта, корбаст мешаванд.

Бояд тазаккур дод, ки таснифоти лакунаҳо яке аз масъалаҳои васеъ ва серҷанба мебошанд.

Инчунин, **лакунаҳои фосилавӣ** мавҷуданд, ки онҳоро **лакунаҳои забонӣ-фарҳангӣ** меноманд. Лакунаҳои забонӣ ё лингвистӣ дар навбати худ ба **дохилизабонӣ ва байнизабонӣ** ҷудо мешаванд. Ҳамзамон, онҳоро ба лакунаҳои **дастурӣ, луғавӣ, услубӣ, нопурра, ҷуброншуда, пурра** ва ғайра ҷудо мекунанд [4, с. 47].

Забоншиносон А.А. Махонина ва М.А. Стернина кӯшиш кардаанд, ки лакунаҳоро аз рӯи як принсип тасниф намоянд, ки бобати ин дар мақолаи худ “Аз таҷрибаи таснифоти типологии лакунаҳои байнизабонӣ” қайд кардаанд ва ба андешаи ин ҷониб бисёр муфид ва саривақтӣ аст [12, с. 45]. Онҳо бо назардошти тамоми хусусиятҳо лакунаҳоро ба се гуруҳ тақсим кардаанд: **унвонӣ, хулосакунанда ва мушаххаскунанда**.

Аз нигоҳи мо, ҳамаи лакунаҳо ба мазмуну муҳтаво рабт дошта, унсури забонӣ ҳастанд ва онҳоро танҳо дар доираи ҷуфти забонҳо муайян, мушаххас ва бартараф кардан мумкин аст. Ҳатто имову ишораҳо, ки дар забонҳои гуногун маъноҳои мухталиф доранд, метавонанд дар ин радиф бошанд. Масалан, яке аз амалҳои Н. Хрушёв аз намунаҳои барҷастаи нофаҳмӣ миёни фарҳангҳо шуда метавонад. Вақте “ҷанги сард” миёни Иттиҳоди шуравӣ ва ИМА ба авҷи аъло расида буд, Н. Хрушёв ба ИМА ташриф овард ва намояндагони васоити ахбори оммаро бо бурдани дасташ каме болотар аз сар бо мақсади дӯстӣ миёни халқҳо истиқбол кард. Амрикоиҳо ин иморо бо назардошти унсурҳои фарҳанги худ ҳамчун рамзи ғалаба шуморида, амали Хрушёвро ғалабаи Иттиҳоди шуравӣ бар Амрико маънидод карданд, ки эътирози онҳоро ба вуҷуд овард [3, с. 14]. Яъне имову ишора низ метавонанд, ки ба ҳайси лакунаҳо дар раванди тарҷума баромад намоянд.

Таснифоти олимону муҳаққиқони гуногунро таҳлилу баррасӣ намуда, метавон аксарияти ақидаҳои пешниҳодкардаи онҳоро ҷонибдорӣ кард, ки асосҳои назариявии таҳқиқоти махсус ва монографии муаллифро фароҳам меоранд.

Мавриди ба зикр аст, ки лакунаҳо аз нигоҳи забон ва фарҳанг дар алоҳидагӣ тасниф мешаванд, ки бо вуҷуди аз нигоҳи фарҳангӣ ба реалияҳо монандӣ пайдо кардан, мо ба ин ақида мувофиқем.

Аслан, реалияҳо ҳамон воҳидҳои забоние мебошанд, ки ифодакунандаи ашёи мансуби фарҳанги як халқ буда, дар фарҳанги мардуми дигар дида намешаванд, яъне хоси танҳо як фарҳангу забонанд. “Реалияҳо бо хусусияти фарҳангӣ, ҷуғрофӣ ва таърихии соҳиби забон алоқаи зич дошта, барои тарҷумонҳо мушкилиҳои ҷиддӣ ба миён мегузоранд” [19, с. 8]. Яке аз мисолҳои равшан вожаҳои ифодакунандаи хӯрокаву пӯшокаи миллии ин ё он кишвар шуда метавонад, зеро на калима, на худи ҳамон ашё дар ягон кишвар ва ё минтақаи дигар дида намешавад.

“Зери калимаи “реалия”, – таъкид кардаанд олимон С. Влахов ва С. Флорин, – мафҳуми ифодакунандаи элементҳои ҳаёти фарҳангӣ, маишӣ, даврaҳои таърихӣ, сохти иҷтимоӣ, сохти давлатӣ ва фолклор, яъне хусусиятҳои миллии халқият ва ё кишваре нуҳуфтааст, ки барои халқу миллат ва кишварҳои дигар тамоман бегона мебошанд” [2, с. VI (4)].

Қобили қайди махсус аст, ки ду ва зиёда кишварҳое бо фарҳангу забони муштарак мавҷуданд ва воқеист, ки як идда реалияҳо дар ин гуна мавридҳо метавонанд барои ду ва ё зиёда халқҳо муштарак бошанд. Яъне воҳидҳо дар ҳамон ҳолат реалия ё дигар воҳидҳои луғавии бемуодил маҳсуб мешаванд, ки дар доираи ду забони муайяни мавриди назар эквивалент ё баробарии пурраи худро надоранд. Барои мисол, фарҳанги халқи тоҷик аз бисёр ҷиҳат бо фарҳанги халқи ӯзбек монандӣ дорад, хусусан, аз ҷиҳати либосворӣ ва хӯрокворӣ, ё худ таомҳои миллӣ – ош, манту, атлас, адрас ва ғайра реалияҳои хоси ин халқҳо мебошанд. Ҳангоми таҳлили забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ, ба ақидаи мо, ин калимаҳо набояд ҳамчун

воҳидҳои луғавии бемуодил нишон дода шаванд. Аммо дар мавриди муқоисаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ воҳидҳои зикршуда дар гурӯҳи вожаҳои бемуодил баррасӣ мешаванд.

Яъне реалияҳо танҳо исм шуда метавонанд, вале лакунаҳо дар баробари ашё, дигар ҳиссаҳои нутқ – сифат, феъл, зарф, ҳатто нидо буда метавонанд, ки дар боло қайд кардем. Оид ба ин масъала, яъне таснифоти лакунаҳо ё худ холигоҳҳои маъноӣ вобаста ба ҳиссаҳои нутқ, ки мавзуи баҳси алоҳида аст, дар таҳқиқоти минбаъдаи мо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

Дар мавриди таснифоти лакунаҳо, чи тавре дар боло қайд кардем, яке аз нахустин олимон В. Муравёв мебошад, ки дар китоби худ бо номи “Лакунаҳои луғавӣ” (“Лексические лакуны”) [13] ин масъаларо ба таври муфассал таҳлил намудааст. Пеш аз ҳама, онҳоро ба “лакунаҳои лингвистӣ ё забоншиносӣ” ва “лакунаҳои этнографӣ” ҷудо намудааст. Дар хусуси гурӯҳи якум ба истилоҳи “лингвистика” такя карда, мо пешниҳод менамоем, ки дар забони тоҷикӣ онро лакунаҳои лингвистӣ ном барем. Таснифоти пешниҳодкардаи В. Муравёвро бисёр олимони баъдина ҷонибдорӣ кардаанд. Ба ақидаи мо низ яке аз роҳҳои хуби таснифи лакунаҳо маҳз пешниҳоди олими мазкур мебошад.

Ба таҳлили лакунаҳо (холигоҳҳо) аз ҷониби В. Муравёв назар мекунем. Аз нигоҳи ӯ, лакунаҳои (холигоҳҳои) лингвистиро ба ***мутлақ, нисбӣ, векторӣ, услубӣ*** ҷудо кардан мумкин аст.

Дар забонҳои мавриди муқоиса лакунаҳое зиёданд, ки бо як калимаи алоҳида ва ё ибораи устувор ифода намешаванд. Баръакси ин ҳолат, мафҳумҳое мавҷуданд, ки дар забони дигар бо як ибораи устувор аллакай муддати тӯлонӣ дар истифода аст. В. Муравёв бар он андеша аст, ки чунин ҳолатро набояд бо лакунаҳо омехта кард. Ба монанди ҳолати аввал, маҳз ашё ва ё дигар ҳолатҳое, ки дар дигар забон аз нигоҳи маъно бо як калима ва ё ибораи устувор ифода намеёбанд, **лакунаҳои мутлақ** маҳсуб меёбанд [13, с. 6, 7].

Андешаҳои Ю. С. Степановро таҳлил намуда, С. Кесамирова дар мавриди лакунаҳои мутлақ чунин ишора намудааст: “Лакунаҳои мутлақ он калимаҳоеро дар бар мегиранд, ки дар раванди муқоисаи забонҳо, дар фарҳангҳои дузабона муодил надошта, бо роҳи шарҳи маънӣ тафсир шудаанд. Мисол, chophouse – тарабхонаи арзон, great-go – имтиҳони хатмкунии дараҷаи бакалавр ва ғайра” [9, с. 104].

Калимаи англисии “windowsill” ба забони русӣ “подоконник” тарҷума мешавад. Вале он дар забони тоҷикӣ як воҳиди луғавии баробар надорад. Барои фаҳмо шудани калимаи мазкур дар фарҳангу луғатҳо гузинаҳои “зертахтаи тиреза, канораи тиреза, тоқчаи пеши тиреза” пешкаш гардидааст, ки аз шарҳу тафсири калимаи мавриди назар дарак медиҳад.

Мисоли дигар калимаи “jaywalking” буда метавонад, ки он маънои “бепарвоёна убур кардани роҳ аз ҷойи муайянношуда” мебошад.

Ё, калимаи англисии “facepalm” дар забони тоҷикӣ “бо дастон пӯшонидани рӯй аз шарм, хиҷолат ё норозигӣ” мешавад.

Калимаҳои болозикри англисӣ нисбат ба забони тоҷикӣ лакунаҳои мутлақ ба шумор мераванд.

Калимаи тоҷикии “ширинкорӣ”, ки ба забони англисӣ тахминан чунин тарҷума шуда метавонад: “sweet and charming way of speaking or acting”;

Дар забони тоҷикӣ калимаи “шармандагӣ” вуҷуд дорад, ки онро дар англисӣ “a deep disgrace and humiliation” гуфтан мумкин аст. Калимаҳои англисии “disgrace” ё “shame” мавҷуданд, ки калимаи тоҷикиро пурра муодил буда наметавонанд;

Калимаи “саргузашт”-и тоҷикӣ дар забони англисӣ баробарии мукаммали худро надорад. Онро метавон “a mix of adventure and life story” баргардон намуд. Калимаи англисии “adventure” бо вуҷуди дар ҳолатҳои алоҳида “саргузашт” тарҷума шуданаш, маънои “таҷрибаи ҳаётӣ”-ро дода наметавонад.

Мисолҳои болозикр аз забони тоҷикӣ, ки бо роҳи шарҳу тавзеҳ аз забони тоҷикӣ ба забони англисӣ баргардонида шудаанд, нисбат ба забони англисӣ лакуна мебошанд.

Яъне, дар ин маврид кор бо ҳолатест, ки дар як забон калима ва ё мафҳуме мавҷуд аст, вале дар забони дигар тамоман ҳаммаъно ё баробарӣ надорад. Дар ин маврид тарҷумонро лозим аст, ки калимаи пешомадаро бо ибора ё шарҳу тафсир ба забони дигар баргардон намояд.

Боиси зикри махсус ва таваҷҷуҳ аст, ки бисёре аз олимону муҳаққиқон лакунаҳои мутлақро пурра бо реалияҳо як мафҳум нишон додаанд. Яъне дар ин қисмати омӯзиши лакунаҳо мисолҳое пешниҳод мешаванд, ки характери реалияҳоро дороанд. Барои мисол, калимаи англисии “thanksgiving” оварда мешавад. Ин як рӯзи махсус ё худ ҷашнест, ки метавон онро “Иди шукргузорӣ” номид. Он дар Амрико роиҷ аст. Вале дар Тоҷикистон

чунин ид, ҷашн, расм вуҷуд надорад. Ба андешаи ин ҷониб, калимаи мазкур на лакуна, балки реалия мебошад.

Лакунаҳои нисбӣ назар ба лакунаҳои мутлақ бештар аз лиҳози истифодаи кам ва ё зиёди мафҳум бо як маъно дар ҳар ду забони муқоисашаванда муайян карда мешаванд.

Барои муайян кардани лакунаҳо-холигоҳҳои нисбӣ В. Муравёв пешниҳод кардааст, ки таҳқиқоти оморӣ анҷом дода шавад: "Таъкид менамоем, ки ҷиҳати муайян кардани лакунаҳои нисбӣ зарур аст ҳолатҳои истифодашавии калимаеро дар ду забони мушаххас ҳисоб карда, хулосабарорӣ намоем. Яке аз омилҳои истифодашавии ками як мафҳум дар яке аз забонҳои муқоисашаванда ба ақидаи мо чунин аст:

1. Калимаи як забон дар забони дигар теъдоди ками фразеологизмҳоро инъикос менамояд, ё тамоман инъикос карда наметавонад;
2. Калима дар як забон маънои маҷозӣ надорад ва дар забони дигар ба маънои тамоман дигар фаҳмида мешавад;
3. Калима дар як забон мавқеи устувор ва истифодаи хос надорад, аммо дар забони дигар сермаъно ва гуногунҷабҳа (хусусан, ҳангоми истифодаи исмҳои хос) аст" [13, с. 11-12].

Яъне гуфтан мумкин аст, ки аксари лакунаҳое, ки дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба вуҷуд меоянд, лакунаҳои нисбӣ мебошанд. Зеро, чун худи калима дар шакли алоҳида вуҷуд надорад, истифодаи он низ бамаротиб кам аст, ки тибқи гуфтаҳои боло лакунаҳои нисбӣ ба ҳисоб мераванд.

Масалан, ибораи "банди даст" ё калимаи "панҷа", ки дар забони англисӣ ҳамчун "hand" тарҷума мешавад, нисбат ба калимаи "даст" ниҳоят кам истифода мешаванд. Яъне дар ҳолати мавриди назар гирифтани кафи даст, банди даст, аз панҷа то оринҷ, ё пурра аз китф то панҷа мо-тоҷикон дар аксарияти ҳолатҳо калимаи "даст"-ро истифода мебарем. Дар ин маврид, калимаву ибораҳои "банди даст" ё калимаи "панҷа"-и забони тоҷикӣ, ки дар забони англисӣ ҳамчун "hand" ифода меёбанд, нисбат ба забони англисӣ холигоҳи нисбӣ маҳсуб меёбанд.

Инчунин, калимаи "grandparents"-и англисиро овардан мумкин аст, ки он дар забони тоҷикӣ муодили худро на дар сатҳи калимаи сода, на сохта ва на мураккаб надорад. Он барои хонандаи забони тоҷикӣ танҳо бо роҳи шарҳу тафсир, яъне "волидайни падар/волидайни модар", "бобо ва бибӣ" фаҳмонида мешавад. Калимаҳои тоҷикии болозикр нисбат ба забони англисӣ лакуна мебошанд.

Ҳолати дигар дар лакунаҳои маъноии нисбӣ ин аст, ки барои ифодаи ашё калима дар як ҳар ду забон мавҷуд аст, вале дар яке аз забонҳо маъноҳои дигар низ дорад. Масалан, калимаи "миз" дар забони англисӣ "table" аст. Яъне калима дар сатҳи калима баробарӣ дорад, вале калимаи англисии "table" ба забони тоҷикӣ "ҷадвал" низ тарҷума мешавад. Инчунин, мо-тоҷикон онро "суфра" (мизи хӯрокхӯрӣ) низ мегӯем. Тарҷумон дар раванди тарҷума то ба муҳтавои матн такя накунад, онро дуруст баргардонида наметавонад.

Калимаҳои дигари англисӣ "boyfriend" ва "girlfriend" дар забони тоҷикӣ на дӯст ва дугона, балки муносибати ошиқонаи писару духтарро ифода мекунад. Калимаҳои тоҷикии "ошиқ" ва "маъшуқа" низ калимаҳои болозикрро пурра маънидод карда наметавонанд.

Калимаҳои мазкури забони англисӣ нисбат ба забони тоҷикӣ лакунаҳои нисбӣ ба шумор мераванд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, хулоса кардан мумкин аст, ки дар ин ҳолат дар забони дигар калима ё истилоҳе мавҷуд аст, ки мафҳуми нисбатан наздикро ифода мекунад, вале пурра мувофиқат намекунад. Яъне калима дар ҳар ду забони мавриди муқоиса вуҷуд дорад, аммо маъноҳо гуногун мешаванд.

Лакунаҳои векторӣ аз дигар навъҳои лакунаҳо мебошанд. Ин навъи лакунаҳо ҳангоми муқоисаи ду забон пайдо мешаванд ва як калима дар як забон мавҷуд аст ва мафҳуми он дар забони дигар ё маҳдуд ё васеътар аст. Яъне барои ифодаи як мафҳум дар як забон калимаи алоҳидаи мушаххас мавҷуд аст, вале дар забони дигар он бо калимаҳои зиёд ифода меёбад. В. Муравёв чунин шарҳ додааст, ки "ин масъаларо мумкин аст аз нигоҳи ду нафар истифодабарандаи забонҳои гуногун муайян намуд. Як мафҳум барои яке аз онҳо дар фосилаи дур қарор дошта, онро ба таври умумӣ барои худ мефаҳмад, вале барои дигарӣ он дар наздик қарор дорад ва тамоми ҷузъиётҳои он барояш равшан аст" [13, с. 14-15].

Масалан, дар забони тоҷикӣ калимаҳои мураккаби "амакбача" (бачаи амак), "аммабача" (бачаи амма), "тағобача" (бачаи тағо) ва "холабача" (бачаи хола) мавҷуд мебошанд, ки барои ифодаи вожаҳои хешутаборӣ истифода мешаванд. Баъзан, амакзодаву аммазода, тағозодаву холазода низ истифода мешавад. Аммо варианти якум бештар маъмул ва мавриди истифода аст. Бо вуҷуди "амакбача" будани калимаи мураккаб, ки аз калимаҳои "амак" ва "бача"

иборат аст, он барои ифода кардани “духтари амак” низ истифода мешавад. Яъне “бача” дар ин маврид “фарзанд” аст. Баръакси ин ҳолат, дар забони англисӣ калимаи “cousin” мавҷуд аст, ки тамоми вожаҳои болозикрро ифода мекунад. Яъне барои ҳар як калимаи тоҷикии қайдгардида калимаҳои алоҳидаи забони англисӣ вуҷуд надорад.

Бо назардошти ин, калимаҳои тоҷикии мазкур нисбат ба забони англисӣ лакуна маҳсуб меёбанд.

Маврид ба қайд аст, ки калимаҳои англисии “aunt” ва “uncle” низ аз ҷумлаи мисолҳои боло мебошанд. Дар забони тоҷикӣ барои ифодаи вожаҳои хешутабории мазкур калимаҳои алоҳида, яъне хоҳари модар “хола” ва хоҳари падар “амма”, барои бародар/додари модар “тағо” ва бародар/додари падар “амак” мавҷуд аст. Яъне:

- aunt – хола, амма;
- uncle – тағо, амак.

Дар қисмати лакунаҳои векторӣ калимаҳои болозикри тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ лакуна ба шумор мераванд.

Акнун баръакси ин ҳолат, ба як мисоли дигар, ки бевосита ба ин масъала пардохтаем, таваҷҷуҳ менамоем. Дар забони тоҷикӣ мо калимаи “тарҷумон” (дар баъзе мавридҳо “мутарҷим”) дорем, ки ба шахсе ишора мешавад, ки нутқ ва ё матнро аз як забон ба забони дигар бармегардонад. Яъне дар ҳар ду маврид, ҳам нутқ (шифоҳӣ) ва ҳам матн (хаттӣ) истифодабарандаи забони тоҷикӣ аз калимаи “тарҷумон” истифода мебарад. Вале забони англисӣ дорои калимаҳои ҷудогона “translator” ва “interpreter” мебошад, ки дар мавридҳои муайян истифода мешавад: “translator” барои тарҷумони хаттӣ ва “interpreter” барои тарҷумони шифоҳӣ. Калимаҳои англисии мазкурро метавон нисбат ба забони тоҷикӣ лакуна номид.

Инчунин, калимаи “toe” дар забони тоҷикӣ “ангушти пой” мешавад. Дар забони тоҷикӣ ангуштони ҳам дастону ҳам пойҳо танҳо бо калимаи “ангушт” ифода меёбад, дар ҳоле ки дар забони англисӣ барои ангуштони пой калимаи алоҳида мавҷуд аст ва донистани он барои тарҷумон ҳатмист, то ин ки мабодо ибораи “ангушти пой”-ро “foot’s finger” баргардон накунад. Дар ин мисол, калимаи “toe” нисбат ба забони тоҷикӣ лакуна ё худ холигоҳи маъноӣ мебошад.

Хулоса, холигоҳҳои маъноии векторӣ дар натиҷаи муқоисаи ду забон ошкор шуда, истифодаи як вожа дар яке аз забонҳо васеъ буда, дар забони дигар баръакс маҳдуд аст. Ё худ, як калима дар як забон барои ифодаи якчанд мафҳум истифода мешавад ва дар забони дигар баръакси ин ҳолат. Лакунаҳои векторӣ бо ин хусусият аз дигар навъҳо тафовут доранд.

Чорум навъи лакунаҳои лингвистӣ, ки В. Муравёв дар китоби худ [13] қайд кардааст, **лакунаҳои услубӣ** мебошад. Ин гуна лакунаҳо холигиҳои услубие мебошанд, ки бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла мухталиф будани фарҳангҳо ба вуҷуд меоянд.

Ба ақидаи забоншинос В. Муравёв, “лакунаҳои услубӣ калимаву ибораҳои як забон мебошанд, ки услуби муайян (расмӣ, ғайрирасмӣ, адабӣ, гуфтугӯӣ ва ғайра) доранд ва баробарии услубии худро дар забони дигар надоранд” [13, с. 18-19].

Дар бештари мавридҳо чунин ҳолатҳо ҳангоми баргардонидани матнҳои бадеӣ мушоҳида мешавад. Масалан, калимаи англисии “face” дар забони тоҷикӣ ба ғайр аз калимаи “рӯй”, инчунин бо калимаҳои “чеҳра”, “лиқо”, “ораз” ифода меёбад, ки барои мутарҷими забони англисӣ мушкили ҷиддиеро ба вуҷуд оварда метавонад. Тарҷумон баробари шунидани калимаи “чеҳра” ба фикр фурӯ меравад, ки онро ба забони англисӣ чӣ гуна тарҷума намояд. Ин калимаҳои забони тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ лакуна ба шумор мераванд.

Калимаи дигари забони тоҷикӣ – “гетӣ” низ аз ҷумлаи чунин мисолҳо шуда метавонад. “Гетӣ” ҳаммаънои калимаҳои дунё, олам, ҷаҳон буда, мавқеи истифодаи он дар забони тоҷикӣ танҳо матнҳои бадеӣ аст. Тарҷумаи ин калима дар забони англисӣ “world” мебошад. Вале ин калимаи англисӣ тобиши услубие, ки “гетӣ” дорад, тамоман бароварда наметавонад. Ҳамин калимаи тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ лакуна мебошад.

Мисоли дигар, тоҷикон барои муроҷиат намудан ба шахси дуюми танҳо дар сатҳи расмӣ аз калимаи “шумо” ва дар сатҳи ғайрирасмӣ аз калимаи “ту” истифода мебаранд. Инчунин, ҳангоми муроҷиат ба калонсолон низ “шумо” мегӯянд. Забони англисӣ чунин тобиши услубиро надорад ва дар ин забон дар ҳама ҳолатҳо танҳо калимаи “you” истифода мешавад. Дар ин маврид, калимаҳои мазкури тоҷикӣ метавонанд, ки нисбат ба забони англисӣ лакуна ба шумор равад.

Дар забони англисӣ калимаҳои муроҷиатии mister/mistress бо ихтисораи Mr./Mrs., sir, lady ва ғайра серистеъмоланд, ки нисбат ба калимаҳои тоҷикии “ака”, “амак”, “тағо”, “апа”,

“хола” ва ғайра барҷастатар мебошанд. Бо вуҷуди дар забони тоҷикӣ баъзан истифода бурдани калимаҳои “ҷаноб”, “хонум”, “хонум” мушоҳида мешавад, аммо калимаҳои серистеъмол калимаҳои муроҷиатии болозикр мебошанд. Ҳамин калимаҳои англисӣ нисбат ба забони тоҷикӣ лакуна мебошанд.

“Gentleman” аз ҷумлаи мисолҳоест, ки нисбат ба забони тоҷикӣ лакуна мебошад. Вақте ин калимаро мо ба забони тоҷикӣ баргардон мекунем, “мард” ва ё “ҷавонмард” гуфта метавонему халос, ки дар мавридҳои муайян чун калимаи англисӣ маънои барҷастатару ҷаззобтар надоранд.

Хулоса, лакунаҳои услубӣ яке аз сабабҳои асосии мушкилоти тарҷума ва мутобиқсозии матнҳо ба шумор мераванд, зеро услуб ва лаҳни гуфтор на ҳамеша бевосита тарҷума мешаванд. Гуфтан мумкин аст, ки дар ин ҳолат фарқи сабк ва услуби гуфтор мушоҳида мегардад. Дар ин раванд тарҷумонро лозим аст, ки аз каломи бадеи забони дигар огоҳӣ дошта бошад, то дар ҳолатҳои алоҳида душвориҳоро сипарӣ карда тавонад.

Дар умум, метавон гуфт, новобаста ба он ки тарҷумон бо кадом навъи лакунаҳо рӯ ба рӯ мешавад, бояд қобилияти шарҳу тафсир карданро дошта бошад, дар ҳолатҳои алоҳида ибораву тавзеҳоти мувофиқро пайдо карда тавонад, аз усулҳои гуногуни интиқол аз як забон ба забони дигар дуруст ва саривақтӣ истифода бурда тавонад, аз хусусиятҳои фарҳангии забоне, ки аз он/ба он тарҷума мекунад, маълумот дошта бошад.

Шоир ва тарҷумони тоҷик Низом Қосим оид ба калимаву ибораҳои тарҷуманопазир ақидаи хубе пешкаш намудааст: “Ин ҳолат (дар равандаи тарҷума. – З.М.) бисёр рух медиҳад ва чунон ки зикр кардем, дар ин маврид ҳамтарозуҳои он калимаву ибораҳо, ташбеҳу талмеҳҳо ёфтаву истифода бурда мешаванд. Бовар дорам, ки ифодаи ҳар мазмуну маъние, дар шаклҳои гуногуни мақбул, дар ҳар забоне мавҷуд аст ва онро пайдо кардану барҷо кор фармудан вазифаи тарҷумон аст. Шарт ин аст, ки онҳо асарро дар маҷмуъ халалдор не, балки қавитар кунанд” [10, с. 13-14].

Дар тақвияти андешаи болозикр, дарҷ кардани таъкиди забоншиносони тоҷик Ф. Турсунов ва Ҳ. Соҳибназарова бобати ин масъала ба мақсад мувофиқ аст: “Албатта, беэътиноӣ, беҳавсалагӣ, ҳатто танбалӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои осони навиштору гуфтор, ба назар нагирифтани хусусияти ба ҳамдигар пайваст шудан ё нашудани калимаҳо ҳангоми ибора ва ҷумласозӣ, ба фарҳангҳо ва дастурҳои забон рӯ наовардан ва ҳадди ақал бо ҳамкорони худ ё бо мутахассисони соҳа машварат накардан, яъне пеш аз гуфтору навиштор андеша накардан шояд аз сабабҳои дигари тарҷумаи нодуруст шавад. Ҳол он ки мо бояд ҷуръати комилан мутобиқ кардани ибораҳои забонҳои дигарро бо қоидаву қонунҳои забони худ дошта бошем ва дар ҳолатҳои ҷудогона аз шаклҳои ифодаи онҳо пурра даст кашем ва маъниро ба таври худ (ва оммафаҳм) ифода намоем. ... Ҳар он чӣ, ки аз берун ворид мегардад, бояд “худӣ” шавад ва обурангу симои тоҷикӣ дошта бошад” [20, с. 61-62].

Ҳамин тариқ, лакунаҳо (холигоҳҳо) дар тарҷумашиносӣ мавқеи хос доранд ва аз ҷанбаҳои гуногун омӯхта мешаванд. Яке аз ҷиҳатҳои таҳқиқи ин гурӯҳи вожаҳои бемуодил таснифи онҳо ба шумор меравад, ки дар ин мақола то андозае ба ин масъала равшанӣ андохта шуд. Натиҷаҳои таҳқиқи мавзуъ нишон доданд, ки таснифоти баррасишуда асоснок ва барои таҳқиқоти илмии лакунаҳо мусоид мебошанд.

Таҳлилу баррасии муфассали таснифот ва масъалаҳои дигари лакунаҳо аз аҳамияти назариявӣ ва амалӣ бархӯрдор аст, ки вазифаҳои минбаъдаи муаллифро ташкил хоҳанд дод.

Адабиёт

1. *Быкова, Г. Лакунарность как категория лексической системологии. / Г. В. Быкова. М-во образование Рос. Федерации, БГПУ. – Благовещенск: Изд-во БГПУ, 2003. – 275 с.*
2. *Влахов, С., Флорин, С. Непереводимое в переводе / С. Влахов, С. Флорин. - Москва «Международные отношения», 1980. – 342 с.*
3. *Данильченко, Т. Лакуны, их признаки и типология / Т. Ю. Данильченко // Культурная жизнь Юга России, №1 [35], 2010. – С. 12-15.*
4. *Дашидоржиева, Б. Лакуна в межкультурной коммуникации (спецкурс): учебно-методическое пособие. – Улан-Удэ: Издательство Бурятского госуниверситета, 2013. – 122 с.*
5. *Зокирзода, М. Лакунаҳо ҳамчун падидаи воҳидҳои луғавии бемуодил дар тарҷума / М. Зокирзода // Масъалаҳои мубрами тарҷума ва забоншиносӣ дар замони муосир (Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ). – Душанбе, 2019. – С. 97-101.*
6. *Зокирзода, М. Оид ба мафҳумҳои муодилнокӣ ва бемуодилӣ дар тарҷума / М. Ш. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2019. – №7. – С. 51-55.*

7. *Зокирзода, М. Оид ба моҳияти лингвистии лакунаҳо дар тарҷумашиносӣ / М. Ш. Зокирзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума, 2021. – №5. – С. 78-85.*
8. *Каримов, А. Илмдӯстиро аз Самадов бояд омӯхт / А. Каримов / Оинадори Фарангу Ховар (Маҷмуи мехрномаву мақола ва шеърҳо бахшида ба 75-солагии мавлуди адабиётшинос Абдурашид Самадов). – Душанбе, 2020. – С. 113-114.*
9. *Кесамирова, С. Лакунаҳо ҳамчун падидаи воҳидҳои луғавии бемуодил (дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) / С. Р. Кесамирова // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2019. – №4 (81). – С. 103-107.*
10. *Қосим, Н. Тарҷумаи хуб оинаи асли асар аст / Н. Қосим // Масъалаҳои забоншиносӣ ва тарҷума (силсилаи мақолаҳои забоншиносӣ ва тарҷума). – Душанбе: Матбааи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 2018. – №1 (1). – С. 10-17.*
11. *Махонина, А. К вопросу о классификации межъязыковых лакун. / А. А. Махонина // Язык и национальное сознание. – Воронеж, 2003. – Вып. 4. – С. 40-45.*
12. *Махонина, А., Стернина, М. Опыт типологии межъязыковых лакун / А. А. Махонина, М. А. Стернина / Лакуны в языке и речи: Сборник научных трудов / Под ред. проф. Ю. А. Сорокина, проф. Г. В. Быковой. – Благовещенск: Изд-во БГПУ, 2005. – Вып.2. – С. 45-55.*
13. *Муравьев, В. Лексические лакуны. Союзполиграфпрома, - Владимир, 1975. – 97 с.*
14. *Оинадори Фарангу Ховар (Маҷмуи мехрномаву мақола ва шеърҳо бахшида ба 75-солагии мавлуди адабиётшинос Абдурашид Самадов). – Душанбе, 2020. – 178 с.*
15. *Раҷабзода, М. Тарҷума – омили муҳими густариши робитаҳои илмию фарҳангӣ / М. Раҷабзода // Масъалаҳои забоншиносӣ ва тарҷума (силсилаи мақолаҳои забоншиносӣ ва тарҷума). – Душанбе: Матбааи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 2018. – №1 (1). – С. 6-9.*
16. *Саид, Н. Дар шоҳроҳи муколамаи тамаддунҳо / Н. Саид // Масъалаҳои забоншиносӣ ва тарҷума (силсилаи мақолаҳои забоншиносӣ ва тарҷума). – Душанбе: Матбааи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 2018. – №1 (1). – С. 4-5.*
17. *Самадов, А. Тарҷумаи ҳамзамон дорои вижагиҳои махсус аст / А. Самадов / Оинадори Фарангу Ховар (Маҷмуи мехрномаву мақола ва шеърҳо бахшида ба 75-солагии мавлуди адабиётшинос Абдурашид Самадов). – Душанбе, 2020. – С. 156-172.*
18. *Стернин, И., Попова, З., Стернина, М. Лакуны и концепты / И. А. Стернин, З. Д. Попова, М. А. Стернина / Лакуны в языке и речи: Сборник научных трудов / Под ред. проф. Ю.А. Сорокина, проф. Г.В. Быковой. – Благовещенск: Изд-во БГПУ, 2003. – С. 205-224.*
19. *Турсунов, Ф. Реалияҳо ҳамчун яке аз гурӯҳҳои барҷастатарини воҳидҳои лексикии бемуодил ва хусусияти тарҷумаи онҳо аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ / Ф.Турсунов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – Душанбе: "Сино", 2015. №4/3 (167). – С. 8-12.*
20. *Турсунов, Ф., Соҳибназарова, Ҳ. Тарҷумонӣ ва худшиносӣ / Ф. Турсунов, Ҳ. Соҳибназарова // Масъалаҳои забоншиносӣ ва тарҷума (силсилаи мақолаҳои забоншиносӣ ва тарҷума). – Душанбе: Матбааи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 2018. – №1 (1). – С. 59-66.*
21. *Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ. Муҳаррир ва мураттиб А. Мамадназаров — Душанбе: «Эр-граф», 2011. – 1016 с.*
22. *Ҷамшедов П. Фарҳанги тоҷикӣ ба англисӣ. Чопи дувум. – Душанбе: Пайванд, 2008. – 978 с.*

РОҶЕЪ БА ТАСНИФОТИ ЛАКУНАҲО ДАР ТАРҶУМАШИНОСӢ

Дар мақола муаллиф оид ба муҳимияти тарҷума дар замони муосир, мушкилоти дар раванди тарҷума бавуҷудоянда, роҳҳои бартараф кардани он маълумот дода, атрофи таснифоти лакунаҳо, ки яке аз қисматҳои воҳидҳои луғавии бемуодил мебошанд, дар такя ба ақидаи олимон пажӯҳиш анҷом додааст. Олимоне, чун И. А. Стернин, З. Д. Попова, М. А. Стернина, А. А. Махонина, Г. В. Бикова, Б. Дашидоржиева, С. Влахов ва С. Флорин лакунаҳоро ба гурӯҳҳои гуногун тасниф кардаанд, ки ҳар яке бо пешниҳоди далелҳо таснифи анҷомдодаи худро афзал мешуморад. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки таҳқиқи дар ин самт анҷомдодаи В. Л. Муравёв (с. 1975) бисёр мукаммал ва гуногунпаҳлӯ буда, гиреҳкушои мушкилоти мавҷуда аст. Ин олим лакунаҳоро ба 2 гурӯҳи калон – лакунаҳои лингивстӣ ва лакунаҳои этнографӣ ҷудо кардааст. Муаллиф ба лакунаҳои лингвистӣ, ки ҷанбаи забонӣ доранд, таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. В. Л. Муравёв лакунаҳои лингвистиро дар навбати худ ба 4 зергурӯҳ тақсим кардааст: мутлақ, нисбӣ, векторӣ, услубӣ, ки муаллифи мақола кӯшиш кардааст, ки бо мисолҳо ҳар яки онро шарҳ диҳад. Инчунин, бо мақсади исбот кардани асосҳои назариявии мақола мисолҳое, чун "jaywalking", "facepalm", "hand", "grandparents", "cousin", "aunt" ва "uncle", "translator" ва "interpreter" аз забони англисӣ ва "ширинкорӣ", "саргузашт", "тарҷумон", "гетӣ", "чеҳра", "шумо" ва "ту" аз забони тоҷикӣ оварда, то андозае ба масъала равшанӣ бахшидааст.

Калидвожаҳо: тарҷумон, тарҷума, мушкилоти тарҷума, воҳидҳои луғавии бемуодил, лакуна, лакунаҳои лингвистӣ, лакунаҳои мутлақ, лакунаҳои нисбӣ, лакунаҳои векторӣ, лакунаҳои услубӣ.

О КЛАССИФИКАЦИИ ЛАКУН В ПЕРЕВОДОВЕДЕНИИ

В данной статье автор рассматривает важность перевода в современном мире, трудности, возникающие при переводе, пути их устранения, а также с учётом теории ученых даёт информацию о классификации лакун, которые являются частью безэквивалентных единиц. В статье приводятся мнения ученых, таких как И. А. Стернин, З. Д. Попова, М. А. Стернина, А. А. Махонина, Г. В. Быкова, Б. Дашидоржиева, С. Влахов и С. Флорин, которые классифицировали лакуны по разным группам, причём каждый из них считает предложенную им классификацию наиболее предпочтительной. Автор приходит к выводу, что исследование, проведённое В. Л. Муравьёвым (1975 г.) в данном направлении, является весьма всесторонним и глубоким, а также способствует решению существующих проблем. Он делит лакуны на две основные группы – лингвистические и этнографические лакуны. Автор сосредоточивает внимание на лингвистических лакунах, обладающих языковой спецификой. В. Л. Муравьёв, в свою очередь, делит лингвистические лакуны на 4 подгруппы: абсолютные, относительные, векторные и стилистические, которые также подробно объясняются с примерами в данной статье. Кроме того, с целью подтверждения своей научной гипотезы автор приводит примеры таких слов, как “jaywalking”, “facepalm”, “hand”, “grandparents”, “cousin”, “aunt” и “uncle”, “translator” и “interpreter” из английского языка, а также “ширинкорӣ”, “саргузашт”, “тарҷумон”, “гетӣ”, “чеҳра”, “шумо” ва “ту” из таджикского языка, что в определённой мере освещает поставленную задачу.

Ключевые слова: переводчик, перевод, трудности перевода, безэквивалентная лексика, лакуна, лингвистические лакуны, абсолютные лакуны, относительные лакуны, векторные лакуны, стилистические лакуны.

ON THE CLASSIFICATION OF LACUNAS IN TRANSLATION STUDIES

In this article, the author discusses the importance of translation in the modern life, the challenges encountered during the translation process, and ways to overcome them. Additionally, taking into account the theories of scholars and scientists, the article provides information on the classification of lacunas, which are part of non-equivalent units. The article presents the opinions of scientists, such as I. A. Sternin, Z. D. Popova, M. A. Sternina, A. A. Makhonina, G. V. Bykova, B. Dashidorjieva, S. Vlakhov and S. Florin, who classified lacunas into different groups and each of them considers that the classification they proposed is most preferable. The author concludes that the research conducted by V. L. Muravev in this area is highly comprehensive and profound, and also contributes to solving existing problems. Presenting specific examples, such as “jaywalking”, “facepalm”, “hand”, “grandparents”, “cousin”, “aunt” and “uncle”, “translator” and “interpreter” from English language, also “ширинкорӣ”, “саргузашт”, “тарҷумон”, “гетӣ”, “чеҳра”, “шумо” and “ту” from Tajiki language, the author proves the theoretical side of the article in practice. These examples have, to some extent, revealed some unclear issues.

Keywords: translator, translation, translation problems, non-equivalent units, lacuna, linguistic lacunas, absolute lacunas, relative lacunas, vector lacunas, stylistic lacunas.

Дар бораи муаллиф
Зокирзода Масрури Шарифҷон
Унвончӯи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6
E-mail: zokirzoda.m@mail.ru

About the author
Zokirzoda Masruri Sharifjon
The aspirant of the comparative linguistic and theory of translation department
Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulughzoda
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev St. 17/6
E-mail: zokirzoda.m@mail.ru

Об авторе
Зокирзода Масрури Шарифджон
Соискатель кафедры сопоставительного языкознания и теории перевода
Таджикский международный университет иностранных языков имени С. Улугзода
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6
E-mail: zokirzoda.m@mail.ru

ТДУ 804.0 +809.155.0

КАЛИМАСОЗӢ ТАВАССУТИ ПАСВАНДИ «-ВОР» ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА МУРОДИФОТИ ОН ДАР ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ

Маликов А. Р., Ҳакимов Н. С.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ аз ҷумлаи забонҳое маҳсуб меёбанд, ки дар онҳо истифодаи пасвандҳо барои сохтани калимаҳои нав ба таври фаровон дида мешаванд. Аз ин хотир, ақидаи забоншиносони фаронсавию тоҷик бар он аст, ки забон ҳамсафари ҳамешагии ҷомеа буда, моро ҳамеша зарур аст, ки барои пурраву мукаммал ифода кардани мафҳумҳои нави дар равиши ин дигаргуниҳои бавуҷудомада аз ҳамаи воситаҳо, махсусан, аз усулҳои калимасозӣ ба таври фаровон истифода барем.

Мавриди ба зикр аст, ки таҳқиқи муқоисавии таркиби калима ва калимасозӣ дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ яке аз шохаҳои нисбатан ҷавон буда, солҳои охир ривоҷ пайдо намудаву ташаккул ёфта истодааст.

Оид ба роҳҳои калимасозӣ аз ҷониби донишмандони ватанию хориҷӣ як қатор таҳқиқотҳои илмӣ ба анҷом расидааст, аммо дар доираи муқоиса байни забонҳои тоҷикию фаронсавӣ дар асоси осори адабиёти бадеӣ то имрӯз таҳқиқоте анҷом наёфтааст.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ калимасозӣ бо ёрии пасвандҳо яке аз маъмултарин роҳҳои калимасозӣ буда, аксарияти ҳиссаҳои нутқ чунин имконият доранд. Имрӯзҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ махсусан исмҳо, сифатҳо, зарфҳо бо ин роҳ бештар калимаҳои нав месозанд. Бинобар ин, дар забонҳои номбурда бо пасвандҳо сохта шудани калимаҳои навро яке аз усулҳои маъмултарини калимасозӣ меҳисобанд. Шумораи пасвандҳои калимасозро забоншиносони фаронсавию тоҷик бештар аз 50 пасванд асос дода, ин шумора дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” ба 62-то мерасад. [ГЗАҲТ, 1985].

Омӯзиши ҳамаҷонибаи исму сифат ва роҳҳои калимасозии онҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва фаронсавӣ вусъат ёфта, дар таҳқиқу омӯзиши онҳо саҳми забоншиносон, амсоли В. В. Виноградов, Ю. С. Степанов, Ю. А. Рубинчик, И.Н.Берёзин, В. Г. Гак, В. С. Расторгуева, Э.Бертельс, Л.Жирков, Ш. Рустамов, Н. Маъсумӣ, Ш. Ниёзӣ, Б. Ниёзмуҳаммадов, Л. Бузургзода, Д.Т. Тоҷиев, М. Акрамов, М.Н. Қосимова, А. Мирзоев, Р. Ғаффоров, С.Арзуманов, О.Ҷалолов, З. Мухторов, О. Қосимов, С. Раҳматуллозода, С. Низомова, Шарл Балли (Charles Bally), Морис Гревис (Morice Grevisse), Жак Дамурет (Jacques Damourette), Эдуард Пишон (Edouard Pichon), Жан Клод-Шувалие (Jean Claude-Chevalier), Мартин Риегел (Martin Riegel), Жан Кристоф Пела (Jean-Christophe Pellat), Рене Риул (René Rioul) ва дигарон бағоят бузург аст [6, с.34-35].

Оид ба ин гуна масъалагузориҳо таваҷҷуҳи муҳаққиқон рӯз то рӯз ба масъалаи роҳҳои калимасозӣ равона гардида, М. Муҳаммадиев дар мақолааш «Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ» [1967] ба калимасозии луғавӣ-маъноӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Забоншинос Тоҳирова Қ. масъалаи мазкурро вусъат дода, дар «Лексикаи забони тоҷикӣ» [1967] роҳу усулҳои калимасозии забони тоҷикиро нишон медиҳад.

Ҳамчунин дар мавриди калимасозии забони тоҷикӣ таҳқиқоти гузаронидаи забоншиноси машҳур Шарофиддин Рустамов як қадами хеле ҷиддӣ ва устувор аст. Ш.Рустамов дар китоби «Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик» [1972] оид ба масъалаи мазкур маълумоти кофӣ медиҳад.

Дар тадқиқоти мо, ки дар доираи як мақола ё маърӯза матраҳ мегардад, доир ба ҳама пасвандҳо сухан гуфтан ғайриимкон аст. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем то дар доираи танҳо як пасванд таҳқиқот гузаронем. Ин пасванди «-**вор**» буда, ба гурӯҳи пасвандҳои серистеъмоли забони тоҷикӣ дохил мешавад, ки калимаҳои бо ин пасванд сохташударо дар шакли муқоисавӣ бо забони фаронсавӣ дида мебароем.

Дар забони тоҷикӣ пасванди мазкур дар калимасозии сифат ва зарф истифода шуда, ба кадом маъноҳо кор бурда шудани он дар матн равшан ифода мегардад. Ҳамчунин пасванди «***-вор»*** дар забони тоҷикӣ метавонад аз исм сифати монандӣ, сифати нисбӣ ва ҳамчунин зарф

созад. Илова бар ин, таҳлилу баррасиҳо нишон додаанд, ки пасванди «***-вор»*** ба ҳайси пасванди исмсоз низ истифода мегардад. Дар ин қолаб калимаҳои ***умедвор***, ***сазовор***, ***либосвор***, ***либосивор*** истифода гардидааст, онҳо ба вазифаи ҷузъи маънодор ҳам исмҳои моддӣ ва ҳам исмҳои маънӣ ба кор бурда шудааст:

а) Сохтани исми маънӣ тавассути пасванди **«-вор»** ва муродифи он дар забони фаронсавӣ: «*Ба Фирӯзаи вай ангуштарини тило, тилои асл лозим аст, ки ҳеч занг назанад ва* ***сазовори*** *нигинаш бошад... аз тарафи дигар, кампир намехоҳад, ки Фирӯзаро дар ҷавонӣ ба шавҳар диҳад» [5, с. 15]. - «Jamais, elle ne donnerait une monture rouillée à sa pierre precieuse, pour Firouza* ***il fallait*** *de l ’or, de l ’or pur, qui ne puisse se ternir» [11, с. 16].*

Дар мисоли мазкур тавассути пасанди **«-вор»** исми **«сазовор»** сохта шуда, барои мансубият пайдо шудан бандаки изофии «и» гузошта шудааст. Агар мо тарҷумаи фаронсавии ҷумлаи болоиро дида бароем чунин маъноро доро мебошад: «Ҳаргиз, ӯ ҷавоҳироти гаронбаҳояшро ба оҳани зангзада намегузошт — барои Фирӯза фақат тилло лозим буд, тиллои холис, ки ҳаргиз рангу рӯй набозад». Яъне дар тарҷума барои калимаи сазовори тоҷикӣ феъли бешахси «falloir»-ро дар шахси сеюми шумораи танҳо овардааст, ки маънои лозим будanro ба ҷойи сазовор будан истифода намудааст.

б) Ҳамчунин дар забони тоҷикӣ пасванди ***«-вор»*** метавонад аз исм исми моддӣ созад. Масалан калимаи «***либосвор»*** аз исми моддии «***либос»*** ва пасванди «**-вор»** таркиб ёфта, чунин маъноро дар бар мегирад, ки мо онро дар муқоиса бо забони фаронсавӣ дида мебароем: «*Ҳамон сол ба нияти туи ман падарам қариб ҳамаи ҳосилоти гандум, ҷав, меваҳоро фурухтанд, як гусфанд, як гусола хариданд, ба пули мондагӣ барои ман як сандуқ* ***либосворӣ*** *ва ҳалқа, ангуштарин ва дастпонаҳои нуқрагин хариданд» [5, с. 64]. - «Cette année-la, comme il se préparait à la noce, mon père vendit presque toute sa moisson de blé, d’avoine et ses fruits; avec l’argent qu’il en retira, il acheta un mouton, un veau, une malle pour* ***la dot****, des boucles d’oreilles, un anneau et des bracelets en argent pour moi» [11, с. 81].*

Ҳангоми таҳлили ҷумлаи мазкур маълум гардид, ки тарҷумон барои тарҷумаи калимаи «либосвор»-и забони тоҷикӣ дар варианти забони фаронсавӣ калимаи «***la dot***»-ро истифода намудааст, ки ин калима тарҷумаи «маҳр[1]»-ро медиҳад. Аммо агар дар асл гирем тарҷума нодуруст нашудааст, зеро ҳамчун маҳр маънои тамоми он либосворие, ки барои арусшаванда мебурданд, ифода мекунад.

Дар ҷумлаи зерин калимаи ***либосвор*** чун нумератив истифода гардидааст: «*Кампир хост, ки яке якбора сахт гуяду лаълии овардагиашонро, ки дар он нону наботу қандалот ва* ***як либосвор*** *шоҳӣ буд, печонида, ба сарашон занад ва қадамашонро аз дари хона кӯтоҳ кунад, лекин боз андеша карду ҳисси одамият, вазнинӣ ва тамкини ӯ боло гирифта ва гуфт» [7, с. 103]...*

Дар забони тоҷикӣ пасванди мазкур бо исми «***хона»*** якҷо омада, дар баъзе ҳолатҳо калимаи «***хонавор»*** сохтааст, ки маънои «***хонадон, оила»***-ро ифода карда, имрӯз дар истеъмол қариб, ки дида намешавад: *«Ҳамин қадарашро медонам, ки аз 4-сола то 12 сола бачагони деҳаи мо, ки он вақтҳо мегуфтанд, сесад* ***хонавор*** *аст, дар он ҷо ҷамъ шуда буданд»[2, с. 7]. - «Je sais seulement que les enfants de chez nous venaient ici de quatre à douze ans, et le village était, on le disait, composé de trois cents* ***maisons»*** *[9, с. 8].*

Дар мисоли мазкур чуноне, ки болотар қайд гардид, калимаи «хонавор» истифода шуда, инро тарҷумон ҳамту тавассути исми «***maison- хона***» тарҷума кардааст. Яъне агармо тарҷумаи таҳтуллафзи тарҷумонро дида бароем чунин маъноро доро мебошад: *Ман танҳо медонам, ки кӯдакони деҳаи мо аз чор то дувоздаҳсолагӣ ба ин ҷо меомаданд, ва гуфта мешуд, ки деҳа аз сесад* ***хона*** *иборат аст.*

в) Яке аз вазифаҳои пасванди ***«-вор»*** сохтани сифати маънӣ аз исм бошад, вазифаи дигаре низ дорд, ки метавонад аз сифат исми шахс созад. Масалан исми «***бузургвор»*** аз сифати ***«бузург»*** бо илова намудани пасванди ***«-вор»*** сохта шуда, ифодакунандаи исми шахс мебошад. Дар асл калимаи ***«бузургвор»*** ба сифат дохил шуда, бо роҳи калимасозии морфологӣ-синтаксисӣ метавонад ба вазифаи исм гузарад, аммо ҳам ба вазифаи исм ва ҳам ба вазифаи сифат истифода мешавад: - *«Калонҳо агар нағз бошанд, ҳеҷ кас онҳоро озор*

[1] **Маҳр**-мувофиқи қонуни шариати ислом пули нақд ё молу ашёе, ки ҳангоми ақди никоҳ ба зиммаи домод гузошта мешавад, домод ё онро ба падару модари арӯс мепардозад ё дар сурати мурдан ё занашро талоқ додани вай ба занаш пардохта мешавад, кобин, қалин).

намедиҳад, ҳама ҳурмат мекунанд, - гуфтам мани маҳмаддоно ба раҳматӣ падари ***бузургворам»*** [5, с.64]. - *«Lorsque les ainés sont justes, on ne pense pas à les offenser, tout le monde les respecte, ose-je répondre à* ***mon propre*** *père» [11, с.80].*

Инҷо ба ҷойи ибораи ***«падари бузургворам»*** дар забони фаронсавӣ «***mon propre père***» истифода шудааст, ки агар ибораи мазкурро тарҷумаи таҳтуллафз кунем, маънои ***«падари аслиам, шахсиам»***-ро медиҳад. Агар тарҷумон ибораи ***«mon grand père»***-ро ки ҳаммаънои ибораи ***«падари бузургворам»*** аст, метавонист истифода намояд.

Дар забони тоҷикӣ пасванди ***«-вор»*** дар сохтани сифатҳо ба гурӯҳи пасвандҳои серистеъмол дохил шуда, одатан сифати монандӣ месозад:

а) Пасванди ***«-вор»*** бо ҳиссаҳои гуногуни нутқ омада, сифатҳои ифодакунандаи рафтору кирдори шахс ва аломати ашёро низ месозад: «*Ваъдаи падарам он қадар дили маро ба он хона, ки гуё барои азоби бачагон сохта бошанд, розӣ карда натавониста бошад ҳам, ваъдаи мактабдор, ки бо вуҷуди* ***ҷаллодвор*** *заданаш бачагони дигарро, ба ман ваъдаи қанд дод, дили маро хеле ором гиронид» [2, с.8].- «La promesse de mon père ne put me reconcilier avec cette chambre destinée, me semblait-il, uniquement à torturer les enfants; la promesse du maître, qui martyrisait les élèves comme* ***un vrai bourreau****, apaisa pourtant mon coeur» [9, с.10].*

Дар мисоли мазкур дар варианти забони тоҷикӣ сифати **ҷаллодвор**, ки аз исми **ҷаллод** бо илова намудани пасванди «**-вор**» сохта шудааст, истифода гардидааст. Тарҷумон дар варианти фаронсавӣ ибораи «***un vrai bourreau***» истифода кардааст, ки аз исми «***un bourreau-ҷаллод***» ва сифати «***vrai-аслӣ, ҳақиқӣ***» иборат мебошанд. Инҷо низ хостем ҷумлаи фаронсавиро тарҷумаи таҳтуллафз намоем, ки чунин маъноро доро мебошад: «*Ваъдаи падарам маро бо он ҳуҷрае, ки танҳо барои шиканҷа кардани кӯдакон пешбинӣ шуда буд, таскин карда наметавонист, Ваъдаи устод, ки шогирдонро чун ҷаллодони асил азоб медод, бо вуҷуди ин диламро таскин дод*».

Ҳамчунин пасванди «***-вор»*** дар сохтани зарф низ маъмул ва серистеъмол буда, дар осори адабиёти бадеӣ ба таври фаровон истифода гардидааст. Яке аз хусусиятҳои калимасозии пасванди мазкур ин аст, ки аз исм зарф месозад, ки мо инро дар шакли муқоисавӣ байни забонҳои мавриди таҳқиқи дида мебароем.

а) Пасванди «-вор» аз исми шахс зарфҳои монандӣ месозад, ки ба маънии решаи калима алоқамандӣ доштанро далолат мекунад: «*Рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо ва солҳо гузаштан гирифтанд, ятим ба бой аз таҳти дил* ***фарзандвор*** *хизмат кардан гирифтааст...» [1, с.50]. - «Les jours, les semaines, les mois et les années ont commencé à passer, et l'orphelin s'est mis à servir le riche de tout cœur,* ***comme un véritable fils****…»*

«Ман на танҳо розӣ, балки аз ҷону дил ва ***девонавор*** *роғиб мебошам, ки муҳаббати қалбии мо бо ҳам, дар зоҳир ҳам бо риштаи никоҳ баста шуда, мо бо ҳам* ***инсонвор*** *зиндагонӣ намоем, – гуфтам ман дар ҷавоб ва илова кардам» [1, с.430].- «Non seulement je suis d'accord, mais je désire de tout cœur et avec passion que notre amour sincère soit également uni officiellement par le lien du mariage, afin que nous puissions vivre ensemble* ***dignement*** *en tant qu'êtres humains, – répondis-je et ajoutai».*

Гарчанде, ки пасванди зарфсози «***-ment***»-и забони фаронсавӣ муодили пасванди зарфсози «***-она***»-и забони тоҷикӣ аст, баъзан вақт метавонад зарфҳои сохташудаи тавассути пасванди «***-вор***»-и забони тоҷикӣ бо зарфҳои сохташудаи тавассути ин пасванд ифода гарданд.

б) Пасванди «-вор» дар забони тоҷикӣ дар сохтани зарфҳои тарзи амал низ серистеъмол мебошад. Тавассути пасванди мазкур аз исмҳои ифодакунандаи номгӯи ҳайвонот, ҳашарот ва хазандагон зарфҳое сохтан мумкин аст, ки аз рӯйи рафтору кирдор ва хислат, ба онҳо монанд будани шахсро нишон дода метавонад: «*Ман аз забони мактабдор гирифта, ҳамчунон ба рӯи чиркини пажмурда ва чашмони бенури обрав ва* ***риши бузвораш****, ки дар вақти гап задан баробари ҷунбидани манаҳаш боло - поин мерафт, нигоҳ карда, он ҳарфҳоро, яъне номи он ҳарфҳоро гирифта такрор мекардам» [2, с.27]. - «J'écoutai les paroles du maître, en regardant sa figure sale et flétrie, ses yeux troubles et larmoyants,* ***sa barbiche de bouc*** *qui, pendant qu'il parlait, montait et descendait, suivant les mouvements de son menton, et je repetai ces mots, qui étaient les noms des lettres...» [9, с.25]*

Дар мисоли забони тоҷикӣ, ки аз повести «Матаби кӯҳна» гирифта шудааст, муаллиф ибораи «***риши бузвор***» истифода кардааст, ки ҳангоми тарҷумаи асар тарҷумон низ кӯшиш намудааст, ки то қадри имкон ба ин ибора ҳаммонанд чизеро пайдо намояд. Бинобар ин,

ибораи «***barbiche de bouc***»-ро истифода намуда, ин ибора дар луғот ба маънои «риши хурд, ришча, риши кӯтоҳи буз» омадааст. Яъне тарҷумон ба мақсади худ расида ба ҳар ҳол калимаи ҳаммаънои хубе пайдо намудааст.

«Ман ҳам ба ҷои худ рафта, «ҷим, ҳе, хе» гуён ба такрор даромадам. Лекин ҳоло ҳам чашмамро аз афту андоми мактабдор, хусусан аз риши ***бузвори*** *он намекандам» [2, с.28].- «Je revins à ma place et me mis à répéter: «Djim, khé, khè», sans quitter du regard le maître et, surtout,* ***sa barbiche de bouc»*** *[9, с.26].*

Дар мисоли мазкур низ айнан ба монанди мисоли гузашта ибораи «***barbiche de bouc***» истифода гардида, ҳаммаънои ибораи «**риши бузвор**» буда метавонад.

«- Ту тутӣ ҳастӣ! - ва илова намуд, - Айб ба ту не, ба домулло ва халифаат аст. Онҳо ба ту ҳар чизро ***тутивор*** *ёд кунонидаанд, аммо ҳеч чизро ёд надодаанд...» [2, с.43].* **-** *«Tu es un perroquet, et il ajouta: Ce n'est pas ta faute, c'est celle de ton maître et celle de Khalifa. Ils t 'ont obligé à travailler, mais ils ne t 'ont rien appris» [9, с.39].*

Дар мисоли мазкур бошад барои нишон додани хислати касе аз исми ифодакунандаи номгӯи паранда тутӣ дар якҷоягӣ бо пасванди «-вор» сифати «тутивор» истифода карда шудааст, ки агар дар асл гирем ин калима дар забони фаронсавӣ метавонад тавассути ибораи «***comme un perroquet***», ки маънояш ***«(ба) мисли тутӣ»*** аст, ифода гардад. Аммо тарҷумон дар ин қисмати ҷумла калимаи «***тутӣ***»-ро такрор накарда, ба ҷояш феъли «***obliger - маҷбур кардан***»-ро истифода кардааст. Яъне агар ҷумлаи фаронсавиро тарҷумаи таҳтуллафз карданӣ шавем, чунин маъно дорад: *Ту як тӯтӣ ҳастӣ, – илова кард ӯ: Ин айби ту нест, айби устоди ту ва Халифа аст. Онҳо туро маҷбур карданд, ки кор кунӣ, вале ҳеҷ чиз наомӯхтанд.*

Ҳамчунин дар забони тоҷикӣ тавассути пасанди ***«-вор»*** аз исмҳои моддӣ ва маънии ғайришахс зарф сохтан мумкин аст, ки мо дар мисолҳои зерин дида мебароем: «*Халифа то омадани бачагон ба бачагони дар мактаб монда иштихонаҳоро гуронда, бурёҳои даридаро ба ҷойҳошон паҳн карда, аммо аз миёнаҷои охурчаи дар миёнаи мактаб буда, як қадар заминро* ***доиравор*** *кушода монд» [2, с.36].-* «*Pendant qu'ils étaient absents, Khalifa et les enfants restés à l'école comblèrent les trous creusés pour le jeu de boules, remirent en place les nattes trouées et laissèrent au milieu de l'école un petit* ***rond*** *non recouvert par les nattes» [9, с.32].*

Дар мисоли мазкур аз исми «***доира***» ва пасванди «***-вор***» зарф сохта шудааст, ки дар қисмати забони фаронсавӣ ин тавассути исми «rond-гирд, давра, доира» ва сифати ифодакунандаи хурдии «petit» тарҷума гардидааст. Агар ҷумлаи забони фаронсавиро тарҷумаи таҳтуллафз намоем чунин маъноро медиҳад: *Ҳангоми ғайб задани онҳо, Халифа ва кӯдаконе, ки дар мактаб монда буданд, чоҳҳое, ки барои бедонабозӣ канда шуда буданд, пур карданд, гилемҳои сӯрохшударо ба ҷояшон гузоштанд ва дар миёни мактаб як* ***ҳалқаи*** *(давраи) хурдеро, ки бо гилем пӯшида нашуда буд, боқӣ гузоштанд.*

Дар забони адабии тоҷик бештар дар адабиёти бадеӣ навъҳои гуногуни ширинихоро «**ширавор»** гӯянд. Калимаи «**ширавор»** имрӯз дар гуфтугӯ нисбат ба солҳои пешин камистеъмол аст: *«-Холаҷон, аз* ***ширавормон*** *хабар гиред. Мураббою нишалло мерасида бошад?» [5, с.10].- «Dilorom, aurons-nous assez* ***de sucreries****: de la confiture et du nichallo, cela suffira-t-il» [11, с.12]?*

Дар мисоли забони тоҷикӣ тавассути калимаи «***ширавор***» навъҳои гуногуни ширинихо нишон дода шуда, ин дар забони фаронсавӣ бо исми «***sucrerie***», ки дар шакли ҷамъ маънои «**ширинихо**, **конфетҳо**»-ро медиҳад, тарҷума гардидааст. Ҳамчунин як нозукии дигар низ дар мисоли мазкур ба қайд гирифта шуд, ки хостем фарқияти онро дар забонҳои мариди таҳқиқ нишон диҳем. Масалан дар забони тоҷикӣ хурдсолон барои муроҷиат кардан ба калонсолон аз қабили хешон исмҳои ифодакунандаи номгӯи хешутаборро ба монанди «хола, ама, таға, амак ва ғ.» истифода мебаранд, ки ин хоси забони фаронсавӣ набуда, дар ин забон онҳоро бо номҳояшон садо мекунанд. Масалан дар мисоли болоӣ дар варианти забони тоҷикӣ исми холаҷон истифода шуда, дар варианти фаронсавиаш бошад, Дилором гуфта шудааст.

«Вақте ки як пайт бозӣ тамом шуду дойра ва сурудхонӣ хомӯш гашт, дастурхон партофтанду аввал лаълиҳои ***ширавор****, ангуру шафтолую зардолую ғайра меваҳоро даровардаанд» [5, с.30]. «- Après les danses et les chants, on apporta des plateaux, avec* ***des sucreries*** *et des fruits, du raisin, des peches et des abricots» [11, с.37].*

Хулоса ҳангоми таҳқиқи калимасозӣ тавассути пасванди «-вор» дар забони тоҷикӣ ва муродифоти он дар забони фаронсавӣ, махсусан дар рафти таҳлилу баррасии мавод муайян гардид, ки пасванди «***-вор»*** дар сохтани исм, сифат, зарф истифода гардида, калимаҳои тавассути ин пасванд сохташуда дар забони фаронсавӣ баъзан дуруст, баъзан нодуруст тарҷума мегарданд. Ин пасванд дар сохтани баъзе ҳиссаҳои нутқ ба монанди сифат ва зарф яке аз пасвандҳои серистеъмол ба шумор рафта, дар сохтани исм низ нақши муҳим дорад. Ҳамзамон маълум гардид, ки аксарият калимаҳое, ки тавассути пасванди мазкур дар забони тоҷикӣ сохта шудаанд, дар забони фаронсавӣ ҳаммаъно надошта, тавассути калимаву ибораҳои маъноан наздик тарҷума мегарданд.

Гарчанде, ки дар дохили кор мо пасванди мазкурро ба гурӯҳи пасвандҳои серистеъмол дохил намуда бошем ҳам, ин пасванд дар асл муштараквазифа буда, нисбат ба исму сифат бештар дар сохтани зарф серистеъмол мебошад. Баъзе аз забоншиносон пасванди мазкурро дар сохтани исм ва сифат ба гурӯҳи пасвандҳои каммаҳсул дохил намуданд.

Адабиёт

1. *Айнӣ, С. Ёддоштҳо, қисми 1, 2./ С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352 с.*
2. *Айнӣ, С. Мактаби кӯҳна. Повест / С. Айнӣ. – Душанбе: Истиқбол, 2010. – 56 с.*
3. *Айнӣ, С. Одина / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1988. - 163 с.*
4. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I: Фонетика, Морфология. - Душанбе: Дониш, 1985. - 356 с.*
5. *Икромӣ, Ҷ. Духтари Оташ / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – 557 с.*
6. *Маликов, А. Р. Хусусиятҳои калимасозии пасванди «-зор» дар романи "Духтари оташ"-и Ҷалол Икромӣ ва ифодаи онҳо дар забони фаронсавӣ / А.Р.Маликов, Н.С.Ҳакимов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2024. - №2 (109). - С. 34-39.*
7. *Рустамов, Ш. Исм. Категорияҳои грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ / Ш. Рустамов. - Душанбе: Дониш, 1981. - 219 с.*
8. *Aïni, S. Boukhara. Traduit du tadjik par S. Borodine et P. Korotkine. Nrf: Gallimard, 1956. – 310 p.*
9. *Aïni, S. La mort de l'Usurier. Nouvelles Traduites du tadjik et du russe par S. Borodine et V. Voinot. Les éditeurs français réunis 24, rue Racine. – Paris (VI^{e}) 1957. – 70 p.*
10. *André, M. Grammaire Fonctionnelle du français, Credif/Didier / M.André. – Paris, 1979. – 430 p.*
11. *Ikrami, Dj. La Fille du Feu/ Dj. Ikrami.– Moscou: Édition progrès, 1966. – 608 c.*

КАЛИМАСОЗӢ ТАВАССУТИ ПАСВАНДИ «-ВОР» ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА МУРОДИФОТИ ОН ДАР ЗАБОНИ ФАРОНСАВӢ

Дар мақола моделҳои дискурсивии намояндагии хӯрок дар лингвофарҳангҳои русӣ ва тоҷикӣ таҳлил карда мешаванд. Хӯрок на танҳо ҳамчун объекти моддӣ, балки ҳамчун рамзи муҳими низоми арзишҳои миллӣ ва стратегияҳои коммуникатсионӣ баррасӣ мешавад. Бо роҳи таҳлили муқоисавӣ роҳҳои асосии баён ва вербализатсияи воқеиятҳои хӯрок дар намудҳои гуногуни дискурс — рӯзмарра, фолклорӣ, медиадискурс ва ҳамчунин дар контекстҳои мазҳабӣ-ахлоқӣ — муайян мегарданд. Ба метафорисозӣ ва фразеологисозии хӯрок ҳамчун василаи ифодаи тафаккур ва дидгоҳи фарҳангӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Дар натиҷаи тадқиқот хусусиятҳои умумӣ ва хосаи намояндагии хӯрок дар анъанаҳои русӣ ва тоҷикӣ муайян гардида, вижагониҳои тафаккури миллӣ ва амалиёти коммуникатсионӣ инъикос меёбанд.

Калидвожаҳо: хӯрок, дискурс, намояндагӣ, фарҳанги рус, фарҳанги тоҷик, лингвофарҳангшиносӣ, луғати ғизоӣ, метафора.

DISCURSIVE MODELS OF FOOD REPRESENTATION IN RUSSIAN AND TAJIK CULTURE

The article analyzes discursive models of food representation in Russian and Tajik linguocultures. Food is considered not only as a material object, but also as a significant symbol within the system of national values and communicative strategies. Through comparative analysis, the key methods of verbalizing food-related realities in different types of discourse — everyday, folkloric, media, and religious-ethical — are identified. Special attention is paid to the metaphorization and phraseologization of food as means of expressing mental and cultural attitudes. The study reveals both universal and unique features of food representation in Russian and Tajik traditions, reflecting the specifics of national thinking and communicative practices.

Keywords: food, discourse, representation, Russian culture, Tajik culture, linguoculturology, food vocabulary, metaphor.

Об авторе
Каримова Мохира Бурхоновна
Старший преподаватель общеуниверситетской кафедры русского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: qiemiddin2020@mail.ru

Дар бораи муаллиф
Каримова Моҳира Бурҳоновна
Муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони русӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: qiemiddin2020@mail.ru

About the author
Karimova Mokhira Burkhonovna
Senior teacher the University-wide Department of the Russian Language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: qiemiddin2020@mail.ru

ТДУ 81’25:001.4

ФАРҚИЯТ ДАР МЕТОДОЛОГИЯИ ТАРҶУМАИ ИСТИЛОҲОТИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ ВА ТАБИӢ-РИЁЗӢ (ДАҚИҚ)

Кесамирова С. Р.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Пайдоиш ва ташаккули истилоҳот дар илмҳои гуногуни ҷомеа бо марҳилаҳои инкишофи онҳо ва дар ҳар як илми касбиву соҳавӣ ифода гардидани онҳо аз ҷиҳати вазифаи истилоҳотӣ фарқ менамоянд. Низоми истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аз низоми истилоҳоти илмҳои табиӣ-риёзӣ (дақиқ) аз ибтидои пайдоиш то дигар марҳилаҳо ба куллӣ фарқ доранд. Мусалам аст, ки илмҳои гуманитарӣ бевосита ва фаъолияти рӯзмарраи инсон робитаи ногусастанӣ дорад. Илмҳои дақиқ бошанд новобаста аз инсон ва новобаста аз фаъолияти ӯ арзи вуҷуд дошта, объекти асосии онҳо падидаҳои моддии ҷомеа мебошанд, вале объекти илмҳои гуманитарӣ ин падидаҳои ғайримоддӣ аст, ки дар он фаъолият ва таъсири инсон ҳамеша назаррас аст.

Мавриди зикр аст, ки пеш аз муайян ва мушаххас намудани фарқият байни методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ва илмҳои табиӣ-риёзӣ (дақиқ), бояд ташаккулёбии низоми истилоҳотии ин ду ҷанбаи илмро бо тамоми нозукиҳо зери таҳқиқ диҳем.

Истилоҳшиносӣ худ як илми нисбатан нав ва шохаи забоншиносии татбиқӣ ба шумор рафта, тамоми марҳилаҳои пайдоиш ва ташаккули истилоҳ, инчунин ба кадом низоми истилоҳот марбут будани истилоҳ, марҳилаҳои батартибдарорӣ, ҳамоҳангсозӣ ва банизомдарории истилоҳотро зери риштаи пажӯҳиш қарор медиҳад [9, с. 13]. Инкишофи босуръати донишҳои илмӣ ба ғанӣ шудани захираи луғавии забонҳои махсус оварда мерасонад, ки дар натиҷа тамоми истилоҳоти ташаккулёфта ба батартибдарорӣ ва банизомдарорӣ ниёз пайдо менамоянд. Ба ин васила илми истилоҳшиносӣ низ бо як қатор вазифа ва методологияи омӯзиши истилоҳот дар раванди рушд аст. Истилоҳшиносӣ ҷанбаҳои мантиқ, забоншиносӣ ва соҳаҳои гуногуни илмро бо воҳидҳои луғавии махсус фаро мегирад.

Предмети асосии омӯзиши истилоҳшиносӣ ин истилоҳ мебошад, ки чун воҳиди луғавии махсус ба ягон соҳаи илми марбута ворид гашта вазифаи унвонӣ ва таърифиро ба худ хос мегирад. Аз нигоҳи мундариҷа, истилоҳот маълумотӣ забонӣ, мантиқӣ ва мафҳумҳои махсусро ифода менамояд. Маҳз забон воситаи интиқол ва тараққии истилоҳот дар соҳаҳои гуногуни илм мебошад. Аз ин лиҳоз, истилоҳотро нахуст аз нигоҳи забоншиносӣ бояд зери таҳқиқ қарор диҳем, зеро истилоҳот худ аз воҳидҳои луғавии маъмулии забон ба вуҷуд омадаанд [13, с. 17].

Истилоҳшиносӣ панҷ марҳилаи ташаккулро то замони муосир гузаронидааст, ки таҳқиқи он аз солҳои 20-уми асри XX оғоз гардида, танҳо дар марҳилаи сеюм илми истилоҳшиносӣ ба вуҷуд омад. То ин давр чи масъала ва мушкилоте, ки воҳидҳои луғавии махсусро омӯзиш менамуд чун истилоҳот ном мебурданд, илми махсусе чун истилоҳшиносӣ вуҷуд надошт. Аз ибтидои пайдоиш муҳаққиқон истилоҳотро аз нигоҳи забоншиносӣ зери таҳлил қарор дода буданд.

Бояд қайд намуд, ки намудҳои гуногуни аломатҳои забонӣ ҷанбаҳои муайяни тасвири консептуалии ҷаҳонро ифода менамоянд, ки истилоҳ худ як аломати забонӣ маҳсуб ёфта, мафҳуми донишҳои гуногуни илми ҷаҳонро инъикос менамояд. Агар воҳидҳои луғавии маъмули тасвири ҷаҳони гуногунро бо тасвири олами воқеӣ ва маҷозӣ инъикос намоянд, воҳидҳои луғавии махсус, яъне истилоҳот тасвири ҷаҳони касбиро бар душ гирифта, мафҳумҳои дақиқ ва мушаххаси соҳаҳои гуногуни илмро ифода менамоянд. Истилоҳот низ дар баробари ташаккул байни сохтор ва мафҳумҳои ифодакунандаи худ фарқиятҳоро доро мебошад.

Истилоҳоте, ки аз воҳидҳои луғавии маъмулӣ пайдо гардида, мафҳуми устувор надоранд ва дар раванди истилоҳгунашавӣ ва истилоҳшавӣ қарор доранд, хосатан ба илмҳои гуманитарӣ маҳсубанд. Дар баробари ин, истилоҳоте низ вуҷуд доранд, ки бетағйири маъно ва шакл ва новобаста аз таъсири омилҳои экстралингвисӣ мафҳуми ягонаву саҳеҳ, дақиқ ва мушаххасро возеҳ медиҳанд, ки хоси истилоҳоти илмҳои дақиқ ҳастанд [4, с. 28].

Мусаллам аст, ки дар замони муосир ҳар як соҳаи илм ва фаъолияти шахс бо истилоҳоти марбути худ амал мекунад. Вазифаи истилоҳ дар соҳаҳои илм чун аломати номинативӣ барои нишон додани ашё, падидаҳо, муносибатҳо дар ин ё он соҳаи илмию касбӣ, мафҳумҳои зуҳуроти илмие, ки инсоният дар раванди таҷриба ба даст меорад, инъикоскунандаи чунин амалу хусусиятҳо мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки вазифаи истилоҳот дар соҳаҳои илм якхел сурат намегирад ва низоми истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аз низоми истилоҳоти илмҳои дақиқ тафовут дорад. Тафовут байни ин ду соҳаи илм он вақт шубҳаомез мегардад, ки агар як истилоҳи илми гуманитарӣ ба низоми истилоҳи илмӣ дақиқ таҷдиди истилоҳ шавад, яъне омонимияи байнисоҳавӣ пайдо гардад [8]. Ин ҳолат низ сабабҳои худро дорад ва тафовут доштани соҳаҳои илмҳоро рад карда наметавонад. Мисол, агар дар илми таърих дар раванди таҳлил истилоҳоти риёзӣ истифода гардад, ё баръакс. Ё ин ки дар раванди таҳқиқи истилоҳоти забоншиносӣ истилоҳоти физикӣ мисли *индуксия, анализ* ва ғ. истифода гардад. Чунин омонимияи истилоҳоти байнисоҳавӣ фарқияти низоми истилоҳоти илмҳои гуманитариро аз илмҳои дақиқ инкор карда наметавонад, зеро агар истилоҳи илмҳои дақиқ ба низоми истилоҳи илмҳои гуманитарӣ гузариш ёбанд, вазифаи худро тағйир намедиҳанд. Истилоҳи *анализ* ҳам дар забоншиносӣ ва ҳам дар физика як равишро инъикос менамояд, моҳоисаи як падидаи илмӣ бо падидаи дигар. Дар илмҳои физика ва химия истилоҳи анализро дар раванди гузаронидани амалиёти физикӣ ва химиёвӣ истифода менамоянд, ки як объектро бо объекти дигар муқоиса намуда, натиҷаи амалиёти онҳоро дар он муайян месозанд, яъне чӣ реаксия доданашро аниқ мекунанд. Дар забоншиносӣ низ ин истилоҳ ҳамон вазифаро иҷро менамояд, танҳо фарқият дар объекти омӯзиш аст, зеро дар раванди *анализ – таҳлил* як воҳиди забонӣ бо воҳиди забонии дигар бо омилҳои сохторӣ, луғавӣ ва маъноӣ таҳлил мегардад. Аз ин бармеояд, ки истилоҳоти илмҳои дақиқ инъикоскунандаи мафҳумҳои падидаи моддии илмӣ мебошанд, вале истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ бошанд мафҳуми падидаи ғайримоддии илмиро ифода менамоянд. Равшан мегардад, ки истилоҳоти илмҳои мазкур бо вазифаи мафҳум низ фарқ мекунанд.

Муҳаққиқ Д. С. Лотте чунин ақида дорад, ки фарқияти асосии истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аз истилоҳоти илмҳои дақиқ дар дараҷаи мушаххасии маънои онҳо зоҳир мегардад [10]. Метазабони илмҳои дақиқ (мисли риёзӣ, физика, химия, биология, геология) дараҷаи мушаххасии маъно, дақиқият ва саҳеҳият дар онҳо бо сатҳи баланд қарор гирифтааст. Истилоҳоти мазкур дар истифодаи забони рӯзмарра нестанд ва дар байни воҳидҳои луғавии маъмулӣ тамоман нофаҳмо мебошанд. Яъне, ин нишондиҳандаи он аст, ки мафҳуми илмии истилоҳоти илмҳои дақиқ ба дараҷаи баланд аст, ки ғайр аз мутахассиси он соҳа истилоҳоти мазкурро мазмунан дарк кардан ғайриимкон аст. Чунин истилоҳот новобаста аз тарҷума кардани онҳо ба забони дигар ниёз ба шарҳу возеҳ доранд. Яъне хонандаи забони асл низ онҳоро бе шарҳи маънӣ намефаҳманд. Барои мисол якчанд мисолҳоро меорем: истилоҳоти геометрия: *equiaffine – эквиафринӣ, loxodrome – локсодром*; истилоҳоти физика: *pressure gradient – градиенти фишор, harmonic oscillator – ассилятори гармонӣ*, истилоҳоти механикӣ: *ignorable coordinates – координатҳои сиклӣ*; истилоҳоти химиявӣ: *enzyme – фермент, polymer – полимер, monomer – мономер, chain – занҷир, polymerization – полимеризатсия, protein – сафеда, протеин*;

Агар мисолҳои истилоҳоти илмҳои гуманитариро чун намуна нишон диҳем истилоҳоти иҷтимоӣ: *abortion – исқоти ҳамл, adopted child – фарзандхондашуда, boarding school – мактаб-интернат, муассисаи таълимии пӯшида, интернат, care system – системаи кӯмакрасонӣ, daycare home – маркази рӯзона барои кӯдакони синни томактабӣ*; истилоҳоти адабиётшиносӣ: *actable – барои намоиши саҳна мувофиқ (дарпиеса), curtain – пардаи театр, puppeteer – лухтакбоз*; истилоҳоти таърих: *carving – ришта, fascism – фашизм, knight – сарбоз, knight service – хидмати сарбоз*; истилоҳоти ҳуқуқӣ: *crime – ҷиноят, ҷиноят содир намудан, adaptation – мутобиқшавӣ, juvenile lawyer –ҳуқуқшиноси (адвокат) ноболиғон*.

Агар мисолҳои овардашударо зери таҳлил қарор диҳем, истилоҳоти илмҳои дақиқ бо тарҷумаи забони тоҷикӣ низ нофаҳмо аст ва хонандаи забони англис низ онро намефаҳмад, то оне, ки аз манбаҳои соҳавӣ ё фарҳангҳои тафсирии истилоҳоти соҳаҳои марбута истифода накунад. Агар истилоҳоти илмҳои гуманитариро назар кунем, онҳо ба тамоми хонандаи забони тоҷикӣ бе истифодаи фарҳангҳои соҳавӣ фаҳмо аст, зеро воҳидҳои луғавии рӯзмара мебошанд, ки ягон истилоҳи навсохташуда дар онҳо нест. Мафҳуми истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ хеле равшан ва фаҳмо мебошанд, зеро дар ҳаёти рӯзмарраи мо доимо дар истифодаи нутқи одамон ҳастанд. Аз ин бармеояд, ки истилоҳоти илмҳои дақиқ истилоҳоти сохташудаи ин ё он илми соҳавӣ буда, дар нутқи рӯзмарраи одамон вонамехӯранд ва мафҳуми хоси илмиашон дар дараҷаи баланд қарор дорад, ки хусусияти фарқкунандаи

дараҷаи мафҳуми онҳо маҳсуб меёбад. Хусусияти умумии истилоҳоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳарду ҷанбаи илм истилоҳот вазифаи унвониро иҷро мекунанд.

Чи тавре ки истилоҳшинос С. В. Гринев-Гриневич қайд менамоянд, дар истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ устувории маъно дида намешавад, зеро дар илмҳои мазкур ҳамеша муборизаи идеяҳо ва фикру ақидаҳои гуногуни мактабҳои илмӣ дида мешавад, ки дар натиҷа мазмун ва мафҳуми истилоҳот ноустувор мегарданд [5].

Лозим ба ёдоварист, ки баъзе истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ низ маънои устувор дошта, ба монанди истилоҳоти илмҳои дақиқ ба забони маъмулӣ ношинос аст ва шарҳу возеҳро талаб менамоянд. Яъне истилоҳоти якмаъно дар илмҳои гуманитарӣ низ дида мешаванд, махсусан дар илмҳои сиёсатшиносӣ, иқтисодиёт, ҳуқуқ, таърих, диншиносӣ ва забоншиносӣ. Аксарияти истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ сермаъно ва муродифпазир буда, маънои устувори худро доро нестанд. Истилоҳоте, ки дар илмҳои гуманитарӣ ба низом дароварда шудаанд ва марҳилаи батартибдарорӣ аз ҷониби истилоҳшиносон гузаштаанд, метавонанд чун истилоҳоти илмҳои дақиқ маънои устувор дошта бошанд.

Фарқияти назарраси дигар он аст, ки дар истилоҳоти илмҳои дақиқ умуман тобишҳои эмотсионалӣ ва тобишҳои маъноӣ дида намешаванд. Рангу бори маъноӣ тамоман дар онҳо вуҷуд надорад, аммо дар истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ хусусиятҳои номбурдаро метавон дид [3].

Барои мисол истилоҳи иҷтимоии ***Othello syndrome***-ро агар таҳлил намоем, истилоҳи мазкур бо роҳи ташбеҳ ва тобишҳои маъноии эмотсионалӣ дар фарҳанги забони англисии истилоҳоти иҷтимоӣ чунин шарҳ ёфтааст: ***Othello syndrome*** *– also called morbid jealousy, is the irrational and obsessive jealousy of a romantic partner. Someone with Othello syndrome imagines that their partner has been unfaithful, so they attempt to control, manipulate, or harm their partner as a result* [14]. Шарҳи фарҳанги истилоҳоти иҷтимоӣ онро ифода менамояд, ки ***синдроми Оттело*** як намуди бемории рашк аст, ки онро рашки маризӣ низ меноманд, яъне рашки беасос ва бемантиқ. Чунин намуди рашк инсонро водор месозад, ки шарики ҳаёташ ба ӯ хиёнат карда истодааст ва ӯро қатъӣ бояд ба назорат гирад. Аз ин таҳлилҳо бармеояд, ки як истилоҳи иҷтимоӣ чи қадар рангу бори тобишҳои маъноиро ифода карда истодааст ва бе шарҳи маънӣ ёфтанаш ҳам худ чун ташбеҳ истилоҳ гардидааст. Ин истилоҳ бо омили ташбеҳшавӣ хусусияти як қаҳрамони асари бадеиро тасвир карда, чун истилоҳи иҷтимоӣ дар доираи илмҳои гуманитарӣ васеъ истифода мегардад.

Бояд ёдовар шуд, ки чунин хусусият дар истилоҳоти илмҳои дақиқ тамоман дида намешавад. Муҳаққиқони истилоҳшинос бар он ақидаанд, ки истилоҳ бояд хусусияти услуби мунтасиб дошта бошад ва аз мазмуни матн вобастагӣ надошта бошад [11]. Чи гунае, ки таҳлили мисоли болозикр нишон дод, истилоҳи иҷтимоии синдроми Отелло аз матн ва тафсири он вобастагии калон дорад, яъне берун аз матнҳои иҷтимоӣ ва равоншиносӣ мафҳуми асосноки илмии худро доро нест. Истилоҳоти илмҳои дақиқ аз матн вобастагӣ надоранд, ин низ хусусияти фарқкунандаи онҳо ба ҳисоб меравад.

Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи дигаре, ки дар шакл ва сохтори истилоҳот дида мешавад, ин доштани нишон, аломат, рақам ва дигар индексу формулаҳо аст. Истилоҳоти илмҳои дақиқ ғайр аз оне, ки дар раванди истилоҳшавӣ баъзеашон аз воҳидҳои луғавии маъноӣ пайдо мегарданд, ё ин ки дар раванди иҷроиши ягон амалиёти илмӣ истилоҳофаринӣ мешаванд, боз дорои дигар аломатҳои фарқкунандае мебошанд, ки як истилоҳро бо як рақам, индекс, аломат ё нишонаву формула нишон дода метавонанд [9]. Истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ танҳо дар шакли калима ва ибора инъикос мегардаду халос. Яъне истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аз рӯи сохт метавонанд содда, мураккаб ва таркибӣ шаванд, вале дар шакли формула ва рақаму индекс омада наметавонанд. Мисол, истилоҳоти физикӣ: *сm-1 – сантиметри баръакс, Ω – ом, ‰ – промилле, ºС – градус селсия, ct –карат, m3/s –метри мукааб дар як сония;*

Чунин ҳолатҳо дар истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ нест. Як рақам ё як нишона наметавонад як истилоҳи сохторан мураккаб ё таркибиро ифода намояд. Маълум гардид, ки истилоҳоти илмҳои мазкур на танҳо аз ҷиҳати маъно, вазифа, пайдоиш ва услуб, балки аз рӯи сохтор низ метавонанд фарқ дошта бошанд. Истилоҳоти илмҳои дақиқ одатан шаклан кӯтоҳ ва дар шакли ихтисор сохта шудаанд, вале истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ бештар дар шакли ибора ва сохторан бисёрҷузъа мебошанд.

Истилоҳоти илмҳои мазкур бо марҳилаҳои пайдоиш ва ташаккулашон низ фарқ мекунанд, зеро истилоҳоти илмҳои дақиқ истилоҳофаринӣ шудаанд ва дар фарҳангҳои умумии забон онҳоро пайдо намудан ғайриимкон аст. Истилоҳоти мазкур танҳо дар фарҳангҳои махсуси соҳавӣ метавонанд дастрас шаванд. Истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ

бошанд аз воҳидҳои луғавии маъмулӣ пайдо гардида, дар раванди иқтибосгирӣ аз дигар соҳаҳои илмӣ ташаккул меёбанд [7]. Истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аз илмҳои дақиқ низ иқтибосоти зиёд мегиранд, ки ин низ нишондиҳандаи фарқият дар марҳилаи пайдоиш ва ташаккули истилоҳоти илмҳо дониста мешавад.

Фарқияти дигар, мафҳуми асосноки илмӣ доштан ё надоштани истилоҳоти илмҳои мавриди муқоиса қарор гирифта мебошад. Истилоҳшинос М. В. Лейчик зидди ин ақида буда, ишора бар он мекунад, ки дар низоми истилоҳот зарур нест, ки як назарияи илмӣ ифода ёбад. Барои воҳидҳои луғавии махсус вуҷуд доштани мафҳумҳо ва ҷамъи фикру ақидаҳо кифоя аст. Тамоми ин мафҳумҳо ҳодисаҳои рухдодаро дар доираи як соҳаи илм метавонанд асоснок кунанд, яъне ба гуфтаи муҳаққиқ асоснокии илмӣ доштани ҳар як мафҳуми истилоҳ дар шакли шарҳу эзоҳ муҳим нест [8]. Ба андешаи муҳаққиқ дар ин ҳолат розӣ шуда наметавонем, зеро истилоҳоти илмҳои дақиқ дар ҳолати пайдо гардидани падидаи илмӣ, ки худ дар ҳамон соҳа (физика, риёзӣ, химия ...) дар натиҷаи асоснок намудани ягон назарияи илмӣ дар раванди амали лабораторӣ зоҳир мешавад. Яъне истилоҳоти илмҳои дақиқ аз асоснок кардани назарияҳои илмӣ ба вуҷуд меоянд. Мисол, *Newton's Law of Universal Gravitation – Қонуни ҷозибаи (кашиши) умумиҷаҳонии Нютон*. Қонуни мазкур ҳамчун истилоҳи физикӣ дониста шуда, дар асоси санҷишҳои назарияҳо ва амалиётҳо асоснок гардидааст, ки то ҳол физикшиносон онро дар муоширати касбии худ ба кор мебаранд. Ин истилоҳ аз воҳиди луғавии забони адабӣ пайдо нагардидааст. Истилоҳи мазкур дар натиҷаи асоснок кардани як ҳолати физикӣ ба вуҷуд омадааст, ки ба номи муҳаққиқ эътироф шудааст. Ин истилоҳи муаллифӣ ба шумор рафта, илман асоснок шудааст. Аз ин лиҳоз, истилоҳоти илмҳои дақиқ мафҳумҳои илман асоснокгардида мебошанд, вале истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ин хусусиятро надоранд, ё умуман хеле кам дида мешаванд. Аз таҳқиқотҳо бармеояд, ки таърифоти олими рус В. М. Лейчик танҳо ба истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ марбут аст.

Олимони мазкур Д. С. Лотте, А. А. Реформатский ва Г. О. Винокур дар раванди таҳқиқоташон муайян намуданд, ки истилоҳи комил ва пурра бояд якмаъно, кӯтоҳ, саҳеҳ, мушаххас ва дур аз ҳодисаҳои сермаъноӣ ва муродифпазирӣ бошанд [12]. Талаботҳое, ки олимони мазкур ба истилоҳи комил пешбинӣ мекунанд, ба истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ мутобиқ шуда наметавонад. Албатта, дар истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ истилоҳоти якмаъно низ дида мешаванд. Ногуфта намонад, ки чунин истилоҳот бо меъёрҳои стандартӣ ба низом дароварда шудаанд. Чи гунае, ки таҳқиқоти назарӣ ва амалӣ нишон дод, дар умум бештари истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ба омилҳои сермаъноӣ, омонимӣ, муродифпазирӣ ва мутазод дучор меоянд. Талаботҳои пешниҳодкардаи муҳаққиқон ба истилоҳоти илмҳои дақиқ мувофиқат мекунанд, зеро дар онҳо сермаъноӣ ва муродифпазирӣ ба назар намерасанд. Ҳолатҳои омонимӣ дида мешаванд, вале истилоҳе, ки омоним мегардад, аввал дар низоми истилоҳоти илмҳои дақиқ пайдо гардидааст ва баъдан ба дигар низоми истилоҳ гузариш меёбад.

Ҳамин тавр, метавон қайд намуд, ки чун «истилоҳи комил» низоми истилоҳоти илмҳои дақиқро метавон номбар кард, зеро дар он объекти омӯзиш ва ҳодисаву падидаҳои илмӣ ба мавҷудоти моддӣ алоқамандӣ дошта, якмаъноиро зоҳир менамоянд. Истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ бошанд ба падидаҳои ғайримоддӣ ва мафҳумҳои абстрактиро дар ин ё он соҳаи илм номгӯӣ менамоянд. Истилоҳоти илмҳои дақиқ бештар ҳодисаҳои табиӣ, механизм ва назарияҳое, ки дар ҳаёти воқеӣ ба амал меоянд, онҳоро номгузорӣ менамоянд.

Чи тавре ки Н. Л. Дробишева қайд менамояд, истилоҳоти илмҳои дақиқ номгузори мафҳумҳои махсуси илмӣ буда, онҳо рамзгузорӣ ва батартиб дароварда шудаанд. Инчунин, истилоҳоти мазкур дур аз тасвири тобишҳои маъноии эмотсионалӣ буда, танҳо дар муоширати касбии ин ё он илми соҳавӣ иштирок менамояд. Чунин истилоҳотро дар фарҳангҳои воҳидҳои луғавии махсуси касбӣ соҳавӣ метавон дарёфт намуд [6].

Хусусиятҳои номбаршуда нишондиҳандаи тафовути низоми истилоҳоти илмҳои дақиқ аз истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ мебошанд. Аз таҳқиқи назарӣ ва таҳлили мисолҳо, такя ба назарияҳои истилоҳшиносон метавон хусусиятҳои фарқкунандаи низоми истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ва низоми истилоҳоти илмҳои дақиқро чунин натиҷагирӣ намуд:

- фарқият дар иҷроиши вазифаи истилоҳот дар илмҳои марбут гуногун аст;

-дараҷаи мушаххасии маъно дар истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ва истилоҳоти илмҳои дақиқ ба таври гуногун ифода мегарданд;

- хусусияти устувории маъно дар истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ кам дида мешавад;

- махсусияти доштани рангу бор ва тобиши маъноии эмотсионалӣ дар истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ва инъикос нагардидани чунин сифат дар истилоҳоти илмҳои дақиқ;

- фарқият дар шаклу сохтори истилоҳоти илмҳои ҷудогонаи мавриди таҳқиқ;

- фарқият дар марҳилаҳои пайдоиш ва ташаккули истилоҳот дар низоми истилоҳоти илмҳои муқоисашаванда;

- фарқият дар асоснокии илмӣ доштани мафҳумҳои истилоҳот дар илмҳои гуманитарӣ ва илмҳои дақиқ;

- ба омилҳои сермаъноӣ ва муродифпазирӣ дучор нагардидани истилоҳоти илмҳои дақиқ ва баръакс ба омилҳои номбурда рӯ ба рӯ шудани истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ.

Тамоми хусусиятҳое, ки дар боло зикр гардид, танҳо ба тафовут доштани сохти низоми истилоҳоти илмҳои муқоисашаванда дахл дорад. Ҳадаф ва мақсади мақсади мазкур дар муайян ва ошкор намудани мухталифияти роҳу услҳои тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ва истилоҳоти илмҳои дақиқ зоҳир мегардад. Аз ин бар меояд, ки фарқияти методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои номбурдаро бе омӯзиши фарқияти низоми сохташавӣ ва ташаккули онҳо ба роҳ мондан ғайриимкон аст, зеро хусусиятҳои тафовуткунандае, ки дар боло номбар шуд, метавонанд сабабгори мухталифияти методологияи тарҷума дар низомҳои истилоҳоти илмҳои зери ҳадаф гарданд.

Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои дақиқ аз методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ба куллӣ фарқи назаррас доранд. Илмҳои гуманитарӣ (Humanitarian Sciences) аз калимаи лотинии *human* - *инсон*, одам ва *science* - *илм, омӯзиш* гирифта шудааст. Илмҳои гуманитарӣ бевосита ба кору фаъолият ва ташаккули фарҳангӣ ва мадании инсон робитаи ногусастанӣ дорад. Илмҳои табиӣ (дақиқ) низ аз забони лотинии (Natural Sciences), *nature – табиат ва science – илм*, омӯзиш буда, тамоми мавҷудот ва падидаву ҳодисаҳои табиатро меомӯзад [14]. Ин таърифот нишондиҳандаи он мебошад, ки истилоҳоти илмҳои дақиқ бо объектҳои реалӣ сару кор дорад ва тарҷумаи дақиқро талаб менамояд, истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ баръакс ба падидаҳои абстрактӣ алоқаманд буда, услуби тарҷумааш аз талаботи услуби тарҷумаи истилоҳ каме коста шудааст, зеро чун воҳиди луғавии маъмулӣ баъзан ба тобиши маъноии экспрессивӣ роҳ медиҳад.

Чӣ гунае ки муҳаққиқ А. В. Василков қайд менамояд, истилоҳоти илмҳои дақиқ дар матн чун аломатҳои рамзгузоришуда мебошанд, ки на тобиши маъноии эмотсионалӣ доранд на шакли маҷозӣ, вазифаи онҳо танҳо маълумот расонидан ва унвон додани ягон падидаи илмӣ аст [1, с. 34].

Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки истилоҳоти илмҳои дақиқ чун рамзҳо дар матнҳои техникӣ истифода гардида, яке аз воҳидҳои луғавии бемуодил дар назарияи тарҷума маҳсуб меёбанд. Албатта, баъзе истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ низ махсусиятҳои миллӣ дошта, тарҷуманопазиранд, вале истилоҳоти илмҳои дақиқ пурра ҳамаашон воҳиди бемуодили раванди тарҷума мебошанд.

Тарҷумашинос М. Ю. Волгина бар он ақида аст, ки агар тамоми истилоҳоти забон аз рӯи ду намуди тарҷума сурат гирад, яъне тарҷумаи мустақим ва ғайримустақим, истилоҳоти илмҳои дақиқ танҳо бо роҳи тарҷумаи мустақим метавонад ба дигар забонҳо баргардон шавад [2].

Чӣ тавре ки маълум аст, тарҷумаи мустақим методҳои транскрипсия/транслитератсия ва калка дохил мешаванд. Барои тарҷумаи истилоҳоти илмҳои дақиқ низ як қатор талаботҳо пешбинӣ шудаанд, ки вобаста ба хусусияти сохтор ва шакли пайдоиши онҳо мебошанд. Дар тарҷумаи истилоҳоти илмҳои дақиқ низ мушкилот, муаммоҳо ва роҳи ҳалли ин муаммоҳо вуҷуд доранд, ки аз раванди тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ фарқ менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки истилоҳоти илмҳои дақиқ бештар истилоҳоти дорои характери байналмилалӣ ҳастанд, зеро аз забонҳои лотинӣ ва юнонӣ гирифта шуда, ба ҳамон шакл вориди дигар забонҳо шудаанд, ки бештари онҳо ба тарҷума ниёз надоранд ва мутахассисони соҳавӣ онро дар забонҳои гуногун ҳамчун калидвожа мешиносанд. Новобаста аз ин, ҳолатҳое ба амал меояд, ки истилоҳоти хусусияти неологизмӣ доштаро бояд аз як забон ба дигар забон баргардон намоем.

Адабиёт

1. *Васильков А. В. Актуализация информации как сущность управления знаниями // Библиотековедение. 2009. № 2.*
2. *Волгина, М.Ю. Перевод терминов как ключевых единиц специального текста / М.Ю. Волгина // Перспективы Науки и Образования. – 2013. – № 6. – С. 170-174.*
3. *Голованова Е.И. Лингвистическая интерпретация термина: когнитивно-коммуникативный подход // Известия Уральского государственного университета. – 2004. – № 33. – С. 18-25.*
4. *Головин Б.Н., Кобрин Р.Ю. Лингвистические основы учения о терминах. М.: Высшая школа, 1987. - 104 с.*

5. *Гринев-Гриневич С. В. Терминоведение: учеб. пособие для студ. высш.учеб. заведений. – М.: Академия, 2008.*
6. *Дробышева Н.Л. Формирование и функционирование лексики жилищно-коммунального хозяйства: Автореф. дис. ...канд. филол. наук. - М.,2011.- 25 с.*
7. *Евсеева Г.И. Современные проблемы в организации издания научной литературы // Университетская книга. - 2009. - № 3.*
8. *Кесамирова С. Р. Таҳлили муқоисавии дараҷаҳои муодилнокии байнизабонии воҳидҳои луғавӣ аз нигоҳи тарҷума (дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) / С. Р. Кесамирова, - Душанбе: ЭР - граф, 2021. – 152 с.*
9. *Лейчик В. М. Термин научная теория // Научный и общественнополитический текст: Лингвистические и лингводидактические аспекты изучения. – М.: Наука, 1991. – С. 12–6.*
10. *Лейчик В. М. Терминоведение: предмет, методы, структура. – М.: Издательство ЛКИ, 2007. - 256 с.*
11. *Лотте Д. С. Очередные задачи научно-технической терминологии. - М.: Наука, 1931. -158 с.*
12. *Мусоямов, З. М. Нигоҳе ба роҳу усулҳои таснифи истилоҳоти технологияи иттилоотӣ / З.М. Мусоямов // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2025. - №3 (116). – С. 135-140.*
13. *Никитина С.Е. Семантический анализ языка науки. - М.: Наука, 1987. - 112 с.*
14. *Реформатский А. А. Мысли о терминологии / А. А. Реформатский // Современные проблемы русской терминологии. – М.: Наука, 1986. – С. 165-198.*
15. *Суперанская А. В.,Подольская Н. В., Васильева Н. В., Общая термпнология: Вопросы теории/ Отв. Ред. Т. Л. Канделаки. Изд. 6-е.–М.: Книжный дом «ЛИБРОКОМ», 2012.–248 с.*
16. *Human Sciences. University of Oxford. Archived from the original on 4 March 2017. Retrieved 3 March 2017.*
17. *The Penguin Dictionary of Sociology by Nicholas Abercrombie, Stephen Hill and Bryan S. Turner. (Third Edition) Penguin Books Ltd, 27 Wrights Lane, London w8 517, England Penguin Books USA Inc., 375 Hudson Street, New York. 526 p.*

ФАРҚИЯТ ДАР МЕТОДОЛОГИЯИ ТАРҶУМАИ ИСТИЛОҲОТИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ ВА ТАБИӢ-РИЁЗӢ (ДАҚИҚ)

Дар мақола фарқият байни методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ ва дақиқ зери таҳлил қарор гирифтааст. Мафҳуми истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ хеле равшан ва фаҳмо мебошанд, зеро дар ҳаёти рӯзмарра ҳамеша зери истифодаи нутқи одамон ҳастанд. Аз ин бармеояд, ки истилоҳоти илмҳои дақиқ истилоҳоти сохташудаи ин ё он илми соҳавӣ буда, дар нутқи рӯзмарраи одамон вонамехӯранд ва мафҳуми хоси илмиашон дар дараҷаи баланд қарор дорад, ки хусусияти фарқкунандаи дараҷаи мафҳуми онҳо маҳсуб меёбад. Хусусияти умумии истилоҳоти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар ҳарду ҷанбаи илм истилоҳот вазифаи унвониро иҷро карда истодаанд. Дар мақола якчанд фарқияти назаррас дарҷ гардидааст, ки яке аз онҳо дар истилоҳоти илмҳои дақиқ умуман тобишҳои эмотсионалӣ ва тобишҳои маъноӣ дида намешаванд. Рангу бори маъноӣ тамоман дар онҳо вуҷуд надорад, аммо дар истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ хусусиятҳои номбурдаро метавон дид. Инчунин, дар мақола фарқияти дигар нишон дода шудааст, ки он дар шакл ва сохтори истилоҳот дида мешавад, ба монанди нишон, аломат, рақам.

Калидвожаҳо: истилоҳ, истилоҳшиносӣ, тарҷума, методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ, методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои дақиқ, низоми истилоҳот, вазифаи номинативӣ, батартибдарории истилоҳ, ҳамгунсозии истилоҳот.

РАЗЛИЧИЯ МЕТОДОЛОГИИ ПЕРЕВОДА ТЕРМИНОВ ГУМАНИТАРНЫХ И ЕСТЕСТВЕННО-МАТЕМАТИЧЕСКИХ (ТОЧНЫХ) НАУК

В статье рассматриваются различия между методологией перевода терминов гуманитарных и точных наук. Значение гуманитарных терминов очень ясно и понятно, поскольку в нашей повседневной жизни они постоянно находятся в употреблении речи людей. Из этого следует, что термины точных наук являются специализированными выдуманными терминами той или иной отрасли науки, они не встречаются в повседневной речи людей и их научные значения находятся на более высоком уровне, что является их отличительной особенностью. Общая черта этих терминов проявляется в том, что в обоих аспектах науки термины выполняют заглавную функцию. В статье выделяется несколько существенных отличий, одно из которых заключается в том, что в терминологии точных наук вообще не просматриваются эмоциональные и смысловые оттенки. В этих терминах нет цвета значения, тогда как в терминологии гуманитарных наук можно наблюдать указанные особенности. Также в статье показано еще одно отличие, которое можно увидеть в форме и структуре терминов, таких как знаки, символы, числа.

Ключевые слова: термин, терминоведение, перевод, методология перевода терминов гуманитарных наук, методология перевода терминов точных наук, терминологическая система, номинативная функция, упорядочение терминов, унификация терминов.

DIFFERENCES IN THE METHODOLOGY OF TRANSLATING TERMS IN THE HUMANITARIAN AND NATURAL-MATHEMATICAL (EXACT) SCIENCES

The article examines the differences between the methodology of translating terms in the humanities and the exact sciences. The meaning of humanities terms is very clear and understandable, as they are constantly in use in everyday speech. This indicates that terms in the exact sciences are specialized, invented terms of a particular scientific field, and they do not appear in everyday language. Their scientific meanings are on a higher level, which is their distinguishing feature. A common characteristic of these terms is that, in both aspects of science, they perform a central, nominative function. The article highlights several significant differences, one of which is that in the terminology of the exact sciences, emotional and semantic nuances are generally absent. These terms lack any "color" of meaning, whereas in the terminology of the humanities, such characteristics can be observed. The article also highlights another difference, which can be seen in the form and structure of terms such as signs, symbols, numbers.

Keywords: term, terminology studies, translation, methodology of translating humanities terms, methodology of translating exact sciences terms, terminological system, nominative function, term organization, term unification.

Дар бораи муаллиф
Кесамирова Саодат Рустамовна
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи филологияи англис
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6
E-mail: skesamirova@gmail.com

Об авторе
Кесамирова Саодат Рустамовна
Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой английской филологии
Таджикский международный университет иностранных языков им. С. Улугзаде
734013, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6
E-mail: skesamirova@gmail.com

About the author
Kesamirova Saodat Rustamovna
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Head of English Philology Department
Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulughzoda
734013, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhamadiev, Str., 17/6
E-mail: skesamirova@gmail.com

УДК 811.21/.22+811.111

МЕНТАЛЬНЫЕ РЕПРЕЗЕНТАЦИИ И КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ СХЕМЫ В ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ВЫРАЖЕНИЯХ «БУСТОНА» САДИ И ИХ АНГЛИЙСКИХ АНАЛОГОВ

Рустамзода Ш. Р.
Таджикский национальный университет

Фразеологизмы являются неотъемлемой частью языка и играют ключевую роль в отражении концептуальных и когнитивных особенностей культуры, в которой они функционируют. «Бустон» Саади, как один из наиболее значимых источников персидско-таджикской фразеологии, представляет собой не только собрание устойчивых выражений, но и философско-моральный кодекс, насыщенный образами, поучениями и нравственными максимами. ФЕ в данном произведении выступают не просто как лексические конструкции, а как культурные кодовые единицы, способные фиксировать и передавать ментальные схемы, укоренённые в когнитивной системе персидского мира. Каждый из них несёт в себе печать культурных и историко-ментальных реалий, что делает их незаменимыми для реконструкции языковой картины мира определённой эпохи. В этом контексте фразеологизмы можно рассматривать как своеобразное «окно» в культурный код общества, на основе которого формируются ментальные представления и мировоззренческие установки. В этом плане вполне закономерно, что исследователи фразеологии подчёркивают «способность этих единиц выражать оценочные смыслы сквозь призму культурологической информации, поскольку они выступают средствами накопления, хранения и трансляции социокультурного опыта» [7, с. 85].

Анализ фразеологизмов данного произведения с позиций ментальных репрезентаций и концептуальных схем, а также их сопоставление с английскими аналогами, позволяет проследить, каким образом в персидской и англоязычной культурах языковое сознание оформляет и структурирует восприятие действительности. Фразеологизмы в данном случае выступают не просто лексическими единицами, а вербальными проекциями глубинных ментальных представлений, укоренённых в культурном и когнитивном опыте носителей языка. Такое сопоставление способствует выявлению как универсальных, так и культурно-специфических компонентов концептуальных метафор, в которых отражаются ценностные ориентиры, нормы и поведенческие установки соответствующих сообществ, а также способствует «более глубокому пониманию культурных и языковых аспектов таджикской литературы и ее взаимодействия с мировой литературной традицией» [10, с. 105]. В этом контексте «внутренняя форма ФЕ выполняет функцию когнитивного индикатора, раскрывая не только его концептуальное содержание, но и особенности ментального моделирования реальности в рамках конкретной языковой картины мира» [9, с. 147].

Цель данного исследования заключается в выявлении и анализе ментальных схем фразеологизмов «Бустон»-а Саади, их культурных кодов и концептуальных аналогов в английском языке. Поставленные задачи направлены на глубокий анализ как когнитивных основ этих выражений, так и на понимание культурных особенностей, которые в них заключены.

Исследование опирается на сочетание когнитивного и лингвокультурологического подходов, благодаря которым фразеологизмы раскрываются не только как языковые конструкции, но и как носители глубинных культурных смыслов. Концептуальный анализ позволяет проникнуть в структуру образного мышления, лежащего в их основе, выявляя концепты, определяющие мировидение носителей языка. Особую исследовательскую ценность представляет сопоставление фразеологических единиц из «Бустон»-а Саади с английскими аналогами – такое соотнесение открывает тонкие нюансы культурных различий и пересечений

Ментальные схемы представляют собой глубинные когнитивные образования, структурирующие процесс восприятия и интерпретации человеческого опыта. Они охватывают различные типы мыслительных конструкций, которые взаимодействуют в процессе осмысления мира и формирования знаний. К числу таких конструкций относятся **ментальные модели**, описанные Ф. Джонсоном-Лэрдом, а также **ментальные пространства** в интерпретации Ж. Фоконье. В понимании Джонсона-Лэрда ментальная

модель функционирует как инструмент умственного конструирования реальности, позволяя человеку создавать репрезентации внешнего мира. Идея Ж. Фоконье дополняет это видение, предлагая концепт ментального пространства - подвижной когнитивной структуры, возникающей в момент обработки информации. Обе теории вносят весомый вклад в осмысление природы фразеологизмов: они дают ключ к пониманию механизмов концептуализации, лежащих в основе ФЕ как форм репрезентации этнокультурного знания [1, с. 46].

Постижение природы этого взаимодействия позволяет приоткрыть завесу над глубинными когнитивными процессами, которые выстраивают каркас концептуальных систем, питающих фразеологическое пространство языка. Именно в этом сложном узоре пересечений рождаются, преображаются и продолжают жить ментальные схемы, вплетённые в культурный код и закреплённые в устойчивых выражениях. Через язык они передают не только смысл, но и опыт, мировоззрение, ценности, унаследованные и переработанные в конкретной культурной среде.

В этой связи особое значение приобретает **концепт** как структурообразующий элемент ментального пространства. Как справедливо замечает Н. Ф. Алефиренко, «основная единица ментальности – концепт» [3, с. 76], что подчёркивает его системообразующую функцию в организации знания. Концепты задают координаты смыслового восприятия, формируя схемы интерпретации и ментальные модели, через которые отражается и осмысляется окружающий мир. Они становятся опорными точками для формирования как индивидуального, так и коллективного образа действительности, в том числе воплощённого в фразеологической системе языка.

Следовательно, концепт можно рассматривать как минимальную смысловую единицу ментального пространства, через которую человек осмысливает реальность и выражает её в языке. Он не только фиксирует основные знания о предмете или явлении, но и отражает его культурные, исторические и эмоциональные компоненты. Это делает концепты ключевыми элементами когнитивной лингвистики и позволяет через их анализ выявлять механизмы формирования и функционирования фразеологической системы языка.

Фразеология играет центральную роль в системе языка, поскольку именно фразеологизмы представляют собой **устойчивые знаки коллективного когнитивного опыта.** В их структуре закреплены культурные коды, концептуальные модели и когнитивные сценарии, отражающие национальную картину мира. Фразеологизмы формируются под воздействием этнокультурных, исторических и социальных факторов, а их семантические особенности тесно связаны с доминирующими в культуре концептами.

Фразеологизмы представляют собой **важнейший источник культурной и когнитивной информации**, поскольку они фиксируют специфические для каждой языковой общности способы осмысления мира, а также не только фиксируют языковую реальность, но и демонстрируют «локальную картину мира» [5, с. 22]. Это значит, что каждый фразеологизм обогащён культурным контекстом, который может значительно отличаться в разных языках и культурах. Их семантика формируется под влиянием **ментальных схем и концептуальных метафор**, которые определяют способы категоризации опыта.

Таким образом, изучение ментальных схем и концептуальных метафор, лежащих в основе фразеологизмов «Бустана», позволяет не только выявить механизмы их формирования, но и проследить, как когнитивные и культурные факторы взаимодействуют в процессе концептуализации ключевых элементов национальной картины мира.

Как утверждает Н.Ф. Алефиренко, «концепты как ментальная единица выполняют роль стержневого элемента в структурировании картины мира» [2, с. 137]. Это подчеркивает их значимость в организации когнитивного пространства, так как именно концепты определяют способы осмысления окружающей действительности и её репрезентацию в языке.

В данном контексте концепты выступают ключевыми звеньями в формировании фразеологической системы, поскольку они не только структурируют знания, но и обеспечивают их ментальную репрезентацию и трансляцию в устойчивых языковых выражениях. Концепт, будучи смысловым центром, концентрирует культурно значимую информацию и способствует её закреплению в коллективном языковом сознании. В частности, в таджикском и английском языках концепт ***дил*** (сердце) / ***heart*** играет фундаментальную роль в отражении эмоционального и духовного опыта человека. Это проявляется в широком спектре фразеологических единиц, фиксирующих состояния, чувства и моральные переживания, например: **«дил ба даст овардан»** [10, с. 221] – **«to win someone's heart»**, **«дили касеро озурдан»** [10, с. 422] – **«to break one's heart»**, **«дил зинда доштан»**

[10, с. 74] – **«to have a compassionate heart»**, **«бар дил газанд будан»** [10, с. 74] – **«to have one's heart wounded»**, **«дили фигор»** [10, с. 136] – **«a broken heart»**, **«дил сӯхтан»** [10, с. 151] – **«to feel deep sorrow»**, **«хуни дил хӯрдан»** [10, с. 203] – **«to suffer in silence»**. Эти единицы демонстрируют когнитивную ёмкость концепта «сердце» как универсального кода внутреннего мира человека.

Эти выражения фиксируют в языке **ментальные схемы**, основанные на концептуальных метафорах, таких как **СЕРДЦЕ – ЦЕНТР ЧУВСТВ**, **СЕРДЦЕ – ОЧАГ СТРАДАНИЙ**, **СЕРДЦЕ – ИСТОЧНИК СОСТРАДАНИЯ**. Однако их семантические и прагматические особенности различаются в зависимости от культуры. Например, в таджикском языке концепт **дил** традиционно связан с духовностью, нравственными качествами и глубокой внутренней болью, что выражается в таких фразеологизмах, как **«хуни дил хӯрдан»**, отражающем интенсивность душевных страданий. В английском языке **heart** чаще интерпретируется в контексте романтических переживаний, что проявляется в таких выражениях, как **«to win someone's heart»** или **«to break one's heart»**, где акцент делается на любовные чувства и эмоциональные привязанности.

Дополнительно можно отметить, что таджикские фразеологизмы, такие как **«дил сӯхтан»**, имеют более широкую сферу употребления, включающую не только личные страдания, но и сострадание к другим, тогда как английский эквивалент **«to feel deep sorrow»** чаще употребляется в личном контексте. Аналогично, таджикское выражение **«бар дил газанд будан»**, обозначающее глубоко укоренённую эмоциональную боль, может быть соотнесено с английским **«to have one's heart wounded»**, однако в английском языке акцент зачастую делается на конкретной причине страданий, связанной с межличностными отношениями.

Анализ фразеологизмов через призму концептов позволяет выявить, как языковые единицы кодируют ментальные структуры, структурируя национальную картину мира и отражая культурные ценности.

Следовательно, при сравнении фразеологизмов «Бустона» с их английскими аналогами необходимо учитывать не только лексико-семантическое наполнение единиц, но и глубинные культурные и когнитивные коды, формирующие их смысловую структуру. В этой связи особенно значимо замечание Дж.Дж. Мурувватиёна о том, что «культурный контекст играет определяющую роль в осмыслении и интерпретации языковых выражений» [8, с. 90], поскольку именно он задаёт координаты восприятия, позволяет раскрыть ментальные и аксиологические пласты, скрытые за вербальной формой.

Этнокультурная специфика, закодированная в языковых формах, становится видимой именно благодаря концептам, которые отражают не только универсальные категории мышления, но и уникальные для каждой культуры смысловые акценты. Исследования А. Вежбицкой обращают внимание на значимость лексических и фразеологических единиц как носителей глубинной культурной информации, позволяющей интерпретировать «иноязычную картину мира не внешне, а изнутри, через призму ментальных ориентиров, присущих тому или иному сообществу» [5, с. 33-47].

Осознание различий в концептуализации мира между языками особенно важно в условиях межкультурного общения. В профессиональной коммуникации даже незначительное смещение смысла может привести к недопониманию, особенно когда речь идёт о терминах, связанных с культурно нагруженными категориями. «Знание когнитивных основ другой языковой системы позволяет точнее выстраивать интерпретационные стратегии и минимизировать риски коммуникативных сбоев» [4, с. 64].

В рамках когнитивной лингвистики и лингвокультурологии концептуальные схемы рассматриваются как базовые ментальные структуры, определяющие способ категоризации опыта и его вербализации. Эти схемы играют фундаментальную роль в формировании как языковой системы, так и культурного кода, поскольку именно через них осуществляется смысловая обработка реальности. На их основе формируются фразеологизмы - устойчивые выражения, которые аккумулируют знания, когнитивные установки, эмоциональные оценки и символические смыслы, свойственные определённой языковой и культурной общности. Концепты, такие как «сердце», «глаза» и другие соматизмы, выступают не только в качестве образных метафор, но и функционируют как когнитивные ядра, организующие восприятие, интерпретацию и описание действительности. Они обеспечивают глубинную связь между телесным опытом, ментальной репрезентацией и языковым выражением, что делает их незаменимыми в структуре фразеологической картины мира.

В таджикском языке концепт ***«чашм»*** (глаза) занимает особое место в системе соматических образов и отражает не только физиологическое восприятие, но и глубинные культурно-философские представления, связанные с судьбой, прозрением, социальной чувствительностью и эмоциональной интуицией. Глаза в таджикской лингвокультуре символизируют не просто орган зрения, но выступают как семиотический код, в котором закодированы понятия удачи, красоты, зла и духовного прозрения. Данный соматизм, как отмечается в исследовательской литературе, «в словарях выступает символом получения информации, истины, правдивости и достоверности сведений, при этом он чаще всего включается в состав семантически близких выражений» [6, с. 76]. Во фразеологических конструкциях типа **«бар чизе чашм доштан»** (возлагать надежду, стремиться к чему-либо), **«чашми бад»** (дурной глаз, завистливый взгляд), **«чашм ба роҳ будан»** (ждать с нетерпением) и других, ***чашм*** реализуется как многоуровневая метафора, репрезентирующая различные пласты человеческого существования - от чувственно-перцептивного до социокультурного и духовно-экзистенциального.

1. ГЛАЗА – СИМВОЛ СУДЬБЫ И ВОСПРИЯТИЯ:

- бар чизе чашм доштан [10, с. 312] (ожидать что-то, надеяться) - **английский аналог**: *to look to something* / *have one's heart set on something.*

Анализируемый фразеологизм в таджикском языке выражает концепт ожидания, акцентируя стремление к желаемому и надежду на его осуществление. Английские соответствия - *to look to something* и *have one's heart set on something* - также передают идею предвкушения, но с разными нюансами. Первый вариант фокусируется на векторе внимания, подразумевая ориентированность на будущее событие, тогда как второй подчеркивает эмоциональную вовлечённость и силу желания. Оба выражения в разных аспектах соотносятся с семантикой таджикского фразеологизма, раскрывая его через призму целеустремлённости и внутренней надежды.

- **чашми давлат ба рӯйи касе боз будан** [10, с. 73] (удача, судьба улыбается кому-то) - английский аналог: *fortune favors someone.*

Фразеологизм «чашми давлат», дословно означающий «глаз государства», воплощает образ внезапной благосклонности судьбы и счастливого стечения обстоятельств. В английском языке ему по смыслу соответствует выражение *fortune favors someone*, передающее идею неожиданного успеха или поддержки со стороны фортуны. В обеих языковых традициях такие конструкции олицетворяют вмешательство удачи, которая словно открывает «взор» в сторону человека, одаривая его благоприятным поворотом событий.

- **чашми бад** [10, с. 73; 130] (злые глаза, сглаз, дурное влияние) - английский аналог: *evil eye / bad luck.*

В таджикской фразеологии выражение «чашми бад» отсылает к представлению о зловещем взгляде, способном причинить вред, что укоренено в народных верованиях о сглазе. Сходное по смыслу английское *evil eye* также обозначает разрушительное воздействие чужого взгляда, наделённого недобрым умыслом. Оба выражения укоренены в суеверных представлениях и отражают универсальный страх перед невидимой, но ощутимой угрозой, исходящей от другого человека.

- **мардумаки чашм** [10, с. 234] (зеница ока) - **английский аналог**: *the apple of one's eye.*

В таджикском фразеологизме *мардумаки чашм* заключена метафора человека, представляющего собой предмет особой душевной значимости - того, кто воспринимается как нечто хранимое и бесценное. В английском языке аналогичную роль играет выражение *the apple of one's eye*, которое традиционно ассоциируется с искренней привязанностью и глубокой симпатией. Оба выражения апеллируют к образу близости и важности, указывая на исключительное место, которое любимый человек занимает в сознании и чувствах.

2. ГЛАЗА – символ смерти и невозможности восприятия:

- чашм бибастан [10, с. 454] (закрыть глаза) – **английский аналог**: *to close one's eyes.*

Фразеологизм *чашм бибастан* в таджикском языке обретает значение не просто физического акта закрытия глаз, но служит поэтическим образом ухода из жизни. В этом выражении заключён символ финальности - момента, когда человек теряет связь с миром, и его взор гаснет навсегда. В литературной традиции такая метафора передаёт не только прекращение зрения, но и наступление предопределённого конца, подчёркивая тему судьбы и необратимости человеческой участи.

3. ГЛАЗА – символ морального и социального стандарта измерения:

- бар чашм ҳаром будан [10, с. 362] (быть запрещённым, табуированным в глазах общества) - английский аналог: *to be forbidden / to be taboo in the eyes of society.*

Фразеологизм *бар чашм ҳаром будан* в таджикской языковой традиции отражает идею общественного запрета - того, что считается постыдным или недопустимым в глазах окружающих. Он передаёт представление о социально маркированных нормах, нарушение которых влечёт осуждение. В английском языке близким по значению выступает выражение *to be forbidden in the eyes of society*, также фиксирующее статус явления как морально неприемлемого. Оба оборота выражают коллективное восприятие запретного, формируя границы дозволенного через призму культурных установок.

4. ГЛАЗА – символ непосредственных потребностей и желаний:

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷонишинҳои саволӣ ва зарфҳои ҷонишинӣ дар алоҳидагӣ низ ҷумлаи саволиро ташкил мекунанд:

Чаро? *– ман тааҷҷубкунон пурсидам (Ёддоштҳо, с. 202).*

Чӣ навъ?.. Чӣ навъ?.. – *Аз ҳар кадоми дар онҷо ҳозирбудагон суол афтодан гирифт (Ёддоштҳо, с. 202).*

‘Why?’ *– ‘Because he is treasurer and manager of the establishment.’ (Jane Eyre, p. 74)*

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ калимаҳои саволӣ заданок буда, маркази маъноии гуфтор ба ҳисоб мераванд:

How *could you be in a town and not know the name? (The Martian Chronicles, p. 106)*

Азбаски калимаҳои саволӣ дар саволҳои махсуси забони тоҷикӣ мақеи гуногунро ишғол намуда, маркази маъноӣ маҳсуб меёбанд, навъҳои оҳанги талаффуз низ аз ҷойи онҳо дар ҷумла вобастагӣ дорад. Вобаста ба ҷойи ҷонишинҳои саволӣ ва зарфҳои ҷонишинӣ се навъи оҳанги саволи махсус дар забони тоҷикӣ мавҷуд аст:

1. Агар калимаи саволӣ дар аввали ҷумла мавқеъ гирифта бошад, пас савол бо оҳанги пастшав талаффуз карда мешавад:

Чаро миёни сафарро буриданист? (Муҳаммадиев, с. 186)

2. Ҳангоми дар мобайни ҷумла ҷой гирифтани ҷонишинҳои саволӣ ва зарфҳои ҷонишинӣ ҷумлаи саволӣ бо оҳанги болорави пастшав талаффуз мешавад:

*Ин мулоқот **дар куҷо** шуда будааст? (Муҳаммадиев, с. 213)*

3. Оҳанги ҷумлаи саволӣ болорав мешавад, агар калимаи саволӣ дар охир омада бошад:

*Ин золима ҳоло дар **куҷост**? – гуён ман боз сухани уро буридам (Ёддоштҳо, с. 331).*

Дар раванди таҳқиқ ҳолатҳое низ мушоҳида гаштанд, ки дар онҳо дар як ҷумлаи саволӣ ду ва ё зиёда калимаҳои саволӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар ин навъи саволҳо низ оҳанги ҷумла аз ҷойи калимаи саволӣ вобаста мебошад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар сурати истифода гардидани ду ва ё зиёда калимаҳои саволӣ дар як ҷумла "дар байни саволҳо муносибати тазодӣ пайдо шавад ҳам, яктои онҳо (саволи дуюм) маркази маъноӣ маҳсуб меёбад" [3, с. 74]:

*Ноказоияш чист, **аз куҷо** то **ба куҷост**? (Муҳаммадиев, с. 311)*

*Аризаро **ба ки** бояд нависонд ва **чӣ** тавр ба ҳоким расонд? (Улуғзода, с. 92).*

Дар забони англисӣ корбасти якчанд ҷонишинҳои саволӣ ва зарфҳои ҷонишинӣ низ ба назар мерасад:

***Who** does **what** for **why** and **where**? (The Martian Chronicles, p. 118)*

***How** and **why** and **what** for? (The Martian Chronicles, p. 130)*

Инчунин, дар ҷараёни таҳлилҳо мавридҳое мушоҳида гаридиданд, ки дар ҷумлаҳои саволӣ на калимаҳои саволӣ, балки дигар аъзои ҷумла зада қабул кардааст ва калимаи саволӣ ба мисли унсурҳои дигари ҷумла тобеи хатти умумии ҳаракати оҳанг гаштааст:

*Чаро **худат** бардошта овардӣ, отаи Ҳасан? (Улуғзода, с. 13)*

Дар саволҳои хусусии забони тоҷикӣ ба мисли саволҳои умумӣ низ тартиби ғайримуқаррарии калимаҳо ба назар мерасад, ки бо оҳанги пастшав талаффуз карда мешаванд:

Чӣ кор мекунад раис дар тӯйхона? (Муҳаммадиев, с. 27)

Тавре ки дида мешавад, дар ин мисол ҷонишини саволии заданок дар аввали ҷумлаи саволӣ воқеъ гирифтааст, аз ин рӯ, ҷумла бо оҳанги баланд сар шуда, тадриҷан паст мешавад.

Дар забони тоҷикӣ навъи хоси савол, саволи муқоисавӣ муайян шудааст, ки дар забони англисӣ он дида намешавад. Саволи муқоисавӣ дар муқоиса намудани ду ашё, аломату аломат, аломату ҳолат ва амсоли инҳо ба вуҷуд омада, ҷумлаи қаблие, ки бо ҷумлаи саволӣ муқобил гузошта мешавад, бо оҳанги пасташаванда ва худи ҷумлаи саволӣ бо оҳанги болорав талаффуз мешавад.

"Хусусияти хоси ин хел саволҳо ҳамин аст, ки бе матни муайян, бе ҷумлаи пешина ба вуҷуд намеоянд. Ҷумлаи саволӣ давоми мантиқии ҷумлаи гузашта мебошад ва як навъи ҷумлаи нотамомро ба хотир меорад, ки ба ҷумлаи пешина муқобил меистад" [3, с. 74].

Дар грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик чунин мисолҳо барои нишон додани саволи муқоисавӣ пешниҳод шудааст:

Ту шеър-ку менависӣ. Мусиқӣ ҳам менавозӣ?

Ту ба театр-ку рафтан намехоҳӣ. Ба кино равем-чӣ? [3, с. 74].

Бояд тазаккур дод, ки саволҳои муқоисавӣ дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб низ мушоҳида мешаванд:

*Гарм шуда, арақ карда омадӣ, оби сард мабодо зарар накунад, чой хӯрӣ **-чӣ?** – гуфт Шоҳмирзо (Одина, с. 120).*

Дар таркиби чунин саволҳо маъмулан ҳиссачаи ***"-чӣ"*** ба хабари ҷумла пайваст карда мешавад. Дар ин навъи ҷумла оҳанги талаффуз бо хабари ҷумла алоқаманд аст, зеро маркази маъноӣ дар таркиби ҷумла хабари он маҳсуб меёбад.

Саволи хилофӣ ё тазод дар забони англисӣ ҳамчун саволҳои интихобӣ (alternative questions) маъмул мебошад.

Дар забони тоҷикӣ саволи хилофӣ (тазод) ба воситаи муқобилгузории ду ё зиёда ашё, амал, ҳолат ва аломати номаълуми бо ҳам зид сохта мешавад. Ин навъи савол аз муҳосиб талаб менамояд, ки аз ду ашё ё падидаи дар изҳорот пешниҳодшуда якеро интихоб намояд. Ҷавоби муҳосиб дар шакли пурра ва ё кӯтоҳ, бо баёни аёш ё падидаи интихобшуда, ифода меёбад.:

Ба худат кадомаш нағз менамояд-гулобиаш ё сафедаш?(Ёдоштҳо, с. 84)

Дар забони англисӣ саволи интихобӣ низ бо пешниҳоди ду ашё ва падида ба шунаванда барои интихоби яке ташкил мешавад. Ба мисли забони тоҷикӣ саволи интихобии англисӣ аз ду қисм иборат мебошад. Қисми якум ба мисли саволи умумӣ буда, қимси дуюм тавассути

пайвандаки ***“or” (ё)*** ба қисми якум пайваст карда мешавад:

*Did he run into debt, **or** gable, **or** swear; was he violent; were his friends reckety; did he stay out at night? (The man of property, p. 93)*

Қайд кардан ба маврид аст, ки сарфи назар аз мавҷудияти ду қисм дар саволҳои хилофӣ ва интихобии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар сохтори онҳо фарқият ба назар мерасад. Дар забони англисӣ агар қисми якуми ҷумла дар шакли саволӣ ояд, пас дар забони тоҷикӣ он ҳамчун ҷумлаи ҳикоягӣ мебошад:

*Як лӯнда ҳалворо ман мехӯрам **ё** акаам?(Ёдоштҳо, с. 24)*

*‘**Will** she be buried tomorrow, **or** next day, **or** tonight? (Саргузашти Оливер Твист, p. 70)*

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ин навъи савол дар аввал бо оҳанги болорав талаффуз шуда, оҳанги нутқ пас аз пайвандаки ***“or” – ё*** паст мешавад:

‘What the deuce is it to me whether Miss Eyre be there or not? (Jane Eyre, p. 183)

*Ба ҷоҳои мо аз ин пеш ҳам омада будед, **ё** ин сафари аввалинатон? (Муҳаммадиев, с. 66)*

Бояд тазаккур дод, ки дар забони англисӣ муқобилгузории ду ҷумла дар саволҳои интихобӣ низ ба назар мерасад:

Can you really remember that or did I just tell it to you?(The old Man and the Sea, 10)

Тавре ки дар ҷумлаи мазкур дида мешавад, дар саволи интихобӣ ду ҷумлаи мустақил муқобил гузошта шуда, барои интихоби яке ба шунаванда пешниҳод гардидаанд.\ Пурсиш дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ натанҳо тавассути ҷумлаҳои сода, балки ҷумлаҳои мураккаб низ ифода меёбад. Дар забони англисӣ ҷумлаҳои мураккаби саволӣ асосан дар муошират расмӣ истифода мешаванд [2, с. 148]. Одатан, онҳо бо ибораҳои маъмулӣ ба монанди: 1) Can I ask you? – Аз шумо пурсида метавонам? 2) I wonder? – Аҷиб? 3) Would you mind telling me? - Метавонед ба ман бигӯед? 4) Do you know? – Оё шумо медонед? Бояд гуфт, ки сохти чунин навъи саволҳо ба меъёрҳои нутқи мазмунан нақлшуда мувофиқ буда, дар он тартиби муқаррарии калимаҳо истифода мешавад.

Дар ифодаи саволҳои таркиби ҷумлаҳои мураккаб феълҳои ёридиҳанда истифода намешаванд, яъне ҷумлаи “What has she gone through?” саволи махсусест, ки бо ҷумлаи сода ифода ёфтааст. Ҳангоми ифодаи пурсиш дар таркиби ҷумлаи мураккаб тартиби муқаррарии калима корбаст мешавад: *I wonder what she has gone through?’*

Ҳангоми дарҷ гардидани саволи умумӣ дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб маъмулан ҳиссачаи if ё ин ки whether барои пайваст намудани ду ҷумлаи сода истифода мешавад ва, ҳамзамон, тартиби калимаи ҷумлаи саволӣ ба мисли ҷумлаҳои хабарӣ меояд:

I wonder if she remembers them?’ Yes; I wish to know whether you have heard of any service I can offer myself to undertake?’

Дар забони тоҷикӣ бошад, новобаста аз навъи савол пайвандаки тобеъкунандаи “ки” корбурд мешавад. Азбаски тартиби калима дар ҷумлаҳои саволии забони тоҷикӣ иваз намешавад, дар таркиби ҷумлаи мураккаб низ он ба ягон тағйирот дучор намешавад:

Ман ҳам наздик шуда аз яке пурсидам, ки оё ҳар рӯз ҳамин тавр дар кӯча шир мефурӯшанд? (Муҳаммадиев, с. 38)

Ман дар бозгашт аз Холзода пурсидам, ки мошинаш чӣ қадар бензин мехӯрад? (Муҳаммадиев, с. 65).

Ҳамин тавр, воситаи наҳвии ифодаи савол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ оҳанги талаффуз маҳсуб меёбад. Дар ҷумлаҳои забони тоҷикӣ оҳанги талаффузи ҷумлаҳои саволӣ гуногун мебошад. Дар забони англисӣ бошад, оҳанги талаффуз ба навъи савол алоқаманд мебошад.

Адабиёт

1. *Айнӣ, С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб / С. Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии ЭМТ, 2009. – 680 с.*
2. *Айнӣ, С. Одина / С. Айнӣ. – Душанбе, 2014. – 192 с.*
3. *Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди I. Фонетика ва морфология. - Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.*
4. *Гузева, К.А. Английский язык / К.А. Гузева, Т.Г. Трошко. – М., 1992. – 288 с.*
5. *Иванова, И.П. Теоретическая грамматика современного английского языка: Учебник. / И.П. Иванова, В.В. Бурлакова, Г.Г. Почепцов. – М.: Высш. школа, 1981.–285 с.*
6. *Каушанская, В.Л. Грамматика английского языка. Пос. для студентов педагогических институтов и университетов, 5-е изд. / В.Л. Каушанская, Р.Л. Ковнер. – М.: Высшая школа, 2008. – 384 с.*

7. *Маҳмадраҳими, К. Ширин Қисса / К. Маҳмадраҳими, Ҷ. Қуддус. – Душанбе: Адиб, 2006.*
8. *Муҳаммадиев, Ф. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди якум / Ф. Муҳаммадиев. - Душанбе: Ирфон, 1978. - 588 с.*
9. *Ниёзмуҳаммедов, Б. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис қисми 2. Китоби дарсї барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ / Б. Ниёзмуҳаммедов, Ш. Рустамов. - Душанбе: Маориф, 1984. - 300 с.*
10. *Основы русской грамматики: Морфология и синтаксис: учеб. пособие для филол. спец. ун-тов / И.П. Распопов, А.М. Ломов. – Воронеж: Изд-во Воронеж. ун-та, 1984. – 351 с.*
11. *Сотим, У. Восеъ: Роман / У. Сотим. - Душанбе: Ирфон, 1979. - 368 с.*
12. *Усмонов, К. Морфологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / К. Усмонов. – Худжанд: Нури маърифат, 2017. – 373 с.*
13. *Ҳемингвей, Э. Пирамард ва баҳр (бо заб. англ. ва тоҷ.) / Э. Ҳемингвей. – Душанбе, 2014. – 167 с.*
14. *Bronte, Ch. Jane Eyre / Ch. Bronte [Манбаи электронӣ]. - Реҷаи дастрасӣ: https://www.planetebook.com/jane-eyre*
15. *EH definition and meaning | Collins English Dictionary [Манбаи электронӣ]. - Реҷаи дастрасӣ: https://www.collinsdictionary.com/dictionary/english/eh*
16. *Randolph, Quirk. A Comprehensive Grammar of the English language / Randolph, Quirk . – London, 1985. – 1780 p.*

ВОСИТАҲОИ НАҲВИИ ИФОДАИ САВОЛ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақола воситаҳои наҳвии ифодаи савол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд. Муаллиф дар он оид ба вазифа ва ҳадафҳои корбурди ҷумлаҳои саволӣ ибрози ақида намуда, аҳамияти онҳоро дар талаб кардани маълумот, тасдиқ ва ё инкор кардани изҳорот ва равшанӣ андохтан ба ягон рукни гуфтор, аз ҷумла водор сохтани шунаванда ба интихоб намудани яке аз ду мафҳум таъкид менамояд. Дар мақола ҳамчунин қолабҳои махсуси ҷумлаҳои саволӣ, оҳанги саволӣ дар ду забон, умумият ва тафовути онҳо нишон дода шудаанд. Барои ин мақсадҳо муаллифи мақола ба ақидаҳои олимони забоншиноси тоҷик ва хориҷӣ такя менамояд. Ақидаҳо муҳаққиқони ҷудогона роҷеъ ба таснифоти ҷумлаҳои саволӣ дар забонҳои мавриди таҳлил низ ба асос гирифта шудаанд. Вижагиҳои ҷумлаҳои саволӣ дар ду забон бо мисолҳои мушаххас аз адабиёти бадеӣ асоснок карда шудаанд. Вижагиҳои маъноии ҷумлаҳои саволӣ аз қабили ифодаи тааҷҷубу ҳайрат ва ғайра аз масъалаҳои дигари мавриди таҳлили мақолаи мазкур мебошанд. Дар мақола ба роҳҳои ифодаи ҷумлаҳои саволӣ аҳамияти ҷудогона зоҳир карда шудааст. Дар забони англисӣ ифодаи ёфтани саволҳои махсус ба воситаи ёридиҳандаҳи дастурӣ, саволҳои иттилоотӣ дар мақола хуб ба назар мерасад. Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар ифодаи саволҳои махсус нақши ҷонишинҳои саволӣ ва зарфҳои ҷонишинӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Дар интиҳо зикр гардидааст, ки яке аз воситаҳои наҳвии ифодаи савол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ оҳанги талаффуз маҳсуб меёбад.

Калидвожаҳо: наҳв, ҷумлаҳои саволӣ, оҳанги гуфтор, ҷумлаи саволӣ-инкорӣ, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, муқоиса, феълҳои ёрирасон, феълҳои модалӣ, саволи махсус.

СИНТАКСИЧЕСКИЕ СРЕДСТВА ВЫРАЖЕНИЯ ВОПРОСА В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье анализируются и обсуждаются синтаксические средства выражения вопросов в таджикском и английском языках. Автор высказывает свое мнение о функции и целях использования вопросительных предложений, подчеркивая их значение в запросе информации, подтверждении или отрицании утверждений, а также в прояснении любого аспекта речи, в том числе заставляя слушателя выбирать одно из двух понятий. В статье также показаны особые модели вопросительных предложений, вопросительная интонация в двух языках, их сходства и различия. Для этих целей автор статьи опирается на мнения таджикских и зарубежных лингвистов. Учитываются также мнения отдельных исследователей относительно классификации вопросительных предложений в анализируемых языках. Особенности вопросительных предложений в обоих языках обосновываются на конкретных примерах из художественной литературы. Семантические особенности вопросительных предложений, такие как удивлеине и т.д. составляют другие вопросы, проанализированные в данной статье. Особое внимание в статье уделяется способам выражения вопросительных предложений. В статье хорошо наблюдается выражение специального вопроса при помощи грамматических средств, информационных вопросов в английском языке. В таджикском и английском языках роль вопросительных местоимений и наречий считается важной при выражении специальных вопросов. В заключении отмечается, что одним из грамматических средств выражения вопросов в таджикском и английском языках является интонация.

Ключевые слова: синтаксис, вопросительное предложение, интонациявопросительно-отрицательное предложение, таджикский язык, английский язык, вспомогательные голаголы, сравнение, модальные глаголы, специальный вопрос.

SYNACTIC MEANS OF EXPRESSING QUESTIONS IN THE TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article analyzes and discusses the syntactic means of expressing questions in the Tajik and English languages. The author expresses his opinion on the function and purposes of using interrogative sentences, emphasizing their importance in requesting information, confirming or denying statements, as well as in clarifying any aspect of speech, including forcing the listener to choose one of two concepts. The article also shows special models of interrogative sentences, interrogative intonation in two languages, their similarities and differences. For these purposes, the author of the article relies on the opinions of Tajik and foreign linguists. The opinions of individual researchers regarding the classification of interrogative sentences in the analyzed languages are also taken into account. The features of interrogative sentences in both languages are substantiated using specific examples from fiction. Semantic features of interrogative sentences such as surprise etc. constitute other questions analyzed in this article. The article pays special attention to the methods of expressing interrogative sentences. The article clearly shows the expression of special questions using grammatical means, information questions in English. In Tajik and English, the role of interrogative pronouns and adverbs is considered important in expressing special questions. In conclusion, it is noted that one of the grammatical means of expressing questions in the Tajik and English languages is intonation.

Keywords: syntax, interrogative sentence, intonation, interrogative-negative sentence, Tajiki language, English language, auxiliary verbs, comparison, modal verbs, special question.

Дар бораи муаллиф
Ҳакимова Зарина Абдуалимовна
Ассистенти кафедраи забонҳои хориҷӣ
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16

Об авторе
Хакимова Зарина Абдуалимовна
Ассистент кафедры иностранных языков
Кулябский государственный университет имени Абуабдуллох Рудаки
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, ул. С. Сафарова, 16

About the author
Khakimova Zarina Abdualimovna
Assistant of the Department of Foreign Languages
Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki
735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, st. S. Safarov, 16

ТДУ 821.222.1-94.09

САФАРНОМАИ МАНСУР ВА ХУСУСИЯТИ МУНДАРИҶАВИЮ ЖАНРИИ ОН

Боқиев Ҳ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Сафарномаи мансур яке аз анвои муҳимми насри форсии тоҷикӣ буда, аз асри XI ба баъд дар таърихи адабиёти мо ривоҷ доштааст. Сафарномаҳои мансур аз ҷиҳати фарогирии мавзую масъалаҳо ва коркарди иттилоотии онҳо аз сафарномаҳои манзум тафовут дошта, дар ин гуна осор ҳадаф шарҳи вақоеву ҳаводис ва мушоҳида буда, ағлаб дар тайи мусофират ва ба таъҷил сабт шудааст. Растагор Фасоӣ дар сафарнома маҷоли иборатпардозӣ надоштани нависандаро таъкид карда, афзудааст, ки "ба ин сабаб аксари сафарномаҳо бо услуб ва иншое содаву равон навишта шуда ва ҷуз маворидеи маъдуд аз такаллуфоти муншиёна орӣ будааст. Албатта чун ин сафарномаҳо ҷолиб буда ва умуми мардум онҳоро мехонда ва аз онҳо лаззат мебурдаанд, ҳамеша баъд аз китобҳои таъриху тазкира ва оломи шахсӣ, аз ҷолибтарин мавзуоти насри форсӣ дар заминаи маълумоти таърихӣ ба шумор меомадаанд" [16, с. 414]. Маврид ба зикр аст, ки "сафарнома аз жанрҳои роиҷу шуҳратёфтаи адабиёти ҷаҳон, минҷумла адабиёти форсии тоҷикӣ буда, дар қолаби он саргузаштҳои сафарӣ, воқеаву ҳодисаҳое, ки ҳангоми сайри шаҳрҳои кишвари худ ва ё сарзамину мамолики хориҷа дида ва мушоҳида намудаи нависанда баён карда мешавад. Сафарнома аз ҷиҳати шакл ва банду басти хеш жанри нисбатан озод буда, ба нависанда имкон медиҳад, ки мувофиқи ҷаҳонбинию диди эстетикӣ ва матлаби эҷодии худ хонандаро ба таърих, тамаддун, одобу русум, дину мазҳаб, касбу кор, тарзи зист, иқлиму мавқеи ҷуғрофӣ, шароити иқтисодӣ, вазъи иҷтимоиву сиёсии мамлакату кишварҳои мухталифе, ки ба он ҷо сафар кардааст, ошно созад" [5, с. 158].

Чунин сафарномаҳои насрие, ки дар тули асрҳо таълиф шудаанд ва баъзеи онҳо номи расмии сафарномаро надоранд, дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ зиёд буда, намунаи он "Сафарнома"-и Носири Хусрав, аз осори мансури Ҳаким Носири Хусрави Қубодиёнӣ шоир ва нависандаи асри XI, ки зоҳиран нахустин асари мансури нависанда аст ва шомили шарҳи ҳаводиси ҳафтсолаи сафари ӯ ба Осиёи Сағир, Шом, Ҳиҷоз ва Миср то бозгашт ба Балх мебошад. Сафарномаи баъдӣ "Нафсат-ал-масдур"-и Муҳаммад Муншии Насавӣ аст, ки дар миёни солҳои 632 то 637 ҳиҷрӣ эҷод шудааст. Ин китоб мавзуву масъалаҳоеро инъикос кардааст, ки нависанда дар дарбори султон Ҷалолуддин ва ҳамлаи муғул дида ва таҳаммул намудааст. Ҳамчунин дар ин асар аҳволи нависанда ва муосиронаш дар гирудори фоҷиаи тотор баён гардида, бо он ки тасаннуъи насри фаннӣ то ҷое фаҳмиши онро душвор сохтааст, бо вуҷуди ин, барои он кас, ки китобро дарк ва фаҳм мекунад, лаззат ва ҷозибаи фаровон дорад; "Тоҷ-ул-муосир" намунаи сафарномаи мансурест, ки аҳволи муаллиф ва муосирони ӯро дар тайи сафарҳои дуру дароз дар соли 602 ҳиҷрӣ баён медорад. Муаллиф бо санъатгариҳо ва такаллуфоти лафзӣ, ки хоси насри ин давра аст, китобро то ҷое хушку душворфаҳм сохтааст; "Тазкираи Ҳазин" аз шайх Муҳаммад Ҳазини Лоҳайҷӣ низ хусусияти сафарномаро дошта, ин китоб ба ном тазкира унвон шуда бошад ҳам, муаллиф дар он тасаввури самимона ва бепироя аз даврони хеш ироа додааст ва ҳаводиси замони худ, инқилоботи Исфаҳон ва фоҷиаҳои ин даврароро бозгӯ намудааст, ки ба тарзи сафаргуфта дарҷ ва маънидод шудааст. "Рӯзнома"-и Мирзо Муҳаммад Калонтари Форсӣ вақоеи замони зиндагӣ ва дидаву мушоҳидаҳои муаллифро, ки омехта бо рӯзномаи зиндагии ӯст, махсусан ҳаводиси солҳои 1142 то 1200 ҳиҷриро бо забоне сода вуқуънигорона бозгӯ менамояд. "Рустам-ут-таворих" сафаргуфтае аст аз фоҷиаҳои давраи сафавӣ, ки муаллиф дидаву мушоҳида карда ва ба тасвир овардааст.

Ду боби "Наводир-ул-вақоеъ"-и Аҳмади Дониш ва "Савонеҳ-ул-масолик ва фаросих-ул-мамолик"-и Возеҳ, "Мунтахаб-ут-таворих"-и Ҳоҷӣ Ҳакимхон зинаи нави ташаккули сафарномаи мансур буда, дар онҳо тафсилоти сафари муаллифон ба минтақаҳои гуногуни ҷаҳон баён шудаааст. "Рӯзномаи сафари Искандаркӯл" ба қалами Абдураҳмони Мустаҷир

тааллуқ дошта, сафаргуфтаест, ки соли 1870 таълиф шуда, роҷеъ ба вазъи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, сатҳи зиндагӣ ва дараҷаи фарҳанги Кӯҳистон, яъне болооби водии Зарфшон, ки миригариҳои Фалғар, Масчоҳ, Фон, Киштут ва Моғиёнро фаро мегирифт, маълумоти муҳимми иҷтимоӣ, таърихӣ ва ҷуғрофиёӣ медиҳад. “Рӯзнома”-и А. П. Федченко, ки намунаи дигари сафарномаи мансурест, ки ба забони русӣ таълиф шуда, ҷараёни сафари ӯ ва ҳамроҳонашро ба болооби водии Зарфшон, водии Фарғона ва кишвари Олой дар соли 1871 инъикос намудааст. Ин асар намунаи тозаи сафаргуфтае мебошад, ки на фақат қайдҳои мухтасари сафар ё саёҳати илмии ҷуғрофишиноси русро дар бар мегирад, балки доир ба вазъи иҷтимоиву таърихӣ ва ҷуғрофиёии минтақа низ маълумоти муҳим медиҳад. “Баёноти сайёҳи ҳиндӣ”-и Абдуррауфи Фитрати Бухороӣ аз намунаи охирини ин гуна сафарномаҳост, ки муаллиф онро дар арафаи пошхӯрии аморати Бухоро навишта, дар он авзои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии аморати Бухорои ибтидои асри бистро аз номи сайёҳи ҳиндӣ воқеъбинона ва бо дақиқкорӣ ба риштаи тасвир кашидааст.

Сафарномаҳои мансуре, ки зикр намудем, ҳар кадоме хусусиятҳои хоси мундариҷавӣ ва жанрии худро дошта, дар ин мақола мо маҷоли дар бораи ҳамаи онҳо сухан кардан надорем. Ба ин далел, баҳсро дар атрофи сафарномаҳои зикршуда ба вақти дигар во гузошта, дар ин мақола фақат хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ ва жанрии “Сафарнома”-и Носири Хусравро, ки аз аввалин сафаргуфтаи мансур дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ аст, ба тариқи фушурда барррасӣ ва арзёбӣ менамоем.

“Сафарнома”-и Носири Хусрав аввалин намунаи сафаргуфтаи мансур дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ буда, ин ҳакими хирадгарои садаи ёздаҳум шарҳи сафари ҳафтсолаи худро дар сафарномаи худ овардааст [7, с. 16]. Ин асар “ҳовии иттилооти дақиқи ҷуғрофиёиву таърихӣ ва баёни одоту одоби мардуме аст, ки Носири Хусрав дар сафарҳои тулонӣ ва мамолики мухталиф” [17, с. 121] дидаву мушоҳида карда ва ба шакли сафарномаи мансур даровардааст, ки намунае аз насри адабии содаву равони он аҳд низ мебошад.

Мутаассифона, дар шинохти жанри ин асар муҳаққиқон назари ягона надошта, ҳар кадоме мувофиқи фаҳму дарки худ жанри онро номгузорӣ кардааст. Масалан, А. Эделман жанри ин асарро “хотираи адабӣ” [19, с. 32] унвон карда, муҳаққиқони дигар, аз ҷумла И. Қосимов [8], А. Абдуллоев [1] ва Х. Мирзозода [10, с. 140] онро асари ёддоштӣ ва тарҷумаҳолӣ шинохтаанд. А. Нуралиев, А. Саъдулоев, И. Усмонов ва У. Гулмуродов ин асарро “очерки сафарӣ” [14, с. 45-46] унвон кардаанд. Н. Бозорзода “ба очерк марбут сохтани” асари Носири Хусравро рад карда, онро сафарнома унвон мекунад [4, с. 27]. Дар “Энсиклопедияи советии тоҷик” низ ин асар сафарнома номгузорӣ шудааст [20, с. 619].

Чунон ки ба мушоҳида расид, муҳаққиқон доир ба жанри “Сафарнома”-и Носири Хусрав назари ягона ва бодалел надоранд. Ба ифодаи дигар, дар шинохт ва мушаххас намудани жанри ин асар аксари онҳо зери таъсири дастурҳои назарии адабиётшиносӣ ва рӯзноманигории замони шуравӣ қарор гирифта, аз унсурҳои мундариҷавӣ ва шаклии шинохти асар сарфи назар намудаанд, ки фосилагирӣ аз ҳақиқати ҳунарӣ мебошад.

Дар асл ҳадафи муайяни иҷтимоӣ ва ҳунарӣ омили аслии шаклгирии сохтори мундариҷавӣ ва жанрии “Сафарнома”-и Носири Хусрав буда, ҳамсозии мазмуну мундариҷа ва шакли асар василаи дигаре дар такмили ҷанбаи ҳунарии он мебошад [12, с. 133]. Ба ифодаи дигар, ин асар тасвири айнӣ аст аз чашмандоз ва бардошти Носири Хусрав аз сафари ҳафтсола, ки аз 16-уми октябри соли 1045 то 23-уми октябри соли 1052 дар ақсои олам тул кашидааст. Носири Хусрав дар эҷоди чунин асаре мушоҳида, фикр ва андешаи муайяни худро дар бораи омили аслии сафар ва наҳваи бархурдаш бо воқеиятҳои роҳи тайнамудааш доштааст, ки даставвал диди воқеашиносӣ, ҷомеашиносӣ ва фалсафии ӯро муҷассам месозад. Дар зимн Носири Хусрав низ мисли ҳар нависандаи дигаре эҳсоси хосе аз воқеиятҳои зиндагӣ дошта ва ин эҳсоси воқеӣ ва самимона, ки бо фикр ва андешаи ӯ иртиботи ногусастанӣ доштааст, ӯро ба эҷоди чунин асаре савқ додааст.

Вақте мазмуну муҳтавои “Сафарнома”-и Носири Хусравро пеши назар меоварем, яқин хоҳем кард, ки мушоҳидаҳо, натиҷагириҳо ва афкору андешаи ӯ ҳангоми таълифи ин асар бо эҳсосот ва авотифаш иртиботи қавӣ дошта, ҳамзамон дар шаклгирии сохтори мундариҷавию жанрии он таъсиргузор будаанд. Аз матни сафарнома бармеояд, ки ин афкору эҳсосот гоҳе ба ҳам омехтаву пайвастаанд, гоҳе дар баробари ҳам қарор мегиранд. Вале дар чӣ вазъе набошад, Носири Хусрав тавонистааст, ки эҳсосоти худро бо афкоре, ки барояш муҳим аст, пайванд диҳад. Аммо дар баъзе мавридҳо тавонистааст, ки ин эҳсосотро дар тахайюли шахсиятҳои асар ва амали онҳо ташреҳ ва таҷриба кунад, ки дар ниҳояти кор яке аз василаҳои бавуҷудоӣ ва ташаккули жанри сафарномаи ӯ гардидааст. Ба ин тартиб, дар

заминаи таҷрибаи Носири Хусрав метавон хулоса кард, ки ин сафарномаи мансур намоиши кӯшише аст, ки муҷиби созгории афкор ва авотифи нависанда шуда [11,с. 17], ин жанрро эҳё кардааст.

Барои шинохт ва арзёбии хусусиятҳои хоси мундариҷавӣ ва жанрии “Сафарнома”-и Носири Хусрав, ошкор намудани ҳадафи ғоявии он, мавзуву масъалаҳои мавриди назари нависанда, усули нигориш ва мавқеияти муаллиф дар асар, нахуст бояд унсурҳои мундариҷавӣ ва шаклии онро аз назар гузаронд. Чунки воқеияти ба ҳам таъсиргузории мундариҷа ва шакл, пеш аз ҳама, аз тарзҳои гуногуни сатҳи корбурди унсурҳои мундариҷа берун меояд, ки ба ифодаи донишманди рус В. М. Грохов “якеи он моҳияти ҳодисаро баён мекунад (санади назарӣ, ғоя, консепсия), дигаре тарзи зуҳури мушаххаси онро (санади таҷридӣ, андеша, вазъият) амалан собит месозад. Унсурҳои асосии мундариҷа-санадҳо, мавзуоти масъалагузор ва ғояи бунёдӣ дар шаклгирии асар таъсири гуногун доранд” [6, с. 147].

Дар жанри сафарнома ҳамсозии ин унсурҳо дар ниҳояти кор ба “азнавсозии тасаввуроти таърихию воқеӣ, руҳияи иҷтимоиву равонӣ, арзишҳои низоми таблиғотӣ ва боварҳо мунҷар мешаванд” [6, с. 147]. Агар аз ҳамин мавқеъ мо ягонагии мундариҷа ва шакли “Сафарнома”-и Носири Хусравро баррасӣ намоем, хусусияти сохтории асар ва маҳорати нависанда дар эҷоди чунин навъи адабӣ ба сароҳат ошкор мешавад.

Мундариҷаи ин сафарномаро воқеияти иҷтимоии гуногунпаҳлу ва ҷузъиёти он, ки нависанда дар роҳи сафари ҳафтсолаи худ дидаву мушоҳида карда, фаҳмидаву баҳогузорӣ намудааст, созмон додааст. Аз ин ҷиҳат, мундариҷаи сафарномаро аз бисёр ҷиҳат тарзи бархурди интихобии муаллиф ба ҳодисаҳову дидаҳову шунидаҳову мушоҳида кардаҳояш муайян менамояд.

Аз мазмуну мундариҷаи “Сафарнома” бар меояд, ки тасаввуроти эҷодии нависандаро дар роҳи гашту гузори тулонӣ “доираи мавзуот”-и [9, с. 79] муайян шакл додааст. Нависанда ба унсурҳои ҷудогонаи воқеият назар дӯхта, қабл аз ҳама, ҳамонҳоеро интихоб ва тасвир кардааст, ки ба диди ӯ ва бунмояи ғоявии асар мувофиқ буда, дар таҳуввули сохтори мундариҷавию шаклии он таъсиргузор будаанд. Ин таҷриба аз он ҷиҳат низ муҳим аст, ки аввалан мундариҷаи иҷтимоии асар, сониян вазифаи иҷтимоиву тарбиявӣ ва иҷтимоиву маърифатии онро мушаххас месозад, ки аз бисёр ҷиҳат ба шаклгирии сохтори мундариҷавию жанрии сафарнома мусоидати комил намудааст.

Ба ин далел, таҳлили мундариҷаи “Сафарнома”-и Носири Хусрав нишон медиҳад, ки вазъи иҷтимоиву таърихӣ, сиёсӣ, этнографӣ, иқтисодӣ ва ахлоқии мамлакатҳои сафаркардаи вай бунмояи асосии сохтори мундариҷавии асарро ба ҳам оварда, баъдан шарҳи санадҳои интихобшуда, инъикоси воқеаву ҳодисаҳо ва сабаби рух додани онҳо моҳияти иҷтимоиву таърихӣ ва иҷтимоиву иқтисодӣ ва ахлоқии андешаву орои Носири Хусравро ба сароҳат ошкор намудаанд.

Ҳамсозӣ ва тартиби пайгирии ин унсурҳо ба андешаву орои нависанда тобеъ буда, пеш аз ҳама, муносибати ӯро ба мавзуву масъалаҳои мавриди тасвир мушаххас месозад. Ба ифодаи дақиқтар, ин сафарнома ҳам бозтоби вазъи ҷомеаи он замон, ҳам буҳрони иҷтимоиву ахлоқӣ ва ҳам равшангари моҳияти он буда, сирфан фароянди сабти воқеиятҳоест, ки Носири Хусрав ба таври воқеӣ ва ҳадафмандона инъикос намудааст.

Аз ин ҷиҳат, паҳлуи муҳимми мундариҷаи ин сафарномаро андешаву оро, эҳсосот ва руҳияи нависанда, ки бевосита бо воқеиятҳои мавриди тасвир алоқаманд ҳастанд, ташкил медиҳад. Қисмати асосии асар аз ин ҷиҳат “ҳамакора” буда, дар он диққати муаллиф, пеш аз ҳама, ба инъикоси масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ равона карда шудааст. “Ҳамакора” будан ҳамчунин дар тасвир ва тавсифи ягонагии ҳадафҳои милливу мазҳабӣ ва ҳиссию тасвирӣ низ зоҳир мешавад. Дар ин замина зайли мисол баъзе лаҳзаҳои инъикоскардаи нависандаро аз назар мегузаронем, ки дар онҳо дар ҷараёни сафар тасаввуроти умумиятёфта дар бораи ҳаводиси марбут ба ин ё он мамлакат, муносибатҳои иҷтимоӣ ва монанди инҳо ифода ёфтааст. Дар натиҷаи муқоисаи онҳо дар фикри нависанда андешаву оро, эҳсос ва руҳияи муайяни дарки ҳиссии воқеиятҳои зиндагӣ ба вуҷуд меояд, ки фардияти дид ва дарки ӯро дар шинохт ва арзёбии дидаву шанидаҳо ва мушоҳидаҳои роҳи сафар нишон медиҳад. Чунонки донишманди рус Г. Н. Поспелов низ таъкид намудааст, “таассуроти ғоявии нависанда чун дар одамони дигар ҳамеша зери таъсири зуҳури дарки инфиродии махсусияти ҳаёти иҷтимоӣ шакл гиррифта, дар ниҳояти кор ин воситаи инфиродӣ заминаи воқеии тасвирро ба вуҷуд меоварад” [15, с. 96].

Носири Хусрав зери таъсири бардошти фардӣ ва ҳиссии воқеияти зиндагӣ на фақат ба сафари тулонӣ иқдом кард, балки “дар асоси мушоҳидаҳои шахсӣ” [3, с. 213] ба навиштан ва тасвири диду водидҳояш пардохт, ки “аз ҷиҳати тасвири сафар хеле пурқимат мебошад” [3, с. 213]. Ба ифодаи Н. М. Маслова “Истифодаи васеи воситаҳои ҳиссии образнок, оҳанги хоси таҳкиявӣ, сабки баён, ки аз таассуроти хоси муаллиф берун омадаанд, ба сафарнома имкон фароҳам овардааст, ки ҳадафи таблиғотӣ, таълимӣ ва маърифатиро, ки ба талаботи мушаххаси жанр ҷавобгӯ буда, дар ин самт ба эҳтиёҷи хоси аудитория низ алоқаманд мебошад, ба иҷро расонад” [9, с. 80].

Пойбандӣ ба усули зикршудаи сафарноманависӣ ба Носири Хусрав имкон фароҳам овардааст, ки аз нахустин сатрҳои “Сафарнома” унсурҳои возеҳи воқеӣ ва ҳиссиро ба кор гирифта, ба ин васила таваҷҷуҳи мухотабонро ба моҳияти хостаҳои маънавиаш ҷалб намояд. Дар оғози “Сафарнома” омадааст: “Шабе дар хоб дидам, ки яке маро гуфтӣ: “Чанд хоҳӣ хӯрдан шароб, ки хирад аз мардум зоил кунад, агар ба ҳуш бошӣ беҳтар”. Ман ҷавоб гуфтам, ки: “Ҳукамо ҷуз ин чизе натавонистанд сохт, ки андӯҳи дунё кам кунад”. Ҷавоб додӣ: “Дар бехудиву беҳушӣ роҳате набошад. Ҳаким натвон гуфт касеро, ки мардумро ба беҳушӣ раҳнамун бошад, балки чизе бояд талабид, ки хирад ва ҳушро биафзояд”: Гуфтам, ки “Ман ин аз куҷо орам?” Гуфт: “Ҷӯянда ёбанда бошад” ва пас сӯи қибла ишорат кард ва дигар сухан нагуфт. Чун аз хоб бедор шудам, он ҳол тамоман бар ёдам буд, бар ман кор кард. Бо худ гуфтам, ки “Аз хоби дӯшин бедор шудам, акнун бояд, ки аз хоби чиҳилсола низ бедор шавам”. Андешидам, ки то ҳама афъолу аъмоли худ бадал накунам, фараҳ наёбам” [13, с. 40-41].

Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Холиқ Мирзозода аз мазмуни пораи иқтибосшуда ба хулоса омадааст, ки “дар он гардиши ғоявии Носири Хусрав ифода” шудааст. Яъне, ба пайбурди ӯ, вай аз он лаҳзаи хоббинӣ ба баъд “осоиштагии худу мардумро дар ақидаи исмоилия” дониста, “аз ақидаи пешинаи худ ба ақидаи дигар-исмоилӣ гузаштааст” [10, с. 145-146]. Х. Мирзозода дар идомаи баҳс масъалаи зери “таъсири доиёни исмоилӣ” ба ҳаҷ рафтан ва “Сафарнома”-ро эҷод кардани Носири Хусравро низ ба миён гузоштааст, ки ҳақиқат надорад.

Дар асл аз он чӣ Носири Хусрав гуфта, натиҷа ин аст, ки ӯро ба сафари ҳаҷ, аввалан “ҳисси масъулияти ахлоқӣ” [9, с. 84], ки василаи наҷоти ӯ аз “бехудиву беҳушӣ” [13, с. 40] мебошад, сониян хоҳиши дидан, омӯхтан ва дарку фаҳми авзои дунё ва амалу кирдори одамон [9, с. 84] ҳидоят намудааст. Яъне, ҳадафи ӯ фақат ҳаҷ не, балки дидани сарзаминҳои дигар ва ғанӣ сохтани ҳушу ёди худ аз воқеиятҳои дунёи гузарон ва сарнавишту ҳолу ҳавои сокинони он мебошад. Ба ин далел, барои Носири Хусрав ҳадаф аз эҷоди “Сафарнома” фақат ташвиқу тарғиби хостаҳои мазҳабӣ набуда, балки беш аз он равшангариву равшаннамоӣ аст. Ба иборати дигар, рисолати ӯ донишсозӣ ва донишандӯзӣ дар заминаи фарҳанги сиёсати идораи ҷомеа ва давлат [18, с. 19] низ будааст, ки аз ҳар сатри сафаргуфтаи ӯ равшан ба назар мерасад.

Ба ин тартиб, ба назари мо, Носири Хусрав аз фазои озодандешӣ ва мустақилияти фикрии худ истифода карда, на фақат ба ҳаҷ меравад, балки бо эҷоди ин сафаргуфта барои ҳокимону олимон ва мардуми авоми Хуросону Моваруннаҳр як роҳнамо ва донишномаи воқеӣ омода сохта, дар он дар бораи мақом ва воқеияти ҷойгоҳи муқаддас (қибла), боигарӣ ва рангорангии зодбуми ислом ҳамчун дину фарҳанг маълумоти дараҷаи аввалро фароҳам меоварад, ки бо гузашти замон арзиши он кам нашудааст.

Ҳадафи Носири Хусрав аз эҷоди ин сафаргуфта, даставвал ба тариқи асоснок омӯхтану шинохтан ва арзёбии вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва аҳволи сокинони минтақаҳои мухталиф будааст, ки дарунмояи асарро шакл додааст. Дар ин замина вай аз далелҳои воқеӣ, илмӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ низ истифода кардааст, ки нахуст гувоҳи дақиққори ӯст, сониян ин усули тасвиргарӣ ба ташаккули сохтори мундариҷавӣ ва жанрии асар низ таъсири мусбат расондааст. Пораи зер намунае аз ҷустуҷӯҳо ва ҳолшиносиҳои ӯ дар ин роҳи сафар мебошад, ки дар “Сафарнома” ба сароҳат инъикос шудааст:

“Рӯзи одинаи ҳаштуми зулқаъда аз он ҷо (Қумис-шарҳи мо) ба Домғон рафтам, ғурраи зулҳиҷҷаи санаи сабъа ва салосина ва арбаъумиати ба роҳи Обхӯрӣ ва Чоштхӯрон ба Симнон омадам ва он ҷо муддате мақом кардам ва талаби аҳли илм кардам. Марде нишон доданд, ки ӯро устод Алии Нисоӣ мегуфтанд. Наздики вай шудам, марде ҷавон буд, сухан ба забони форсӣ ҳаме гуфт, ба забони аҳли Дайлам ва мӯйгушудаву ҷамъе назди вай ҳозир. Гуруҳе Уқлидус мехонданду гуруҳе тиббу гуруҳе ҳисоб. Дар аснои сухан мегуфт, ки “Ман бар устод Абу Алӣ Сино, раҳматуллоҳи алайҳ, чунин хондам ва аз вай чунин шунидам”. Ҳамоно ғарази

вай он буд, ки то ман бидонам, ки ӯ шогирди Абу Алӣ Синост. Чун бо эшон дар баҳс шудам, ӯ гуфт: “Ман чизе сипоҳиёна донам ва ҳавас дорам, ки чизе аз ҳисоб бихонам”. Аҷаб доштам ва берун омадам ва гуфтам: “Чун чизе надонад, чӣ ба дигаре омӯзонад?” [13, с. 42].

Чунонки аз мазмуни пораи иқтибосшуда бармеояд ва ин гуна намунаҳо дар “Сафарнома” зиёд аст, ин асар “ба ҳеҷ ваҷҳ асари бетараф ва сирф раҳнамоӣ ва ҷуғрофӣ” [18, с. 19] набуда, яке аз ҳадафҳои Носири Хусрав аз таълифи ин асар роҳнамоӣ барои дарёфти маърифати ҳақиқӣ ва ба ин васила пешрафту тараққӣ ва фосилагирӣ аз тассубу худнамоӣ будааст.

Ба ин далел, “Сафаронома” хусусияти ислоҳотгароёна дошта, асоси онро масъалаи сарварии ҷомеа ва роҳбарӣ бар он, муқовимат бар зидди таассуби мазҳабӣ ва тағйири равиши зиндагиву амалу кирдори инсонҳо ташкил медиҳад. Илова бар ин, ин асар нафақат маҷмуи андешаву орои раҳнамои ҷомеа барои тағйири тарзи давлатдориву зиндагии сазовори инсони кӯшо ва раҳҷӯ аст, балки фарогири харитаи ҷуғрофиёвию таърихии мамолики Шарқи Наздику Миёна, маводи созандаи андешаҳои фалсафӣ, илмӣ, манбаи донишҳои беназири муҳандисӣ (зикри хонаҳои баландошёна дар Миср ва Фустот, тасвири боғот дар боми биноҳо, намудани тарзи кашидани хати оби нӯшокӣ ба боми биноҳои баландошёна ва ғайра) низ мебошад.

Яке аз имтиёзоти дигари ин сафаргуфта дар асоснок ва бодалел будани гуфтаҳо, шунидаҳо ва мушоҳидаҳои нависанда аст. Носири Хусрав дар инъикоси воқеиятҳо на хости рӯҳӣ ва ҳиссии худ, балки ба масъалаҳо ва маъниҳои дақиқи интихобшуда, ки дар маҷмуъ сужаи асарро ба ҳам мепайванданд ва ба мухотаб низ таъсиргузор ҳастанд, такя намудааст. Масалан, нависанда дар бораи шаҳри Басра сухан карда, дар чанд сатр вазъи иҷтимоӣ, ҷуғрофиёиву табиӣ ва ҳолати бозорҳои ин шаҳрро шарҳ дода, барои бовар кунондани мухотаб шарҳи ба ҳаммоми Басра рафтани худ ва бародарашро меовард, ки ҳоли ӯ ва гармобабон ва дар маҷмуъ фарҳанги шаҳрдориро дар он замон менамояд. Барои намудани ҳунари вуқуънигории нависанда, ҳарчанд андаке дароз аст, шарҳи ба ҳаммом рафтани ӯро пурра иқтибос менамоем:

“Чун ба он ҷо расидем, аз бараҳнагиву оҷизӣ ба девонагон монанда будем ва се моҳ буд, ки мӯи сар боз накарда будем. Ва мехостам, ки дар гармоба равам, бошад, ки гарм шавам, ки ҳаво сард буд ва ҷома набуд ва ману бародарам ҳар як ба лунгии кӯҳна пӯшида будем ва палоспорае дар пушт баста аз сармо. Гуфтам: акнун кӣ моро дар ҳаммом гузорад? Хурҷинаке буд, ки китоб дар он мениҳодам, бифурӯхтам ва аз баҳои он дирамаке чанд сиёҳ дар коғазе кардам, ки ба гармобабон бидиҳам, то бошад, ки дамаке зиёдатар дар гармоба бигзорад, ки шӯх аз худ боз кунем. Чун он дирамакҳо пеши ӯ ниҳодем, дар мо нигарист, пиндошт, ки мо девонаем. Гуфт: “Биравед, ки ҳам акнун мардум аз гармоба берун меоянд”. Ва нагзошт, ки ба гармоба дарравем. Аз он ҷо бо хиҷолат берун омадем ва ба шитоб бирафтем. Кӯдакон бар дари гармоба бозӣ мекарданд, пиндоштанд, ки мо девонагонем, дар пайи мо афтоданд ва санг меандохтанду бонг мекарданд. Мо ба гӯшае боз шудем ва дар тааҷҷуб дар кори дунё менигаристем” [13, с. 147]. Ин тасвири вуқуъгароёна нахуст аҳволи тоқатфарсои ин ду марди роҳро менамояд, сониян муносибати гармобабон ба мусофирон ва вазъи иҷтимоиву ахлоқии он давраро бо тамоми ҷузъиёташ бозгӯ мекунад.

Ҳамин тавр, он чи дар ин сафарнома дарҷ шудааст, далели он аст, ки ин гаштнома ба лиҳози огоҳиҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, таърихӣ ва шиносондани ободиҳои байни роҳ ва аҳволи ҷомеаи он замон арзиши хос дошта, намунае аз насри адабии садаи XI низ мебошад, ки пораҳои дар фавқ иқтибосшуда дар таъйиди ин назар аст. Ҳарчанд оҳанги таҳкиявии асар ором, бетаъкиду таҳдиду хитобу амр аст, вале аз рӯйи моҳият вай ҳуҷҷати қотеи фошкунанда буда, вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва аҳволи мардуми минтақаҳои гуногуни Шарқи Наздик ва Шарқи Миёнаро ба сароҳат ошкор менамояд, ки ифодакунандаи паҳлуи дигари хусусияти мундариҷавӣ ва жанрии сафарномаи мазкур мебошад. Дар баробари ин, “Дар сарчашмаҳову осори таърихиву адабӣ низ сафар кардан барои мардум амре зарурӣ дониста шуда, пизишкону равоншиносон низ онро муфид ва барои рушди фикрии инсонҳо муфид донистаанд” [2, с. 286].

Адабиёт

1. *Абдуллоев, А. Сафарномаи шоир / А. Абдуллоев // Тоҷикистони советӣ. – 1970. – 9-уми сентябр.*
2. *Аминзода, А. Риҳла ё сафар барои фарогирии дониш дар замони Сомониён / А.Аминзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2020. - № 6 (89). - С. 285-288.*
3. *Бертелс, Е. Э., Болдирев, А. Н. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои 12-14. Қисми якум / Е. Э.*

Бертелс, А. Н. Болдирев, М. Н. Усмонов, Р. Ҳодизода. – Душанбе: нашриёти "Дониш", 1976. – 343 с.
4. *Бозорзода, Н. Сафарноманигорӣ воқеанигорист (Маҷмуаи мақолаҳо) / Н. Бозорзода. – Душанбе, 2018. – 320 с.*
5. *Боқиев, Ҳ. Саҳми Тӯрақул Зеҳнии маорифпарвар дар муаррифии сафарномаи "Мухаттара"-и Шамсиддини Қаҳистонӣ/ Ҳ.Боқиев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2019. - №5 (82). - С. 157-160.*
6. *Грохов, В. М. Закономерности публицистического творчества / В. М. Грохов. – Москва: «Мысль», 1975. – 240 с.*
7. *Карочӣ, Р. Дидорҳои дур: пажӯҳише дар адабиёти сафарномаӣ ҳамроҳ бо китобшиносии сафарномаҳои форсӣ / Р. Карочӣ. – Теҳрон: Чопор, 1381. – 188 с.*
8. *Қосимов, И. Тасвири шаҳрҳои асримиёнагӣ дар "Сафарнома"-и Носири Хусрав / И. Қосимов // Маориф ва маданият. – 1960. – 21-уми июл.*
9. *Маслова, Н. М. Путевые заметки как публицистическая форма / Н. М. Маслова. – Издательство Московского университета, 1977. – 115 с.*
10. *Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик (Аз давраи қадим то асри 13). Китоби 1 (11) / Х. Мирзозода. – Душанбе: "Маориф", 1989. – 421 с.*
11. *Мирсодиқӣ, Ҷ. Аносири достон / Ҷ. Мирсодиқӣ. – Теҳрон: интишороти "Шифо", 1367. – 500 с.*
12. *Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмониён. – Душанбе: "Маориф", 1990. – 335 с.*
13. *Носири Хусрав. Сафарнома / Носири Хусрав. – Душанбе: "Бухоро", 2014. – 285 с.*
14. *Нуралиев, А. Журналистикаи советии тоҷик / А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, У. Гулмуродзода. – Душанбе: "Ирфон", 1989. – 176 с.*
15. *Поспелов, Г. Н. О природе искусства / Г. Н. Поспелов. – Москва: "Искусства", 1960. – 268 с.*
16. *Растагор Фасоӣ, М. Анвои насри форсӣ / М. Растагор Фасоӣ. – Теҳрон, 1380. – 636 с.*
17. *Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ. Ҷилди 2 / З. Сафо. – Душанбе, 2003. – 318 с.*
18. *Ҷонбобоев, С. Сафари Ҳаким Носир ба шаҳрҳои адлу амн / С. Ҷонбобоев // Носири Хусрав. Сафарнома. – Душанбе: "Бухоро", 2014. – С. 5-38.*
19. *Эделман, А. Шоир, мутафаккир, сайёҳ ва ходими бузурги ҷамъиятии тоҷик дар асри XI Носири Хусрав / А. Эделман // Мактаби советӣ. – 1952. – С. 32-44.*
20. *Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 6. - Душанбе, 1989. – 780 с.*

САФАРНОМАИ МАНСУР ВА ХУСУСИЯТИ МУНДАРИҶАВИЮ ЖАНРИИ ОН

Дар мақола масъалаи пайдоиш ва ташаккули сафарномаи мансур ва хусусияти мундариҷавию жанрии он мавриди таҳқиқ қарор гирифта, дар зимн доир ба намунаҳои ин жанр, ки дар давраҳои гуногун ба вуҷуд омадааст, маълумоти мушахас ироа гардидааст. Дар идомаи баҳс "Сафарнома"-и Носири Хусрав ҳамчун аввалин намунаи сафаргуфтаи мансур дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ баррасӣ шуда, мухтассоти мундариҷавӣ ва жанрии он дар фарогирӣ ва инъикоси воқеиятҳои роҳи сафар муайян карда шудааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқи муқоисавӣ собит намудааст, ки ин сафарнома ҳовии иттилооти дақиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҷуғрофиёӣ, таърихӣ ва баёни одоту одоби мардуми манотиқи мухталифи Шарқи Наздик ва Шарқи Миёна буда, ҳадафи хоси мундариҷавию ғоявӣ ва ҳунарӣ омили аслии шаклгирии сохтори мундариҷавӣ ва жанрии он будааст. Дар мақола ҳамсозӣ ва таносуби комили мазмуну мундариҷа ҳамчун василаи таъсиргузори шаклигирии жанри асар муайян карда шудааст.

Калидвожаҳо: сафарнома, Носири Хусрав, мавзуъ, мундариҷа, жанр, таърихӣ, ҷуғрофиёӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ.

ПРОЗАИЧЕСКОЕ САФАР-НАМЕ И ЕГО СОДЕРЖАТЕЛЬНО-ЖАНРОВАЯ СПЕЦИФИКА

В статье рассматривается вопрос о происхождении и формировании прозаического сафар-наме и его содержательно-жанровой специфике, а также приводятся конкретные сведения о примерах этого жанра, возникших в различные периоды. В продолжении дискуссии «Сафар-наме» Насира Хусрава рассматривается как первый пример прозаического путевого очерка (сафар-наме) в истории таджикско-персидской литературы, а его содержательная и жанровая значимость определяется в охвате и отражении реалий пути путешествия. Автор в результате сравнительного исследования доказал, что это сафар-наме является носителем точной политической, социальной, экономической, географической, исторической информации и выражением нравов и обычаев народов различных регионов Ближнего и Среднего Востока, а специфическая цель содержания, идеи и художественное оформление были основным фактором формирования его содержательной и жанровой структуры. В статье определены гармония и идеальное соотношение содержания и смысла как средство влияния на формирование жанра произведения.

Ключевые слова: сафар-наме, Насир Хусрав, тема, содержание, жанр, исторический, географический, политический, социальный, экономический, культурный.

PROSE SAFAR-NAMEH AND ITS CONTENT AND GENRE SPECIFICITY

The article examines the origin and formation of the prose safar-nameh (travelogue) and its content and genre specificity. It also provides specific information and examples of this genre that emerged in various periods. Continuing the discussion, Nasir Khusraw'sSafar-nameh is considered the first example of a prose travelogue (safar-nameh) in the history of Tajik-Persian literature. Its thematic and generic significance is defined by its comprehensive scope and reflection of the realities of the journey. Through comparative research, the author proves that this safar-nameh serves as a carrier of precise political, social, economic, geographical, and historical information and an expression of the customs and traditions of the peoples of various regions of the Near and Middle East. The specific purpose of the content, the ideas, and the artistic design were the main factors in the formation of its thematic and generic structure. The article identifies the harmony and ideal correlation between content and meaning as a key influence on the formation of the work's genre.

Keywords: safar-nameh, Nasir Khusraw, theme, content, genre, historical, geographical, political, social, economic, cultural.

Дар бораи муаллиф
Боқиев Ҳамза
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷик
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: bokiev69@mail.ru

About the author
Bokiev Hamza
Candidate of philological sciences, Docent of the department of Tajik language and literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: bokiev69@mail.ru

Об авторе
Бокиев Хамза
Кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: bokiev69@mail.ru

ТДУ 821.222.1.09-3

СОТИМ УЛУҒЗОДА ВА ТАШАККУЛИ АНДЕШАИ ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛӢ

Бақозода С. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Сарнавишти инсонӣ ва ҳунарии Сотим Улуғзода ҷузъе аз достони пуршебу фарози зиндагӣ ва ҳастии миллати тоҷик буда, шинохти комил ва ҷомеи истиқлоли руҳӣ ва маънавии унсури тоҷикӣ танҳо аз хилоли матни осор, андешаю оро ва амалу кирдори ин нависандаи худогоҳу миллатшинос муяссар мегардад. Воқеан ҳам огоҳии Улуғзода аз фарҳанг ва таъриху тамаддуни гузаштаи тоҷикон ва дилбастагии хирадмандона ва шигарфи вай ба ин сарзамин ва мардуми он ин муаллими адабу фарҳанги мо ва ҳофизаи зиндаи қавми тоҷикро аз оғоз дар мавқеияте қарор додааст, ки бо озодагӣ ва ҷавонмардии тамом ба умқи ин таърих сар фурӯ барад ва асли асолати Ватан ва қудсӣ будани Тоҷикистон барои тоҷиконро аз ибтидои фаъолияти эҷодиаш то ба охир думболагирӣ кунад. Умқ ва паҳнои ҷустуҷӯҳои эҷодии ӯ дар ин замина баёнгари равиш ва зинаҳои ташаккулу таҳаввули андешаи истиқлоли миллӣ дар матни осор ва афкори ӯ мебошад.

Огоҳӣ ва таваҷҷуҳи С. Улуғзода ба сарнавишт, таърихи фарҳангу тамаддун ва истиқлоли миллии тоҷикон замон, равишҳо ва заминаҳои гуногун дошта, ҳанӯз аз давраи наврасӣ ва минбаъд ҳангоми таҳсилаш дар Дорулмуаллимини Тошканд оғоз меёбад ва тадриҷан ташаккул меёбад. Таърихи ташаккул ва таҳаввули ҳувияти тоҷикӣ ва меъёрҳои мутамоизкунандаи истиқлоли милливу фарҳангии он, пеш аз ҳама, дар осори нависанда, аз ҷумла қиссаҳои “Субҳи ҷавонии мо”, “Ривояти суғдӣ”, романҳои “Восеъ”, “Фирдавсӣ”, рисолаи “Пири ҳакимони Машриқзамин”, драмаҳои “Рӯдакӣ”, “Алломаи Адҳам ва дигарон” ба таври равшан ва боэътимод сабт гардидааст.

Дар ин замина бузургтарин хидмати таърихии Сотим Улуғзода барои миллати тоҷик ва тамаддуни муосири он ба масъалаи таъйиди ҳастии таърихӣ, фарҳангӣ ва истиқлоли миллии тоҷикон марбут мешавад, ки ба андешаи Х. Шарифов барои ин тарафи фаъолияташ “арзанда аст, ки ба ӯ муҷассамаи ёдгорӣ гузошта шавад” [9, с. 195]. Ҳоло ба ин пешниҳоди устоди шодравон афзуданием, ки ӯ барои талошҳои маънавии истиқлолхоҳияш сазовори унвони Қаҳрамони миллии Тоҷикистон низ ҳаст.

Воқеият ин аст, ки ин нависандаи ормонгаро масъалаи ифтихор ва истиқлоли миллиро ба воситаи осори бадеӣ ҳушёрона ба миён гузошта, дар ин замина тасвири ҳунармандонаи ормону хоҳишҳои истиқлолхоҳии шахсиятҳои миллиро ҳадафи эҷодӣ қарор дод ва дар баробари вазъ кардани равиши тозаи диди таърихӣ дар насри муосири тоҷикӣ ба адабиёт ҳамчун таҷассумгари ормонҳои миллӣ, манфиатҳои таърихию истиқлолхоҳӣ афзалият бахшид. Ба ин далел, ҳанӯз дар “Субҳи ҷавонии мо” ба баъзе ҷузъиёти воқеаҳои таърихӣ, ки бевосита ба сарнавишти таърихии миллат алоқаманданд, таваҷҷуҳ кардани нависанда ҳодисаи тасодуфӣ набуда, аз умқи андеша ва ҳадафҳои ҳувиятхоҳии миллии ӯ берун омадааст, ки натиҷаи табиат, асолати авлодӣ, эътидоли худогоҳӣ ва иззати нафс, инчунин худшиносии миллӣ мебошад, яъне сиристӣ, тарбиявӣ ва фардию миллӣ дорад.

Аз ёдвораҳои даврони бачагӣ ва нақли падар бо ёрии ҳофиза берун овардани “ривоятҳои қадимӣ” дар бораи зодгоҳаш ва сабти он дар “Субҳи ҷавонии мо” барои Улуғзодаи он вақт ҷавон ва камтаҷриба шинохт ва таъйиди нақши “халқҳои меҳвар” [3], аз ҷумла тоҷикон буд, ки “таърихи худро пайгирона идома дода, ҷаҳише ба амал овардаанд ва дар ин ҷаҳиш гӯё дубора зода шуда, умри дубора ёфтаанд ва ниҳоят асоси маънавии инсон ва таърихи ҳақиқии ӯро бунёд гузоштаанд” [12, с. 76]. Аз ин назар, ёде аз “қалъаи куҳна”-и деҳа, ки “дар ҳар ҷо-ҳар ҷояш кулӯхандозҳои дарозрӯя” доштааст [3, с. 7], на фақат ёдовари таърихи миллат ва гузаштаи он аст, балки ишораи саҳеҳ ба фоҷиаҳои таърихи миллат, муборизаҳояш бар зидди таҳоҷуми бегонагон, аз ҷумла “қипчоқҳои кӯчманчӣ” ва талошҳои истиқлолхоҳии он аст, ки ба замони таърихӣ маҳдуд намешавад. Ин ҳодисаҳо, ки нависанда тасвир мекунад, ба замоне рост меояд, ки унсури турки ҳанӯз дар аҳди муғулон ба ин сарзамин ворид шуда, дар аҳди хонигарии Қуқанд тоҷиконро ба кӯҳҳо тела дод. Дар “Субҳи ҷавонии мо” дар такя ба нақли падар аз таҳоҷуми бегонагон ёд кардани нависанда аввалин ангезаи худшиносии миллӣ ва таърихӣ буд, ки дар зеҳни ӯ пайдо шуда, тадриҷан диди истиқлолхоҳии ӯро ташаккул ва таҳаввул бахшидааст. Ҳуҷуми қипчоқҳо-яке аз қавмҳои турк

ба сарзаминҳои меросӣ барои Сотим Улуғзода “турктози биёбонгардҳои нав” буд, ки тоҷиконро “ба кӯҳҳо тела дод” ва фоҷеаҳои гӯшношуниде барои ин миллат ба вуҷуд овард. Ҳуҷҷатҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки “даштнишинҳо ҳар тирамоҳ дар айни ҷамъоварии ҳосил ба водиҳои Мовароуннаҳр фурӯ рехта, ҳосилро ба ғорат мебурданд ва нобуд мекарданд. Ин турктози тирамоҳӣ боре ҳафт сол ва боре бист сол пай дар пай давом ёфт. Хунрезӣ, қаҳтиву гуруснагии тӯлонии гӯшношуниде рӯй дод. Мардуми бумӣ, яъне тоҷикон ҳазор – ҳазор талаф шуданд ва рӯй ба гурез ниҳоданд. Дар Бухоро ду гузар одам монд. Дар Самарқанд касе намонд. Мадрасаҳои Самарқанд шаҳолхона шуданд. Дар бораи соли 1148 қамарӣ, яъне 1725 мелодӣ гуфтаанд:

Ба соли ҳазору саду чиҳилу ҳашт
Самарқанд гардид монанди дашт [8, с. 84-85].

Шинохти сарнавишти таърихии миллат дар заминаи нақлу ривоятҳо ва ёдвораҳои шахсиятҳои ҷудогона яке аз равишҳои ҳувиятшиносии тоҷикӣ ва истиқлолхоҳии зеҳнӣ мебошад, ки минбаъд бо таъсири воқеиятҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангӣ умқ ва паҳнои тоза пайдо мекунад. Таҳсил ва фаъолияти омӯзгорӣ дар Дорулмуаллимини Тошканд барои Улуғзода замони дигари зуҳури равишҳои тоза ва воқеӣ дар ҷараёни ҳувиятшиносӣ ва истиқлолхоҳии миллӣ мебошад.

Сотим Улуғзода “аз моҳи декабри соли 1924 то моҳи сентябри соли 1929 дар Дорулмуаллимини Тошканд ихтисоси устоди макотиби ибтидоӣ гирифта ва қариб як сол-аз моҳи октябри соли 1929 то моҳи сентябри соли 1930 дар Дорулмуаллимини мазкур омӯзгори забони тоҷикӣ буд” [2, с. 14]. Давраи таҳсил дар Дорулмуаллимин ва суҳбат бо “профессори рус” Андреевро метавон зинаи нави ташаккули худшиносӣ ва истиқлолхоҳии С. Улуғзода унвон кард. Аввалин мулоқот ва натиҷагирии С. Улуғзода ва ёрони ӯ аз суҳбати ин “марди солхӯрдаи каллакалон, ки як чашмаш андак олус буд” ва ба забони тоҷикӣ ба онҳо “ассалому алайкум бачаҳо” гуфт ва ба тоҷикӣ бо онҳо суҳбат кард, зинаи нави ташаккули худшиносии миллӣ дар андешаву орои ӯ буд. Дар он вохӯрӣ Улуғзода донист, ки “профессори рус” на фақат “бо лаҳҷаи софи тоҷикӣ” суҳбат карда метавонад, балки бо шеваи маҳаллии намояндагони ин ё он музофоте, ки дар Дорулмуаллимин таҳсил мекарданд, “чунон покиза гап мезад, ки гумон мекардед вай тоҷики ҳақиқӣ ва аҳли ҳамон маҳал аст” [3, с. 269].

Аз ёддоштҳои С. Улуғзода маълум мешавад, ки маҳз ҳамин “профессори рус” дари таърихи сарбамуҳри тоҷиконро ба рӯи шогирдонаш боз карда, онҳо аз забони ӯ донистаанд, ки Рӯдакӣ “ҳамватани бузурги онҳо... бузургтарин шоири тоҷик” будааст. Носири Хусрав, чунонки “ҷавони помирӣ” андешидааст, Шоҳносир ё пайғамбар набудааст, балки “вай овораи ҷаҳон, шоир ва файласуф” будааст. “Як умр аз шоҳу валиҳои замон, ки мехостанд ӯро аз барои фикри ҳақиқатҷӯй ва озодихоҳаш дастгир карда кушанд, гурезон” будааст “ва дар ғор зиндагонӣ” мекардааст [3, с. 271]. Ба шаҳодати нависанда “профессори рус” дар бораи дигар бузургони аз байни халқи тоҷик баромада низ ҳикоятҳо карда, афсӯс мехӯрад, ки “тоҷикон ба сабаби садҳо сол дар қайди зулм, торикӣ ва бесаводӣ монданашон шоирон ва олимони бузурги худро дуруст намешиносанд ё ин ки фаромӯш кардаанд”. “Профессори рус” шогирдонашро ба шинохтан ва дар байни халқ паҳн кардани шӯҳрати бузургони адабу фарҳанги тоҷик даъват карда, бо ин амал аввалин чараққаи таърихпазирӣ, худогоҳӣ, миллатдӯстӣ ва андешаи истиқлолхоҳиро дар зеҳни С. Улуғзода ва ҳамдарсонаш бедор мекунад [3, с. 270].

Сотим Улуғзода дар қиссаи ёддоштии “Субҳи ҷавонии мо” санади дигари ҷолиберо низ нақл мекунад, ки бевосита ӯро ба шинохти гузашта савқ дода, заминаи воқеиро барои шаклгирии андешаи миллӣ ва истиқлолхоҳӣ фароҳам меоварад. Дар яке аз суҳбатҳо “профессори рус” ба суоли шогирдон-“Чаро ӯ ин қадар машаққат кашида ба деҳаи дурдасти гумном рафта, урфу одати мардум, тарзи гузаронидани маросимҳову тӯйҳо, чӣ гуна бача калон кардани онҳо, чӣ гуна тарона хондани онҳоро донистан мехоҳад?-чунин посух медиҳад: “Ман ин корро аз он сабаб кардам ва мекунам, ки то имрӯз ҳеҷ касе аз тоҷикон бо ин кор машғул нашудааст ва ҳол он ки мову шумо вазифадор ҳастем таърих, маданият ва расму одатҳои халқро омӯзем. Оё гуфтан мумкин аст, ки шумо халқи худатонро хуб медонед? Дар беҳтарин сурат шумо деҳаи худатон ё якчанд деҳаро хуб медонед. Лекин, охир, халқи тоҷик на дар як деҳа ё чанд деҳа, балки дар як кишвари калон зиндагонӣ мекунад. Зиндагонии ин халқ пештар чӣ гуна будааст? Вай имрӯз ҳам мисли бобоёни худ зиндагонӣ мекунад ё таври дигар? Вай чӣ гуна ҳунару санъатро дорад? Чӣ гуна афсонаҳо, урфу одатҳо, маросимҳо, таронаҳо дорад ва онҳо хубанд ё бад? Шумо бояд ҳамаи инҳоро таҳқиқ кунед ва донед. Агар одам халқи худро нағз нашиносад, ба вай нағз хизмат ҳам карда

наметавонад”. Ин ҳарфҳои “профессори рус”-ро, ки худ дар роҳи омӯзиш ва таҳқиқи таърихи тоҷикон хидмати бузург кардааст, С. Улуғзода ҳамчун раҳнамо ба ёд оварда, меафзояд: “Ман дар солҳои баъд таърихи халқи худро омӯхтам, бо эҷодиёти Рӯдакӣ, Носири Хусрав ва арбобҳои дигари маданияти гузаштаамон шиносоӣ пайдо кардам, лекин олими рус, ки нахустин бор ба ман “халқи худро шинос” гуфта буд ва худаш ҳам намунаи чунин шиносоӣ буд, як умр дар хотири ман монд” [3, с. 272].

Чунон ки мушоҳида кардем, нақлҳои падар аз гузаштаи таърихи миллат, фоҷеаҳои аз сар гузаронидаи он, ёдвораҳои худи нависанда аз даврони бачагӣ ва ниҳоят раҳнамоиҳои “профессори рус” омили аслии шаклгирии тамоюли истиқлолхоҳӣ дар амалу кирдор ва андешаву орои Сотим Улуғзода гардида, равиши минбаъдаи ҷустуҷӯҳои илмию бадеии ӯро дар ин замина муайян намуданд. Зери таъсири бевоситаи ҳамин раванд С. Улуғзода дар солҳои душвори сиюм ба таҳқиқ ва арзёбии осори гузаштагон пардохта, сарнавишти таърихии миллат ва адабу фарҳанги онро маврди омӯзиш қарор дод. Дар ин давра ҷустуҷӯҳои илмӣ ҳиссаи бештари фаъолияти эҷодии ӯро муайян мекунад, ки минбаъд дар ташаккул ва таҳаввули андешаҳои истиқлолхоҳии ӯ таъсиргузор будааст.

Бештарини мақолаҳое, ки С. Улуғзода дар солҳои сиюм навиштааст, марбут ба замон, таърихи адабиёти тоҷик, ҳаёт ва эҷодиёти намояндагони ҷудогонаи он буда, дар онҳо муаллиф чеҳраи маънавии миллат ва шахсиятҳои таърихию фарҳангиро офаридааст. С. Улуғзода ба таҳқиқи даврaҳо ва ҳаёту эҷоди намояндагони ҷудогонаи адабиёти тоҷик маҳз дар ҳамин солҳо шуруъ карда, доир ба зиндагиномаву осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Ибни Сино, Саъдӣ ва Аҳмади Дониш як силсила мақолаҳо навишт, ки ҷузъи муҳимми андешаҳои ӯро оид ба истиқлоли маънавии миллат ташкил дода, баъдтар дар тазкираи “Намунаҳои адабиёти тоҷик” (1940) нашр гардидаанд. Рисолаи ҷомеъи “Аҳмади Дониш” (1949) андешаҳои ӯро дар ин замина тақвият бахшида, консепсияи асосии истиқлолхоҳии нависандаро, ки ҷавҳари онро истиқлоли маънавӣ ташкил медиҳад, мушаххас намуд ва тақвият бахшид.

Воқеияти ҷанги ҷаҳонии дувум, нармишҳои сиёсати ҳукумати Шӯравӣ нисбат ба омӯзиши мероси гузашта ва хидмат дар сафи артиши Шӯравӣ аз омилҳое буданд, ки гароиши С. Улуғзодаро ба таърих тақвият бахшиданд. Нависанда дар як навори суҳбате, ки соли 1983 дар Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ бо ӯ анҷом гирифтааст, сабаби майл кардан ба мавзуъҳои таърихиро дар 20-30 соли охир “аввал бо роҳи ҳис ва баъд бо роҳи ақл” дониста, сипас меафзояд, ки “Ман соли 1943 дар саруправленияи Армияи Сурх хизмат мекардам, барои ҷанговарони тоҷик брошураҳо, варақаҳо нашр мекардам. Як вақт сардори мо ҷеғ зада гуфт, ки агитаторҳои фронт дар Москва ҷамъ мешаванд. Шумо аз таърихи халқи худатон, аз муборизаҳои вай барои озодӣ ва истиқлолият маърӯзаи муфассал тайёр кунед. Ба ростӣ ман то ин вақт ба таърихи халқамон он қадар машғул нашуда будам. Ғайр аз баъзе чизҳои шунида, баъзе чизҳои пароканда-пароканда хондагиам. Ман қариб як моҳ дар китобхонаи ба номи Ленин нишаста мутолиа кардам, кофтуков кардам. Дар бораи Темурмалик, Абӯмуслим ва дигар воқеаҳо, муборизаҳо ва ҷангҳое, ки халқи мо барои ҳуқуқи худ, барои озодӣ кардааст...ман гуфта метавонам, шавқу мароқи ман ба таърихи халқамон асосан аз ҳамон сар шуд.. Аз ин дигар якчанд суҳбатҳои нависандагони номдор. Соли 1950 дар Рига ман бо нависанда Янчевский (Ян), муаллифи китобҳои “Чингизхон” ва “Боту” вохӯрдам, суҳбат кардам... Вай ба ман ҳамин фикрро талқин мекард, ки таърихи халқи шумо бо номи “тилисм” барои ҳама ҳанӯз маҳкам аст, баста, пӯшида. Нависандагони халққои дигар, ки дар бораи ин чизҳо менависанд, он қадар қобили эътибор нест ва тахмининанд. Шумо худатон он ҷо сар фурӯ бареду ин тилисма кушоед...” [11, с. 81-82]. Аз матни суҳбати нависанда маълум мешавад, ки ӯ бо Айнӣ низ дар ин боб гуфтугӯҳое дошта, “Туркистон”-и Бартолдро “панҷ бор бисёр бодиққат ва бо коспектҳо” хонда будааст [11, с. 83].

Аз ёдмонаҳои нависанда бармеояд, ки дидгоҳҳои ӯ оид ба таърих аз ибтидои солҳои чилум ба баъд огоҳона ва моҳиятҷӯёна буда, дар ин гуна таълифот ҷавҳари андешаву орои ӯро унсури маънавии истиқлол ҳамчун омили пешбари миллат шакл додааст. Аз ҷумла мақолаи ӯ “Дар бораи фамилияҳо ва номҳо”, ки масъалаи ҳифзи шакли таърихии номгузориро матраҳ кардааст, ҳадафи куллии истиқлолхоҳӣ дорад.

Нависанда дар ин мақола оид ба интихоби часпакҳо дар номҳои тоҷикӣ сухан ронда, консепсияи маънавии истиқлолхоҳиашро шакл додааст, ки ин далели қотеъи садоқати ӯ ба унсури маънавии арзишҳои фарҳангии истиқлолхоҳии миллат мебошад. Тарҳи мавзуъ аз ҷониби нависанда ҷасурона ва истиқлолхоҳона буда, дар он солҳо ҷасорат ва худфидоиро талаб мекард. Худи тарзи саволгузорӣ ҳушдори маънавӣ буда, ба ҷомеа нигаронида шудааст:

“Дар қатори часпакҳои -ов,-ев часпакҳои -зода ва -ӣ-ро ҳам гирем ё не?” Нависанда ба ин пурсиши худ, ки унсури маънавии андешаи истиқлолхоҳии ӯст, чунин посух медиҳад: “Ин шакли фамилиясозӣ фақат кам ё бештар дар байни интеллегенсия вомехӯрад ва он ҳам хеле кам (“зода” нисбатан зиёдтар). Лекин “зода” номи падар (отчество)-ро нишон медиҳад, “ӣ” ном (агар тахаллуси адабӣ набошад) инчунин. Бинобар ин аз инҳо сохтани фамилияи авлодӣ (аз насл ба насл гузаранда) душвор аст. Аммо одамҳои фамилияашон бо “зода” ё “ӣ” сохта шудагӣ, гарчанде бисёр набошанд ҳам, лекин ҳастанд. Бо онҳо чӣ бояд кард? Дигар кардани фамилияҳошонро аз онҳо талаб намудан дуруст намешавад (агар бо ихтиёри худ дигар кунанд-ин кори онҳо). Бинобар ин, ин тавр муқаррар кардан дуруст мешуд, ки фамилияҳои то ҳол бо ин часпакҳо сохта шудагӣ монанду лекин фамилияҳои авлодии минбаъд қабул мешудагӣ бо часпакҳои –ов,-ова,-ев,-ева сохта шаванд” [6].

Дар ин мақола С. Улуғзода дар баробари тарзи истифода ва корбасти часпакҳои урфии фамилиясози тоҷикӣ, ҳамчунин доир ба масъалаи интихоби номҳои сирф миллӣ ва зебо муфассал сухан рондааст, ки ифодагари равиши фикрии истиқлоли маънавӣ мебошад. Дар заминаи ин мақола бори дигар метавон ба эътиқодоти миллӣ ва дидгоҳҳои назарии нависанда, ки дар заминаи муқаддасоти таърихӣ ва фарҳангии халқи тоҷик шакл гирифтаанд, эътимод варзид.

Сотим Улуғзода аз оғози фаъолияти эҷодиаш мақулаи андешаи истиқлоли миллиро дуруст дарк карда, онро дар фароянди осори бадеиаш низ бо ҳадаф корбаст намуд. Адабиёти миллӣ дар тафаккури бадеии ӯ таҷассумгари манфиатҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва унсури ҳаракатдиҳандаи ғояҳои истиқлоли миллӣ буд. Таҷрибаи ӯ собит кард, ки асли таърих барои нависанда эҷоди фаъолияти олии маънавӣ буда, андешаи истиқлоли миллӣ бунмояи талошҳои ҳунарии ӯ дар ин замина аст. Аз ин назар, С. Улуғзода дар таҳқиқи бадеии таърих зиёдтар ба маъалаҳои барои тоҷикон сарнавиштсоз таваҷҷуҳ доштааст. Нависанда бо эҷоди як силсила осори бадеии таърихӣ ин масъаларо ба тарзи нав ҳаллу фасл карда, ба ин васила ягонагии таърихӣ ва фарҳангии халқеро, ки соҳиби он аст, тасвир ва таҷассум намуд. Нависанда бо ин иқдоми миллатдӯстона тавонист, ки хонандаро ба маҷрои худшиносии маънавӣ раҳнамоӣ карда, заминаи воқеиро барои шинохти миллат ва андешаи истиқлоли миллӣ ба вуҷуд оварад. Ба ин далел, ӯ ба воситаи осори бадеии таърихиаш муҳити маънавие сохт, ки ҳастии таърихӣ ва фарҳангии миллатро шакл дода, роҳро ба сӯи сарчашмаҳо ва унсурҳои андешаи истиқлоли миллӣ боз намуд.

Ҳамчунон ки донишманди фақид Х. Шарифов таъйид кардааст, “...масъалаи аз ифтихори миллӣ сухан гуфтан ҳамчун нишонаи адабиёти миллӣ дар адабиёти тоҷик насиби Сотим Улуғзода гардид. Драмаҳои “Рӯдакӣ”, “Темурмалик”, “Алломаи Адҳам ва дигарон” тақдири шахсияти тоҷик, дифои манфиатҳои онро ҳадафи мавзуъ ва мазмун қарор додаанд. Романи “Восеъ” бошад, тасвири саҳнаи зиндагии мардуми тоҷик дар охири асри нуздаҳ мебошад” [9, с. 186].

Осори зикршуда ва қиссаи “Ривояти суғдӣ”-ву романи “Фирдавсӣ” зинаи дигари ташаккул ва таҳаввули андешаи истиқлоли миллӣ дар эҷодиёти С. Улуғзода аст. Х. Шарифов романи охирро намунаи “адабиёти миллатгарои тоҷикӣ” унвон карда, сипас афзудааст: “Дар ин роман ҳамон руҳияе, ки “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар замони худ ба вуҷуд овард, акси садо додааст. Ташвиш ва хавфи бенишон аз миён рафтану ношинохта мондани арзишҳои мероси гузашта, беэҳтиромӣ ба мероси фарҳангӣ ва шахсиятҳои миллӣ мавзуи гуфтугӯи ин романи С. Улуғзода мебошанд. С. Улуғзода дар романи “Фирдавсӣ” ба монанди Абулқосим Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” ҳушдор медиҳад, ки аз гузаштаи худ фаромӯш накунед, ба бузургон арҷ гузоред, нагузоред, ки мероси азими фарҳангӣ ба кӯи фаромӯшӣ афтад ва андешаи шумо бебунёд монад.Ба ин тартиб, С. Улуғзода дар радифи мақолоти таҳқиқӣ дар осори бадеиаш, аз ҷумла песаҳои “Рӯдакӣ”, “Темурмалик”, “Аломаи Адҳам ва дигарон”, филмномаҳои “Қисмати шоир” ва “Ибни Сино”, қиссаи “Ривояти суғдӣ” ва романҳои “Восеъ”-у “Фирдавсӣ” “муҳимтарин даврaҳои таърихи халқи қадимии худро аз назари таҳқиқ” [1, с. 124] гузаронида, ба ин васила симои қаҳрамонони роҳи маърифат, озодии маънавию иҷтимоӣ ва истиқлоли миллиро офаридааст, ки баёнгари вусъати назар ва паҳнои андешаи ӯ дар шинохти ҳувияти милии тоҷикон ва ироаи андешаи истиқлоли миллӣ мебошанд.

Ин тадқиқи бадеии ӯ бо таълифи қиссаи “Ривояти суғдӣ” аз замони таҳоҷуми араб шуруъ шуда, нависанда бо фурӯ гузоштани схемаи ғайриҳаётии сотсиализми вулгар ҳаводиси бузург ва рӯйдодҳои таърихсози як давраи муҳимми таърихи халқи тоҷикро бо биниши амиқ ва фарохи таърихӣ ба тасвир гирифтааст. С. Улуғзода дар ин асар бархилофи

Табарӣ, Наршахӣ ва баъзе таърихнигорони дигар, ки ба истилои араб ва муқобилати суғдиён ба муқобили он аз мавқеияти истилогарон баҳо дода, муқобилати муқобилони аъробро сиёҳ кардаанд ва онҳоро дашном додаанд, ба он фоҷеаи таърих андешаи истиқлолхоҳона дорад. Барои ӯ "ба он ҳуҷум ва истилои араб" " баҳои таърих баҳои замони мо" буда, [6] нависанда бо ба кор гирифтани нуктаҳое мисли китмони ҳақоиқ, таҳриф ва таассуб дар осори таърихӣ тасвири саргузашту аъмол ва тақдири персонажҳои таърихиро дар контексти ягонаи таърихӣ бо назардошти манфиатҳои миллӣ ва таърихии халқи тоҷик амалӣ кардааст, ки зинаи тозаи ташаккули андешаи истиқлоли миллӣ дар осори ӯ мебошад.

С. Улуғзода дар "Ривояти суғдӣ" бо тасвири симои Виркан, Бухорхудот-Хотун ва аъмоли миллатдӯстонаи онҳо фурсате моёбад то ба тарҳи орзуҳои бузург ва умумии истиқлолхоҳии мардум бипардозад ва дар ин замина хости мардумони он давра, ниёзҳо ва мушкилоти ононро матраҳ мекунад, ки аз рӯи моҳият ба замони таърихӣ маҳдуд намешаванд, балки баёнгари ниёзҳои имрӯзии таърихӣ ва фанҳангии тоҷикон низ ҳастанд. Дар ин қисса нависанда аъмол ва кирдори қаҳрамонони мусбат, аз ҷумла Виркану Хотун, андеша ва амали ононро дар ҳидояти мардум ба роҳи нек ва дафъи душманон тасвир карда, ба ин васила тарҳи куллии ҷомеаи ормонии тоҷиконро матраҳ мекунад, ки ифодагари андешаи истиқлоли миллӣ дар ин асар мебошад.

Яке аз василаҳое, ки ба шаклгирии андешаи миллӣ дар осори бадеии С. Улуғзода мусоидат кардааст, кӯшиши берун овардани ҳувияти миллӣ аз аъмоқи тамаддун, таърих ва рафтори тоҷикон ва онро дар бархӯрд бо дигар фарҳангҳо арзёбӣ кардан мебошад. Ҳамин диди дақиқ ва ҳунармандона сабаб мешавад то на танҳо хонанда аз матни осори таърихии нависанда амалан ба кашфи ҳувияти тоҷикӣ ва шинохти меъёрҳои фарқкунандаи он даст ёбад, балки ҳувияти ғайри тоҷикиро бишносад. Равиши кори Улуғзода дар заминаи ҳувиятшиносии тоҷикиро, ки ифодакунандаи зинаҳои ташаккули андешаи истиқлоли миллӣ дар осори бадеии ӯст, метавон аз чанд зовия арзёбӣ кард.

Яке аз ин зовияҳо, яъне ҷанбаҳои мусбат ва манфии шахсиятҳо ба воситаи амалкардҳои мутафовити онҳо дар разм, базм, зиндагии одӣ ва масоили хосе зоҳир мешавад, ки вокунишҳои гуногунро сабаб мешавад. Ба унвони мисол, Восеъ дар тасвири нависанда шахсӣ тасодуфӣ набуда, балки марди ҷангдидааст. Даъвати Восеъ барои баркандани пояҳои зулму бедод дар тасвири Улуғзода на фақат муҳофизати ҳуқуқи инсон аст, балки ҳимоят аз номуси миллӣ ва шаъну шарафи инсонӣ низ ҳаст. Сарнавишти қаҳрамони дигари роман-Мулло Сафар низ ифодагари ҷаҳду талош ва ормонҳои Аҳмади Дониш, Шарифҷон махдуми Садри Зиё ва дигар рӯшанфикрони садаи нуздаҳ мебошад, ки нависанда бо камоли диққат тасвир кардааст.

Образи Фирдавсӣ низ дар тасвири нависанда ифодагари фазилати садоқати ӯ ба усули итминони таърихӣ ва андешаи истиқлоли миллӣ аст, ки бунёди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дорад. Паҳнои тасвир дар романи "Фирдавсӣ" барои Улуғзода майдони ҷилваи руҳия, андеша, завқу хоҳиш ва ормонҳои миллат аст, ки зинаҳои ташаккули андешаи истиқлолхоҳии нависандаро ифода мекунад. Барои таъйиди рӯҳ ва андешаи истиқлолхоҳии нависанда кофист, ки мунозираи Фирдавсиро бо суханвари араб Амр бини Мутавваъӣ аз роман иқтибос кунем: Фирдавсӣ мегӯяд: "Шумо, ҷаноб, забони модарии худро бад дида забони бегонаро бар вай тарҷеҳ додаед, ки кас аз модари худ рӯй гардонаду моиндарро хуш кунад ва чунин кас, бешак, бадсиришт ва бадгавҳар аст...Баҳс на дар бораи нажод, балки дар бораи забон аст. Қуръонро ҳам ба миён кашидан бемавқеъ аст. Шуморо забони модари худатон хуш аст, маро забони модарии худам. Дар арабӣ ман ҳеҷ бартарие бар форсӣ намебинам. Ба балоғату фасоҳат ва баёни маъниҳои борику баланд форсии дарӣ аз арабӣ ҳеҷ камие надорад, инро Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Абӯшакури Балхӣ ва амсоли инҳо шуарои бузурги форсизабон собит кардаанд. Билохир "Шоҳнома"-и банда ҳам метавонад далеле ба ин даъво бошад" [4, с. 147].

Дигар аз зовияи диди С. Улуғзода дар заминаи андешаи истиқоли миллӣ дар ин аст, ки вай ба муҳити тасвираш ба унвони як ҷуғрофиё наменигарад, балки онро як фарҳанг, як маънавият, як тамаддун, як суннат мешиносад. Ҳамин далелро дар романи "Фирдавсӣ" ба намоди фарҳангӣ табдил дода, зиндагӣ, таърих, ифтихорот, суннатҳои дилбастанӣ ва имтиёзоти рафторӣ ва ахлоқии миллиро бозгӯ мекунад ва офатҳои ғурур, худбинӣ, фиреб, истибдод, ҳавасбозӣ ва гумроҳиҳои фардӣ ва иҷтимоиро тасвир мекунад ва натиҷагириҳои рушанфикрона ва амиқашро аз воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва амалу кирдори ҳаммиллатону бегонагон ироа медиҳад ва бо ин усул бо кашфи арзишҳо ва зиддиарзишҳое, ки дар баҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии миллат саҳим ҳастанд, ҳушёрии миллӣ, инсонӣ ва ояндабинии мардумро талаб мекунад.

Он чи дар ин замина барои Улуғзода муҳим он аст, ки вай миллаташро озоду озода ва кишварашро маҳди озодӣ ва озодагӣ дидан мехоҳад, ки аз унсури асосии андешаи истиқлоли миллӣ дар қиссаи “Ривояти суғдӣ”, романҳои “Восеъ” ва “Фирдавсӣ” мебошанд. Дигар ин ки сарнавишти таърихии халқи тоҷик нависандаро ба ин натиҷа овардааст, ки пешрафти ҷомеаи миллӣ, илму фарҳанг ва саодатмандии инсон танҳо дар давлати миллии мустақил имконпазир аст. Дар андешаи нависанда омили шаклгирии истиқлол ва ҳифзи он фақат ба муносибати беруна вобаста набуда, балки дохилӣ низ мебошад. Намунаи он дар тасвири нависанда таҳоҷуми араб ва созишу мухолифати дохилӣ ба ин ҳодиса аст. Дар қиссаи “Ривояти суғдӣ”, романҳои “Восеъ”-у “Фирдавсӣ” ва драмаҳои “Рӯдакӣ”-ву “Темурмалик”, “Аҳмади Дониш ва дигарон” ифтихороти миллӣ ҳамчун унсури таъсиргузори ташаккули андешаи истиқлоли миллии нависанда дар назар меояд. Зайли намуна пораи зерро аз романи “Фирдавсӣ” иқтибос мекунем, ки бозгӯи андешаи ифтихории шоири бузург аз зиёрати Тоқи Кисро мебошад: “Тайсафуни қадима, ба арабӣ Мадоин, шояд ба ҳамин Бағдод монанд буд. Харобаҳои он бо номи Тоқи Кисро мавҷуданд. Он харобаҳои барои эрониён муқаддасро бояд зиёрат кард...” [4, с. 147].

Фирдавсиро дар чунин ҳолу ҳаво фақат Улуғзода насохтааст, балки худи “Шоҳнома” бо андешаву орои соҳибаш санади ифтихори миллист. Натиҷагириҳои Улуғзода низ реша дар таърих ва матни ҳастии маънавии Фирдавсӣ дорад, ки барои мо низ манбаи ифтихор аз истиқлоли иҷтимоӣ ва фарҳангию миллӣ мебошад. “Хушо боди нӯшини Эронзамин!”-ин садои Фирдавсист, ки аз паҳнаҳои зери суми аспи тозиён абгоршудаи эронзамин меояд / На тахту на дайҳим бинӣ на шаҳр, Зи ахтар ҳама тозиёнрост баҳр / Ин фарёди ватанхоҳонаи Фирдавсӣ, ки дар “Шоҳнома” мустанад аст, аз саҳифаҳои романи Улуғзода низ мустанаду гӯё ва гиро ба гӯш мерасад. Фирдавсӣ ҳамчунон ки дар таърих ҳаст, дар романи Улуғзода низ ифодагари ормонҳои миллӣ, иҷтимоӣ, илмию фарҳангӣ ва, ниҳоят, намоди ҳувият ва андешаи созандаи милии истиқлолхоҳӣ мебошад. Бинобар ин яке аз омилҳое, ки ба роман шукӯҳи таърихӣ ва ҳунарӣ бахшидааст, тавоҷӯҳи бешоибаи нависанда ба ҷойгоҳи ҳунарӣ ва мавқеи иҷтимоии шоири бузург мебошад.

Ба ин тартиб, дар андешаю орои С. Улуғзода шахсияти Хотун (“Ривояти Суғдӣ”), Восеъ (“Восеъ”) ва Фирдавсӣ (“Фирдавсӣ”) ва баъзе шахсиятҳои дигари ин осор санади ифтихори миллӣ буда, ба шинохт ва азиз доштани унсури ҳувияти миллӣ ва истиқлоли иҷтимоиву фарҳангии миллат талқин мекунанд, ки дарси худсозиву худшиносӣ барои имрӯзиёну ояндагон аст.

Адабиёт

1. *Демидчик, Л. Охирсухан / Л. Демидчик, М. Шукуров // Улуғзода С. Мунтахабот. Ҷ. 1. - Душанбе: Ирфон, 1982. - С. 445.*
2. *Раҷабӣ, М. Сотим Улуғзода абармарди набард ва андеша / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 172 с.*
3. *Улуғзода, С. Мунтахабот. Ҷ. 1. / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 450 с.*
4. *Улуғзода, С. Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1991. – 256 с.*
5. *Улуғзода, С. Фирдавсӣ. - Душанбе: Адиб, 1991. – 253 с.*
6. *Улуғзода, С. Дар бораи фамилияҳо ва номҳо // Тоҷикистони сурх. – 1940. - 11 июн.*
7. *Улуғзода, С. Ҳақиқати асар ва танқиди он // Маориф ва маданият. – 1977. – 13 январ.*
8. *Шакурии М. Б. Ҳаёт амри маънавист // М. Б. Шакурӣ. Хуросон аст ин ҷо. – Душанбе: Дониш, 2009. - С. 540.*
9. *Шарифов, Х. Гӯяндаи достони таърихӣ / Х. Шарифов. – Душанбе: Сино, 1997. – 220 с.*
10. *Шарифов, Х. Озурдагон ва умедворон / Х. Шарифов. - Душанбе: Сино, 2001. – 195 с..*
11. *Отахонова, Х., Сайре ба бойгонии Сотим Улуғзода // Х. Отахонова. Чеҳраҳои шинохта. – Душанбе: Адиб, 2002. – 172 с.*
12. *Ясперс, К. Смысл и назначение истории / К. Ясперс. – Москва, 1991. – 443 с.*

СОТИМ УЛУҒЗОДА ВА ТАШАККУЛИ АНДЕШАИ ИСТИҚЛОЛИ МИЛЛӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф сарчашмаи асосии ба таърих рӯ овардани Сотим Улуғзодаро ба тасвир кашида, зикр мекунад, ки унсури муҳими андешаи истиқлоли миллӣ дар қиссаи “Ривояти суғдӣ”, романҳои “Восеъ” ва “Фирдавсӣ” хеле хуб нишон дода шудааст. Ба андешаи муаллиф, сарнавишти таърихии халқи тоҷик нависандаро ба ин натиҷа овардааст, ки пешрафти ҷомеаи миллӣ, илму фарҳанг ва саодатмандии инсон танҳо дар давлати миллии мустақил имконпазир аст. Дар андешаи нависанда омили шаклгирии истиқлол ва ҳифзи он фақат ба муносибати беруна вобаста набуда, балки дохилӣ низ мебошад. Намунаи он дар тасвири нависанда таҳоҷуми араб ва созишу мухолифати дохилӣ ба ин ҳодиса аст. Дар қиссаи “Ривояти суғдӣ”, романҳои “Восеъ”-у “Фирдавсӣ”

ва драмаҳои “Рӯдакӣ”-ву “Темурмалик”, “Аҳмади Дониш ва дигарон” ифтихороти миллӣ ҳамчун унсури таъсиргузори ташаккули андешаи истиқлоли миллии нависанда дар назар меояд.
Калидвожаҳо: истиқлоли миллӣ, ҳувият, сарнавишти таърихӣ, ифтихори миллӣ, худшиносӣ, ормони истиқлолхоҳӣ, давлати миллӣ, шукуҳи таърихӣ, ташаккули андеша.

СОТИМ УЛУГЗАДЕ И РАЗВИТИЯ ИДЕИ НАЦИОНАЛЬНОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

В данной статье автор описывает основной источник обращения Сотима Улугзаде к истории и отмечает, что важнейший элемент идеи национальной независимости очень хорошо показан в повести «Согдийское сказание» («Ривояти суғдӣ») и романах «Восеъ» и «Фирдоуси». По мнению автора, историческая судьба таджикского народа привела писателя к выводу о том, что прогресс национального общества, науки, культуры и благополучие человека возможны только в независимом национальном государстве. В мировоззрении писателя фактор формирования и сохранения независимости зависит не только от внешних, но и от внутренних условий. Примером этого в изображении писателя служат нашествие арабов и внутренние согласия или противоречия по отношению к этому событию. В повести «Согдийское сказание», романах «Восе» и «Фирдоуси», а также драмах «Рудаки», «Темурмалик» и «Ахмади Дониш и другие» национальная гордость выступает как влиятельный элемент в формировании идеи национальной независимости писателя.
Ключевые слова: национальная независимость, идентичность, историческая судьба, национальная гордость, самосознание, идеал стремления к независимости, национальное государство, историческое величие, формирование идеи.

SOTIM ULUGZADE AND DEVELOPMENT OF IDEAS OF NATIONAL INDEPENDENCE

In this regard, it is important for Ulugzade that he wants to see his nation free and clean, and his country free and clean, which is a key element of the idea of national independence in the story “The Sogdian Legend”, the novels “Vose” and “Firdavsi”. Another thing is that the historical fate of the Tajik people led the writer to the conclusion that the progress of the national society, science, culture and human well-being is possible only in an independent national state. According to the writer, the factor of formation and protection of independence depends not only on external relations, but also on internal ones. An example of this is Arab aggression and domestic opposition to this incident. In the story "The Sogdian Legend", the novels "Vose" and "Firdavsi" and the dramas "Rudaki" and "Temurmalik", "Ahmadi Donish and others" national pride is seen as an influential element in the formation of the writer 's idea of national independence.
Keywords: national independence, identity, historical destiny, national pride, self-knowledge, dream of independence, national state, historical glory, thought formation.

Дар бораи муаллиф
Бақозода Сайрам Абдусаттор
Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: sbakozoda@mail.ru

Об авторе
Бакозода Сайрам Абдусаттор
Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: sbakozoda@mail.ru

About the author
Baqozoda Sairam Abdusattor
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: sbakozoda@mail.ru

ТДУ 821.222.1.09-31:39

ҲУНАРИ НАҚҚОЛИИ «ШОҲНОМА» ВА СИМОИ АБӮДУЛАФ ДАР РОМАНИ «ФИРДАВСӢ»-И С.УЛУҒЗОДА

Раҳмонӣ Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маълум аст, ки ҳар адиб, чи шоир, чи нависанда ва чи драматург хоҳу нохоҳ дар асараш чи манзуму чи мансуру чи намоишӣ ҳатман дар мавриди муносибе аз фолклор ва фарҳанги суннатии мардум истифода менамояд. Табиӣ аст, ки ин «истифода» ба истеъдод, ҷаҳонбинӣ, мушоҳида, ҳофиза, таҷрибаи ӯ вобаста аст. Ҳар қадар адиб воқеа ва ҳодисаҳои зиёдро дар ҳофизааш нигоҳ дошта бошад ё ба таври мунтазам барои навиштани асари ояндааш маводи лозимро аз байни мардум, аз гуфтори одамон ҷамъ карда бошад, вай ҳамон қадар асари пухта ва мондагор менависад. Мисоли барҷасташ гуфтаи нобиғаи ҷаҳонӣ Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ аст:

Ба гуфтори донандагон роҳ ҷӯй,
Ба гетӣ бипӯю ба ҳар кас бигӯй.
Зи ҳар донише чун сухан бишнавӣ,
Аз омӯхтан як замон нағнавӣ.
Ҷу дидор ёбӣ ба шохи сухун,
Бидонӣ, ки дониш наёяд ба бун [18, с. 28].

«Ба гуфтори донандагон роҳ ҷустан», яъне дар суҳбати одамони донову зираку «донандагон»-и фарҳанги суннатии ниёгон будан аст, ки дар ҳар гӯшаву канори гетӣ зиндагонӣ карда, дар ҳофизаи худ матнҳои зиёдеро дар ёд доранд. Онҳо гӯяндагони машҳури осори устуравӣ, афсонавӣ, фолклорӣ ва суннатҳои мардумӣ мебошанд. Фирдавсӣ таъкид намудааст, ки ба гуфтори онҳо «роҳ ҷӯй», ин гуна донандагонро «ба гетӣ (ҷаҳон, минтақаҳо, маҳалҳо, деҳаҳо) бипӯй», яъне пайдо намо. Баъдан он чи аз ин «донандагон» пайдо намудӣ, «ба ҳар кас», ба дигарон бигӯй, то онҳо низ аз ин «гуфтори донандагон» баҳраманд шаванд.

Фирдавсии нобиға ба идомаи ин гуфтааш ишора бар он низ намуда, ки агар «зи ҳар донише», яъне андарз, устура, афсона, суруд, зарбулмасал, расму оинҳову ҷашнҳо ва ғайра «чун сухан бишнавӣ», ту эй фарди оқил «аз омӯхтан як замон нағнавӣ», хоб нарафта ба таври мунтазам биомӯзӣ. Фақат дар сурати «нағнавида» заҳмати зиёд кашидан, ту (эй инсон) «дидор ёбӣ ба шохи сухун» ва баъди заҳматҳо «бидонӣ, ки дониш наёяд ба бун», яъне натиҷаи кори худро дида шод хоҳӣ шуд.

С. Улуғзода барои таълифи романи «Фирдавсӣ» солҳо машғули таҳқиқи сарчашмаҳои илмӣ, омӯзиши воқеа ва ҳодисҳо, гирдовари мавод шуда, барои навиштани ин романи ҷаззоб омодагӣ мегирад. Барои амалӣ намудани ин нияти нек, адиб пеш аз ҳама чанд намунае аз матнҳои «Шоҳнома»-ро барои наврасон зери унвони «Достонҳои «Шоҳнома» ба наср бармегардонад ва ба умқи масъала бештар ворид мешавад. Воқеа ва ҳодисаҳои таърихи ниёгонро меомӯзад, дар бораи баъзе аз онҳо асарҳои илмиву бадеӣ ва намоишӣ менависад.

Дар бораи рӯзгор ва осори устод С. Улуғзода ва диди ӯ роҷеъ ба Абулқосим Фирдавсӣ Пешвои миллат, муҳтарам Э. Раҳмон ва пажӯҳандагон С. Амир, Х. Асозода, С. Бақозода, Р. Ваҳҳобзода, Р. Мусулмониён, М. Раҷабӣ, Ш. Солеҳов, Х. Шарифзода, С. Эмомалӣ ва дигарон дар навиштаҳои худ суханҳои нек гуфтаанд [ниг.: 1; 2; 3; 5; 6; 9; 10; 12; 14; 19; 20; 21; 22]. Ба идомаи гуфтаҳои ин донишмандон мо оид ба масъалаи дигар – фолклоризм ва мардумнигорӣ дар романи «Фирдавсӣ», изҳори назар хоҳем кард.

Аз мутолиаи романҳои зиёди таърихӣ медонем, ки дар онҳо сохтаҳо ва бофтаҳои муаллифон бештар ҳоким буда, баъзе воқеаҳо ва ҳодисаҳо ба таври муфассал оварда мешаванд ё худи адиб тибқи тақозои асари бадеӣ онҳоро месозад. Гоҳе нависандаи насрнавис чандин воқеаҳои лозиму нолозими таърихиро оварда, пургӯй мекунад. Дар натиҷа хонанда аз мутолиаи ин гуна асар канорачӯи менамояд ё сар-сарӣ варақ мезанад.

Аммо С. Улуғзода ин гуна амал намекунад. Ӯ то ҳадди имкон талош намуда, ки дар романи «Фирдавсӣ» аз сарчашмаҳои мавҷуди таърихӣ, аз устура, афсона ва ривоятҳои мардумӣ ба таври муъҷаз ва гулчин истифода бурда, фақат дар асоси санадҳои мавҷуд ба таври бадеӣ-таърихӣ сухан гӯяд.

Устоди забардасти насри навини тоҷикӣ С. Улуғзода кӯшиш карда, ки дар роман бархе аз унсурҳои фолклорӣ ва суннатҳои мардумии замони Фирдавсиро дар пайвастагии таърихи рӯзгори худаш моҳирона ба қалам диҳад. Нависанда дар раванди таълифи асари хеш талош

намудааст, ки ҳар чи дақиқтар ва холисона, дар асоси сарчашмаҳои таърихии мавҷуд, симои Фирдавсиро офарад.

Дар ин бора донишманди маъруфи тоҷик профессор Х. Шарифов (Шарифзода) дар мақолаи худ «Достони Фирдавсии шоир» роҷеъ ба романи «Фирдавсӣ» назари хешро, хеле мантиқӣ баён намуда, ба чанд нуктаи муҳим ишора намудааст, ки баъзе ин аст. Аввал: «…асари Сотим Улуғзода «Фирдавсӣ» романи адеша ва баҳсҳои илмию ҳақиқатӣ аст, ки дар ниҳоят ба манофеи миллӣ ва ҳимоят аз он бармехӯрад» [20, с. 140]. Дуюм: «Улуғзода, албатта, ҳар як сухан ва кору амали Фирдавсиро сахт дар тарозуи андеша санҷида ва аз суҳони фикр гузаронида, пас ба рӯи коғаз овардааст» [20, с. 141]. Сеюм: «Улуғзода қариб дар саросари роман тасвири манзара, ҳолат, воқеот, муносибат ва умуман кулли гуфторро дар заминаи баррасию муҳокимаҳои фикрии ақлӣ устувор медорад ва аз ҳиссиётпардозиҳо ва ҷунбишҳои завқию рӯҳонии тӯлонӣ худдорӣ мекунад» [20, с. 142]. Чорум: «… дар роман саҳна ва моҷароҳои ҳавасхезу завқангез анқариб ки нест» [20, с. 143]. Панҷум: «Дар хатти воқеот риштаи пайванд, рӯзгори Фирдавсӣ, асосан онҷунон ки дар сарчашмаҳои адабӣ дар шакли воқеӣ ва афсонаю достон шуда меояд, гузориш ёфтааст» [20, с. 144]. Шашум: «Аз оғоз то анҷоми роман сухан аз дониш, суханпрварӣ, фазилат, одоб, эҳтироми таърихи мардуми худ ва суннатҳо, мардию адолат, диёнат, шеъру адаби форсӣ ва муомилаи одамӣ меравад» [20, с. 149-150].

Ба идомаи ин суханони профессор Х. Шарифзода метавон ёдовар шуд, ки дар роман унсурҳои энтографӣ ва фолклорӣ моҳирона ба қалам дода шудааст. Устод С. Улуғзода оид ба маросиму расму оинҳои мардумӣ, ба мисли аёдат, арӯсӣ, базм, зиёрат, зиёфат, бозиҳо, меъморӣ, дуредгарӣ, меҳмондорӣ, хушнависӣ, шабнишинӣ, мушоира, шоҳмотбозӣ, нардбозӣ, рақсу суруд, карнаю сурнай, боғдорӣ, садақа, ҳунарҳо, ҷашнҳо ва ғайра зарифона сухан гуфтааст. Ҳамчунин ӯ аз намунаҳои жанрҳои фолклорӣ ба монанди устура, афсона, ривоят, хоббинӣ, дуо, дуои бад, зарбулмасал, латифа, марсия ва ғайра ё мазмунан ё айнан ёд намудааст. Вале ҳама мухтасар, муъҷаз, оқилона, бидуни беҳудгуфторӣ ва муносиб ба кор рафтааст.

Аз сарчашмаҳо медонем, ки аз замонҳои пеш аз мелод, то истилои араб аз ҷониб хунёгарон ва гӯяндагони касбии моҳири мардумӣ устура, афсона ва достонҳои ҳамосӣ вирди забони хосу ом буд. Гӯяндагӣ ва сарояндагии бархе аз ин достонҳо дар шабнишиниҳо, ҷашнҳо ва маҳфилҳои шоҳону дарвешон вуҷуд дошт. Мардум дар он замонҳои пеш, баъдҳо ва ҳатто то имрӯз маҳз аз тариқи сароидан, баён ва иҷрои матнҳои гуфторӣ лаззати маънавӣ мебаранд.

Дар даврони Ҳахоманишиён, Сосониён, Сомониён дар канори афсонгӯӣ ва қиссагӯӣ хондан ва бо садо сароидани достонҳои ҳамосӣ, паҳлавонию қаҳрамонӣ аз «Худойнома» ва ҳамчунин «Шоҳнома»-ҳои мансур, яъне шоҳномахонӣ, маъмул буд.

Бо диққат ба оғози романи «Фирдавсӣ» назар менамоем. С.Улуғзода аз ҷумлаҳои нахустини худ мақсади аслии хешро баён намудаст. Оғози роман гӯё як барномае аст, ки чи гуна шоир машғули кори бузуг аст, ки бунёди аслии он сарчашмаҳои навишторӣ ва осори гуфторӣ буда, онро Фирдавсӣ бо маҳорати баланд ба назм дармеоварад: «Дар хилвати ҳуҷраи даруни боғ сухан офарида мешавад. Насри хушку беранги достонҳо ба назми тари рангин табдил меёбад. Достонҳо мисли дарахте, ки аз зимистон баромада дар баҳорон андоми бараҳнаашро бо шоху барги сабз мепӯшонад ва гулафшон мешаванд, ба зевари шеър ороста мегарданд. Силсилаи достонҳо аз қаъри торики асрҳо сар зада, **аз ёд ба ёд, аз авлод ба авлод гузашта, то ба замони шоир расидааст** (ишора аз мост – Р.Р.). Шоир аз он силсила шаддаҳои дурру гавҳари сухан ҳамоил месозад. Маҷмаи достонҳо **«Шоҳнома»**-и мансур – китоби ғафси дарозрӯя, дигар китобҳои таърихӣ, ахбору вақоеъномаҳо ба форсию арабӣ бар рӯйи мизи таҳрири шоир, дар тоқчаҳои ҳуҷра хобидаанд ва чандин сол инҷониб пӯшида намешаванд. Дар варақҳо назми мутантани размии шоир, шоҳон ва ҷаҳонпаҳлавонони бостонии Аҷам зинда гардида, корномаҳои аҷибашонро ба шоир нақл мекунанд. Тапотапи суми аспони ҷангӣ, шиҳаи раъдосои онҳо, ҳаёҳуйи размоварон, чакочаки шамшерҳои хунрез, бонги ваҳмангези таблу духулҳо, наъраи фалакпечи карнойҳо мудом дар гӯши шоир танинандозанд. Дар фароғи ҷангу набардҳо **хирадмандон ва донишварони бостонӣ ҳам ба меҳмонии ӯ меоянд, мусоҳибаш мешаванд, панду ҳикматҳояшонро баён месозанд** (ишора аз мост – Р.Р.). Боз рӯйи мизи пасту васеъ дафтари борику дарозе хобидааст. Саҳифаҳои дафтар пур аз хати майдаи нимкӯранд, **қайдҳои хотиротии шоир, ки аз мутолиаи ахбору осори форсӣ, арабӣ, паҳлавӣ ва ҳам ривояту афсонаҳо иборатанду достонсарои пурҳавсала дар шаҳрҳои Эрону Тӯрон гашта, онҳоро аз нақли ровиёни зинда навишта гирифтааст** (ишора аз мост – Р.Р.)» [16, с. 3].

Баробари эҷоди «Шоҳнома» баъзе достонҳо аввал дар хонавода хонда мешуд, баъд аз тариқи дӯстонаш ва писараш дар байни мардум паҳн мегашт. Достонҳои «Шоҳнома»-ро меҳоданд, месароиданд, аз гуфтори шоҳномахонон шунида лаззат мебуданд.

Дар роман ҳанӯз ҳангоми навиштани устураҳо ва афсонаҳои оғози «Шоҳнома» гуфтугӯе байни Фирдавсӣ ва ҳамсараш рух медиҳад. Дар ин тасвири С. Улуғзода гуфтгӯи гуворое сурат мегирад, ки ҷолиб аст. Фотима, ҳамсари шоир зани меҳрубон, мушфиқ, орзуву ормон ва хайёлҳои ширину рангин дорад. Фирдавсии донишманду беҳамто дар бораи гузашта, имрӯз ва ояндаи миллату кишвар андеша меронад, то хосу ом аз он панд гиранд. Суҳбати зану шавҳар ба таври зерин тасвир шудааст, ки нависанда аз ин тариқ арзиши беназири «Шоҳнома»-ро ёдовар мешавад: «Дар дили шаб ба рӯшноии шамъ шавҳару зан **базми ширине оростанд** (ишора аз мост – Р.Р.), май нӯшиданд. Шоир аз нашъаи май сархуш ва аз навои чанг маҳзуз (лаззатманд) ба мақоми мусиқӣ сари дарозмӯяшро алвонҷ медод.

– Аз Эрақ фориғ шудӣ? Баъд аз ин чӣ менависӣ? – чангро гузошта пурсид Фотима.

– **Ровиёни ахбор аксар воқеаҳои таърихро саҳл гирифта, бештар ба зоҳири онҳо аҳамият додаанд** (ишора аз мост – Р.Р.): қиссаҳоро ба назм тавре бояд баён кард, ки муассир ва омӯзанда бароянд.

– Интиқоми хуни Эраҷро менависӣ? Боз куштор, лашкаркашӣ, ҷанг?

– Охир, ман таърихи Аҷамро назм мекунам. Салм ва Тур бедодгар буданд, бедодгарии шоҳон аз бехирадии эшон аст, ҷое, ки хирад бо дод пайванд нест, пайовардаш ба ҷуз зишткорӣ, ба ҷуз балову офат бар сари кишвар ва мардумон нахоҳад буд. Ман бояд инро нависам, то панду ҳикмати қисса ошкор шавад.

– Ҳушангҷон, ман пеш ҳам ба ту гуфта будам ва акнун ҳам мегӯям, ки чӣ хуш буд, агар ту гирди ҷангҳои шоҳону паҳлавонон камтар мегаштӣ ё ҳеч намегаштиву **достонҳое монанди Рустаму Таҳмина, Золу Рӯдоба менигоштӣ. Чунин достонҳо хонандаву шунавандаро ба шавқу завқ меоранд. Мегирёнанд ва механдонанд, дилу ҷонро рӯшной мебахшанд** (ишора аз мост – Р.Р.). Аз ҷангнома чӣ суд? Худат медонӣ, ки бе он ҳам замона пур аз ҷангу ҷидолҳост, халқи олам аз онҳо безоранд.

– Безоранд. Рост мегӯйӣ, вале бояд донист, ки сабабгори ин ҳама ҷангу ҷидолҳои хонумонсӯз чист ва кист… Дар тӯли қарнҳо балову офате, ки пайваста аз ҷангу ҷидолҳо мехезад, ҳазор карат беш аз офати зилзилаҳо ва селҳост. Шоир тавре сухан мегуфт, ки гӯё пеши худ андешаи шунаво мекард. Суханашро давом дод:

– Имрӯз ҳам Аҷам дар вартаи кашмакашҳои хунин аст. Туркони қарохонӣ дар тараддуди лашкаркашӣ ба мулки Сомониёнанд… Аслан, ҷӯши нави ҳамон ҷангҳои бадфарҷоми Эрону Тӯрон… Ман акнун ҷангу ҷадал, харобию табоҳиеро, ки аз фитнаи он ду бародари тоҷдори Эраҷ бархост, менависам, чунон ки аз пеш ҳамин гуна оқибати нобихрадиву нооқибатандешии Ковусшоҳ, Афросиёб ва шоҳони дигарро навиштаам… Навиштам ва менависам, то шояд савобу хатои пешиниён ба имрӯзиёну фардоиён дарси ибрат шавад...

– Дар боби додгарӣ ҳам?

– Албатта. **Гузашти рӯзгорон омӯзгори хубест, ҳар кӣ аз ӯ таълим гирифтан хоҳад, ин омӯзгори пурдон нахуст ба вай ситамгорӣ бар зердастонро манъ мекунад**. Панди шоҳони некусириштu додгар, **ҳикматҳои Бузургмеҳри ҳакимро ман дар «Шоҳнома» ба назм кардам ва хоҳам кард** (ишора аз мост – Р.Р.), то шоҳони ситампеша агар надонанд, бидонанд, ки баҳраашон дар ду олам лаънати Худо ва нафрини халоиқ асту бас… **Абӯдулаф** (шоҳномахон – Р.Р.) **шунидааст, дар шаҳр баъзе касон маро ғойибона таъна мезадаанд, ки умри азизро ба қиссапардозӣ зоеъ мекунам, аз қисса чӣ суд? Ҷоҳилон намедонанд, ки достонҳои ман ҳама панду ҳикматанд, таҷрибаи рӯзгоронанд** (ишораҳо аз мост – Р.Р.). Устод Рӯдакӣ гуфтааст:

Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд.

Гӯянда торафт овозаш пасттар мешуд ва аз хастагӣ пинак мерафт. Фотима ба ғундоштани дастархон шуруъ кард» [16, с. 13-14].

Нависанда ин байти устоди нобиғаи шеъри форсии тоҷикии дарӣ – Рӯдакиро беҳуда наовардааст. «Зи таҷирбаи рӯзгор баҳра» бурдан, ин ҳамоно аз фарҳанги суннатии ниёгон, ба истилоҳи имрӯз, аз фолклору этнография, ки ҳама «таҷрибаи рӯзгор» буда, аз ёдҳо ба ёдҳо, аз наслҳо ба наслҳо интиқол меёбад, баҳрманд шудан аст. Абулқосим Фирдавсӣ аз аввал то охири «Шоҳнома» аз «таҷрибаи рӯзгор», яъне аз фарҳанги мардумӣ истифода намудаст. С. Улуғзода ҳангоми тасвири мубоҳисаҳои Фирдавсӣ бо диндорони арабпараст ба ин масъала хеле ҷиддӣ назар намудааст. Ба он шахсоне, ки фарҳанги арабиро аз фарҳанги ниёгон беҳтар мешуморанд, ба ҳамин «таҷрибаи рӯзгор» назар намуданро ёдовар шудааст.

Дар даврони зиндагии Фирдавсӣ хунёгарӣ, ҳамосароӣ, афсонагӯӣ, қиссахонӣ, қиссагӯӣ, баъдҳо наққолӣ дар шаҳрҳо роиҷ буд. Аз тариқи ин ҳунарҳои маъмул, мардум ғизои маънавӣ мегирифтанд. Яке аз онҳо шоҳномахонӣ буд. Баъди эҷоди «Шоҳнома» суннати ҳамосасароӣ, яъне «шоҳномахонӣ» (ҳам сароидан ва ҳам баён намудани он) бештар шуд. Достонҳои ҷудогонаи «Шоҳнома» зуд дар байни мардум паҳн шудан гирифтанд, ки С.Улуғзода ба ин масъала устокорона таваҷҷуҳ менамояд. Нависанда ин масъаларо дар аввалҳои роман ба таври зерин ба қалам медиҳад, ки чи гуна мардум бо муҳаббат достонҳои «Шоҳнома»-ро мехонанд: «Рӯзе аз рӯзҳо як марди ношинос Фирдавсиро суроғ карда ба Бож омад. Хидматгори шоир ӯро ба ҳуҷраи даруни боғ бурд. Ношинос бо таъзим салом кард:

– Ва аллайкум ассалом. – Фирдавсӣ як лаҳза ба вай назар дӯхта, дар он марди қадпасти лоғарандом, бо ҷомаю дастори на он қадар покиза, рухсораи чӯкидаву риши паҳни жӯлида, ошнои мадрасагии бисту як сол пеши худро базӯр шинохт: – Найсонӣ? Магар шумо Ҳамдуллоҳи Найсонӣ нестед?

– Худам, устод.

Дуяшон аз нав воҳӯрдии бағалкаш карданд.

– Шумо дар Тӯс? – пурсид шоир. – Хайр аст? Хеле дигаргун шудаед, ба зудӣ нашинохтам.

– Чӣ аҷаб, охир бисту як сол гузашт.

– Хайра мақдам, хуш омадед… баъд аз ин қадар солҳо…

Найсонӣ бо вуҷуди таоруфи мизбон ба нишастани пеш аз ӯ ҷуръат накард ва фақат баъд аз нишастани ӯ бо тавозуъ дар пойгоҳ зону зад, вале Фирдавсӣ ӯро хезонда дар паҳлуи худ нишонд.

– Аз Нишопур омадед? Кай?

– Ду моҳ шуд. Аз қазову қадар ҳоло сокини шаҳри шумоям. Ҳамаро нақл мекунам, устод… овозаи устод, албатта, кайҳо ба гӯши банда ҳам расида буд, **дар маҳфилҳои нишопуриён ҳам достонҳое аз «Шоҳнома»-ро, ки баъзе ашхоси хуштолеъ тавонистаанд ба даст оранд, мехонанд, аҳсану офарин ба шоири муаззам вирди забонҳост** (ишора аз мост – Р.Р.)» [16, с. 15-16].

Инак, бунёди аслии шоҳномахонӣ, дар замони Фирдавсӣ, ҳамин «Шоҳнома» гардид. Шоҳномахонҳо бо овози гуворо достонҳои «Шоҳнома»-ро ҳам месароиданд ва ҳам чун ҳунарманди иҷрогари саҳна баён менамуданд. Ин буд, ки аз он даврон то имрӯз дар Хуросони Бузург ҳунари наққолӣ ба вуҷуд омад, ки наққолон асосан достонҳои «Шоҳнома»-ро месароиданду нақл мекарданд, яъне шоҳномахонӣ мекарданд.

Устод С.Улуғзода дар романи «Фирдавсӣ», аз аввал то охир, чун хатти сурх, ба шоҳномахонӣ ба ин суннати арзишманди мардумӣ таваҷҷуҳи вижае намудааст. Ана ҳамин нуктаи муҳиму ҷаззобро адабиётшиноси маъруфи тоҷик профессор Р. Мусулмониён, ҳангоми баррасии романи «Фирдавсӣ» хуб дарк карда гуфтааст: «Яке аз муҳимтарин ҳадафҳои устод Улуғзода нишон додани моҳияти «Шоҳнома» ва эътибори рӯзафзуни тоифаҳои гуногуни халқ ба ин асари безавол будааст. Шуҳрати «Шоҳнома» нисбатан барвақт, ҳанӯз таълифи он ба анҷом нарасида сар мешавад. **Обрӯи он пеш аз ҳама дар миёни толибилмони мадраса оғоз меёбад, пас ба маъракаҳои мардумони одӣ меафтад, дар ҳалқаҳои ҳунармандон хонда мешавад. Ба базмҳои хосаи ҳокимону амирон ҳам роҳ меёбад** (ишора аз мост – Р.Р.). Нависанда шавқу рағбати мардумро ба ҳамоса дар ҳама ҷо – дар Божу Тобирон, Ҳироту Бағдод, Ғазнаю Омул ва ғайра гаштаю баргашта таъкид намудааст, ки асоси маҳкам дорад. Ҷолиби диққат аст, ки «Шоҳнома»-ро деҳқонону ҳунармандон, зиёиёни пешқадам, ҳокимони равшанзамир бо дилу ҷон қабул мекунанд, гӯяндаашро болои дида мегузоранд; шоирони ҳасуди нотавонбин, ҳокимони кӯрдилу сиёҳкор ночор ба даҳои шоир тан медиҳанд; танҳо ду-се муллобашараю шоиртарош, ки умуман имони устувор надоранд, ба муқобили шоҳасар ва соҳиби он ошӯб мебардоранд» [10, с. 259].

Дар ҳар давру замон нисбати корҳои шоиста бахлию ҳасудӣ ҳаст. Ба хусус дар бораи он асари беназире, ки таърихи чандҳазорсолаи ниёгони моро дар бар мегирад. Дар ин шоҳасар расму оинҳои ғайрисломии пешиниён тасвир шудааст, ки ин ҳатман боиси хусумату кинаву адовати диндорон нашуда наметавонист. Дигар ин ки зуд ба дили мардум роҳ ёфтани достонҳои «Шоҳнома» низ боиси ҳасодат шуд. С. Улуғзода ин ҳамаро дар қолаби асари бадеӣ тасвир намудааст. Лавҳаҳо, воқеаҳо ва ҳодисаҳое, ки ӯ тасвир намудааст ба воқеияти зиндагӣ мувофиқат мекунанд. Аз мутолиаи роман метавон чунин бардошт кард, ки нависанда кӯшиш намудааст, ҳар лаҳзаро дар муҳити таърихии замон, бо диди илмии бадеӣ тасвир намояд. Дар роман омадааст, ки ба гӯши Фирдавсӣ аз ҳар гӯшаву канор иғвогариҳо мерасад. Шоири ҳассос зиқ мешавад ва мехоҳад ба назди одамони масъул раваду фаҳмонад,

аммо боз ҳам таҳаммул менамояд. Нависанда аз тариқи симои имом, шайх ва дӯсташ Найсонӣ ва дигарон лаҳзаҳои пумоҷароро тасвир менамояд. Агар имому шайх мухолифи фарҳанги пешин бошанд, вале Найсонӣ аз таълифи достонҳои ҳамосӣ лаззат бурда, гуфтаҳои рақибонашро ба Фирдавсӣ мерсонад. Ба муҳити исломии он замон «Шоҳнома» чи арзиш дошт, ки дар он воқеаҳои пешазисломӣ тасвир шудааст. Нависандаи роман ба ҳамин нуктаҳо таваҷҷуҳ намуда, ду неруро ба ҳам муқобил мегузорад. Яке тарафдорони Фирдавсӣ дигаре нотавобинону мухолифи фарҳанги ниёгон.

Чунин нотавонбинӣ ва иғово аз даҳон ба даҳон, нисбати Фирдавсӣ ва фаълияти эҷодии ӯ дар байни занҳо низ паҳн мешавад. Кирдори яке аз иғвоҳоро ҳамсари шоир ҳам мешунавад, ки С. Улуғзода аз тасвири ин гуна лавҳаҳои зиндагӣ, дар чи ҳолат қарор доштани Фирдавсиро нишон медиҳад. Ба ин восита ӯ гуфтан мехоҳад, ки таълифи «Шоҳнома» худ аз худ ба вуҷуд намомадааст. Дар рафти эҷоди он, баробари густариши достонҳои ҷудогона ҳасудон низ мубориза мебаранд ва кӯшиш менамоянд, ки ба густариши достонҳо халал расонанд.

Аз як тараф достонҳои «Шоҳнома» ҳам дар байни хонандагон ва шунавандагон паҳн мешавад, аз тарафи дигар шахсони ҳасуд низ кунҷкобона баъзе аз достонҳои шоирро «рӯбардор карда» мехонанд, ки онҳо чиро дар бар мегиранд. Нависанда ба таври мантиқӣ тасвир намудааст, ки дар замони зиндагии Фирдавсӣ аҳли савод ба хондани баъзе достонҳои «Шоҳнома» майли зиёд пайдо кардаанд. На танҳо майл, балки шефтаи тасвирҳои Фирдавсӣ шудаанд. Аммо иғвогарон ба мисли Абдунабӣ бар зидди шоир амал мекарданд. Аз тасвири С. Улуғзода маълум мешавад, ки шайх воқеаро ба ҳокими Тӯс Абулқодири Меҳмон гуфтааст: «Банда чун инро шунидам, гуфта будам, ки Абулқосим марде зоҳид ва аз уламои дин буд, акнун аз сирати худ баргашта ситоишгари бадбунёдон шудааст, ки ин роҳ ӯро ба куфру бидъат мебарад. **Баъзе қиссаҳои ӯ акнун дар байни хосу ом ва алалхусус толибилмон ошкоро қироат карда мешавад** (ишора аз мост – Р.Р.). Дар ҳаққи нигорандаи чунин қиссаҳо итобу сиёсат кардан лозим ва воҷиб аст» [16, с. 25-26].

Аз тасвири баҳси Фирдавсӣ ва имом Абдунабӣ мебинем, ки гуфтугӯ дар бораи достонҳои «Шоҳнома» аст. Дар ин ҷо ду ақидаи ба ҳам зид дар мубориза тасвир шудааст. Яке андешаи фарҳангдӯстию худшиносии миллии Фирдавсӣ ва дигаре ақидаи имоми арабпарасту хурофотии Абдунабӣ аст. Нависанда чунин тасвир мекунад, ки баҳс идома меёбад. Ҳатто мардум ба шунидани он майл пайдо менамоянд. Дар мубоҳиса Найсонӣ ва Абӯдулаф низ ҳузур доштанд.

Маъмулан дар ин ё он маврид баҳс намудан дар байни мардум ҳамчун одати анъанавӣ вуҷуд дорад. Басҳо низ як навъ расми суннатии мардумӣ аст. С. Улуғзода хеле зиёд шоҳиди ин гуна мубоҳисаҳои гуногуни замони худ буд, ки ба таври муқоисавӣ дар байни онҳо ҳамгуниҳо аст. Дар ин ҷо нависанда баҳсро дар пайвастагии шоҳномахонӣ ба қалам додааст. Дар баҳс Абӯдулаф низ ҳамроҳ шуда, **лаҳзаҳои нофаҳмоеро аз достони «Зол ва Рӯдоба» нақл мекарду мефаҳмонд ва ҳам порчае аз достонро бо садои гуворо азёд мехонд** (ишора аз мост – Р.Р.). Бо шунидани байтҳои беҳамто: «Шунавандагон ҳар дам «баҳ! баҳ!» гӯён сар меҷунбониданд, аз шеъри рангину сухани намакини шоир ҳаловат мебурданд» [16, с. 31].

Ҳангоми шоҳномахонӣ мардум таҳти таъсири байтҳои писандида ва лаҳзаҳои ба худашон хушоянд сар меҷунбонанд, садоҳои гуногун мебароранд. С. Улуғзода як лаҳзаи хурдеро меорад, ки дар раванди ин баҳс «деҳотии куҳансоле овоз бароварда мегӯяд:

«– Он духтар монанди Аноҳид будааст! Шунида будам, Аноҳидро дар «Авасто» худованди рӯдҳо ва киштҳо гуфтаанд ва ӯ шабеҳи зеботарин духтаре будааст.

Фирдавсӣ гуфт:

– Ниёгони мо кундтабъони хушкидадимоғ набудаанд, мардумони хушзавқ будаанд, ки зебоиро дӯст медоштанд ва мепарастидаанд» [16, с. 31].

Дар ин ҷо С. Улуғзода ҳунармандона ёдовар мешавад, ки дар он рӯзгорон «Авесто» ва баъзе ниёишҳо ва лавҳаҳои ин китоби ниёгон дар зеҳни мардум будааст.

Дар масҷидҳо вазъ намудан дар ҳар давру замон анъана аст. С. Улуғзода дар фасли «Вазъи шайх Абулқосим» аз ҷониб ин шайх, имом ва тарафдоронаш сарзаниш шудани Фирдавсиро тасвир менамояд: «Сипас шайх муъминонро огоҳӣ дод, ки баъзе ашъори шоирони сустэътиқод, баъзе маҷозоту истиорот ва қиссаву ҳикояти онон низ сабаби қувват гирифтани куфру бидъат мешаванд, чунончи ин вақтҳо дар «маҳофилу маорик» **қироати қиссаҳое аз «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ расм шудааст ва ҳол он ки ин шоир дар он қиссаҳо мардуми замони ҷоҳилияро, оташпарастонро, маҷусону габронро васф мекунад. Муъмину мусалмон ҳаргиз набояд он қиссаҳоро бихонанд ва ё қироати онҳоро бишнавад** (ишора аз мост – Р.Р.). Ва ҳоказо ва монанди инҳо…» [16, с. 46].

Тибқи таҳқиқи бадеии муаллифи роман махлуқоти устураву афсонаҳои мардумӣ низ дар зеҳни мардум вуҷуд дошт. Одамони қадим ба онҳо бовар доштанд: «Ҳамдиёрони Фирдавсӣ ҳам монанди вай эътиқод доштанд ба ин, ки ҳамаи қаҳрамонони достонҳо, – на фақат онҳое, ки таърихӣ мебошанд, балки онҳое ҳам, ки мо асотирӣ ва афсонавиашон мешуморем, – дар қадим зистаанд ва ҳатто деву аждарҳо низ мавҷуд буд ва бо мардумон ҳар ранг муносибате доштаанд» [16, с. 46].

Фирдавсӣ ба таври мунтазам кор мекард, ки нависанда ҳамин заҳмати ӯро дар ҳар ҷои роман оқилона ёдовар мешавад. Ҳам аз «Шоҳнома» ва ҳам аз тасвири С. Улуғзода мушоҳида менамоем, ки ҳамсари Фирдавсӣ бонуи босавод, оқила ва аз ҳама муҳим донандаи афсонаву достонҳои мардумӣ аст. Нависанда ин бонуи меҳрубони ҳамдами Фирдавсиро бо муҳаббат тасвир намудааст, ки ӯ на танҳо ҳамсари меҳрпавари шоир аст, балки дар навиштани «Шоҳнома», машвартгар ва илҳомбахши ӯ мебошад. Албатта, худи Фирдавсии бузурговор низ дар бораи ҳамсараш, ки чи гуна «Достони Бежан ва Манижа»-ро барояш нақл мекунад ва баъдан ӯ ба назм меоаврад, ёдовр шудааст. Ин ҳолати пурмуҳаббати шоҳномахонӣ дар қалами С. Улуғзода ин гуна аст: «**Фотима хонанда ва гӯяндаи моҳир бо овози софу маҳинаш қиссаҳоро шавқангезтар, ҷозибаноктар мегардонид** (ишора аз мост – Р.Р.). Шоир пешниҳоди ӯро чӣ тавр бо ҷону дил напазирад? Метавонист қиссаҳоро худаш хонда ба назм гардонад, лекин аксаран ба ҳамсараш хононда ба хотир мегирифту сипас ба китоб нигоҳ накарда дар риштаи назм мекашид. **Дар хониши Фотима достонҳо бо рангу маъниҳои нави худ ҷилва ва қаҳрамонони онҳо бо сурату сирати хосе дар дидаи хаёли шунаванда намудор мегардиданд** (ишора аз мост – Р.Р.).

Бигуфтам: «Биёр, эй маҳи хубчеҳр,
Бихон достону биафзой меҳр.
Магар табъи шӯрида бикшоядам,
Шаби тира з-андеша хоб оядам.
Зи ту табъи ман гардад ороста,
Аё меҳрубон ёри пероста!
Ҷунон чун зи ту бишнавам дар ба дар.
Ба шеър оварам достон сар ба сар.

Фотима аз китоб ба хондани достони «Бежан ва Манижа» шуруъ кард (ишора аз мост – Р.Р.). Шоир ҳама тан гӯш ва ҳама ҷон ҳуш гардид» [16, с. 54-55].

Ба гуфти ҳам Фирдавсӣ ва ҳам тасвири С. Улуғзода ҳамсари шоир низ шоҳномахон аст. Тавре ки дар боло ишора намудем аз аввал то охири роман суннати шоҳномахонӣ инъикос ёфтааст. Ин шоҳномахонӣ аз хонаводаи Фирдавсӣ шуруъ шуда, дар маҳфилҳо, маъракаҳо, ҷашнгоҳҳо ва ба таври куллӣ дар байн мардум равнақ пайдо намудааст. Ин аст, ки шоҳномахонӣ ҳамчун суннати мардумӣ то имрӯз дар байни омма ҷойгоҳи хешро дорад. Дар тӯли беш аз ҳозор сол садҳо ровиёни «Шоҳнома» дар байни мардум вуҷуд доштанд, ки касбашон асосан хондан, ба монанди актёри театр баён ва иҷро намудани достонҳои қаҳрамонию паҳлавонии «Шоҳнома» буд. Дар роман зери унвони «Абӯдулаф» бахши махсусе аст, ки дар он нависанда ҳунари шоҳномахонии як ровии ҳунармандро тасвир менамояд, ки дар замони Фирдавсӣ чунин ровиёну наққолони хушгуфтор дар байни мардум зиёд буданд. Образи Абӯдулаф як навъ обарзи типии шоҳномахонон аст.

Дар илми фолклоршиносӣ, дар кишварҳои гуногуни олам роҷеъ ба шахсият ва маҳорати ровиён (гӯяндагон, афсонагӯён, қиссагӯён, наққолон) маълумот гирдоварӣ карда, асарҳои илмӣ таълиф намудаанд. Масалан, дар фолклоршиносии рус шахсияти гӯяндагонеро мавриди пажӯҳиш қарор додаанд, ки онҳо беш 50, 70 ва ҳатто 100 матнро дар ёд доштаанд. Аз ҷумла пажӯҳандагон аз ровии моҳир Е. И. Сороковикова-Магая қариб 200 афсона ва матнҳои дигари насрӣ сабт карда, маҳорати гӯяндагии ӯро дар мақолаҳо ва рисолаҳои илмӣ мавриди пажӯҳиш қарор додаанд [ниг.: 8; ва 11, с. 128-164]. Аммо то имрӯз роҷеъ ба зиндагинома, репертуар ва маҳорати ровиёни насри гуфтории тоҷикон рисолаи илмӣ таълиф нашудааст.

Тавре ки устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» аз ҳунари афсонагӯии Тӯтапошшои бесаводи донандаи афсонаҳои зиёд бо муҳаббат ёд мекунад, С. Улуғзода дар романи Фирдавсӣ ҳунари ровигӣ ва шоҳномахонии Абӯдулафи босаводро то охири асар ҳамроҳ мебарад. Тасвири ровии хушовозу наққоли моҳир Абӯдулаф як навъ симои типии ровиёне мебошад, ки дар замони Фирдавсӣ ва баъд аз он низ буданд. Нависанда дар фасли махсус шахсияти ӯро муаррифӣ менамояд ва сабаби ба ровигӣ ва шоҳномахонӣ рӯ овардани эшонро баён мекунад. Барои он ки шоҳномахонӣ дар тӯли ҳазор сол дар байни мардум роиҷ буд ва чунин ҳунармандон ба мардум ғизои маънавӣ мебахшиданд: «Вай ва Ҳушанг дар мадраса таҳсили илм мекарданд, шарикдарс буданд. Боре Ҳушанг аз «Шоҳнома»-и падараш қиссаи набарди

Рустам бо Ашкбӯсро ба мадраса оварда, дар ҳалқаи рафиқонаш хонд, онҳо бо шавқу завқ шуниданд, баъзе толибилмон қиссаро рӯбардор карда гирифтанд. Яке аз онҳо Абӯдулаф буд, вай дар байни толибилмон бо зеҳни тез ва ҳофизаи қавӣ мумтоз буд, метавонист аз китобҳо варақ-варақ матни мансурро аз ёд кунад, пораҳои манзум, қасидаҳои томро бо ду-се бор хондан ҳифз мекард. Албатта, достони **«Набарди Рустам бо Ашкбӯс»**-ро ба зудӣ азёд кард ва ба оҳанги махсуси достонхонӣ моҳирона қироат менамуд. Овози дилчасп ва муассире дошт. Ҳофиз ва ровии хушхон дар шаҳр овоза шуд, ӯро барои достонхонӣ якзайл ба даврaҳо ва маъракаҳо даъват мекарданд» [16, с. 56-57].

Дар идомаи ин бахш С.Улуғзода дар бораи Абӯдалаф навиштаст:

«Навкар гуфт: «**Шумо қиссахон будаед** (ишора аз мост – Р.Р.), қиссаҳоятонро бо худатон гирифта баред, будааст». Ин гапро шунида дилам саҳл қарор гирифт, фаҳмидам, ки ҳоким толиби достони «Рустаму Суҳроб» шудааст. Ҳоким, албатта, **шунида буд, ки ман ин қиссаро дар маҳфилҳо мехонам»** (ишора аз мост – Р.Р.) [16, с. 59].

Ҳатто Абӯдулаф ҳадяи аз шоҳномахонӣ ба даст овардаашро мехоҳад ба Фирдавсӣ тақдим намояд, аммо шоири беҳамто мегӯяд:

«– Абӯдулаф! **Ту ровии мумтоз ҳастӣ. Ровигӣ ҳунар аст ва аз пушти ҳунар музд ёфтан айб нест** (ишора аз мост – Р.Р.). Мебоист худам ба ту инъом эҳдо мекардам аз барои он ки ашъори маро барои мардумон мехонӣ ва шоеъ мекунӣ» [16, с. 61].

Ин ҳунари шоҳномахонӣ, ки онро баъдҳо дар Эрон «наққолӣ» ва дар байни тоҷикони Осиёи Миёна «қиссахонӣ» мегуфтанд, то нимаи аввали садаи ХХ роиҷ буд. Дар Эрон наққолӣ ҳанӯз ҳам роиҷ аст ва ҳатто дубора эҳё мешавад. Аммо «қиссахонӣ»-и тоҷикон кам-кам аз байн рафта, хеле андак боқӣ мондааст. Ба ҳар ҳол то имрӯз дар ёди баъзе калонсолон ҳунари шоҳномахонӣ бозмондааст, ки мо дар ин бора ба таври муфассал дар китоби «Шоҳнома» дар байни тоҷикон» сухан рондем [ниг.: 13].

Дар он замонҳо ровиён низ обрӯ ва эътибори вижае доштанд. Ҳам мардум ва ҳам ашроф аз ҳунари онҳо баҳраманд мешуданд. Ровӣ, аз ҷумла шоҳномахон, барои хосу ом ғизои маънавӣ мебахшид. Аз ин рӯ, дар роман Абӯдулаф то охири умр бо Фирдавсӣ ҳамдам ва ровии асосии «Шоҳнома» буд.

Боре чунин мешавад, ки шахси бомаърифат, ҳокими нави Тӯс Ҳусайн Қутайба аз сароиш ва ривояти Абӯдулаф огоҳ шуда достонеро мешунавад. Дар роман мувофиқи тасвири нависанда Абӯдулаф ба Фирдавсӣ дар бораи ӯ иттилоъ медиҳад. Дар дили шоир тамоюле пайдо мешавад, ки ба дидори ҳоким равад, вале худи Ҳусайн Қутайба як бегоҳӣ ба зиёрати шоир меояд. Баъди ба хона ворид шудан Ҳусайн Қутайба дар ситоиши ровӣ Абӯдулаф мегӯяд:

«– **Ровии хушхони шумо достони «Рустаму Суҳроб»-ро барои мо хонд** (ишора аз мост – Р.Р.), – гуфт ҳоким. – Ваҳ, чӣ достони оламгире нигоштаед! Сухани шумо муфорахат, далерӣ, мурувват, таҳаввур (шуҷоат ва ҷасорати зиёд) меангезад» [16, с. 63].

Нависанда дар раванди мулоқоти ҳоким ва шоир ҳам дар бораи рӯзгори Фирдавсӣ ва ҳам роҷеъ ба «Шоҳнома» сухан меронад. Ҳусайн Қутайба, ки марди фозил ва донишманд буд, аз «Шоҳнома»-и мансур низ огоҳ буд. Дар муқоиса шоирро ситоиш мекунад:

«– Ман «Шоҳнома»-и мансурро хонда будам, дар вай **«Пандномаи Нӯшервон»** набуд, ин пандҳои судманд аз худи шумост. **«Андарзномаи Баҳроми Гӯр»** ҳам дар «Шоҳнома»-и мансур дигаргуна аст, шумо дар назм онро жарфтар бурда, ба вай чандин нуктаҳои ҳакимона афзудаед. Чунончи ин пандҳо, – гӯён Қутайб аз варақ хонд» [16, с. 65].

Аз суҳбати Қутайба маълум мешавад, ки ӯ ҳамроҳи Абӯмансури Муҳаммад ибни Абдураззоқ кор кардааст. Дар ин бора С. Улуғзода навиштааст: «Фирдавсӣ ривоят кард, ки Ибни Абдураззоқ, дӯстдорандаи ахбору осори Ачам, чун нахуст волии Ҳирот ва сипас чанд гоҳе сипаҳсолори Хуросон шуд, пораҳои парешони «Худойномак» – **ахбори шоҳон ва паҳлавонони бостониро аз ҳар гӯшаю канори мамлакат ҷамъ оваронда, аз паҳлавӣ ба форсии дарӣ гардонда, ривоятҳои қадимии то ба ин замон расидаро аз ровиён ва ноқилон нависонда гирифт, ҳамаро дар як китоб гирд оваронд ва китобро «Шоҳнома» ном кард, ки ба наср навишта шуда буд. Китоб дар саросари мамлакат шуҳрат пайдо кард, дар ҳар ҷо ки «Шоҳнома» дастрас мегардид, онро бо шавқу ҳавас мехонданд** (ишора аз мост – Р.Р.), ба он дил бохт. Абулқосими Ҳасан *(тахаллуси Фирдавсиро вай дертар гирифт)* дар соли пайдоиши он китоб дар Нишопур талабаи мадраса буд, яке аз шарикдарсони вай, ки падари соҳибмансабаш нусхае аз Шоҳнома»-ро дошт, **онро гоҳе ба мадраса оварда, дар ҳалқаи талабагон қироат мекард** (ишора аз мост – Р.Р.), ҳамон вақт буд, ки Абулқосим шефтаи он китоб гардид» [16, с. 66-67].

Ба ин тасвири боло бо диққат нигаред, ки нависанда чи кори оқилона намуда, ба таври мантиқӣ ишора бар он менамояд, ки худи Фирдавсӣ низ дар ҷавонӣ шоҳномахон буд. С.

Улуғзода дар роман гуфтааст, ки Фирдавсӣ аз сарчашмаҳои асосии «Шоҳнома» ва шуҳрати шоҳномаҳои мансур дар шаҳрҳо ва аз ҷумла аз Дақиқӣ низ ёдовар мешавад: «Шоир нақли худро идома дода, ба болои таърихи назми «Шоҳнома»-и мансур омад. Ин китоб ниҳоят нодир буд, мегуфт ӯ, – якто-нимто касон, ки доштанд, бо доштани он фахр ва таҷаммул мекарданд, онро ба касе намедоданд ва ба нусха бардоштан аз он монеъ мешуданд, то ки мояи ифтихору таҷаммулашон коста нашавад. **Толиби илм ва шоири ҷавон Ҳасани Абулқосим аз ғояти шавқу шефтагӣ, ки ба «Шоҳнома» дошт, баъзе пораҳои онро аз ёд назм мекард** (ишора аз мост – Р.Р.) ва ният дошт, ки як вақт нусхае аз он китобро ба даст оварда ҳамаашро назм кунад, вале пас аз чанде хабар расид, ки шоири бухороӣ Муҳаммад Дақиқӣ бо амри Мансур ибни Нӯҳи подшоҳи Сомонӣ ба назми «Шоҳнома» пардохтааст. Онгоҳ Абулқосим ночор аз нияташ даргузашт. Аммо толеъ ба Дақиқӣ бевафоӣ карду вай ногаҳон бо дасти ғуломаш кушта гардид. Оташи қариб хомӯшшуда дар дили Абулқосим аз нав шуълавар гашт. **Вай ба ҷустуҷӯйи нусхае аз «Шоҳнома»-и мансур афтода, ба суроғи он то Марву Бухоро, Ҳироту Чоч рафт, наёфт, ба иваз дар Марву Ҳирот ва Чоч чанде аз пирони донишвар ва мубадонро зиёрат кард ва аз забони онҳо тарҳи дигари ривоятҳои дар «Шоҳнома»-и мансур сабтшуда ва боз қиссаҳои нави дилангез шунид** (ишора аз мост – Р.Р.). Ва билохира ҳазор байти аз «Шоҳнома»-и мансур назмкардаи Дақиқиро, ки дар Бухоро ба даст оварда буд, роҳовард гирифта, ба Тӯс баргашт. Аммо ҷӯянда ёбанда аст ва нияти хайр беоқибат наемонд. Дӯсти фозили ӯ Муҳаммади Лашкарии Тӯсӣ як нусхаи китобро аз куҷое ёфта, ба вай тақдим кард. Инак, сездаҳ сол инҷониб вай ба назми «Шоҳнома» машғул аст» [16, с. 67].

Он шаб байни Фирдавсӣ ба Қутайба суҳбати хосае буд, ки асосан дар атрофи эҷоди «Шоҳнома». Шоир ин марди фозилро дар канораш дида, ба вай бо муҳаббат аз заҳматҳои худ ёд мекард. Чи гуна, бархе аз достонҳоро аз сарчашмаҳои навишторӣ ва гуфторӣ гирд овардааст ба Қутайба нақл менамуду зимнан шод мешуд, ки ин ҳокими нексиришт ӯро бо диққат гӯш мекунад: «– Агар кори банда фақат назм кардани қиссаҳои тайёр мебуд, кор саҳл буд, – гуфт дар охир Фирдавсӣ, аммо дар ҳақиқат ин тавр нест. **Маро лозим меояд, ки аз гунаҳои ривоятҳои ҳар як достон беҳтаринаш баргузинам ва сипас ин беҳтаринҳоро аз ҳар гуна зиёдатиҳо, беработиҳо ва ғайраҳу тоза, ноҳамвориҳоро ҳамвор кунам, ҷойҳои холиро пур кунам, миёни воқеаҳо равобити ботиниашонро дарёбам ва барқарор созам, маъно ва мафҳуми инҳоро биҷӯям. Ба илова, чандин достонҳо дар «Шоҳнома»-и мансур нестанд, банда онҳоро аз дигар маъхазҳои хаттиву шифоҳӣ ба даст овардаам. Дар ривоятҳо воқеаҳои таърихӣ гоҳе ғалат баён шуда ё ғалат тафсиру ташреҳ шудаанд, ҳақиқати инҳоро низ дарёфтан ё ба ҳадсу (бо фаросат дарёфтан) қиёс барқарор кардан лозим меояд. Хулоса, маҷмуи ривоятҳо моддаи хоме беш нестанд, банда аз онҳо достони комил дармеоварам** (ишора аз мост – Р.Р.), ки аз «Худойномак» тафовути куллӣ дорад» [16, с. 68].

Агарчи рӯзгори Фирдавсӣ аз ҷиҳати моддӣ сол то сол бад мешуд, вале достонҳои «Шоҳнома» ҳам дар шакли навишторӣ ва ҳам гуфторӣ густариш меёфт. Достонҳои ҷудгона дар маъракаҳои қиссахонӣ вирди забонҳо гардида, мардумро мафтун месохтанд, ки нависанда ба ин нукта ба таври зерин ишора намудааст: «Достонҳои ҷудогонаи «Шоҳнома» ба тавассути нусхабардориҳо паҳн шуда буданд, онҳоро дар маҳфилҳои фозилону даврaҳои қиссадӯстони Тӯс ва шаҳрҳои дигар бо шавқу ҳавас мехонданд, аммо касе намепурсид, ки офаридгори он достонҳо дар чӣ ҳол аст. Насиби шоир аз достонҳояш таҳсину офарин буду бас, дигар ҳеч» [16, с. 81].

С. Улуғзода ҳамчун нависандаи ҳассос ва пурдон ҳар чизеро, ки тасвир мекунад, аввал меомӯзад, то ки воқеияти он замонро дуруст инъикос кунад. Дар даврaҳои пеш, дар тӯли ҳазор соли охир шунидани достону афсонаву қиссаҳо ва сурудани онҳо дар байни мардум, ҳамчунин дарбори шоҳон, амирон, вазирон ва хонаводаашон роиҷ буд.

Пажӯҳишгари америкоӣ А.Б.Лорд бо мисолҳои фаровоне изҳори назар менамояд, ки аз миёни мардум худаш ва устодаш (Милмэн Пэрри) афсонаву достонҳои ҳамосиро гирд овардааст ва тарзи иҷрои гӯядагони гуногунро мушоҳида намудааст, роҷеъ ба ҳунари гӯяндагии Гомер ва асарҳои ӯ “Илиада” ва “Одиссея” сухан рондааст. Дар “Ҳазору як шаб”, ки роҷеъ ба шахсияти ровиёни воқеӣ ишорате ба назар намерасад, М. Герхардт низ ба он дахолат намекунад. Ӯ ба маҳорати гӯяндаи номаълум, яъне Шаҳрзоди афсонапардоз ва афсонаҳои гуфтаи вай бо ангушти ҳайрат менигарад ва онҳоро бо диққат таҳлил менамояд [4; 7].

Ҳусайн Воизи Кошифӣ “Дар баёни қиссахонон ва афсонагӯён” роҷеъ ба қиссахонии замони худаш иттилои дақиқ дода, ҳамчун як навъи маъмулу машҳури суннати омӣ маъмул будани онро баён намудааст. Ровии машҳури дарборӣ Мирзо Бархурдори Фароҳӣ дар

Исфаҳон дар хидмати Ҳусайнқулихон буда, беш аз 400 матнро гирдоварӣ ва бо забони фасеҳ дар маҷӯаи «Маҳбуб-ул-қулуб» ҷо намудааст [ниг.: 6; 17].

Баёни гуворои ровиёни машҳур, ки маҳорати беҳамто доштанд, на танҳо ба халифаҳои Димишқ, балки дар ҳар давру замон овозаи онҳо то ба гӯши дарбориён мерасид ва эшон барои табақаи болои ҷамъият бо таъсири сухани худ лаззати маънавӣ мебахшиданд. Дар ин бора низ устод Зарринкӯб афсонагӯёну қиссагӯёну наққолони замони Сафавиёнро ба ёд оварда навиштааст: “Дар аҳди Сафавиён на фақат дар “қаҳвахона”-ҳо, ки маҷмаъи аҳли завқ буд нақли ин гуна афсонаҳо ривоҷ дошт, балки **дар дарбору ҳарамсаройи подшоҳон низ “қиссахонҳо”-ро ба алоқа ва гармӣ талаққӣ мекарданд ва маҷмуаҳое, ки гоҳе аз ин “ноқилони ахбору тӯтиёни шакаршикани ширингуфтор” ба даст меояд ҳикоят аз ривоҷи ин гуна афсонаҳо дар маҷолис унси он рӯзгорон дорад**” (ишора аз мост – Р.Р.) [5, с. 919].

Устод С. Улуғзода аз ин сарчашмаҳо огоҳ буд. Инак, адиб яке аз чунин маҳфилҳои шоҳомахониро тасвир менамояд, ки он дар «кӯшки бибии вазир» сурат гирфтааст: «Фирдавсӣ бо Абӯдулаф бегоҳии рӯзи дигар дар кӯшки бибии вазир ба ҳуҷраи ӯ ҳозир шуданд. Бо хоҳиши ӯ Абӯдулаф **ба хондани достони «Баҳроми Чӯбина» шуруъ кард. Он шаб хониш тамом нашуд, боз ду шаби дигарро вақфи хондану шунидани достон ва мусоҳиба дар бораи он карданд** (ишора аз мост – Р.Р.). Исфароинӣ шеъри шоир ва хониши ровиро бениҳоят хуш кард, достонро бағоят ҷозиби таассурангез ва шоирро достонсарои дар Аҷам якто хонд» [16, с. 110].

Дар роман, дар ҳузури Исфароинӣ лаҳзаҳое тасвир шудааст, ки Абӯдулаф шоҳномахонӣ мекунад ва вазир ба мазмуни матнҳо гӯш медиҳад. Ҳангоми шоҳномахонии Абӯдулаф вазир Исфароинӣ гоҳе ӯро нигоҳ дошта, дар ин ё он маврид назарашро мегӯяд. Тавре ки нависанда гуфтааст, шоҳномахонӣ чанд шаб идома пайдо карда, вазир андешамандона, хислати султонро шарҳ медиҳад, Фирдавсиро аз завқу салиқаи султон огоҳ месозад ва мегӯяд: «– Мешавад. Ман худ дар ин кор миёнҷӣ мешавам. Ба «Шоҳнома» як қасидаи хуб зам кунед дар мадҳи султон. Агар дар андаруни китоб якчанд мадеҳа бошад, боз беҳтар аст. Султон мадҳу ситоишро дӯст медорад. Аксаран ғайр аз қасидаҳое, ки шуаро барои худаш гуфтаанд, чизи дигар намехонад, магар Қуръон ва китоби «Ҳазор афсона». Ин «Ҳазор афсон»-ро бар ҳамаи китобҳои дигар тарҷеҳ медиҳад ва ба ҳар чӣ дар он навиштаанд, бовар мекунад» [16, с. 113-114].

Дар гузаштаҳо вақте ки корвон ба сафари дур равон мешуд, дар он ҳунармандон, сарояндагон низ ҳамроҳ мешуданд, то ки дар фурсатҳои муносиб мусофирону савдогаронро хушҳол созанд. Ҳар бор, ки корвон дар корвонсароҳо истод мешуд, шабҳо Абӯдулаф шоҳномахонӣ карда, мардумро хушҳол месохт: «Шабҳо дар саҳни корвонсаро ба рӯшноии фонус ё дар ҳуҷраҳои калон ба гирди шамъҳои фурӯзон ҳангомае барпо мегардид, ки амсолаш то он вақт дар ҳеч як роҳи корвонгард дида нашуда буд: **Абӯдулаф дар давраи мусофирон аз «Шоҳнома» бо овози баланд қиссаҳо мехонд** (ишора аз мост – Р.Р.). Бештарини аҳли корвон пеш аз он номи Фирдавсии ҳаким ва шоири тӯсиро шунида ва нафаре чанд аз ҷумлаи мусофирони нишопурӣ бо вай шахсан шинос ҳам буданд. Онҳо аз ҳамсафарии шоир хушдил буданд ва **толиби хондану шунидани достонҳояш мешуданд** (ишора аз мост – Р.Р.), аз ҳуҷраи Фирдавсӣ пойи зиёраткунандагон канда намешуд, онҳо дастархони ӯро аз ҳар навъ хӯришҳо пур мекарданд. Ҳама муштоқи суҳбати шоир ё ақаллан шунидани сухане аз забони ӯ буданд. **Абӯдулафи чилупанҷсола бошад, ҳунари хонандагиаш ба авҷи камол расида буд, қироаташ ҷазабае дошт, ки шунавандаро ба ҳол меовард** (ишора аз мост – Р.Р.). Корвонсолор – бозаргони ҳиротӣ Ҳоҷӣ Абурраҳим, марди дарозтанаи пойкӯтоҳ, рӯзе як бор ду бор шоирро дар ҳуҷраи ӯ зиёрат карда, суханоне аз қабили: «Хоки поятон шавам, сафари муборакатонро бо корвони ман кардеду сари маро ба осмон расондед. Магар ба корвон аз ин зиёд шарафу обрӯ ҳаст, ки бо вай шоири бузургвор Фирдавсӣ сафар мекунанд?» [16, с. 120].

Дар роман тамоми воқеаҳо чунон ба қалам оварда шудааст, ки бунёди воқеӣ доранд. Ё ин ки ин гуна амалҳо дар зиндагӣ шудааст. Замоне ки корвон ба Ҳирот мерасад Фирдавсӣ ба манзили дӯсташ Абӯбакри Исмоил меравад. Қабри яке аз ровиёнеро, ки аз вай устураву достонҳо сабт кардааст зиёрат мекунад, ки он дар гуфтугӯи Фирдавсӣ ва Абӯбакри Исмоил чунин тасвир ёфтааст:

«– Шумо дар шаҳр бо киҳо дидор мекунед? – пурсид мизбон.

– Ниятам буд, ки фақат бо ду кас дидор бикунам: шумо ва писари Пири Хуросон, – гуфт Фирдавсӣ.

– Пири Хуросон? – мисли ин ки фаромӯш карда буду ба ёд оварданӣ мешуд Абӯбакр. Дар ҷавоби ӯ Фирдавсӣ аз он чӣ худаш дар бораи он пир дар «Шоҳнома» навишта буд, ду байт хонд:

Яке пир буд марзбони Ҳарӣ,
Писандидаву дида аз ҳар даре,
Ҷаҳондидае, номи ӯ буд Моҳ,
Сухандону бофарру бо баргу шоҳ.

– Бале, медонам, – ба хотир оварда саҳҳоф, – Моҳ… Мазорашон ҳаст, Мазори Пир мегӯянд; он ҳазрат дар аввал зардуштӣ будаанд…

– Мубади зардуштиён, – гуфт шоир.

– …бале, дар поёни умрашон мусалмон шуда буданд. Писарашон, Дороби Маҷус ном, порсол фавтиданд.

– Фавтиданд?.. Ё арҳамарроҳимин, раҳматаш бикун… **Дар санаи сесаду шастушаш, ки ман ба суроғи донандагони ривоятҳо ба Ҳирот ҳам омада будам, пир зинда буданд. Аҷаб пири хирадманде буданд, таърихи подшоҳии Ҳурмузро ба ёд доштанд ва боз чандин ривоятҳо аз бостонзамон медонистанд, ба ман нақл карда буданд** (ишора аз мост – Р.Р.). Ҳамин писарашон Доро сисола буд… Мазори ҳардуро зиёрат бояд кард» [16, с. 122].

Дар гузаштаҳо дар меҳмонхонаҳо достонгӯӣ, қиссагӯӣ, афсонагӯӣ, қиссахонӣ, наққолӣ, баёни саргузашт, латифагӯӣ, сурудхонӣ, базлагӯӣ, аз ҷумла шоҳномахонӣ, зиёд буд. Инро то кунун дар деҳаҳои кишварҳои Осиёи Миёна, Эрон ва Афғонистон мушоҳида кардан мумкин аст. Вале ҳоло баъди густариши воситаҳои техникӣ он маҳфилҳо бо суръат аз байн мераванд. С. Улуғзода, ки дар наврасӣ, ҷавонӣ ва баъдҳо низ шоҳиди ин чунин шабнишиниҳои адабию базмӣ буд, ин гуна суннатҳои фарҳангии мардумиро хеле баҷо тасвир менамояд. Нависанда ҳангоми тасвири Фирдавсӣ дар меҳмонхонаи корвонсаро ва меҳмонавозии дӯстон ва мухлисонаш дар хати сужети роман шоҳномахониро ҳамеша нигоҳ медорад: «Як даҳ рӯз гузашт, Фирдавсӣ ин муддатро дар ҳуҷраи корвонсаро бо мусоҳибати шоирон ва фозилоне, ки ба зиёрататаш меомаданд, гузаронид. Абӯдулаф гоҳе барои онҳо аз «Шоҳнома» қиссаҳо мехонд» [16, с. 152].

Баъдан шоир бо ҳамроҳонаш барои муддати тӯлонӣ дар Ғазнӣ мондан бо машварати дӯсташ Маншурӣ дар «меҳмонхонаи Моҳак» ҷо мегирад. Тибқи тасвири С. Улуғзода «Дар манзили Моҳак» адабдӯстон ба зиёрати Фирдавсӣ меомаданд. Дар ҳузури меҳмонони шоир ҳамоно шоҳномахонӣ сурат мегирифт. Ба гуфти нависанда Моҳак низ марди «хушсуҳбат ва базлагӯй буд» [16, с. 153].

Дар меҳмонхонаи Моҳак ҳар шаб шоҳномахонӣ ва суҳбатҳои гуворо сурат мегирад: «Ҳар бегоҳ то дер шаб ва баъзан рӯзҳо ҳам менишастанду суҳбат мекарданд, ба ҳамдигар **аз саргузашту аз сафарҳои худашон воқеаҳои шавқангез нақл менамуданд. Шаб дар поёни суҳбат «Шоҳнома» хонда мешуд. Моҳак аз шабнишиниҳо он қадар хушнуд мегардид, ки нишасти навбатиро бесаброна нигарон мешуд. Аксар вақт дар шабнишиниҳо чанде аз шоирону фозилони шаҳр низ ҳозир мебуданд ва он гоҳ маҷлисро латифагӯйиҳо, мутоибаҳои зарифона ва мушоираҳо метафсонданд. Гоҳе созанда ва сарояндагон даъват карда мешуданд** (ишора аз мост – Р.Р.), ки аҳли суҳбатро бо созу навоҳо хурсанду масрур месохтанд» [16, с. 155].

Маъмулан дар дарбори шоҳони пешин дар канори ситорашиносон, муаббирон, қиссагӯён, сарояндагон, ровиён низ буданд, ки дар вақти зарурат барои шоҳ достону қисса мегуфтанд ё мехонданд. Мувофиқи тасвири нависандаи роман Унсурӣ худ ба худ фикр мекунад:

«Мегӯянд, ки вай, султон, **ровии худ Абдулвоҳидро талабидааст, барои чӣ? Магар барои он ки «Шоҳнома»-ро хононда шунавад**? (ишора аз мост – Р.Р.). Худаш достонҳои Фирдавсиро аз ғайри тавассути маликушшуаро мутолиа кунад?» [16, с. 186]

Бо ҳамин хаёлҳо Унсурӣ ба даруни боғ меравад ва ба гӯшаш савту садои занона мерасад, ки духтараш бо дугонаҳош шеърхонӣ мекард. Ин тасвири Улуғзода низ ҷаззоб аст. Ӯ бо ҳар васила бузургии Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯро нишон додан мехоҳад, ки чи қадар дар замони худ маъруфу машҳур буд: «Унсурӣ ба шеърхонии духтараш гӯш карда, ба ҳайрати худ донист, ки **вай достони «Зол ва Рӯдоба»-ро мехонад. Духтарак «Шоҳнома»-и Фирдавсиро бо иҷозати падараш гоҳ-гоҳ гирифта ба ҳавлии дарун бурда, бо модараш ва хоҳаронаш мехонд. Зоҳиран, порае аз он достонро рӯбардор карда гирифта будааст. Сарвиноз аз қиссаи мулоқоти пинҳонии Зол ва Рӯдоба мисраъҳои зеринро – савганди ишқу вафои ошиқонро бо як ҳасратзадагиву дилбохтагӣ мехонд** (ишора аз мост – Р.Р.) ва дугонаҳояш низ бо ҳамон кайфият гӯш мекарданд…» [16, с. 187].

Дар ин ҷо Улуғзода ҳолату андешаҳои Унсуриро баён менамояд, ки ӯ дар бораи таъсири қасидаҳои худ, дар муқоисаи достонҳои Фирдавсӣ фикр мекунад. Ба ин восита нависанда таъсирбахш ва мақбул будани достонҳои «Шоҳнома»-ро нишон медиҳад: «Унсурӣ аз он гуна шавқи духтарон ба достони ишқии Фирдавсӣ мутаассир шуда ба меҳмонсаройи худ баргашт. Ба дилаш мегуфт, магар қасидаҳои ӯро бо он ҳама маъниҳои ҷамилу фикрҳои бикр ва ташбеҳоти балиғу шево, ки дар онҳост, мардумон, духтарон, ҷавонон бо ҳамин гуна шавқу ҳавас мехонанд? Оё он қасидаҳо дар эшон ҳамин навъ эҳсосот, шавқу шӯр меангезанд, ҳамин навъ мафтунию дилбохтагӣ эҷод мекунанд? На, онҳо фақат дар маҷлиси шоҳ, вазирон, аъёну ашроф хонда мешаванд ва шояд аҳёнан дар маҳфили фозилони шеърдӯст ҳам. Фозилон ва инчунин шоирон фақат барои он мехонанд, ки бубинанд шоир чӣ гуна маъниҳои борик ёфта ва чӣ санъатҳои лафзӣ ба кор бурдааст. **Аммо достони ишқиро ҳама хосу ом ба ҷон дӯст медоранд, зеро дар вай ҳаёт ҳаст, орзую омол ҳаст, иштиёқи зебоӣ ҳаст, вай аз ёд ба ёд, аз сина ба сина мегузарад, дар зеҳну фикру ҳисси хонанда ҷо мешавад, ҳаёлу андешаҳои нек пайдо мекунонад**» (ишора аз мост – Р.Р.). [16, с. 189].

Достонҳои «Шоҳнома» дар байни мардум зуд паҳн шудан мегиранд. Аҳли савод баъзе аз пораҳои онро бознависӣ мекаранд ва бесаводан дар маҳифҳои шоҳномахонӣ ширкат намуда, аз воқеаҳо ва ҳодисаҳои устуравӣ, афонсавӣ, ҳамосавӣ, таърихӣ ва панду андарзҳои он баҳра мебардоштанд. Дар он муддате, ки Фирдавсӣ дар Ғазнӣ буд, рӯз ба рӯз, ҳафта ба ҳафта, мардуми хосу ом ба ин шоҳасар рӯ меоварданд, ки С. Улуғзода аз он ба таври зерин ёд намудааст: «Шуҳрати «Шоҳнома» торафт меафзуд. Дӯстдорони каломи нафис, ҳавасмандони достонҳо аз шоир, агарчи барои як шаб бошад ҳам, ягон ҷилди достонҳои ӯро ба орият гирифта, дар даврaҳояшон хононда мешуниданд. Рӯбардор карда бурдани баъзе қиссаҳо низ кам воқеъ намешуд. Агар дар ҷое мардумон ҳалқа гирифта ва овози қиссахоне баланд бошад, ё агар чароғи меҳмонхонае шаб то бонги хурӯсон хомӯш нашавад, мегуфтанд, ки он ҷо шоҳномахонист ва гӯянда аксар вақт хато намекард. Абӯдулафро мардум талош мекарданд: рӯзе ва шабе набуд, ки ӯро ба ду-се ҷой шоҳномахонӣ даъват накунанд» [16, с. 205].

Нависанда ин суннатии мардумиро, ки тӯли садаҳо дар байни мардуми форисзабон роиҷ буд, гаштаву баргашта ёдовар мешавад. Бахилӣ, ҳасудӣ, нотавонбинӣ бештар мешуд. Иғвогарон кӯшиш менамуданд, ки бо ҳар роҳ «Шоҳнома»-и безаволро маврди танқид қарор диҳанд. Аз ин шоҳасар байтҳоеро пайдо намуда, ба таври худ, хато меҷустанд, ҳатто баъзе байтҳоро ба муқобили дину мазҳабу Худо шарҳ медоданд. Дар ин муддат Султон Маҳмуд низ аз ровии худ Абдулвоҳиди Ақилӣ хоҳиш менамояд, ки достони писандидаи ӯро хонад: «Сарзамине, ки дар вай рӯди Ҳирманд ҷорист, дар қадим Зобулистон номида мешуд. Зобулистон ва ҳамсояи ғарбии он Систон (номи дигараш Нимрӯз) **зодгоҳи як силсила афсонаҳо, қиссаҳои романтикӣ, ривоятҳои таърихӣ, асотирӣ ва нимасотирӣ мебошанд. Ровиён, қиссагӯён аз қадимулайём достони Рустами систониро бо тарзҳои гуногун ҳикоя мекарданд** (ишора аз мост – Р.Р.). Шоҳ Маҳмуд модараш систонӣ буд, дар бачагӣ аз бобои модариаш қиссаҳо мешунид. Дар он қиссаҳо шавқу ҳаваси вай аз ҳама зиёдтар ба ҷанги тан ба тани паҳлавонон буд. Ин ҳаваси Маҳмуд дар калонсолиаш кам нашуда буд. Шояд аз ҳамин сабаб буд, ки вай аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ наҳуст ба хондани қиссаи ҷанги Рустам бо Ашкабӯс майл кард. **Бо амри шоҳ қиссахони ӯ Абдулвоҳиди Ақилӣ барояш номгӯйи достонҳои размиву паҳлавонии «Шоҳнома»-ро алоҳида рӯйхат карда овард. Дар рӯйхат таваҷҷуҳи шоҳро бештар достони разми Исфандиёри Рӯйинтан бо Рустами Таҳамтан ба худ ҷалб кард** (ишора аз мост – Р.Р.). Таваҷҷуҳи хоси ӯ ба ин достон боз аз он ҷиҳат буд, ки воқеаҳои он дар мамлакати султон гузашта ва разми Рӯйинтан бо Таҳамтан дар ватани ӯ – дар Зобулистон рӯй додааст.

Султон баъд аз намози хуфтан дар қаср, дар ҳуҷраи хосса – истироҳатгоҳ ва хобгоҳи худ орамида, **ба Ақилӣ хондани достони номбурдаро фармуд. Қиссахон дар рӯшноиишамъҳо мехонду сомеъ рӯйи якчанд қабат якандозҳои атласу шоҳӣ ба лӯлаболиштҳои бахмал такя карда нишаста гӯш мекард** (ишора аз мост – Р.Р.).

Бобҳои нахустини достон – зуҳури пайғамбар Зардушт, ҳуҷуми хоқони Чину Тӯрон Арҷосп ба пойтахти шоҳ – Балх ва ғайра ба султон дарози дилгиркунанда намуданд.

– Бас аст, варақ бигардон, разми Рустам бо Исфандиёрро бихон, – фармуд вай ба Ақилӣ» [16, с. 208].

Султон ҳангоми шоҳномахонии Ақилӣ, ки ба достони «Рустам ва Исфандиёр» бо диққат гӯш дод. Дар ин ҷо С. Улуғзода ғурури Исфандиёрро тасвир намудааст, ки ӯ Рустамро масхара карда, ифтихор мекунад, ки аз нажоди шоҳон аст. Ин ба Султон Маҳмуд писанд наомад. Ин лаҳзаҳоро «султон пушт аз болиштҳо канда ва чашм аз қиссахон наканда, гӯш кард» [16, с. 209].

Гуфтори Фирдавсӣ дар бораи зоту насаб, султонро ба андеша мебурд, ӯ «ғарқи андеша» мешавад. Чунки «Султон Маҳмуд монанди Исфандиёр ба аслу насаби худ фахр карда наметавонист» [с. 209]. Баъди андешаҳо дар бораи нажоди худ шоҳ боз ровиро даъват кард: «Султон боз қиссахонашро талабида фармуд, ки «Шоҳнома»-ро кобад, агар боз ҷойҳое бошанд, ки шоҳон аз нажоди худашон ёдовар мешаванд ва ғурур мекунанд, китобро оварда он ҷойҳоро барои ӯ бихонад.

Қиссахон шаби дигар баъзе саҳифаҳои китобро, ки дар онҳо ғурури зоту насаб ва инчунин мазаммати безотҳо буд, нишон карда овард ва хонд» [16, с. 210].

Дар ин ҷо С. Улуғзода ёдовар мешавад, ки баъди ба ровӣ, хондани воқеаҳо дар бораи нажоди шоҳон, «дар дилаш нисбат ба «Шоҳнома» хунукӣ эҳсос кард» [16, с. 210]. Ҳамчунин иғвогарони атрофи шоҳ имому шайху шоирони дарбор ҳама кӯшиш карданд, ки аз «Шоҳнома» камбудие пайдо намоянд.

Роман ба охир расидан мегирад ва ҳамоно шоҳномахонӣ бештар мешавад. Дар гӯшаи зиндагии махфӣ Фирдавсиро дӯстонаш Абӯбакри Исмоил (саҳҳоф), шоир Ҷавҳарӣ ҳамроҳӣ менамоянд. Дар ҳамон ҷо «ҳаҷвнома»-и худро дар бораи Султон Маҳмуд менависад, ки он дар ҳалқаи дӯстон бо навбат хонда мешавад [ниг.: 16, с. 255-257].

Навсисандаи роман кӯшиш намудааст, ки ҳар чизе, ки дар сарчашмаҳо оида ба рӯзгор ва осори Фирдавсӣ дида мешавад, онҳоро ҳунармандона ба қалам диҳад. Фирдавсӣ барои дур будан аз иғвогарон боз ҷилои ватан мекунад. Ӯ ба самти Нишопур, Бастом, Симнон, Рай ва ба Омул пойтахти Табаристон меравад. «Шоҳнома» дар он минтақаҳо низ густариш ёфта буд. Дар назди амири Табаристон низ шоҳномахонӣ сурат гирифт, ки С. Улуғзода ин лаҳзаҳоро моҳирона тасвир карда, ба ин восита дар байни қаламрави форисзабонон вуҷуд доштани пайвандиро нишон додааст [16, с. 267-268].

Нависандаи нозукбину нозукбаён чун хати сурх то охири роман аз шоҳномахонӣ ёд менамояд, дар воқеъ дар тӯли беш аз ҳазор сол мардум дилбастаи ин суннати мардумӣ буданд. Аз гуфтори ширину гуворои ровиён лаззати маънавӣ мебурданд; андарзу устураву афсонаву достонҳои «Шоҳнома»-ро хонда ва шунида ба миллат ва ватан меҳр мебастанд. Дар сафари Табаристон низ маҳфилҳои шоҳномахонӣ ҳамдами шоир буд: «**Дар байни мардум мафҳилҳои шоҳномахонӣ расм шуда буданд** (ишора аз мост – Р.Р.). Султон Маҳмуд бо айбмонӣ ба «Шоҳнома» ва фармони қатли шоир шуҳрату овозаи китоби ӯро бештар карда буду бас. «Шоҳнома» ба тавассути нусхабардориҳо дар саросари Аҷам интишор меёфт. То он замон ҳеч китобе ин қадар ба дили мардумон нанишаста буд» [16, с. 271].

Фирдавсии нобиға охирин лаҳзаҳои умри худро мегузаронад. Ҳолати ҷонкании одам дар байни мардум расму оини худро дорад. Мардумшиносон низ дар бораи лаҳзаҳои охири умри инсон мавод гирдоврӣ намуда, пажӯҳиш намудаанд, ки он ҳолатро С. Улуғзода таъсирбахш ба қалам додааст: «Вақте ки наъши шоирро ба лаҳад мениҳоданд, фиғону нолаи хешовандон, дӯстони наздик, барзгарони шоир аз нав ба фазои боғу деҳа печид. Дар ин замон занҳо аз ҷумлаи хешовандони марҳум низ ҳангоми дафн дар сари қабри ӯ ҳозир мешуданд. Манижаи жӯлидамӯй мушт бар сари бараҳна ва тани фигораш мекӯфту фарёд мекашид, занон рӯймоли афтидаашро ба сараш партофта, ӯро оғӯш карда аз лаби гӯр ба канор кашиданӣ мешуданд, вай тан надода дод мезад:

– Во падарҷонам, қиблагоҳам, қуввати ҷону танам, аз дунёи бевафо ком ҷустеду ноком рафтед. Эй азизон, маро ҳам бо қиблагоҳам гӯронед, ман бе падарҷонам ин зиндагиро чӣ кунам?!

– Во ҳасрато, во мусибато! – навҳа меандохт Найсонӣ. – Падари суханварони Аҷам рафт, форсӣ ятим монд!

– Дод! Дод! Вай офтоби мо буд, нураш ба дилҳои мо тобон буд! – нафир мекашид дигаре.

– Вовайло, вовайло, ба маргат зиндагӣ сиёҳ пӯшид! – мегирист Алии Риёзӣ писари Муҳаммади Лашкарӣ.

– Султони шоирон рафт, мулки сухан бесарвар монд!– менолид шоире.

– Эй ҳакими ҳукамо, ба забон ой, ба ёдгори вопасин ҳикмате бигӯй, то мо бар сафҳи синаҳои фигор бинависем! – нидо меандохт яке аз мударрисони тӯсӣ.

Танини овози Абӯдулаф ба ҳаво печид, ки «Шоҳнома» дар даст шеъри устодашро қироат мекард:

Биноҳои обод гардад хароб,
Зи борону аз тобиши офтоб,
Пай афкандам аз назм кохе баланд
Ки аз боду бод наёбад газанд.

Басе ранҷ бурдам бад-ин сол сӣ,
Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ,
Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам.
Ки тухми суханро парокандаам [16, с. 275].

Дар роман ҷасади Фирдавсиро бо ҳамин байтҳои олӣ, ки аз ҷониби Абӯдулафи шоҳномахону нақҷол сароида мешавад, ба лаҳад мегузоранд. Ин аст, ки дар романи «Фирдавсӣ»-и С.Улуғзода аз аввал то охир суннати шоҳномахонӣ ба қалам дода шуда, хондани романро боз ҳам ширинтару рангинтар намудаст.

Адабиёт

1. *Амир, С. Фирдавсӣ ва мактаби адабии Аҳмади Дониш / С. Амир. – Душанбе: Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, 1995. – 64 с.*
2. *Асозода, Х. Абулқосим Фирдавсӣ дар шинохти Сотим Улуғзода / Х. Асозода. – Душанбе: адиб, 2000. – 80 с.*
3. *Бақозода, С. Ҳикмати таърих ва шинохти бадеии он / С. Бақозода. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 106 с.*
4. *Герхардт, М. Искусство повествования. Литературное исследование "1001 ночи" / Пер. с англ. А. И. Матвеева, предисл. И. М. Фильштинского. М.: Гл. ред. восточной литературы, 1984. – 456 с.*
5. *Заринкӯб. А. Афсонахои омиёна / А. Заринкӯб // Сухан, 1333, соли 5. – №12. – С. 918-926; 1334, соли 6. – №4. – С. 294-300.*
6. *Кошифӣ, Ҳ. В. Футувватномаи султонӣ. Ахлоқи Мӯҳсинӣ. Рисолаи "Ҳотамия" / Таҳиякунанда ва муаллифи пешгуфтору шарҳдиҳандаи луғат Қ. Восеъ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 320 с.*
7. *Лорд, А. Б. Сказитель / Пер. с анг. и коммент. Ю. А. Клейнера и Г. А. Левинтона. Послесл. Б. Н. Путилова. Статьи А. И. Зайцква, Ю. А. Клейнера. М.: Изд-во фирма "Восточная литература" РАН. 1994. – 369 с.*
8. *Матвеева. Р. П. Творчество сибирского сказителя Е. И. Сороковикова-Магая / Р. П. Матвеева. – Новосибирск, 1976. – 187 с.*
9. *Муллоаҳмад, М. Паёми ахлоқии Фирдавсӣ / М. Муллоаҳмад. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 256 с.*
10. *Мусулмониён, Р. Дар боғи Фирдавсӣ / Р. Мусулмониён // Эъҷози ҳунар / Б. Худойдодов, Р. Мусулмонқулов, Л. Демидчик ва дигарон. – Душанбе: Адиб, 1992. – С. 141-291*
11. *Померанцева Э. В. Писатели и сказочники. – М.: Советский писатель, 1988. – 360 с.*
12. *Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмон. – Душанбе: ЭР-Граф, 2016. – 364 с.*
13. *Раҳмонӣ, Р. «Шоҳнома» дар байни тоҷикон / Р. Раҳмонӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – 400 с.*
14. *Раҷабӣ, М. Сотим Улуғзода – абармарди набард ва андеша / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Деваштич, 2004. – 172 с.*
15. *Улуғзода, С. Субҳи ҷавонии мо (повест) / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 336 с.*
16. *Улуғзода, С. Фирдавсӣ (Роман) / С. Улуғзода. – Душанбе, 2014. – 280 с.*
17. *Фароҳӣ М. Б. Маҳбуб-ул-қулуб. Китоби якум / Мураттиб ва муаллифи сарсухан Абӯбакр Зуҳуриддинов. – Душанбе: Дониш, 1975. – 336 с.*
18. *Фирдавсӣ, А. Шоҳнома. Ҷ. 1. / А. Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.*
19. *Шарифзода, Х. «Шоҳнома» ва шеъри замони Фирдавсӣ / Х. Шарифзода. – Душанбе: ҶДММ «Андалеб Р», 2014. – 400 с.*
20. *Шарифов, Х. Достони Фирдавсии шоир / Х. Шарифов // Озодагон ва умедворон / Х. Шарифов. – Душанбе: Сино, 2001. – С. 136-150.*
21. *Эмомалӣ, С. Тасвири муҳити хонавода ва манзараи табиат дар насри Сотим Улуғзода / С. Эмомалӣ. – Душанбе: Сино, 2015. – 100 с.*
22. *Эмомалӣ, С. Таҷассуми таърих дар насри Сотим Улуғзода (Солҳои 60-80-уми асри ХХ) / С. Эмомалӣ. – Душанбе: МДМТ, 2020. – 238 с.*

ҲУНАРИ НАҚҚОЛИИ «ШОҲНОМА» ВА СИМОИ АБӮДУЛАФ ДАР РОМАНИ «ФИРДАВСӢ»-И С.УЛУҒЗОДА

Ҳамаи адибон дар асарҳояшон чи манзуму чи мансуру чи намоишӣ ба маводи фолклорӣ ва этнографӣ такя менамоянд. Ба кор бурдани фолклор ва фарҳанги суннатӣ ба истеъдод, ҷаҳонбинӣ, мушоҳида, ҳофиза ва таҷрибаи адиб вобаста аст. С. Улуғзода аз он нависандагоне аст, ки дар ҳамаи асарҳояш, аз ҷумла дар романи «Фирдавсӣ», аз унсурҳои фолклорӣ ва фарҳанги суннатӣ, дар мавридҳои лозим, дар асоси маводи сарчашмаҳо истифода намудааст. Дар роман суннати «шоҳномахонӣ» (дар симои Абӯдулаф) аз авал то охир чун хатти сурх тасвир шуда, ба ин восита нависанда дар гузаштаҳо, дар байни мардум, маъмулу машҳур будани ин суннатӣ мардумиро таъкид менамояд. Ҳамчунин адиб дар роман лаҳзаҳоеро аз маросимҳо, оинҳои замони шоир ба мисли маҳфилҳои шоҳномахонӣ, базм, шабнишинӣ, мотам, меҳмоннавозӣ, мушоира, одоби муошират,

ҳунарҳои мардумӣ ва ғайраро моҳирона тасвир намудааст. Дар мақола роҷеъ ба ин нуктаҳо, ба вижа шоҳномахонӣ, бо мисолҳо изҳори назар шудааст.

Калидвожаҳо: С.Улуғзода, романи «Фирдавсӣ», фолклор, Абӯдулаф, суннатҳои мардумӣ, шоҳномахонӣ, маросим, хусусиятҳои этнографӣ, пажӯҳиш.

ИСКУССТВО ПОВЕСТВОВАНИЯ «ШАХНАМА» И ОБРАЗ АБУДУЛАФА В РОМАНЕ «ФИРДАУСИ» С.УЛУГЗАДЕ

Любой писатель (поэт, драматург) независимо от вида и жанра своего произведения воспользуется фольклорными и этнографическими материалами. Умелое использование фольклора и традиционной культуры зависит от таланта, мировоззрения, наблюдений, памяти и практики писателя. С.Улугзаде является одним из тех писателей, которые во всех своих произведениях осознанно используют элементы фольклора и традиционной культуры, основываясь на материалах достоверных источников. Роман «Фирдауси» тоже не исключение из этого перечня. Во всем романе (образ Абудулаф) красной нитью проходит изображение традиции «чтение Шахнаме» и писатель таким образом акцентирует внимание читателя на важность данной традиции среди народов тех времён. Также автор искусно изображает некоторые обычаи времён поэта, например: кружки чтения «Шахнаме», культурные вечера, траур, гостеприимство, поэтические турниры, этикет и др. этнографические особенности. Статья рассматривает вышеуказанные темы и «чтение Шахнаме» анализируя ряд примеров.

Ключевые слова: С. Улугзаде, роман «Фирдауси», фольклор, Абуд-Дулаф, традиционная культура, обычаи, этнографические особенности, анализ.

THE ART OF NARRATION "SHAHNAMA" AND THE IMAGE OF ABUDULLAF IN THE NOVEL "FIRDAUSI" BY S. ULUGHZODA

Any writer (poet, playwright), regardless of the type and genre of his work, will use folklore and ethnographic materials. Skillful use of folklore and traditional culture depends on the talent, worldview, observation, memory and practice of the writer. S. Ulughzoda is one of those writers who consciously use elements of folklore and traditional culture in all their works, based on materials from reliable sources. The novel "Ferdowsi" is also no exception to this list. Throughout the novel, the image (Abudullaf) of the tradition of "reading the Shahnameh" runs like a red thread, and the writer thus draws the reader's attention to the importance of this tradition among the peoples of those times. Also, the author skillfully depicts some of the customs of the times of the poet, for example: reading circles of "Shahnameh", dinner parties, cultural evenings, mourning, poetry tournaments, communication culture and other ethnographic features. The article discusses the above topics and "reading the Shahnameh" by analyzing a number of examples.

Keywords: S. Ulughzoda, novel "Ferdowsi", folklore, Abudullaf, traditional culture, customs, ethnographic features, analysis.

Дар бораи муаллиф
Раҳмонӣ Равшан
Профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17
E-mail: ravrahmon@mail.ru

About the author
Rahmoni Ravshan
Professor of the department of the theory of the newest Tajik-Persian literature
Tajik National University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17
E-mail: ravrahmon@mail.ru

Об авторе
Рахмони Равшан
Профессор кафедры теории и новейшей персидско-таджикской литературы
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17
E-mail: ravrahmon@mail.ru

ТДУ 398 (575.3)

ЖАНРИ СУРУД ДАР ТАҲҚИҚИ Б. ШЕРМУҲАММАДОВ

Қосимӣ С. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Муқаддима. Адабиёти гуфтории тоҷикон дар радифи адабиёти навишторӣ дар саҳифаҳои дурахшони худ дурдонаҳои зиёди адабиро ҷой дода, ганҷинаи завқу маънавиёт ва андӯхтаҳои таърихии фарҳанги омиёнаро маҳфуз доштаанд.

Суруд як гунаи адабиёти гуфтории ниёгони мост, ки бо тамомияти вижагиҳои фаровонии вариантҳо аз ҳар ҷиҳат сазовори баррасиҳои ҷиддиву илмист. Сурудҳои мардумӣ дар дарозои сайри таърихии худ аз нигоҳи диалектикаи шаклу мазмун ва таркиби жанриву бадеии худ то ба ҳадди осори мукаммали фарҳанги омма ва падидаи вежаи ҳунари эҷодӣ сайқалу такомул ёфтаанд.

Аз нигоҳи дастовардҳои илми муосири фолклоршиносӣ дар маркази таҳқиқ қарор додани сурудҳои мардумӣ хусусиёти диди эстетикии халқ ва нуфузи ҷанбаи бадеиро дар бунёди жанрҳои осори гуфторӣ ошкор хоҳад кард.

Маълум аст, ки то замони ба таҳқиқи жанри суруд пардохтани Баҳром Шермуҳаммадов масъалаи мазкур то андозае аз ҷониби шоирону нависандагон, адабиётшиносону фолклоршиносон, фарҳангшиносону мусиқишиносон ва дигар муҳаққиқону шарқшиносони дохилию хориҷӣ баррасию омӯзиш гардидааст.

Аз ин хотир, лозим ва зарур донистем, ки дар баробари пажӯҳиши жанри суруд аз ҷониби Б.Шермуҳаммадов инчунин, дараҷаи омӯзиши жанри мазкурро тибқи принсипи таърихият ба риштаи таҳқиқот кашем. Ҳамзамон, мо масоили асосии баррасишавандаро ба ду қисми асосӣ – гирдоварию нашр ва пажӯҳиш ҷудо намудаем, то ки ҳар як масъала дар алоҳидагӣ барои хонандаи азиз маълуму рӯшан бошад.

Гирдоварию нашри сурудҳои халқии тоҷикӣ. Ҳанӯз дар асри XIX В.Г.Белинский роҷеъ ба вижагиҳои сурудҳои халқӣ дар мақолаи худ «Статьи о народной поэзии» [ниг.: Белинский, 1979] назари хешро баён намуда буд. Ин масъалаҳо дар асарҳои адабиётшиносӣ ва фолклоршиносии А.Н.Веселовский «Историческая поэтика», О.М.Фрейденберг «Поэтика сюжета и жанра», Б.В.Томашевский «Теория литературы. Поэтика», Н.П.Калпакова «Русская народная бытавая песня», В.П.Аникин «Теория фольклора», В.Е.Гусев «Эстетика фольклора», Д.С.Лихачев «Поэтика древнерусской литературы», С.Г.Лазутин «Поэтика русского фольклора», «Русские народные лирические песни, частушки и пословицы», Ю.Г.Круглов «Русские свадебные песни», В.М.Сидельников «Поэтика русской народной лирики», В.М.Гацак «Устная эпическая традиция во времени. Исторического исследование поэтике», Ф.Ф.Болонов, О.И.Выхристюк «Певцы и песен Большого Куналея, или Академия народного песня» таҳқиқ шудааст.

Ҳам гирдоварию нашр ва ҳам пажӯҳишу таҳқиқи сурудҳои тоҷикӣ асосан, аз нимаи аввали асри XX шуруъ шудааст. Дар бораи сурудҳои халқии тоҷикӣ дар солҳои 20-ум ва 30-юм Т.Зеҳнӣ, О.Исматӣ, А.Н.Болдирев, М.Турсунзода, Ш.Ҳусейнзода, Л.Бузургзода ва дигарон дар мақолаҳои оммавӣ ва илмӣ баъзе ҷиҳатҳои ин навъ матнҳоро муаррифӣ намудаанд [ниг.: Китобнома].

Дар солҳои сиюм А.Н.Болдирев дар асоси рубоиёти халқии тоҷикӣ, ки ҳам аз ҷониби сарояндагон сароида мешаванд, намунаҳоеро гирд оварда, ба забони тоҷикӣ ва русӣ нашр карда, дар чанд мақолаи худ назарашро баён намуда буд [ниг.: Болдырев, 1939; 1941; 1951].

Яке аз аввалин асарҳое, ки дар он оид ба сурудҳои халқӣ маълумот дода шудааст, дастури таълимии Н.Маъсумӣ мебошад, ки соли 1952 нашр шудааст [ниг.: Маъсумӣ, 1952].

Донишманди рус О.Л.Данскер дар чанд мақолааш дар асоси матни сурудҳое, ки аз байни мардуми Дарвоз ва водии Қаротегин гирд овардааст, мулоҳизоти қобили таваҷҷуҳ баён доштааст, ки дар солҳои 50-60-уми асри XX ба нашр расиданд: «Народная песня Дарваза (по материалам Гармской этнографической экспедиции 1954 г.), «Собирание и изучение таджикской народной песни», «Народный певец Шариф Джураев», «Музыкальная культура таджиков Каратегина и Дарваза», «Искусство таджикского народа», «Музыкальная культура советского Таджикистана» [ниг.: Данскер, 1956; 1960; 1965; 1975].

Соли 1955 Я.Налский дар рисолаи илмии хеш «Народный поэт (Бобо Юнус Худойдодзаде)» дар бораи Бобоюнус Худойдодзода, Ҳикмат Ризо ва дигар шоирони мардумӣ, ки ҳам сурудҳои халқӣ ва ашъори худро месароиданд, сухан гуфта, дар байни мардум мавқеи назаррас доштани сурудро қайд намудааст [ниг.: Я.Налский, 1955].

Соли 1956 рисолаи илмии И.С.Брагинский «Из истории таджикской народной поэзии. Элементы народно-поэтического творчества в памятниках древней и средневековой письменности» нашр шуд, ки дар он унсурҳои назми гуфтории мардуми тоҷик аз замонҳои гузашта дар контексти адабиёти хаттӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [ниг.: Брагинский 1956].

Соли 1963 ду рисолаи илмӣ ба нашр расидаст, ки яке ба қалами Р.Амонов бо унвони «Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб (Дар асоси материалҳои фолклори Сари Хосор)» мансуб аст ва муаллифи дуввумӣ Р. Қодиров «Фолклори маросимии тореволютсионии тоҷикони водии Қашқадарё» мебошад, ки дар ҳар ду рисола вобаста ба мундариҷаашон дар бораи сурудҳо маълумот дода шудааст [ниг.: Амонов, 1963; Қодиров, 1963].

Рисолаи илмии муфассал, ки бо номи «Лирикаи халқи тоҷик» (1968) аз ҷониби Р. Амонов нашр шудааст, фасли махсусеро зери унвони «Сурудҳо» дорост [ниг.: Амонов, 1968, с. 288-339].

Назми халқии Бадахшонро муҳаққиқ Н.Шакармамадов ба пажӯҳиш кашида, дар бораи сурудҳои халқии мардуми гуногунзабони ин минтақа дар асарҳои «Рубоиёт ва сурудҳои халқии Бадахшон», «Назми халқии Бадахшон» ва мақолаҳояш андешаи хешро баён намуда, дар мавридҳои муносиб дар бораи сурудҳои халқӣ низ ишораҳо дорад. Ин муҳаққиқ дар асарҳои дигари худ «Даргилик – жанри махсуси фолклор», «Сурудҳои туйи Помир», «Жанровые и типологические особенности народной лирики Бадахшана» ва мақолаҳояш оид ба ҳамчун суруд мавқеъ доштани осори манзуми халқӣ назари худро баён намудааст [ниг.: Шакармамадов, 1965; 1975; 1981; 1993; 1997; 1998; 2002].

Ҳамчунин, дар асарҳои В.Асрорӣ «Жанрҳои хурди фолклори тоҷик», Р. Аҳмадов «Фолклори маросимҳои мавсимии тоҷикони Осиёи Марказӣ» ва дар рисолаҳои илмии Ф. Зеҳниева «Сурудҳои маросими тӯйи тоҷикон», С. Бобоев «Ҷойгоҳи назми шифоҳӣ дар арусии тоҷикони Бухоро», Р. Ҷумъаев «Ҷашни арусии тоҷикон», М.Шарифова «Маросими тӯйи арусии мардуми ноҳияи Мастчоҳ», А.Аминов «Ҷойгоҳи гулбазм дар ҷашни арусии мардуми тоҷик», ки роҷеъ ба баъзе хусусиятҳои сурудҳои тӯйи арусӣ бахшида шудаанд, ибрози назар шудааст.

Дар асарҳои А.Сӯфиев «Фолклор – санъати сухан», «Таҳаввулоти назми шифоҳии тоҷик», «Фолклор – ҳамрадифи таърих», «Фолклор – махзани сухан», диссертатсияи Ш.Умарова «Сурудҳои таърихии халқи тоҷик», рисолаи У. Тоиров «Анвоъ ва авзони шеъри халқии тоҷикӣ», Н.Хакимов, «Песенный традиции таджикских женщин» низ оид ба баъзе ҷиҳатҳои сурудҳои халқӣ андешаҳои судманд баён гардидааст.

Мусиқишиносон Ф.Карорматов, Н.Нурҷонов, Б. Кабилова дар китоби «Музыкальная искусство Памира» ва мақолаву асарҳои илмии худ роҷеъ ба суруд ва хусусиятҳои он аз нигоҳи мусиқишиносӣ ақидаи хешро баён намудаанд. Муҳаққиқон А.Маҷнунов дар бораи марсияҳои тоҷикӣ («Марсия дар фолклор ва адабиёти муосири тоҷик»), ки сароида мешаванд ва Г.Раҳматуллоева оид ба занҳои сарояндаи Бадахшон («Муносибатҳои гендерӣ дар фолклори маросимии занҳои Бадахшон») ва К. Раҳимов роҷеъ ба сароидани ҳамосаи «Гӯрғулӣ» аз ҷониби Ҳ.Ризо («Таджикская версия эпоса «Гургули» в традициях иполнительской школы Хикмата Ризо») корҳои таҳқиқӣ анҷом додаанд.

Соли 1966 маҷмуаи «Таронаҳои Самарқанд» чоп шуд, ки маводи он аз ноҳияҳои вилояти Самарақанд гирдоварӣ шудааст. Дар ин бора, Б.Шермуҳаммадов ишора намудааст, ки дар ҷамъоварии матнҳои фолклории тоҷикони ин вилоят киҳо ширкат намуданд ва онҳо дар кадом солҳо сабт шудаанд: «Қисми зиёди асарҳои маҷмуаро дар бадали солҳои 1958-1961 ходимони илмии сектори фолклор, иштирокчиёни экспедитсияҳо Ф.Зеҳниева, Р.Аҳмадов, М.Миркамолова, Г.Раҳматова ва муаллифи ин сатрҳо, инчунин корманди сектори адабиёти советии Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ М.Ҳодиева гирд овардаанд. Дар маҷмуа инчунин асарҳои халқие, ки аз сокинони вилояти Самарқанд С.Маҳдиев, Т.Раҳимов, Н.Назаров, С.Исҳоқова, Р.Эгамбердиева ва монанди инҳо ба сифати дӯстдорони фолклор ҷамъ кардаанд, дарҷ шудаанд» [Шермуҳаммадов, 1966, с. 19].

Ин маҷмуа бо равиши илмӣ гирдоварӣ ва нашр шудааст. Дар он низ сурудҳои халқӣ мавқеи махсус доранд. Таҳиягари китоб матнҳои сурудҳои халқиро зери унвони «Суруд ва таронаҳо» ба мавзуъҳои «ишқ, аҳд, вафо, ҳичрон», «ғурбат, бенавоӣ ва шиква», «меҳнат ва

ҳунар», «табиат ва халқ», «тӯй», «алла ва навозиш», «эҷоди хурдтаракон», «мотам ва марсия» ҷудо кардааст. Ҳар матн, чун санади илмӣ шиносномаи худро дорад, яъне аз кӣ, аз куҷо, аз ҷониби кӣ сабт гардидаст ва дар кадом мавридҳо сароида мешавад [ниг.: Таронаҳои Самарқанд, 1966].

Соли 1985 маҷмуаи «Восеънома» дар таҳияи Б.Шермуҳаммадов чоп мешавад, ки дар он тамоми осори манзуми бахшида ба Восеъ ба нашр мерасад. Як бахши ин маҷмуа сурудҳои халқиро дар бар мегирад, ки мардум бо сӯзу гудоз то имрӯз месароянд [ниг.: Восеънома, 1985, с. 14-36].

Маҷмуаи «Алла, ҷонам, аллаё (Сурудҳои мардумии алла ва навозишӣ)» (1993) дар таҳияи Б.Шермуҳаммадиён, Д.Обидзода чоп шуд, ки барои модарон дастури хубест. Мураттибони маҷмуа то ҳадди имкон шакли гуфтории матнро нигоҳ доштаанд. Бидуни ҳеҷ шаку шубҳа, суруди алларо модарон месароянд. Дар ин маҷмуа, барои хонандагон матнҳои аллаи ҳамзабонони эронӣ ва афғонистонӣ низ пешкаши хонандагон шудааст. Таҳиякунандагони ин маҷмуа оид ба муштараккоти матни аллаҳо гуфтаанд: «Оҳангҳои алла (лолоӣ, лалӯ) дар бештарин манотиқи тоҷикнишини Осиёи Марказӣ ва Хуросони бузург шабоҳати куллӣ доранд. Онҳо як силсилаи хоси оҳангҳои суннатиро мемонанд. Ҳангоми ҷамъоварии адабиёти шифоҳӣ борҳо мушоҳида шудааст, ки бархе аз модарони ҷавон ҳангоми аллагӯӣ оҳангу нағмаҳои филмҳои ҳиндиро замзама мекунанд» [Алла, ҷонам, аллаё 1993, с. 5].

Мо ба чунин натиҷа расидем, ки матни сурудҳои халқӣ дар маҷмуаҳо ба се равиш чоп шудааст: 1) Бо равиши оммавӣ дар канори матнҳои дигар. 2) Бо равиши илмӣ бидуни нота. 3) Бо равиши илмӣ бо нота.

Пажӯҳиши сурудҳои халқии тоҷикӣ. Ҳамаи он асарҳои илмиро, ки дар бораи сурудҳои халқӣ гуфта шудааст, ба се даста ҷудо кардем: 1) Мақолаҳои ҷудогона, ки дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шудааст. 2) Сарсухани маҷмуаҳо, ки дар онҳо роҷеъ ба сурудҳо мушоҳидаҳои таҳиягарон баён гардидааст. 3) Рисолаҳои илмӣ, ки дар онҳо дар канори жанрҳои дигари лирикӣ ё манзум оид ба сурудҳо низ муҳаққиқон ақидаи худро иброз намудаанд.

Агар дар баъзе мақолаҳо, сарсуханҳо нисбат ба суруд суханҳои умумӣ ва мушоҳидаҳои такрорӣ гуфта шуда бошанд, вале «Сарсухан»-и маҷмуи «Таронаҳои Самарқанд»-ро, ки таҳиягари он Б.Шермуҳаммадов аст, метавон як таҳқиқи муфассал роҷеъ ба сурудҳои тоҷикони вилояти Самарқанд донист. Муаллиф аз аввали сарсухан ба суруд таваҷҷуҳ менамояд ва мегӯяд: «Суруд ва таронаҳои ғайримаросимӣ низ як қисми зиёди назми халқии аҳолии вилояти Самарқандро ташкил медиҳанд. Онҳо аксар хусусияти лирикӣ доранд ва дар шаклу намудҳои гуногун: байт, рубоӣ, қитъа, ғазал, мухаммас ва монанди инҳо эҷод шудаанд» [Шермуҳаммадов, 1966, с. 3].

Хуб аст, ки Б. Шермуҳаммадов дар ин сарсухан дар бораи сурудҳои таърихӣ, мардикоргирӣ, ҳунармандӣ, зулму истибдоди амирӣ, ғаллакӯбӣ, бофандагӣ маълумот дода, ақидаи худро баён намудаст. Зимни баёни фикри худ ӯ бар он ишора намудааст, ки баъзе матнҳои дар бойгонӣ бударо дар ин маҷмуа ворид накардааст. Ҳамчунин, оид ба сурудҳои лирикии мардуми Самарқанд, ки дар он диёр мавқеи махус дошта, мардум ба ин навъ сурудҳо муҳаббати зиёд доранд, гуфтааст: «Суруд ва таронаҳои лирикӣ, ки онҳо ҳолати руҳӣ ва ҳиссиёти чуқури инсониро ба таври ҳаққонӣ ифода намудаанд, дар байни аҳолӣ васеъ паҳн шудаанд. Сурудҳои лирикии тоҷикони Самарқанд, бағоят равон, сода ва дилчасп буда, ҳанӯз ҳам дар байни аҳолӣ маъмул ва машҳуранд. Онҳо дар маросим ва тантанаҳои халқӣ сароида мешаванд. Сурудҳои лирикии ғайримаросимиро, махсусан, бибихалифа, гӯяндагон, ҳофизон бештар медонанд. Суруд ва таронаҳои лирикии самарқандиён бо шаклу мазмун, санъати бадеии худ ба адабиёти хаттӣ мушобеҳ ва ҳамоҳанганд. Бояд гуфт, суруду таронаҳои лирикии халқӣ оҳангҳои хоси худро доранд» [Шермуҳаммадов, 1966, с. 4].

Дар ин сарсухан Б.Шермуҳаммадов кӯшиш намудааст, ки он чи нисбат ба суруд ва анвои дигари он дар байни тоҷикони ин минтақа дидааст, шунидааст ва сабт намудааст, шарҳ диҳад ва роҷеъ ба сурудҳои бачагона, суруди алла, сурудҳои маросимҳои тӯй, маросими мотам ва амсоли ин изҳори назар намояд. Б.Шермуҳаммадов ҳамчунин оид ба сохтор, вазн, бадеият ва ҳамчун суруд сароида шудани байт, рубоӣ, ғазал ва амсоли ин ишора намудааст. Ба гуфти ӯ, дар байни тоҷикони Самарқанд сурудҳои ӯзбекӣ низ дида мешаванд, ки бархе аз онҳо ба ду забон: «яъне ширу шакар ба забони тоҷикӣ ва ӯзбекӣ гуфта шудаанд» [Шермуҳаммадов, 1966, с. 9].

Дар ин сарсухани таҳқиқӣ Б. Шермуҳаммадов дар бораи сурудҳои давраи нав изҳори назар намуда, ба як нуқтаи ҷолиб ишора мекунад. Ин он аст, ки сурудҳои давраи нав чӣ гуна вирди забони мардум шудаанд: «Аксарияти шеърҳои давраи советӣ солҳои 20-ум ва 30-ум дар байни аҳолӣ тавассути мактаб, китобҳои дарсӣ паҳн шудаанд. Махсусан, суруду таронаҳое, ки кашшофон ва ҷавонон ҳангоми намоишҳо месароиданд, ҳанӯз ҳам (яъне, то соли 1966 – Қ.С.А.) дар хотири калонсолон боқӣ мондаанд» [Шермуҳаммадов, 1966, с. 10].

Ба идомаи ин гуфтаи худ Б.Шермуҳаммадов боз як мушоҳидаи худро нисбат ба суруд ёдовар мешавад, ки ин роҷеъ ба сароидани осори манзуми тоҷикони Самарқанд аст: «Суруду таронаҳои дар лентаи магнитофон сабтшуда гувоҳӣ медиҳанд, ки фолклори мусиқии самарқандиён низ хеле бой, гуногун ва дорои хусусиятҳои хос аст. Аҳолӣ тамоми шеърҳои халқиро месароянд, аз ин рӯ гуфтан мумкин аст, ҳамаи суруду тарона ва дигар намудҳои фолклори вилояти Самарқанд дорои оҳанги хос аст» [Шермуҳаммадов, 1966, с. 11].

Боз як ҷиҳати назарраси ин таҳқиқ дар он аст, ки ин донишманд ҳамаи он истилоҳотеро, ки мардум нисбат ба суруд ва «назми халқӣ» дар деҳаҳои Самарқанд ба кор мебаранд, ёдовар мешавад. Ба гуфти Б. Шермуҳаммадов нисбат ба суруд ва дигар анвои ашъори манзум, ки месароянд, мардум дар деҳоту маҳалҳои Самарқанд истилоҳоти «байт», «ғазал», «ашӯла», «ҳофизӣ», «қӯшиқ», «майдағазал», «кӯчабоғӣ», «авомӣ», «мухаммас», «шарқӣ», «ғазалак», «байтҳои алафӣ», «ишқия», «қӯшма», «базм», «саломнома», «ёр-ёр», «келинсалом», «байти тӯӣ», «адоӣ», «бойчечак», «ашӯлаи сусхотун», «марсия», «байтгӯӣ» ва ғайраро ба кор мебаранд [ниг.: Шермуҳаммадов, 1966, с. 12-15].

Агар ба ҳамин равиш осори манзум, аз ҷумла сурудҳои минтақаҳои гуногун, дар маҷмуаҳо ба нашр мерасид, маводи арзишманде дастрас мебуд ва кори таҳқиқи сурудҳои халқӣ низ осон мешуд. Дар илми фолклоршиносии мо чунин маҷмуаҳое, ки дар он осори манзум бо равиши илмӣ, бо лаҳҷаи мардум нашр шуда бошад, хеле кам аст.

Аз ҷониби Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ соли 1973 таҳти унвони «Фолклори тоҷик (Материалҳо ва мақолаҳо)» чоп мешавад. Ин маҷмуаи мақолаҳои илмӣ як навъ ҷамъбасти натиҷаи корҳои илмии шуъбаи фолклор дар тули солҳои 60-ум буда, дар он мақолаҳои аксари муҳаққиқони фолклоршинос ба нашр расида, масъалаҳои зиёди илми фоклоршиносии тоҷикро дар бар гирифтааст.

Дар мақолаҳои Ф.Зеҳнӣ, Р.Аҳмадов, С.Фатҳуллоев, Н.Шакармамадов, Б.Шермуҳаммадов, Н.Азимов ва дигарон ҳангоми баҳсу мунозира дар бораи сурудҳои арусӣ, сурудҳои маросимӣ, суруда шудани осори ҳамосӣ, сурудҳои бачагона, мавқеи суруд дар ҳаёти маънавии мардум, иҷрои суруд ва монанди ин изҳори назар шудааст. Чопи ин маҷмуаи илмӣ барои таҳқиқи минбаъдаи ҳамаи жанрҳои фолклорӣ, аз ҷумла сурудҳои халқӣ мусоидат намуд [ниг.: Фолклори тоҷик, 1973].

Соли 1973 рисолаи илмии Б.Шермуҳаммадов «Назми халқии бачагонаи тоҷик» чоп шуд. Дар ин рисола қариб аксари анвои назми хурдсолон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Фолклоршинос ёдовар мешавад, ки қариб ҳамаи шеърҳои бачагона суруда мешаванд. Б.Шермуҳаммадов дар аввали боби дуюм ҳангоми таҳқиқи «Фолклори мавсимии бачагон» ёдовар мешавад, ки: «Қисми калони фолклори хурдтараконро суруду тарона, бозӣ ва маросимҳое ташкил мекунанд, ки сароянда, иҷро ва ташкилкунандаи онҳо худи бачагонанд» [Шермуҳаммадов, 1973, с. 34].

Сипас, муаллиф ба таври муфассал бо мисолҳо оид ба он ки дар кадом маросимҳо ва ё мавридҳо духтаракону писаракон сурудҳои махсуси худашонро месароянд, сухан мегӯяд. Маъмулан, аз аввали сол, яъне расидани Наврӯз, ки онро дар гузаштаҳо соли нав низ мегуфтанд, ба гуфти Б.Шермуҳаммадов, онро пеш аз ҳама хурдсолон пешвоз мегирифтанд ва дар васфаш сурудҳо мехонданд. Ӯ барои тасдиқи гуфтаи худ, дар асоси мушоҳидаҳо ва дар мисоли бачагони шаҳри Хуҷанд бо такя ба гуфтаи В.Асрорӣ чунин ишорае дорад, ки чӣ гуна хурдсолон соли навро бо муҳаббат ва бо суруд истиқбол менамуданд: «Дар Хуҷанд ва мавзеъҳои атрофи он суруди «Соли нав» машҳур аст, ки аксарияти гӯянда ва эҷодкунандагони ин навъ сурудҳо бачагон буданд. «Бачагон (махсусан, духтаракон) дар шаби соли нав ҷамъ омада, баъзан дар болои бом, баъзан дар ягон ҷои баландӣ истода, коллективона сурудхонӣ мекунанд. Сурудхонии онҳо то бевақтии шаб давом мекунад» [Шермуҳаммадов, 1973, с. 35; Асрорӣ, 1953, с. 106].

Б.Шермуҳаммадов роҷеъ ба сурудҳои бачагона ба таври муфассал изҳори назар намуда, дар байни хурдсолон маъмултарин ва машҳуртарин будани сурудҳои бачагонаро бо далелҳо нишон медиҳад. Аз гуфтаҳои ӯ маълум мешавад, ки суруд аз даврони хурдсолӣ барои тарбияи наврасон муҳим буда, ба рушди фикрии онҳо низ таъсир мерасонад.

Б.Шермуҳаммадов дар боби сеюми рисола, ки унвони он «Мундариҷа ва хусусиятҳои бадеии назми халқии бачагон» аст, сурудҳои хурдсолонро ба қисмҳо ҷудо менамояд: «Аз ҷиҳати мавзуъ сурдҳои халқии бачагонро ба чаҳор қисм ҷудо намудан мумкин аст: I. Сурудҳои алла; II. Сурудҳои навозишӣ ва дӯстдорӣ; III. Сурудҳои маросимӣ ва оид ба ҳодисаву предметҳои табиат; IV. Сурудҳои ғайримаросимӣ» [Шермуҳаммадов, 1973, с. 79].

Хуб аст, ки ин донишманд ба таври муфассал дар контексти тасвири этнографӣ ҳар чор қисми сурудҳои бачагонаро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Ӯ ин сурудҳоро аз ҷиҳати мавзуъ, сохтор, вазн, қофия, нидо, мухотаб, нақарот, вариант, мусиқият, ритм, тасвири бадеӣ ва амсоли ин бо мисолҳо баррасӣ менамояд [ниг.: Шермуҳаммадов 1973, с. 79-141].

Яке аз таҳқиқотҳои арзишманд дар бораи сурудҳои тоҷикӣ, ки дар асоси равиши пешниҳодшудаи И.Левин ва мактаби сохторшиносӣ сурат гирифтааст, ин рисолаи илмии Б. Шермуҳаммадов ба забони русӣ «Рецепция произведений таджикско-персидской поэзии (Текстологические исследования. Опыт количественного анализа вариативности)» (Нусхаҳои асарҳои манзуми тоҷикӣ-форсӣ. (Тадқиқоти матншиносӣ. Таҷрибаи ташхиси чандомад ва вариантнокӣ, 1987) мебошад. Дар ин рисолаи илмӣ раванди эҷоди 8 матни навишторӣ, ки дар байни мардум муаллифи онҳо маълум аст, таҳқиқи муфассал шудааст [ниг.: Шермухаммедов 1987].

Муаллиф дар аввали рисола, ки хусусияти матншиносӣ дорад, оид ба ҳадафи аслии таҳқиқи худ чунин гуфтааст: «Таҳқиқот дар асоси пурра ё ҷузъан тафтиш ва барқарор намудани 99 асари (суруди) назми тоҷикӣ дар асоси дастхати сабти солҳои гуногун, ки теъдоди он 1500 матн аст (ҳар кадоме ба ҳисоби миёна аз 6 то 48 сабт, дар маҷмуъ 17 000 мисраъ иборат мебошад) сурат гирифтааст. Ин ҳамаро мо тавонистем, ки дар асоси фонди бузурге, ки 13 000 матнро дорост, ҷудо намоем» [Шермухаммедов 1987, с. 3].

Муаллифи рисола дар пешгуфтор ба таври муфассал ҳадафи аслии кори худро гуфтааст. Ин ҳадаф иборат аст аз баррасии матнҳои осори хаттӣ, ки аз ҷониби сарояндагон суруда мешавад ва нусхаҳои онҳоро муҳаққиқон аз минтақаҳои гуногун аз байни тоҷикони Тоҷикистон ва Ӯзбекистон сабт намудаанд.

Шермуҳаммадов Б. дар ин қисмати пешгуфтор андешаҳои Р. Амоновро дар хусуси мафҳуми “суруд” таъйид карда, ёдовар мешавад, ки синоними суруд дар баъзе минтақаҳо бо калимаҳои «ғазал», «тарона», «достон», «ашӯла», «байт», «мухаммас» ифода ёфтааст. Яъне, «ғазал, мухаммас, рубоӣ, байт гуфтан» ба маънои сароидани суруд аст [ниг.: Шермухаммедов, 1987, с. 9].

Дар идомаи ин андешаҳои худ Б. Шермуҳаммадов ба як нуктаи нозук ишора менамояд, ки истилоҳи «суруд» то солҳои сиюми асри ХХ дар байни мардум вуҷуд надошт. Гӯё, он аз ҷониби муҳаққиқони насли ҷавон ба фолклоршиносӣ ворид карда шудааст. Ҳамчунин, бар он ишора мекунад, ки дар романи устод С.Айнӣ «Дохунда», ки охири солҳои бистум таълиф шудааст, истилоҳи «суруд» ба назар намерасад, вале дар романи «Ғуломон», ки соли 1935 таълиф шудааст, нависанда асосан, истилоҳи «суруд»-ро ба кор бурдааст. Андешаи Б.Шермуҳаммадов, ки истилоҳи «суруд» дар байни мардум чандон роиҷ набуд, то ҳадде асос дорад. Чунки дар солҳои 20-30-ум асри ХХ матнҳои фолклорӣ хеле кам ҷамъ шудаанд. Ҳатто дар он солҳо муҳаққиқони фолклор, ки бо таҳқики осори фолклорӣ ва бахусус назми гуфторӣ, мисоли суруд, машғул шуда бошанд, вуҷуд надоштанд. Ҳамаи гирдоварандагон ва ноширони осори фолклорӣ адибон, адабиётшиносон, забоншиносон, рӯзноманигорон буданд [ниг.: Шермухаммедов, 1987, с. 9].

Сипас, ба идомаи таҳқиқи хеш Б.Шермуҳаммадов ба баҳсҳои фолклоршиносони кишварҳои аврупоӣ ва ҳамчунин Туркия ишора намуда, роҷеъ ба «сурудҳои халқӣ» ба чунин хулоса омадааст: «Мо ба чунин натиҷа расидем, ки нишонаи эътимодноки поэтикӣ, нисбат ба таъбири «сурудҳои халқӣ» дар суханшиносии тоҷик вуҷуд надорад ва буда ҳам наметавонад» [ниг.: Шермухаммедов, 1987, с. 17]. Дар идомаи ҳамин андешааш Б.Шермуҳаммадов боз гуфтааст: «Бидуни ҳеҷ шубҳа, мо сурудҳои халқиро таҳқиқ менамоем, вале мо зери ин мафҳум фақат онро дар назар дорем, ки суруд ин кайҳо ба таври шифоҳӣ, хаттӣ ва чопӣ дар байни тоҷикон паҳн шудааст» [ниг.: Шермухаммедов, 1987, с. 17].

Б.Шермуҳаммадов сабаби гуфтаҳои болоии худро нисбат ба истилоҳи суруд, андаке пештар аз ин гуфтаҳояш ёдовар шуда буд, ки «суруд ҳамчун «жанр»-и мустақил дар фолклоршиносии тоҷик, ба таври ҳамаҷониба таҳқиқ нашудааст» [ниг.: Шермухаммедов, 1987, с. 9].

Асли калиди гап ҳам дар ҳамин ҷост, ки то солҳои охир суруд ҳамчун як жанри мустақили фолклори халқи тоҷик ба таври комплексӣ мавриди таҳқиқи монографӣ қарор

нагирифта буд. Ба ин сабаб, дар бораи истилоҳи «суруд» ҳамчун жанри мустақили фолклорӣ муҳаққиқон гоҳе изҳори назар намуда, мавҷудият ва муродифҳои онро дар сарчашмаҳо ва ҳам дар минтақаҳо ёдовар шудаанд.

Агарчи баъзе намунаҳои жанрҳои дигари манзум ба монанди байт, дубайтӣ, рубоӣ, ғазал низ гоҳе чун суруд сароида мешаванд, вале аз ҷиҳати сохтор онҳо аз суруд тафовут доранд. Суруд дар асоси пайвастагии чанд байт ё чанд рубоӣ аз ҷониби сароянда суруда шуда, аввалу анҷом дорад, ки ин масъала бояд ба таври ҷудогона бо далелҳо таҳқиқ шавад. Масалан, матни зерин дар асоси се рубоӣ суруда шуда, як суруди комил мебошад, ки аввалу охир дорад:

Яккахон:

Шом омадаем, намози шом омадаем,
Мо ёри туем, туро салом омадаем.

Ҳама:

Шом омадаем, намози шом омадаем,
Мо ёри туем, туро салом омадаем.

Яккахон:

Аз кӯҳи баланд, ҷӯра ба об омадаам,
Ташна мондаам, хӯрдани об омадаам.

Ҳама:

Шом омадаем, намози шом омадаем,
Мо ёри туем, туро салом омадаем.

Яккахон:

Не ташнаю не гушна, не хӯрдани об,
Дилгир шудаам, ёра суроғ омадаам.

Ҳама:

Шом омадаем, намози шом омадаем,
Мо ёри туем, туро салом омадаем... . [Гуларусак, 1986, с. 37-38].

Маҳз ҳамин гуна суруда шудани байту рубоӣ ва жанрҳои дигар боиси он шудааст, ки муҳаққиқони тоҷик нисбат ба корбурди истилоҳи «суруд» ҳамчун жанри мустақил дар шак афтанд. Аз ҷумла, Б.Шермуҳаммадов дар раванди мушоҳидаи худ дар асоси далелҳо ба чунин натиҷа расидааст: «Дар асоси таҳқиқ собит шуд, ки далелҳои лозим барои ҳамчун «жанр» ҷудо намудани «сурудҳои халқӣ» вуҷуд надорад, ба хусус дар он ҷойҳое, ки худи «суруд» дар он ҷо нест» [Шермухаммедов, 1987, с. 16].

Баъди ин инкори хеш Б.Шермуҳаммадов дар поварақи рисола ӯ ишора бар он намудааст, ки мумкин аст, дар асоси тасаввуроти техникӣ (по техническим соображениям) дар Тоҷикистон сурудҳои муайянро «халқӣ» номем. Ӯ ишора менамояд, ки масалан, он сурудҳоеро, ки вазни аруз надоранд. Аз ҷумла, «Асир афтодаме», «Уштурбача монд», «Кабкак шаваму ағба бароям», «Ялалӣ, бобо, яле», «Мурғак», ки вазни аруз надоранд [Шермухаммедов 1987, с. 16].

Албатта, ин ақидаи Б.Шермуҳаммадов як сабаби ҷиддӣ дорад. Ин он аст, ки ӯ дар рисолаи илмии худ ҳашт матни сурудеро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад, ки муаллиф доранд ва онҳо дар байни мардум густариш ёфтаанд. Дар айни замон, ин сурудҳо вариантҳо пайдо карда, халқӣ шудаанд. Аз ин рӯ, далелҳои мавҷуд аз як тараф ӯро водор намудааст, ки суруд жанри мустақил нест, аз тарафи дигар худ ишора менамояд, ки «мо бидуни ҳеҷ шак сурудҳои халқиро» таҳқиқ менамоем [ниг.: Шермухаммедов, 1987, с. 17].

Рисолаи мазкур аз ду қисм иборат аст. Қисми аввал «А» дорои ҳашт боб буда, унвони ҳар боб аз матни суруд, ки мардум ном гузоштаанд, гирифта шудааст: «Боби А1 С 20 Дил ки ранҷид аз касе» (мансуб ба Саъдӣ), «Боби А2 С 11 Аз ман чаро ранҷидай» (мансуб ба Саъдӣ), «Боби А3 С 37 Нафас дар сина сокин бош» (мансуб ба Амирӣ), «Боби А4 С 65 Ман чӣ кардам» (мансуб ба Туғрал), «Боби А5 С 68 Андеша кун» (мансуб ба Аҳмади Ҷомӣ), «Боби А6 С 31 Пурсиши ҳолам кун» (мансуб ба Лутфӣ), «Боби А7 С 81 То умр бувад» (мансуб ба Ҳилолӣ), «Боби А8 С 36 Эй санам» (мансуб ба Аҳмади Ҷомӣ)» [ниг.: Шермухаммедов, 1987, с. 29-198].

Дар рисола ишораи «А» ин унвони рамзии боб аст. Ишораи «С 20» рақамҳо шумораи сурудро, ки дар ФФ (Фонди фолклор) махсус барои сурудҳо гузошта шудааст, ифода менамояд. Б.Шермуҳаммедов дар ҳар боби қисми «А» махсусияти сурудҳои номбаршуда, мавзуи аслии онҳо, аз ҷониби киҳо сабт шудани матнҳо ва ҳатто бо нишон додани ҷинсият бо далелҳо нишон додааст. Аз ҳама ҷолиб ин аст, ки муаллиф нишон медиҳад, ки чӣ гуна

гӯяндагони суруд матни сурудро аз асли хаттии он дур сохтаанд. Ҳатто дар баъзе матнҳо, аз ҷумла «Боби А8, С 36 Эй санам» муайян намудани муаллифи аслии матн мушкил аст. Барои дақиқ баён намудани ақидаи илмии хеш ӯ матнҳоро дар ҷадвалҳо низ нишон додааст.

Дар ин ҷо ба як масъалаи дигар низ бояд ишора менамоем. Дар гузаштаҳо аксари ашъори шоирон дар тули асрҳо дар ҷашнгоҳҳо, дар мафҳилҳо, дар маъракаҳо, дар рӯзҳои шодмонӣ аз ҷониби сарояндагони касбӣ ва халқӣ суруда мешуданд. Дар ин бора дар сарчашмаҳо ишора шудааст, ки чанд намунаи онро Б.Шермуҳаммадов дар рисолаи илмии худ бо мисолҳо таҳқиқ намудааст. Ӯ чи гуна вариант пайдо намудани сурудҳои дар асоси ашъори ин ё он шоир сурудашударо бо мисолҳо нишон додааст.

Дар боби аввали рисолаи худ ӯ 28 варианти сурудеро, ки бо мисраи «Эй ки мегӯӣ ба хубон ошноӣ мушкил аст» оғоз мешавад, мавриди таҳқиқ қарор медиҳад:

Эй ки мегӯӣ ба хубон ошноӣ мушкил аст,
Ошноӣ метавон кардан, ҷудоӣ мушкил аст.
Пеши бедардон гиребон пора кардан мушкил аст,
Дил ки шуд бечора ӯро чора кардан мушкил аст.
Зиндагонӣ дар ҷаҳон бе ёр кардан мушкил аст,
Рози дил бо ҳар касе изҳор кардан мушкил аст.
Дил, ки ранҷид аз касе хурсанд кардан мушкил аст,
Шишаи бишкастаро пайванд кардан мушкил аст.
Саъдиё, саҳл аст бо ҳар кас гирифтан дӯстӣ,
Лек чун пайванд кардӣ, боз гаштан мушкил аст [Шермухаммедов, 1987, с. 40].

Б.Шермуҳаммадов дар асоси ҷадвалҳо чи гуна ин матни хаттӣ ба дигаргуниҳо дучор шудааст, нишон додааст. Дар воқеъ, агар ҳар матн аз байни мардум зиёд сабт шавад, ҳал намудани бисёр масъалаҳои назарӣ низ осон мешавад. Б.Шермуҳаммадов дар рисолаи худ асосан, матни сурудҳои китобиро, ки аз ҷониби сарояндагон суруда шуда ва дар байни мардум густариш ёфтааст, таҳқиқ намудааст.

Унвони қисми дуюми рисола бо ҳарфи «Б» ишора шудааст. Ин қисм аз ду боб иборат аст: «Боби Б1 Муаллифӣ», «Боби Б2 Типологияи вариантнокӣ» [ниг.: Шерухаммедов, 1987, с. 199-275].

Дар «Боби Б1» муаллифи рисола дар асоси гуфтаҳои илмии фолклоршиносони кишварҳои аврупоӣ ва русҳо ба масъалаи дар кадом ҳолат матни осори хаттӣ «халқӣ» мешавад ва ё ба «фолклор» табдил меёбад, баҳс намудааст. Б.Шермуҳаммадов баҳси худро ба таври мантиқӣ аз он оғоз менамояд, ки дар адабиёти классикӣ шоирон ҳама «тахаллус» доштанд, вале аксари сурудҳо агарчи тахаллус дошта бошанд ҳам, дар матн аз ҷониби сарояндагон иловаҳо сурат гирифтааст. Ӯ барои равшанӣ андохтани асли масъала ба осори муҳаққиқони адабиётшинос ва фолклоршинос, ба мисли Т.Караев, Р.Воҳидов, А.Н.Болдирев, М.-Н.О.Османов, В.Е.Гусев, Й.Мейер, В.Штейнитс ва дигарон такя намудааст. Муҳаққиқони кишварҳои дигар дар асоси матни сурудҳои халқии худ чи гуфтаанд, баҳс намуда, ишора намудааст, ки масалан, В.Штейнитс гуфтааст, ки «бемуаллифӣ» хусусияти фолклор нест. Матни соҳибмуаллиф, ки мо онро медонем, дар он ҳолат ҳалқӣ мешавад, ки агар он дар байни мардум паҳн шуда бошад ва бо вариантҳои гуногун суруда мешавад. Дар таҳқиқоти Б.Шермуҳаммедов ана ҳамин масъала, дар асоси матни сурудҳои халқӣ таҳқиқ шудааст [ниг.: Шермухаммедов, 1987, с. 202].

Муаллифи рисола дар «Боби Б2» оид ба «Типологияи вариантнокӣ»-и сурудҳои халқӣ баҳс намуда, дар аввал оид ба истилоҳи вариант, анъана, типология изҳори назар мекунад. Нисбат ба матнҳои фолклорӣ дар кадом мавридҳо ба кор рафтани ин истилоҳотро ёдовар мешавад. Барои исботи фикри худ назари муҳаққиқон: К.Крон, Анти Аарне, Н.П.Андреев, Й.Мейер, Р.Дессауер, К-Д.Ванниг, Х.Штробах, Т.М.Акимова ва дигаронро меорад, ки дар асоси сурудҳои мардуми аврупоӣ таҳқиқот анҷом додаанд. Дар ин замина дар асоси маводи сурудҳои тоҷикӣ, ки дар асл муаллиф доранду вариантҳо пайдо карда, ба моли мардум табдил ёфтаанд, сухан мегӯяд [ниг.: Шермухаммедов, 1987, с. 199-275].

Дар охири рисолаи мазкур баъди «Библография» дар бахши «Илова» сигнатура, хроносотсиограмма, картограмма ва рӯихати 99 матни сурудҳои машҳури халқӣ оварда шудааст. Ҳар кадоме аз ин санадҳо оид ба густариши 99 матни суруд маълумоти муфассал ва дақиқ медиҳанд. Аз рӯйхати 99 матн маълум мешавад, ки сурудҳои сабтшудаи маҳфуз дар Фонди фолклор аз 48 то 6 вариант доштаанд [ниг.: Шермухаммедов 1987, с. 313-316].

Ногуфта намонад, ки омӯзишу пажӯҳиши мукаммали илмӣ роҷеъ ба жанри суруд, ки тавонистааст, тамоми мақолаву маҷмуаҳо ва асару тадқиқотҳои болоиро ҷамъбаст намояд, ин

монографияи илмии С.Қосимӣ “Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ” (2024) буда, доир ба истилоҳ, хусусиятҳои жанрӣ, гирдоварӣ, нашр, пажӯҳиш, анвоъ, мавзуъ, сохтор, воситаҳои тасвири бадеӣ, вариантнокӣ ва услуби сурудҳои халқии тоҷикӣ маълумот медиҳад.

Хулоса. Аз муҳтавои мақола маълум шуд, ки оид ба осори манзуми халқӣ ва жанрҳои гуногуни он, аз ҷумла суруд, ки дар тули беш аз сад сол гирдовари нашр ва омӯзишу пажӯҳиш шудаанд, аз ҷониби адабиётшиносону фолклоршиносон Н.Маъсумӣ, Р.Амонов, В.Асрорӣ, Б.Шермуҳаммадов, Н.Шакармамадов, Д.Обидов, Ф.Муродов, Ф.Зеҳниева, Р.Аҳмадов, Р.Раҳмонӣ, Р.Ҷумаев, Н.Азимов, Ш.Умарова, С.Қосимӣ, Д.Раҳимов, Н.Нурҷонов, Н.Ҳакимов, К.Раҳимзода ва даҳҳо дигарон андешаҳои илмӣ баён ва рисолаҳои тадқиқотӣ таълиф шудааст.

Маҷмуаҳои гирдовардаю нашрнамуда ва асарҳои омӯзишию пажӯҳишии Баҳром Шермуҳаммадовро доир ба жанри суруд, ки корҳои шоиста дар фолклоршиносии тоҷик маҳсуб меёбанд, дар маҷмуъ метавонем, бад-ин рақам ҷамъбаст намоем:

1. Маҷмуаҳои “Таронаҳои Самарқанд” (1966), “Восеънома” (1985) ва “Алла, ҷонам, аллаё” (1993);
2. Мақолаю асарҳои “Сарсухани “Таронаҳои Самарқанд” (1966), “Назми халқии бачагонаи тоҷик” (1973) ва «Рецепция произведений таджикско-персидской поэзии (Текстологические исследования. Опыт количественного анализа вариативности)» (Нусхаҳои асарҳои манзуми тоҷикӣ-форсӣ. (Тадқиқоти матншиносӣ. Таҷрибаи ташхиси чандомад ва вариантнокӣ) (1987).

Ҳамин тавр, суруд яке аз жанрҳои машҳури фолклорӣ буда, аз замонҳои қадим то имрӯз вирди забони мардум аст. Сурудҳои халқии тоҷикӣ ба мардум дар раванди меҳнат, маросим, ҷашн, оинҳои мардумию мазҳабӣ, маърака ва шабнишиниҳо ғизои маънавӣ мебахшанд. Ин жанри фолклорӣ ҳамеша ҳамдами мардум буда, ба шунавандагон таъсири фалсафӣ, равонӣ ва эстетикӣ расонида, онҳоро болида месозад.

Адабиёт

1. *Алла, ҷонам, аллаё [Матн] / Б. Шермуҳаммадиён, Д. Обидзода. – Душанбе: Дониш, 1993. – 98 с.*
2. *Восеънома [Матн] / Мураттиб ва муаллифи пешгуфтор: Б. Шермуҳаммадов. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 128 с.*
3. *Амонов, Р. Очерки эҷодиёти даҳанакии Кӯлоб (Дар асоси материалҳои фолклори Сари Хосор) [Матн] / Р. Амонов. – Душанбе: Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон, 1963. – 346 с.*
4. *Амонов, Р. Лирикаи халқи тоҷик [Матн] / Р. Амонов. – Душанбе: Дониш, 1968. – 412 с.*
5. *Белинский, В. Г. Статьи о народной поэзии [Текст] / В. Г. Белинский // Полн. собр. соч. / В. Г. Белинский – М., 1979. – Т. 5. – С. 289-450.*
6. *Болдырев, А. Н. Устный эпос Таджикистана [Текст] / А. Н. Болдырев // Дружба народов. – 1939. – № 9. – С. 299-304.*
7. *Болдырев, А. Н. Таджикские чорбайты. Перев. с тадж. Н. Лебедева [Текст] / А. Н. Болдырев // Дружба народов. – 1941. – № 7. – С. 261-264.*
8. *Болдырев, А. Н. Вопросы изучения таджикского народного творчества [Текст] / А. Н. Болдырев // «Тр. ТФАН СССР», т. 29. – Сталинабад, 1951. – С. 99-108.*
9. *Брагинский, И. С. Из истории таджикской народной поэзии. Элементы народно-поэтического творчества в памятниках древней и средневековой письменности [Текст] / И. С. Брагинский. – М.: Изд-во АН СССР, 1956. – 496 с.*
10. *Данскер, О. Л. Народная песня Дарваза (по материалам Гармской этнографической экспедиции 1954 г.) [Текст] / О. Л. Данскер // Известия Отделения Общественных наук АН Тадж. ССР, 1956. – № 10-11. – С. 137-150.*
11. *Данскер, О. Л. Собирание и изучение таджикской народной песни [Текст] / О. Л. Данскер // Труды АН Тадж. ССР. Ин-т истории А. Дониш. Т. 12. – Сталинабад, 1956. – С. 87-105.*
12. *Данскер, О. Л. Народный певец Шариф Джураев [Текст] / О. Л. Данскер // Труды АН Тадж. ССР. Ин-т истории А. Дониш. Вып. 2., 1960. – С. 35-60.*
13. *Данскер, О. Л. Музыкальная культура таджиков Каратегина и Дарваза [Текст] / О. Л. Данскер // Искусство таджикского народа. Вып. 3. – Душанбе, 1965. – С. 174-264.*
14. *Данскер, О. Музыкальная культура советского Таджикистана [Текст] / О. Л. Данскер // Музыкальная жизнь Советского Таджикистана (1946–1956). Вып. 2. – Душанбе: Дониш, 1975. – С. 3-61.*
15. *Қодиров Р. Фоклори маросимии тореволютсионии тоҷикони водии Қашқадарё [Матн] / Р. Қодиров. – Душанбе: Дониш, 1963. – 153 с.*
16. *Қосимӣ, С. Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ [Матн] / С. Қосимӣ. – Душанбе: Сифат чоп, 2024. – 342 с.*

17. *Маъсумӣ, Н. Фолклори тоҷик (Курси конспективӣ барои ғоибхонҳои институти педагогӣ) [Матн] / Н. Маъсумӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1952. – 114 с.*
18. *Нальский, Я. Народный поэт (Бобо Юнус Худойдод-заде) [Текст] / Я. Нальский. – Сталинабад: Таджгосиздат, 1955. – 195 с.*
19. *Шакармамадов, Н. // Рубоиёт ва сурудҳои Бадахшон [Матн] / Тартибдиҳанда: Н. Шакармамадов / Муҳарири масъул Р. Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1965. – С. 3-9.*
20. *Шакармамадов, Н. Назми халқии Бадахшон [Матн] / Н. Шакармамадов. – Душанбе: Дониш, 1975. – 128 с.*
21. *Шакармамадов, Н. «Сартарошон» ва вариантҳои он [Матн] / Н. Шакармамадов // Масъалаҳои адабиёт ва фолклори тоҷик / Муҳаррири масъул М. Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1981. – С. 297-310.*
22. *Шакармамадов, Н. Даргилик – жанри махсуси фолклор [Матн] / Н. Шакармамадов. – Душанбе: Дониш, 1993. – 216 с.*
23. *Шакармамадов, Н. Сурудҳои туйи Помир [Матн] / Н. Шакармамадов. – Хоруғ, 1993.–212 с.*
24. *Шакармамадов, Н. Жанровые и типологические особенности народной лирики Бадахшана. Специальность: 10.01.09. – фольклористика. Автореферат диссертации в виде научного доклада на соискание ученой степени доктора филологичкских наук [Текст] / Н. Шакармамадов. – Душанбе, 1997. – 66 с.*
25. *Шакармамадов, Н. Навъе аз сурудҳои суннатии мардумӣ ва ҳамоҳангии он ба маросими тӯй [Матн] / Н. Шакармамадов // Масъалаҳои фолклори кишварҳои форсизабон (Маҷмуаи мақолаҳо). Китоби аввал. Мураттибон: Р. Аҳмад, Р. Раҳмонӣ / Муҳаррири масъул Р. Амонов. – Душанбе: Ройзании фарҳангии ҶИЭ дар Тоҷикистон, 1998. – С. 76-91.*
26. *Шакармамадов, Н. «Фалак-аз сурудҳои суннатии мардумӣ» [Матн] / Н. Шакармамадов // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. Бахши 2 (Илмҳои гуманитарӣ). – 2002. – № 4. – С. 75-85.*
27. *Шермуҳаммадов, Б. Сарсухан [Матн] / Б. Шермуҳаммадов // Таронаҳои Самарқанд / Тартибдиҳанда: Шермуҳаммадов Б. Ҷ. 2. – Душанбе: Дониш, 1966. – 342 с.*
28. *Шермуҳаммадов, Б. Назми халқии бачагонаи тоҷик [Матн] / Б. Шермуҳаммадов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 188 с.*
29. *Шермухаммедов, Б. Рецепция произведений таджикско-персидской поэзии. (Текстологические исследования. Опыт количественного анализа вариативности) [Текст] / Б. Шерухаммадов. – Душанбе, 1987. – 326 с.*

ЖАНРИ СУРУД ДАР ТАҲҚИҚИ Б.ШЕРМУҲАММАДОВ

Муаллиф аввалан, доир ба суруд ҳамчун гунаи маъмули адабиёти гуфтории тоҷикон сухан ронда, қайд мекунад, ки он бо тамомияти вижагиҳои фаровонии вариантҳо аз ҳар ҷиҳат сазовори баррасиҳои ҷиддиву илмӣ буда, аз нигоҳи дастовардҳои илми муосири фолклоршиносӣ дар маркази таҳқиқ қарор додани сурудҳои мардумӣ хусусиёти диди эстетикии халқ ва нуфузи ҷанбаи бадеиро дар бунёди жанрҳои осори гуфторӣ ошкор хоҳад кард. Сониян, муаллиф лозим ва зарур донистааст, ки дар баробари пажӯҳиши жанри суруд аз ҷониби Б.Шермуҳаммадов инчунин, дараҷаи омӯзиши жанри мазкурро тибқи принсипи таърихият ба риштаи таҳқиқот кашида, ҳамзамон, масоили асосии баррасишавандаро ба ду қисми асосӣ – гирдоварию нашр ва пажӯҳиш ҷудо намудааст, то ки ҳар як масъала дар алоҳидагӣ барои хонандаи азиз маълуму рӯшан бошад. Баъдан, муаллиф доир ба гирдоварию нашри сурудҳои халқии тоҷикӣ аз асри XIX шуруъ карда, то ба имрӯзҳо ин масоилро тадриҷан нишон дода, ба чунин натиҷа расидааст, ки матни сурудҳои халқӣ дар маҷмуаҳо ба се равиш чоп шудааст: 1) Бо равиши оммавӣ дар канори матнҳои дигар. 2) Бо равиши илмӣ бидуни нота. 3) Бо равиши илмӣ бо нота. Сипас, муаллиф роҷеъ ба пажӯҳиши сурудҳои халқии тоҷикӣ маълумот дода, ҳамаи он асарҳои илмиро, ки дар бораи сурудҳои халқӣ гуфта шудааст, ба се даста ҷудо кардааст: 1) Мақолаҳои ҷудогона, ки дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп шудааст. 2) Сарсухани маҷмуаҳо, ки дар онҳо роҷеъ ба сурудҳо мушоҳидаҳои таҳиягарон баён гардидааст. 3) Рисолаҳои илмӣ, ки дар онҳо дар канори жанрҳои дигари лирикӣ ё манзум оид ба сурудҳо низ муҳаққиқон ақидаи худро иброз намудаанд.

Калидвожаҳо: жанри суруд, сурудҳои халқии тоҷикӣ, адабиёти гуфторӣ, Б. Шермуҳаммадов, вариантнокӣ, лирика, жанрҳои лирикӣ.

ЖАНР ПЕСНИ В ИССЛЕДОВАНИИ Б. ШЕРМУХАММАДОВА

Автор, во-первых, говорит о песне как о распространённом виде устной литературы таджиков и отмечает, что она со всей полнотой и разнообразием вариантов со всех сторон заслуживает серьёзного научного рассмотрения. Изучение народных песен с позиций достижений современной науки фольклористики и размещение их в центре исследования раскроет особенности эстетического видения народа и влияние художественного аспекта на формирование жанров устных произведений. Во-вторых, автор посчитал нужным и необходимым наряду с изучением жанра песни, проведённым Б. Шермухаммадовым, также исследовать степень изученности данного жанра согласно принципу историзма, и при этом разделил основные рассматриваемые вопросы на две главные части: сбор и

публикация и исследование, чтобы каждая проблема была понятна и ясна дорогому читателю в отдельности. Далее автор, начиная с XIX века и до сегодняшнего дня, последовательно освещает вопросы сбора и публикации таджикских народных песен и приходит к выводу, что тексты народных песен в сборниках издавались тремя способами: 1) Массовым способом наряду с другими текстами. 2) Научным способом без нот. 3) Научным способом с нотами. Затем автор предоставляет информацию об исследовании таджикских народных песен и делит все научные труды, посвящённые народным песням, на три группы: 1) Отдельные статьи, опубликованные в газетах и журналах. 2) Предисловия к сборникам, в которых изложены наблюдения составителей относительно песен. 3) Научные монографии, в которых исследователи выразили своё мнение о песнях наряду с другими лирическими или стихотворными жанрами.

Ключевые слова: жанр песни, таджикские народные песни, устная литература, Б. Шермухаммадов, вариантность, лирика, лирические жанры.

THE SONG GENRE IN THE RESEARCH OF B. SHERMUHAMMADOV

First, the author discusses the song as a widespread form of Tajik oral literature and notes that, with its full scope and variety of versions, it completely deserves serious academic consideration. Studying folk songs from the perspective of modern folklore science and placing them at the center of research will reveal the specific features of the people's aesthetic vision and the influence of the artistic aspect on the formation of oral genre works. Second, the author considered it necessary and vital, alongside the study of the song genre carried out by B. Shermuhammadov, to also investigate the degree of previous research on this genre according to the principle of historicism. In doing so, the author divided the main issues under consideration into two principal parts: collection and publication and research, so that each problem is clear and understandable to the esteemed reader individually. Furthermore, the author systematically covers the issues of the collection and publication of Tajik folk songs from the 19th century up to the present day, concluding that the texts of folk songs were published in collections in three ways: 1) Mass publication alongside other texts. 2) Academic publication without musical notation. 3) Academic publication with musical notation. Subsequently, the author provides information on the research into Tajik folk songs and divides all academic works dedicated to folk songs into three groups: 1) Individual articles published in newspapers and journals. 2) Forewords to collections, which contain the compilers' observations regarding the songs. 3) Academic monographs, in which researchers have expressed their opinions on songs alongside other lyrical or verse genres.

Keywords: song genre, Tajik folk songs, oral literature, B. Shermuhammadov, variant nature, lyrics, lyrical genres.

Дар бораи муаллиф
Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир
Доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х.Рӯдакӣ, 121
E-mail: hofiz200469@mail.ru

Об авторе
Косими Саади Абдулкадир
Доктор филологических наук, заведующий кафедрой методики преподавания языка и литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: hofiz200469@mail.ru

About the author
Kosimi Saadi Abdulkodir
Doctor of Philological Sciences, Head of the Department of Methods of Teaching Language and Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: hofiz200469@mail.ru

ТДУ 821.222.1-1.09

ҲИФЗИ ВАТАН ВА ЭҲСОСИ ВАТАНДОРӢ ДАР НАЗМИ СОЛҲОИ ОХИРИ ТОҶИК

Қурбонзода М., Қурбонова З.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ватандорӣ ҷавонмардист, ғуруру нанг бояд дошт,
Вагарна дар ҳама олам ғарибу бе Ватан бошам.

Мавзуи ҳифзу ифтихор аз ватандорӣ ва тавсифи он назми солҳои охири адабиёти тоҷикро чуқуртар фаро гирифта, торафт мавқеи аввалдараҷаро пайдо карда, аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво фарогиртар шуда, ба ҷараёни ягонаи ватанномаҳои шоирони давраи нави тоҷик пайванд гашт. Дар ҳақиқат, адибон вазифадоранд, ки моҳияти вазифаи ватандӯстӣ ва ватанхоҳиро дар назари хонанда ба тамом кушода, омилҳои таҳрик ва натиҷаҳои онро бояд нишон диҳанд. Ба ин васила онҳо метавонанд чеҳраи муҳташами Ватан ва ҳифзи марзу буми онро дар назари хонанда пуртобишу ҷилодор намоиш диҳанд. Аз ҳамин нуқтаи назар, таърихи тамаддуни умумиҷаҳонӣ мубрамтарин мавзуи замон ситоиши Ватанро ҳисобидааст.

Охири солҳои панҷоҳ ва ибтидои солҳои шаст, дар шеъри тоҷикӣ мавзуи меҳри ватан фарохтар гардида, ҷиҳату паҳлӯҳои тоза касб намуд. Маълум аст, ки ҳалли бадеии мавзуи меҳри ватан ва ватнхоҳӣ дар ин солҳо яктарафа сурат мегирифт. Яъне тамоми мардуми шӯравӣ як ватани бузург дошт, ки он бо номи Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ шинохта мешуд.

Бояд гуфт, ки имрӯз дар ашъори шоирони тоҷик истилоҳи ватан, ки бо ҳарфҳои калон навишта ва ёд мешавад мафҳуми Тоҷикистонро дорад ва акнун, ки он давлати мустақил мебошад, душвор аст шоирро айбдор кардан, ки ӯ кадом «ватан»-ро дар назар дорад, ватани хурд – Тоҷикистонро ё ватани бузург Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравиро. Яъне тамоми шеърҳои ба ин мавзуъ бахшидаи шоирони тоҷикро бидуни баҳсу мунозира ба васфи Тоҷикистон нисбат додан мумкин аст. Пӯшида нест, замоне буд, ки ки он айём шоирон наметавонистанд, мустақилона аз Тоҷикистон ба сифати ватани аслиашон баҳс намоянд. Аз ин ки мо мегуфтем, ки фалон шоир бо истифода аз калимаи Ватан – Иттиҳоди Шӯравиро дар назар дорад, як ақидае буд, ки зери фишор ва ҷабран ба вуҷуд омада, ҳеҷ хел самимиятро дар худ надошт. Масалан, М.Турсунзода гуфта буд:

Ганҷи худро рез акнун пеши пои фотеҳон,
То Ватан гардад тавонотар аз ин ганҷи равон,
То дурахшон гардад аз ҳар пора лаъли кӯҳсор
Як чароғи тозае дар бӯстони тоҷикон [8, с. 32].

Ё Мирсаид Миршакар вобаста ба ҳамин масъала чунин изҳор доштааст: «Росташро гӯям, барои ман ибтидои Ватани бузург ва ҳифзи марзу буми он аз деҳаи хурде сар мешавад, ки дар он ҷо нахустин бор чашм ба дунё кушода, гап задан, роҳ гаштан, ба кӯча баромада бо ҳамсолонам бозӣ кардан, хубро аз бад фарқ кардан, бо ғаму шодии дӯстонам шарик будан, дӯст доштан ва бад диданро ёд гирифта будам» [4, с. 3].

Дар назми солҳои охири садаи ХХ ва ибтидои асри ХХ1-и тоҷик мавзуъҳои ватанхоҳӣ, бедории миллӣ, худшиносӣ, ахлоқӣ, накуҳиши ҷанги бародаркӯш мавқеи марказӣ доштанд ва суханвароне чун М. Қаноат, А. Сафар, Л. Шералӣ, Б. Собир, Гулрухсор, Ҳ. Ғоиб, Гулназар, А. Муродӣ, М. Ғоиб, С. Айюбӣ ва дигарон ҳар кадом бо диди тоза ва услуби хоси эҷодӣ мавзуъҳои мазкурро мавриди баррасии бадеӣ қарор медоданд.

Адабиётшинос Худоӣ Шарифов ба мавзуъҳои иҷтимоӣ ва миллӣ бештар рӯ овардани шоирони ин солҳоро ба вазъи таърихии давр вобаста дониста қайд мекунад, ки: “Дар ҳамин вазъият шоирону нависандагон бо мавзуи забон, таърих, фарҳанг, маънавиёт ва дигар паҳлуҳои рӯзгори таърихи мардуми худ рӯи оварданд. Махсусан мавзуи ватани кӯчак, яъне Тоҷикистон, дар қиёси ватани бузург, яъне Иттиҳоди Шӯравӣ диққати шоирону нависандагонро ба худ ҷалб кард, вай воситаи ифодаи ҳасрат аз шукӯҳу азамати гузаштагони дур, шаҳру сарзаминҳои бегонашуда, забони костагӣ ёфта буд ва моҳиятан маънои ба бунбасте расидани мақсаду ормонҳоро дошт” [10, с. 200].

Бояд гуфт, ки дар даврони шӯравӣ мафҳуми «ватани хурд» чандон аҳамият надоштааст. Зеро адибон дар истифодаи ватани хурд ба маънии зодгоҳу деҳ ва хонаи падар истиҳола

мекарданд. Ҳатто дар танқиди адабии он солҳо буданд мунаққидоне, ки мегуфтанд: мо фарзандони ватани ягонаем ва истифода кардани «ватани хурд» ва «ватани калон»-ро носолим мешуморем. Ҳол он ки аз нигоҳи ислом ва тибқи анъанаи исломӣ «Ватанро дӯст доштан аз имон аст» («Ҳубб-ул-ватани мин-ал-имон»). Дар ҳадиси паямбари Ислом (с) оварда шудааст, ки «Хуб-бул-ватани мин-ал-имон» (меҳр бар ватан аз имон аст). Ин маъниро шоири маорифпарвари эрон Маликашшуаро Баҳор ҳанӯз ибтидои асри ХХ чунин ба риштаи назм кашида буд, ки басо хушоянд аст:

Ҳар киро меҳри ватан дар дил набошад, кофар аст,
Маънии ҳуббулватан фармудаи паямбар аст... [9, с. 123].

Аз ин ҷиҳат, вақте ки шоири тоҷик ватани худро аз дилу ҷон дӯст медорад ва хокашро тӯтиё мекунад, чи хел онро ситоишу тавсиф накунад. Барои мисол Лоиқу Бозору Гулрухсор зиндагии хешро бидуни хонаи падар, сангу пастхамиҳои деҳаҳояшон (Мазори Шариф, Сӯфиён ва Яхч) тасаввур карда наметавонистанд. Мусаллам аст, ки касе зодгоҳи худро дӯст надорад, ҳеҷ ҷои дигарро дӯст дошта наметавонад.

Вақте ки таърих ва адабиёти пешинаи худро варақгардон мекунем, мебинем, ки ниёгони мо ҷои таваллуд, маҳалли иқомат, аҳли байту пайвандон ва ҳатто ҷои муваққатии фароғатро «ватан» хондаанд. Ба таъбири дигар, душвор аст қоил шудан, ки шахс агар модари худро дӯст надорад, модари бегонаро дӯст дошта метавонад. Яъне маҳалу зодгоҳ ва деҳи худро дӯст надошта меҳанпарасти комил шудан мумкин нест.

Дар нимаи дуюми қарни ХХ дар шеъри тоҷик мавзуи меҳри Ватан домани фарох касб намуда, соҳиби паҳлуҳои тозаву нав гардид. Афзалияти ин мавзуъ аз он ибтидо ёфтааст, ки ҳар як нигоранда дар зеҳну тафаккур ва маҳорати эҷодӣ аз таърихи пурғановати меҳанаш тафохур намуда, дар ситоиши он аз нуқтаи назари эҳтироми воло ва баланд хома меронад. Аксари шоирони ин даврон аз табиати зебою дилкаш, ташаккулу пешрафти меҳан ва навгониҳои ҳамарӯзаи он ба ваҷд омада, аз зебогии Ватан ва гузаштаи пурифтихори диёр бо эҳсосоти баланд шеърҳо офаридаанд.

Ватан, дар тасаввури шоири достонсарои тоҷик Муъмин Қаноат бо риштаҳои ноаёни гуногун бо фарзандон ба таври ҷовидона пайванд буда, ин тору пуди мустаҳками муҳаббати диёрро ҳеҷ қуввае гусаста наметавонад. Бузургтарин фарзандони миллат дар ҳар куҷои сайёра, ки бошанд, худро бо Ватан ва Ватанро бо худ тавъам, пайванд, ягона ва ҷудонопазир медонад, чуноне ки М. Қаноат гуфтааст:

Ман шунидам ҳарфи онҳоро, ки буд ҳарфи Ватан,
Ман бидидам: ваҳдати онҳост мисли ҷону тан [3, с. 29].

“Дар байни шоирони насли аввали замони Истиқлол бештар аз ҳама Бозор Собир ба сифати шоири тасвиргар шинохта шудааст” [5, 145]. Ватан ва дарки он дар шеъри Бозор Собир ҳам кулбаи падарӣ аст, ҳам маҳаллаи Сӯфиён, ҳам ноҳияи Файзобод, ҳам Тоҷикистон ва кулли минтақаи форсизабонро шоир ватани аҷдодии худ медонад.

Шоир ба гузаштаи кишвараш назар меандӯзад, ҳолу аҳволи онро тасаввур мекунад ва аз шаҳомати он меболад, аз дардҳояш ранҷ мекашад, бо мардони асилаш ифтихор дорад ва аз номардонаш дар хиҷил аст. Бозор Собир ватанро хаёливу беранг дида наметавонад, балки онро воқеӣ, табиӣ ва рангоранг тасаввур менамояд. Ӯ ватан ва сарзамини аҷдодии худро самимона дӯст дошта бо эҳтиром онро ба қалам медиҳад.

Чунин тасвирҳои мӯшикофонаи шоир дар шеъри «Тоҷикистон» ба мушоҳида мерасад:

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Мекунам шукри каму бисёри ту,
Мекунам шукрона аз озарму аз озори ту.
Аз ту ман сарват намехоҳам,
Ватан ҳастӣ, бас аст
Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст… [7, с. 51].

Бозор Собир худро аз кӯҳу кӯҳистон, аз табиати зебо, аз ҳар сангу ҳар қатра оби он дар айни замон аз ватани азизаш ҷудо тасаввур намекунад.

Кӯҳистон ба сифати образи бадеӣ дар шеъри аксари шоирони солҳои 60-90 торафт мавқеъ пайдо мекунад, ба ин далел, ки солҳои 50-ум бо баҳонаи муҳоҷиркунии аҳолӣ ба водии Вахш, тақрибан кӯҳистонро ба харобазор, ба чӯли бегиёҳу дарахт табдил доданд. Шоирон мехоҳанд, ки бо шеъри худ кӯҳистонро наҷот диҳанд, аз он дифоъ намоянд. Ба ин хотир, шоир намехоҳад, ки як зарраи хоки ватанаш – Тоҷикистон кам шавад. Агар Лоиқ бо

бурдани хоки Тоҷикистон кишварҳоро пайвастанӣ шавад, Б.Собир хоку обҳои ба кишварҳои дигар бурдаро баргардонида оварданист:

Ҳар куҷое рафтам аз оғӯши ту,
Доманамро ман такидам раҳ ба раҳ
дар ҳар қадам,
Пои худро раҳ ба раҳ то сарҳадат,
Бар замин афшонда рафтам,
Аз паям то кам нагардад заррае хоки камат.. [7, с. 97].

Гарчанде ҷангҳои шаҳрвандӣ муддате Бозор Собирро аз Ватани аҷдодиаш дур партофта бошад ҳам ӯ ҳеҷ гоҳ он мавзее, ки хуни нофаш онҷо рехтааст, дар онҷое, ки ӯ ба камол расида қалам ба даст гирифта шеър гуфтааст фаромуш карда наметавонад. Ӯ агар ҷисман аз ватан дур афтода бошад ҳам рӯҳан бо ёди Ватан буд. Баъди оворагардихои зиёде бо даъвати Пешвои миллат ба ватан баргашт ободиву пешравиҳои кишвару миллаташро дар замони истиқлол бо чашми худ дид ва ба саркори сулҳовару ватани гулгулшукуфонаш назар карда бо меҳру сидқу вафо гуфтааст:

Дубора созамат ватан,
Ба хишти ҷони хештан.
Сутун занам ба сақфи ту,
Ба устухони хештан.
Сатили обу гил маро
Барои сохтори ту
Ду панҷа хуни дил маро
Барои рангу бори ту.
Барои дар чаҳор су,
Навиштани шиъори ту.
Бародарӣ-баробарӣ,
Баробарӣ-бародарӣ.
Агар чу шиша чашми ман,
Ба кор меравад, бимон.
Ба кор меравад агар
Сарам чу санги сохтумон,
Бимон, бимон, бимон… [11].

Дар ҳақиқат шеъри дилрас ҳамеша хонандаи худро ёфта, тавассути образу тасвирҳои ҷолиби бадеӣ, диди тоза ва бозёфтҳои шоирона дар қалбҳо ҷойгузин мегардад.

Ман Ватанро соф бе шарҳу баён фаҳмидаам,
Аз пайи молу шамолаш раҳравон фаҳмидаам...
Ман ба ӯ вобастаам ҳам бо қадам, ҳам бо қалам,
Подароҳашро агар гум мекунам, гум мешавам [7, с. 54].

Лоиқ Шералӣ, ки аз шоирон маъруфи ин даврон ба ҳисоб мерафт дар бораи Ватан бо муҳаббати том сухан мегӯяд:

Ватан сар мешавад аз гаҳвора,
Зи шири поку аз пистони модар.
Ватан сар мешавад аз он тавора,
Ки онро сохта дастони модар... [12, с. 67].

Хонандаи нуктасанҷ миёни ашъори Лоиқ ва Бозор Собир умумияти мавзуиро ба мушоҳида мегирад. Қаҳрамони лирикии Лоиқ бо тамоми ҳиссиёт тақдири худро бо тақдири халқ мепайвандад ва аз нигоҳи таърихӣ онро ба гузаштаву муосир мепайвандад. Аз мисраъҳои зер оҳанги меҳри бадард ба гузаштаи халқ ба гӯш мерасад:

Тоҷикистон – мазҳари ман,
Сарзамини камзамин,
Ту саросар кӯҳсорӣ,
Ту саросар сангзорӣ,
Чунки фарзандони ту дар тӯли таърихи дароз,
Ҳар куҷо рафтанд, муште хок бо худ бурдаанд.
Чунки фарзандони ту дар ҷустуҷӯи бахти худ,
Дар биёбонҳои тафсон дур аз ту мурдаанд [12, с. 85].

Ба ҳамин мазмун Бозор дар шеъри «Тоҷикистон» менигорад:

Доманамро ман такидам раҳ ба раҳ дар ҳар қадам…,
Аз пайам то кам нагардад заррае хоки камат… [7, с. 96].

Гӯё қаҳрамони лирикии Бозор хокҳои бурдаи қаҳрамони Лоиқро раҳ ба раҳ аз пой метакад, то ки хоки ин сарзамини сангзор кам нашавад. Маънии мисраъи «Дар биёбонҳои тафсон дур аз ту мурдаанд» низ дар шеъри Бозор ҳаст. Аммо, вақте ки Б.Собир «хоки камат» мегӯяд, манзур на кам будани хоки ҷуғрофиёи тоҷикон аст, балки ин ҷоро замоне Хуросони Бузургаш меномиданд ва Мовароуннаҳрро низ фаро мегирифт. Чунин ба назар мерасад, ки қаҳрамони лирикии Бозор Собир маърифатманд буда, маънии ватанро амиқ эҳсос менамояд. Ин ҳолат табиӣ аст, чун ҳар шоир ба олам ба чашм ва нигоҳи шахсии худ менигарад ва қобили ситоиш мебуд, агар ин назари шахсӣ нотакрор ва тоза бошад, чунон ки дар эҷодиёти Лоиқу Бозор ба мушоҳида мерасад.

Гулрухсор шоири лирик аст. Лирикаи ӯ тавсифи Ватан, муҳаббати Тоҷикистон ва кӯҳсори он, мардуми меҳнатдӯсти тоҷик мебошад. Бо вуҷуди ин Гулрухсор, аз ҳама бештар шоираи ишқиясаро аст. Лаззати лаҳзаҳои васлу дидор, ғаму андӯҳи ҳаҷру фироқ муҳаррики асосии эҳсосоти қаҳрамони лирикии ашъори ошиқонаи ӯ мебошад. Барҷастатарин сифати лирикаи ишқии Гулрухсор самимияти ибрози эҳсосот аст.

Шоира Гулрухсор, аз як сӯ ба деҳи худ, ба хонаи кӯчаки падар меҳри бепоён дорад, аз сӯи дигар, он хонаро як пораи хоки Ватани кабир дониста, боз мегӯяд, ки шоҳроҳи зиндагӣ барои ӯ аз ҳамон дарвозаи хонаи хурдакаки падар оғоз гирифтааст:

Хонаи хурди падар,
Гаҳвораи иқболи ман,
Олами зебои тифлӣ,
байти бепардози ман... [6, с. 86].

Чунон ки мебинем, дил дар ашъори Гулрухсор ба сифати образ омадааст, ки аз ҳар шеър садои дилаш ва акси садои дилаш ҳувайдо мегардад. Дар ин ҳолат мавзуи ватан дар маънии дили шоира хеле ҷиддӣ ба таҳқиқ гирифта мешавад. Вақте мегӯяд: «Тоҷикистон, сари ҳар санги ту бар ман Ватан аст» ва «Қасам ба чашмаҳои Яхч, ки оби дидаи мананд», мафҳумҳои Ватан, Тоҷикистон, Яхч, чашмаҳои Яхч ба ҳам омезиш меёбанд ва онҳоро аз ҳастии қаҳрамони лирикӣ ҷудо тасаввур кардан ғайри имкон аст.

Тоҷикистон, сари ҳар санги ту бар ман Ватан аст,
Бари ҳар буттаи хори ту бароям чаман аст.
Заррае некам агар дарси ту аз бар кардам,
Заррае хубам агар ҳусни ту мероси ман аст [6, с. 67].

Эҳсоси ватанхоҳии Гулрухсор, то ки шеър шавад, аз ҷараёни ақли ӯ мегузарад. Аз ин ҷост, ки дар шеъри Гулрухсор шубҳае ба миён намеояд, ҳама мулоҳизаҳо заминаи воқеӣ ва таҳқиқӣ доранд. Шоира бар ин ақида аст, ки шеър ҳама паҳлӯҳои рӯзгори инсониро бояд дар бар кунад, зеро шеър аз унсурҳову нишониҳои рӯзгори одамӣ ғизо мебардорад – дарду шодӣ, ҳаёту марг, базму мотам, диловариву хиёнат ва ғайра.

Шеърҳои ватанхоҳонаи Гулрухсор аз эҳсоси баланд бархурдор мебошад. Ба ин маънӣ шеъри Гулрухсор зодаи туғёни ҳиссиёти баланд аст ва ин ҳиссиёт аз қаъри дил аланга мезанад ва оташро мемонад.

Торе, ки туро Ватан нахонад, назанам,
Он дил, ки ғами Ватан надонад, шиканам.
Шамъе, ки бари Ватан насӯзад, бикушам,
Чашме, ки туро Ватан набинад, биканам [6, с. 69].

Адабиётшинос А.Абдуманнонов мавзуъҳои ашъори шоира Гулрухсорро ба таври зайл тақсимбандӣ кардааст: «Аз аввалин шеърҳои вай муҳаббати Ватан, манзараҳои дилрабои кӯҳистон, ёди модар ва айёми кӯдакӣ, саҳифаҳои таърихи халқи кишвар, лаззати лаҳзаҳои висолу аламҳои фироқ, таассуроти сафари мамлакати паҳноварамон ва кишварҳои хориҷа муҳаррики асосии эҳсосу андешаҳояш гардидаанд ва доираи мавзуъҳои ашъорашро муайян намуданд…» [10, с. 69].

Дар замони Истиқлолияти Тоҷикистон бошад, мавзуи Ватан дар ашъори шоирон мавқеи боз ҳам барҷастатар касб намудааст. Мавзуи ватандорӣ ва ватанпарварӣ аз мавзуъҳои асосии эҷодиёти адибони ин давронро дар бар гирифтааст. Ин мавзуъ бештар дар эҷодиёти шоироне чун Муҳаммад Ғоиб, Сафармуҳаммад Айюбӣ бештар ба чашм мерасанд мансуб мебошад. Дар ҳақиқат, тасвирҳое, ки дар ашъори ватанхоҳонаи Муҳаммад Ғоиб ба назар

мерасад, басо самимӣ, воқеӣ ва хотирмон мебошанд ва бо рӯҳи миллӣ ва таровати суннатии худ ба хонанда ифтихори миллӣ ва масъулияти ватандорӣ илқо менамояд:

Ватан бӯе, ки дар ранг аст,
Ватан хоке, ки дар санг аст.
Ватан дар ҳарфҳои чашм,
Ватан дар сатри ожанг аст [2, с. 47].

Шеърҳои ба мавзуи Ватан ва меҳанпарастӣ бахшидаи Сафармуҳаммад Айюбӣ низ аз ҷилваю таҷаллии мазмунҳои бикр саршор буда, дар онҳо шоир бо тасвирҳои нобу тоза, маъно ва муҳтавои баланд ҳақиқати воқеии ватандӯстиро тараннум месозад. Чунин шеърҳои ӯ аз ҷанбаи баланди мантиқӣ бархурдор буда, омезиши андешаи воло ва маънои асили ҳунармандонаро таҷассум намудаанд. Шоир бо забону баёни фасеҳу ширадори бадеӣ, Ватанро ситоиш карда, мафҳумҳои ҷолиб, тасвироту таркиб ва аслияту айнияти ҳақиқатнигоронаи шеърро таъмин кардааст:

На ҳар канори ҷаҳонро Ватан кунад дили мо,
На аз муҳаббати ҳар ҷо сухан кунад дили мо.
Вуҷуди ҷону тани мо ба ҳукми дил бошад,
Фидои хоки Ватан ҷону тан кунад дили мо [1, с. 26].

Умуман, шеърҳои ватанхоҳонаи ин шоирон дар қатори беҳтарин ва марғубтарин ашъори ба мавзуи Ватан бахшидаи адибони муосири тоҷик мавқеъ пайдо карда, маҳбубият ва азиз будани меҳанро бо рангҳои тоза дар назари хонанда ҷилвагар месозанд.

Сафармуҳаммад Айюбӣ тасвири воқеот аз ибтидо ба интиҳо, аз оғоз ба сӯи анҷом, аз ҷузъ ба кулл ҷараён гирифтааст ва ин усули тасвир ба ӯ имкон додааст, ки бо як нафосати хоса деҳаи хурди худро чун як ҷузъи ҷудонашавандаи Ватани беканораш тавсиф намояд. Ин дилбастагӣ ва садоқат аз оромишу осоиш, файзу баракат ва озодию озодагии зодгоҳаш сар зада, тамоми хиттаи Тоҷикистонро фарогир мешавад:

Монанди гулу гиёҳ, ки эҳсос кунад,
Бо решаи сабзи худ дили гарми Ватан.
Ман мекунам эҳсос туро якумрӣ,
Дар гӯшаи сабзи синаам, деҳаи ман [1, с. 40].

Дар тасвири ӯ Ватан меодгоҳ, Ватан сарпаноҳ, Ватан оғӯши гарм ва Ватан панҷаҳои нарми модар аст. Шоир ҳамин маъниҳоро дар ҳавзаи андешаи худ коркард намуда, аслият ва ҳувияти меҳандӯстиро дар либоси образҳои тоза, муҳтавои пойдор ва тасвирҳои санҷида ҳувайдо месозад:

Ҳар сония чун ошиқи дилдодаи айём,
Хоҳам, ки дар оғӯш кашам кӯҳу даманро.
То дар бадали гармии дил гарм намоям,
Ҳар як ваҷаби хоки пурэҳсони Ватанро [1, с. 42].

Шоир тавассути шеърҳои дар мавзуи Ватан навиштаи хеш аз ёдгориҳои таърихии диёр, ғановати пурбаҳои маънавии мардум ва табиати бебаҳою биҳиштосои кишвар сухан ронда, аз муҳит ва зиндагии мардум мазмуни шеърҳои худро сайқал мебахшад:

Дар синаи Золи Зар хандид гули қоқу,
То авҷи фалак печид савти ғазали Фархор.
Шаб аз Қаратоғ ояд шаббодаи наврӯзӣ,
Аз накҳати гул хезад бӯи асали Фархор [1, с. 43].

Чунин тарзи тасвир, истифодаи ҷузъу кулл дар мавриди Ватани умумӣ ва зодгоҳ дар эҷодиёти ҷавоншоирони солҳои 60-90 ум ва минбаъда ривоҷ гирифта буд. Мисоли равшан агар Лоиқ Шералӣ “Ватан сар мешавад аз гоҳвора, зи шири поку аз пистони модар”[5, 50] гуфта, пайванди деҳаашро ба ватани ягона-Тоҷикистон ифода намуда бошад, пас Бозор Собир

“Ман ватанро аз қафои пода пайхас кардаам,
Рӯзу шаб бо панҷ ҳисси зотиям ҳис кардаам” [7, с. 52]

гӯён муҳаббати қаҳрамони ғиноиро ба Ватан тавассути деҳа ва зодгоҳ акс мекунад.

Хулоса аҳли қалам тавассути дилбохтагию фидокориҳои қаҳрамони ғиноӣ хонандаро дар рӯҳи худшиносӣ тарбият карда, ҳиссиёти наҷиби меҳанпарастиро дар вуҷуди ӯ бедор месозад ва қалби ӯро ба зиндагӣ, ба обу хоки Ватан ва пайвастагиҳои он гарм менамояд.

Чунин усули тасвири Ватанхоҳӣ ва эҳсоси ватандорӣ бозгӯи қувват гирифтани эҳсоси худшиносӣ ва ифтихори миллӣ дар шеъри ин давраинаи тоҷик мебошад.

Мафҳуми меҳри ватан ва дарки ватанпарастиро дар шеъри солҳои охири асри XX ва ибтидои асри XX1 то ин ҷо поён дода, гуфтанием, ки ин мавзуъ дар солҳои баъд низ мавриди тасвири шеъру адабиёт қарор гирифта торафт аз нигоҳи образу бозёфтҳои ҳунарӣ ранги дигар пайдо намуда, дар маҷмуъ қавитар шуда, муҳтавои наву тозаро дар бар кардааст.

Адабиёт

1. *Аюбзод, С. Аюбӣ Сафармуҳаммад / С. Аюбзод // Чеҳраи Хатлон (Ба ифтихори 80-солагии рӯзномаи "Хатлон"). – Душанбе, 2013. – С. 99-102.*
2. *Ғоиб, М. Ифтихор / М. Ғоиб. - Душанбе: Ирфон, 2011. - 224 с.*
3. *Қаноат, М. Осори мунтахаб. Дар ду ҷилд, ҷ. 2 / М. Қаноат. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 192 с.*
4. *Миршакар, М. Айёми ҷавонӣ / М. Миршакар. - Душанбе: Ирфон, 1974.*
5. *Раҳимӣ, М. Ҷанбаҳои ҳунарии шеъри замони истиқлол дар тасвири симои зан-модар (дар заминаи шеъри Раҳмат Назрӣ) / М. Раҳимӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2023. – №3 (104). – С. 145-150.*
6. *Сафиева, Г. Қасидаи кӯҳистон / Г. Сафиева. – Душанбе: Адиб, 1988. – 240 с.*
7. *Собир, Б. Бо чамидан, бо чашидан / Б. Собир. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 208 с.*
8. *Турсунзода, М. Куллиёт, ҷ. 1-4 / М. Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1971-1979.*
9. *Ҳакимов, А. Шеър ва замон / А. Ҳаким. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 253 с.*
10. *Шарифов, Х. Шоир ва шеър: Маҷмуаи мақолаҳо / Х. Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. – 218 с.*
11. *Шафеъ, Б. Бозор Собир: Дубора созамат ватан... / Б. Шафеъ // Рӯзномаи "Рӯзгор". – 2013. – июн.*
12. *Шералӣ, Л. Фарёди бефарёдрас / Л. Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 1998. – 228 с.*

ҲИФЗИ ВАТАН ВА ЭҲСОСИ ВАТАНДОРӢ ДАР НАЗМИ СОЛҲОИ ОХИРИ ТОҶИК

Ҳифзи Ватан ва эҳсоси ватандорӣ дар назми солҳои охири тоҷик аз падидаҳои муҳимми замони нав буда, омӯзиши он дар шароити Тоҷикистони имрӯза хело ҳам зарур аст. Бинобар ин муаллифон ба яке аз мавзуъҳои муҳимми замони муосир дахл намуда, ба воситаи осори шоирони давр, роҳҳо ва воситаҳои инкишофи ватандӯстӣ ва ифтихори миллиро баррасӣ намудааст. Дар мақола муаллифон ватандӯстӣ ва ифтихори милливу худшиносии миллиро омили асосии инкишофи ҷомеа, бехатарии давлат, таъмини амнияти давлату шаҳрвандон дониста, таъкид менамоянд, ки яке аз роҳҳои асосии мустаҳкам намудани пояҳои давлат ин густариши ифтихори миллӣ, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ мебошад. Аз осори шоирони маъруфи тоҷик Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор Аюбӣ Сафармуҳаммад, Муҳаммад Ғоиб ва дигарон мисолҳо оварда шуда, роҳҳо ва воситаҳои ташаккули ватандӯстиро муайян гардидааст. Муаллифон таъкид менамоянд, ки аҳли қалам бо осори назмии худ ҳисси ватанхоҳӣ ва ватандӯстии ҷавононро бедор мекунанд.

Калидвожаҳо: шоир, шеър, ифтихори миллӣ, худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, арзишҳои миллӣ, тарбияи ватандӯстӣ, манфиатҳои миллӣ.

ЗАЩИТА РОДИНЫ И ЧУВСТВО ПАТРИОТИЗМА В ТАДЖИКСКОЙ ПОЭЗИИ ПОСЛЕДНИХ ЛЕТ

Защита Родины и чувство патриотизма в таджикской поэзии последних лет являются важными феноменами нового времени, и их изучение в современных условиях Таджикистана крайне необходимо. В связи с этим авторы обратились к одной из важнейших тем современности и, используя произведения поэтов данной эпохи, рассмотрел пути и средства развития патриотизма и национальной гордости. В статье авторы считают патриотизм, национальную гордость и национальное самосознание главным фактором развития общества, государственной безопасности и обеспечения безопасности государства и граждан. Подчёркивается, что одним из основных путей укрепления основ государства является распространение национальной гордости, высокого чувства патриотизма и национального самосознания. Приводятся примеры из произведений известных таджикских поэтов, таких как Мирзо Турсун-заде, Мумин Каноат, Бозор Собир, Лоик Шерали, Гулрухсор Аюби, Сафармухаммад, Мухаммад Гоиб и других, и определяется пути и средства формирования патриотизма. Авторы подчёркивают, что деятели пера своими поэтическими произведениями пробуждают в молодёжи чувство любви к Родине и патриотизма.

Ключевые слова: поэт, стихотворение, национальная гордость, национальное самосознание, патриотизм, национальные ценности, воспитание патриотизма, национальные интересы.

THE DEFENSE OF THE HOMELAND AND THE SENSE OF PATRIOTISM IN RECENT TAJIK POETRY

The Defense of the Homeland and the Sense of Patriotism in recent Tajik poetry are important phenomena of the new era, and their study is highly necessary under the contemporary conditions of Tajikistan. In this regard, the authors address one of the most vital modern topics and, by using the works of poets from this period, examine the ways and means of developing patriotism and national pride. In the article, the authors consider patriotism, national pride, and national self-awareness to be the main factors in societal development, state security, and ensuring the safety of both the state and its citizens. It is emphasized that one of the core methods for strengthening the foundations of the state is the promotion of national pride, a strong sense of patriotism, and national self-awareness. Examples are drawn from the works of prominent Tajik poets such as Mirzo Tursun-zade, Mumin Kanoat, Bozor Sobir, Loiq Sherali, Gulrukhsor Ayubi, Safarmuhammad, Muhammad Goib, and others, to define the pathways and means for forming patriotism. The authors stress that these writers, through their poetic works, awaken the feelings of love for the Motherland and patriotism in the youth.

Keywords: poet, poem, national pride, national identity, patriotism, national values, patriotic education, national interests.

Дар бораи муаллифон

Курбонзода Маҷид
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: abdumajid.63@mail.ru

Курбонова Зирагул
Муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121

Об авторах

Курбонзода Маджид
Кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: abdumajid.63@mail.ru

Курбонова Зирагул
Старший преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121

About the authors

Qurbonzoda Majid
Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: abdumajid.63@mail.ru

Qurbonova Ziragul
Senior Lecturer at the University Department of Foreign Languages
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121

ТДУ 821.222.8.09

ТАФАККУР ВА РИСОЛАТИ ИҶТИМОӢ ДАР ШЕЪРИ АСКАР ҲАКИМ

Қаҳорзода М. В.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии
Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким, ки тақрибан панҷоҳ сол идома меёбад, бо таваҷҷуҳ ба мазмуну муҳтаво ва хусусиятҳои таърихию иҷтимоии он ба ду давра ҷудо карда мешавад: 1) давраи шуравӣ – то соли 1991; 2) давраи Истиқлоли давлатӣ – аз соли 1991 то имрӯз. Нашри маҷмуаи ҳафтҷилдаи осори Аскар Ҳаким дар соли 2017, ки қариб ҳамаи ашъори ӯро то он замон фаро мегирад, имкони таҳлили фарогир ва муназзами ин ду давраи эҷодиро фароҳам овардааст. Ҷилдҳои аввал ва дуюми маҷмуа ба шеъру манзумаҳои шоир ихтисос ёфта, бо асари публитсистӣ ва ирфонӣ-маърифатии «Номаи фахру сипос. Ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон» оғоз меёбад.

Манзума дар вазни анъанавии рамали мусаддаси маҳзуф ё мақсур, яъне дар қолаби «фоилотун/фоилотун/фоилун» суруда шуда, аз лиҳози услубу сохт ба маснавиҳои ирфонии Ҷалолуддини Балхӣ шабоҳат дорад. Шоир манзумаи мазкурро бо муроҷиати шахсияти ғиноӣ ба шахсияти қаҳрамонии асар оғоз намуда, ҷойгоҳи вежаи Пешвои миллатро дар таърихи давлатдории навини тоҷикон бо чунин муҳтавои рамзӣ ва таърихӣ иброз медорад:

Шоҳи шоҳон кам набуд дар рӯзгор,
Шоҳи инсон буд, аммо камшумор [17, с. 15].

Ба таъкиди муҳаққиқ А. Раҳмонзода, шахсияти ғиноӣ дар ин асар бо эҳсоси баланди масъулияти миллӣ ва таърихӣ Пешвои миллатро ҳамчун абармарди таърих шинохта, бо самимият мегӯяд: «Чун ту давлатмард камтар мерасад» [17, с. 15]. Бо таваҷҷуҳ ба он ки дар мафҳуми маорифпарварона ва ирфонии ишқ се унсури муҳиме чун халқ, ёр ва диёр ҷой доранд [10, с. 18], шахсияти ғиноӣ дар пеши қаҳрамони худ чунин маъзарат мехоҳад: «Гар гуноҳ дар ишқ шуд, маъзур дор». Ва дар анҷоми манзума бо забони ифтихори миллӣ ва ватанпарастӣ чунин ҷамъбаст менамояд:

Номи ту бо номи тоҷик зинда бод!
Рамзи иқболи Ватан поянда бод! [17, с. 18]

Тарзи ҷойгиршавии ашъори дигар дар маҷмуа низ қобили таваҷҷуҳ буда, шоир онҳоро мутобиқ ба замони таълиф ба таври хронологӣ тартиб додааст. Ин равиш на танҳо бозгӯи руҳияи муназзами эҷодии ӯст, балки нишонгари муносибати ҷиддӣ ва интиқодии шоир ба осори худаш низ мебошад. Аскар Ҳаким дар интихоби шеър ва шакли таҳрири онҳо муносибати дақиқ ва серталабонаро пеш гирифта, на танҳо аз ҷиҳати шаклу сабк, балки аз лиҳози мазмун ва интизоми дохилӣ низ ба меъёрҳои баланди адабӣ пойбанд аст.

Муҳаққиқ В. Асрорӣ яке аз вежагиҳои эҷодии Аскар Ҳакимро маҳз дар ҳамин ҷабҳа мебинад ва дар мавриди нашри нахустин китоби шоир «Раҳнавард» (1983) менависад: «Аскар Ҳаким шеърҳои маҷмуаро аз лиҳози мавзуву мундариҷа ба қисмҳо ҷудо карда, ба ҳар қисм унвон мегузорад» [1, с. 190]. Ин шева, ки имрӯз низ дар маҷмуаҳои ӯ идома меёбад, на танҳо тартиби формалии китобро таъйин мекунад, балки дар сатҳи муҳтаво низ ба хонанда имкон медиҳад, ки раванди такомули фикрии шоирро дар паҳнои вақт пайгирӣ намояд.

Гуногунмазмунӣ ва сершохагии мавзуии шеърҳои шоир шаҳодат медиҳад, ки ӯ ба таври пайваста бо равандҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ, миллӣ ва маънавии замонааш иртиботи фаъол доштааст. Ин хусусияти густардаи мазмунӣ, ки бо ҷиддияти шеърнависӣ ҳамроҳ аст, нишон медиҳад, ки Аскар Ҳаким ҳаргиз ба навиштани шеъри тасодуфӣ рӯй наовардааст. Шумораи нисбатан ками ашъор дар муқоиса бо эҷодиёти баъзе ҳамасрон, маҳз аз ҳамин руҳи таҳаммулгаро бармеояд.

Бинобар ин, метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки сабаби ба эътирофи васеъ нарасидани ашъори ӯ дар солҳои аввали фаъолияти эҷодиаш, на дар набуди арзиши шеър, балки дар камнависии ҳирфавӣ ва муносибати сахтгирана ба шеър ниҳон аст. Зеро Аскар Ҳаким аз оғози фаъолияти адабии худ ба шеъри баландмуросо ва андешаманд тамоюл дошта, дар фазои анъанавӣ ва навгаро якбора ҷойгоҳи худро пайдо карда, бо пояҳои устувори илмӣ, ахлоқӣ ва фалсафии шеър навиштааст.

Дар маҷмуаи мазкур оҳангҳои иҷтимоӣ ва ватанпарастӣ дар маркази диққати эҷодии шоир қарор доранд. Аз ҷумла, дар манзумаи “Шеъри сангар”, ки ба яке аз шоирони муборизи Афғонистон бахшида шудааст, ба мисли манзумаи “Номаи фахру сипос”, вазни рамали мусаддаси маҳзуф истифода гардидааст. Ин вазн, ки хусусияти баландсадо ва мутантан дорад, дар адабиёти муосири тоҷик мавқеи вежа дошта, шоирон барои ифодаи эҳсосоти ҷӯшони иҷтимоиву маънавӣ аз он пайваста истифода мебаранд. Дар чунин навъи шеърҳо, ба таъкиди муҳаққиқон, “вазъи рӯҳиву равонӣ ва дунёи отифии қаҳрамони лирикии шоир ифода ёфта, шӯру такопӯ, умеду орзу, нишоту хурсандӣ ва меҳру муҳаббаташ ба зиндагӣ бозгӯ гардидааст” [10, с.21].

Шеъри дигаре, ки дар маҷмуаи «Раҳнавард» ҷой дорад, манзумаи “Асри бист” мебошад, ки аз чорпора иборат буда, мисраи аввали он “Асри бист” аз як рукни вазни «фоилотун» ва чор мисраи минбаъда аз се рукн сохта шуда, ҳамагӣ дар вазни «фоилотун/фоилотун/фоилун» тартиб ёфтаанд. Дар ин шеър ва ҳамчунин, дар ашъори баъдии худ, Аскар Ҳаким бештар аз санъатҳои бадеии ташбеҳ ва истиора баҳра мегирад, ки ин интихоби сабкӣ равияи тафаккури бадеии ӯро нишон медиҳад.

Баъд аз нашри нахустин маҷмуа маълум гардид, ки “ба адабиёт суханваре қадам мегузорад, ки дар шеър на аз рӯи ҳавову ҳавас, балки ҷиддӣ ҳамчун донандаи набзи шеъри дирӯзу имрӯз рӯй овардааст” [11, с.364]. Ин суханон дар бораи муаллиф бесабаб нестанд, зеро Аскар Ҳаким аллакай дар он замон аз илми арӯз ва санъатҳои шеърӣ дониши фарогир дошт ва ҳамчун муҳаққиқ низ бо мақолаҳои таҳлилӣ ва танқидии худ, ки ба арзёбӣ ва ташхиси ҳусну қубҳи ашъори шоирони муосири тоҷик бахшида шуда буданд, дар муҳити илмии адабиётшиносӣ шинохта мешуд. Ба ҳамин хотир, табиист, ки мунаққидон мепурсанд: “Пас, нафаре, ки зеру бами шеърро медонад, хубу бади суханро тамйиз мекунад, бо шоирони сухан баҳсҳо барпо мекунад, оё нисбати шеъри худаш то кадом андоза серталаб хоҳад буд?” [11, с.364].

Дар мавриди хусусият ва муҳтавои ашъори ибтидоии шоир, пеш аз ҳама, бояд таъкид кард, ки онҳо асосан бо оҳанги иҷтимоӣ таълиф шудаанд. Масалан, шеър аз ҳамин силсила бо номи “Асри бист” чунин оғоз меёбад:

Асри бист,
Эй асри пӯртӯфони ман,
Бигзарӣ тунд аз фарози Муштарӣ [17, с. 20].

Дар идома, шоир асри ХХ-ро бо ибораҳои пурмазмуне чун “хоксори пурғурур”, “арсагоҳи хайру шарр”, “асри пуршӯру ҷадал”, “асри инсонро ба дӯш” ва “асри инқилобии ҷавон” тавсиф мекунад, ки ин истифодабарии ифодаҳои бадеӣ мавқеи иҷтимоии шоирро нисбат ба замони зиндагӣ ва рӯйдодҳои муосир ба таври равшан ифода месозад.

Дар шеъри “Мероси аҷдод” низ ҳамин муҳтавои иҷтимоиву ватандӯстӣ дар қолаби эҳсоси шадиди ғиноӣ ва тасвири бадеӣ баён мегардад:

Парварад фарзандҳои некномашро Ватан,
Ҳамчу модар бо умеди давлати пояндааш [17, с.21].

Дар ин ҷо қаҳрамони ғиноӣ худро фарзанди Ватан шумурда, бо камоли ифтихор ва масъулият, қадами хешро ба арсаи сухан шарҳ медиҳад ва ин вуруд низ бар заминаи эҳсоси иҷтимоӣ асос меёбад [11, с.365].

Дар шеъри “Хоки Ватан” ин эҳсоси ба Ватан пайванд доштани инсон бо шиддати бештар баён мешавад. Муаллиф касеро тасвир мекунад, ки дар ғурбат қарор дорад, вале тамоми ҳастии ӯ бо ёди Ватан зинда аст. Дар ин сурат, шоир бо итминон мегӯяд: “Ҳасрату доғи Ватан садчанд аз ин бошад гарон” [17, с.22].

Дар бораи хусусият ва мушкилоти шеърҳои иҷтимоӣ худи Аскар Ҳаким дар мақолае таҳти унвони “Шеъри ғиноии андешаҳои отифии тасвирӣ” чунин изҳор медорад: “Дар байни эҳсосоту таассуроти фардӣ ва эҳсосоту таассуроти бузурги иҷтимоӣ иртибот барқарор кунонидан, ки онҳо дар ҷаҳони ботинии инсон ба ҳамдигар мухолифат накарда, инсонро на танҳо дар ҳаёти шахсӣ табиию маҳрами розҳои одамӣ, балки аз лиҳози ҷамъиятӣ ҳам муҳимму муътабар нишон диҳанд, барои шоир аз мушкилтарин корҳо ба ҳисоб меравад” [19, с.149].

Дар ин таъбир, шоир ба мушкилоти амиқи шеъри иҷтимоӣ дар қолаби лирикӣ ишора мекунад. Яъне, иҷтимоисароӣ дар доираи жанри ғиноӣ кори осон нест ва аз шоир маҳорати баланди суханварӣ ва қобилияти танзими эҳсосоту андешаҳоро дар сатҳи фалсафӣ ва иҷтимоӣ тақозо мекунад.

Шеъри “Шеъри Ватан”, ки ба Мирзо Турсунзода бахшида шудааст, намунаи равшани пайванди эҳсоси ватандӯстӣ бо таъбири бадеӣ мебошад. Ифодаи “Сарзамини Тоҷикистон мекунад бӯи Ҳисор” [19, с.25] дар баробари баландии ҳунарӣ, ҳамзамон бори идеявии ҷиддии иҷтимоӣ низ дорад ва маҳорату диди иҷтимоии шоирро нишон медиҳад. Дар шеъри “Масъули замин” низ ҳамин андеша бо забони рамзӣ ифода мешавад. Шоир бар он аст, ки ҳар як инсон бояд дар хеш ҷавҳари замонро пайдо карда тавонад ва роҳи ташаккули шахсияташро худаш тарҳрезӣ намояд:

Баъд аз ин дар хеш меҷӯям пайи айёмро,
То биёбам хешро дар нақши айёми вуҷуд.

Ҳамин тариқ, муҳтавои ватандӯстӣ ва масъулияти иҷтимоӣ дар шеъри Аскар Ҳаким аз шеърҳои ибтидоӣ чун “Тоҷикистон”, “Асри бист”, “Мероси аҷдод”, “Хоки Ватан” оғоз ёфта, дар тӯли фаъолият рушд ёфтааст. Дар шеъри “Тоҷикистон” (1983), ки бо оҳанги баланд ва услуби шиорӣ таълиф шудааст, мисраи “Ахтарон бар парчами ту карда аз гардун нузул” (с.98) ҳамчун ташбеҳи пурмеъёр ва лаҳни шеъри сиёсӣ арзёбӣ мешавад, ки руҳияи ифтихори миллӣ ва эътимоди баланди замони шуравиро таҷассум мебахшад.

Шеърҳои дигаре чун “Тақдирҷунбони замин”, “Тирачашме бо чароғ”, “Аз тазоди зиндагӣ...”, “Кишти тақдир”, “Марде аз балкон...” низ, ки ба ҳамин марҳилаи аввалини эҷодиёти шоир мансубанд, дорои мазмуни иҷтимоӣ мебошанд. Дар шеъри “Шохоб”, ки образи марказии он “шохоби равон”-и дарё аст, шоир худро ба ҷузъи таркибии ҷараёни зиндагӣ ва кишвари худ ташбеҳ мекунад ва пайванди шахсияти лирикӣ бо муҳити табиӣ ва миллиро ифода менамояд.

Мушоҳидаи мо нишон медиҳад, ки ашъори даҳсолаи аввали эҷодиёти Аскар Ҳаким, ҳарчанд бештар ба мавзуъҳои ватандӯстӣ ва ишқӣ бахшида шудаанд, аз соли 1983 ба ин сӯ, равнади нав - ворид гардидани маъниҳои фалсафӣ дар ашъори ӯ оғоз мегардад, ки минбаъд доираи мазмунӣ ва ғоявии шеърашро тавсеа бахшида, ба ҷанбаи бартарии эҷодиёти шоир табдил ёфтааст. Дар ин замина, шеъри «Падруди Варзоб» намунаи барҷастаи таҷассумгари андешаи фалсафии шоир мебошад. Дар ин шеър, ки бо шеваи рамзӣ ва дар қолаби тасвири ҳаракати дарёву мошин тарҳрезӣ шудааст, тасаввури шахсияти ғиноӣ бар зидди равиши одии ҳаракати заминӣ сурат мегирад. Ҳангоме ки мошин ба поён ҳаракат дорад, тасаввури лирикӣ ҳаракатро рӯ ба боло мебинад. Ин андеша, ба таври рамзӣ, ташаккули маънавии шахсиятро дар ҳаёти инсонӣ ифода мекунад:

Во аҷаб, бар дави мошин нигарам,
Роҳ чун тир равад рӯболо [17, с.108].

Мавзуи мазкур дар шеъри баъдии шоир низ идома меёбад ва тадриҷан ба яке аз ҷанбаҳои асосии фикрии осори ӯ табдил меёбад. Масалан, дар яке аз шеърҳо, ки ба муносибати муҳаббати гул ба офтоб таълиф ёфтааст, мафҳуми ишқ аз сатҳи эҳсоси ошиқона гузашта, то ба мақоми камоли маънавӣ боло меравад:

Ишқи хуршед офтобат мекунад,
Офтоби беҳиҷобат мекунад [17, с.125].

Мазмуни мазкур ба таври рамзӣ ифодаи тамоюли инсон ба нур, ҳақиқат ва маърифати маънавӣ мебошад ва дорои суботи фалсафӣ ва ирфонӣ аст.

Яке аз андешаҳои навоварона ва ҷолиби таваҷҷуҳ дар осори Аскар Ҳаким, ки дар як қатор шеърҳои ӯ ба таври мустақим ва ғайримустақим таҷассум ёфтааст, ин аст, ки дар канори ҳар қувваи некӣ ҳамеша қувваи шар низ вуҷуд дорад ва ҳаёт бе мувозинати байни ин ду муқтазо аз ҳаракат бозмемонад. Худи шоир дар як изҳороти муфассал қайд карда, ки шеъри «Чӣ эҳсоне» ба зиндагии сахти мардум дар солҳои душвори ҳаёти иҷтимоӣ бахшида шудааст ва ин масъаларо бо лаҳни дарднок баён менамояд [15, с.88].

Аскар Ҳаким дар зиндагӣ мавқеи мусолиҳатомезу муътадилро устувор медорад ва аз ифротгароиву таниши шадид парҳез менамояд. Шеъре, ки бо мисоли буридани “ангушти шашум” тасвир ёфтааст, далели он аст, ки ҳазфи комили унсури номатлуб метавонад ба унсури мусбат низ осеб расонад. Ин назар дар шеъри «Нози гул» низ инъикос ёфтааст, ки дар он гул ва булбул ҳамчун ду зоти рамзӣ ба таври муқоисавӣ тасвир мешаванд, аммо миёни онҳо робитаи самимӣ вуҷуд надорад:

Гул ба гул зебад, валекин, ҳасрато,
Нест ғайри хор ҳеч анбози гул [17, с.205].

Дар ин ҷо қазияи фалсафии «ҳамзистии муқобилҳо» ба таври бадеӣ ташреҳ мешавад: некӣ бе шар вуҷуд дошта наметавонад; обу оташ, гул ва хор - ҳама маҷмуан маҷмуаи ҳастии инсонӣ ва иҷтимоиро ташкил медиҳанд. Ин андешаи фалсафӣ дар яке аз нахустин шеърҳои

шоир «Ҳамоғӯш», ки худи ӯ таълифашро ба солҳои 60-уми асри гузашта мансуб медонад, бо қуввати баланди бадеӣ баён шудааст. Дар он, маҷозҳои “гул” ва “хор” ҳамчун намунаи зебоӣ ва захм тасвир ёфтаанд, ки дар якҷоягӣ мерӯянд, вале ҳар кадом таъсири худро ба дигарӣ мерасонанд:

Гул ҳамоғӯш ба хоре рустаст,
Аҳд гӯё ки ба ёре бастаст.
Лек хораш тани гул озорад,
Ҳар нафас ранҷи наваш бозорад.
Теша бар решаи он гар бизанӣ,
Ҳосил он аст, ки гулро биканӣ [17, с.22].

Намунаи мазкурро метавон ҳамчун яке аз аввалин зуҳуроти мавҷудияти андешаи фалсафӣ ва ҳикматомӯзи шоир ба ҳисоб гирифт. Мавзуи мазкур минбаъд ҳамчун меҳвари фикрӣ дар осори Аскар Ҳаким тақвият ёфта, имрӯз ба муаррифи маънавии шеъри ӯ табдил ёфтааст.

Шеъри «Ҳамоғӯш» минбаъд аз ҷониби муҳаққиқон баҳои мусбат ва баланд гирифт ва худи шоир онро бо иловаи як байт ба силсилаи маъруфи «Санги ман – алмос» ворид намуд. Дар шакли ниҳоии худ, ки иборат аз се байт мебошад, мазмун чунин ташреҳ ёфтааст: гул ва хор дар канори ҳам мерӯянд, хор ба гул озор мерасонад, вале агар бихоҳӣ хоре биканӣ, маҷбурӣ гулро низ аз реша барканӣ. Ин андеша ба як ҳақиқати фалсафии зиндагӣ ишора мекунад - яъне, дар табиат ва ҳаёт ҳамаи муқобилҳо бо ҳам дар мувозинат қарор доранд.

Ин хусусият ва шеваи хоси эҷоди фалсафаи зиндагӣ дар шеъри Аскар Ҳакимро муҳаққиқ Б. Шарифзода дар баррасии ашъори давраи аввали фаъолияти шоир, аз ҷумла, замони донишҷӯии ӯ низ мушоҳида кардааст. Ӯ таъкид мекунад, ки “хор низ вобаста ба вазифа ва масъулият (посдорӣ ё ҳимояти ҳаёти гул аз дасти номаҳрам)-е, ки дар асари ин ҳамзистӣ пайдо кардааст, дигар чизи камарзишу фурӯмоя нест, зеро он посбон ва нигаҳдори ҳаёти гул - зебоӣ мебошад... Чунин бардошти тарзи ҳастӣ, ки дар ашъори давраи аввали шоир дида мешавад, бо мурури замон дар ҳамоҳангӣ бо инкишофи дониш ва маҳорати эҷодии шоир равнақу сайқал ёфта, эҳсосу отифаи шоирро муҳтавои фалсафӣ мебахшад” [23, с.103].

Ҳамаи ин равандҳо ва ташаккулоти маъноӣ ва услубӣ, аз ҷумла, “пуркувватии ҷанбаи иҷтимоӣ, нигоҳи амиқи фалсафӣ ба зиндагӣ, баҳамомехтагии лиризм ва драматизми шадиди ҳиссиёт, заминаи пурбори шеъри объектӣ, таровати тасвир ва гуногунии анвоъ” [23, с.104], аз он дарак медиҳанд, ки шеъри Аскар Ҳаким тадриҷан ба як низоми муназзами маънавӣ ва фалсафии андешаронӣ табдил ёфтааст.

Шеърҳои “Масъули замин” ва “Тақдирҷунбони замин” низ дар ҳамин росто қобили баррасӣ мебошанд, ки дар онҳо диди иҷтимоӣ ва ахлоқии шоир дар ҳамбастагӣ бо ангезаи маърифати фалсафӣ ба таври густурда инъикос ёфтааст. Дар давраи аввали фаъолияти эҷодии Аскар Ҳаким, ки ба замони шӯравӣ рост меояд, мазмун ва мундариҷаи ашъори ӯ шояд ҳанӯз фарох набуд. Тавре муҳаққиқон зикр мекунанд, "агар ҳам гуфта шавад, ки мавзуъ ва муҳтавои шеъри ӯ сиёсиву иҷтимоӣ, панду ахлоқӣ, фарҳангиву фалсафӣ, маънавию ошиқона аст, ҳоло ҳам ҳамаро дар бар нагирифтааст" [9, с.5]. Бо вуҷуди ин, дар солҳои ҳаштодум, шоир дар ҳамаи ин самтҳо шеър эҷод кардааст.

Дар яке аз шеърҳои ибтидоии ӯ бо номи “Аз тазоди зиндагӣ...” масъалаи маънии зиндагӣ ба миён гузошта шудааст. Дар он калимаҳо ва ибораҳои ба ҳам зид, аз қабили “рӯ, якрӯ, садрӯ, якрӯягӣ, мис, зар, бар гардун, хоки замин, болонишин, поённишин, осмон, остон” истифода шудаанд, ки дугонагии иҷтимоиву маънавии рӯзгорро инъикос менамоянд. Шоир дар ин шеър ба натиҷае мерасад, ки якрӯӣ ва ростӣ дар баробари ҷаҳони садрӯи зиндагӣ мушкил аст:

Аз тазоди зиндагию одамӣ ҳайрон машав,
К-одамӣ як рӯй дорад, зиндагӣ садрӯ бувад [17, с.34].

Яъне, инсон дар муқобили зиндагии пуртазод қарор дорад, вале новобаста ба ин, зиндагӣ ҳамчун “довари неку” пазируфта мешавад.

Шеъри “Тутзори Азим” низ идомаи ҳамин мавзуъ аст. Ин шеър бо эпиграфе оғоз мешавад, ки дар он зикр гардидааст: “Дар аввалҳои асри бист дар доманаи кӯҳи Сорбоғи Раштонзамин Азим-деҳқон ном шахс тутзори бузурге бунёд кардааст, ки ҳоло ҳам сабз аст”. Шеъри мазкур ба мавзуи меҳнат, худгузарӣ ва пойдории анъанаҳои деҳқонӣ бахшида шудааст.

Мавзуи фалсафии иҷтимоӣ дар шеъри “Сарви сабзу тути хушк” низ таҷассум ёфтааст. Аскар Ҳаким дар ин шеър бо муқоисаи сарв ва тут, ки яке дар боғҳои роҳбарон ва дигаре дар замини мардумӣ мерӯяд, ба натиҷаи муҳим мерасад: тут барои зиндагии мардум зарур аст, вале сарв фақат барои зебоӣ хизмат мекунад. Ин шеър бо чунин хулоса ба поён мерасад:

Бо замонсозӣ насозӣ олами ҷовиди хеш,
Ҳар замонсозе шавад охир фаромӯши замон [17, с.23].

Аз солҳои навадум дар ашъори шоир шеърҳои озоди иҷтимоӣ ба таври равшан зуҳур намуданд, ки намунаҳои барҷастаи он “Шаҳри меҳолуд”, “Чӣ кунам?!” ва дигарҳо мебошанд. Хусусияти фарқкунандаи шеъри иҷтимоии Аскар Ҳаким аз шеърҳои дигари иҷтимоӣ дар он аст, ки шахсияти ғиноии шоир дар ҷустуҷӯи мансабу майдон нест. Дар ашъори ӯ тамоюл ба танҳоӣ ва андешамандӣ ба назар мерасад. Дар шеърҳои “Имон” ва “Арзадошт” ин равия равшан мушоҳида мешавад, аз ҷумла, чунин гуфтааст: “Ман агар маҳфил кунам, маҳфил кунам танҳо ба хеш” [17, с.169].

Лирикаи ишқӣ, ҳарчанд камшумор аст, яке аз бахшҳои муҳим дар ашъори давраи мазкури Аскар Ҳакимро ташкил медиҳад. Ба эҳтимоли зиёд, таъсири идеологияи замони шуравӣ сабаби кам навиштани шеърҳои ишқӣ гардидааст. М. Шакурӣ низ зимни баррасии эҷодиёти М. Раҳимӣ ин нуктаро таъкид кардааст: “Он вақтҳо дар адабиёти шуравӣ назарияе ҳам буд, ки лирика бояд иҷтимоию сиёсӣ бошад... Бас аст ишқияҳо, ишқиясароӣ, ошиқона шеър гуфтан” [22, с.127]. Бо вуҷуди ин, шеърҳои “Атри муҳаббат”, “Ду ташналаб”, “Дар лаби дарёи сабзе” аз намунаҳои ишқии шоир мебошанд.

Дар маҷмуаи “Тарозуи офтоб”, ки ашъори солҳои 1983–1987-ро дар бар мегирад, як зумра шеърҳои сиёсӣ ва ватандӯстона ҷой доранд. Баъзе аз онҳо ба сабки шеъри озод наздиканд. Масалан, “Тоҷикистон”, “Шохоб”, “Такяи Ватан” (ба номи Воҳид Асрорӣ), “Санои деҳқон” саршор аз ғояи ватандӯстӣ ҳастанд. Шеърҳои “Ҳузни ширин”, “Падруди Варзоб”, “Дидаӣ, бачаяки кафтарбоз”, “Дар лаби ҷӯ буд маҷнунбеди сабз” хусусияти тасвирӣ доранд, ки дар онҳо, баробари тасвири воқеӣ ва табиӣ, андешаҳои иҷтимоӣ ва фалсафии шоир низ эҳсос мегарданд.

Шеъри озоде, ки бо мисраи “Ту маро ҳеч мапурс” оғоз мешавад, дар вазни баҳри рамал таълиф гардида ва дар он мисраъҳо бо ду ва чор рукн навишта шудаанд. Ин шеъри озод таҷрибаи тоза дар шеъри Аскар Ҳаким ба ҳисоб меравад. Ин гуна шакл ба ӯ имкони фарохтар барои тасвири маънӣ ва рушди услуб медиҳад.

Танҳо баъди андӯхтани таҷриба ғазал дар осори Аскар Ҳаким ҷойгоҳи худро пайдо намуд. Дар силсилаи “Тарозуи офтоб” даҳ ғазал ҷой дорад. Дар ин ғазалҳо бештар оҳанги иҷтимоӣ эҳсос мешавад. Ғазалҳои маҷмуаи “Рӯзи умед” низ ҳамин хусусиятро доранд.

Дар силсилаи “Рӯзи умед” (1987–1990) ғояҳои бозсозӣ, озодандешӣ ва умед ба оянда таҷассум ёфтаанд. Шеърҳои “Суруди фардо”, “Таънаи фаришта”, “Армон” аз зумраи ашъори мондагори шоиранд. “Суруди фардо” дар вазни муҷтасси мусаммани махбуни маҳзуф (мафоилун/фаъилотун/мафоилун/фаъилун) суруда шудааст. Дар он баъзе мисраъҳо бо ду рукн навишта шуда, бандҳо низ гуногунҳаҷм мебошанд. Мавзуи асосии шеър – пешгирии ҷанг ва эҳёи арзишҳои инсонӣ мебошад.

Мавзуи мазкур дар шеъри озоди “Таънаи фаришта” низ идома ёфта, бо андешаҳои ҳикматомез омехта шудааст. Фаришта, ки махлуқест поку бегуноҳ, одамонро барои гуноҳҳояшон таъна мезанад. Аммо шахсияти ғиноӣ ӯро ба таҷрибаи инсонӣ даъват мекунад:

Тавонӣ, одаме бишав ту байни одамон,
Бигӯямат, ки офарин,
Туӣ фариштаи замин! [17, с.137]

Аскар Ҳаким дар изҳори андешаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии худ ҳамеша эътидолро нигоҳ медорад. Ба гуфтаи ӯ, инсон бояд эҳсосотеро, ки то чӣ андоза баён карданаш ҷоиз аст, назорат кунад [3, с. 526]. Чунин андеша равшан месозад, ки шеърҳои худшиносӣ дар адабиёти тоҷик аз солҳои 1960 ба ин тараф рисолати таърихӣ ва вазифаҳои муҳими иҷтимоиву ахлоқиро ба уҳда доштанд [2, с. 453]. Ба таъкиди М. Шакурӣ, дар ин раванд Аскар Ҳаким “нақши вежа” дорад.

Барои ифодаи ғояҳои иҷтимоии худ, шоир гоҳе ба мазмунҳои таърихӣ рӯ меорад. Масалан, дар шеъри “Офтоби хуншор” лаҳзаи 75 чӯб хӯрдани устод Садриддин Айнӣ аз ҷониби амири Бухоро тасвир шудааст. Шоир дар ин шеър тахтапушти осебдидаи устод Айниро ба “офтоби тозарӯ” монанд карда, умедвориеро баён мекунад, ки:

«Офтоби тозарӯ аз шонаи хуншори ӯ бармеояд».

Шеъри “Решаи табархӯрда” низ ба замони ошкорбаёнӣ мувофиқ буда, норасоиҳои ҷомеаи шуравӣ дар он бо образи “решаи табархӯрда” муқоиса шудааст, ки барҷо монданаш душвор ба назар мерасад.

Ҳатто, мазмуни ғазалҳо ва байтвораҳои давраи аввали эҷодиёти шоир, ки ба нимаи дувуми солҳои ҳаштодум рост меояд, сирф иҷтимоӣ мебошад. Ба гуфтаи муҳаққиқон, “дар муқоиса бо ҳамсафону ҳаммаслаконаш Аскар Ҳаким худро аз эҷоди шеърҳои ошиқона барканор гирифт ва бештар ба эҷоди ашъори иҷтимоӣ, ки ҷавҳари онро хирад ва маънӣ ташкил мекард, рӯй оварда” [11, с.363]. Ашъори ишқии ӯ, ки имрӯз дар даст аст, маҳсули давраҳои баъдии эҷодиёти ӯст.

Дар баъзе шеърҳои лирикаи ишқии ӯ оҳанги ошкоргӯӣ ба мушоҳида мерасад. Масалан, шеър бо мисраи: «Ту маро ҳеч мапурс» ин гуна эҳсосро дар бар мегирад. Бо вуҷуди ин, шахсияти ғиноии шоир дар зиндагии шахсӣ содиқ ва ҷиддӣ аст:

Ту на дилбари ман ҳастӣ, дили дар бари ман ҳастӣ,
Ту на ҳамсари ман ҳастӣ, сару сарвати ман ҳастӣ [17, с.71].

Яке аз аввалин намунаҳои шеъри озоди шоир “Марде аз балкон...” мебошад. Дар ин асар, ки шиддати эҳсосотро дорад, такрорҳо ҳусни шеърро меафзоянд:

Марде аз балкон саҳарҳо мекунад фарёд,
Марде аз балкон писарро мекунад фарёд.
Ӯ басо маъюсу маҳзун мекунад фарёд,
Як вуҷуди решу дилхун мекунад фарёд [17, с.58].

Шоир дар бораи марде сухан мегӯяд, ки дар пирӣ танҳо мондааст, вале касе намедонад, ки чаро. Мисраъҳои озод ва шикаста оҳанги драматикиро шиддат мебахшанд:

Мекунад фарёдҳо буду шудашро ӯ,
Ҳам писарро,
Ҳам занашро,
Ҳам худашро ӯ [17, с.59].

Яке аз асарҳои муҳим дар давраи аввали эҷодиёти Аскар Ҳаким достони “Нону имон” (1986) мебошад. Достон аз 11 шеър иборат аст, ки ҳамаи онҳо ба васфи нон, меҳнат, шарафи касбӣ ва аҳаммияти нони ҳалол бахшида шудаанд. Шеърҳои силсила хусусияти анъанавӣ доранд; қофиябандии бисёре аз бандҳо, аз ҷумла, дар “Суфраи модар” ба тарзи аб вб риоя шудааст.

Дар шеърҳои “Рӯзиофарин” ва дигар қисматҳои достон истифодаи панду масалҳои халқӣ зиёд аст. Вазни шеър рамали мусаммани садру ибтидо ва ҳашвҳо солим, арӯзу зарб маҳзуф (фоилотун/фоилотун/фоилотун/фоилун) буда, дар шакли маснавӣ эҷод шудааст.

Дар шеъри “Нонгурезон” ҳодисаи даҳшатоваре тасвир ёфтааст: дар солҳои қаҳтӣ ва ҷанг тифле бо пораи нон аз хона мебарояд, тифли дигар нонро аз дасти ӯ кашида гирифта, беандеша фурӯ мебарад ва бар асари банд шудани гулӯ ҳалок мегардад:

Тифли бенонмонда он сӯ гиря дошт,
Баччаи нонхӯрда ин сӯ ҷон супурд [18, с.422].

Қаҳрамони шеъри “Ҷоннисор” пайваста дар мубориза аст. Мавзуи нон ва имон дар шеъри “Дар музеи гандум” низ идома ёфта, ба хулосае оварда мерасонад, ки инсон метавонад бедин бошад, аммо беимон наметавонад, зеро имон бо нон ва ном иртиботи муқаддас дорад:

Халқ бедин метавонад буд, буд,
Лек беимон натонад буд халқ [18, с.432].

Манзумаи “Талбаки талбидаам” (Навҳои модар) яке аз асарҳои барҷастаи Аскар Ҳаким мебошад, ки дар адабиётшиносии тоҷик ва хориҷ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Ин манзума қаҳрамонии ҷавони 24-сола бо номи Талбак Лолаевро тасвир мекунад, ки дар замини гандуми Данғара ҳангоми хомӯш кардани сӯхтор ҳалок шудааст. Ба гуфтаи шоир, замоне ки ин бобро менавишт, навҳагарии занони деҳ болои наъши Ҳабибуллоро ба ёд оварда ва рӯйдоди воқеиро асоси тасвир қарор дод [16, с.330]. Манзума аз шаш банд иборат буда, бо такрори мисраи: «Талбаки талбидаам, ҷон Талбаки талбидаам» оғоз мешавад ва ҳамин такрор таъсир ва шаҳомати шеърро бештар мекунад. Манзума бо умеде ба поён мерасад, ки ҳарчанд Талбак дар миёни оташ сӯхт, боз ҳам майдони гандум ба хотири ӯ то абад сабз хоҳад монд.

Дар шеърҳои дигар аз ҳамин силсила - “Тахтасанги гушнагӣ”, “Неки куну ба дарё андоз”, “Дар ҳисори гушнагӣ”, “Умед” байт ва мисраъҳое ҷой доранд, ки ба мақолҳои халқӣ пайванд доранд: “Бебадал некӣ куну андоз некиро ба об” [18, с. 441, 442]; “Марди деҳқон аз

азал рӯзирасони халқ буд” [18, с. 442]; “Чун замин дасторхони сабзи аҳли олам аст, // Рӯи дастархон баробар ҳиссаи ҳар одам аст” [18, с.448] ва ғайра.

Таҳлили умумии ашъори Аскар Ҳаким нишон медиҳад, ки заминаи эҷодии ӯ аз оғоз бар пояи андеша ва хиради баланд устувор гаштааст. “Маҳз ҳамин хусусияти шеъри шоир рисолати аслии ӯро дар адабиёти муосир муайян ва муқаррар кардааст” [11, с.370]. Дар асоси баррасии муҳтавои ашъори давраи шуравии Аскар Ҳаким метавон хулоса кард:

- Аскар Ҳаким аз ибтидои фаъолияти эҷодӣ ба масоили иҷтимоӣ, ватандӯстӣ ва ахлоқӣ рӯй овардааст. Дар ашъори солҳои аввали ӯ ҳамбастагии мавзуъҳои миллию маънавӣ бо андешаи фардӣ ба таври равшан эҳсос мешавад. Ин тамоюл аз омӯхтани мактаби маорифпарварӣ сарчашма мегирад ва ҳамчун асоси устувори ҷаҳонбинии шоир шинохта мешавад.

- Дар даҳсолаи охири даврони шуравӣ - солҳои 1980-ум сабк ва услуби адабии Аскар Ҳаким шакли устувор касб намуд. Ашъори ин давра саршор аз воқеъиятнигорӣ, мавқеъгирии ҷиддии иҷтимоӣ ва ифодаи тасвирии идеяҳои ватандӯстона мебошанд. Маҳз дар ҳамин марҳила хусусиятҳои ҷудонашавандаи сухани ӯ ташаккул ёфтанд.

- Аз солҳои 1980-ум ба баъд дар шеъри Аскар Ҳаким тамоюли рӯшан ба маъноҳои ҳикматомӯз ва фалсафӣ мушоҳида мешавад. Дар ин давра ҷустуҷӯи маънӣ, таҳлилҳои таҷрибавии зиндагӣ ва андешаи ҷовидона дар маркази диққати эҷодӣ қарор мегиранд. Ҳар шеър ҳамчун омили маънавӣ хонандаро ба тафаккури амиқ водор месозад.

- Дар муқоиса бо дигар мавзуъҳо дар ашъори Аскар Ҳаким дар даҳсолаҳои 1970–1990 ва ҳатто, баъд аз он, шеъри лирикии ошиқона кам ба назар мерасад. Ҳамин ангезаи худдорӣ ва рӯй овардан ба масъалаҳои муҳими иҷтимоиву маънавӣ нишон медиҳад, ки шоир дар интихоби мавзуъҳо масъулияти баланди маънавӣ эҳсос мекунад.

- Аскар Ҳаким дар ифодаи воқеаҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ ҳамеша муътадил ва ҳушёрона баромад мекунад. Ӯ бо зиракии фикрӣ ва назокати андеша воқеиятҳоро ба тасвир мегирад, бидуни он ки ба ифротгароӣ роҳ диҳад.

- Бештари ашъори лирикӣ ва иҷтимоии шоир дар шакли шеъри озод суруда шудаанд, ки имконияти бештар барои интиқоли ҳассосияти фикр ва эҳсосот фароҳам меоранд. Ин сабк ба шоир озодии ҷустуҷӯ ва таҷрибаи маъноӣ медиҳад. Дар ҳамин замина, таъсири услубҳои модерн ва публитсистӣ низ ба таври созанда эҳсос мешавад.

- Аз оғози фаъолияти эҷодии худ, Аскар Ҳаким шеърро на танҳо ҳамчун воситаи ифода, балки ҳамчун абзори тарбияи иҷтимоиву маънавӣ истифода кардааст. Ашъори ӯ бар пояи андеша ва хиради ҷиддӣ бунёд гардида, ба тафаккур ва бедории маънавии хонандагон равона шудааст. Метавон гуфт, ки ин рисолати фикрӣ шеъри ӯро аз дигар намунаҳои назми муосир ҷудо месозад.

Адабиёт

1. *Асрорӣ, В. Нақши шеър [Матн] / В. Асрорӣ // А. Ҳаким. Маҷмуаи осор. Иборат аз ҳафт ҷилд. Ашъор. Ҷилди I. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С. 190–194.*
2. *Бухороӣ, М.Ш. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикӣ садаи бист [Матн] / М.Ш. Бухороӣ. – Душанбе: Пайванд, Пажӯҳишгоҳи фарҳанги форсӣ-тоҷикӣ, 2006. – 456 с.*
3. *Гавҳари шеър азалӣ ва адабист (Мусоҳиба бо хабарнигори рӯзномаи "Ҷумҳурият" Барнои Қодирдухт) [Матн] / Б. Қодирдухт // А. Ҳаким. Маҷмуаи осор, ҷ. 5. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – С. 519–532.*
4. *Гулназар. "...Ишқи туро ғазал кунам" [Матн] / Гулназар // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе, 2021. – 590 с. – С. 265–270.*
5. *Диноршоев, М. Бозтоби фалсафа дар шеъри Аскар Ҳаким [Матн] / М. Диноршоев // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе, 2021. – 590 с. – С. 39–101.*
6. *Қазва, А. Аскар Ҳаким – ғазалсарои мутафовит [Матн] / А. Қазва // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе, 2021. – 590 с. – С. 249–253.*
7. *Нарзиқул, М. Ҷусторҳо дар назму наср ва нақди адабии муосир [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: Аршам, 2022. – 406 с.*
8. *Паҳлуҳои як истеъдод. Маҷмуаи мақолаҳо ба муносибати 75-солагии Аскар Ҳаким [Матн] / Зери назари Президенти АМИТ Ф. Раҳимӣ. – Душанбе: Дониш, 2021. – 590 с.*
9. *Раҳимӣ, Ф. Паҳлуҳои як истеъдод [Матн] / Ф. Раҳимӣ // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе: Дониш, 2021. – 590 с. – С. 5-8.*
10. *Раҳмонзода, А. Назаре ба шеър ва андешаи Аскар Ҳаким [Матн] / А. Раҳмонзода // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе, 2021. – 590 с. – С. 20–38.*
11. *Саидов, С. Шеър дар пояи хирад ва маънӣ [Матн] / С. Саидов // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе, 2021. – 590 с. – С. 363–370.*

12. *Сатторов, А. Нуқтаи пайванд (Баъзе масъалаҳои инкишофи шеър ва танқиди адабӣ) [Матн] / А. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 240 с.*
13. *Сухоян, С. Нури сулҳ аст ба ҳар ҳарфи салом... [Матн] / С. Сухоян // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе, 2021. – 590 с. – С. 271–279.*
14. *Ҳаким, А. Раҳнавард [Матн] / А. Ҳаким. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 112 с.*
15. *Ҳаким, А. Гуфтор дар бораи худ [Матн] / А. Ҳаким // А. Ҳаким. Маҷмуаи осор. Ҷ. 1. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 496 с. – С. 5–107.*
16. *Ҳаким, А. Чу ҳавои баъди борон... (Ҳабибулло Файзулло) [Матн] / А. Ҳаким. Ҷилди V. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 652 с. – С. 317–331.*
17. *Ҳаким, А. Маҷмуаи осор. Иборат аз ҳафт ҷилд. Ашъор. Ҷилди I [Матн] / А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 424 с.*
18. *Ҳаким, А. Маҷмуаи осор. Иборат аз ҳафт ҷилд. Ашъор. Ҷилди II [Матн] / А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 492 с.*
19. *Ҳаким, А. Маҷмуаи осор. Иборат аз ҳафт ҷилд. Вежагиҳои анвои шеъри ғиноӣ (дар мисоли шеъри ғинои тоҷикӣ нимаи дуюми садаи ХХ). Ҷилди III [Матн] / А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 512 с.*
20. *Ҳаким, А. Маҷмуаи осор. Иборат аз ҳафт ҷилд. Мақолаҳо, чеҳраҳои адабӣ, мусоҳибаҳо. Ҷилди V [Матн] / А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 652 с.*
21. *Ҳаким, А. Маҷмуаи осор. Иборат аз ҳафт ҷилд. Гуфтор дар бораи худ. Дар бораи эҷодиёти Аскар Ҳаким. Ҷилди VII [Матн] / А. Ҳаким. – Хуҷанд: Ношир, 2017. – 496 с.*
22. *Шакурӣ, М.Ш. Ҳикояҳои оқада аз ҳаёт. Хотироти шифоҳии академик устод Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ [Матн] / М.Ш. Шакурӣ. – Душанбе: Ройзании фарҳангии Сафорати Ҷумҳурии Исломии Эрон, 2014. – 140 с.*
23. *Шарифзода, Б. Ҳафт ҷилди илм ва эҳсос [Матн] / Б. Шарифзода // Паҳлуҳои як истеъдод. – Душанбе, 2021. – 590 с. – С. 102–123.*
24. *Web-сомона: www.askar-hakim.tj Камол Насрулло "Магар дил бохтан кор аст, сар боз!" 17 январ 1922, боргирӣ 05.01.2025.*
25. *Сомона: https://www.askar-hakim.tj, инчунин дар сафҳаи «Чамани ишқу андеша» ва шабакаи Телеграм.*

ТАФАККУР ВА РИСОЛАТИ ИҶТИМОӢ ДАР ШЕЪРИ АСКАР ҲАКИМ

Мақолаи мазкур ба таҳлили ҳамаҷонибаи эҷодиёти Аскар Ҳаким - шоири андешавар ва иҷтимоънигор, бахшида шудааст, ки фаъолияташро метавон ба ду давраи таърихӣ - шуравӣ ва Истиқлол тақсим кард. Бо такя ба маҷмуаи ҳафтҷилдаи ашъораш, ки соли 2017 интишор ёфтааст, муаллиф равандҳои шаклгирӣ ва таҳаввули фикриву бадеии шеърро дар тӯли беш аз панҷоҳ сол арзёбӣ менамояд. Дар маркази таҳқиқ эҳёи анъанаҳои миллӣ, мазмунҳои иҷтимоӣ ва ватанпарастӣ қарор гирифтаанд. Ашъори давраи аввал бо ғояҳои идеологӣ ва иҷтимоии замони шуравӣ тавъам буда, тадричан ба фазои фалсафӣ ва ирфонӣ мегузарад. Муаллиф тавассути намунаҳои возеҳ нишон медиҳад, ки Аскар Ҳаким ба шеър ҳамчун воситаи андешаронӣ ва бедории маънавӣ менигарист. Мавқеъгирии устувори иҷтимоии шоир, камнависӣ, масъулиятшиносӣ ва ҷиддияти интиқодӣ яке аз вежагиҳои асосии сабки ӯст. Муаллиф бо шеваи илмӣ собит мекунад, ки шеър барои Аскар Ҳаким на воситаи эҳсос, балки абзори шуур, хирад ва бедорӣ будааст. Навъи нигариш, шакли изҳор, ва ҷойгоҳи мавзуъҳо дар ашъори ӯ ба таври комил ба поэтикаи миллӣ ва рисолати иҷтимоии адабиёт пайванд мехӯранд. Таҳқиқ дар ниҳоят ба хулоса мерасад, ки саҳми Аскар Ҳаким дар таърихи назми муосири тоҷик, ба хусус, дар ривоҷи шеъри иҷтимоиву фалсафӣ бориз аст.

Калидвожаҳо: Аскар Ҳаким, шеър, поэтикаи тоҷик, шеъри иҷтимоӣ, фалсафа, андеша, лирика, тазод, озодандешӣ, навоварӣ, шеъри озод, маорифпарварӣ, ташбеҳ, васфи Ватан, ахлоқ.

МЫШЛЕНИЕ И СОЦИАЛЬНАЯ МИССИЯ В ПОЭЗИИ АСКАРА ХАКИМА

Настоящая статья посвящена всестороннему анализу поэтического наследия Аскара Хакима - поэта-мыслителя и выразителя общественного сознания, чьё творчество охватывает два исторических этапа: советский период и эпоху Независимости. Основываясь на семитомном собрании его поэтических произведений, опубликованном в 2017 году, автор прослеживает процессы становления и эволюции художественно-философского мышления в течение более чем пятидесятилетнего творческого пути поэта. В центре исследования находятся возрождение национальных традиций, социальная проблематика и мотивы патриотизма. Ранние стихотворения поэта насыщены идеологическими и социальными мотивами советской эпохи, однако с течением времени в его творчестве всё больше утверждается философская и суфийская направленность. Автор аргументированно доказывает, что поэзия для Аскара Хакима была не просто формой эмоционального самовыражения, а инструментом сознания, разума и нравственного пробуждения. Тематические акценты, способы выражения и структура его стихов органично связаны с национальной поэтикой и социальной миссией литературы. В заключение подчёркивается, что вклад

Аскара Хакима в развитие современной таджикской поэзии - особенно в формирование социальной и философской лирики - является значительным и долговременным.

Ключевые слова: Аскар Хаким, поэзия, таджикская поэтика, социальная лирика, философия, мышление, лирика, антитеза, свободомыслие, новаторство, свободный стих, просвещение, метафора, воспевание Родины, этика.

THOUGHT AND SOCIAL MISSION IN THE POETRY OF ASKAR HAKIM

This scholarly article presents a comprehensive analysis of the poetic legacy of Askar Hakim - a contemplative and socially conscious poet whose creative career can be divided into two historical phases: the Soviet era and the period of Independence. Drawing upon his seven-volume collected works published in 2017, the author evaluates the evolution of Hakim's poetic expression and intellectual development over more than five decades. The focus of the study lies in the revival of national traditions, social themes, and patriotic motifs. Hakim's early poetry, influenced by the ideological and social climate of the Soviet period, gradually transitions into a deeper philosophical and mystical register. The article concludes that for Askar Hakim, poetry served not merely as an emotional outlet, but as an instrument of consciousness, reason, and enlightenment. His thematic choices, modes of expression, and poetic structure are tightly interwoven with national poetics and the social function of literature.

Keywords: Askar Hakim, poetry, Tajik poetics, social poetry, philosophical verse, reflection, lyricism, dualism, freedom of thought, innovation, free verse, moral education, metaphor, patriotic expression, ethics.

Дар бораи муаллиф
Қаҳорзода Меҳроҷиддин Вайсиддин
Унвонҷӯи кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6
E-mail: mehrojiddinqahori@mail.ru

About the author
Kahorzoda Mehrojiddin Vaysiddin
Applicant of the Department of Theory and History of Literature
Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulughzoda
734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Muhammadiev St. 17/6
E-mail: mehrojiddinqahori@mail.ru

Об авторе
Кахорзода Мехроджиддин Вайсиддин
Соискатель кафедры теории и истории литературы
Таджикский международный университет иностранных языков имени С. Улугзода
734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6
E-mail: mehrojiddinqahori@mail.ru

ТДУ 821.222.8.09:82-6

СОҲИБ ТАБАРОВ ДАР ШИНОХТИ АБДУЛҚОДИРИ РАҲИМ

Ҳамидзода З. А.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ

Дар бораи яке аз рӯзномагорон академик Дмитрий Сергеевич Лихачев чунин қайде дорад: «Рӯзноманигори соҳиби андешаву тафаккур ва сабку нигориши хоси худ» [2, с. 357]. Метавон ин нуктаро дар мавриди рӯзноманигор, шоир ва нависанда Абдулқодири Раҳим низ нисбат дод.

Аз маълумоти овардаи «Энсиклопедияи миллии тоҷик» бармеояд, ки ӯ соли 1984 хатмкардаи факултети филологияи тоҷики ДМТ аст. Пас аз он корманди Телевизиони Тоҷикистон, омӯзгори муассисаи таҳсилоти умумии №29-и ноҳияи Нуробод, хабарнигори рӯзномаи ноҳиявии «Мубориз»-и ноҳияи Восеъ, мақоллаи «Фарҳанг» будааст. Аз соли 1993 то инҷониб дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» фаъолият дорад. Аз соли 1994 узви ИН Тоҷикистон мебошад [22, с. 18]. Соли 2018 барандаи Ҷоизаи ИЖТ ба номи А. Лоҳутӣ гардидааст.

Беш аз 20 китоби насриву назмӣ таълиф намуда, ба табъ расондааст. Яъне, дар муддати зиёди фаъолият таҷрибаи ғанӣ андӯхтааст. Аз ин рӯ, бо истифода аз жанрҳои мухталифи соҳаи рӯзноманигорӣ ва адабиёту адабиётшиносӣ тавонистааст, ки дар таҳқиқу тадқиқ, чеҳрасозӣ ва усулҳои гуногуни суҳбат муваффақ бошад. Тавре ин муаллиф менигорад: «Охир пешаеро хостем, балки пазируфтем, ки бо ҳама ҳамдард бошем, пешомадҳоро эҳсос бинамоем ва чораву тадбир биандешем, то бидонанду аз ёд набароранд: роҳ дар ҷаҳон якесту он роҳи ростист. Ва ҳам ҳақиқатро бишносему аз баёни он ба ҳеҷ гоҳ, ба ҳеҷ ваҷҳ натарсему наларзем. Зебо ва дуруст навиштан барои мо кофӣ нест. Агар худ намесӯзем, намесозем. Ин қадар мояи ифтихор дорем, ки ҳастиамонро, донишу таҷрибаву истеъдодамонро барои шод зистани ҷомеа ва обод гардидани дунё бедареғ метавонем бубахшем» [7, с. 3].

Абдулқодири Раҳим, аз ин рӯ, барои навиштан, офаридани чеҳраҳо қаҳрамононеро интихоб мекунад, ки ҳастияшонро барои ҷомеа бедареғ бахшидаанд. Яке аз ин гуна шахсиятҳои маъруфу маҳбуб узви вобастаи Академияи илмҳои Тоҷикистон аз соли 1953, омӯзгори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (1948-1994), муҳаққиқу мунаққид ва адабиётшиноси нотакрор Соҳиб Табаров мебошад. Нашри маводи ин рӯзноманигор дар бораи Соҳиб Табаров боз аз он рӯ фарогиру ҷолибу боварибахш аст, ки муаллиф, тавре ки худаш дар навиштаҳояш зикр мекунад, дар Донишгоҳ аз ӯ таълиму тарбия гирифтааст, бо усулҳои таълиму тарбия, тарзи баёни мавзуъҳо, таъсиси курсҳои махсус ошноӣ дорад.

Устод Соҳиб Табаров низ ба ин шогирдаш, истеъдоди шоирияш эътимод зоҳир мекунад ва дар рафти дарсҳо барои эҷоди асарҳои руҳан миллӣ, баромадан аз яъсу навмедиҳо ва нолиданҳои беасос дар шеър раҳнамунӣ мекунад.

Соҳиб Табаров, аз ҷумла 14 декабри соли 1991 дар мавриди шеъри Абдулқодири Раҳим ва шахсияташ дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» мақолаашро бо номи «Таассуроте аз мутолеаи «Як пушти нигоҳ»-и Абдулқодири Раҳим» ба табъ мерасонад. С.Табаров ин навиштаашро чунин оғоз мебахшад: «Наход се шеъри Абдулқодири Раҳим, ки дар …рӯзномаи «Ҷумҳурият» чоп шудааст, муждае аз ҷусутҷӯҳои навтарин дар ин шабу рӯз дар назми тоҷик диҳад? Ба фикрам, мужда медиҳад.

Абдулқодри Раҳимро чанд сол боз ҳамчун донишманди паҳлуҳои нозуктарини назми ғании форс-тоҷик мешинохтам. Гоҳ-гоҳ чакидаҳои қалами ӯро дар танҳоӣ бо завқи калон мутолиа мекардам» [3, с. 58].

Тавре аз навиштаҳои муҳаққиқу омӯзгор Соҳиб Табаров ва рӯзноманигору шогирди ин устод бармеояд, ҳар ду ба ҳамдигар назари хос ва пур аз меҳр доранд. Албатта, ҷойи таассуфу андеша нест, ки чаро Абдулқодири Раҳим дар бораи устоди зиндаёдаш маҳз аз соли 2002 мавод ба табъ мерасонад.

А. Раҳим навиштаҳояшро, ки бо номҳои «Ёде аз он рӯзҳои мудҳиш» [11, с. 3], «Агар медонистам, ки ин қадар зуд пир мешавам…» [12, с. 2], «Соҳиб Табаров: «Академик Абдулғанӣ Мирзоев муаррифии бештар мехоҳад» [13, с. 2], «Ғоиб Сафарзода дар «Тассуроти ақлу дил» [14, с. 2], «Дар ободӣ аз вайронӣ мегӯям» [15, с. 1] дар бораи ин устод ва устодаш

академик Абдулғанӣ Мирзоев ва ҳамсараш Ванда Витолдовна Яблонская хидматҳояшон ба нашр мерасонад.

Баъди ба тасвиб расидани Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи таҷлили 100-солагии Соҳиб Табаров (аз 12 декабри соли 2023) як силсила маводҳои бахшида ба ин сана ва бузургдошти соҳибҷашн таълиф ва нашр мекунад. «Баҳри беканори илм» [16, с. 2], «Умрашро бедареғ бахшид» [17, с. 3], «Мехостам пайраваш бошам» [18, с. 2], «Ҳамоиши муҳимми илмӣ» [19, с. 3] аз ин силсила аст.

Ду навиштааш: «Агар медонистам, ки ин қадар зуд пир мешавам…» ва «Ғоиб Сафарзода дар «Таассуроти ақлу дил»»-ро муаллиф дар китобҳояш бо номҳояи «Ашки сари мижгон» [7, с. 38] ва «Падар» [9, с. 270] ҷой додааст.

Мақолаи «Ёде аз рӯзҳои мудҳиш» [11, с. 3] бахшида ба 60-солагии аз муҳосира озод шудани шаҳри Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) аст. Ҳамсари устод Соҳиб Табаров В.В. Яблонская дар он рӯзҳои мудҳиши Ленинград баъд аз таҳсил ба аскарон чун санитарка хидмат мерасонд. Бар асари шиддати ин ҷанг, ба қавли Абулқосим Лоҳутӣ, ки онро «дар таърих ҳамто набуд», ӯро ҳамроҳи ду донишҷӯдухтари дигар ба шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) интиқол медиҳанд ва онҳо дар Донишкадаи давлатии омӯзгории Сталинобод ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ) таҳсилро идома медиҳанд. «Бо поён ёфтани ин ҷанг аз раиси шаҳри Ленинград Попов дар шаҳри Душанбе нома гирифт. Дар нома ӯ навишта буд, ки «хонаи шумо дар шаҳри Ленинград, дар кӯчаи Рубенштейн 20, ҳуҷраи 14 маҳфуз аст. Бо баргаштан мо ҳамаи таҷҳизоти хонаи шуморо, ки дар ҷанг нобуд шудааст, барқарор мекунем». Ман аз ин нома бисёр шод гаштам. Азбаски дар ин вақт ман бо муаллим Соҳиб Табаров хонадор шуда будам ва ҳам кор мекардам, дигар ба Ленинград барнагаштам», - менависад А. Раҳим аз номи қаҳрамони мақолааш [11, с. 3].

Ванда Витолдовна соли 2004 аз номи Президенти Россия В. Путин номаи табрикӣ мегирад, ки дар он аз заҳматҳои муаллима дар он ҷанг сипосгузорӣ шудааст. Ванда Витолдовна он рӯзҳоро чунин ёд овардааст: «Ҷанги Бузурги Ватанӣ соли 1941 оғоз шуд. Донишҷӯён низ ба отрядҳои махсус пайвастанд. Мо хандақ мекофтем, ба зидди танкҳои душман. Чун аскарони мо ақибнишинӣ мекарданд, бо шӯхӣ он лаҳзаҳо ба мо мегуфтанд: «Мо ақибнишинӣ мекунему шумо пеш мераведˮ [11, с. 3]. Ба андешаи ин ҷониб, ин мужда сабаб гардида, то Абдулқодири Раҳим, ҳамзамон, дар бораи хидматҳои ҳамсари устодаш маводро таълифу нашр бикунад.

Дар суҳбаташ бо ин мунаққид дар маводи «Соҳиб Табаров: «Академик Абдулғанӣ Мирзоев муаррифии бештар мехоҳадˮ» [13, с. 2] хидматҳову раҳнамоии ин муҳаққиқро дар соҳаи адабиётшиносӣ ва тарбияи шогирдон Соҳиб Табаров баён медорад. Аз рӯи нақли мусоҳиб маълум мешавад, ки академик А.Мирзоев на танҳо дар таҳқиқу таълифи асарҳои бунёдии адабиётшиносӣ ягонаи даври хеш буду ҳеҷ гоҳ бо дастовардҳои илмии хеш қаноат намеварзид, балки бештар аз пештар заҳмат мекашид ва барояш ҳар дақиқа ғанимат буд, шогирдон, аз ҷумла Соҳиб Табаровро, ба намоишҳои театрҳои драммавӣ, опера ва балет мебурд. Бо анҷоми намоишҳо моҳияту рамзҳои онҳоро мефаҳмонд. Бо дастгирии устод Садриддин Айнӣ ва Абдулғанӣ Мирзоев С. Табаров соли 1953 узви вобастаи Академияи имлҳои Тоҷикистон пазируфта мешавад, ки дар ин вақт 29-сола будааст. Бо пешниҳоди ин академик Соҳиб Табаров соли 1948 дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз фанни «Мадхали адабиётшиносӣ» ба донишҷӯён дарс мегузарад.

Мусоҳибаи А. Раҳим бо устод С. Табаров бо номи «Агар мудонистам, ки ин қадар зуд пир мешавам…» [12, с. 3], зери рубрикаи «Чеҳраҳои замон» ба нашр расидааст. Ин як навъ чеҳрасозӣ ва низ суҳбати касбӣ маҳсуб мешавад. Ҳар ду ҷониб аз нозукиҳо ва мушкилоти соҳаи адабиёту адабиётшиносӣ огоҳанд. Саволҳо дар баъзе маврид, ба қавли халқ, «дандоншиканандˮ, аммо мусоҳиб ба онҳо бо ҷасорати том посух мегӯяд. Аз ҷумла, устод баён доштааст: «Агар бепарда гӯям, танҳо одами боҷуръат мунаққид шуда метавонад… Мунаққиди асил дар ягон давраву замон рӯзгори хушро надидааст… Соҳибмансабони адабиёти бадеӣ дар муқоиса бо шоирону носирон ба мунаққид ҳамчун бо шахси дуюмдараҷа назар мекунанд. Сухан дар бораи мунаққиди асил аст. Мунаққидони тамаллуққор дар ҳама давраву замон буданду мешаванд, ки рӯзгори хуш ба сар мебаранд ва обрӯву эътибори қалбакӣ, мавсимӣ, пайдо мекунанд. Вале чунин мунаққидон мисли адибони вассоф обрӯву манзалати казоӣ надоранд» [12, с. 3].

Ва боз меафзояд: «Замона дигар шуд. Он шогирдон мағрур шуданд ва ҳам қаноат варзиданд, савийяи донишашонро баландтар набардоштанд, баҳри рушду камолоти илмӣ ва адабӣ-эстетикии миллат хидмат намуданро қатъ карданд. Баъзеяшон мансаб гирифта, аз илм дур шуданд, банда баръакс» [12, с. 3].

Ҳар як мулоҳизаи устод Табаров ҷанбаи амиқи адабиётшиносӣ дошта, фарогири масъалаҳои мубрами фарҳангӣ мебошанд: «Нависандаро ба воситаи тарҷумаи ҳолаш меомӯзанд. Мо, мутаассифона, тарҷумаи ҳоли ягон нависандаи тоҷикро ба пуррагӣ надорем», ё худ «Се чизро бад мебинам: дурӯғ, фиреб, тамаллуқ». Аз ин чизҳо парҳез мекунам. Аз ҳеҷ кас наметарсидам, наметарсам. Дар кулбаи вайронаи сард бо нони хушк ва як пиёла чой умр ба сар барам ҳам, парвое надорам. Касе парвои маро надорад, вале ман барои тамоми миллат ғам мехӯрам, ба истиснои ғосибон, дурӯғгӯён, фиребгарон, тамаллуқкорон ва монанди инҳо» [12, с. 3].

Ин мусоҳиба қариб тамоми рӯзгору фаъоляти Соҳиб Табаровро ба хонанда ошно месозад.

Мақола ва мусоҳибаҳои Абдулқодири Раҳим дар бораи Соҳиб Табаров ҳама фарогир ва ҷолиби диққат мебошанд. Ба пиндори ин ҷониб, мақолаи «Мехостам пайраваш бошам» [18, с. 2] фарогиртар аст.

Абдулқодири Раҳим нахуст Ванда Витолдовна Яблонскаяро ошно месозад ва сабабашро ҳам баён медорад: «Ҳазорон бор узр, устод. Ман нахуст Вандаи Шуморо, ки ҳамеша ба ӯ «Асалакам» гуфта, хитоб мекардед, муаррифӣ менамоям. Ӯ, ки пеш аз Шумо дунёро тарк гуфт. Нахост, то шоҳиди маргатон гардаду дареғогӯятон бошад.

Мо – шогирдонатон хуб медонем, ки ин зан тамоми ҳастияшро ба Шумо бахшид…» [18, с. 2].

А. Раҳим дар охири мақолааш чунин масъалагузорӣ мекунад:

1. Ба муносибати 100-солагии Соҳиб Табаров Ганҷинаи адабии ба номи ӯ ба талаботи муқарраргардида бунёд ёбад ва ё таҷдид шавад.
2. Қисме аз қайдҳои ӯ аз дафтари «Таассуроти ақлу дил» ба табъ расанд.
3. Тамоми асарҳои ӯ бо теъдоди дастрас аз нав нашр шаванд.
4. Кӯчае, ки дар он Ганҷинаи устод бунёд ёфтааст, ба номи Соҳиб Табаров гузошта шавад.
5. Яке аз ҳамоишҳои илмӣ дар ноҳияи Муъминобод бо дидани ин Ганҷина баргузор шавад.

Ҳамин тавр, навиштаҳои Абдулқодири Раҳим дар бораи Соҳиб Табаров дар жанрҳои гуногун мебошанд. Муаллиф аз усули мушоҳида, ки дар таҳқиқоти журналистӣ муҳим мебошад, истифода мекунад. Хотираи ӯ дар ин маврид қавӣ аст ва дар навиштаҳояш он баръало ба назар мерасад. Мақолаҳои ин рӯзноманигор дар бораи устод Соҳиб Табаров самимӣ ва бо муҳаббати хоси шогирдӣ мебошанд. Тарзи навишт ҷолибу хонданӣ аст. Саъй ба харҷ медиҳад, ки то чеҳраи аслии Соҳиб Табаров бо тамоми ҷузъиёт барои насли имрӯз ва фардо рӯшан бошад.

Ба андешаи ин ҷониб, бояд ин навиштаҳо дар шакли китоби алоҳида бо нишон додани манбаъҳои нашр гарданд.

Адабиёт

1. *Кӯчарзода, А. Абармарди роҳи омӯзишу пажӯҳиш. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2024. - 252 с.*
2. *Лихачев, Д.С. Заметки и наблюдения. Из записных книжек разных лет. – Л: Советский писатель, 1989. - 608 с.*
3. *Назаргоҳи аҳли дил. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: ЭР-граф, 2021. - 288 с.*
4. *Табаров, С. Таассуроте аз мутолеаи «Як пушти нигоҳ»-и Абдулқодири Раҳим» // «Ҷумҳурият». – 1991. – 14 декабр.*
5. *Табаров, С. Даҳ нома // «Садои Шарқ». – 2017. - №1. - С. 101-123.*
6. *Табаров, С. Манбаи омӯзиш [Мактубҳои Соҳиб Табаров ба Абдулҳамид Самад. Пешгуфтори академики АМИТ Имомзода, М. ва дотсент Зайниддинзода, М.]. – Душанбе: Истеъдод, 2021. - 70 с.*
7. *Раҳим, А. Ашки сари мижгон. – Душанбе: Русская литература, 2012. – 232 с.*
8. *Раҳим, А. Шод зӣ, шод! – Душанбе: Русская литература, 2020. - 256 с.*
9. *Раҳим, А. Падар. – Душанбе: Шарқи озод, 2024. - 320 с.*

10. *Раҳим, А. Адолатоин // «Ҷумҳурият», 2002. - 22 ноябр.*
11. *Раҳим, А. Ёде аз он рӯзҳои мудҳиш // «Ҷумҳурият», 2004. - 20 январ.*
12. *Раҳим, А. Агар медонистам, ки ин қадар зуд пир мешавам… // «Ҷумҳурият», 2007. – 20 октябр.*
13. *Раҳим, А. Соҳиб Табаров: «Академик Абдулғанӣ Мирзоев муаррифии бештар мехоҳад // «Ҷумҳурият». – 2009. – 31 январ.*
14. *Раҳим, А. Ғоиб Сафарзода дар «Таассуроти ақлу дил» // «Ҷумҳурият», 2022. - 10 феврал.*
15. *Раҳим, А. Дар ободӣ аз вайронӣ мегӯям // «Ҷумҳурият», 2023. - 15 май.*
16. *Раҳим, А. Баҳри беканори илм // «Ҷумҳурият». – 2024. – 15 январ.*
17. *Раҳим, А. Умрашро бедареғ бахшид // «Ҷумҳурият». – 2024. – 8 апрел.*
18. *Раҳим, А. Мехостам пайраваш бошам // «Ҷумҳурият». – 2024. – 20 август.*
19. *Раҳим, А. Ҳамоиши муҳими илмӣ // «Ҷумҳурият». – 2024. – 4 сентябр.*
20. *Уллмен, Ҷ. Таҳқиқоти журналистӣ: Усулҳои муосир ва техника.- Душанбе, 2004. - 256 с.*
21. *Шум, Ю. Таҳқиқоти журналистӣ: Аз назария ба амалия. – Душанбе, 2004. - 192 с.*
22. *Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷ. 1. – Душанбе: Сарредаксияи Энсиклопедияи миллии тоҷик, 2001. – 606 с.*

СОҲИБ ТАБАРОВ ДАР ШИНОХТИ АБДУЛҚОДИРИ РАҲИМ

Дар мақолаи мазкур муаллиф симои муҳаққиқ ва адабиётшиноси маъруфи тоҷик Соҳиб Шуҳратиевич Табаровро дар эҷодиёти адиб, публитсист ва журналист Абдулқодири Раҳим таҳлил намуда, ба натиҷае мерасад, ки офаридани симои маънавӣ ва воқеии пажӯҳишгар ба хотири навиштани таърихи саҳеҳи адабиётамон дар замони истиқлол, ки чунин имкониятро фароҳам овардааст, мусоидат мекунад. Навиштаҳои Абдулқодири Раҳим дар бораи Соҳиб Табаров дар жанрҳои гуногуни журналистӣ офарида шудаанд. Дар ин раванд, публитсист аз усули мушоҳида, ки дар таҳқиқоти журналистӣ муҳим мебошад, бештар истифода мекунад. Хотираи ӯ дар ин маврид қавӣ аст ва дар навиштаҳояш он баръало ба назар мерасад. Тавре аз таҳлили осори публитсистии Абдулқодири Раҳим бармеояд, мақолаҳои дар бораи устод Соҳиб Табаров ниготаи ӯ самимӣ ва бо муҳаббати хоси шогирдӣ мебошанд. Тарзи навишт ҷолибу хонданӣ аст. Адиб саъй ба харҷ медиҳад, ки то чеҳраи аслии Соҳиб Табаров бо тамоми ҷузъиёт барои насли имрӯз ва фардо рӯшан бошад. Шахсияти Соҳиб Табаров дар осори публитсистии адиб ва журналист Абдулқодири Раҳим васеву фарогир буда, адиб мавқеи муҳаққиқро дар рушди илми адабиётшиносии тоҷик ва нақди адабӣ дуруст муаяйн кардааст.

Калидвожаҳо: Соҳиб Табаров, Абдулқодири Раҳим, адабиёти тоҷик, адабиётшиносӣ, масъалаҳои муҳими адабиётшиносӣ, нақди адабӣ, публитсистика, журналистика.

СОХИБ ТАБАРОВ В ПОЗНАНИИ АБДУЛКОДИРА РАХИМА

В данной статье предпринята попытка осмысления того, как в творчестве писателя, публициста и журналиста Абдулкодира Рахима воссоздается образ известного таджикского литературоведа, исследователя Сохиба Шухратиевича Табарова. Автор приходит к выводу, что создание нравственного и правдивого портрета ученого способствует написанию достоверной истории нашей литературы в эпоху независимости, когда такая возможность, наконец, появилась. При воссоздании творческого облика Сохиба Табарова Абдулкодири Рахим обращается к разнообразным жанрам журналистики. В этом процессе публицист широко использует метод наблюдения, что является важным инструментом журналистского расследования. А. Рахим обладает феноменальной памятью, до мельчайших деталей сохраняя в памяти все свои встречи с ученым. Анализ публицистического наследия Абдулкодира Рахима показывает, что его статьи о профессоре Сохибе Табарове отличаются искренностью и проникнуты глубокой любовью к своему герою. Подача материала неизменно интересна. Писатель стремится воссоздать творческий портрет Сохиба Табарова во всех деталях, чтобы память о нем жила в сердцах нынешнего и будущих поколений. Личность Сохиба Табарова в публицистическом наследии писателя и журналиста Абдулкодира Рахима предстает многогранно, автор верно определяет роль и место исследователя в развитии таджикской литературоведческой науки и литературной критики.

Ключевые слова: Сохиб Табаров, Абдулкодири Рахим, таджикская литература, литературоведение, важные литературоведческие вопросы, литературная критика, публицистика, журналистика.

THE IMAGE OF SOHIB TABAROV IN THE WORKS OF ABDULKODIR RAHIM

This article attempts to comprehend how the image of the famous Tajik literary critic, researcher Sokhib Shukhratievich Tabarov is recreated in the work of the writer, publicist and journalist Abdulkodir Rakhim. The author comes to the conclusion that the creation of a moral and truthful portrait of a scientist contributes to the writing of a reliable history of our literature in the era of independence, when such an

opportunity finally appeared. When recreating the creative appearance of Sohib Tabarov, Abdulkodiri Rahim turns to a variety of genres of journalism. In this process, the publicist makes extensive use of the observation method, which is an important tool of journalistic investigation. A. Rahim has a phenomenal memory, keeping all his meetings with the scientist to the smallest detail. An analysis of the journalistic heritage of Abdulkodir Rahim shows that his articles about Professor Sokhib Tabarov are sincere and imbued with deep love for their hero. The presentation of the material is invariably interesting. The writer seeks to recreate the creative portrait of Sokhib Tabarov in every detail so that the memory of him lives in the hearts of current and future generations. The personality of Sokhib Tabarov in the journalistic heritage of the writer and journalist Abdulkodir Rahim appears multifaceted, the author correctly determines the role and place of the researcher in the development of Tajik literary science and literary criticism.

Keywords: Sohib Tabarov, Abdulkodiri Rahim, Tajik literature, literary criticism, important literary issues, literary criticism, journalism, journalism.

Дар бораи муаллиф
Ҳамидзода Зебунисо Абдуқодир
Омӯзгори кафедраи адабиёт
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб,
к. С.Сафаров, 16
E-mail: hamidzodazebiniso@gmail.com

Об авторе
Хамидзода Зебунисо Абдукодир
Преподаватель кафедры литературы
Кулябский государственный университет
имени Абуабдулло Рудаки
735360, Республика Таджикистан, г. Куляб,
ул. С.Сафаров, 16
E-mail: hamidzodazebiniso@gmail.com

About the author
Hamidzoda Zebuniso Abdukodir
Lecturer at the Literature Department
Abuabdullo Rudaki State University in Kulyab
735360, Republic of Tajikistan, Kulyab,
S.Safarov str., 16
E-mail: hamidzodazebiniso@gmail.com

ТДУ 891.550

ҶОЙГОҲИ АВЗОНИ АРУЗӢ ВА КОРБУРДИ ҲУНАРМАНДОНАИ ОН ДАР АШЪОРИ ОЗАРАХШ

Ҷумъаев Ҷ. Ҷ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Мусаллам аст, ки вазн дар бобати ба вуҷуд омадани каломи мавзун нақши муҳим дорад. Маҳз тавассути он намудҳои адабӣ арзи ҳастӣ кардаанд ва каломи равону мансур ба ченаки вожаи суханофаринӣ ворид гашта зеботару ҷолибтару дилнишинтар шуда, истилоҳи назм ва шеърро ба худ гирифтаанд. Тӯли ҳазорсолаҳост, ки вазни арузӣ шеъри моро дар худ таҷассум карда меояд. Дар ин росто он чунон танаввуъ, вижагӣ, қавоид, қонунмандӣ пайдо кардааст, ки ҳамагӣ ба табиати забон созгору мувофиқ мебошад ва ба таври табиӣ аз ҷониби суханварон ичро мегардад. Азбаски забони адабиёти мо, ба вижа забони шеър дар тули таърихи мавҷудияти худ кам ба тағйирот дучор гаштааст, вазни аруз имрӯз низ дар эҷодиёти шуарои муосир мавриди пайгирӣ ва истифодаи вофир қарор дорад. Онон бо вуҷуди он ки шеър анвои нав пайдо кардааст ва ба мудерншавӣ, озодӣ аз аруз тамоюл менамояд, вазнро ба ҳар сурат сарфи назар нанамудаанд. Махсусан, шоироне, ки дар партави шеъри классикӣ шеър эҷод мекунанд, дар осорашон риояи вазни аруз ва корбурди огоҳонаву ҳунармандонаи имконоти он бармало мушоҳида мешавад. Мутолиаи арузӣ ва таҳқиқи ашъори Озарахш собит месозад, ки 95 дарсади онро ғазал ташкил медиҳад ва ҳамагӣ дар вазнҳои хушоянду марғубу мутантану дилнишини арузанд. Илова бар ин, ашъори мудерну нимоии шоир низ дар вазни аруз суруда шудааст.

Озарахш, ки бештар дар партави шеъри классикӣ суханофаринӣ мекунад, дар адабиёти муосири тоҷик мақоми худро ба таври шоиста ёфтааст. То кунун маҷмуаву девон ва силсилаи ашъори тозаэҷодаш чоп ва дастраси хонандагон шуда, зуд ба дилу дидаи халқ ҷой шудаанд ва овозхонҳову ҳунармандони варзида онҳоро ба оҳангу мусиқӣ ҷӯр карда месароянд. Матну оҳанг ва мусиқӣ ниҳоят мувофиқ омада, рӯҳу табъи шунавандаро болида месозад ва дарку фаҳми маъниро саҳл. Ин маънои онро дорад, ки шоир дар интихоби мавзуъ ва вазни шеър бисёр ҷиддӣ муносибат карда, якеро ба дигаре хуб тавъам намудааст. Яке аз комёбиҳои эҷодии шоир низ дар ҳамин арзёбӣ мегардад. Авзони ашъори шоир чун муҳтавои он пурғановат, ҷолиб ва серпаҳлуст. Вай дар сурудани ғазал ва ашъори худ бештар ба авзони хушоянди арузӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, мӯшикофона аз нозукиҳои онҳо кор гирифта, дар ин росто мумтоз будани хешро собит сохтааст. Дар шеъри шоир ҳам баҳрҳои солим ва ҳам баҳрҳои фаръӣ истифода шудаанд. Аз ҷумла, ҳазаҷ, рамал, раҷаз, мутақориб ва мутадорик аз баҳрҳои солим; сареъ, музореъ, муҷтасс ва хафиф аз баҳрҳои фаръӣ мебошанд. Аз рӯйи касрати истеъмол ва танаввуъи авзон ҳазаҷ дар шеъри Озарахш дар ҷойи аввал меистад. Шоир ба ҳазаҷ, ки хушоҳангу дилписанду рӯҳафзотарин баҳри арузист, таваҷҷуҳи хос зоҳир карда авзони солиму зиҳофоти маъмулу хуши онро дар ашъори худ ба кор бурдааст.

Ҳазаҷ дар луғат ба маънии *овози хуш, суруд, тарона, алҳони хушоянду садои форам* шарҳ ёфтааст. Дар истилоҳ номи баҳрест, ки рукни аслиаш мафоъилун буда, дар асоси он зиҳофоташ ҳосил мешаванд [4, с. 36- 38; 7, с. 66-67; 9, с. 83-90].

Авзони аз ҳазаҷ беруномада чи дар рукни солимаш ва чи дар зиҳофоташ ҳамагӣ дилпазиру хушояндаанд. Ин вижагӣ ба ҳамаи буҳури солими арузӣ марбут нест. Озарахш бо дарки хасоиси баҳри ҳазаҷ 18 ғазали худро дар рукни солими баҳри мазкур сурудааст.

1.Аз ҷумла:

Агар рӯзе зи умрам монда бошад, дӯстат дорам,
Зи рӯям давр рӯ гардонда бошад, дӯстат дорам! [5, с. 151]
v - - - / v - - - / v - - - / v - - -
мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ мафоъӣлун
Вазн: ҳазаҷи мусаммани солим.

2.Аз авзони дигари баҳри ҳазаҷ, ки бо рукни охири арузу зарб аз вазни солим тафовут мекунад, ҳазаҷи мусаммани мусаббағ аст, ки шоир 7 ғазали худро дар ин вазн эҷод кардааст:

Биё рафтем, аз ин манзил, ба мо манзар нахоҳад дод,
Ҳар он чӣ ёфтем, ин аст, ӯ дигар нахоҳад дод [5, с.58].

Ё:

Дар ин гулшан ба қадри зинда будан дӯст бояд дошт,
Ба ҳаққи як нафас фархунда будан дӯст бояд дошт [6, с.16].
v - - - / v - - -/ v - - - / v - - ~
мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъӣлон
Вазн: ҳазаҷи мусаммани мусаббағ

3.Шоир танҳо дар як ғазали худ аз вазни мусаддаси солими баҳри ҳазаҷ истифода кардааст:

Ман ин ҷаннатзаминро дӯст медорам,
Диёри нозанинро дӯст медорам [6, с.4].
v - - - / v - - - /v- - -
мафоъӣлун / мафоъӣлун / мафоъилун

4.Вазни дигаре, ки аз баҳри ҳазаҷ дар ғазалиёти шоир ба назар расид, ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф мебошад. Теъдоди ғазалҳое, ки ӯ дар ин вазн сурудааст, ба 5 мерасад. Намуна:

Номат ба лабам маззаи қанд аст ҳамеша,
Нӯшест, ки бар ком писанд аст ҳамеша [6, с.27].
--v/ v - - v/ v - - v/ v - -
мафъӯлу / мафоъилу/ мафоъилу/ фаъӯлун

5.Ҳазаҷи мусаммани макфуфи маҳзуф 1 ғазал

Дигарбора шабовез, дигарбора таманно,
Дигарбора сапеда, дигарбора тамошо [5, с.7].
v - - v/ v - - v/ v - - v/v - -
мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ фаъӯлун

6.Ҳазаҷи мусаммани мақбуз 7 ғазал

Сухан ба бод мебарад лаби суханфурӯшро,
Чаман ба бод мекашад гули чаманфурӯшро [5, с.12].
v – v -/ v – v-/ v – v -/ v – v –
Мафоъилун / мафоълун / мафоъилун / мафоъилун

7.Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф 5 ғазал

Замин сахт аст ё ин зиндагонӣ,
Ҳаво сард аст ё фасли ҷавонӣ [5, с.241].
v - - - / v - - - / v - -
Мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун

7.Ҳазаҷи мусаммани мақбузи аштар 1 ғазал

Зиёда бод ёди ту, зиёд ёд кардаам…
Зи ёди меҳрзоди ту, зиёд ёд кардаам! [5, с.171]
v – v - / v – v- / v – v - / v – v –
Мафоъилун/ мафоъилун/ мафоъилун/ мафоъилун

8.Ҳазаҷи мусаддаси макфуфи мақбузи мақсур 1 ғазал

Сарам санги Саразми бостон аст,
Дилам ашки Сарези ростон аст [5, с.33].
v - - v / v - - - / v - ~
Мафоъӣлу / мафоъилун / мафоъил

9.Ҳазаҷи мусаммани ахраби мусаббағ 2 ғазал

Девона машав, эй дил ин умр ҳамин ранг аст,
Як лаҳза танинаш шод, як лаҳза ғамоҳанг аст [5, с.34].
- - v / v - - - / - - v / v - - ~
Мафъӯлу / мафоъӣлун / мафъӯлу / мафоъилон

10.Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур 9 – ғазал

Эй дӯст, биё, даст бидеҳ, даст бидеҳ, даст,
Ман маст шудам, маст шудам, маст шудам, маст [5, с.44].
-- v / v - - v / v - - v / v - ~
Мафъӯлу / мафоъӣлу / мафоъӣлу / мафоъил

11.Ҳазаҷи мусаммани мақфуфи аштар 1 – ғазал

Дар хонаи дил ғайри ту кас нест, нест, нест,
Ҷуз васли ту дар сина ҳавас нест, нест, нест [5, с.55].
- - ν / ν - - ν / ν - - ν / - ν –
Мафъӯлу / мафоъӣлу / мафоъӣлу / фоъилун

12.Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф 1 ғазал

Бе ишқ назар назар надорад,
Бунёди саҳар саҳар надорад [5, с.67].
- - ν / ν – ν - / ν - -
Мафъӯлу/ мафоъилун/ фаъӯлун

13.Ҳазаҷи мусаммани мақбузи маҳзуф 1 ғазал

Ғубор ҷустаӣ аз ҳарфи ошиқонаи дил,
Ҳазор ҷурми туву як наво таронаи дил! [5, с.139]
ν – ν - / ν – ν - / ν – ν - / ν - -
Мафоъилун / мафоъилун / мафоъилун / фаъӯлун

14.Ҳазаҷи мусаддаси аштар 1 ғазал

Зи мастиям зимистон мегузарад,
Ки девона зи мастон мегузарад [5, с.72].
ν - - - / ν - - - / -ν –
Мафоъилун / мафоъилун / фоъилун

15.Ҳазаҷи мусаддаси мақсур 3 ғазал

Ҳамон рӯзе, ки занро офариданд,
Гули нози чаманро офариданд [5, с.88].
ν - - - / ν - - - / ν - ~
Мафоъилун/ мафоъилун / мафоъӣл

16.Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақфуфи мусаббағ 1 ғазал

Хуршед ба ойина гуфто,ки салом,эй ёр!
Ойина ҳам аз сина гуфто, ки салом, эй ёр! [5, с.113]
- - ν / ν - - ν / - - ν / ν - - ~
Мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафъӯлу / мафоъӣлон

17.Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақфуфи маҷбуб 1 ғазал

Рӯзе, ки таманнои ту мехонд ғазал,
Дунё ба тамошои ту мехонд ғазал [5, с.138].
- - ν / ν - - ν / ν - - ν / ν –
Мафъӯлу / мафоъӣлу /мафоъӣлу / фаъал

18.Ҳазаҷи мусаммани ахраб 1 ғазал

Хуршед Ватан дорад дар хонаи чашмонам,
Як ҷони пур аз нурам, як нури пур аз ҷонам [5, с.163].
- - ν / ν - - - / - - ν / ν - - -
Мафъӯлу / мафоъӣлун / мафъӯлу / мафоъӣлун

19.Ҳазаҷи мусаммани мақбузи мақфуфи аҳтам 1 ғазал

Эй ишқ, ба манзили висолам бирасон,
Эй ёр, ба васли бемисолам бирасон [5, с.189].
- - ν / ν – ν - / ν - - ν / ν ~
Мафъӯлу / мафоъилун / мафоъӣлу / фаъӯл

20.Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақфуфи мақбуз 1 ғазал

Эй марг, мазан ханда бар ашки зулоли ман,
Ин аст дар ин олам аз ҷоҳу ҷалоли ман! [5, с.196]
- - ν / ν - - ν / - - ν / ν – ν –
Мафъӯлу / мафоъӣлу / мафъӯлу / мафоъилун

21.Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи мақфуфи маҷбуб 2 ғазал

Эй дафтари боумед бикшодаи дил,
Сарномаи зиндагии озодаи дил [6, с.3].
- - ν / ν – ν - / ν - - ν / ν – –
Мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлу/ фаъӯлун

22.Ҳазаҷи мусаммани мақбузи ахрам 1 ғазал

Дуои роҳ гирифтам, фаришта, омин гӯй,
Ба ин мусофири ғурбатсиришта омин гӯй! [5, с.248]
ν – ν - / ν - - - / ν – ν- / - - -
Мафоъилун/ мафоъӣлун/ мафоъилун/ мафъӯлун

23.Ҳазаҷи мусаммани аштар 1 ғазал

Дар замин таманное, мову ту намедонем,
Дар само тамошое, мову ту намедонем [6, с.10].
- ν - / ν - - - / - ν - / ν - - -
Фоъилун/ мафоъӣлун/ фоъилун / мафоъӣлун

24.Ҳазаҷи мусаммани аштари мусаббағ: 1 ғазал

Гиря мекунам имшаб бо баҳонаи борон,
Метапам ба тобу таб дар каронаи борон [6, с.15].
- ν - / ν - - - / - ν - / ν - -~
Фоъилун/ мафоъӣлун/ фоъилун/ мафоъилон

25.Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар: 1 ғазал

Як рӯз ба хотири дилам меоям,
Бар хотири отири дилам меоям [6, с.17].
- - ν / ν - - ν / ν - - - / -
Мафъӯлу / мафоъӣлу / мафоъӣлун / фаъ

26.Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбуз: 1 ғазал

Дорам сухане , забон намедонад,
З-ин рози ниҳон, ниҳон намедонад [6, с.101].
- - ν / ν – ν - / ν - - -
Мафъӯлу / мафоъилун / мафоъӣлун

27.Ҳазаҷи мусаммани мақбузи маҷбуб:

Навори рӯз, ки дар мавҷи об мешиканад,
Равон ба акси рухи офтоб мешиканад [5, с.80].
ν – ν - / ν - - - / ν - - - / ν -
Мафоъилун /мафоъӣлун/ мафоъӣлун / фаъал

28.Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур 1 ғазал

Дар хандаи ёр зиндагонист,
Ҳар нози нигор зиндагонист [Аз махзани шоир]
- - ν / ν –ν - / ν - ~
Мафъӯлу / мафоъилун / мафоъӣл

Тавре ки маълум мегардад, Озарахш дар ғазалиёти худ аз авзони хушоянди баҳри ҳазаҷ моҳирона истифода кардааст. Теъдоди авзони баҳри ҳазаҷ, ки дар мутолиаи арузии ғазалиёти шоир муайян шуд, ба 28 навъ мерасад.

Баҳри дуюми арузӣ, ки дар ғазалиёти шоир ба таври вофир ба кор рафтааст, рамал мебошад. Рамал дар луғот ба маънои *бӯрё бофтан, гашту ҳаракати уштур, як навъи суруд* ва ғайра тавзеҳ ёфтааст. Дар истилоҳ рамал баҳрест, ки вазнҳои он аз рукни фоъилотун падид меоянд. Рамал аз баҳрҳои серистеъмоли арузӣ ба ҳисоб меояд,- таъкид кардаанд донишмандон [7, с. 83-84; 4, с. 39].

Озарахш аз авзони баҳри рамал фаровон истифода кардааст, ки ҳамагӣ хушоянду дилнишинанд. Тақтеъ ва таҳлили арузии онҳо ба таври зайл аст:

1.Рамали мусаммани маҳзуф: 43 ғазал

Хоксорӣ кард модар пеши даргоҳи Худо,
Бандаворӣ кард модар пеши даргоҳи Худо [5, с.5].
- ν - - / - ν - - / - ν - - / - ν –
Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун / фоъилун

2.Рамали мусаддаси маҳзуф: 6 ғазал

Лаб ба лаб розем, аммо лаб ба лаб,
Мӯ ба мӯ созем, аммо лаб ба лаб [5,с. 17].
- ν - - / - ν - - / - ν –
Фоъилотун / фоъилотун / фоъилун

3.Рамали мусаддаси мақсур: 4 ғазал

Гуфтугӯям аз забони гунгҳост,
Оташам аз озарахши сангҳост [5,с. 31].
- ν - - / - ν - - / - ν ~
Фоъилотун / фоъилотун / фоъилон

4.Рамали мусаддаси махбуни мақсур: 3 ғазал

Зиндагӣ маърифати раҳгузарист.
Зоди роҳаш нафаси ҳамсафарист [5,с. 42].
- ν - - / ν ν - - / ν ν ~
Фоъилотун / фаъилотун / фаъилон

5.Рамали мусаддаси маҳзуф 1 ғазал

Субҳи тобистон савоб омад,
Омадиву офтоб омад [5, с.82].
- ν - - / - ν - - / -
Фоъилотун / фоъилотун / фаъ

6.Рамали мусаддаси махбуни аслам: 5 ғазал

Шоду бишкуфтаӣ, ту эй хуршед,
Ё барошуфтаӣ, ту эй хуршед [5,с. 104].
- ν - - / ν ν - - / - -
Фоъилотун / фаъилотун / фаълун

7.Рамали мусаддаси махбуни маҳзуф 3 ғазал

Ман агар хор шавам, хори гулам,
Агарам зор шавам, зори гулам [5,с. 159].
ν ν - - / νν - - / νν –
Фаъилотун / фаъилотун / фаълун

8.Рамали мусаммани махбуни маҳзуф: 24 ғазал

Ҳиммати ноз надорӣ, чӣ ниёз оварамат?
Ба ниёзе набиёӣ, ба чӣ ноз оварамат?! [5, с.20]
- ν - - / ν ν - - / ν ν - - / ν ν –
Фоъилотун / фаъилотун /фаъилотун /фаъилун

9.Рамали мусаммани махбун: 1 ғазал

Омадӣ, к-омаданатро ба гули ноз бигӯям?
Ба гули ноз зи нози қадамат роз бигӯям? [5,с. 175]
- ν - - / ν ν - - / ν ν - - / ν ν - -
Фоъилотун / фаъилотун /фаъилотун / фаъилотун

10.Рамали мусаммани мақсур: 30 ғазал

Дар чаман шеъре сурудам, ёсуман «афсона» гуфт,
Настаран хамёза карду «шеваи бегона» гуфт [5, с.25].
- ν - - / - ν - - / - ν - - / - ν ~
Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун /фоъилун

11.Рамали мусаммани махбуни мақсур: 8 ғазал

Ҳар сафаркарда паи пои маро хоҳад ёфт,
Ҳар сароҷӯй сароҷои маро хоҳад ёфт [5, с.29].
- ν - - / ν ν - - / ν ν - - / ν ν ~
Фоъилотун / фаъилотун / фаъилотун / фаъилон

12.Рамали мусаммани махбуни аслам: 8 ғазал

Кабки ҳамсоя,ки ин субҳ азон мегӯяд,
Сирри гулдаста ба гулбоди вазон мегӯяд [5, с.105].
- ν - - / ν ν - - / ν ν - - / - -
Фоъилотун /фаъилотун / фаъилотун / фаълун

13.Рамали мусаммани машкул: 4 ғазал

Ҳама ҳарфҳои худро ба хаёл дода будем,
Ба китоби зиндагонӣ чу мисол дода будем [5,с. 182].
ν ν – ν / - ν - - / νν – ν / - ν - -
Фаъилоту/ фоъилотун /фаъилоту/ фоъилотун

14.Рамали мусаммани машкули мусаббағ: 1 ғазал

Ғазале зи гул сароям ба нишонаи баҳорон,
Ба ту рози дил бигӯям ба баҳонаи баҳорон [5,с. 190].
v v –v/ -v - - / vv – v / - v - ~
Фаъилоту/ фоъилотун/ фаъилоту/ фоъилиён

15.Рамали мусаммани махбуни аслами мусаббағ: 4 ғазал

Дар каф осори замон ҳаст, вале чизе нест,
Давлати ҷону ҷаҳон ҳаст, вале чизе нест [6, с.33].
- v - - / v v - - / v v - - / - ~
Фоъилотун/ фаъилотун/ фаъилотун/ фаълон

16.Рамали мусаммани мусаббағ: 1 ғазал

Ҳар куҷо ёдам намоӣ, дон, ки ёдат кардаам боз,
Ёдгардонам биёӣ, дон, ки ёдат кардаам боз [6, с.86].
- v - - / - v - - / - v - - / - v - ~
Фоъилотун / фоъилотун / фоъилотун /фоъилиён

Тавре ки маълум мешавад, Озарахш 16 навъи баҳри рамал дар ашъори суннатиаш - ғазалиёташ истифода кардааст. Аз ин миқдор вазни рамали мусаммани мусаббағ ва мусаддаси мазҳуф нодиранд. Аз баҳрҳои дигари арузӣ, ки дар ғазалиёти шоир ба таври вофир истифода шудааст, рақаз мебошад.

Рақаз аз баҳрҳои хушоянду ба мусиқӣ қарину гирои аруз аст ва дар луғат ба маъниҳои *бӯрё бофтан, гашти уштур ва навъе аз суруд* тавзеҳ ёфтааст [4, с. 39]. Дар истилоҳ номи баҳрест, ки бо зиҳофоташ аз такрори рукни солими - - v - / ба вуҷуд меояд. Аз ин рукн ба таъкиди профессор У.Тоиров 50 навъи он (яъне , авзони баҳри рақаз Ҷ.Ҷ.) ба вуҷуд меояд [9, с. 164]. Бо дарназардошти ҳамаи ин вижагӣ ва истеъмол, ки рақаз дорад, шоирон, аз он ҷумла устод Озарахш рақазро дар шаклҳои мусамман, мусаддас, ва мусаббағ ба кор бурдаанд.

Навъи авзоне, ки шоир аз онҳо дар сурудани ғазал кор гирифтааст, ба таври зайл аст:

1.Рақази мусаммани солим: 9 ғазал

Чашме ба чашме боз шуд, ёрон, муборак бод ишқ,
Дил бо диле дамсоз шуд, ёрон, муборак бод ишқ! [5, с.133]
- - v - / - - v - / - - v - / - - v –
Мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун

2.Рақази мусаммани музол: 8 ғазал

Шодӣ чароғак мезанад дар дидаи бедорамон,
Ин аввалин гуфторамон ё охирин дидорамон? [6, с.19]
- - v - / - - v - / - - v - / - - v ~
Мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилон

3.Рақази мусаммани матвии махбун: 10 ғазал

Эй назари баланди ту ҳамсухани ситораҳо,
Суҳбати хосаат ба чашм аз чамани назораҳо [5, с.3].
- v v - / v – v - / - v v - / v – v –
Муфтаъилун/ мафоъилун/ муфтаъилун/ мафоъилун

4.Рақази мусаддаси солим: 1 ғазал

Имшаб ба сад суҷуд туро хондам,
Бо як ҷаҳон дуруд туро хондам [6,с. 148].
- - v - / - - v - / - - v -
Мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун

5.Рақази мусаммани матвӣ: 1 ғазал

Соғари дасти ту ҳастам, пур шавам, холӣ шавам?
Ҷон ба фармони ту бастам, пур шавам, холӣ шавам? [5, с.166]
- v v - / - v v - / - v v - / - - v –
Муфтаъилун/ муфтаъилун/ муфтаъилун/ мустафъилун

6.Рақази мураббаи мураффали мутаввал 1 ғазал

Рухсораҳо зард, э вой, э вой,
Аз хоку аз гард, э вой, э вой… [5, с.226]
- - v - - / - - v - ~
Мустафъилотун / мустафъилотон

7.Рақази мусаммани матвии махбуни музол 1 ғазал

Эй шаби васли ошиқон, боз расиданат ба хайр!
Субҳи баноз дар бағал , ноз дамиданат бахайр! [6,с. 57]
- ν ν - / ν – ν - / - ν ν - / ν – ν ~
Муфтаъилун /мафоъилун / муфтаъилун / мафоъилон

8.Рақази мусаммани махбун 1 ғазал

Меҷӯямат, меҷӯямат чун ҷӯи ташна обро,
Мекобамат, меёбамат чун чашми гушна хобро [6, с.61].
- - ν - / - - ν - / - - ν - / ν – ν –
Мустафъилун / мустафъилун / мустафъилун / мафоъилун

Мутолиаи арузӣ ва таҳқиқ нишон медиҳад, ки шоир аз 8 навъи авзони баҳри рақаз истифода намудааст. Аз он ҷумла, рақази мусаддаси солим ва мусаммани музол аҷиб мебошад. Аз баҳрҳои дигари солим, ки дар ғазалиёти шоир ба назар расид, мутақориб аст. Мутақориб дар луғат ба маънои *зич, қариб, наздикшаванда* шарҳ дода шудааст. Дар истилоҳ баҳрест, ки азоҳифи он аз рукни фаъӯлун пайдо мешавад. Азбаски авзони мутақориб оҳанги ҳарбӣ ва ҳамосиро дорад, дар он аксар ашъори ҳамосӣ суруда шудааст. Дар ғазал корбурди авзони мутақориб ба нудрат вомехӯрад. Ғазалсарои маъруфи асри асри 14 Хоҷа Ҳофиз дар баҳри мутақориб танҳо як ғазал гуфтааст. Шайх Саъдӣ асари пандуахлоқиаш “Бӯстон”-ро таълиф намудааст, ки ин падидаро устод М. Солеҳов “як ҳодисаи ҳайратзо, қиёснопазир ва кашфиёт” [7, с. 272] ба қалам додааст.

Рӯйиҳамрафта дар шеъри шоири муосир ҳам ба вуқӯъ пайвастани чунин ҳодиса ғайричашмдошт ва аҷиб буда, аз пайравии муваффақонаи ӯ арзёбӣ мегардад. Устод Озарахш тавониста, ки ду ғазали худро дар авзони баҳри мазкур сарояд. Аз он ҷумлаи вазни солим:

Ватан гуфтам, омад наво аз чаман,
Чаманро бинозам, ки нозад чу ман! [6, с. 22]
ν - - / ν - - / ν - - / ν -
Фаъӯлун / фаъӯлун / фаъӯлун / фаъал

Ғазали аввал оҳанги шикоятӣ ва тунду танқидӣ дорад аммо ғазали дигар тараннуми зебоиҳои Ватан буда, мазмуни он ба вазн мувофиқтар мебошад.

Аз баҳрҳои камистеъмоли аслӣ, ки мутадорик аст, дар ғазалиёти шоир дар як маврид ба назар расид. Мутадорикро пас аз Халил ибни Аҳмад Абулҳасан Ахфаши Балхӣ кашф кардааст. Мутадорик дар луғат ба маънои *дарёфтан* омадааст. Дар истилоҳ номи баҳрест, ки азоҳифи он аз рукни фаъилун пайдо шудааст. Ба таъкиди донишмандон доираи истеъмоли баҳри мазкур дар адабиёти классикӣ танг аст. Аммо дар шеъри муосир онро зиёд ба кор бурдаанд [4, с. 45-46]. Аз мутадорик вазни мусаммани мақтӯъи он дар як ғазали шоир истифода шудааст:

Як қадам аз қадам бурун рафтам,
Аз қадам як қадам бурун рафтам [5, с.141].
- ν - / - ν - / - - / - -
Фоъилун /фоъилун /фаълун / фаълун

Мутадорики мусаммани мақтӯъ. Аҷиб ин ки ду рукни солим ва ду рукни баъдӣ зиҳофанд. Дар ин росто аз баҳрҳои хоси шеъри арабӣ, ки комил аст, дар ғазалиёти шоир дида шуд. Комил калимаи арабист, маъноаш *пурра* мебошад. Дар истилоҳ номи баҳрест, ки азоҳифи он аз рукни мутафоъилун пайдо шудааст. Аз авзони баҳри мазкур кор гирифтан дар шеъри тоҷикӣ ба нудрат вомехӯрад. Аммо аҳёнан шоирони мо барои ҷилваи ҳунарӣ аз авзони комил кор мегиранд. Танҳо дар як ғазали шоир корбурди баҳри комилро мушоҳида намудем:

Ману дарахтон ба шодмонӣ ба сабзазоре нишаста будем,
Хуморҳое ба гулфишонӣ зи навбаҳоре шикаста будем [5,с. 180].
ν – ν - - / ν – ν - - / ν – ν - - / ν – ν - -
Мафоъилотун / мафоъилотун / мафоъилотун / мафоъилотун

Вазни мазкур ниҳоят аҷиб ба назар мерасад, ки аз ҳунари шоир дарак медиҳад. Намунаеро аз он дар кутуби таҳқиқӣ пайдо накардем. Ба ҳар сурат, баҳри комил нисбат ба дигар буҳури шеъри арабӣ дар шеъри тоҷикӣ корбурди васеътар дорад ва хушоҳанг аст [9, с. 118].

Хулоса, Озарахш дар ғазалиёти худ тамоми баҳрҳои солими муштараки шеъри форсии тоҷикӣ ва як баҳри хоси шеъри арабиро низ истифода намуда, маҳорати волое аз худ бармало кардааст. Чунонки мебинем, авзоне, ки шоир истифода кардааст, хушоянд мебошанд. Ин аз ҳунари мусиқидонии суханвар шаҳодат медиҳад. Зеро қисми зиёди ғазалиёти хешро ӯ дар баҳрҳои ҳазаҷ, рамал ва раҷаз сароидааст. Инчунин ӯ ба авзони хушоянди буҳури фаръӣ мароқ зоҳир карда онҳоро ба ваҷҳи аҳсан ба кор бурдааст. Дар ин миён музореъу муҷтасс ба касрати истеъмол ва корбурди авзон дар ҷои аввалу сонӣ ва буҳури дигар баъди онҳо қарор доранд.

Адабиёт

1. *Давронов, С. Омӯзиши вазни шеъри тоҷикӣ / С. Давронов. - Душанбе: Маориф, 1992. - 176 с.*
2. *Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Туракул З. Душанбе: Адиб, 2017. - 400 с.*
3. *Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт / Р. Мусулмониён. - Душанбе: Маориф, 1990.- 336 с.*
4. *Нарзиқул, М. Муқаддимаи шеършиносӣ / М. Назрикул. Душанбе: Сино, 2004. – 80 с.*
5. *Озарахш. Девони ишқ. - Хуҷанд: Ношир, 2019. - 257с. (кириллӣ). - 257 с. (форсӣ).*
6. *Озарахш. Ояндаҳо. - Хуҷанд: Ношир, 2019. – 112 с.*
7. *Солеҳов, М. Аруз ва омӯзиши он / М. Солеҳов Душанбе: Эрграф, 2016. – 272 с.*
8. *Хонларӣ, П. Н. Вазни шеъри форсӣ / П. Н. Хонларӣ. - Теҳрон: Бунгоҳи фарҳангии Эрон, 1345.- 304 с*
9. *Шарифов, Х., Тоиров У. Назмшиносӣ / Х. Шарифов, У. Тоиров. - Душанбе: Ҳоҷӣ Ҳасан, 2015. - 386 с.*

ҶОЙГОҲИ АВЗОНИ АРУЗӢ ВА КОРБУРДИ ҲУНАРМАНДОНАИ ОН ДАР АШЪОРИ ОЗАРАХШ

Мусаллам аст, ки вазн дар бобати ба вуҷуд омадани каломи мавзун нақши муҳим дорад. Маҳз тавассути он намудҳои адабӣ арзи ҳастӣ кардаанд ва каломи равону мансур ба ченаки вожаи суханофаринӣ ворид гашта зеботару ҷолибтару дилнишинтар шуда, истилоҳи назм ва шеърро ба худ гирифтаанд. Тӯли ҳазорсолаҳост, ки вазни арузӣ шеъри моро дар худ таҷассум карда меояд. Дар ин росто он чунон танаввуъ, вижагӣ, қавоид, қонунмандӣ пайдо кардааст, ки ҳамагӣ ба табиати забон созгору мувофиқ мебошад ва ба таври табиӣ аз ҷониби суханварон ичро мегардад. Дар ин мақола бо истифода аз методи муқоиса, омор, шинохти жанрҳои адабӣ, шарҳи осори адабӣ, ки дар адабиётшиносӣ мавриди истифода аст, роҷеъ ба ҷойгоҳи вазн ва корбурди ҳунарии он дар ашъори Озарахш баҳс сурат гирифтааст. Натиҷа ин аст, ки Озарахш дар ғазалиёти худ тамоми баҳрҳои солими муштараки шеъри форсии тоҷикӣ ва як баҳри хоси шеъри арабиро низ истифода намуда, маҳорати волое аз худ бармало кардааст. Чунон ки мебинем, авзоне, ки шоир истифода кардааст, хушоянд мебошанд. Ин аз ҳунари мусиқидонии суханвар шаҳодат медиҳад. Зеро қисми зиёди ғазалиёти хешро ӯ дар баҳрҳои ҳазаҷ, рамал ва раҷаз сароидааст. Ҳамчунин, маълум карда шуд, ки Озарахш дар ашъори лирикиаш аз вазнҳои нодир ҳам истифода кардааст, ки он вазни баҳри комил мебошад. Дар адабиёти муосир истифода бурдани вазни баҳри комил як навъ ибтикороти хоси шоир арзёбӣ мешавад.

Калидвожаҳо: ашъор, Озарахш, ғазалиёт, баҳр, вазн, тақтеъ, рукн, байт, мисраъ, адабиёт.

ЗНАЧЕНИЕ МЕТРИКИ АРУЗА И ИХ МАСТЕРСКОЕ ПРИМЕНЕНИЕ В ПОЭЗИИ ОЗАРАХША

Очевидно, что ритм играет важную роль в формировании стройного слова. Именно, благодаря этому литературные виды получили широкое распространение, а беглое и мансурское слово вошло в меру словарного запаса и стало красивее, привлекательнее, освоило термин поэзия и стихотворение. Вот уже тысячи лет, когда в нашем стихотворении раскрывается ритм опыта. В связи с этим он приобрел такую строгость, уникальность, правоту, легитимность, что все соответствует характеру языка и естественным образом исполняется говорящими. Эта статья обсуждалась с использованием метода сравнения, статистики, распознавания литературных жанров, обзоров литературных произведений, используемых в литературоведении, вместо того, чтобы взвешивать их и применять их в назойливых стихах. В результате, Озарахш в своей деятельности использовал все здоровые совместные метрики таджикской персидской поэзии, а также своеобразный характер арабской поэзии, обладая высокими навыками. Как мы видим, авзоны, которые использовал поэт, приветствуются. Это свидетельствует о мастерстве поэта. Потому что большую часть своей деятельности он посвятил к системе рамал и метрики. Также было обнаружено, что Озарахш использовал редкие ритми метрики в своих лирических стихах, что является идеальным ритмом в поэзии . В современной литературе использование ритма считается своеобразной инициативой поэта.

Ключевые слова: поэзия, Озарахш, газели, размер, метр, распределение, столп, бейт, строфа, литература.

THE MEANING OF THE ARUZ METRIC AND ITS MASTERFUL APPLICATION IN THE POETRY OF OZARAKHSH

Obviously, rhythm plays an important role in the formation of a coherent word. It is thanks to this that literary types have become widespread, and the fluent and Mansur word has entered the measure of the vocabulary and has become more beautiful, more attractive, has mastered the term poetry and poem. It has been thousands of years since the rhythm of experience has been revealed in our poem. In this regard, it has acquired such rigor, uniqueness, rightness, legitimacy that everything corresponds to the nature of the language and is naturally performed by the speakers. This article was discussed using the method of comparison, statistics, recognition of literary genres, reviews of literary works used in literary studies, instead of weighing them and applying them in annoying poems. As a result, Ozarakhsh used all the healthy joint metrics of Tajik Persian poetry in his work, as well as the peculiar character of Arabic poetry, possessing high skills. As we can see, the avzones that the poet used are welcome. This testifies to the skill of the poet. Because he devoted most of his activities to the Ramal and metrics system. It was also discovered that Ozarakhsh used rare rhythmic metrics in his lyrical poems, which is an ideal rhythm in poetry. In modern literature, the use of rhythm is considered a kind of initiative of the poet.

Keywords: poetry, Ozarakhsh, gazelles, size, meter, distribution, pillar, beit, stanza, literature.

Дар бораи муаллиф
Ҷумъаев Ҷумъабой Ҷӯраевич
Номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: jurazoda85@mail.ru

About the author
Jumaev Jumaboy Juraevich
Candidate of Philological Sciences, Senior Lecturer of the Department of Tajik Language
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: jurazoda85@mail.ru

Об авторе
Джумаев Джумабой Джураевич
Кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры таджикского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: jurazoda85@mail.ru

УДК 821.222.1.09

РЕМЕСЛА И РЕМЕСЛЕННИКИ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ЖАНРА “ШАХРОШУБ”

Шарифова Г. Х.
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон
дар шаҳри Панҷакент

Ремесла и ремесленное производство, как результат разделения труда в человеческом обществе является, символом культуры оседлого населения и городской жизни. Еще с эпохи бронзового века люди в своих поселениях занимались ремесленными делами, которые были потребны в повседневной жизни. Переработка руды и получение из него меди, олова, бронзы, серебра и золота стала причиной развития ювелирного искусства, производства орудий труда и вооружений. Кроме этого люди из своих временных и сезонных поселений перешли к градостроительству, развивалось зодчество, они присвоили другие строительные профессии. Появление денег и развитие внутренней и внешней торговли, привели к активному обмену ремесленых товаров и продукции, и как результат такого сдвига ремесленники и представители различных городских профессий стали занимать важное место в социальных отношений членов общества.

В средние века ремесленники городов Средней Азии производили различные продукции и товары для внутренных рынков и для вывоза зарубеж. Само развитие ремёсел и народных промыслей было результатом укрепления центральной власти, показателем политической стабильности, развития экономики, торговли, и культуры и духовной жизни.

Города были центрами науки и культуры, а жизнь в городе способствовала, также развитию литературной среды. В этой литературной среде Мовараннахра и Хорасана, которая имела единую этнокультурную пространство, входили представители ремесленников и других профессий, поклонники поэзии и литературы, большинство из которых сами сочиняли стихотворение. Некоторые из них сами имели сборник стихов – диван. Авторы антологий и исторических произведений в своих произведениях упоминают о поэтах, которые были ремесленниками [2; 6; 9; 23; 24]. Действительно, многие представители классической персидской литературы жили и обеспечивали жизнь своим семьям занимаясь крестянством, ремеслом, торговлей и другими профессиями. Их жизнь и деятельность нашла отражение в классической литературе многих народов.

Один из главных тем поэтов и литераторов, которым они охотно занимались было описание жизни горожан и ремесленников. В период ренессанса народов Аджама, который начинается с периода правления саманидов, поэты посвящали свои произведения в различных жанрах поэзии ремесленникам, торговцам, представителям других городских занятий. Такой сборник стихотворений назывался “Шахрошуб” или “Шахрангез” (Городское смятение, мятеж), сборник который своей содержанием приводил город в “смятение”, “мятежам”(род юмористического или сатирического стихотворения) .

Надо заметить, что “Шахрошуб”, как литературный жанр распространился в таджикско-персидской литературе, в литературе Турции, Азербайджана, литературе на языке урду. По заключению специалистов этот новый жанр, в литературе других народов, появился под влиянием таджикской литературы.

Этот литературный жанр изучен совесткими учеными и исследователями периода независимости на примере поэтического наследия Саъди Салмон, Махсити Ганджави, Озари, Мирмухаммада Хошим, Джалолиддина Мухаммад Илохи, Сайфи Бухори, Сайидо Насафи и других.

Здесь можно упоминать работы А. Мирзоева [19-22], Х. Мирзозода [23], У. Каримова [16], А. Абдусатторова [1], А. Афсахзода [3], М. Ахмедова [5], А. Валиева [8], М. Дадабоева [11], М. Ф. Иброхимова и С.А. Содикова [14] и лругих [2; 5; 12; 13; 16; 29; 30]. Иранский ученый Ахмад Гулчини Маъони имеет специальную работу посвященную жанра “шахрошуб” [6]. Литературовед Б.Х.Насриддиниён защитил дисертационную работу посвященную места и роли ремесленников в таджикско-персаидской литератруре, в второй половине XI-XVII веков [27]. Ученый А.С. Сухачев написал монографию о жанре шахрошуб в литературе на языке урду [31], турецкий ученый М. Иззет [15], исследовательница Е.И.Маштакова написали отдельные работы о жанре шахрошуб в турецкой литературе [18].

Кроме этого, написано много работ о таджикско-пресидских поэтах, в наследии которых данный жанр занимает особое место (например, см: 3).

Стихотворение жанра шахрошуб, в большинстве своем имеет значение сатиры и шуток, насмешки и острословия. Оно существует с XI века, и первые образцы такой поэзии мы встречаем в наследии Рудаки и его современников, также в трудах Масъуда Саъди Салмона (1046-1121).

Масъуди Саъди Салмон в свем произведении жанра шахрошуб в 79 стихотворениях (китъа) упоминает представителей 79 профессий и ремесла. Далее до начала монгольского завоевания многие поэты посвящали стихотворение ремесленникам и жителям городов. Чингизидское завоевание привел в упадок не только политическую жизнь городов, но и уничтожил многие стороны общественной, хозяйственной и культурной жизни горожан.

Только в период Темура и правления темуридов мы наблюдаем развитие экономической жизни, укрепление социальных отношений, развития ремесел, повышения благостостояния народа. В крупных городах Мовраунnахра и Хорасана утановилась мирная жизнь, развивалось ремесленое дело, другие профессии и занятия. Города снова первратились в центры науки и литературной жизни, стали местом культурного досуга и времяпроведений. Мирная жизнь и развитие культуры отражались на поэтические и прозаические труды поэтов и писателей того времени.

Самые знаменитые авторы жанра шахрошуб в таджикско-персидской литературе являются Ашраф Мозандарони, Сайфи Бухори, Сайидо Насафи, Мирзо Бедил, Ваххид Казвини, Фагфур Неъматхон Али, которые формировались в литературной среде городов Хуросона и Мовароуннахра.

В данной статье расматривается произведения жанра “Шахрошуб”в наследии поэтов Сайидо и Мухаммадтохири Казвини. В период глобализации и близкого диалога культур, развития туризма и ремесла анализ и изучения жанра шахрошуб, посвященная ремесленникам и занятия горожан, преобретает особую значимость и актуальность.

В XV веке был известен жанр сатирического стихотворения Сайфа Бухори “Шахрошуб”. В нем поет упоминает более 50 представителей городской профессии и ремесленников. А.Н.Болдырев и А.Мирзоев считали стихотворения Сайфа, посвящённые ремёсленникам, самыми лучшими образцами таджикской литературы. У Сайфа Бухори есть диван, который он посвятил представителям исскуства и ремесленникам. В диване Сайфа говорится о мастерстве полировщиков, каллиграфов, ювелира, астролога, токарья, кондитера, красильщика, пекарья, банщика, портного. “В его творчестве, на равне с представительями ремесленников, также речь идёт о мелких разнорабочих: продавцов накидок, сапожек, торговцев муки; представителей мельких чиновников – коневодов или конюхах, представителей нижших духовных лиц – дервишей, работника вакуфной собственности, сеййидов, шейха, имама”, пишет А.Мирзоев (22, 283).

С другой стороны, именно это средное сословие производителей влияли на литературу [22, с. 283].

В XV веке жанр шахрошуб занимал особое место в творчестве Сайидои Насафи, где он с помощью сатиры, насмешек, красноречия, особого описания характеризует жизнь молодых ремесленников. По заключению ученых в таких произведениях мы находим этнографические сведения о ремеслах периода жизни автора.

Шахрошуб был связан с жизнью жителей города, который расширил темы классической литературы, и была распространена в XV-XVII веков. Лирический герой шахрошуба был сам поэт, его эпический герой выступает его возлюбленный – ремесленник, который упоминается под именем “обворажительная”, “красавица”, “озорник”, “идол”, “месяц”, “молодой”, “сынок”. Иногда сам поэт (я) упоминается в качестве определенного ремесла, ремесленника или промыщленника.

Как отметили выше, жанр шахрошуб занимает особое место в наследии Сайфи Бухори, а в творчестве Сайидо развивался уже как особый жанр. Миробид Сайидои Насафи, умер между 1707-1711 гг. и являлся одним из знаменитым поэтом эпохи аштарханидов. Он родился в Насафе, творил в городе Бухаре. Кроме других поэтических произведений у Сайидо есть прекрасный “шахрошуб”. В нем поэт дает сведения о 212 видах ремесла и их представителей. Для описания каждой профессии поэт пасвящает от двух до 70 строк. Некоторые стихи имееют рифму, часть без рифмы. Воспеты они в различных жанрах поэзии и метрики. В шахрошубе Сайидо стихи посвящены представителем торговли, людям умственного и физического труда, представителям искусства, спорта, поварам и другим.

По словам автора он долгое время жил затворником, но затем приобщался к торговцам:

Ҳосил нашуд зи гӯшанишинӣ муроди ман,
Ҳудро зи хона бар сари бозор мезанам [9]
Я не достиг своей цели из-за затворничества,
Я покидаю дом свой, и спешу на рынок.

Во времена автора рынки были не только центрами торговли, но и источником информации, получения новых данных, сообщений, местом творчества, нахождения славы, площадкой ремесленных состязаний и таланта умелцов, поэтических споров. По этой причине базары периода жизни Сайидо стали причиной появления прекрасного сборника стихов о ремесленниках и торговцах.

Сайидо дает сведения о таких ремеслах и их представителях, как чарчинфуруш – торговец галантереей, заргар – ювелир, халвогар – кондитер изготовляющий халву, сартарош – парикмахер, меъмор – архитектор, шоир – поэт, арзанкор – человек сеющий проса, воиз – оратор, айнаксоз – оптик, наджор – плотник, даллоли кунок (мехмондор)-агент гостиницы, бодбаракбоз – игрок воздушных змей, сиркофуруш – продовец уксусов, бофанда – ткач, текстильщик, пустиндуз – скорняк, нонфуруш – торговец лепешек, деворзан – мастер по кладке глинобитных стен, кабоби – мастер готовящий кабаб, танбури - тамбурист, карнои - карнаист, сурнои – играющий на сурнае, хоркаш-собиратель, торговец колючек, подачи – пастух, осиёбон – мельник, дехкон – крестьянин, джуворикор – сеящий джугару, патакфуруш – продовец стелек, гилкор – штукатур, сурмакашт – подводящий глаза сурмой, сетори – музыкант ситара, шаммои (шамъсоз)-подсвечник, мактабдор – учитель, муаззин – муэдзин, гуштингир – борец, наддоф – шерстобой, испандсуз – лекарь лечуший с помощью гармалы, рутой.

Следует отметить, что в шахрошубе ремёсла расматриваются как один из отраслей производства и как часть социальных отношений и как отдельный социальный пласть общества.

Отметим, что из числа ремесел и занятий, о которых сообщает Сайидо Насафи, некоторые имели высокий статус в социальных отношениях. Лирический герой шахрошуба, который и есть сам автор в отношении ремесленников и обладателей профессий, являющимся объектом его смеха и шуток выступает как бедный, нуждающийся человек, обиженный и потерявший уважение и любовь своего возлюбленного. Поэт всегда представляется как влюбленный, раб и слуга ремесленников. В частности, про ювелира он пишет:

Ҳар ки як дам ҳамдами он дилбари заргар шавад,
Санг гирад лаъл гардад, хок гирад зар шавад.
Чашми қаллобе, ки бо он симтан ман дидаам,
Рафта-рафта ҳамчу тифли ашк симовар шавад.
Боди васли он бути заргар маро дар ҷӯш кард,
Хонаи ман омад имшаб ҳалқаҳо дар гӯш кард,
Дилбари заргар шабе бигзошт по дар масканам,
Омаду андохт тавқи бандагӣ дар гарданам [9].
Кто стал на миг собеседником того обворажительного ювелира,
Камень на руке превращается в лазурит, а земля становится золотом.
Тот фальшивый взглядь, который я видел у той белотелой красавицы,
Со временем слезы превращают в серебренный ручей.
Желание встречи с тем ювелиром, охватило мое сердце,
Пришел ко мне домой нарядившись себя серьгами.
Ювелир возлюбленный пришел однажды ночью ко мне,
И бросил мне на шею золотую цепь рабства.

В этом произведении поэт использует специальные ювелирные термины, как – мех, камень, лазурит, золото, фальшивомонетчик, серебро, сплав, серьги, цепь, которые раскрывают суть и значение профессии ювелира.

Вот очень приятный стих Сайидо о человеке сеющий просо (арзанкор):

Шӯхи арзанкор ҳар дам қади худ таҳ мекунад,
Бар замин гар арзане ёфт, бар маҳ мекунад.
Гуфтамаш, ба моҳи арзанкор, бо ман дор гӯш,
Будаӣ дар аҳди худ гандумнамои ҷавфурӯш [9].
Озорник сеющий просо, когда сгибает спину свою,

Находив зерно просы, бросает вверх в небо.
Сказал ему, послушай, о луноликий сеятель проса:
В своей клятве ты показывая пшеницу, продаешь ячмень!

Сеялщик проса косить проса с поля согнувшись, потом ее собирает в гумно, затем поднимавшись во вес рост бросает просо вверх (до луны) и с помощю ветра разделяет зерно от кожи проса (то есть маленькая зерно достигает высокого положение). Поэт обвиняет свою возлубленного в нарушении обещания, обижается что он не держить свои слова, изменяет ему. Обвинив его говорит, что "он показыя пщеницу продает ячмень".

В чест продавца уксуса он пишет утонченно:

Дилбари сиркофурӯшам лутфи беандоза дошт,
Хонаи ман омад ин шаб, туршрӯиро гузошт [9].
Возлюленная моя продавщица уксуса, имела чрезмерную милость,
Пришла ко мне домой, спрятав свое угрюмое лицо.

Красавица продающая кислый уксус пришла в дом лирического героя, стала вести себя открыта, говорила красноречива, то есть продовщица кислого уксуса стала сладко говорит.

Сайидо очень тонко использует народные пословицы и мудрые высказывания. В его стихотворениях мы встречаем, такие предложения: "чтобы ты взял камень, которая превращается в лазурит, чтобы земля у тебя на руках превращалась в золото", "показывающая пщеницу и продающая ячмень", "быть топором в свои ноги", "наконец попасть в колодец", "волк с большой дороги", "воткнуть все десять пальцев в рот", "соблюдай очередь в мелнице", "ковать холодное железо" (против "ковать железо пока горячо"), "сгибатсяся до земли", "разогревать торговлю" (выставить себя на показ), "удариться головой, как весы и камни" и др. ("санг гири лаъл шавад, хок гири зар шавад", "гандумнамои жавфуруш", "теша бар пойи худ задан", "окибат ба чох шудан", "гурги боронди да", "дах ангушт бар дахон кардан", "осиёб бо навбат", "охани сардро куфтан", "кадро дуто кардан", "бозор гарм кардан", "чун тарозу санг бар сар задан").

В честь ткача он говорит:

Бо маҳи бофанда ҳар кас ҳолаш огаҳ мекунад,
Оқибат худро ба пои хеш дар чаҳ мекунад.
Мондаам дар кӯи ӯ карбосхар дам меравам,
Ман зи як сӯ медиҳам оҳор ӯ таҳ мекунад [9].
Ткачихе красавице все раскрывают свои положения,
В конце сами незная, попадают в коледец (ее чар).
Вошел я на улицу ткачей, ради карбаса,
Я крахмалю ее (губы) она кладеть их в ряд.

Таким образом, Сайидо умело используя художественные искусства, слова и другие способы художесвенного описания восхваляет ремесла и ремесленнков, поднимая одновременно настроение читателей.

Как представитель ремесленников (Сайидо сам занимался ткачеством) он считает ремесла предметом гордости и источником обеспечения жизни:

Шир мегардад бурун аз кӯҳ баҳри Кӯҳкан,
Ризқи худ соҳибҳунар аз санг пайдо мекунад.
Ради землекопа (Фархада) из гор протекается молоко,
Умелый мастер находит свое питание и в камнях.

Из сообщений авторов шахрошуб, таких как Саъди Салмон, Сайфи Бухори, Мухаммадтохир Казвини, Сайидои Насафи и других становится известно, что во многих городах Хуросона и Мовараанахра, в том числе в Бухаре и Исфагане, как важных центрах ремесленного производства и торговли жили очень много представителей различных ремесел и занятий. Часть из них занималась умственным трудом, но многие занимались тяжёлым физическим занятием. Среди них были и представители редких профессий с хорошими доходами.

Другой поэт, который писал и в жанре шахрошуб является Мухаммадтохир Вохидуз-замони Казвини, умерший в 1120 хиджри (1708 году). Он был придворным поэтом и историком сафевидов [26, с. 3-4]. В его произведении жанра шахрошуб мы находим описание 50 ремесел в городе Исфагане.

Он языком сатиры, шуток и смеха дает сведения о разных ремеслах, как: сиркафуруш – продовец уксуса, нонфуруш – продавец хлеба, тарбузфуруш – продовец арбуза, тухмафуруш – продавец семян, мевафуруш – продавец фруктов, сарроф – меняла, савдогар-торговец;

наълбанд – подковщик, заргарон – ювелиры, сузангар – мастер изготовляющий иглы, мисгар – медник, хаддод – кузнец, шамшергар – мастер изготовляющий сабли, мечи, тиргар – мастер, изготовляющий стрелы, зарроби – чеканщик; поваров, таких как кабоби – повара приготовляющий кабоб, кассоб – мясник, хаббоз – пекарь, каллапаз – повар, готовящий блюда из субпродуктов, мохигир – рыболов, таббох – повар; профессий плотников, как дуредгар – плотник, каллиграфии и книжнего искусства (лаввох, саххоф, наккош), ахли дафтар – людей канцелярии; дузандагон – руфугар – латальщика, штопальщик, кулохдуз – шапочник, чоксурдуз – мастера шющий чоруки, хайёт – швея, пинадуз – штопальщик; мактаб – школа, мадорис – медресов, дабистон – начальная школ, также баззоз – торгвца тканьями, бофанда – ткача, читсоз – мастера изготовляющий ситец, атторон – парфюмеров, баккол – бакалейщика, козур – стиральщика одежды, джавхари – продовца-ювелира, шонатарош – гребенщика, даллок-цирюльника, рангрез-красильщика, халлодж – трепальщика хлопка, шаърбофон (порчабофон) – мастеров изготовляющие ткань из шерсти, сарродж – шорника, наджор-плотника, шишагар – стекольщика, каннод – контдитера также, десяток других профессий и ремесел.

Шахрошуб Вохид уз-замон Казвини написан в стихотворном размере хазаджи мусаддаси ахраби макбузи махзуф (мафъулун – мафоъилун - фуъулун). В отличие от других поэтов, которые писали в жанре шахрошуб, Казвини дает более подробную информацию о профессиях и ремеслах. В его описании можно найти сведения о технологии и процессе работы ремесленника. В его стихах мало сатиры.

О профессии ткача ситца (баззаз) он пишет:

Баззозонаш ҳарирхӯянд,
Монандаи нофа мушкбӯянд.
Аз ҳусн, ҷамолашон баҳор аст,
Дуккон зи матоъ лолазор аст.
Бинмуда ба чашм шавқи булбул,
Ҳар тунги матоъ, ғунчаи гул.
Бар рӯи ҳам он матои алвон,
Чун кавси Кузах аён зи дуккон.
Тири газашон камон надида,
Сад бедилро ба хун кашида.
Аз мо чу насия дил хариданд,
Хатҳо бар газ аз он кашиданд.
Ангушти газида аз фусус аст,
Ё муфрадаи хисоби бус аст [26, с. 18].
Баззазы по характеру мягкие как шелк,
И как мускус они приятно пахнуть.
По красоте они как весна,
Их лавка укращена тканями.
Как соловей смотришь радостно,
На раяды тканей, как бутон цветка.
И на входе у лавки разносветные материи,
Как созвездие Стрелца они видны из далека.
Их мера длины – гяз, как стрела невыстреленная из лука.
Но поразившая сотни влюбленных.
У нас они преобрели в долг сердце,
Поэтому в палке гяз оставлена метка о должниках.
Прикусить палец случается от жалости,
Или является знаком поцелуя!

В этом стихотворении посвященной баззазу – ткачу ситца, Казвини использует специальные термины этой профессии, как харир – шелк, нофа-мускусный мешочек, дуккон – лавка, мушк – мускус, матоъ – ткань, тунг (рулон, связка) – рулон, кип, матои алвон – разносветная ткань, газ – гяз(палка длиной 70-100 см), насия – в долг. Искусства сравненения, шуток, высокопарных слов использованы автором очень удивительны: “Кавси кузах” – созвездие Стрелца, “тири газаш камон надида” – стрела гяз, невидавшая лук, “хат бар газ кашидан” – оставить метку на палке – гяз-меры длины, “ангушт газидан” – кусать палец, “муфрадаи хисоб” – символ счета. Продавцы ситца мерят товар гязами, потом отдавая их в долг ставят отметку в палочке. Таким образом, продавец взял в залог серце покупателя

(свою возлюбленной). Покупатель товара отдав сердце с жалостью и сожалением, не достигнув встречи хочеть заплатить за товар поцелуем. Но не достигнув цели она кусает кончик своего указательного пальца. Конец пальца от укуса становится черным. Это напоминает науку “саёк-фиска”, где сумма подитогивается отпечаткой пальца в конце. Таким образом, возлюбленный (покупатель) имеет огромный долг, который он не можеть платить. То что он должник отмечен в гязе – палке меры длины, и закреплена отпечаткой кончика палца возлбленного.

Казвини восхваляя кузнеца (хаддод) в шуточной форме, красноречиво использует специальные термины, как “куфтани охани сард” (ковать холодное железо) – я мучаюсь, но кузнец не знает об этом. Таки я коваю холодное железо; оташ – огонь, кура- – горн, дам – мех, путк – молот, сандон – наковальная, охани тафта – горячее железо, оби охан – вода где охлаждали железо, джуш – закаливание:

Хаддод хабар надорад аз дард,
Беҳуда чӣ кӯбам оҳани сард!?
Оташ хоҳам задан ба олам,
Дар кураи ишқи ёр чун дам.
Собиткадамам ба куйи ҷонон,
Гар путк ба сар хурам чу сандон.
Сад шукр, ки то асири ӯям,
Чун оҳани тафта сурхрӯям.
Бошад дили сахти он париваш,
Чун оҳани тафтае дар оташ.
Бошад, дар чашми гиряи ман,
Обе ки дар ӯ ниҳанд оҳан.
Гарм аст сиришки чашми бехоб,
Аз оҳани ӯст ҷӯши ин об [26, с. 23].
Зачем ковать мне холодное железо,
Если кузнец незнает, что такое боль.
Я разжигаю вес этот мир,
Раздувая как мех огонь в горне любимой.
Я очень предан своей любви,
Даже если бьют меня по голове как молотом в наковальную.
Благодарен я, что я ее пленник,
Лицом красный как железо в огне.
Сердце ангелочка твердая как камень,
Как железо горячая в огне.
Слезы в моих заплаканных глазах,
Как вода где охлаждают железо.
Горячи слезинки в моих бессонных глазах,
Они кипят от горячего закаленного железа.

Такие стихотворения полные шуточными словами, скрывающие в себе другие смысли и занчения можно встречать в шахрошубе многих авторов.

Сделая вывод можно отметит, что:

1. Каждый стихотворный жанр (байт, газел, китъа, ода, фард, четверостишие...) в шахрошубе посвящается представителям отдельного искусства, ремесла или занятий.

2. Поэт начинает описание ремесел с обидой и жалобой на ремесленника – объект любви и обращении автора (например, “Дар дили сухонгарам охи маро таъсир нест”(мои жалобы не слышны), у Сайфи; “Хаддод хабар надорад аз дард” (кузнец не знает что такое боль) у Казвини, “Нигори хиштгар дорад дили сахт” (мастер кирпичей имеет железное серце) у Сайидо.

3. Традиционная тематика любви и влюбленности составляют смысль стихотворений в шахрошубе. Она использована для передачи новой темы – восхвалении ремесел и ремесленников (22, с. 286).

4. В стихотворениях жанра шахрошуб нет религиозных и суфийских содержаний. На примере поэзии Сайфи Бухори такая особенность анализирована академиком Абдугани Мирзоевым. Многие произведения жанра шахрошуб имеют такое направление.

Надо отметить, что шахрошуб отражает жизнь и деятельность горожан, особенно ремесленников, представителей научой и литературной среды. Через жанра шахрошуб, город

приходил в смятение, поднимались “восстания” и ремесленники через поэтов начинали противостояние и споры. Новые шутки, красноречие, сравнение, идиомы раскрывали значение городских занятий и ремесел. Шахрошуб как поэтичесий жанр был показателем мирной жизни и развития торговли, ремесла.

В наши дни многие поэты продолжая литературные традиции посвящают свои стихотворения представителям разных профессий и занятий, в том числе ремесленников.

В Среднеазиатских государствах идет сильная тенеденция возрождения традиционных занятий и народных промыслей, ремесла. Открываются новые рабочие места, дается налоговые льготы. Некоторые отраслы имеют всестронные подержку государства, развивается международный туризм, в рамках которого расширяется торговля местными изделиями и товарами ремесленников. В рамках развития традиционных видов ремесел, например в Самарканде осуществлен проект “Вечный город”, где представлены многие виды народных промыслей и ремесла, также их продукция. Также 2018-2021 годы в Таджикистане были обявлены годами развития туризма и народных ремесел.

Адабиёт

1. *Абдусатторов А. Тасвири анвои касбу ҳунар дар ашъори Сайидо // Паёмномаи фарҳанг, 2014. - № 4.*
2. *Авфии Бухоро. Тазкираи лубоб-ул-албоб. – Теҳрон, 1351. – 873 вар.*
3. *Акрамов Ф. М. Тазкира «Нусхаи зебои Ҷахонгирӣ» Мутриби как источник по истории изучения литературной жизни Мовараннахра и Индии XVI-начало XVII вв. д.1988. Дисс. ... канд. филол .наук. – Душанбе, 1998. – 140 с.*
4. *Афсаҳзод А. Абдураҳмони Ҷомӣ ва ғазали ҳунармандӣ // Изв. АН Тадж. ССР. Отд-ние общ. наук. - 1981. - № 1. – С. 14-20.*
5. *Ахмедов М. Дарвеши Деҳакӣ. – Душанбе, 1967. – 80 с.*
6. *Аҳмад Гулчини Маонӣ. Шаҳрошӯб дар адабиёти форсӣ. – Теҳрон, 1967. – 460 с.*
7. *Болдирев А.Н. Зайниддин Восифӣ. – Сталинобод, 1957. – 160 с.*
8. *Валиев А. Освещение этнографии таджикского народа в трудах русских дореволюционных исследователей (XIX – начало XX веков): Дисс. ... докт. ист. наук. – Душанбе, 2015. – 349 с.*
9. *Гулшани адаб. Намунаи назм иборат аз панҷ ҷилд. Ҷилди IV. Намунаҳои назми тоҷик. Асрҳои XVI-XVIII. – Душанбе: Ирфон, 1977. – С. 208-217.*
10. *Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкиратуш-шуаро. / Таҳияи Мухлиса Нуруллоева. – Хуҷанд: Ношир, 2015. – 544 с.*
11. *Дадабоев М. О степени изученности жанра “Шахрошуб” [Электронный ресурс]. – URL: https://ravshir.livejournal.com/136519.html?es=1*
12. *Девони Сайидои Насафи / Бо тасхех ва таълиқи Ҳасани Рахбари. – Теҳрон, 1382. – 420 с.*
13. *Зарифӣ И. Кош арусам шавӣ. – Душанбе: Истеъдод, 2012. - С. 37-42.*
14. *Содикова, С. А. Текстильные промыслы Средней Азии в XVII - XVIII вв. и их отражение в творчестве Сайидо Насафи / С. А. Содикова, М. Ф. Иброхимов // Миробид Сайидои Насафи и эволюция культуры и литературы Мавераннахра (исследование). – Душанбе: Институт истории, археологии и этнографии имени А. Дониша АН РТ, 2018. С. 395-401.*
15. *Иззет М. Турк адабиётинде шехр-енгизлер. – Истамбул, 1958. – 460 с.*
16. *Каримов У. Адабиёти тоҷик дар асри XVI. – Душанбе: Дониш, 1985. – 228 с.*
17. *Курбонова С.И. Абдулгани Мирзоев – исследователь истории персидско-таджикской литературы: Дисс. ... канд.филол.наук. – Душанбе, 2003. – 184 с.*
18. *Маштакова Е.И. Из истории сатиры и юмора в турецкой литературе. – М.: Наука, 1972. – 348 с.*
19. *Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1947. – 199 с.*
20. *Мирзоев А. Сайфи Бухорӣ ва мавқеи ӯ дар таърихи адабиёти доираҳои ҳунармандӣ / Мирзоев А. // Сездаҳ мақола. – Душанбе: Ирфон, 1977. - С. 274-287.*
21. *Мирзоев А. Шахрошӯб ва асоси иҷтимоии он // Межвузовская научная конференция по иранской филологии (Тезисы докладов). – Душанбе, 1966. – С. 82-86.*
22. *Мирзоев А. Шаҳрошӯб ва “Шаҳрошӯби” Сайидо // Шарқи сурх, 1948, №2. - С.41-42.*
23. *Мирзозода К. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ (Барои хонандагони мактабҳои миёна ва олӣ). – Душанбе: Маориф, 1992. – 238 с.*
24. *Мутрибии Самарқандӣ. Нусхаи зебои Ҷаҳонгир // Дастхати Институти Шарқшиносии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ. № 3617.*
25. *Мутрибии Самарқандӣ. Тазкиратуш-шуаро. // Дастхати Институти Шарқшиносии АФ Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ. №2253.*
26. *Мухаммадтоҳир Ваҳидуз-замони Қазвинӣ. Шаҳрошӯб / Бо кӯшиши Беҳдод. – Теҳрон, 1379. – 69 с.*

27. *Насриддиниён Б.Х. Персидско-таджикская литература ремесленных кругов (2-ая половина XII-XVII веков): Дисс. ... канд. филол. наук. – Душанбе, 2006. – 184 с.*
28. *Нисори Бухоро Хоҷа Баҳоуддин Ҳасан. Музаккирул-аҳбоб. / Ба тасҳеҳ ва муқобала ва муқаддимаи Саййид Муҳаммад Фазлуллоҳ. – Ҳайдаробод, 1969. – 600 с.*
29. *Норик Б.В. Антологии Хасана Нисари и Мутрибии Самарканди как источники по по истории письменной культуры Мавераннахра вXVI – первой трети XVII вв.: Дисс. ... канд. ист. наук. – СПб, 2005. – 160 с.*
30. *Сайидои Насафи. Куллиёти осор./ Матни илмӣ ва интиқодӣ бо муқаддима ва тасҳеҳи Ҷобулко Додалишоев. – Душанбе, 1990.*
31. *Саъдиев Садрӣ. Адабиёти тоҷик дар асри XVII. – Душанбе, 1985. – 268 с.*
32. *Сухачев А.С. Шахрошуб в литературе урду. Теория жанров литератур Востока. – Москва: Наука, 1985. – 280 с.*
33. *Калонтаров Я.И. Мудрость трех народов. Панду хикмати се халк. Уч халкнинг хикматлари. – Душанбе, Адиб, 1989. – 428 с.*

РЕМЕСЛА И РЕМЕСЛЕННИКИ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ ЖАНРА “ШАХРОШУБ”

Ремесла и ремесленное производство как результат разделения труда в человеческом обществе является символом культуры оседлого населения и городской жизни. В средние века ремесленники городов Средней Азии производили различные продукции и товары для внутренных рынков и для вывоза за рубеж. Само развитие ремёсел и народных промыслей было результатом укрепления центральной власти, показателем политической стабильности, развития экономики, торговли, культуры и духовной жизни. Города были центрами науки и культуры, а жизнь в городе способствовала, также развитию литературной среды. В этой литературной среде Мовараннахра и Хорасана, которая имела единую этнокультурную пространство, входили представители ремесленников и других профессий, поклонники поэзии и литературы, большинство из которых сами сочиняли стихотворение. Один из главных тем поэтов и литераторов, которым они охотно занимались было описание жизни горожан и ремесленников. В период ренессанса народов Аджама, который начинается с периода правления саманидов, поэты посвящали свои произведения в различных жанрах поэзии ремесленникам, торговцам, представителям других городских профессий. Такой сборник стихотворений назывался “Шахрошуб” или “Шахрангез” (Городское смятение, мятеж), сборник который своей содержанием приводил город в “смятение”, “мятежам”(род юмористического или сатирического стихотворения). Надо заметить, что “Шахрошуб”, как литературный жанр распространился в таджикско-персидской литературе, в литературе Турции, Азербайджана, литературе на языке урду. По заключению специалистов этот новый жанр, в литературе других народов, появился под влиянием таджикской литературы. Автор на примере творчества поэтов Сайидо Насафи и Мухаммадтохира Казвини анализирует их произведения в жанре шахрошуб.

Ключевые слова: города, торговля, ремесла, ремесленники, поэтический жанр “Шахрошуб”, Сайидо Насафи, Мухаммадтохир Казвини, городские занятия и профессии.

ҲУНАР ВА ҲУНАРМАНДӢ ДАР АСАРИ “ШАҲРОШӮБ”

Ҳунармандӣ ва истеҳсолоти ҳунарӣ рамзи меҳнат дар ҷомеаи инсонӣ, фарҳанги аҳолӣ ва зиндагии мардуми шаҳрнишин ба ҳисоб меравад. Дар асрҳои миёна косибон дар шаҳрҳои Осиёи Миёна барои бозорҳои дохилӣ ва барои содирот ба хориҷа маҳсулот ва молҳои гуногун истеҳсол мекарданд. Худи рушди ҳунармандӣ ва ҳунарҳои мардумӣ натиҷаи тақвияти ҳокимияти марказӣ, нишондиҳандаи устувории сиёсӣ, рушди иқтисодӣ, савдо, фарҳанг ва ҳаёти маънавӣ буд. Шаҳрҳо марказҳои илму фарҳанг буданд ва зиндагӣ дар шаҳр низ ба рушди муҳити адабӣ мусоидат мекард. Дар ин муҳити адабии Мовароуннаҳру Хуросон ки фазои ягонаи этнофарҳангӣ доштанд, намояндагони ҳунармандон ва дигар касбу корҳо, ҳаводорони шеъру адабро фаро гирифта буданд, ки бештари онҳо худашон шеър мегуфтанд. Яке аз мавзуъҳои асосии шоирону нависандагон, ки бо хоҳиши худ ба он машғул буданд, тасвири рӯзгори мардуми шаҳр ва ҳунармандон буд. Дар давраи эҳёи халқҳои Аҷам, аз давраи ҳукумроии Сомониён оғоз шуда, шоирон дар жанрҳои мухталифи назм ва ҳунармандон, тоҷирон ва намояндагони дигар касбу кори шаҳрӣ маҷмуае, ки мазмунаш шаҳрро ба “ҳайрату исёнҳо” (як навъи шеъри ҳаҷвӣ) овардааст. Бояд гуфт, ки “Шаҳрошӯб” ҳамчун як жанри адабӣ дар адабиёти тоҷикӣ-форсӣ, дар адабиёти Туркия, Озорбойҷон, адабиёт ба забони урду ба андешаи мутахасисон ин жанри нав дар адабиёти дигар халқҳо таҳти таъсири адабиёти тоҷик пайдо шудааст. Муаллиф дар мисоли осори шоирон Сайидои Насафӣ ва Муҳаммадтоҳири Қазвинӣ осори онҳоро дар жанри “Шаҳрошӯб” мавриди таҳлил қарор додааст.

Калидвожаҳо: шаҳрҳо, савдо, ҳунармандӣ, косибон, жанри шеърӣ, шаҳрошӯб, Сайидои Насафӣ, Муҳаммадтоҳири Қазвинӣ, касбу кори шаҳрӣ.

CRAFTS AND ARTIFACTS IN THE WORKS OF THE “SHAHROSHUB” GENRE

Crafts and handicraft production as a result of the division of labor in human society is a symbol of the culture of the settled population and urban life. In the Middle Ages, artisans of the cities of Central Asia produced various products and goods for domestic markets and for export abroad. The very development of handicrafts and folk crafts was the result of the strengthening of central power, an indicator of political stability, the development of the economy, trade, and culture and spiritual life. Cities were centers of science and culture, and life in the city also contributed to the development of the literary environment. This literary environment of Movarannahr and Khorasan, which had a single ethno-cultural space, included representatives of artisans and other professions, admirers of poetry and literature, most of whom composed a poem themselves. One of the main themes of poets and writers, which they willingly dealt with, was the description of the life of townspeople and artisans. During the period of the renaissance of the Ajam peoples, which begins with the period of the reign of the Samanids, poets dedicated their works in various genres of poetry to artisans, merchants, and representatives of other urban occupations. Such a collection of poems was called “Shahroshub” or “Shahrangez” (City turmoil, rebellion), a collection of which, with its content, brought the city into “confusion”, “mutinies” (a kind of humorous or satirical poem). It should be noted that “Shahroshub”, as a literary genre, spread in the Tajik-Persian literature, in the literature of Turkey, Azerbaijan, literature in the Urdu language. According to experts, this new genre, in the literature of other peoples, appeared under the influence of Tajik literature. The author analyzes their works in the shakhroshub genre using the example of the poets Sayido Nasafi and Muhammadtohir Kazvini.

Keywords: cities, trade, crafts, artisans, poetic genre “Shahroshub”, Sayyido Nasafi, Muhammadtohir Qazvini, urban occupations and professions.

Об авторе
Шарифова Гулпари Хамдамовна
Кандидат филологических наук
Таджикского педагогического института в городе Пенджикент
E-mail: gulparisharifova5@gmail.com

About the author
Sharifova Gulpari Hamdamovna
Candidate of philological sciences
Tajik Pedagogical Institute in the city of Panjakent
E-mail: gulparisharifova5@gmail.com

Дар бораи муаллиф
Шарифова Гулпарӣ Ҳамдамовна
Номзади илмҳои филологӣ
Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент
E-mail: gulparisharifova5@gmail.com

ТДУ 891.55.09+891.550.09

ПЕШИНАИ ПАЖӮҲИШИ ҲИССОМЕЗӢ ВА МУТАНОҚИЗНАМОӢ ДАР АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

Эҳсон Х. Р.
Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ

Ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар улуми адабӣ мутааллиқ ба илми балоғат аст ва балоғат ба се зершоха: маонӣ, баён ва бадеъ дастабандӣ мешавад. Сируси Шамисо ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоиро дар бахши бадеи маънавӣ овардааст [28, с. 111] ва дар он бахш дар бораи онҳо тавзеҳ дода ва мисол ироа кардааст. Аз ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар китобҳои илми балоғати суннатӣ ва қадими адабиёти форсии тоҷикӣ сухане нарафта ва таърифу шинохте ироа нашудааст. Аз нимаи дуюми қарни бистуми мелодӣ ба ин сӯ аст, ки дар китобҳои илми балоғати форсӣ истилоҳоти ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ матраҳ мешаванд.

Аммо ин ки дар бораи ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар китобҳои илми балоғати пешин ва суннатии адабиёти форсии тоҷикӣ, сухане нарафта ва ин истилоҳот муаррифӣ нашудааст, ба ин маъно нест, ки ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар шеъри форсии тоҷикӣ вуҷуд надоштааст. Мутаноқизнамоӣ ва ҳиссомезӣ бидуни ин ки дар илми балоғат аз онҳо муаррифӣ ва шинохте ироа шавад, дар шеър ва адабиёти форсӣ аз гузашта вуҷуд доштаанд ва бозтоб ёфтаанд, вале донишмандони илми балоғати адабиёти форсии тоҷикӣ дар китобҳои балоғат номе бар онҳо нагузошта ва дар анвои илми балоғат, аз ҷумла дар анвои илми баёну бадеи қадим ва суннатӣ дастабандӣ накардаанд. Дар ҳоле ки ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоиро дар нахустин намунаҳои шеъри форсии тоҷикӣ аз садаҳои нуҳум ва даҳуми мелодӣ, ҳарчанд нисбатан андак аст, метавон мушоҳида кард:

Сипаҳбуд парастандаро гуфт гарм,
Суханҳои ширин ба овои нарм [23, с. 273].

Дилат пур зи ханда, ду рух пур зи шарм,
Каёнӣ забон пур зи гуфтори нарм [ҳамон, с. 156].

Фирдавсӣ дар ин байтҳо дар «**гуфтани гарм**», «**сухани ширин**», «**овои_нарм**» ва «**гуфтори нарм**» аз ҳиссомезӣ истифода кардааст. *Гуфтан, сухан, ово ва гуфтор* падидаҳои савтианд ва ба ҳисси савтӣ ва шунавоӣ тааллуқ доранд, аммо бо ҳисси чашоии *ширин* ва ҳисси ламсии *гарм* ва *нарм* омехта шудаанд. Ба таври куллӣ бар асоси пажӯҳишҳо дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ бештар аз 85 дафъа санъати ҳиссомезӣ ба кор рафтааст [13, с. 46].

Дар шоирони қаблтар аз Абулқосими Фирдавсӣ ҳам намунаҳоеро метавон дид, масалан, дар ин ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ:

Сухани ширин аз зафт наёрад бар,
Бӯз ба бич-бич бар ҳаргиз нашавад фарбеҳ [20, с. 164].

Дар раҳгузари бод чароғе, ки турост,
Тарсам, ки бимирад зи фароғе, ки турост.
Бӯи ҷигари сӯхта олам бигирифт,
Гар нашнидӣ зиҳӣ димоғе, ки турост [ҳамон, с. 193].

Дар байти охир “**шунидани бӯ**” марбут ба ҳодисаи ҳиссомезист, ки дар ин ҷо **шунидан** мансуб ба ҳисси шунавоӣ ва **бӯ** марбут ба ҳисси бӯёист. Дуруст аст, ки ҳиссомезӣ дар байт бар асоси маҷоз шакл гирифта ва калимаи “шунидан” ба маънои маҷозӣ ба кор рафтааст, на ба маънои аслии худ. Шунидан маҷозан ба маънии фаҳмидан ва дарк кардани ҳолати ошиқи дилхаста ва ҷигарсӯхта истифода шудааст.

Аз ин намунаҳо метавон ба ин натиҷа расид, ки намунаҳои аввалияи ҳиссомезӣ аз нигоҳи сохтор содатар ва дар айни ҳол аз нигоҳи маънию мафҳум такроршавандатар ҳастанд, чунки дар давраҳои оғозини шеъри форсии дарӣ шоирон бурунгаро ва дар иртиботи мустақим бо ҷилваҳои рангоранги табиат буданд ва онро дар шеъри худ инъикос мекарданд. Ин ҳолат то замони шоирони сабки ҳиндӣ идома пайдо мекунад ва дар ашъори шоирони ин давра анвои тоза ва мухталифи ҳиссомезӣ аз нигоҳи сохтор ва маънӣ ба вуҷуд меояд, зеро ин давраест, ки шеъри форсӣ замони эътилои худро дар сабки ироқӣ аз сар гузаронида ва шеър

ба қаламрави идроки ботинӣ ва ирфонӣ ҳаракат кардааст. Чанд намунаи дигар аз шоироне, ки марбут ба давраи сабки ироқӣ ҳастанд:

Ба таронаҳои ширин, ба баҳонаҳои заррин,
Бикашед сӯи хона, маҳи хушлиқои моро [18, с. 110]

Ман аз ту сер нагардам, в-агар туруш кунӣ абрӯ,
Ҷавоби талх зи ширин муқобили шакар ояд [29, с. 193].

Бӯи хуши ту ҳар кӣ зи боди сабо шунид,
Аз ёри ошно сухани ошно шунид [30, с. 227].

Мутаноқизнамоӣ низ дар шеър ва адабиёти форсӣ аз гузашта вуҷуд доштааст. Аз ҷумла, дар ин байти Низомии Ганҷавӣ тасвири мутаноқизнамо эҳсос мешавад:

Бода дар ҷоми обгинагуҳар
Рост чун оби хушку оташи тар [10, с. 298].

“Оби хушк” ва “оташи тар» дар ин байт мутаноқизнамо ҳастанд, зеро шоир бодаро дар ҷоми обгинагуҳар ба оби хушку оташи тар ташбеҳ кардааст, ки ташбеҳи ҳамзамони оби хушк ва оташи тар, парадокс ва ҷамъи аздод (зидҳо) аст, чун об бо хушкӣ ва оташ бо тарӣ дар зоҳир қобили ҷамъ нестанд, аммо дар адабиёт бо санъати мутаноқизнамоӣ қобили ҷамъ аст ва мумкин аст, ки Низомии Ганҷавӣ бо халлоқият ва тахайюли адабӣ дар ин байт чунин имконеро фароҳам карда ва *оби хушку оташи тар*ро бо ҳам овардааст.

Дар намунаҳои зер низ мутаноқизнамоӣ вуҷуд дорад:

Кӯи ӯ ҷонро шабистон буд, заҳмат бартофт,
***Соя бар дар монд**, чун ман дар шабистон омадам [29, с. 183]*

Бешаробӣ оташ андар мо зада-ст,
*Кист, к-ӯ **оташ дар ин оташ занад**? [20, с. 570]*

Аз ҳама олам ҷудо гаштан тавонистам валек,
*Оҷизам то **аз ҷудоӣ, худ ҷудоӣ чун кунам**? [21, с. 431]*

Гар ҳаст дилаш хоро, магрезу марав ёро,
*К-аввал **бикушад** моро, охир **бикашад** моро [18, с. 77].*

Дар байтҳои мазкур **ворид шудани шахс ва бар дар мондани сояаш, оташро оташ задан, ҷудо шудан аз ҷудоӣ, аввал куштан баъд кашидан** (ҷазб) кардан маънои мутаноқиз доранд ва аз як тараф баёнро таваҷҷуҳбарангез ва ҷолиб кардаанд, аз тарафи дигар метавонанд баёни таҷрибаҳои ирфонии гӯяндагон низ бошанд.

Намунаҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ дар шеър ва адабиёти форсии тоҷикӣ вуҷуд дошта, аммо ончунон ки ишора шуд, ин намунаҳо дар илми балоғат ва ба сурати мушаххас дар илми баёну бадеи суннатию қадими адабиёти форсии тоҷикӣ номгузорӣ нашудаанд ва истилоҳе барои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ вазъ нашудааст. Ном ва истилоҳи мутаноқизнамоӣ ва ҳиссомезӣ дар сад соли охир аз адабиёти Ғарб вориди балоғат ва сувари хаёли муосири шеъри форсии тоҷикӣ шудаанд.

Ҳиссомезӣ дар чанд даҳаи охир дар Аврупо номгузорӣ ва сипас дар Эрон тарҷума шуда ва дар китобҳои балоғӣ ба кор рафтааст [16, с. 105]. Аз вақте ки истилоҳи ҳиссомезӣ аз адабиёти Ғарб вориди илми балоғати шеъру адабиёти муосири форсии тоҷикӣ шудааст, пажӯҳишгарон дар бораи он дар адабиёти муосир ва суннатии форсии тоҷикӣ нисбатан пажӯҳишҳое анҷом додаанд. Минои Беҳном [5, с. 67-92] дар пажӯҳише ба баррасии ҳиссомезӣ аз манзари сиришт ва моҳият пардохтааст. Парасту Каримӣ ҳисҳои панҷгонаро дар шеър мавриди баррасӣ қарор додааст [17, с. 117-150]. Алӣ Сарвари Яъқубӣ ранг ва ҳиссомезиро дар шеъри муосир баррасӣ кардааст [33, с. 76-98]. Митрои Гулчин ва Сумайя Рашидӣ дар бораи ҳиссомезӣ ва анвои онҳо дар “Маснавии маънавӣ”-и Мавлоно пажӯҳиш намудааст [8, с. 295-308]. Дар адабиётшиносии Тоҷикистон ба рисолаи доктории Шарифов Шариф бо номи “Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд” метавон ишора кард, ки дар он ба таври мухтасар дар мавриди ҳиссомезӣ сухан рафта, дар яке аз зерфаслҳо намунаҳои ҳиссомезӣ аз ашъори Зуҳурии Туршезӣ зикр ва баррасӣ гардидааст [32, с. 270]. Агарчи дар солҳои охир, бавижа дар Эрон, мақолоте аз манзари ҳиссомезӣ дар шеъри шоирон навишта шудаанд, аммо баҳси ҳиссомезӣ дар адабиёти муосири форсии тоҷикӣ, мавзуе нисбатан тоза аст ва ниёз ба пажӯҳишҳои бештар дорад, ки ин пажӯҳишҳо метавонад шомили шеъри шоирони пешин ва муосири адабиёти форсии тоҷикӣ шавад.

Агарчи Шамисо ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоиро дар бахши бадеи маънавӣ овардааст, аммо дар орои пажӯҳишгарон аз назари балоғӣ дар бораи ҳиссомезӣ тафовути назар вуҷуд дорад. Бархе ҳиссомезиро аз анвои маҷоз донистаанд ва гурӯҳе онро зермаҷмуаи истиора дар назар гирифтаанд [11, с. 113]. Шафеъи Кадканӣ ва Ҳақшинос ба ин назаранд, ки ҳиссомезӣ дар истиора, маҷоз ва ғайра низ метавонад мушоҳида шавад [14, с. 274; 26, с. 78]. Кадканӣ дар китоби «Сувари хаёл дар шеъри форсӣ» ва дар китоби «Мусиқии шеър» ба ҳиссомезӣ ишора кардааст. Дар китоби нахуст, моҳияти ҳиссомезиро истиора дониста ва дар китоби дувум ин унсури адабиро шакли хоссе аз истиора ё маҷоз баршумурдааст. Ҳиссомезӣ бар асоси орои донишмандон ва адибон яке аз сувари хаёлҳои шиновар аст ва метавонад дар анвои мутафовити саноеи адабӣ бозтоб ёбад, зеро дар ашъори шоирон намунаҳоеро аз ororяи ҳиссомезӣ метавон мушоҳида кард, ки ташбеҳӣ, киноӣ ва иҳомӣ ҳастанд [3, 708] ва метавонанд шомили шохаҳои илми баён ва бадеъ шаванд [1, с. 131]. Шиновар будани санъати ҳиссомезӣ дар саноеи адабии баёнӣ ва бадеӣ метавонад нишондиҳандаи ривоҷ ва корбурди густурдаи он дар шеър бошад ва ин аҳаммияте барои ҳиссомезист.

Мутаноқизнамоӣ низ аз адабиёти Ғарб вориди адабиёт ва балоғати муосири форсии тоҷикӣ шудааст. Пешинаи мутаноқизнамоӣ дар илми балоғати адабиёти Ғарб ба адабиёти пеш аз мелоди Юнон мерасад ва аз адабиёти Юнон вориди адабиёти англисӣ, олмонӣ, фаронсавӣ ва италиявӣ шудааст. Дар Ғарб мутаноқизнамоӣ аз дер боз мавриди таваҷҷуҳ будааст. Румиҳо пеш аз мелоди Масеҳ бо ин санъати бадеӣ ошно будаанд ва ҳатто дар замони Афлотун низ ба унвони як тарфанди адабӣ шинохта мешудааст. Аммо дар қарни бистум ба мутаноқизнамоӣ ва аҳаммияти адабии он бештар таваҷҷуҳ мешавад [6, с. 274]. Баҳси мутаноқизнамоӣ дар шеъри форсии тоҷикӣ барои нахустин бор тавассути Шафеии Кадканӣ дар китоби «Шоири оинаҳо» матраҳ шуд. Соли нашри ин китоб 1987-и мелодӣ (1366-и хуршедӣ) аст.

Амири Чинорӣ нахустин китобро ба номи «Мутаноқизнамоӣ дар шеъри форсӣ» дар соли 1998-и мелодӣ (1377-и хуршедӣ) навиштааст. Ҷаноби Чинорӣ дар муқаддимаи ин китоб таъкид мекунад, ки пеш аз пажӯҳиши ӯ мақола ва китобе дар бораи мутаноқизнамоӣ дар адабиёти форсӣ навишта нашудааст [27, с. 7]. Бинобар ин нахустин пажӯҳиши муфассал дар бораи мутаноқизнамоӣ дар адабиёти форсӣ, китоби Амири Чинорӣ аст. Аммо истилоҳи **тасвирҳои мутаноқизнамо** як даҳа пештар аз нашри китоби Чинорӣ тавассути Шафеии Кадканӣ дар шеъри форсӣ матраҳ шуда буд, ки фақат дар ҳадди матраҳ кардан ва кушодани баҳс будааст.

Сипас дар китобҳое, ки дар бораи балоғат ва сувари хаёл дар адабиёти форсӣ навишта шудаанд, ба мавзуи мутаноқизнамоӣ низ пардохта шудааст. Маҳмуди Футӯҳӣ дар китоби «Балоғати тасвир» дар бораи мутаноқизнамоии адабӣ баҳс кардааст [24]. Ҷамоли Зиёнӣ китоби «Гулвожаҳои шеъри Ҳофиз»-ро дар бораи танокузҳо ва парадоксҳои шеъри Ҳофиз навиштааст [12]. Батули Воиз ва Ғуломризои Порсо мақолаеро бо унвони «Тазод дар айни ваҳдат (парадокс) дар “Маснавӣ” ва “Ғазалиёти Шамс” навиштаанд ва ин мақола дар шумораи бисту сеи фаслномаи “Ковишнома”-и Донишгоҳи Язд чоп шудааст [7]. Аҳмади Гулӣ ва Сардори Бофикр мақолае ба номи «Мутаноқизнамоӣ (породукс) дар шеъри Соиб» навиштаанд ва ин мақола дар шумораи бисти маҷаллаи “Пажӯҳишҳои адабӣ” чоп шудааст [9].

Дар Тоҷикистон низ ба ин санъати бадеӣ, ки бештар бо номи парадокс матраҳ аст, бахусус дар корҳои илмие, ки солҳои охир навишта шудаанд, таваҷҷуҳ шудааст. Аз ҷумла, дар мақолаҳои муҳаққиқон Солеҳов Шамсиддин ва Ҷумъаев Ҷумъабой зери номи “Тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори Озарахш” [22, с. 110-114], Ризобоева Наргис дар мақолаи “Тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ” [19, с. 214-218] ва Равшани Ҳамроҳ дар китоби “Падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри Гулназар” [25, с. 62-78] аз ашъори шоирони мавриди таҳқиқи худ барои мутаноқизнамоӣ намуна оварда ва мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Мутаноқизнамоӣ ва ҳиссомезӣ бинобар аҳаммияте, ки дар сувари хаёл доранд, мавриди таваҷҷуҳи донишмандон ва адибони адабиёти форсии тоҷикӣ қарор доранд ва дар бораи онҳо таҳқиқ сурат мегирад.

Пажӯҳишгарон барои мутаноқизнамоӣ дар сувари хаёл мабнои воҳиде дар назар нагирифтаанд ва дар ин ки мутаноқизнамоӣ мабнои воҳиде дар сувари хаёл дошта бошад, тафовути дидгоҳ доранд. Мутаноқизнамоӣ низ монанди ҳиссомезӣ мабноҳои мутафовите дар сувари хаёл, аз ҷумла мабнои истиорӣ, ташбеҳӣ, киноӣ, маҷозӣ ва саноеи бадеии маънавӣ дорад.

Амир Чинорӣ монанди Шамисо ҷойи мутаноқизнамоиро дар бадеи маънавӣ дар назар гирифтааст. Дар фасли дувуми китобаш баҳсеро бо унвони «Маонии мухталифи мутаноқизнамоӣ ва таърифи он дар балоғат (бадеъ)» дорад [27, с. 13]. Нахуст, мутаноқизнамоиро шомили балоғат медонад ва сипас ҷойи мутаноқизнамоиро ба сурати мушаххас дар балоғат дар зершохаи бадеъ дар назар гирифтааст.

Тавре ки ҳиссомезӣ яке аз сувари хаёлҳои шиновар дар саноеи адабӣ баён ва бадеъ аст, мутаноқизнамоӣ низ вижагии шиновар дар саноеи адабии баён ва бадеъ дорад. Шиновар будани мутаноқизнамоӣ ва ҳиссомезӣ дар саноеи адабӣ ва сувари хаёл метавонад яке аз аҳаммиятҳои ин ду ороя адабӣ бошад, зеро бар ин асос ба сурати густарда метавонад дар шеър ва адабиёт бозтоб пайдо кунад.

Аҳаммияти мушаххастари ин ду ороя дар ин аст, ки бинобар назарияи формолистӣ боиси ошноизудоӣ дар забон ва баёни шеър мешаванд ва забони шеърро аз одат ва такрор раҳоӣ мебахшанд, таваҷҷуҳи хонандагонро ба ороятҳои ҳиссомезию мутаноқизнамоӣ ва вижагиҳои сабкии шеър ҷалб карда ва боиси шигифтии онон мешавад. Бинобар ин барои донистани маънои шеър ва дарунмояву ҷавҳари адабиёт, мутолиа ва пажӯҳиш дар бораи ин ду ороя хеле муҳим аст, зеро дар адабиёт, бавижа дар шеър, чӣ шеъри классик ва чӣ шеъри муосири форсии тоҷикӣ, ороятҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ вуҷуд доранд, ки мумкин нест, бидуни шинохти дақиқи ин ду ороя, шигирдҳои забонӣ ва баёнии шеърро ба дурустӣ шинохт, тавзеҳ дод ва маъно кард.

Ороятҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ танҳо дар баён ва бадеъ матраҳ нестанд, балки дар сабкшиносӣ ва нақди адабӣ низ матраҳ ва мавриди таваҷҷуҳ ҳастанд, зеро ба забони матни адабӣ ва шеър вижагии сабкӣ мебахшанд ва яке аз мабоҳиси муҳимми сабкшиносӣ баррасии вижагиҳои балоғӣ дар шеър аст. Нақди адабӣ низ дар пайи тавзеҳ ва баррасии усулу шигирдҳоест, ки дар шеър ва матни адабӣ вуҷуд доранд. Ороятҳои ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ аз ҷумлаи усул ва шигирдҳои мавриди баррасии нақди адабист.

Адабиёт

1. *Амирофтобӣ, Мино Содот. Баррасии муқоисаии ҳиссомезӣ дар шеъри Аҳмади Наҷиб ва Нодири Нодирпур /Мино Содоти Амирофтобӣ. Фаслномаи адабиёти татбиқии Донишгоҳи озоди Ҷируфт. – 1397. – №48, С. 131-139.*
2. *Амин, Аҳмад. Азимӣ, Заҳро. Ҳиссомезӣ дар "Маснавӣ" / Аҳмади Амин, Заҳро Азимӣ // Фаслномаи улуми адабӣ. – 1396. – №12. – С. 39-66.*
3. *Амирҳоҷлу, Ҳамида. Баррасии ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Ваҳшии Бофиқӣ / Ҳамида Амирҳоҷлу // Маҷмуаи мақолоти нуҳумин ҳамоиши байналмилалии Анҷумани тарвиҷи забон ва адаби форсӣ. – Теҳрон, 1393. – С. 705-714.*
4. *Анварӣ. Девон / Анварӣ: бо муқаддимаи Саид Нафисӣ. – Теҳрон: Нигоҳ, 1376. – 744 с.*
5. *Беҳном, Мино. Ҳиссомезӣ: сиришт ва моҳият / Минои Беҳном // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии "Пажӯҳиши забон ва адабиёти форсӣ". – 1389. – №19. – С. 67-92.*
6. *Ваҳидиён, Комёр. Мутаноқизнамо (paradox) дар адабиёт / Комёр Ваҳидиён // Маҷаллаи тахассусии забон ва адабиёти Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Фирдавсӣ. – 1374. – №3-4. – С. 271-294.*
7. *Воиз, Батул. Порсо, Ғуломризо. Тазод дар айни ваҳдат (породукс) дар "Маснавӣ" ва "Ғазалиёти Шамс" / Батули Воиз, Ғуломризо Порсо // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии Ковишнома. – 1390. – №23. – с. 195-218.*
8. *Гулчин, Митро. Рашидӣ, Сумайя. Ҷойгоҳи породукс ва ҳиссомезӣ ва анвои онҳо дар "Маснавӣ"-и Мавлоно / Митрои Гулчин, Сумайя Рашидӣ // Маҷалаи "Адаби форсӣ", давраи ҷадид (1). – 1390. – № 3-5. – С. 295-308.*
9. *Гулӣ, Аҳмад. Бофикр, Сардор. Мутаноқизнамоӣ (породукс) дар шеъри Соиб / Аҳмади Гулӣ, Сардори Бофикр // Фаслномаи пажӯҳишҳои адабӣ. – 1387. – №20. – С. 131-159.*
10. *Ганҷавӣ, Низомӣ. Хамса: Лайлию Маҷнун, Ҳафт пайкар / Низомии Ганҷавӣ. – Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.*
11. *Дод, Симо. Фарҳанги истилоҳоти адабӣ / Симои Дод. – Теҳрон: Марворид, 1387. – 594 с.*
12. *Зиёнӣ, Ҷамол. Гулвожаҳои шеъри Ҳофиз / Ҷ. Зиёнӣ. – Шероз: Навиди Шероз, 1385. – 240 с.*
13. *Илҳомӣ, Шарора. Баррасии ҳиссомезӣ дар ғазалиёти Бедили Деҳлавӣ / Шарора Илҳомӣ // Фаслномаи Адабиёти ирфонӣ ва устурашинохтӣ. – 1387. – №12. – С. 30-48.*
14. *Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1378. – 732 с.*
15. *Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Шоири оинаҳо (Баррасии сабки ҳиндӣ ва шеъри Бедил) / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1366. – 338 с.*

16. *Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Заминаҳои иҷтимоии шеъри форсӣ / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ – Теҳрон: Ахтарон, 1386. – 480 с.*
17. *Каримӣ, Парасту. Ҳавоси панҷгона ва ҳиссомезӣ дар шеър / Парасту Каримӣ // Нашрияи илмӣ-пажӯҳишии Гавҳари гӯё. – 1387. – №8. – С. 117-150.*
18. *Мавлавӣ, Ҷалолиддин Муҳаммад. Куллиёти Шамси Табрезӣ / Ҷалолин Муҳаммад Мавлавӣ. Ба эҳтимоми Бадеуззамони Фурӯзонфар. – Теҳрон: Амири Кабир, 1376. – 1554 с.*
19. *Ризобоева Н. Тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ/ Н. М. Ризобоева// Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. – №6-2 (101). – С. 214-218.*
20. *Рӯдакӣ. Ашъор / Рӯдакӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 416 с.*
21. *Саноӣ, Ҳаким. Мунтахаби ашъор / Ҳаким Саноӣ. – Душанбе: Адиб, 2011. – 480 с.*
22. *Солеҳов, Шамсиддин. Ҷумъаев Ҷумъабой. Тасвирҳои парадоксӣ дар ашъори Озарахш / Шамсиддин Солеҳов, Ҷумъабой Ҷумъаев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2023. – №2 (103). – С. 110-114.*
23. *Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷ. 1 / Абулқосими Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.*
24. *Футӯҳии Рудмаъҷанӣ, Маҳмуд. Балоғати тасвир / Маҳмуд Футӯҳии Рӯдмаъҷанӣ. – Теҳрон: Сухан, 1385. – 464 с.*
25. *Ҳамроҳ, Равшан. Падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри Гулназар / Равшани Ҳамроҳ. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 192 с.*
26. *Ҳақшинос, Алимуҳаммад. Мақолоти адабӣ ва забоншинохтӣ / Алимуҳаммади Ҳақшинос. – Теҳрон: Нилуфар, 1370. – 339 с.*
27. *Чинорӣ, Амир. Мутаноқизнамоӣ дар адабиёти форсӣ / Амир Чинорӣ. – Теҳрон: Фарзон, 1377. – 214 с.*
28. *Шамисо, Сирус. Анвои адабӣ / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Митро, 1386. - 356 с.*
29. *Шерозӣ, Саъдӣ. Ғазалиёт / Саъдии Шерозӣ. – Душанбе: Адиб, 2014. – 480 с.*
30. *Шерозӣ, Ҳофиз. Девон / Ҳофизи Шерозӣ. – Душанбе: Адиб, 2015. – 480 с.*
31. *Шарвонӣ, Хоқонӣ. Девон / Хоқонии Шарвонӣ. Ҷ. 2. Виростаи Мирҷалолиддини Каззозӣ. – Теҳрон: Марказ, 1375. – 650 с.*
32. *Шарифов, Ш. Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (Масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ): Дис. ... док. илм. фил. аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик / Ш. Шарифов. – Душанбе, 2024. – 414 с.*
33. *Яъқубӣ, Алисарвар. Ранг ва ҳиссомезӣ дар шеъри муосир / Алисарвар Яъқубӣ // Фаслномаи "Нақди адабӣ". – 1388. – №14. – С. 76-98.*

ПЕШИНАИ ПАЖӮҲИШИ ҲИССОМЕЗӢ ВА МУТАНОҚИЗНАМОӢ ДАР АДАБИЁТИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ

Дар ин мақола дар мавриди пешинаи пажӯҳишу ҷустуҷӯ дар мавриди ду санъати бадеии нисбатан нав ва ношинохта (ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ) дар адабиёти гузашта ва имрӯзи форсии тоҷикӣ сухан рафтааст. Зикр шудааст, ки дар нахустин садаҳои шеъри форсии дарӣ намунаҳое аз ин ду санъат, аз ҷумла дар ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Абулқосими Фирдавсӣ вуҷуд доштааст, аммо тақрибан то нимаи дуюми асри бистум дар китобҳои балоғат ва зершохаҳои он дар осори гузаштагон дар бораи онҳо сухан нарафтааст. Дар адабиётшиносии ҳамзабонон дар бораи ҳиссомезӣ ва мутаноқизнамоӣ пажӯҳишҳои нисбатан бештар сурат гирифтааст, ки ин ду санъатро аз нигоҳи лафзию истилоҳӣ ва дастурию бадеию балоғӣ баррасӣ кардаанд ва дар адабиётшиносии Тоҷикистон шинохт ва пажӯҳиш дар мавриди онҳо ҳарчанд вуҷуд дорад, аммо камтар аст.

Калидвожаҳо: ҳиссомезӣ, мутаноқизнамоӣ, балоғат, санъати бадеӣ, адабиёти форсии тоҷикӣ, пешинаи пажӯҳиш, сабк, сабки ҳиндӣ

ПРЕДПОСЫЛКИ ИССЛЕДОВАНИЯ СИНЕСТЕЗИЯ И ПАРАДОКС В ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В данной статье рассматривается предыстория исследования и изучения двух относительно новых и неизвестных фигуры речи (синестезия и парадокс) в прошлой и настоящей таджикско-персидской литературе. Было отмечено, что в первые века персидско-дарийской поэзии существовали примеры этих двух фигуры речи, в том числе в поэмах Абуабдуллы Рудаки и Абулкасима Фирдоуси, но они не упоминались в книгах по риторике и ее подразделам почти до второй половины двадцатого века. В литературе иранских со-говорящих сравнительно больше исследований было проведено на тему синестезия и парадокса, в которых эти две отрасли рассматривались с вербальной, идиоматической, грамматической, творческой и риторической точек зрения. Однако в литературе Таджикистана, хотя и имеются знания и исследования о них, их меньше.

Ключевые слова: синестезия и парадокс, риторика, фигуры речи, таджикско-персидская литература, исследовательская база, стиль, индийский стиль.

BACKGROUND TO THE STUDY OF SYNESTHESIA AND PARADOX IN TAJIK-PERSIAN LITERATURE

This article discusses the background of the study and research of two relatively new and unknown figures of speech (synesthesia and paradox) in the past and present Tajik-Persian literature. It was noted that in the early centuries of Persian-Darian poetry, there were examples of these two figures of speech, including in the poems of Abuabdullah Rudaki and Abulkasim Firdausi, but they were not mentioned in books on rhetoric and its subsections until almost the second half of the twentieth century. In the literature of Iranian co-speakers, comparatively more studies have been conducted on the topic of synesthesia and paradox, in which these two branches have been considered from verbal, idiomatic, grammatical, creative and rhetorical points of view. However, in the literature of Tajikistan, although there is knowledge and research about them, there are fewer of them.

Keywords: synesthesia and paradox, rhetoric, figures of speech, Tajik-Persian literature, research base, style, Indian style.

Дар бораи муаллиф
Эҳсон Хуршед Рӯзибой
Унвончӯи Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33
E-mail: khurshedehsan410@gmail.com

About the author
Ehson Khurshed Ruziboy
Applicant of the Institute of Language and Literature named after Rudaki NAST
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33
E-mail: khurshedehsan410@gmail.com

Об авторе
Эхсон Хуршед Рузибой
Соискатель Института языка и литературы им. Рудаки НАНТ
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, проспект Рудаки, 33
E-mail: khurshedehsan410@gmail.com

ТДУ 398:94(575.3):004.94

СИМОИ ВОСЕЪ ДАР МЕРОСИ ШИФОҲӢ ВА ИМКОНОТИ БОЗСОЗИИ ВИЗУАЛӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Ашурова М. Б.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Яке аз дастовардҳои муҳимтарини даврони Истиқлоли давлатӣ болоравии эҳсоси ватандӯстӣ, худшиносӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои озодӣ ва осоиштагии ҷомеа мебошад. Дар чунин шароит эҳёсозии чеҳраи аслии Қаҳрамони миллии тоҷикон – Восеъ, ки то ба имрӯз дар адабиёт, театр, кино, наққошӣ ва дигар самтҳои ҳунар ба гунаҳои мухталиф, ҳатто, зиддиятнок таҷассум ёфтааст, зарур ва саривақтӣ мебошад. Ба андешаи мо, дар ин раванд, фолклор – эҷодиёти даҳанакии халқ ҳамчун сарчашмаи илҳомбахш ва ҳунарнамоии эҷодкорон аҳаммияти вежа дошта метавонад.

Маълум аст, ки эҷоди байту тарона, суруд, ашъори гуногун ва нақлу ривоятҳо дар тамоми минтақаҳои тоҷикнишини Осиёи Миёна ба анъанаи устувори фарҳангӣ табдил ёфтааст. Дар ин радиф, дар минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон, аз ҷумла, Ховалингу Балҷувон, эҷоди даҳанакии халқ дар мавриди шӯриши Восеъ (1885) ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунад. Корнома ва фаъолияти Восеъ ва ёронаш тариқи шеъру ривоятҳои халқӣ дар забони мардум ва дар тафаккури иҷтимоӣ абадӣ гардидааст. “Ҳамаи он корномаҳое, ки мардуми тоҷик дар давоми солиёни зиёд аз сар гузаронидаанд, хусусан, шӯриши озодихоҳонаи мардуми кӯҳистони тоҷик бо сарварии Восеъ дар хотири халқ дар шакли суруду достон, ёддошту ривоят абадӣ нақш бастаанд” [20, с. 114]. Маҳз тариқи онҳо корномаи Восеъ вирди забони мардум гардида, то ба мо омада расидааст. Азбаски Восеъ барои мардуми одӣ, ҳамдиёронаш, “халқи меҳнаткаши тоҷик азиз ва ибратомӯз” аст, “аввалин сухани бадеиро оид ба ин воқеаи муҳимми иҷтимоӣ ва сарвари он – Восеъ худи халқ сурудааст” [21, с. 5].

Таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки образи Восеъ дар муқоиса бо дигар манбаъҳо маҳз дар эҷодиёти даҳанакии халқ бо самимият, дақиқият ва муассирияти бештар инъикос шудааст. Тавре муҳаққиқон таъкид намуданд, “халқ ҳаргиз корнамоиҳои фарзандони далери худро фаромӯш нахоҳад кард” [20, с. 113]. Ба ҳамин далел, ҳунармандон дар роҳи бозсозӣ ва барқарории симои ҳақиқии таърихии Восеъ, пеш аз ҳама, ба эҷодиёти шифоҳии мардум бояд рӯй оваранд.

Ҷамъоварӣ ва нашри суруд ва нақлу ривоятҳо дар бораи шӯриши Восеъ танҳо баъд аз тақрибан ним асри рух додани воқеа – аз ибтидои солҳои сиюми асри XX, шуруъ шудааст. Бори аввал намунаи сурудҳои халқӣ дар бораи шӯриши Восеъ соли 1930 дар маҷаллаи “Раҳбари дониш” бо пешгуфтори С. Раҳимӣ, ки 35 таронаро дар бар мегирифт, ба нашр расид [13, с. 6-10]. Дар соли 1931 Институти давлатии илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ бригадаи махсуси ҷамъоварии маводи фолклорӣ таъсис дод [12, с. 45], ки дар ин маврид саҳми намоён гузошт. Ҳамчунин, соли 1934 нахустин маҷмуаи эҷодиёти шифоҳии халқ “Адабиёти даҳанакӣ” (мураттиб О. Исматӣ) ба табъ расид, ки 28 банд суруди “Шӯриши Восеъ”-ро зери унвони “Таронаҳои халқ дар хусуси Восеъ” дар бар мегирифт. Ба қавли мураттиб, бо вуҷуди пахши шӯриш, “мардикорон ва деҳқонони меҳнаткаши халқи тоҷик онро фаромӯш накарда, бо номи Восеъ таронаҳо эҷод мекарданд” [8, с. 6]. Банди зерини машҳур намуна оварда шудааст:

Восеъ сари сангонай,
Пои аспаш лангонай,
Худуш марди майдонай [8, с. 12].

Баъдан, соли 1941 китоби муҳимми Л. Бузургзода ва Р. Ҷалилов “Инъикоси шӯриши Восеъ дар фолклор дар Ленинград ба нашр расид. Х. Пирумшоев муқаддимаи онро, ки ба қалами Л. Бузургзода тааллуқ дорад, ҳамчун “як навъ кори мустақили илмӣ” [12, с. 53] арзёбӣ кардааст. Дар ин асар ба аҳаммияти эҷодиёти халқ, махсусан, сурудҳои мардумӣ дар бораи шӯриши Восеъ баҳои баланд дода шудааст: онҳо “ҳамчун васиқаҳое, ки ҳаракати озодихоҳии деҳқонони тоҷикро нишон медиҳанд, яке аз маъхазҳои таърихӣ мебошанд” [2, с. 5].

Осори фолклорӣ ва мақолаҳои солҳои 20 - 50-уми асри гузашта нашршуда дар бораи шӯриши Восеъ бештар хусусияти нақлӣ ва тасвирӣ дошта, дар онҳо танҳо ба шинос кардани хонандагон бо ганҷинаҳои халқ иктифо карда шудааст. Яъне, онҳо аз хусусияти илмӣ орӣ буда, дар бораи симои қаҳрамон пешниҳоде надоштанд.

Танҳо аз солҳои 50-ум таҳқиқоти илмии воқеӣ бо таҳлил ва шарҳи сабабҳои шӯриш, образи қаҳрамонон ва ҳадафҳои сиёсиву иҷтимоии шӯриш шакл гирифт. Дар ин бора муҳаққиқ М. Муродӣ низ ёдовар шудааст: "Такризҳои "А. Болдиров "Дар бораи "Шӯриши Восеъ" ва "Эпоси даҳанакии халқ" [10, с. 14-15] аз намунаи навиштаҳои танқидии марбут ба асарҳои фолкорианд. Мақолаҳои А. Болдиров сабабҳо ва таърихи навишта шудани "Эпоси Гурӯғлӣ" ва "Шӯриши Восеъ"-ро дар бар гирифта, муаллиф мазмун, мундариҷа, сюжет, забон ва амалиётҳои қаҳрамонҳоро нақл мекунад. Ин мақолаҳо ҳам тобиши муаррифиро гирифта, мақсади онҳо на таҳлили асар, балки ба хонанда шинос намудани мазмуни китобҳо аст" [10, с. 159].

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ муҳаққиқ А. Шоҳаншоев ба масъалаи ҷамъоварии сурудҳо ва омӯзиши онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир кард. Ӯ аҳаммияти кори худро дар он медид, ки маҳз дар ин давра образи Восеъ ва сурудҳои мардумӣ барои баланд бардоштани рӯҳи ватандӯстии мардум мусоидат хоҳад кард [18]. Вобаста ба ин, таъкид кардан лозим аст, ки дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва баланд шудани руҳияи худшиносӣ, ҳифзи озодӣ ва Истиқлоли давлатӣ эҳё гардонидан, ба вуҷуд овардани чеҳраи қаҳрамони миллӣ Восеъ, пеш аз ҳама, тавассути амиқ ба роҳ мондани омӯзиши сурудҳо ва нақлу ривоятҳои мардумӣ ва намунаи ибрат нишон додани корномаи ӯ зарур ва саривақтӣ буда метавонад.

Аввалин мақолаи илмӣ дар бораи сурудҳои халқии шӯриши Восеъ таҳқиқоти Н. Маъсумӣ бо номи "Шӯриши Восеъ ва сурудҳои таърихӣ" соли 1950 интишор ёфт, ки "то ба имрӯз ягона таҳқиқоти муфассал дар бораи сурудҳои ин шӯриш ба ҳисоб меравад [17, с. 96]. Муаллиф аҳаммияти сурудҳои халқиро дар муайян кардани саҳифаҳои номаълуми шӯриш ва шахсияти қаҳрамонони он махсус таъкид кардааст. Ба қавли нигоранда, сурудҳои мазкур дар асоси воқеаҳо суруда шуда, "қатъи назар аз он ки асари бадеиянд, ба ҳодиса, воқеа, мавриду лаҳзаҳои шӯриш хеле мутобиқат доранд ва ба ҳақиқати воқеӣ хеле наздиканд" [9, с. 70]. Дар вақташ сурудҳои шӯриши Восеъро фолклоршиносон "сурудҳои таърихӣ" меномиданд. Маъсумӣ ба сифати мазкур "асари бадеӣ" низ илова кардааст. Ӯ сурудҳои таърихиро аз таронаҳои лирикию иҷтимоии халқӣ фарқ кунонда, қайд кардааст, ки онҳо "одатан аз рӯи панҷ аломати хосашон (персонажҳои таърихӣ, мавқеи ҳодиса, шароити таърихӣ, ҳодисаи таърихӣ, замони воқеа) ба ҳисоб гирифта мешаванд". [9, с. 75]. Ба хулоса омада, ки сурудҳои шӯриши Восеъ дар як вақт ҳам "асари таърихӣ" ва ҳам "асари бадеӣ" мебошанд, ки "хусусияти барҷастаи шеваи ҷанубии Тоҷикистонро инъикос мекунанд" [9, с. 79-80]. Ҳамчунин, муҳаққиқ аҳаммияти сурудҳои халқиро дар муайян кардани бисёр саҳифаҳои номаълуми шӯриш ва қаҳрамонони он баланд арзёбӣ кардааст: зеро азбаски дар бораи шӯриш ягон ҳуҷҷати расмӣ ва хаттӣ боқӣ намондааст, "ягона воситае, ки чунин воқеаи таърихиро бояд барои наслҳо боқӣ мемонд, хотироти халқ будааст" [9, с. 73].

Бояд гуфт, ки дар сурудҳо, муҳим аз ҳама сабаб ва далели сар задани шӯриш ба назар мерасад: "*Зулми амирон, ки ҳудудаш набуд, // Косаи сабри фуқаро пур намуд"* [3, с.109]. Ҳамчунин, аз байти мазкур маълум мегардад, ки аксари мардуми деҳот аз баргузории шӯриш ва ҳадафҳои он воқиф буданд ва назари хешро ба он ифода мекарданд. Ба қавли муҳаққиқон, "шӯришгарон ҳанӯз ба қалъаи Балҷувон ҳуҷум наоварда, дар бораи Восеъ ва дӯстону ҳаммаслакони ӯ таронаҳо суруда, мақсади шӯришгаронро бо суруду ривоятҳо ифода мекарданд". Зикр мекарданд, ки Восеъ миру ҳоким шуданӣ нест, ҳадафаш дигар аст:

Мақсади мо на мирӣ,
Маломатум накунӣ,
Эй халқ чува мехобӣ.

Даъвои мирӣ ва ҳокимӣ надоштани Восеъ аз фолклор минбаъд ба ашъори шоирони халқӣ ва маъруф, ҳамчунин, насри бадеӣ гузашт. Чунончӣ, дар шеъри М. Қаноат ба чунин як байт вомехӯрем: "Ҳурмати ин оташи сӯзон, ки ман / Ас надорам даъвии тоҷу нигин" [21, с. 23]. Ҳамчунин, дар драмаи "Восеъ"-и С. Улуғзода, дар ҷавоби сухани сахти Сангалӣ ба Восеъ, ки "сари ту ҳавои мирӣ гирифтай" мегӯяд, қаҳрамон ҷавоб додааст: "Бефаҳмита нишон додӣ. Аввал ин ки мақсади ман мир шудан нест. Фақирон маро мири ғазот, мири ҷанг хостанд" [9, с. 152]. Бо вуҷуди ин, Восеъ аз рӯи ғурур, далерӣ ва мардонагии кӯҳистоние, ки

дошт, барои он ки халқро “сар шуда буд” дар он вазъи беҳокимиятӣ худро сарвари мардум шуморид ва узви ҳукуматашро эълон намуд:

Восеъ мега: ма мирум,
Мулло Назир вазирум,
Балҷувона мегирум [3, с. 111].

Имрӯз муайян кардани он ки Восеъ даъвои ҳукумат дошт ё на душвор аст, аммо аниқ аст, ки ҳадафи асосиаш кӯтоҳ кардани дасти ҳокимон аз болои мазлумон буд, ки то андозае ба он ноил гардид. Восеъ дар ин кор “қонунҳои некукорӣ ва адолатро ба роҳбарӣ гирифт”. Азбаски Восеъ шахси ботаҷриба, рӯзгардида, матинирода буд, метавонист ба мардум роҳбарӣ кунад; ин аст, ки вай “дар масъалаи бедор кардан ва дар шӯриши зиддиамирӣ ташкил намудани халқ худро вазифадор ва масъул шуморида, намунаи далерӣ ва фидокорӣ, устуворӣ ва қатъият нишон медод... Аз ин ҷиҳат “Сурудҳо дар бораи Шӯриши Восеъ” ин лаҳзаи муҳимми таърихиро реалистона инъикос мекунанд.

Сурудҳо дар бораи нияту мақсади шӯришчиён ва нақшаву тартиби корашон низ маълумоти кофӣ медиҳанд. Дар ин замина баробари норасоии маълумоти хаттӣ ва оморӣ маҳз фолклори халқ сарчашмаи боэътимоди таърихӣ маҳсуб мешавад. Бисёр бандҳои суруд гувоҳӣ медиҳанд, ки мардум на танҳо аз шӯриш ва ҳадафҳои он воқиф буданд, балки дар он фаъолона иштирок доштанд. Муҳаққиқон бар ин назаранд, ки ҳанӯз дар оғози шӯриш суруду ривоятҳо дар байни мардум паҳн шуда буданд.

Восеъ баромад Балансар,
Хавар карду аскар,
Фуқаро омадан яксар.

Аз матни сурудҳо макони воқеаҳо низ муайян мегардад: “*Восеъ хамбид Тути қозӣ, // Мирора дохт да бозӣ”...* Ин аст, ки имрӯз бо истифодаи дастовардҳои технологияи муосир имкони барқарор кардани харитаи ҷуғрофиёи шӯриш мавҷуд аст.

Аз сурудҳои халқӣ эътиқод ва боварии қавии мардум ба Восеъ маълум мегардад. Халқ ба ҳақиқати кори саркардаи Восеъ бовар дошт: “сурудҳо қудрату тавоноии Восеъ, ҳиматбаландӣ, ҳақиқатпарастӣ, ҷасорати ӯ ва дигар хислатҳои хоси қаҳрамонро воқеъбинона тараннум кардаанд”.

Шокир Мухтор навиштааст, ки матни русие, ки (тарҷумаи Н. Жаркова) Аҳрорӣ аз он истифода бурдааст, низ ноқис аст. Камбудиҳое, ки дар матни русӣ ҷой доранд, дар забони тоҷикӣ такрор ва баъзан илова шудаанд.

Тарҷумаҳои Н. Жаркова ва Ҳ. Аҳрориро мо ба матни асл муқоиса кардем. Маълум гардид, ки ҷо-ҷо тарҷумонҳо муаллифро нафаҳмидаанд. Мо ба ин қабил камбудиҳо дар сатрҳои аввалин вомехӯрем. Дар асл:-Бинед! Боз ҳамон шинели кӯҳанпӯши мо! Дар русӣ: Смотрите-ка, притащился! Опять эта старая шинель здесь! Дар тарҷумаи Ҳ. Аҳрорӣ:- ана нигоҳ кунед, кашола шуда омад! Боз ин шинели кӯҳна дар ҳамин ҷо!

Тарҷумаи мутарҷими мо, тарҷумаи таҳтулафзии матни русӣ аст. Чунин мисолҳо хеле бисёранд. Вале азбаски Ҳ. Аҳрорӣ ба матни асл сару кор надоштааст, мо ҳам бо ҳамин қаноат мекунем.

Хулоса, Оноре де Балзак аз машҳуртарин адибони адабиёти фаронсавӣ буда, шахсияти ӯ ниёз ба тавзеҳ надорад ва бештари нависандагони Фаронса ашъори ӯро сарчашмаи илҳом карда мазмуни асарҳои ӯро такрор намудаанд. Муаррихони гузашта низ ҳар кадоме мақоми воло ва ҷойгоҳи ин адибро дар осмони беканори адабиёти ҷаҳонӣ нишон додаанд. Дар ин мақола мо кӯшиш ба харҷ додем, ки дар бораи нақши Шокир Мухтор дар таҳқиқ ва тарҷумаи осори Оноре ду Балзак бо забони тоҷикӣ, каме ҳам бошад, маълумот диҳем. Асарҳои офаридаи Оноре де Балзак аз шоҳкориҳои ҷаҳонист, ки тули қарнҳо ташнагони адабиёти оламро аз ин адабиёти ҷаҳонгир шодоб гардонидааст. Осори Балзак бо забони содаи фаронсавӣ навишта шуда, бо сабку услуби худ дар адабиёти ҷаҳонӣ хело маълум аст. Асарҳои Балзак ба адабиёти халқҳои дигари олам низ таъсири бевосита расонидааст.

Адабиёт

1. *Мухтор, Ш. Мақолот / Ш. Мухтор. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 244 с.*
2. *Мухтор Ш. Замон ва тарҷумон/ Ш. Мухтор. – Душанбе: Адиб, 1989. – 308 с.*
3. *Мухтор, Ш. Пайванди дӯстӣ / Ш. Мухтор // Маданияти Тоҷикистон. 1.05.1981. – С. 3.*
4. *Мухтор, Ш. Тоҷикистон аз назари адибони Фаронса / Ш. Мухтор // Садои Шарқ. №2, 1983. – 136 с.*
5. *Мухтор Ш. Манбаи омӯзиш // Садои Шарқ, 1979. - №11. - 159 с.*
6. *Мухтор Ш. Луи Арагон ва суханварони Аҷам // Газети муаллимон. №8, декабри 1987.*
7. *Мухтор Ш. Франция читает Гулиста / Ш. Мухтор. - Душанбе: Ирфон, 1987. - 123 с.*
8. *Мухтор, Ш.Персидско-таджикская классическая поэзия во Франции / Ш. Мухтор. - Душанбе: Деваштич, 2003. - 480 с.*
9. *Мухтор Ш. Балзакро ба тоҷикӣ мутолиа мекунем // Маориф ва маданият. – 1974. - 21 май.*
10. *Мусулмониён, Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ / Р. Мусулмониён. - Душанбе: Маориф, 1987. - 564 с.*
11. *Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт. – Душанбе: Маориф, 1990. - 876 с.*
12. *Савтҳои Ховар. (Баёзи осори шарқии шуарои Аврупо) // Р. Мусулмониён. - Душанбе: Ирфон, 1986. - 225 с.*
13. *Салямов, Г. Т. Литературная традиции и проблемы художественного перевода (Сопоставительностилистический и типологический анализ): Дисс… д-ра филол наук / Г. Т. Салямов. - Ташкент, 1982. - 305 с.*
14. *Султонова, Ш. Нақши Шокир Мухтор дар таҳқиқи адабиёти тоҷику форс дар Фаронса / Ш. Султонова // Вестник педагогического университета. – 2023. - №4. – С. 161-165.*

НАҚШИ ШОКИР МУХТОР ДАР ТАҲҚИҚ ВА ТАРҶУМАИ ОСОРИ ОНОРЕ ДЕ БАЛЗАК БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи нақши Шокир Мухтор дар таҳқиқ ва тарҷумаи осори Оноре де Балзак ба забони тоҷикӣ меравад. Дар пажӯҳиш ва баррасии робитаҳои адабӣ, бахусус дар муайян намудани пайванди адабиёти тоҷик бо адабиёти халқҳои Аврупо - олмонӣ, фаронсавӣ, лаҳистонӣ, англисӣ ва ғайра хизмати адабиётшиноси номвари тоҷик, устоди зиндаёд Шокир Мухтор сазовори таваҷҷуҳи махсус аст. Омӯзиши усули муқоисавӣ аз бисёр ҷиҳат барои муайян намудани махсусияти ин ва ё он адабиёти миллӣ ё худ ин ва ё он фардияти нависандагӣ мусоидат мекунад. Шокир Мухтор аз рӯи ҳамин вижагӣ амал намуда, ҳусни таваҷҷуҳи рӯзафзуни фаронсавиёнро ба мероси халқҳои форсу тоҷик нишон медиҳад, ки мавқеи ҳар олим ва устоди суханро дар болоравии илму маърифат ва тафаккури бадеии мардуми Фаронса таъкид менамояд. Асарҳои Балзак дар дили ҳар хонанда нақши асари ҷовидонаро боқӣ мегузорад ва бо тамоми маҳорат тасвир намудани ҳолати кахрамонон ва вазъияти онҳо хонандаашро ба ҳайрат меорад. Зеро баъди хондани асарҳои Оноре де Балзак хонандаро як ҳиссиёти аҷибе фаро мегирад. Имрӯзҳо низ осори Балзак дар байни халқи тоҷик шуҳрати калон дорад. Забон ва услуби ин асари ҷавонмардӣ хеле ҷаззоб буда, завқу шавқи хонандаро ба хондани онҳо зиёд мекунад. Ҳар як нафаре, ки як асари Балзакро мутолиа менамояд, ба ӯ завқи хондани дигар асарҳояш пайдомегардад.

Калидвожаҳо: асар, Шокир Мухтор, Оноре де Балзак, забони фаронсавӣ, забони тоҷикӣ, хонанда, робитаҳои адабӣ, тарҷума, нависанда, услуб.

РОЛЬ ШОКИРА МУХТОРА В ИССЛЕДОВАНИИ И ПЕРЕВОДЕ ПРОИЗВЕДЕНИЙ ОНОРЕ ДЕ БАЛЬЗАКА НА ТАДЖИКСКИЙ ЯЗЫК

В статье рассматривается роль Шокира Мухтора в исследовании и переводе произведений Оноре де Бальзака на таджикский язык. В исследовании и обсуждении литературных связей, особенно в определении связей таджикской литературы с литературой европейских народов - немецкой, французской, польской, английской и др., особого внимания заслуживает вклад известного таджикского литературоведа, современника Шокира Мухтара. Изучение сравнительного метода во многом помогает определить специфику той или иной национальной литературы, ту или иную индивидуальность письма. Действуя на этой особенности, Шокир Мухтар демонстрирует растущий интерес французов к наследию персидского и таджикского народов, подчеркивая роль каждого ученого и мастера слова в подъеме науки, просвещения и художественного мышления французского народа. Произведения Бальзака остаются в сердце каждого читателя как вечный шедевр, а его искусное изображение ситуаций и обстоятельств жизни персонажей поражает читателя. Потому что после прочтения произведений Оноре де Бальзака читателя охватывает странное чувство. Произведения Бальзака и сегодня пользуются большой популярностью среди таджикского народа. Язык и стиль произведений этого молодого человека весьма привлекательны, что повышает интерес и удовольствие читателя от их прочтения. Любой, кто прочитает хотя бы одно произведение Бальзака, получит удовольствие от прочтения и других его произведений.

Ключевые слова: произведение, Шокир Мухтор, Оноре де Бальзак, французский язык, таджикский язык, читатель, литературные связи, перевод, писатель, стиль.

THE ROLE OF SHOKIR MUKHTOR IN THE RESEARCH AND TRANSLATION OF THE WORKS OF HONORE DU BALZAC INTO THE TAJIK LANGUAGE

The article discusses the role of Shokir Mukhtar in the study and translation of the works of Honore de Balzac into the Tajik language. In the study and discussion of literary connections, especially in determining the connections of Tajik literature with the literature of European peoples - German, French, Polish, English, etc., special attention should be paid to the contribution of the famous Tajik literary scholar, a contemporary of Shokir Mukhtar. The study of the comparative method largely helps to determine the specifics of a particular national literature, a particular individuality of writing. Acting on this feature, Shokir Mukhtar demonstrates the growing interest of the French in the heritage of the Persian and Tajik peoples, emphasizing the role of each scientist and master of words in the rise of science, education and artistic thinking of the French people. Balzac's works remain in the heart of every reader as an eternal masterpiece, and his skillful depiction of situations and circumstances of the characters' lives amazes the reader. Because after reading the works of Honore de Balzac, the reader is overcome by a strange feeling. Balzac's works are still very popular among the Tajik people. The language and style of this young man's works are very attractive, which increases the reader's interest and pleasure in reading them. Anyone who reads at least one of Balzac's works will enjoy reading his other works.

Keywords: work, Shokir Mukhtor, Honore de Balzac, French language, Tajik language, reader, literary connections, translation, writer, style.

Дар бораи муаллиф
Султонова Шукрона Бобоҷоновна
Омӯзгори кафедраи забони фаронсавӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: shukrona93@gmail.com

About the author
Sultonova Shukrona Bobojonovna
Teacher of the French language department
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: shukrona93@gmail.com

Об авторе
Султонова Шукрона Бободжоновна
Преподаватель кафедры французского языка
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: shukrona93@gmail.com

ТДУ 891.550.092

ВИЖАГИҲОИ ИСТИФОДАИ РАДИФ ДАР РУБОИЁТИ ВОҚИФИ ЛОҲУРӢ

Асомиддинзода Ш.
Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АМИТ

Пеш аз ба таҳлили нақши радиф дар фароҳам овардани сохт ва мазмуни рубоиҳои Воқифи Лоҳурӣ пардохтан лозим медонем, ки нисбати теъдоди рубоиҳои радифдор дар асоси ҷойгиршавиашон дар девони шоир маълумот пешниҳод намоем. Ин маълумот худ шоҳиди истифодаи фаровони радиф аз ҷониби шоир ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи рубоиҳои Девони шоир анҷоми мисраъҳои ҳамқофияи 19 рубоӣ бо ҳарфи «алиф» буда, 17-тои онҳо дорои радиф астанд. Аз ин шумораи радиф феълҳо, ки бо исм ё ба таври алоҳида меоянд ва ҷонишинҳо бештари радифро ба вуҷуд овардаанд. Масалан, агар радифи «тараҳҳум фармо» ба таври таъкид ва амр аз исму феъли амрӣ таркиб ёфта бошад, радифи «биё» феъли алоҳидаи амрӣ аст. Мисол бо радифи «тараҳҳум фармо»:

Ё Раб, ба фақириям тараҳҳум фармо,
Ё Раб, ба амириям тараҳҳум фармо.
Дар тифлию ҷавониям кардӣ раҳм,
Акнун дар пириям тараҳҳум фармо [1, с. 807].

Ба назар мерасад, ки ду мисраи рубоӣ аз ҷиҳати вазн ноқисӣ доранд ва дар онҳо сактаъ ҳис мешавад. Бар замми ин, калимаи «амирӣ» дар мисраи дуюми рубоӣ ба ҳеҷ ваҷҳ ба маънову мазмуни умумии рубоӣ мувофиқат надорад, ҳарчанд метавон онро ба маънои ирфонии «бениёз будан» шарҳ дод.

Дар Девони мавриди мустафод як рубоии дигар низ бо радифи «тараҳҳум фармо» омадааст, ки мураттибони Девони шоир Р. Худоёрзода ва Ш. Асомиддинзода низ онро дар миёни рубоиҳои Воқиф ҷой додаанд ва сарчашмаашро тазкираи «Наштари ишқ»-и Ҳусайнуқлихони Азимободӣ нишон додаанд:

Эй моями нози ман, тараҳҳум фармо,
Бар аҷзу ниёзи ман тараҳҳум фармо.
Дил сӯхт, гудохт ҷон зи бераҳмии ту,
Бар сӯзу гудози ман тараҳҳум фармо [1, с. 807].

Ҷонишинҳои шахсӣ аз зумраи он вожаҳое мебошанд, ки дар сохтани радифҳои бо ҳарфи “алиф” анҷомёфтаи рубоиҳои шоир дахолати зиёд доранд. Аз ҷумла, чунин ҷонишинҳо: **маро** (овард маро, нанвохт маро, сохт маро, танноз маро, андоз маро, овоз маро), **моро** (воҷиб моро, буд моро), **туро** (касе нест туро), **ӯро** (аз назар фикандӣ ӯро), **мо** (дили мо, рӯзии мо, фирӯзии мо, дилсӯзии мо) дар фароҳам овардани шакли рубоиҳои зикргардида ба таври зиёд ба назар расиданд. Барои мисол:

То меҳри рухи ту дар назар буд маро,
Ҳар шом зи равшанӣ саҳар буд маро.
Омад шаби ҳиҷр бехабар бар сари ман,
3-ин рӯзи сиёҳ кай хабар буд маро? [1, с. 808].

Чаҳор рубоии шоир бо ҳарфи «бе» радифбандӣ шудаанд, ки сетои онҳо иҳзори ҳоли гӯянда мекунанд ва аз ин чаҳор рубоӣ дуто дорои радиф мебошанд. Дар як рубоии шоир бо хитоб ба мутриб изҳори ҳол мешавад, ки ба назар аз намунаи ашъори мотиви сӯфиёна доштаи шоир ба ҳисоб меравад:

Савганд ба ҷон, ту ҷони моӣ, мутриб!
Валлоҳ, бигӯ, ки аз куҷоӣ, мутриб!
Роҳе, ки ту мебарӣ расонад ба Худо,
Ҳам раҳзану ҳам роҳнамоӣ, мутриб! [1, с. 810].

Бо ҳарфи «те» аз 62 рубоӣ 31-то дорои радиф ҳастанд. Боиси қайд аст, ки ҳамаи калимаҳои охири радиф бо ин ҳарф шаклҳои гуногуни феъл мебошанд, чунончи: «гузашт», «рафт», «бигузашт» (ё бигзашт), «аст», «ҳаст», «мондааст», «нест» «бифирист», «сӯхт», «шудаст», «афтодаст», «рафт», «мондаст», «дошт». Дар ин миён як рубоӣ бо радифи мухотаб ба дӯст («ҷигархарошӣ, эй дӯст», «ниёзпошӣ, эй дӯст», «бошӣ, эй дӯст») ва ду рубоӣ бо исм

дар васл бо ҷонишини ишоратии «-ат», ки низ ба мухотаби шоир далолат мекунад («дилат» ва «дастат») эҷод гардидаанд.

Аксари рубоиҳои ин даста иҳзори ҳасби ҳол ва дарди дил мебошанд, вале дар ин миён рубоиҳои мазмуну мавзуи ишқи ҷудогона (ишқи илоҳӣ ё сӯфиёна) низ мавҷуданд. Ба унвони мисол мазмуни ин рубоиро дида мебароем:

Ишқ аст, ки он неъмати алвони ман аст,
Роҳи ману рӯҳи ману райҳони ман аст.
Куфрон бошад, агар кунам шиква аз ӯ,
Ҷони ману дини ману имони ман аст [1, с. 812].

Бо ҳарфи «дол» радифи 39 рубоии Девони шоир анҷом мегардад. Аксари калимаҳо ва ибораҳои охири радиф шаклу замонҳои гуногуни феълӣ мебошанд, чунончи: «монд», «занед», «шавад», «шуд», «нашавад», «буд», «накунед», «карданд», «накард», «медонад», «афтад», «мегузарад», «бурд», «равад», «кард», «хоҳӣ дид», «надид», «мебахшад», «бахшанд», «натвон кард», «рафтанд», «месӯзад», «хӯрд», «медонад», «афтад», «дид», «надид», «рафтанд», «месӯзад».

Танҳо як рубоӣ аз радифбандӣ бо ҳарфи «дол» тавассути ҷонишини ишоратии шахсии «анд» сохта шудааст, ки дар ду мисраъ бо сифат ва дар як мисраъ бо исм омадаст. Рубоӣ ин аст:

Ширинписарон шӯри дили мискинанд,
Аз ҳусни гулӯсӯз балои динанд.
Аз хурду бузургашон ҳаловат резад,
Чун резакии қанд ҳама ширинанд [1, с. 820].

Радифи як рубоӣ бо сифати «озод» омадааст ва он бо феъли «кардӣ», таркиби сифати феълиро бавуҷуд овардааст:

Эй ишқ, маро зи қайд кардӣ озод.
Яъне аз зарқу шайд кардӣ озод.
Мамнуни туам, бандаи хешам хондӣ,
Аз миннати Амру Зайд кардӣ озод [1, с. 819].

Рубоии дигар бо пурсиши шуморавии «чанданд» сароида шудааст, ки сирф мазмуни иҷтимоӣ дорад ва онро таҳти таҳлили мавзуъ ва муҳтавои рубоиёти шоир аз назар хоҳем гузаронд.

Аз чаҳор рубоии бо ҳарфи «ро» анҷомшуда, танҳо яктоаш радиф дорад ва ин рубоӣ чунин садо медиҳад:

Он чашмсияҳ маст, бубинед охир!
Турке, ки маро хаст, бубинед охир!
Манъам макунед дигар аз кушта шудан,
Он дашнаву он даст, бубинед охир! [1, с. 826].

Бо ҳарфи «зе» чаҳор рубоӣ дар Девони шоир зикранд, ки аз онҳо дутояшон дорои радифи якхела ҳастанд. Ин радиф феъли «магрез» буда, дар мисраи аввали рубоии аввал шоир ба худ мурочиат мекунад. Рубоии дигар ҳам аз ҷиҳати истифодаи радифи комил кирои таваҷҷуҳ аст ва мо дар хусуси онҳо дар поён таваққуф хоҳем кард.

Аз се рубоии мисраъҳояшон бо ҳарфи «шин» баохиррасида як адад рубоӣ дорои радиф мебошад («дилбари хеш», «сари хеш», «бистари хеш»).

Бо «ъайн - Ъ» як рубоӣ сароида шудааст ва он аз зумраи ҳамон 7 рубоии дорои қофияву радиф дар ҳар чаҳор мисраъ мебошад. Чуноне, дар ибтидои таҳлил қайд намудем, дар миёни ҳамаи рубоиҳои шоир ҳамагӣ 9 рубоӣ дорои қофия дар ҳар чор мисраъ мебошанд ва аз онҳо 7 тояшон радиф низ дорад. Ба рубоии зер таваҷҷуҳ мекунем:

Эй бурда туро зи Ҳинд то Рум тамаъ,
Хосияти анбар макун аз мум тамаъ.
Иқболи Ҳумо мекунӣ аз бум тамаъ,
Зинҳор мадор ин ҳама аз шум тамаъ [1, с. 827].

Аз се рубоии бо ҳарфи «қоф» тамомшаванда дутояшон дорои радиф астанд, ки бо калимаи «ишқ» хотима меёбад. Мисраи охири рубоии охир аз ҷиҳати қофия ноқис аст ва ба назар мерасад ин ноқисӣ аз лиҳози афтидани феъли «дод» рух додаст, зеро дар «Гузидаи ашъор»-и шоир шакли дурусти он зикр гардидааст.

Ду рубоии бо ҳарфи «коф» анҷомшуда яке дорои радиф аст ва ибораҳои «даври фалак», «таври фалак» ва «ҷаври фалак» радифи онро фароҳам овардаанд.

Ҳар се рубоии мисраъҳои ҳамқояшон бо ҳарфи «лом» тамомшаванда дорои радиф астанд ва онро хитоби «эй дил» фароҳам овардааст. Дар яке аз рубоиҳо таркиби радиф аз «кардӣ, эй дил» иборат буда, ҳамаи мисраъҳои он ҳамқофия астанд, чунончи:

Дар ишқ басе шубоб кардӣ, эй дил!
Ошиқ шуда изтироб кардӣ, эй дил!
Ин кор на бар савоб кардӣ, эй дил,
Худрову маро хароб кардӣ, эй дил! [1, с. 828-829].

Теъдоди рубоиҳое, ки бо ҳарфи «мим» анҷом меёбанд, дар Девон 29-тоанд. Аз ин теъдоди рубоиҳо 28-тояшон радиф доранд. Ҳамоно, шакл ва замонҳои гуногуни феъл дар фароҳам овардани радифи рубоиёти ин даста фаъол мебошанд: «туам», «надорам, чӣ кунам», «мирам», «ғарқ шавам», «гаштам», «диҳам», «воқеъ шудаам», «мегӯям», «часпем», «бурдам», «рафтам», «дидам» ва мисли инҳо. Мисол:

Сарғаштаи рӯзгор воқеъ шудаам.
Овораи ҳар диёр воқеъ шудаам.
Аз воқеъаи худам ғам нест, ки ман,
Дур аз сари кори ёр воқеъ шудаам [1, с. 839].

Ҳарфи «нун» анҷоми мисраъҳои ҳамқофияи 14 рубоӣ дар Девон мебошад, ки 11-тои онҳо дорои радиф ҳастанд. Радифи 6 рубоиро ҷонишини шахси аввали шумораи танҳо, яъне «ман» фароҳам оварда, 5 рубоии дигар бо феъли амрии «кун», як рубоӣ бо феъли амрии «накун» ва боқимондаи дигар бо феълҳои «кардӣ», «биншин, биншин» анҷом шудаанд. Дар рубоии зер феъли амрии «биншин» тавассути санъати такрор омада, барои таъкиду панд шинам афтодаст:

Дидор ғанимат аст, биншин, биншин.
Эй ёр, ғанимат аст, биншин биншин.
Ин якду нафас, ки мову ту якҷоем,
Бисёр ғанимат аст, биншин, биншин [1, с. 838].

Аз 7 рубоии радифашон дар охир ҳарфи «вов» дошта, 5-тоашон бо ҷонишини шахси дуюми шумораи танҳо – «ту» ба охир мерасанд. Дутои ин рубоиҳо дорои шакли қофиябандии АААА мебошанд. Барои мисол:

Хубиву дилрабоӣ арзандаи ту.
Дил сайди нигоҳҳои фиребандаи ту.
Як дам ба ҳеч шармандаи ту,
Ман чокари ту, ғуломи ту, бандаи ту [1, с. 840].

Бо ҳарфи «ҳои ҳавваз» 9 рубоӣ дар Девон мавҷуданд, ки чортоашон радиф доранд. «Аллоҳ», «субҳонАллоҳ» ва «аъшоАллоҳ» аз зумраи он калимаҳое ҳастанд, ки радифи чанд рубоиии шоирро фароҳам овардаанд.

Бо ҳарфи «йо» 13 рубоӣ ба шумор омаданд ва 6-тои онҳо дорои радиф, аз қабили «овардӣ», «то кай», «умре», «бирасӣ» мебошанд.

Ҳамин тариқ, аз 209 рубоии дар Девони шоир сабтгардида 150-тоашон дорои радиф мебошанд, ки 72 % -ро ташкил медиҳад.

Дар мавриди вазифаи унсури радиф бошад, таҳлили рубоиҳои шоир нишон дод, ки он барои изҳори мавзуъҳо ва фароҳам овардани мазмуни асосии рубоӣ бо изҳори мақсади шоир яке аз воситаҳои асосии шеърӣ ба шумор омадааст. Вежагиҳои мустафод аз унсури радиф дар рубоиёти Воқифи Лоҳурӣ зиёданд ва мо дар зимн аз чанде аз онҳо ёдовар мешавем. Пеш аз ин такроран зикр мекунем, ки радиф дар рубоиҳои Воқифи Лоҳурӣ аз мақом ва нақши вижа бархӯрдор аст. Чунин мақом пайдо намудани радиф дар рубоиҳои шоир ба чанд сабаб вобастагӣ дорад, аз ҷумла:

а) Радиф, ки ихтирои намояндагони фарҳангу адаби форсу тоҷик аст, дар андеша ва рубоиҳои Воқифи Лоҳурӣ бидуни кӯшиши ҳунарсанҷӣ, яъне ба тариқи ҳотифӣ зуҳур намудаст. Аз ин рӯ, қисмати зиёди рубоиҳои шоир (65 %) дорои радиф мебошанд.

б) Радиф дар рубоиҳои шоир ҳамоно ба вазифаи асосии худ, яъне изҳори матлаби асосӣ омадааст. Ба унвони мисол, дар ин рубоӣ, ки матлаби шоир зарурат ба таъкид дорад:

Ҷон меравад аз манам, ***марав дур аз ман.***
Дар панҷаи душманам, ***марав дур аз ман.***

Биншин бари ман даме, ки таслим шавам,
Наздик ба мурданам, ***марав дур аз ман*** *[1, с. 837].*

Чунон ки дида мешавад, гардиши андеша ва ҳалли масъала ҳама ба дур нарафтани мухотаби гӯянда пайвастагӣ дорад ва аз он вобаста аст.

в) Яке аз ҳунарҳои шоистаи шоир дар сароидани рубоӣ қофиябандии танҳо калимаи аввал бо радифи боқимондаи калимаҳо мебошад, ки ба қавли муҳаққиқи назарияи адабиёт Раҳими Мусулмониён «ягон-ягон» ва «аксаран дар рубоӣ ва қитъаи майда» вомехӯранд [2, с. 255].

Дар миёни рубоиҳои Воқиф бо чанде аз чунин радифбандӣ мутаваққеҳ шудем, ки огоҳии шоирро аз ҳунари рубоисароӣ тасдиқ мекунад, чунончи:

Зар металабӣ ту, ман надорам, чӣ кунам,
Сар металабӣ ту, ман надорам, чӣ кунам.
Сабри ҷамил, ки дошт Яъқуб[2]*,*
Гар металабӣ ту, ман надорам чӣ кунам [1, с. 830].

г) Радиф худ як навъ такрор аст, аммо ба тарзҳои гуногун истифода гардидани такрори калимаҳо ба шеър хосият ва шаҳомати махсус мебахшад. Воқиф рубоиҳое дорад, ки дар онҳо низ танҳо калимаҳои аввал ҳамқофия омаданд ва қисмати оянда ҳамааш вазифаи радифро иҷро мекунад.

Вижагии рубоии зерин, ки аз ин қабил аст дар он зоҳир мегардад, ки ду калимаи охири он феъли амрӣ буда (“биншин, магрез”), такрори онҳо дар мисраъҳои рубоӣ натанҳо ба шакли он ҳусн бахшидаанд, балки мазмунро барҷаста ва ҳадафи шоирро пуртаъсир гардондаанд:

Ёро, ба ту корҳост, биншин, магрез,
Моро ба ту корҳост, биншин, магрез.
Ҳарчанд, ки ҳаст ин дили бераҳмат,
Хоро, ба ту корҳост, биншин, магрез [1, с. 826].

д) Такрори як калима ҳамчун радиф низ дар мисраъҳо ба назар мерасад, ки ҳамоно барои таъкиди матлаби шоир истифода шудааст. Масалан, дар рубоии зерин, натанҳо қофиябандӣ тавассути як калима анҷом шудааст, балки калимаи такрории «биншин» таъкид, тавалло, илтимос ва хоҳиши шоирро инъикос намудаст, ки дар маҷмуъ мазмуну мундариҷаи рубоиро дар умум ва мақсади шоирро ба таври алоҳида нишон медиҳад:

Дидор ғанимат аст, биншин, биншин,
Эй ёр, ғанимат аст, биншин биншин.
Ин якду нафас, ки мову ту якҷоем,
Бисёр ғанимат аст, биншин, биншин [1, с. 838].

е) Шоир радифро дар ҳар чаҳор мисраъ низ истифода намудаст, ки аз вежагиҳои ҳунари ӯ дар сароидани ин жанри шеърӣ ба ҳисоб меояд. Масалан, дар ин рубоӣ:

Ошиқ шудиву зи ман рамидӣ, эй дил!
Рафтиву ба хоку хун тапидӣ, эй дил!
Ту гуфтаи ман намешунидӣ, эй дил!
Дидӣ, ки зи дилбарон чӣ дидӣ, эй дил! [1, с. 829].

Ё масалан, дар ин рубоӣ низ, ки радифаш бо хитоб ба дил анҷом мепазирад:

Дар ишқ басе шубоб кардӣ, эй дил!
Ошиқ шуда, изтироб кардӣ, эй дил!
Ин кор на бар савоб кардӣ, эй дил!
Худрову маро хароб кардӣ, эй дил! [1, с. 828-829].

ё) Мустафоди тахаллус яке аз хасоиси рубоиҳои Воқиф ба шумор меояд, ки дар чандтои онҳо ба назар расид. Исми шоир на танҳо дар чанде аз рубоиҳои берадиф, балки дар рубоиҳо мисраъҳояшон мураддафбуда низ омадааст. Барои мисол:

Бемеҳрии рӯзгор маълумам шуд,
Бераҳмии он нигор маълумам шуд.
Воқиф, чӣ нишастаӣ, бигӯяш бархез,
Кайфияти ин диёр маълумам шуд [1, с. 819].

[2] Дар ин мисраъ барои пуррагии вазн калимае намерасад.

ж) Истифодаи исми шоир дар як рубоӣ умуман қобили тавақҷуҳ ва зикр аст, ки дар осори рубоисароёни номӣ камтар ба чашм мерасад. Дар рубоии мутазаккир исми шоир қисмате аз радифи онро фароҳам овардааст, чунончи:

Аз васлу фироқи ёр, Воқиф, магрез,
Аз хориву эътибор, Воқиф, магрез.
Дар кӯчаи орзу замингир машав,
Бархез аз ин диёр, Воқиф, магрез [1, с. 826].

з) Дар шумораи ками рубоиҳои мураддаф шакли дигари радиф низ ба назар расид. Масалан, дар рубоии зерин радифҳои ду мисраи аввалаш дорои калимаҳои зиёдтар буда, дар мисраи охираш калимаҳои радиф ихтисор мешаванд, вале он ба қофияву вазни рубоӣ халал ворид намесозад:

То чанд зи ғам фисрудаам хоҳӣ дид,
Дар дасти алам фисурдаам хоҳӣ дид.
Дилтанг мабош з-ин ҳама безор машав,
Баъд аз ду-се рӯз мурдаам хоҳӣ дид [1, с. 821].

Бояд қайд гардад, ки на ҳамаи рубоиҳои шоир дорои ҳусн ва вежагӣ ҳастанд, зеро дар баъзе аз онҳо ҳазфи қофия, ноқисии қофия, ноқисии радиф ва мисли ин заъфҳо ба назар мерасанд.

Адабиёт

1. *Воқифи Лоҳурӣ, Нурулъайн. Девони Воқиф. Бо кӯшиши Ғулом Раббонӣ Азиз. – Лоҳур, 1963. – 845 с.*
2. *Мусулмониён, Раҳим. Назарияи адабиёт [Матн] / Раҳими Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 336 с.*
3. *Родуёнӣ, Муҳаммад ибни Умар. Тарҷумону-л-балоға [Матн] / Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ. Чопи дувум. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Аҳмад Оташ. – Теҳрон: Асотир, 1362.– 263 с.*
4. *Тоиров, У., Ибодов, Б., Тоиров, Ш. Каломи манзум [Матн] / У. Тоиров, Б. Ибодов, Ш. Тоиров. – Душанбе: Шарқи Озод, 2005. – 455 с.*
5. *Тӯсӣ, Насируддин. Меъёр-ул-ашъор [Матн] / Насируддини Тӯсӣ. Таҳияи Урватуллои Тоир, Мирзо Абдуллоев, Раҳмуддини Ҷалол. – Душанбе: Ориёно, 1992. – 152 с.*
6. *Шарифов Х., Тоиров У. Назмшиносӣ [Матн] / Х. Шарифов, У.Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 384 с.*

ВИЖАГИҲОИ ИСТИФОДАИ РАДИФ ДАР РУБОИЁТИ ВОҚИФИ ЛОҲУРӢ

Мақола ба таҳлили унсури радиф дар рубоиҳои Воқифи Лоҳурӣ бахшида шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки радиф ҳамчун як воситаи муҳими баён, дар 72% рубоиҳои шоир истифода шудааст ва барои ифодаи мақсаду мазмуни асосӣ нақши калидӣ мебозад. Вижагиҳои хоси истифодаи радиф - аз зуҳуроти ҳотифӣ то таъкиди мазмун ва корбасти тахаллус - мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Мазмуну мавзуъҳои рубоиҳо низ гуногун буда, аз эҳсосоти фардӣ то танқиди иҷтимоӣ ва мазҳабӣ фаро мегиранд. Инчунин, таъсири шеъри халқӣ ва сабки шоирони маъруф чун Хайём ва Абусаид дар ашъори Воқиф эҳсос мешавад. Мақола дар маҷмуъ, радифро ҳамчун унсури муҳими бадеӣ дар эҷодиёти Воқифи Лоҳурӣ арзёбӣ менамояд.

Калидвожаҳо: Воқифи Лоҳурӣ, радиф, рубоӣ, таҳлил, мазмун, сабк, Хайём, Абусаид, шеъри халқӣ, тахаллус, андеша, маънӣ, эҳсосоти фардӣ, танқиди иҷтимоӣ.

ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ РАДИФА В РУБАИ ВАКИФА ЛАХОРИ

Статья посвящена анализу элемента радифа в рубаи Вакифа Лахори. Автор показывает, что радиф используется в 72% рубаи поэта как важнейшее средство выражения, играющее ключевую роль в передаче основной идеи и замысла. Рассматриваются особенности использования радифа - от вдохновенного проявления до акцентирования смысла и применения прозвищи. Тематика рубаи разнообразна: от личных переживаний до социальной и религиозной критики. Также подчёркивается влияние народной поэзии и поэтических стилей таких известных авторов, как Омар Хайям и Абусаид Абульхайр, на творчество Вакифа. В целом, радиф рассматривается как важный художественный элемент в поэзии Вакифа Лахори.

Ключевые слова: Вакиф Лахори, радиф, рубаи, анализ, смысл, стиль, Хайям, Абусаид, народная поэзия, прозвища, мысль, значение, личные переживания, социальная критика.

FEATURES OF RADIF USAGE IN THE RUBAIYAT OF WAQIF LAHORI

The article is devoted to the analysis of the radif element in the rubaiyat of Waqif Lahori. The author demonstrates that radif (refrain word or phrase in classical Persian poetry) is used in 72% of the poet's quatrains as a crucial expressive tool, playing a key role in conveying the main idea and intention. The study explores various features of radif usage — from inspired, intuitive expression to emphasizing meaning and using pen names (takhallus). The themes of the rubaiyat are diverse, ranging from personal experiences to social and religious critique. The influence of folk poetry and the poetic styles of such renowned authors as Omar Khayyam and Abusaid Abulkhayr on Waqif's work is also highlighted. Overall, radif is regarded as an essential literary element in Waqif Lahori's poetry.

Keywords: Waqif Lahori, radif, rubaiyat, analysis, meaning, style, Khayyam, Abusaid, folk poetry, pen name, thought, interpretation, personal experience, social critique.

Дар бораи муаллиф
Асомиддинзода Шарофиддин
Номзади илмҳои филологӣ, унвонҷӯй
Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ
736001, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4
E-mail: mudir7373@mail.ru

Об авторе
Асомиддинзода Шарофиддин
Кандидат филологических наук, соискатель
Институт гуманитарных наук им. академика Б. Искандарова НАНТ
736001, Республика Таджикистан, г. Хорог, ул. У.Холдоров, 4
E-mail: mudir7373@mail.ru

About the author
Asomiddinzoda Sharofiddin
Candidate of Philological Sciences, Researcher
Institute of Humanities named after Academician B. Iskandarov under the NAST
736001, Republic of Tajikistan, Khorog, avenue U. Kholdorov, 4
E-mail: mudir7373@mail.ru

ТДУ 821.222.1.09-32

МУҲТАВО ВА УСТУХОНБАНДИИ ДОСТОНҲОИ «ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО»-И ХОВАРИИ ШЕРОЗӢ ВА АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ВА МОНАНДИВУ ФАРҚИ ОНҲО

Ҷавҳарӣ М. О.
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Достонҳои “Юсуф ва Зулайхо”-и Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ, ки аввалӣ соли 1862 ва дувумӣ солҳои 1483-1484 навишта шудаанд, аз нигоҳи соли эҷод шуданашон фосилаи зиёд, беш аз 370 сол фарқ мавҷуд аст. Вале ҳам Ховарии Шерозӣ ва ҳам Абдураҳмони Ҷомӣ аз як сарчашма баҳрабардорӣ кардаанд, ки Қуръони карим аст.

Оғози қиссаи “Юсуф ва Зулайхо” аз фолклори яҳудиён сар шуда ва баъдан ба таркиби Таврот, қисмати “Ҳастӣ” [4, с. 15-92] ворид гардида, дар фарҳанги форсии тоҷикӣ аввалин нишонаҳои онро дар китобҳои муътабари “Таърихи Табарӣ, “Тарҷумаи “Тафсири Табарӣ” ва дар шеъри форсии тоҷикӣ дар ашъори Устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ба мушоҳида мегирем. Рӯдакӣ дар шеъри худ борҳо ба образи Юсуф мурочиат кардааст, ки ин чо як намунаи онро аз назар мегузаронем:

Юсуфрӯе, к-аз ӯ фиғон кард дилам,
Чун дасти занони мисриён кард дилам.
З-оғоз ба бӯса меҳрубон кард дилам,
Имрӯз нишонаи ғамон кард дилам [2, с. 87].

Дар ин мисол чанд саҳнаҳои қисса бозгӯӣ шудаанд, ки дар рисолаҳои илмӣ ва китобҳои дарсиву мақолаҳои зиёди донишмандон баррасӣ шудаанд ва мо аз тафсили он худдорӣ мекунем.

Минбаъд сюжети ин қиссаи дилангез ба фолклор ва адабиёти форсии тоҷикӣ роҳ ёфта, ба он силсилаи достонҳо, шеърҳои гуногуни дорои мазмунҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ ва ирфонӣ навишта шудаанд. Дар як рубоии халқӣ як лаҳзаи сюжети қисса чунин ифода ёфтааст:

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар,
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Ай кош, гадо будӣ ба Канъон хуштар [7, с. 113].

Адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар қарнҳои 1Х ва Х шакли комил гирифт, шоирону адибони ин давра ва баъд ба осори бостонӣ рӯй оварданд, чунки дар осори гузашта анъанаҳои неки зиёд маҳфузанд ва онро метавон неҳзати эҳё номид.

Ривоҷу равнақ ва мустақилияти адабиёти классикии форсии тоҷикиро дар ин давра Х.Шарифов чунин ба мушоҳида гирифтааст: “Баъди илму фарҳанг ва рӯҳонияту маънавияти исломии араб ё дар баробари он як тамаддуни тозаи исломӣ ба номи эронӣ бо исму расми хоси худ ба вуҷуд омад. Ин неҳзати бузурги фарҳангӣ ва рӯҳониву маънавие буд, ки дини исломро аз ҳудуди миллати араб берун овард ва ҳукми ҷаҳонӣ дод” [8, с. 14-15].

Донишманди бузурги рус Д.С.Лихачев роҷеъ ба ҳамин маънӣ сухани боарзише дорад: “Ҳар як растохези фарҳангӣ дар таърих аз мурочиат ба гузашта вобастааст” [5, с. 118].

Эҷоди намунаҳои гуногуни шеърӣ, достонҳо ва тафсирҳои зиёд ба сюжети қиссаи “Юсуф ва Зулайхо” хосатан дар асрҳои 1Х-Х шакли комил мегирад, чунки образи Юсуф ҳамчун пешво ва пайғамбар чун манбаи омӯзиш ва пайравиву ситоиш буд. Зарурати ҳамчун образи типӣ шакли комил гирифтани симои Юсуф талаби замон ба чунин пешвои оқилу хирадманд буд, чунки баъди заволи Сомониён чунин зарурат шадидан пеш омада буд.

Ҳамин зарурати таърихиро Ю.Салимов чунин таъкид кардааст: “То ин замон “Шоҳнома”, ки ҳамосаи эпикист, хидмати худро иҷро карда буд, вале завқи мардум ва адабиёт ба офаридани чунин типҳои барҷастаи адабӣ шадидан ниёз дошт, ки ин қонунияти адабиёт аст” [6, с. 97-98].

Бо дарки чунин масъулият низ достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ навишта шудаанд, ки яке ба шоҳзодаи қоҷорӣ Маҳмуд Мирзо ва дигарӣ ба шоҳзодаи темурӣ Султон Ҳусайни Бойқаро бахшида шудааст.

Ҳар ду достон аз нигоҳи устухонбандӣ комилан асари мустақили бадеӣ буда, дар пайравии бевоситаи ягон шоир гуфта нашудаанд, аммо ҳам Ховарӣ ва ҳам Ҷомӣ ба шоирони гузашта эътимод ва эътироф доранд, ки сюжети ин қиссаи машҳурро ба риштаи назм

кашидаанд. Агар Абдураҳмони Ҷомӣ дар ҷавоб гуфтан ба “Хамса”-и Низомии Ганҷавӣ ба эҷоди достон шуруъ карда бошад, Ховарӣ аз рӯи завқи шоирӣ ва санҷидани маҳорати худ ва дар ин мавзуи ҷолиб асар офаридан онро ба назм даровардааст. Аммо, вақте ки ҳар ду шоир достонҳояшонро ба ду шоҳи замонашон-Маҳмуд Мирзо ва Ҳусайни Бойқаро бахшидаанд, дар ин ҷо ҳадафҳои эҷодии ҳар ду шоир ба назар мерасад, ки мақсади эшон ба шоҳи замон панде гуфтан ё роҳе нишон додан аст, ки мисли Юсуфи донову ботадбир бошанд ва дар корҳои давлатдорияшон судҳо бардоранд.

Достони Ховарии Шерозӣ аз нигоҳи хаҷм нисбат ба достони Абдураҳмони Ҷомӣ калонтар аст ва аз 6795 байт иборат аст ва достони Ҷомӣ аз 4032 ва ба таъкиди худи шоир “аз чор ҳазор байт” фароҳам омадааст:

Гирифтам байт-байташро шумора,
Ҳазор омад, валекин чор бора.

Азбаски саҳифаи охири достони Ховарӣ дастрас нест ва аз нусхаи ягонаи мавриди таҳқиқи мо афтодааст, дар ҳоли ҳозир миқдори умумии байтҳои достонро 6795 байт меҳисобем. Достони Ховарӣ бо байтҳои муқаддимавии:

Худовандо, диламро дида бикшой,
Ба дида талъати нодида бинмой.
Ба дардат улфати Айюбиям бахш,
Ба ҳаҷрат тоқати Яъқубиям бахш [10, с. 1].

оғоз шуда, бо байтҳои:

Биҳамдуллоҳ, ки ин покиза гавҳар,
Зи табъи поки ман шуд зеби дафтар...
Ҳама ҳамтинату ҳамзоду ҳамдам,
Ҳама ҳамшира Исо бинни Марям [10, с. 467],

ба охир мерасад ва соли хатми он 1240-и ҳиҷрӣ (1862-и мелодӣ) аст.

Аз байтҳои аввали достони Ховарӣ ба назар мерасад, ки шоир бо муноҷоти худ ба даргоҳи Худованд орзу ва талаб дорад, ки “ҷаҳонро бо чашми дил (дар достон бо дидаи дил – Ҷ.М.) бубинад”, “барояш аз маърифат роҳе диҳад”, ки тавассути он оламро дарк кунад ва ба “дардаш сабри Айюби пайғамбар” ва ба “фурқату ҳичронаш тоқати Яъқуб”- ро диҳад. Ба Зулайхо “умеди васл”- ро арзонӣ дорад.

Дар байтҳои охир шукри он мекунад, ки навиштани ин достон бо нерӯи хома ба поён расид.

Достони Ҷомӣ солҳои 1483-1484 эҷод гардида, бо байтҳои:

Илоҳӣ, ғунчаи умед бикшой,
Гуле аз равзаи ҷовид бинмой.
Бихандон аз лаби он ғунча боғам,
В-аз ин гул атрпарвар кун димоғам.
Зи шеърам хомаро шаккарзабон кун,
Зи атрам номаро анбарфишон кун...
Биё, Ҷомӣ раҳо кун шармсорӣ,
Зи софу дурд пеш ор он чи дорӣ [1, с. 137-138]

оғоз гардидааст ва бо байтҳои:

Биҳамдуллоҳ, ки бар рағми замона,
Ба поён омад ин дилкаш фасона.
Дилам, к-аз назмсанҷӣ дар ано буд,
Зи фикри қофия дар тангно буд...
Суханро аз дуъо додӣ тамомӣ,
Ба омурзиш забон бигшодӣ, Ҷомӣ.
Сияҳкорӣ макун чун хомаи хеш,
Бишӯй аз чашми пурхун номаи хеш.
Забонро гӯшмоли хомушӣ деҳ,
Ки ҳаст аз ҳар чи гӯӣ, хомушӣ беҳ [1, с. 382]

ба охир мерасад.

Абдураҳмони Ҷомӣ низ достони худро бо муроҷиат ба Худованд, ки “ғунчаи умедро бикушояд” ва “гулеро аз равзаи ҷовид”, яъне ҷаннат барояш бинамоёнад, ки ин ҷо манзур Юсуф аст, оғоз бахшидааст.

Аз ин мисолҳо оварда ба назар мерасад, ки ҳар ду шоир достонашонро бо муқаддимаи анъанавӣ оғоз бахшидаанд ва аз даргоҳи Худованд барои то охир дар дараҷаи баланд ба охир

расонидани достонҳо тавфиқ хостаанд. Ҳар ду достон бо шукргузории муаллифон ба даргоҳи Ҳақ ба охир мерасад ва як навъ дуъои хатми достонҳо низ мебошад.

Ҳар ду шоир асарҳояшонро “фархунданома”, “покизагавҳар”, “дилкаш фасона” номидаанд, ки воқеан зеби дафтарҳо гаштаанд ва аз замони эҷодашон то кунун на танҳо зеби дафтарҳо, балки зебу ороиши завқу ҳунару моли воқеии адабиёти форсии тоҷикӣ ва олам гаштаанд.

Абдураҳмони Ҷомӣ ҳам дар муқаддима ва ҳам дар анҷоми достон исми тахаллусро овардааст, ва фарқ дар ин ҷо он аст, ки ин нукта дар достони Ховарӣ ба назар намерасад ва Ховарӣ дар мобайн ва охири баъзе бобҳои таркиби достон тахаллусашро овардааст.

Достонҳои Ховарӣ ва Ҷомӣ аз нигоҳи вазн монанди ҳам буда, дар вазни ҳазаҷи мусаддаси мақсур, ки аз рукнҳои мафоӣлун-мафоӣлун-мафоӣл (ду бор дар як байт), ки схемааш:

V--- V--- V--

V--- V--- V--

аст, иншо шудаанд. Ин вазни маъмултарини достонҳои ишқии классикии форсии тоҷикӣ мебошад. Дар ҳар мисраъ адади ҳиҷоҳо баробар буда, аз 11 ҳиҷо иборатанд.

Достони Ховарии Шерозӣ аз муқаддима ва 180 боб фароҳам омадааст, ки аз ин миён муқаддима ва 14 боб ба сюжети достон алоқа надоранд ва бобҳои анъанавии хоси достонҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, ба мисли “Дар кайфияти хилқати олам ва эҷоди навъи Бани Одам”, “Дар тавҳиди ҷаноби Борӣ ва кайфияти офариниши олам”, “Дар таҳқиқи он ки ҳеҷ касро бе машияти азалӣ дар ҳеҷ коре ихтиёре нест”, “Дар муноҷот ба даргоҳи Қозиюлҳоҷот” ва ғайра оғоз шудааст.

Достони Абдураҳмони Ҷомӣ дар маҷмуъ аз муқаддима ва 74 боб фароҳам омада 12 боби аввал ба сюжети достон дахл надоранд. Бобҳои аввалӣ ва анъанавии достони Ҷомӣ, ба мисли “Ифтитоҳи нома ба номи Ягонае, ки чашмаи равшани меҳр аз дарёи наволаш як нам аст ва дафтари мулаввани сипеҳр аз оёти камолаш як рақам”, “Тартиби далоили ҳастии воҷиб Таъоло намудан ва тарғиб ба тааммул дар он фармудан”, “Даст бардоштан ба муноҷот ба дастёрии арбоби ҳоҷот” ва ғайра сар мешавад, ки дар ин ҷо як монандие дар ҳар ду достон аз оғоз ба назар мерасад.

Миқдори байтҳо дар бобҳои ҳар ду достон тақрибан якхела буда, дар маҷмуъ аз 16 то 25 ва 40 байтиро ташкил медиҳанд.

Унвони бобҳои достони Ховарии Шерозӣ мушаххасу муайян баён гардида, бевосита ба мавзуъ ва ҳадафи он ишора мекунанд, масалан: “Дар хоб дидани Зулайхо Юсуфро ва фиреҳтаи ҷамоли ӯ шудан дар навбати аввал” , “Рӯзгор гузаронидани Зулайхо дар муфориқати Юсуф алайҳиссалом”, “Рафтани ихвон аз Миср ба Канъон” ва ғайра.

Дар “Юсуфу Зулайхо”-и Ҷомӣ низ номи бобҳо ифодагари мазмуни достон аст, ки воқеан шоирона номгузорӣ шудаанд ва истифодаи унсури сачъ, яъне насри қофиядор ба назар мерасад, чунки дар асри ХУ унсурҳои насри қофиядор роиҷ буд [9, с. 108-120]. Бисёре аз бобҳои достон бо ибораҳои зебои қофиядори шоирона, мисли: “Дар баёни он ки ҳар як аз ҷамол ва ишқ мурғест аз ошёни ваҳдат парида ва бар шохсори мазоҳири касрат орамида, агар навои иззати маъшуқест аз он ҷост в-агар нолаи меҳнати ошиқест, ҳам аз он ҷост”...ва ғайра нигошта шудаанд.

Оғози бисёр бобҳои достони Ҷомӣ бо мисраъҳои хеле ҷолиб сар мешаванд, ба мисли: “Суханпардози ин ширин фасона”, “Гуҳарсанҷони дарёи маонӣ”, “Суханпардози ин кошонаи роз”, “Варақхонони ваҳйи осмонӣ”, “Чунин гуфт он сухандони сухансанҷ”, ва ғайра сар мешаванд, ки дар воқеъ хонандаро ба худ ҷалб намуда, як эҳсосоти эстетикӣ ва маънавӣ мебахшанд. Ин ифодаҳои зебо далолат бад-он доранд, ки Ҷомӣ яке аз шоирони эътирофшудаи воқеии замони худ буда, чунин ифодаҳо аз ҳусну камоли сухани шоири муваффақ гувоҳӣ медиҳанд.

Қисмати саршавии бобҳои достони Ховарии Шерозӣ бо мисраъҳо, шоҳбайтҳо ва паёми зебое шуруъ мешавад, ба мисли оғози бобҳои достони Абдураҳмони Ҷомӣ, аз ҷумла: Биё, эй хома, эй мушкиншамома, Биё, эй Ховариро зеби нома, “Куҳан афсонасанҷи ин ҳикоят”, “Куҳан саҳронаварди дашти эҷод”, “Хушилҳон андалеби гулшани роз”, “Суханпардози ин кошонаи роз”, Биё, эй хомаи мушкиншамома”, “Куҳан машшотаи рухсори нома” ва ғайра, ки воқеан ҷолибанд.

Дар достони Ховарии Шерозӣ боби алоҳидае ба унвони “Дар манқабати Асадуллоҳ Алғолиб ҳазрати Алӣ ибни Абитолиб алайҳиссалом” омадааст, ки баёнгари афкори мазҳабии шоир аст, ки ӯ аз аҳли шиъиён мебошад:

Алӣ он шаҳсавори бадру сайфин,

Тирози маҳфили Тоҳову Ёсин.
Касе, к-омад саногустар Худояш,
Ҳазорон ҷони ман бодо фидояш [10, с. 27].

Ховарӣ дар байтҳои поёнӣ аз зӯру қуввати Алӣ ёдовар мешавад, ки дар набардҳои Муҳаммад Пайғамбар ӯ корнамоиҳо кардааст, Сулаймон чокараш аст ва Юсуф ғуломи ӯ ва ӯ мисли Исои Масеҳ аст ва мақоми Муҳаммади Пайғамбарро дорад:

Сулаймон чокаро, Юсуфғуломо,
Масеҳо сирато, Аҳмадмақомо!
Киро он поя, к-ӯ гӯяд саноят?
Саногӯи ту бошад чун Худоят! [10, с. 28].

Ховарӣ симои Алиро, ки пешвои шиъиён аст, таърифу тавсифи зиёд кардааст ва албатта ҳамчун пайрави мазҳаби шиъӣ ба ин ҳақ дорад.

Дар достони “Юсуфу Зулайхо”- и Ҷомӣ андешаҳои фалсафии тасаввуф нақши муҳим доранд, ки аз нигоҳи мӯҳтаво ва устухонбандӣ достони ӯ аз дигар достонҳо фарқ дорад, чунки ӯ пайрави тариқати нақшбандияи тасаввуф буда, дар боби алоҳидае бо номи “Дар табаррук ҷустан ба зикри Хоҷа, ки ба муқтазои ъинда зикр-ас-солеҳин танзила-ар-раҳмата зикри ӯ сармояи истинзоли раҳмати нури шуҳуд аства пирояи истихлос аз раҳмати зуҳури вуҷуд” дар тавсифи тариқати хеш ва пири худ Хоҷа Убайдуллоҳи Нақшбанд чунин фармудааст:

Китоби фақрро дебочаи рост,
Саводи нури килки хоҷаи мост.
Касе чун ӯ ба лавҳи арҷмандон
Назад нақши бадеи нақшбандон.
Чу фақр андар қабои шоҳӣ омад,
Ба тадбири Убайдуллоҳӣ омад [1, с. 138].

Ҷомӣ достони худро “муҳаббатнома” меномад ва Ховарӣ бошад “фархунданома” ва “зарринанома”. Ҷомӣ пас аз овардани сухан дар боби ишқ ба кайфияти сурудани сужет мепардозад:

Ба ҳар нақде, к-аз эшон харҷ созам,
Зи ҳикмат тоза ганҷе дарҷ созам.
Тамаъ дорам, ки ҳар ногаҳ шигарфе,
Бихонад з - ин муҳаббатнома ҳарфе [1, с. 151].

Ба назар мерасад, ки Ҷомӣ асосан дар бораи ишқ мехоҳад сухан кунад ва аз байтҳои қаблӣ дида мешавад, ки “асоси достонро ду мафҳуми асосӣ ва мақулаи ҳастӣ: зебоӣ ва ишқ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, “муҳаббатнома” номидани достон ба ҳамин ваҷҳ аст ва дигар нуктаҳо барои шоир дар достон дуюмдараҷа ҳастанд ва ба онҳо камтар таваҷҷуҳ зоҳир кардани шоир бе далелу замина нест” (Ҷ.М.)

Боби алоҳидае бо унвони “Достони духтари Бозға ном аз насли Од, ки ба молу ҷамол назири худ надошт ва ғоибона ошиқи ҷамоли Юсуф шуд”, дар достони “Юсуфу Зулайхо” - и Ҷомӣ омадааст, ки ин нукта дар достони Ховарии Шерозӣ ба назар намерасад ва як фарқи дигар дар муҳтаво ва устухонбандии достонҳо мебошад.

“Юсуфу Зулайхо” - и Ҷомӣ ба шеваи баёни ба худ хос эҷод шуда, ба тафсили воқеаҳои муфассали сужет, ки дар “Таврот” ва “Қуръон” омадаанд, дигаргун офарида шудааст. Ҷомӣ аз шарҳу баёни батафсили воқеаҳои қиссаи “Юсуфу Зулайхо”, ки дар Таврот Қуръон ва тафсирҳои зиёди ин сӯра ба назар мерасанд, худдорӣ карда, танҳо ҷанбаҳои асосии онро, ки бештар ба бархӯрди ишқи Юсуф бо Зулайхо бастагӣ доранд, ба тасвир гирифтааст. Ҷомӣ дар тасвири ишқи тасаввуфӣ, ки дар симои муршид Юсуф дар назар аст, бартарӣ нишон додааст ва сӯзи ошиқи беқарор Зулайхоро дар роҳи расидан ба васли Юсуф, бо як маҳорати баланд тасвир намудааст.

Ховарии Шерозӣ бошад, мавзуи қиссаро ба тафсил бозгӯӣ карда, кӯшиш кардааст, ки бештар симои Яъқуб ва баъд Юсуфро баррасӣ намояд, ки ин шеваи хоси баёни шоир аст.

Як фарқи дигари достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ дар он аст, ки пас аз муқаддима ва бобҳои анъанавӣ баёни сюжети достони Ховарӣ бо номи “Ниқоби ихтифо аз чеҳраи аҳволи Зулайхо гушудан ва шарҳи кайфиёти ҳоли ӯро ба тадриҷ боз намудан”аз васфу ситоиши Зулайхо оғоз мешавад:

Кунун шуд вақти он, эй ёри дамсоз,
Кунӣ аз моҳи Мағриб қисса оғоз.
Зи аҳволи Зулайхо роз гӯӣ,
Ҳадиси ӯ ба ёрон боз гӯӣ [10, с. 40-41].

Дар достони Абдураҳмони Ҷомӣ баёни сюжет бо боби “Достони шамъи ҷамоли Юсуфӣ дар шабистони ғайб афрӯхтан ва парвонаи дили одамро ба мушоҳадаи фурӯғи он сӯхтан” аз баёни зебоии Юсуф оғоз мегардад:

Ба чашмаш Юсуф омад чун яке моҳ,
На маҳ, хуршеди авҷи иззату ҷоҳ.
Ҷу шамъи анҷуман з-он шамъи мумтоз,
Миёни шамъ шамъосо сарафроз [1, с. 151-152].

Дар асрҳои 16-18 диққати наққошон ва миёнтурсозонро саҳнаҳои зебову ҷолиби достони “Юсуфу Зулайхо”- и Ҷомӣ ба худ ҷалб кардааст, ки донишманди тоҷик М.Ашрафӣ таъкид мекунад, ки “Ин минётурҳо дар асри XVI офарида шудаанд ва аз минётурҳои дигар, ки дар шаҳрҳои Ленинград, Боку, Душанбе, Тбилиси, Ереван, Москва нигоҳдорӣ мешаванд, аз нигоҳи маҳорати минётурсозӣ ва фарогирии лаҳзаҳои муассири достон бартариҳои зиёд доранд” [3, с. 199-200].

Дар достонҳои Ховарӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ бобҳои шубонӣ кардани Юсуф, аз шубонии Юсуф дилгир шудани Зулайхо ва хоҳиш кардани ӯ, ки Юсуф дигар шубонӣ накунад, се маротиба хоб дида ба Юсуф дил додани Зулайхо ва мунозара байни образҳои достонҳо, хусусан Юсуф бо Зулайхо ва дигарон ҳамгун ба назар мерасанд.

Дар достони Ховарӣ дар ду маврид фасли алоҳидае бо номи “Дар тамсил гӯяд”, ки тамсили аввал аз 27 байт ва дувум аз 17 байт иборатанд, оварда шудааст, ки ин нукта дар достони Абдураҳмони Ҷомӣ ба назар намерасад.

Фарқи дигар дар устухонбандии достонҳои Ховарӣ ва Ҷомӣ дар истифодаи бобҳо ва фаслҳое ба назар мерасад, ки дар достони Ҷомӣ дида намешаванд. Ховарии Шерозӣ барои пуробуранг шудани сюжети достони худ бобҳои нав илова кардааст, ки чунин бобҳо ва ҳикоёту қиссаҳо дар достони Ҷомӣ ба назар намерасанд.

Қисмати ҷамъбастии достонҳои Ховарӣ ва Ҷомӣ бо бобҳои шикоят аз фалак ва хатми китоб ба охир мерасанд, ки то дараҷае монандӣ доранд.

Адабиёт

1. *Абдураҳмони Ҷомӣ. Осор дар ҳашт ҷилд. Ҷилди чорум. «Субҳатул- аброр» ва «Юсуф ва Зулайхо». Мураттибон: З.Аҳрорӣ ва М. Мамедова. - Душанбе: Адиб, 1988. - 384 с.*
2. *Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Насими Мӯлиён. Маҷмуаи ашъор. Дебоча ва танзиму тавзеҳи А.Раҳмонфар. - Душанбе: Адиб, 1999. - 192 с.*
3. *Ашрафӣ М. Неизвестные миниатюры в рукописи «Юсуф и Зулейха» Джами из собрания АН Узбекской ССР // Абдураҳмони Ҷомӣ. Маҷмуи мақолаҳо. - Душанбе: Ирфон, 1965. - С. 199-209.*
4. *Библия. Книга священного писания Ветхого и Нового Завета. - Москва, 1979. - 749 с.*
5. *Лихачев Д.С. Развитие русской литературы Х-ХУ11 веков. Поэтика древнерусской литературы. Избранные работы в трёх томах. Том 1. - Ленинград, 1987. - 654 с.*
6. *Салимов Ю. Насри ривоятӣ. Маҷмуи мақолаҳо. Мураттибон: О.Аминзода, Н Салимов. - Душанбе: Ирфон, 1986. - 128 с.*
7. *Фолклори тоҷик. Тартибдиҳандагон: М. Турсунзода, А.Н.Болдирев. - Сталинобод: Нашр. Давл. Тоҷ., 1957. - 453 с.*
8. *Шарифов Х. Ислом ва адабиёти форсии тоҷикӣ // Паёми андеша (Маҷаллаи Ройзании фарҳангии ҶИ Эрон дар Тоҷикистон). - Шумораи аввал, 3 феврали 1998. - С. 46-60.*
9. *Шарифов Х. Назарияи наср. - Душанбе: Пайванд, 2004. - 319 с.*
10. *«Юсуф ва Зулайхо»-и Ховарии Шерозӣ. Китобати Аббоси Манзурӣ. - Теҳрон: Интишороти «Навиди Шероз», 1369-и ҳ. - 472 с.*

МУҲТАВО ВА УСТУХОНБАНДИИ ДОСТОНҲОИ «ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО»-И ХОВАРИИ ШЕРОЗӢ ВА АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ ВА МОНАНДИВУ ФАРҚИ ОНҲО

Муҳтаво ва устухонбандии достонҳо, фаъолияти образҳо дар достонҳо ҳамгун аст. Муҳтавои ҳарду достон тасвири ишқи пок аст. Достонҳои Ховарии Шерозӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ дар як вазн навишта шудааст. Достонҳо бо фаслҳои анъанавии ҳамду наът ба даргоҳи Худованд оғоз гардида, Ховарии Шерозӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ фасле дар ситоиши Пайғамбар Муҳаммад овардаанд. Достони Абдураҳмони Ҷомӣ фарогири ишқи тасаввуфӣ аст ва нақшбандияро тавсиф менамояд. Достони Ховарии Шерозӣ зиёдтар ҳазрати Алиро тавсиф мекунад. Достонҳо аз нигоҳи ҳаҷм фарқ доранд. Достони Ховарии Шерозӣ аз 6795 байт ва Абдурраҳмони Ҷомӣ аз 4000 ва нусхаҳои дигари он аз 4032 байт фароҳам омадаанд. Дар ҳар ду достон Зулайхо се маротиба хоб дида, ба Юсуф ошиқ мешавад ва дар хоби ӯ Юсуф мегӯяд, ки номи ӯ Азизи Миср аст.

Калидвожаҳо: Ховарӣ, Ҷомӣ, достон, муҳтаво, фарқ, ҳамгун, ишқ, Юсуф , Зулайхо, нақшбандия ва Алӣ.

СОДЕРЖАНИЕ И СТРУКТУРА ПОЭМ «ЮСУФ И ЗУЛЕЙХА» ХОВАРИ ШИРАЗИ И АБДУРАХМАНА ДЖАМИ, ИХ СХОДСТВА И РАЗЛИЧИЯ

Содержание и структура рассказов, а также действия персонажей в рассказах одинаковы. В основе обоих рассказов лежит изображение чистой любви. Истории Ховари Ширази и Абдуррахмана Джами написаны в одном и том же размере. Поэми начинаются с традиционных разделов восхваления всевышнего (бога), Ховари Ширази и Абдуррахман Джами включают разделы, восхваляющие Пророка Мухаммеда. Поэм Абдуррахмана Джами представляет собой сборник суфийских любовных историй, в котором описывается Накшбанди. Поэм Ховари Ширази в основном описывает Хазрата Али. Поэми различаются по длине. «Ховари достони» Ширази состоит из 6795 стихов, Абдуррахмана Джами — из 4000, а другие версии — из 4032 стихов. В обеих историях Зулейха трижды видит сон, в котором влюбляется в Юсуфа, и во сне Юсуф говорит ей, что его зовут Азиз из Египта.

Ключевые слова: Ховари, Джами, история, содержание, различие, сходство, любовь, Юсуф, Зулейха, накшбандия и Али.

THE CONTENT AND STRUCTURE OF THE POEMS "YUSUF AND ZULAYKHA" BY KHOVARII SHIRAZI AND ABDURAHMAN JAMI, AND THEIR SIMILARITIES AND DIFFERENCES

The content and structure of the stories, the activities of the characters in the stories are the same. The content of both stories is a depiction of pure love. The stories of Khovarii Shirazi and Abdurrahman Jami are written in the same meter. The poems begin with traditional sections of praise and odes to God, and Khovarii Shirazi and Abdurrahman Jami include sections in praise of the Prophet Muhammad. Abdurrahman Jami's Dastoni is a collection of Sufi love stories and describes Naqshbandi. Shirazi's Dastoni Khovarii mostly describes Hazrat Ali. The poems differ in length. Shirazi's Khovarii Dostoni is 6,795 verses long, Abdurrahman Jami's is 4,000, and other versions are 4,032 verses long. In both stories, Zulaikha dreams three times and falls in love with Yusuf, and in her dream, Yusuf tells her that his name is Aziz of Egypt.

Keywords: Khovari, Jami, story, content, difference, similarity, love, Yusuf, Zulaikha, naqshbandiya, and Ali.

Дар бораи муаллиф
Ҷавҳарӣ Муҷибахон Одил
Раиси кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ
735920, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Пушкин, 1
E-mail javhari.71@mail.ru

Об авторе
Джавхари Муджибахон Одил
Председатель Комитета Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан по социальным вопросам, семьи и здравоохранения
735920 , Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Пушкина, 1
E-mail javhari.71@mail.ru

About the author
Javhari Mujibakhon Odil
Chairman of the Committee of the Majlisi namoyanagon of the Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan on social, family and health issues
735920, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Pushkin, 1
E-mail javhari.71@mail.ru

ТДУ 891.550.092

АШЪОРИ ОШИҚОНА-ОРИФОНАИ ВОИЗИ ҚАЗВИНӢ

Шоев А. А.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Аз падидаҳои муҳимтарини ҳаёти инсонӣ, ки бештар аз ҳар чиз ӯро барои расидан ба кӯи мурод кӯмак мекунад, ишқ мебошад. Эҳсоси муҷизаосори он зиндагии инсонро рангин, азмашро дуруст, сайъяшро комил, таҳаммулашро зиёд, мушкилписандиашро қавӣ ва садҳо таҳаввулоти созандаи дигарро тавлид менамояд. Бинобар ин, ба ишқ ва олами муҷизавиаш инсоният, хосса аҳли эҷод таваҷҷуҳи дерина дошта, онро ба тамоми ҷузъиёташ дар осори адабии худ тарғибу ташвиқ ва тараннум кардаанд. Ин раванд то ҳадде коргар шудааст, ки тору пуди адабиёти моро гӯё бо ишқ сиришташта ва аз устод Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Саноӣ, Аттор, Саъдӣ, Мавлавӣ ва дигарон то имрӯз адиберо пайдо кардан душвор аст, ки ба ишқ ва зебоиҳои он мутаваҷҷеҳ нашуда бошад. Ҳатто дар таърихи адабиёт шоироне дорем, мисли Носири Бухороӣ, Ҳилолӣ, Туғрал, ки ошиқвашанд ва тамоми осорашонро ба ишқ сурудаанд. Ин аст, ки ишқ ва тараннуми он ба мавзуи ҷовидонаи адабиёти форсии тоҷикӣ табдил ёфтааст. Воизи Қазвинӣ ҳам дар васати шоирони классикӣ ба ишқ таваҷҷуҳи хоссе доштааст ва намунаҳои хуберо дар ин мавзуъ манзури хонанда карда, дар тақвияти ишқиясароиҳои пешиниёни худ саҳм гирифта, аз ҷараёнҳои адабӣ ва аз мавзуъҳои фараҳбахши адабиёт дар канор набудани хешро собит намудааст. Шоир ишқро муҳитарин василаи суханофаринӣ ва онро пухтакунандаи сухан медонад. Барои тақвияти андешаашро обро сухан ва ишқро оташ номида, ки яке дигареро ба ҷӯш меорад ва онро аз хомӣ ба пухтагӣ табдил месозад:

Сухан аз ишқ , пӯхта мегардад,
Об доим хӯрад зи оташ ҷӯш [5, с. 282].

Нахустин образе, ки дар ашъори лирикии шоир худро ба забони ҳол мубталои ишқ медонад, ошиқ мебошад ва пас он симои ҷонон ба ҷилва меояд, ки бо ҳусну ҷамоли хеш вуҷуди ошиқро дар худ маҳв кардааст. Шоир ҳолати ба ишқи ҷонон мувоҷеҳ гаштани қаҳрамони лирикашро чунин тавзеҳ додааст:

Саропои вуҷудам, баски гум дар ишқи ҷонон шуд,
Нигаҳ дар ашки ман, чун ришта дар тасбеҳ пинҳон шуд [5, с. 204].

Ин ҳолат аз он боис арзи ҳастӣ кардааст, ки ҷонон ҳусни оламгир ва тасхирсоз доштааст. Ҷазбаи ҳусн ва зебоӣ ошиқро моту маҳбут намуда, ӯро ба ҳайрат, дар худ гум шудан ва аз хеш ниҳон гаштан водор сохтааст. баъд аз ин ошиқ ба ҷое расидаст, ки дигар таҳаммули нигаҳдошти сирри ишқро надорад ва оташу алангаи он имкони аз дил бурун омаданро пайдо кардааст:

Ин ишқи оташинро, натавон нуҳуфт дар дил,
Пинҳон наметавон кард дар шиша ранги бода [5, с. 365].

Ин маънои онро дорад, ки ҳеҷ сирре пӯшида нахоҳад монд. Аз он ҷумла сирри ишқ ҳам ки беқарорию рангзандию азобҳои зиёде бар сари ошиқ меоварад, ниҳон монда метавонад. Бо вуҷуди ин ошиқ бо ибрози садоқату самимият ва муҳаббат итминон медиҳад, ки дар роҳи ишқи ҷонон устувор аст, касеро ба ҷуз ӯ намехоҳад ва сирри ишқро аз бегона пинҳон хоҳад дошт. Чунончи:

Чунон зи ғайри ту, эй бевафо, гурезонам,
Ки дар раҳи ту нагирад касе нишони маро [5, с. 33].

Ин ҷо қаҳрамони лирикӣ аз ёри худ гила карда, ӯро бевафо хондааст. Аз он ҷиҳат ки нисбат ба кӯшишҳои ошиқ беэътиноӣ зоҳир кардааст. Талошҳои мазкури ӯро ба эътибор нагирифтааст. Дар байти дигар сабаби бевафоии ёрро қаҳрамони лирикӣ дар хомии ӯ мушаххас карда, маъшуқаро “навниҳол”-и нав ба ҳосил даромада тавзеҳ намудааст:

Дар дилаш мағзи вафо нест ҳанӯз аз хомӣ,
Навниҳол асту самар хуб набастааст ҳанӯз [5, с. 269].

Дарёфти калимаву ибораҳои “мағзи вафо, хомӣ, навниҳолу самар бастан” дар баёни маънӣ ва ибрози андешаи қаҳрамони лирикӣ, воқеияти фикру нишонрасии ҳадаф хеле хуб хизмат кардаанд. Ҳамаи ин ишора ба навҷавонию камтаҷрибагию муҳаббатношиносии

маъшуқа далолат мекунанд. Ҷои дигар қаҳрамони лирикӣ аз мушоҳидаи ҳусни дилошуби маъшуқа ба изтироб омада, нияту орзуҳои аҷиберо дар дили худ падид меорад ва ҳасрат мехӯрад, ки ба орзуяш мерасида бошад. Чунончи:

Лаболаб мешавам аз ҳасрати лаб бар лабаш судан,
Ҷу бар ҳам мегузорад шӯхи ман лабҳои майгунро [5, с. 39].

Дар ин ҷо ошиқ ёрашро ба ибораи тавсифии “шӯхи ман” малеҳ ёд мекунад. Агар дар байти намуна “лаби майгун”-и маъшуқа қалби ошиқро рабуда бошад, дар байти зерин вай бо даст додани имкон ба дидани тамоми зебоиҳои ӯ мушарраф гашта, аз Худо талаб кардааст, ки ба ӯ он “нозукандом”-ро насиб гардонад:

Нозукандоме, ки ман дидам, Худо рӯзӣ кунад,
Чун қабо бар гирди ӯ гардидан, аммо тангтар [5, с. 259].

Ин ҳамон орзуест, ки ҳар ошиқ метавонад дар дилаш парварад ва дар ҷустуҷӯю амалишавиаш бошад. Дар байти дигар, ошиқ аз ишқу ҳусн сухан ба миён оварда, пешаю шеваи ҳар яке аз онҳоро мушаххас нишон дода, худро ҳама дар вафо ва шӯхро ҳама дар ҷафо муаррифӣ намудааст.

Чун вафо пешаи ишқ асту ҷафо шеваи ҳусн,
Ман ҳама инаму он шӯх саро по он аст! [5, с. 104]

Ба ин маънӣ, қаҳрамони лирикӣ хешро дар ишқ устувору вафопеша ва маъшуқаро бевафою ҷафопеша манзур сохтааст. Ҳусни рӯзафзуни маъшуқа намегузорад, ки ошиқ ором гирад. Вай бо тамоми ҳастияш бераҳмона ба ҷониби ошиқ ҷафоҳояшро афзун менамояд ва кори ӯро мехоҳад мушкилтар созад ва ошиқ чунин муносибати маъшуқаро ба қатл баробар донистааст:

Мешавад дар қатлам он бераҳм, беоромтар,
Мебарад ҳар чанд аз дил бештар оромро [5, с. 27].

Чунонки мебинем, ҳар қадар таваҷҷуҳи ошиқ ба маъшуқа зиёд мегардад, ҳамон андоза бераҳмӣ ва ҷафоҳои ӯ ба болои ошиқ бештар шудааст. Дар масир кор то ҷое расидааст, ки маъшуқа аз рафторҳои худ меболад, аз машаққатҳо ва гиряҳои зори ошиқ илҳом мегирад. Аз ҳоли маҳзуни вай худро шод мегардонад. Ин ҷафописандии ӯро нишон медиҳад. Чунончи:

То нагирям зор-зор он шӯх гул-гул нашкуфад,
Гулшани рухсори худро тоза медорад зи мо [5, с. 51].

Аз тарафи дигар, чунин муносибати бераҳмонаи маъшуқа як навъ санҷиши ӯ нисбат ба устуворию садоқати ошиқ мебошад. Воқеан, агар ошиқ бо сабру тоқат ва истодагарии хеш раҳпаймои ҳақиқӣ будани худро дар ишқи маъшуқа собит созад, яқинан ба коми дил, ба куи васл хоҳад расид. Лаҳзаи муҳимтарини ишқи заминӣ ҳамин васл аст. Бо ҳамин озобу машаққатҳо паси сар мешаванд, ишқ комил мегардад ва ба анҷом мерасад. Шоир дар байти зайл аз забони қаҳрамони лирикӣ ин лаҳзаи ҷолибро малеҳ ба риштаи тасвир кашида, аз нозу ишваю тамкину вафои маъшуқа сухан ба миён оварда, онро чунин истиқбол кардааст:

Ба болинам гаҳе он мояи ноз аз вафо, Воиз,
Чунон меояд аз тамкин, ки пиндорӣ намеояд [5, с. 246].

Ишқе, ки садоқат, ростӣ, покӣ ва вафоро дар худ дорад ва меъёрҳои ахлоқӣ дар он устувор асту аз ҷониби ошиқ ва маъшуқа бечуну чаро риоя мегардад, пойдору устувор хоҳад буд ва аз касеву чизе зарар нахоҳад дид ва коста нахоҳад шуд. Ба ифодаи дигар, ишқе, ки бар пояи ахлоқу садоқату вафодорӣ дар дили ошиқу маъшуқа арзи ҳастӣ мекунад ва боис ба васли эшон мегардад, аз макру дасисаҳои рақиб эмин хоҳад буд. Ин аст, ки шоир аз забони қаҳрамони лирикӣ мефармояд:

Ишқи маро чӣ ғам зи даҳанхонии рақиб,
Симои оташ аз дами Ҳаддод нашканад [5, с. 217].

“Даҳанхонӣ” ин ҷо ба маънии овоза, зиддият, айбҷӯӣ, бадгӯӣ ва монанди инҳо метавонад фаҳмида шавад. Бо ин ошиқ гуфтанист, ки ишқаш аз овозаҳои бемаънии рақиб, зиддияту хоҳишҳои бади вай боке надорад. Чи хеле ки дами оҳангар намои ошташро кам намекунад ва алангаи онро дучанд таквият мебахшад, ишқи вай низ аз “даҳанхонии рақиб” зарар намебинад ва баръакс, зиёд мешавад. Коргар набудани рафтору кирдорҳои рақиб дар васати муносибатҳои ошиқона яке муваффиқиятҳои ошиқон маҳсуб меёбад. Ошиқу маъшуқае, ки Воиз дар ашъори лирикии худ ба риштаи тасвир кашидааст, ҳамин гуна ашхоси дар ишқ комгоранд. Ба ҳарфи рақиб гӯш фаро намедиҳанд ва муносибатҳои хешро вайрон намесозанд. Онҳо бо он ки ҳамдигарро дар роҳи ишқ азоб додаанд, якдигарро ба

маҳрумияту машаққатҳо гирифтор сохтаанд, вале ҳамаи ин баҳрашон як навъ санҷиш ва василаи комилшавии ишқ будааст. Рақиб дар ин ҷо умуман, таъсиргузор набудааст. Ба ин минвол, симои рақиб, рафтору амалҳои зишту вайронкоранаи ӯ, дасисаҳои номатлубаш дар ашъори лирикии шоир тавзеҳи зиёде надоранд ва ин аз паҳлуҳои омӯзанда ва мафруқи муҳтавои ишқияҳои Воизро ташкил додааст. Луъё Муҳаммадӣ дар зимни баррасиҳои худ ба муҳтавои ашъори шоир дахл намуда, танҳо бо ишорат фармудааст, ки "Воиз, шеърҳои ошиқонаи худро дар ҷавонӣ суруда бошад" [8, 180]. Бояд ҳамин хел ҳам бошад. зеро дар ҷавонӣ ҳама чиз зебост, аз он ҷумла ишқварзӣ ва аз ишқ сухан гуфтан ҳам зебо мебошад. Ҷӯшу хурӯши ин айём воқеан, ба Воиз имконият фароҳам овардааст, ки як қисмати ашъори худро ба ишқу муҳаббати ибратбахши инсонӣ бахшида, ҷолибият, рангорангӣ ва ғановатмандии муҳтавои эҷодиёташро таъмин намояд.

Ишқи дигаре, ки дар ашъори лирикии Воиз тавзеҳ ёфтааст, ишқи ирфонӣ мебошад. Тараннуми хос ва иштиёқи беандоза ба ин навъи ишқ дар эҷодиёти шоир, чеҳраи ӯро чун орифи ҳақиқӣ, солики ростини роҳи ишқ, донандаи хуби илми тасаввуф ва монанди инҳо ба ҷилва овардааст. Ин маънои онро дорад, ки Воиз дар ҷодаи маърифату худшиносӣ танҳо ба зуҳду тақвою ибодат маҳдуд нашудааст, балки ба ишқу ирфон низ тамоюли воқеӣ доштааст ва аз ин роҳ низ шахсияти маънавии худро такмил дода, дар тазкияи нафси хеш ҳиссагузорӣ намудааст. Воизи Қазвинӣ чун ҳамаи шоирони ориф ишқро бооғозу беанҷом тавзеҳ додааст.

Оғози муҳаббат дигар анҷом надорад,
Ин субҳи қиёмат зи қафо шом надорад [5, с. 174].

Ин маънӣ ва таъкид хос мутаалиқ ба ишқи тасаввуфӣ аст. Зеро ҳеҷ оғозе бе анҷом нест. Бавижа, агар сухан дар мавриди ишқи заминӣ равад, он пас аз васл анҷоми худро дармеёбад ва бо ин аз ишқи тасаввуфӣ тафовут мекунад. Ишқи тасаввуфӣ алорағми ҳамаи анвои ишқ марҳала ба марҳала рушд мекунад ва идомаи худро дар тамоми даврони мавҷудияти худ барои ориф таъмин месозад ва ҳеҷ гоҳ қатъ намегардад. Бинобар ин, аҳли ирфон ишқи тасаввуфиро бардавом ҳисобидаанд. Дар таърихи адабиёт шоирони ба ирфон таваҷҷуҳдошта ба ду даста ҷудо шудаанд, дастаи аввал пайрави ирфони назарӣ, дастаи дуюм пайрави ирфони амалӣ. Воизи Қазвинӣ ба дастаи дуюм шомил мебошад. Вай дар осораш, аз он ҷумла осори машзумаш аксари истилоҳоти ирфониро дар шакли муҷарраб мавриди ташреҳ қарор додааст ва онҳоро дар марҳала ва мақоми вижаи худ паси ҳам зикр намуда, афкори хешро дар ин зимн бо ҳолоти хос иброз дошта, дар ин ҷода собит қадам буданашро маълум кардааст. Чунин ба назар мерасад, ки Воиз дар шинохт ва баррасиҳои худ аз ишқи ирфонӣ ба осори Саноӣ, Аттор, Ҷалолиддини Балхӣ, Мавлоно Ҷомӣ барин орифони аршад таваҷҷуҳ кардааст. Ташреҳи ҳафт шаҳри ишқро, ки Саноӣ ва пайравони ӯ тараннум кардаанд, дар каломи ҳунарии Воиз низ ба таври вижа бозтоб ёфтааст. Ба ин боис метавон гуфт, ки Воиз дар сулки ирфон ва маърифату ташреҳи он дар осори худ ва амалияи он пайрави мактаби ирфонии орифони Хуросон ва Моваоруннаҳр аст. Дар китоби "Абвоб-ул-ҷинон"-и худ Воиз даҳҳо намунаро аз осори орифони мазбур зикр мекунад, ки далели дигари пайравӣ ва таваҷҷуҳи хосси ӯро бармало мекунад. Тавзеҳи ҳафт марҳилаи сайри сулук дар каломи ҳунарии Воиз ба таври зайл аст:

1. Талаб, дар луғат ба маънии ҷустан, ҷустуҷӯ кардан, бозҷустан, хоҳиш, илтимос, дархост, дӯст доштан ва ғайра тавзеҳ ёфтааст. Дар истилоҳи орифон талаб ҳамеша дар ёди маъшуқ будан, дар ҳама ҷо дар ӯро ҷустан, дар ҳама ҳолат дар ҷустуҷӯи вай камари ҳиммат бастан аст. Воизи Қазвинӣ аз мушоҳидати муҷаррабонаи худ аз ин марҳила ба натиҷае расидааст, ки дар роҳи талаб чизе монеи солик шуда наметавонад:

Фикри дунё, монеъи солик нагардад дар талаб
Хор натавонад зи рафтан селро доман гирифт [5, с. 148].

Вай дар ин ҷо фикри дунё доштанро рад накардааст, вале роҳи талабро тасхиркунандаи ҳамаи корҳо ва болотар аз ҳамаи амалҳо барои солик донистааст. Андешаи Воиз ба маънии истилоҳии вожаи талаб комилан мувофиқат дорад. Аз тарафи дигар, он ба сулуки он орифоне, ки дар баробари ирфон баҳри пайдо кардани нафақаи рӯзгор ва ёфтани нони ҳалол кори дунёро инкор намекунанд, ҳамаҳанг мебошад.

2. Ишқ дар луғат ба маънии дӯст доштан, дил додан; як навъ беморӣ ва набобтот шарҳ ёфтааст. Дар истилоҳи ирфонӣ ишқ дӯст доштани маъшуқи ҳақиқӣ мебошад. Ба ифодаи дигар, ишқ оташест, ки дар дили инсони ориф афрӯхта мешавад ва он чи ғайри дӯст аст, месӯзонад ва қалбро пок месозад. Воизи Қазвинӣ чун ағлаби орифони маъруф асли ҳаётро

иборат аз ишқ медонад. Вай зиндагиро бе ишқ тасаввурнопазиру беарзиш меномад ва ёди дӯстро дар ин масир “сиккаи нақди ҳаёт” муаррифӣ менамояд:

Зиндагӣ беишқ набвад дар шумори зиндагӣ,
Зикри номи дӯст бошад сиккаи нақди ҳаёт [5, с. 74].

Дарвоқеъ, ошиқона зистан ва тамоюл ба ишқи пок доштан, ҳадафмандона умр ба сар бурдан паҳлуи дигари андешаи Воиз мебошад. Зеро ба пиндори ин шоири ориф ишқи пок, ишқ ба маъшуқи ҳақиқӣ, ишқи маъбуди якто соликро ҳеҷ гоҳ тарк намекунад, аз роҳи дуруст мунҳариф намесозад ва бар ғалат мувоҷеҳ намекунад. Чунончи:

Нашуд зи кӯи ту маҳрум ҳеҷ кас, ки зи вусъат
Тариқи ишқи ту берун шудан зи роҳ надорад [5, с. 175].

Ба ин маънӣ, ки ҳар қадар ки майлнокӣ ба ин ишқи мубарро зиёд мешавад, роҳи он ҳамвортар ва солик пухтатару аз нигоҳи маънавӣ комилтар мегардад. бинобар ин, Воиз дар тамоми ашъораш муштоқона аз ин ишқ истиқбол менамояд ва онро бо тамоми паҳлуҳояш тавсиф мекунад. Шоир садоқату самимияти худро аз забони солики масири ишқи ҳақиқӣ чунин иброз медорад:

Гиря аз дарди ту, эй ёр, маро нури ду чашм,
Оташи ишқи ту, эй дӯст, маро тоҷи сар аст [5, с. 87].

Манзури шоир аз ин ишқ, ишқи илоҳӣ ва аз ёру дӯст маъшуқи азалӣ мебошад. Ошиқ дар тобу таби чунин ишқе тавон меёбад, аз хомиҳо ба сӯйи пухтанҳо равона мешавад ва ба мақоми ҷадиди сулук даст меёбад. Он мақомро маърифат унвон кардаанд.

3. Маърифат ба маънии бозшиносӣ, ошноӣ, шинохтан омадааст. Дар истилоҳи ирфонӣ маърифат шинохти зоти маъшуқи азалӣ будааст. дар ин марҳала ба таъкиди шоир тамоми вуҷуди солик, хосса қалби ӯ бино мегардад, роҳи шиносоӣ барояш бемамоният боз мешавад ва дигар мағшушиҳо, монеаҳо ва калавишҳои ақидатӣ рафъ меёбанду эҳтиёҷ ба чизе боқӣ наmemонад:

Дили бино ба роҳи маърифат, чашме намехоҳад,
Ба айнак эҳтиёҷе нест ҳаргиз чашми равшанро [5, с. 38].

Ба таъкиди адиб вақте ки солик ба мақоми маърифат мерасад ва маърифат ҳосил мекунад, роҳи мақсудаш кӯтоҳ мешавад ва ба мақоми дигар ҳаракат менамояд то шахсияти худро боз созаду ишқашро тақвият бахшад. Ин мақом истиғно ном дорад.

4. Истиғно ба маънии бениёзӣ омада метавонад. Дар истилоҳи ирфонӣ истиғно мақомест, ки солик аз ҳама чизи дунёӣ худро канор мегирад ва эҳсоси бениёзиро дар хеш тавлид месозад. Ба ифодаи дигар, солик дар мақоми истиғно ба ҷуз роҳи шинохти маъшуқи азалӣ дигар аз ҳама чиз ва ҳама роҳу равиш худро бениёз медонад. Вай ҳастӣ ва ниёзи худро танҳо дар шинохти маъшуқи ҳақиқӣ мебинад. Воиз ба тарғиби ин мақом иқдом карда, чунин фармудааст:

То тавон дар дашти истиғно алам будан чу кӯҳ,
Дар паси девори мардум то ба кай коҳӣ кунӣ?! [5, с. 411]

Истиғно ин ҷо ба маънии васеи худ ба кор рафта бошад ҳам, маънии мушаххаси ирфониашро ҳифз намудааст. ҳадафи шоир ин ки бениёзӣ шахсияти соликро аз тааллуқот озод месозад ва эътибори ӯро на танҳо дар байни аҳли дил, балки дар миёни ҷомеа низ баланд мебардорад. Бинобар ин ба дашти истиғно рафтану дар он ҷо номвар гаштанро тарғиб намудааст. Марҳилаи навбатии сайри сулук тавҳид мебошад, ки дар ашъори лирикии Воиз ин истилоҳ ваҳдат зикр шудааст.

5. Тавҳид ва ё ваҳдат ба маънои ягонагӣ меояд. Дар истилоҳи ирфонӣ ваҳдат ва ё тавҳид шинохти маъшуқи ягона аст. Воизи Қазвинӣ дар мавриди ин марҳала иброз доштааст, ки далелҷӯй дар манзил зарурат надорад ва зуҳури манзили ваҳдати маъшуқи якто раҳнамои масири ояндаи солик хоҳад буд:

Маҷӯ дигар далеле бо зуҳури ваҳдаташ Воиз,
Ки чун пайдоши манзил, дар ин раҳ раҳнамо дорӣ [5, с. 380].

Вақте ки солик аз марҳаи тавҳид баҳравар мегардад, ӯро марҳалаи наве истиқбол менамояд, ки онро ҳайрат ном бурдаанд.

6. Ҳайрат дар луғат ба маънои саргаштагӣ, дар як ҳолат қарор гирифтан, бехуд гаштан воқеъ гардидааст. Дар истилоҳи ирфонӣ ҳайрат мақомест, ки аз такмили худшиносӣ ва худошиносӣ ба ориф ва солики тариқат даст медиҳад. Аз ин дар вуҷуди маънавии солик аҷобати зиёде рух медиҳад, ки яке аз онҳоро Воиз чунин шарҳ додааст:

Шаби васлаш чунон бар хеш меболам зи дидораш,
Ки нури дидаам дар пардаи ҳайрат намегунҷад [5, с. 163].

Ин марҳилаи ниҳоят ҳассос ва ҳалкунанда барои солик аст, ки ӯро ба кӯйи мақсуд наздик месозад. Пас ин соликро марҳилаи дигар интизор аст, ки онро фақру фано унвон кардаанд. Дар ашъори лирикии Воиз ин истилоҳҳо дар алоҳидагӣ шарҳ ёфтаанд.

7. Фақру фано ба маънои нодорӣ ва нестӣ шарҳ гардидаанд. Дар истилоҳи ирфонӣ марҳилаи охирини сайри сулук аст, ки солик ба анҷоми роҳи худ мерсад, вуҷуди бемисли маъшуқи азалиро мешиносад, ишқашро ба ин васила камол мебахшад ва ҳеҷ будани хешро эътироф мекунад, дар худшиносию маърифати зоти маъшуқи якто маҳв мегардад. Воиз дар тавсифу тарғиби мақоми мазкур чунин фармудааст:

Тасхири мулки фақр куну подшоҳ бош,
Аз даст барад лашкари ғам, дар паноҳ бош [5, с. 286].

Чунонки мебинем, шоир мақоми мавриди назарро хеле олӣ ба қалам дода, онро аз байнбарандаи "лашкари ғам" донистааст. Дар идома фаноро низ зикр намуда, аз манофеи он сухан ба миён оварда, ба ин мақом расидагонро мужда аз эминӣ дода, эшонро аз макораю ҳиял ва монанди инҳо озод донистааст. Бояд чунин ҳам бошад. зеро инсон пас аз тай кардани мароҳили пурпечу фарози сулуки ирфонӣ ба инсони комил даст меёбад ва дигар дар масири худшиносӣ ва худошиносӣ чизе ба вай таҳдид нахоҳад кард:

Димоғи аҳли фано аз макора озод аст,
Чароғи маҷлиси тасвир, эмин аз бод аст! [5, с. 82]

Шарҳу тафсири истилоҳоти ирфонӣ, хосса тавзеҳу тавсифи марҳилаҳои сайри сулук дар ашъори лирикии Воиз хеле зиёд ба назар мерасад ва намунаҳо гувоҳи онанд, ки шоир аз ирфону тасаввуф огоҳии комил дорад. Вай ишқу муҳаббати илоҳиро ҷое аз зуҳди хушку холӣ боло гузоштааст. Ин ба он маънист, ки Воиз сайру сулукро яке аз воситаҳои муҳимтарини тазкияи нафс ва худшиносию худошиносӣ медонад. Аз баррасии ин фасл метавон ба натоиҷи зайл даст ёфт:

1. Ишқ аз мавзуъҳои муҳимми адабиёти классикии форсии тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Онро ҳамаи шоирон ба қадри тавону истеъдоди худ дар каломи ҳунариашон пайгирӣ намуда, ба ҳукми анъана даровардаанд. Аз ин боис шоиреро наметавон пайдо кард, ки аз ишқ сухан накарда бошад.

2. Воизи Қазвинӣ низ дар сафи шоирони классикӣ ҳомил шуда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки муҳтавои ашъорашро ба ишқ зебу оро диҳад. Аз тарафи дигар, шоир бо ин амали худ дар тадовуми ишқиясароии адабиёти классикии замони хеш ҳиссаи муносиберо гузошта тавонистааст. Ишқ дар эҷодиёти шоир мафҳуми васеъ дорад ва тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсониро фаро гирфтааст. Аммо паҳлуи заминӣ ва паҳлуи маънавии он бештар ба ҷилва омадааст. Ба ифодаи дигар, дар ашъори лирикии шоир бештар аз ҳама ду навъи ишқ: ишқи заминӣ ва ишқи ирфонӣ тараннум гардидааст.

3. Дар тасвири ишқи заминӣ, шоир ҳадди эътидолро риоя кардааст. чунин ба назар мерасад, ки тасвирсозиҳои ӯ дар ин замина ба ҳаёти воқеӣ иртиботи қавӣ дорад. Қаҳрамони лирикӣ дар роҳи ишқ гӯё зиндагии ҷавонии Воизро тавзеҳ медиҳад. Вай ба ҳамаи озобу маҳрумиятҳои ишқ тоб меорад, нозу карашмаҳои маъшуқаро таҳаммул мекунад, аз имтиҳонҳои ӯ ба сидқу вафою меҳрубонию ростӣ мегузарад ва оқибат ба васли ҷонон шарафёб мегардад.

4. Образи рақиб дар тасвири ишқи заминии шоир чандон равшан нест. Фаъолияти вай барои вайрон кардани муносиботи ошиқу маъшуқа коргар намебошад. Ин аз он ҷиҳат аст, ки онҳо аз рӯйи вафою аҳд ба ҳамдигар бовар доранд ва ба кору амалкардҳои рақиб аҳаммият намедиҳанд. Аз ин рӯ, фаъолияти ошиқу маъшуқа дар тасвири ишқи заминӣ дар ашъори Воиз ибратбахш ва қобили андеша мебошад.

5. Дар тасвири ишқи ирфонӣ Воиз чеҳраи орифонаи худро маълум намудааст. Вай дар ин ҷода пайрави мактаби орифони аршади Хуросону Мовароуннаҳр, хосса пайрави Саноӣ, Аттор, Ҷалолиддини Балхӣ, Ҷомӣ ва дигарон будааст. Ба ин боис ҳафт марҳилаи ирфон ва сайри сулуки он дар ашъори лирикии шоир шарҳ ёфтааст.

Адабиёт

1. *Бертелс, Е.Э. Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ. Тарҷумаи Сируси Эзадӣ. Зери назари академик Носир Салимӣ. Таҳия, вироиш ва баргардони Муҳаммадалии Аҷамӣ. Муҳаррир: Шамсиддини Солеҳ / Е.Э. Бертелс. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 584 с.*

2. *Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон. – Душанбе: Ирфон, 1992. – 396 с.*
3. *Исрофилниё, Ш.Р. Мероси адабии Носири Бухороӣ ва такомули ғазали ошиқонаи орифона дар асри XIV/ Ш.Р. Исрофилниё. – Душанбе, 2013. – 340 с.*
4. *Казакова, У. Назаре ба ғазали Салмони Савоҷӣ/ У. Казакова. –Душанбе: Шарқи озод, 2003. – 136 с.*
5. *Қазвинӣ, Воиз. Девон. Дар таҳия ва тасҳеҳи Аҳмад Карамӣ/Воизи Қазвинӣ. – Теҳрон: Интишороти мо, 1384. – 713 с.*
6. *Мирзоев, А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X XV// Сездаҳ мақола/А. Мирзоев. – Душанбе: Маориф, 1977. – С. 5-52.*
7. *Мусулмонқулов, Раҳим. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ/ Раҳим Мусулмонқулов. – Душанбе: Маориф, 1987. – 88 с.*
8. *8.Муҳаммадӣ, Луъё. Баррасии таърихи адабиёт дар асри Воизи қазвинӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар аҳди сафавӣ/ Луъё Муҳаммадӣ// Воизи ширинсухан: маҷмуаи мақолоти нахустин кунгураи Воизи Қазвинӣ. – Қазвин: Меҳргони дониш, 1397. – С. 180-189.*
9. *Нарзиқул, М. Ҷойгоҳи сухан (маҷмуаи мақолаҳо) / М.Нарзиқул. – Душанбе: Адиб, 2006. – 224 с.*
10. *Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам. Ҷилди аввал ва дувум. Дар таҳияи Абдухолиқ Набавӣ/ Шиблии Нуъмонӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2016. – 544 с.*
11. *Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам. Ҷилди севум, чаҳорум ва панҷум. Дар таҳияи Абдухолиқ Набавӣ/ Шиблии Нуъмонӣ. – Душанбе: ДДОТ, 2015. – 576 с.*
12. *Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор/ Э. Раҳмон. – Душанбе: ЭР-граф, 2023.– 424 с.*
13. *Сафо, З. Таърихи адабиёти Эрон. Аз авоили қарни ҳафтум то поёни қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ/ Забеҳуллоҳи Сафо; Ҷилди панҷум. – Теҳрон: Фирдавс; ноширидиҷитолӣ: Маркази таҳқиқоти роёнаии Қоимияи Исфаҳон, 1385. – 1410 с.*
14. *Саидҷаъфаров, О. Ш. Соиби Табрезӣ ва вусъати мазмун дар ғазал / О. Ш. Саидҷаъфаров. Зери назари Р. Тағоймуродов. – Душанбе: ДДМИТ, 2020. – 249 с.*
15. *Ҳодизода, Расул. Тасаввуф дар адабиёти форс–тоҷик/ Р.Ҳодизода.–Душанбе, 1999. – 187 с.*
16. *Шарифзода Х., Нарзиқул М. Таърихи адабиёти тоҷик (Аз аҳди қадим то оғози асри 13) / Х.Шарифзода, М. Нарзиқул. – Душанбе: ТоРус, 2017. – 416 с.*

АШЪОРИ ОШИҚОНА-ОРИФОНАИ ВОИЗИ ҚАЗВИНӢ

Дар ин мақола ашъори ошиқона-орифонаи Воизи Қазвинӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Натиҷа ин ки шоир ба ишқ таваҷҷуҳи зиёд дорад. Бинобар ин, ӯ дар ашъори худ ҳам ишқи заминӣ ва ҳам ишқи ирфониро тараннум намудааст. Ашъори ошиқонаи адиб ниҳоят самимӣ ва дилнишин аст. Қаҳрамони лирикии вай нисбат ба ёраш ниҳоят меҳрубон ва содиқ аст, ба тамоми ишваю нози маъшуқа тоб меорад, устуворию собитқадамии хешро дар назди маъшуқа нигоҳ медорад ва дар охир ба муроди дили худ мерасад. Паҳлуи дигари ашъори ошиқонаи шоирро тараннуми ишқи ирфонӣ ташкил додааст. Ин ишқ дар навъи худ хос мебошад. Дар он солик марҳилаҳои муайянеро тай мекунад, то ки ба камолоти маънавӣ даст ёбад. Шоир дар ашъори худ чеҳраи орифонаи худро бармало намуда, мисли Саноӣ, Аттор, Мавлавӣ ва Ҷомӣ барин орифон ҳафт марҳилаи маърифатро ба таври вижа шарҳу тавзеҳ додааст. Воизи Қазвинӣ бо ин амалии эҷодияш дар ишқиясароиҳои пешиниён саҳм гузошта, аз ҷараёнҳои адабӣ ва аз мавзуъҳои фараҳбахши адабиёт дар канор набудани хешро собит намудааст.

Калидвожаҳо: ишқ, ирфон, ашъор, жанр, байт, Воизи Қазвинӣ, муҳтаво, ошиқ, маъшуқа, солик, марҳала.

ЛИРИКО-СУФИЙСКОЙ ПОЭЗИИ ВОИЗ КАЗВИНИ

В данной статье рассматривается и обсуждается лирико-суфийской поэзии Воиз Казвини. В результате поэт проявляет большой интерес к теме любви. Поэтому в своих стихах он воспевал как земную, так и мистическую любовь. Романтические стихи писателя необычайно искренни и проникновенны. Его лирический герой необычайно добр и предан своей возлюбленной, терпит все ее капризы и прихоти, сохраняет перед ней свою стойкость и непоколебимость и в конечном итоге добивается желаемого своим сердцем. Еще одна сторона романтических стихов поэта - хвалить мистической любви. Эта любовь уникальна в своем роде. В нем молодой человек проходит определенные этапы для достижения духовной зрелости. Этим творческим актом проповедник из Казвини внес вклад в романтическую поэзию своих предшественников, доказав, что он не был в стороне от литературных течений и прекрасных тем литературы.

Ключевые слова: любовь, мудрость, поэзия, жанр, стих, Воизи Казвини, содержание, влюбленный, любимый, салик, этап.

LYRIC-SUFI POETRY BY VOIZ QAZVINI

This article examines and discusses the lyrical-sufi poetry of Voiz Qazvini. As a result, the poet shows great interest in the theme of love. Therefore, in his poems, he glorified both earthly and mystical love. The romantic poems of the writer are unusually sincere and heartfelt. His lyrical hero is unusually kind and devoted to his beloved, tolerates all her whims and caprices, maintains his steadfastness and steadfastness before her and ultimately achieves what his heart desires. Another side of the poet's romantic poems is to praise mystical love. This love is unique in its kind. In it, a young man goes through certain stages to achieve spiritual maturity. With this creative act, the preacher from Qazvini contributed to the romantic poetry of his predecessors, proving that he was not aloof from literary currents and beautiful literary themes.

Keywords: love, wisdom, poetry, genre, verse, Voiz Qazvini, content, in love, beloved, salik, stage.

Дар бораи муаллиф
Шоев Абдуҳамид Абдунабиевич
Номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ. 121
E-mail: sayron80@mail.ru

Об авторе
Шоев Абдухамид Абдунабиевич
Кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории литературы
Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: sayron80@mail.ru

About the author
Shoev Abduhamid Abdunabievich
Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Theory and History of Literature
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: sayron80@mail.ru

ТДУ 891.550

ЛОИҚ ДАР ШИНОХТИ СОРБОН

Муҳаммадохирзода Ҳ. И.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ

Дӯстӣ ва рафоқат миёни улома ва удабо дар сарчашмаҳои гузаштагони тоҷик хеле зиёд мушоҳида мешавад. Сарчашмаҳо ва маъхазҳо дӯстӣ ва рафоқати миёни Абуалӣ ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ, Ҷалолиддини Балхии Румӣ ва Шамси Табрезиро тасдиқ кардаанд. Адиби шинохтаи адабиёти классикии тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ ба адиби узбек Алишери Навоӣ ҳаққи устодӣ ва муносибати неки дӯстона дошт, ки таъсири ин муносибат Навоиро на танҳо дар адабиёти тоҷик бо тахаллуси Фонӣ мақому мартаба бахшид, балки ӯро сардафтари адабиёти классикии узбек намуд. Маҳз пайванди мустаҳками эҷодӣ ва рафоқати Садриддин Айнӣ бо шоири оташинсухан Абулқосим Лоҳутӣ боис гардид, ки сардафтари адабиёти навини тоҷикро аз тамғаи “душмани халқ”, ки маънои маҳв шуданро дошт, раҳоӣ бахшад. Лоҳутӣ барои наҷоти Айнии аз зулми амирони манғитӣ ҷафодида ва акнун ба туҳмати навбатии бадхоҳони миллати тоҷик гирифтор то ҳузури Сталин рафт. Бо дахолати шахси аввали даври кишвар Сталин, ки тавассути Лоҳутӣ аз сарнавишти фоҷиабори Айнӣ огоҳӣ ёфт, фарзанди фарзонаи миллати тоҷик на танҳо бегуноҳ дониста шуд, балки дар зери ҳимояи давлат қарор гирифт.

Устоди равоншод Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода то охири умр бо ҳам анис ва дӯсту рафиқи наздик буданд. Ҳосили ин дӯстиву рафоқат мактаби адабии давр буд, ки насли нави адибонеро ба арсаи адабиёт ворид намуд, ки адабиёти тоҷикро тарҳи нав, бунёди нав, мазмун ва шакли нав, андешаву афкори тоза бахшид.

Шоири равоншоду маҳбуби халқ Лоиқ ва нависанда Сорбон низ ҳанӯз аз айёми навҷавонӣ миёни ҳам тарҳи дӯстӣ оғоз намуда, то охири умр бинои рафоқатро мустаҳкам нигоҳ доштанд. Асари ёддоштии “Лоиқнома”-и Сорбон, ки ба ёдбуди дӯсти равоншодаш эҷод шудааст, на танҳо қиссаи пурсӯзи дӯстӣ ва пайванди ду эҷодкор аст, балки симоҳои шинохтаи аҳли илму адаб, шахсиятҳои маъруфи миллати моро бори дигар муаррифӣ мекунад. Тавре ки дар боло зикр шуд, аз маълумотҳое, ки дар асар омадаанд, бармеояд, ки дӯстии ин ду саршиноси миллат аз омӯзишгоҳи он замон хеле бонуфуз ва овозадори шаҳри Панҷакент, ки бо амри тақдир ҳар ду ҳамсабақу шарикдарс мешаванд, оғоз ёфтааст: «Хондани мо оғоз шуд...Лоиқро аз он ҷо шинохтам» [2, с. 295]

Сорбон дар ин асар тамоми воқеаҳое, ки дар давоми умр аз сари ӯву дӯсташ Лоиқ гузаштаанд, овардааст. Таҳсил дар омӯзишгоҳ, ки пойдевори дӯстиву рафоқати ин ду танро мустаҳкам намуда буд, бо ҷӯшу хурӯши ҷавонӣ паси сар мешуд. Лаҳзаҳои нотакрори дарс, айёми пахтачинӣ дар Қарақчиқум, айёми беғамӣ, ҳазлу шӯхиҳои навҷавонӣ бо дарду сӯз тасвир шудааст: «Лоиқ ҷомайи адрас дошт ва ман ҷомайи беқасаб. Равонашон шод бод, Абдуҷаббор Шарифзода…инсони нотакрор буданд…номҳоро дар хотир нигоҳ намедоштанд ва ба ҳар кас ном монда, муроҷиат мекарданд: Лоиқро аз рӯйи ҷомааш «Адрас, дарсро такрор бикун» [1, с. 295], мегуфтанд; маро «Беқасаб, вазифа чӣ буд?» мепурсиданд» [1, с. 295].

Аз навиштаи Сорбон зиндагии басо содаву камбизоат, вале орӣ аз кизбу қабоҳат, хеле ширину гуворо ва пур аз умед ҷилвагар мешавад: «Ҳамон ҷома-ҳамроҳ шуданд ако (Қоришариф-бародари Лоиқ)-…ҷомайи домодии падарамон…Рӯзе, ки Лоиқ ба хондан рафт, модарам он ҷомаро гирифта, буру дӯз карда ба тани Лоиқ мувофиқ гардонд ва ӯро чун домодча ороста ба хондан фиристод» [2, с. 295].

Воқеан шоир парвардаи домони модаре буд, ки бо машаққат ва нӯғи сӯзан фарзанд бузург карда, ба роҳи рост ҳидоят кардааст. Дастони заҳматдидаи модар, ки фарзанди шоир тимсоли модарро дар осораш хеле барҷаста ва ҷолиб тасвир кардааст, ӯро меҳнатдӯст ва ҷасур тарбият кардаанд, ки тавонист дар роҳи душвору ноҳамвори эҷодиёт шоҳроҳе кушояд.

Таҳсилу тадриси ин ду навҷавон, ки дар Панҷакент оғоз ёфт, пас аз хатми он дар мактаби олии Душанбе идома меёбад. Аммо Лоиқ сараввал ба факултети методикаи Донишгоҳи омӯзгорӣ дохил мешавад. Маҳз бо кумаки Н. Маъсумӣ Лоиқ донишҷӯйи факултети филологияи тоҷик мегардад. Сорбон манзараи аз қафои Н. Маъсумӣ чанд рӯз беҳарфу сухан поида рафтани дӯсташро аз забони худи ӯ хеле табиӣ ва бо оҳанги ҳазлу мутойиба ва лутфи Лоиқона тасвир намудааст: «Акнун ҳар рӯз аз дунболи Носирҷон

Маъсумӣ кашол будам. Хона мерафтанд, аз пасашон будам, ба кор раванд, бар асарашон мерафтам. Он кас чизеро пай бурдагӣ барин гоҳ-гоҳ ба пас менигаристанд ва ман худро паси дарахту буни девор мекашидам. Рӯзе дар хамгашти кӯча якбора истода «Ту, бачча, чаро ин қадар аз пайи ман мегардӣ?» гуфта сиёсат карданд. Дасту поям ларзида ва пешонаам арақ карда, дар ҷоям шах шудам ва «Муаллим, муаллим…» гуфта тавонистам. Ҳаяҷони маро дида, баргашта пеш омаданд.

- *Чӣ мехоҳӣ?*
- *Ман Лоиқ…-ҳамин қадар гуфта тавонистам.*
- *Хӯш! Лоиқ чӣ мехоҳад?*
- *Муаллим, маро ба шуъбаи забон ва адабиёт гузаронед…» [2, с. 297]*

Аз тасвири ин манзара мо симои Лоиқи ҷавон, рустоии шармгин ва камҷуръатро мушоҳида мекунем, ки ҳанӯз сабақи ҷуръатбахши мактаби адабии устоди равоншод Турсунзодаро аз бар накардааст.

Баъди хатми донишкада Лоиқу Сорбон боз ҳамроҳ дар шуъбаи адабии радио ба кор медароянд, ки дар ин замон ҳарду алаккай чун адибони ҷавон-Лоиқ шоир, Сорбони носир, ба қавли дӯсташ-парешоннавис эътироф шуда будаанд. Ин мисраҳои шеъргуна аз хушгӯиҳои Лоиқ аз он замон ёд мекунад:

«Эфир аст ин. Радио? Ё қар-қари зоғост ин?
Паф-пуфи гӯяндаҳо ё хонайи ғавғост ин?
Ё муҳаррир, ё мунаққид ё Хамӯши садзабон,
Хоксори худписанд ё писари Ҳамрост ин?» [2, с. 298]

Унвонҳои «Хоксори худписанд», «Хомӯши садзабон» ба Сорбон марбутанд, ки дӯсти ҷавонаш нимшӯхиву нимҷиддӣ ба ӯ ниҳодааст.

Лоиқи ҷавону бебок, ки балогардонаш аз ҳар ҳасудхӯру нотавонбин Мирзо Турсунзода буд, маҳз бо як шеър, бо шеъри «Ба модарам» бо тавсияи М. Турсунзода узви Иттиҳоди нависандагони ҷумҳурӣ шуда буд, акнун аз дастгириҳои ин пири хирадманд илҳом ва руҳ мегирифт: «…Шеъри «Ба модарам» магар китоб нест? Мо ҳам ба модар шеър бахшидагӣ…Лекин ангорайи модари тоҷикро Лоиқ дар шеъраш таҷассум карда тавонист. А, Мӯъминшо?» [2, с. 298]

Маълум аст, ки Муъминшо, яъне Муъмин Қаноат низ аз шогирдони Мирзо Турсунзода буда, раиси даври Иттиҳоди нависандагони тоҷик ба ин ҷавони боҳушу соҳибистеъдод низ мисли Лоиқ баҳои баланд дода буд, ки давру замон собит намуд, ки ҳақ бар ҷониби устоди зиндаёд Турсунзода будааст.

Турсунзода ба Лоиқи ҷавон низ таваҷҷуҳи хосса дошта, истеъдоду маҳорати ӯро қадр мекард ва аз такопӯ ва талоши Лоиқи ҷавон хушаш омада, ба ӯ меҳри ниҳонии падарона низ мепарварид.

Ҳангоме ки Лоиқ ба хизмати афсарӣ меравад, дар гӯсели ӯ аз наздикон танҳо Сорбон ҳузур дорад: «Ту ба ҷойи ҳама…падару модарам ва бародарамро хабар накардем…

Қатора медавид, ман медавидам. Ӯ лабханд дошт ва дар ҳамон ҳолат ҳам ҳазл мекард: «Бидав! Бидав!Давидани гӯсола то каҳдон!» [2, с. 316].

Вале қатора суръат гирифт…Ман бори нахуст танҳо мондам. Дар миёни адибон, рафиқон, ҳамкорон, ҳамсуҳбатон ва як шаҳр одам танҳо мондам. Он ки дилаш монанд ба дили ман буд, он ки хаёлаш рангин, парвози фикраш то чархи барин, шеъраш намакин ва феълу атвораш сангин буд, дур рафт…» [2, с. 317] Номаҳои аскарии Лоиқ гувоҳи пайванди ногусастании ин ду ҷавони ташнаи илм, шеър, адабиёт ва дӯстдори забони модарӣ буда, дӯстӣ ва рафоқати онҳоро боз мустаҳкам мекард: «Облоқул, ман асари Балзак «Шагренавая кожа»-ро хондам, албатта ту ҳам пайдо карда хон…Чӣ навигариҳо? Есенин баромад?» (манзур асари шоир аст-шарҳи Ҳ.М.) Ба фикрам мунтахаби Сайидо бояд барояд ё дигар классикҳо, ба ман фиристон. Баъзан бо хат газета гуфтанӣ чизҳо ҳам шавад» [2, с. 323].

Аз номаҳои саршори меҳри ҷавонӣ симои шоири ҷавон ва бебоке ҷилвагар мегардад, ки неруи созанда, табъи болида, дили саршор аз муҳаббати хоку диёр ва халқ ӯро илҳоми баланд додааст.

Дар кори эҷодӣ низ онҳо ҳамқадаму ҳамқалам, огоҳ аз ҳар ҳарфу сухани тозаи ҳамдигар будаанд:

«Ва дар Душанбе қиссайи Сапеда идома дошт:
Дар дили шабҳо дилам гум мезанад,
Ман туро мехоҳаму нози туро.
Дар миёни чор девори хаёл

Бишнавам аз дур овози туро.
Ман адои нозболини туам,
Ман гадои нози ширини туам.

Маро хуш наомад калимайи «гадо» ҳарчанд мавқеъ дорад. Ва ман ҳақ доштам ба Лоиқ рӯйирост эродамро гӯям, зеро худи ӯ ҳуқуқ дода буд маро ва хафа намешуд, баъди эроди ман андеша мекард, агар хуш ояд, мепазируфт.

- Ба ҷойи «гадо» ягон «бойбача» пайдо кунед чӣ шавад? Пурсидам.
- Масалан?
- Масалан «фидо» сурӯдро малеҳтар мекунад.

-Қабул,- гуфт ӯ, вале сурӯд аллакай аз забони Муродбеку Хосият машҳур шуда буд» [1, с. 341].

Асари мазкур симои Лоиқи равоншодро бори дигар барои хонанда ошкор мекунад:

«Лоиқ одати хуб дошт, ки ба эрод маслиҳат гӯш медод ва донистайи хешро мекард, зеро борикбин буд, забонро хуб медонист» [2, с. 341]

«Ҷашни Наврӯз, таърихи пайдоиш ва расму ойинҳои наврӯзӣ низ дар радифи баҳорияҳои шоирони назмсарои аҳд васфу ситоиш гардида, ба сурати ҷаззоб ва бисёр ҳунармандона ба қалам кашида шудааст» [1, с. 211].

Нависанда дар асари мазкур аз эҳёи дубораи Наврӯз дар замони шуравӣ, ки кори басо душвор буда, талошу ҷонбозӣ мехост, аз иртиботи Лоиқи фарҳангдӯст ба ин ҷашни миллӣ ёд овардааст. Мусаллам аст, ки нақши ҷавонони бошуҷоат ва бебоки давр, ба хусус адибони ҷавон, ба мисли Лоиқ, ки аз дастгириву ҳимояти пайвастаи Устод Турсунзода руҳу илҳом гирифта, дар эҳёи ин ҷашни миллӣ калидӣ буд:

«Гули баҳман рӯйида буд андар канори роҳҳо, андар миёни боғҳо, талу теппаву ёлаву ёнаҳо. Ҷавонони бедор шеърҳои наврӯзӣ навишта чоп мекарданд ва талаб мекарданд, ки Наврӯзи Ҷамшедӣ ид карда шавад. Устодон (М. Турсунзода ва Б. Раҳимзода) ба қабули котиби аввали Партияи Коммунистии Тоҷикистон Ҷаббор Расулов рафтанд…баргашта оварданд; аз боло-Комитети Марказӣ эрод шудааст, ки Наврӯз иди динӣ ва ҷашн гирифтани он зарурате надорад…рози шуданд, ки Наврӯз нагӯянду «Сайри лола» ном диҳанд ва иди баҳору меҳнат гӯянд...

Бо ҳамин ҳам мо хурсанд шудем, ки мо наврӯзиҳо мегӯем. Ва шеърҳои наврӯзӣ ба миён омаданд, «Наврӯзнома»-и Хайём чоп шуд ва аз «Шоҳнома» дар боби Наврӯз бобҳо мехондем, ба тадриҷ Наврӯз аз нав зинда шуд ва «Наврӯзномҳо» пайдо шуд…Аз ҳама фаъолтар Лоиқ буд» [2, с. 335]

Сорбон зиндагии дӯсти равоншоди худро давра ба давра дар китобаш овардааст, ки хислату хӯйи на танҳо Лоиқи ростқавлу сухангӯю сухандон, балки худи муаллиф, Сорбони ботаҳаммул ва «ҷонгарави Лоиқ»-ро ошкор мекунад. Дӯстии онҳо аз айёми навҷавониҳо ду оғоз гирифта, дар давоми солҳо ба рафоқати хонаводагӣ мубаддал шудааст, дар тули беш аз чаҳор даҳсола аз тамоми ҷузъиёти ҳаёти ҳамдигар воқиф ва ғамширик будаанд. Суҳбати Лоиқ бо падари Сорбон-Ҳамроҳи Қодир низ паҳлуҳои норавшани характерҳои ҳарду адибро ошкор месозад: «Лоиқ қиссаҳойи падарашу амакашу падари маро медонист ва дар даҳонаш ханда руҳбардорӣ мекард:

- Ҳамаашро Сорбон навишт!
- Аз баройи Худо? Не-е…Наменависад. Мумкин не, навиштан…
- Чаро?
-Ту нависӣ мешавад…
- Чӣ хел?
- Ту бебокӣ, вай бамулоҳиза» [2, с. 273]

Лаҳзаҳои ҳассосу ҳаяҷонангези ҳаёти ҳарду адиб, ки дар асар тасвир ёфтаанд, ба мисли аз муносибати силоҳбадасти камхирад сахт шӯридани Лоиқ, дар дараи Майхӯра ба ҷарӣ ғелидани Сорбон хеле зиёданд: «Ва ӯ автомат сӯйи Лоиқ рост карда пурсид:

- Куҷо барум?!

-Ҷое, ки гуфтум!- Лоиқ низ мисли даҳони автомат даҳон кушода дошта, сарсина пеш дамонда нимхез шуд ва даҳонаш ба даҳони автомат рост омад. О намедонистем чӣ кор кунем ва ман аз сари хон рост шудам миёни ду даҳон» [2, с. 317].

Дар манзараи боло Лоиқи шуҷоатманд ва аз фоҷиаҳои зиёде, ки хеле зиёд шоҳид буд, ки дар он айём бо силоҳбадасти хирасар сар ба сар шудан кори ҳар кас набуд, ҳарфи камондорро бо хатари ҷон ба даҳонаш мезанад.

Лоиқ дар он солҳои нооромӣ ва пурошуби охири садаи бист ба хотири оромӣ ва осудагии мардум хешро ба обу оташ зада буд, ки бар ҷонаш хатар дошт.

Солҳои пурошуби охири садаи бист дар осори аксар адибон инъикоси худро возеҳ ва равшан ёфтаанд, ки далели ин гуфтаҳо суханони адиби шинохта, дӯст ва ҳамқалами Сорбон ва Лоиқ устод Урун Кӯҳзод мебошад: «Таърих исбот кардааст: агар миллат аҳлу муттаҳид бошад, ягон қувва онро мутеъ карда наметавонад. Ва агар миллат ноаҳлу нотифоқ бошад, бозичаи дасти чоҳталабону ҷаҳонталабон мешавад ва ҳар кадоме аз онҳо мавриди мувофиқ ва дасти дароз ёбад, ба ҳар тариқе, ки хоҳад, онро бозӣ медоронад» [13, с. 155]

Муаллиф аз номи Лоиқ овардааст: «…мошини маро дар назди қозиёт чаппа карда буданд…Дар Иттифоқи нависандагон ману Латифиро намоянда интихоб кардед ба ҳайати комиссияи «Наҷоти Ватан»…Мо камар бастем, ки сар раваду Ватан наҷот ёбад…Қариб сар рафта буд, аммо наҷоти Ватан кори хурд набуд. Гоҳе ки мошинро монда ба қозиёт даромадем…баргашта баромада, мошинро воруна дидам. Даст аз зиндагӣ низ шустам, ки аз дасти ин гурӯҳ ҳар кор меояд» [2, с. 380].

Дар ҷои дигар муаллиф аз забони худи Лоиқ дар бораи дӯсташ-Сорбон овардааст: «Сорбон нависандайи боасолат аст, нависандайи асил аст. Ҳар чӣ медонад, ҳар чӣ мушоҳида кардааст, ҳар чӣ ба назари вай мерасад, баройи насри бузург истифода мебарад…дар зоти худаш нотакрор аст» [2, с. 407].

Сорбон азбаски бо дӯсташ пайванди хонаводагӣ низ пайдо карда буд, яъне муносибати дерсоли ҳар ду то ба муносибатҳои хешутаборӣ расида буд, симои модари Лоиқ-Бибизаҳро ва ҳамсари ӯ Зебунисо, фарзандони ӯро низ тасвир кардааст. Масалан, суҳбати Лоиқу модараш хеле ҳаяҷонангез ва таъсирбахш аст: «Фақат ту бояд ғами халқу ғами миллата хӯрӣ. Як бор онҳо ҳам ғами туя хӯранд-дия...

Лоиқ парида хест. Очаро оғӯш гирифт. Сар ба китфаш гузошт. Бехи гӯши модар оҳиста садо бароварда:

- Шумо ҳамин чизҳоро фарқ карда метавонед, оча?

- Ман фарқ карда наметавонистам, ту Лоиқ мишудӣ?» [2, с. 257].

Аз «Лоиқнома»-и Сорбон симои ҳамсари ботаҳаммули шоир бонуи равоншод Зебинисо, ки умре дар паҳлуи шоир, дар хидмати ӯ буд, зебо таҷассум ёфтааст: «Зебинисо аз рӯйи одат чойи кабуди талх дам карда оварда ва чойник рӯйи мизи корийи шоир гузошта хомӯш баромад, то риштайи хаёли ӯ халал напазирад…Яке аз бурдҳойи шоир зани порсо ва бовафо доштани ӯст…» [2, с. 400]

Воқеан, «Лоиқнома»-и Сорбон зиндагии пурбаракат, пуршӯри шоири маҳбуби тоҷик Лоиқ Шералиро равшан таҷассум намуда, симо, хулқу атвор, андешаву афкор, ормонҳои дили пурсӯзи ӯро нишон медиҳад. Нависанда аз номи шоир меорад:

Дар ғами номуси миллат
Камтарин тоҷик агар чун ман бисӯзад.
Аз фурӯғи рӯзи миллат
Бе муҳобо хонайи душман бисӯзад» [2, с. 374].

Дар манзараи ба ҷарии маргбор ғелидани Сорбон, ки дар он вартаи пурхавф дӯстиву рафоқати ин ду бештар таҷассум меёбад, Лоиқ ғами Сорбон мехӯрад, то ба ҷарӣ наафтад, Сарбон дар андешаи Лоиқ аст: «Монед…Нашавад, ки ҳарду равем…Ман дар ҳамон ҳолат ҳам ғамхори Лоиқ будам, ки пояш наларзад, налағзад» [1, с. 348].

Аммо муносибати дӯстона ва рафоқату садоқат на танҳо дар асари «Лоиқнома» дар повести «Занги аввал» ва дар ҳикояҳои «Одаму Ҳавво», «Деги калон» хеле равшан таҷассум ёфтааст.

Дар ҳикояи «Деги калон» қаҳрамони асар-нависанда, дӯсти наздике дорад, ки «аз бародар ҳам зиёд донад» [2, с. 333].

Дӯсти наздики нависанда, Алишеров, ки фарзандонаш ӯро бо эҳтиром амак мехонанд, тимсоли рафиқи ҳамдаму ҳамрози Сорбон-Лоиқ аст, ки дар ҳикоя ба манзили нависанда омадан, шоҳмотбозии нависандаву дӯсташ тасвир шудааст, ки манзараи мазкур дар асари «Лоиқнома» низ вомехӯрад:

«…то рӯз менишастем. Шоҳмот бозӣ мекардем. Бо навбат якдигарро мебурдем» [4, с. 350].

Ин тасвир манзараи шоҳмотбозии нависанда, муаллифи асаре, ки дар бораи савдогарону ҳаннотон қисса мекунад, бо дӯсташ Алишеров аз ҳикояи мазкур ба ёд меорад:

«Шоҳмотбозӣ сар шуд.

- Дар куҷо мот кунам? – танг омадани аҳволи нависандаро дида пурсид амак» [3, с. 335].

Аммо рафоқати нависандаву Алишеров маҳз дар бозии шоҳмот таҷассум намеёбад. Аз баҳси Алишеров бо корманди савдо, ки ба хонаи нависанда ба хотири асари дар бораи савдогарон навиштаи ӯ омадааст, маълум мегардад, ки онҳо, ҳар ду ҳамфикр, ҳамақида, ҳамдилу ҳамзабонанд:

«…чӣ мешуд, ки маълим аз ҳамин асарашон даст кашанд, гуфта назди шумо омадем…чӣ қадар лозим бошад, тани мо…ҳатто даҳ баробар зиёд…сад баробар аз нархи китоб…

- Нархи китоби ин кас хуб шавад, як сӯм мешавад, барои ҳамин шумо ташвиш накашед.

- Чӣ хел? Барои ҳамин як сӯм? Барои ҳамин як сӯм ҳамин қадар ташвиш? Ҳамин қадар майна об кардан? Ҳамин қадар дигаронро хафа кардан?..Ин хел бошад ба нависанда мадад кардан лозим…

- Дуруст мегӯед, лекин нависандаҳо ҳаромро бад мебинанду… Ҳаромкоронро ҳам…» [3, с. 337]

Дар асари дигари нависанда-повести «Занги аввал» низ хонанда бо заковат симои ҳар ду дӯстони самимӣ ва қадршиносро мушоҳида мекунад. Қаҳрамони марказӣ - Ҳамида ду писархонд дорад, ки ҳар ду мадору таскини дили дардманди ин зани дарошно ва ранҷкашида мебошанд. Ҳамида бо тафохур ва руҳи болида аз дил мегузаронад: «Ҳамдаму Сайёд зуд-зуд маҷаллаву рӯзнома бардошта меомаданду гап назада рӯи миз мегузоштанд. Ман онҳоро варақ мезадам. Дар саҳифаҳо номи онҳоро дарёфта, дар боли кабӯтарҳои гумшуда нишаста, ба осмон парвоз мекардам. Сайёд шеър менавишту Ҳамдам-ҳикоя» [5, с. 87].

Ин ду нафар Ҳамдаму Сайёд тимсоли ду адиби он замон хеле ҷавони тоҷик Сорбон дар симои Ҳамдам, Лоиқ дар симои Сайёд будаанд.

Муаллиф дар асари мазкур маҳбубият ва эҳтироми баландро соҳиб гаштани Лоиқро тасвир намуда, гаштаву баргашта мақоми манзаллати шоири маҳбуби халқро таъкид мекунад:

«Нозири роҳ сӯтта ба мошини Лоиқ рост кард ва канори роҳро намуд, то ӯ боздорад чаҳорчархаашро. Лоиқ дар миёни роҳ дошт мошинро ва ба нозири роҳ гуфт: «Маст ҳастам».

Чун нозир пеш омада Лоиқро шинохт, даст ба чакка бурда ду по ба ҳам зад ва фармуд:

- Маст бошу бош, устод!» [5, с. 301].

Ҷойи дигар Сорбон ин нуктаро, яъне махбубият доштани Лоиқро таъкид кардааст, ки Лоиқ воқеан миёни мардум мақоми арзандаро соҳиб шуда буд:

Дар ин манзара вазъи солими адабии давр, ки дар тарбияи маънавии насли нави адибони тоҷик нақши асосӣ дошт, инъикос шудааст:

«Дар паси бино (бинои пешинаи Иттифоқи Нависандагон) майдончае буд. Фазлиддин Муҳаммадиев, Муъмин Қаноат, Убайд Раҷаб, Қутбӣ Киром, Мастон, Лоиқ, Муҳиддин, Ҳабибулло ва банда ҳар рӯз баъди кор чавгонбозӣ мекардем. Шавқу завқе доштем, гӯё ҳама як одам будем ва якҷоя адабиёт меофаридем…Балогардон устод Турсунзода буданд» [4, с. 301].

Дар ин манзарае, ки нависанда бо меҳру муҳаббат ва афсӯс ёд меорад, аъмол ва ботини инсонҳои бузурге, ки дар эъмори фарҳангу маърифати миллат нақши босазо гузоштаанд, намудор мегардад.

Дар манзарайи ба узвияти Иттифоқи нависандагон пазируфтани Лоиқи ҷавону умедбахш низ хонанда бо мактабии адабии Мирзо Турсунзода, ба ғамхориҳои ин адиби сарсупурдаи миллат нисбат ба адибони ҷавон шинос мешавад.

«Лоиқро мехонанд…Лоиқ ҳанӯз ҳам аз ҳаяҷон кафи дасташро пуф мекунад ва садойи марғуладори нерӯмандаш мебарояд» [5, с. 302].

Маҳз як сухани М. Турсунзода боис мешавад, ки Лоиқи ҷавон бо як шеър, шеъри «Ба модарам» бе ҳеҷ гуна китоб ба узвияти Иттифоқ қабул мегардад:

«Ҳама ин расми тоҷикиро медонем ва аз сар гузаронидаем, вале шоири ҷавон ин нуктаҳоро дида ва ба зеҳн гирифта тавонистааст ва дар шеър хуб ифода кардааст. Ва шояд минбаъд ба ёд хондани шеър расм шавад…Лоиқ бо ҳамин шеъраш чун узви Иттифоқи нависандагон қабул карда шавад…»

Сорбон дар асари ёддоштии худ ба дидорбинии Маъсумӣ рафтани Лоику Сорбон ва Самад Валиро, ки он охирин дидор гардид, равшан ва ҷолиб тасвир кардааст:

«Домулло (Маъсумӣ) аз омадани мо огоҳ гаштанд, ки аз кулба берун шуданд ва хушнудона пазируфтанд…Чеҳраи муаллим механдид. Гоҳи пурсупос садойи нарму ҳалими

эшон шунида мешуд ва рафторашон низ нарму меҳрубон буд. Танҳо аз муомила, рафтор ва гуфтори он кас бисёр чиз фаҳму дарк кардан имкон дошт.

Рӯйи тахтакат гилему кӯрпача густурда буд ва боз дастархон оростем. Нишастем. Суҳбат қӯр гирифт. Ҳангоми суҳбат Носирҷон Маъсумӣ сухан мегуфтанду шеър мехонанд».

Аз ин саҳифаҳо симои меҳрбори Н. Маъсумӣ ки ба насли ҷавони адибон назари самимӣ ва некбинона дошт, меҳру ихлос ва эҳтироми ҷавонони давр, ба хусус Лоиқ, Сорбону Валӣ Самад ба ин фарди шинохта ҷилвагар мегардад. Аксари шахсиятҳое, ки муаллиф дар асараш тасвир кардааст, ё замони тасвир, ба мисли М. Турсунзода, Н. Маъсумӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Муъмин Қаноат, Убайд Раҷаб, Қутбӣ Киром, Мастон (Мастон Шералӣ), Лоиқ, Муҳиддин (Муҳиддин Фарҳат), Ҳабибулло (Ҳабибулло Файзулло) дар ҳаёт набуданд, ё имрӯз ҳамроҳи мо нестанд, аммо Сорбон симову характери ҳар яки онҳоро бо маҳорат ва муҳаббат ба қалами тасвир оварда, аз нав зинда гардонидааст.

Дуруст аст, ки “дарки огоҳонаи воқеият, ҳолу ҳавои инсон ва таъсири муҳит ба зиндагиву амалу кирдори шахсият ҷанбаи ахлоқиву иҷтимоии” асари мазкурро пуркувват гардонида, арзиши бадеии онро афзун гардонидааст [14, с. 155].

Хулоса, Сорбон дар асари мазкур на танҳо симои Лоиқро ҳамчун як шоири пурсӯзи миллат муаррифӣ мекунад, балки як давраи муайяни таърихии кишвару миллатро ба қалами тасвир кашида, паҳлуҳои норавшани ҳодисаву воқеаҳои солҳои навадуми асри гузаштаро равшанӣ андохта, чеҳраҳои саршиносу шинохтаи адабиёту фарҳанги миллатро таҷассум намудааст.

Инчунин, дар асари «Лоиқнома» вазъи сиёсиву фарҳангии давр, ба мисли эҳёи дубораи таҷлили ҷашни миллии Наврӯз дар пойтахт ва дигар шаҳру деҳоти кишвар дар даврони шуравӣ тасвир ёфтааст, ки барои хонандаи имрӯз, ба хусус насли ҷавон аз аҳаммият холӣ нест.

Адабиёт

1. *Рустамзода Ф. Инъикоси Наврӯз дар адабиёти форсу тоҷик / Ф. Рустамзода // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2021. - №2 (91). - С. 210-214.*
2. *Сорбон, Куллиёт. Ҷилди 4 / Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2009. - 440 с.*
3. *Сорбон, Куллиёт. Ҷилди III / Сорбон. - Душанбе: Эҷод, 2009. - 408 с.*
4. *Сорбон, Куллиёт. Ҷилди IV. Романи «Актёр». Лоиқнома. / Сорбон. - Душанбе: Эҷод, 2009.- 440 с.*
5. *Сорбон, Куллиёт.Ҷилди I / Сорбон. - Душанбе: Эҷод, 2009. - 488 с.*
6. *Сорбон, Куллиёт. Ҷилди III. Қиссаҳои хурд / Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2010. – 408 с.*
7. *Сорбон. Куллиёт. Ҷилди X. Роман. Кадевар, Росу / Сорбон. – Душанбе: Эҷод, 2009. – 388 с.*
8. *Сорбон, Куллиёт. Ҷилди XI. Ҳикоя / Сорбон. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 448 с.*
9. *Сорбон, Мағзреза: дида ва шунида / Сорбон. – Душанбе: Адиб, 2013. – 352 с.*
10. *Сорбон, Спитамон // Садои Шарқ. - 2011. - № 11.*
11. *Сорбон, Барзгар. Зуза. (Ду роман). – Душанбе: Ирфон, 2017. - 288 с.*
12. *Сорбон, Санам / Сорбон. – Душанбе: Маориф, 2019. – 240 с.*
13. *Сорбон, Шаҳрбону / Сорбон. - Душанбе: Ирфон, 2019. - 336 с.*
14. *Ҳасанова, Б.Н. Баъзе вижагиҳои публитсистикаи солҳои навадуми садаи бист / Б. Ҳасанова // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. - 2022. - №1 (96). - С.153-158.*

ЛОИҚ ДАР ШИНОХТИ СОРБОН

Дар мақолаи мазкур асари ёддоштии Сорбон «Лоиқнома», ки дар бораи дӯсти равоншодаш Лоиқ Шералӣ, зиндагӣ, рӯзгори шоир, пайвандон ва ҳамзамонони ӯ навишта шудааст, баррасӣ гардидааст. Муносибати нек ва дӯстонаи ин ду эҷодкор ҳанӯз аз даврони навҷавонӣ, таҳсил дар омӯзишгоҳи шаҳри Панҷакент оғоз шуда, то охири умр идома ёфта, боз ба пайванди хонаводагӣ ва хешу таборӣ мубаддал гардида, мустаҳкам ва қавитар мешавад. Ин дӯстӣ ва рафоқат дар зиндагии пур аз шебу фарози ҳар ду мисли об дар биёбони обнадидаи тафсон басо сарнавиштсоз гардид. Лоиқ ба ибораи дигар Сорбонро “балогардон” меномад, ки ин ҳарф ишора ба садоқати бепоёни дӯсташ мебошад. Аз китоби «Лоиқнома» доир ба айёми кӯдакӣ, наврасӣ ва ҷавонии шоири зиндаёд, доир ба муносибати неку дилсӯзонаи Нависанда дар асари мазкур тавонистааст, характер ва паҳлуҳои гуногуни шоири зиндаёд Лоиқро ҷилвагар намуда, симои барҷастаи ӯро ба хонандагон ҷилвагар созад.

Калидвожаҳо: нависанда, шоир, симоҳои шинохта, аҳли илму адаб, қиссаи пурсӯзи дӯстӣ, шахсиятҳои маъруфи миллат, дӯстии ду саршиноси миллат, фарҳанг.

ЛОИК В ПРИЗНАНИИ СОРБОНА

Муҳимтар аз ҳама ба пахши рақамӣ гузаштани телевизион қадами бузурге дар самти рушди он маҳсуб меёбад. Ҳанӯзсоли 2006 дар Женева миёни 104 мамлакати дунё аз ҷумла Тоҷикистон созишномаи таҳиякардаи Иттиҳодияи байналмилалии телекомуникатсионӣ (ИТБ) имзо шуда буд, ки тибқи он кишварҳои ширкаткунандаи ин созишнома бояд ба пахши рақами мегузаштанд. Тибқи қарори ин созишнома тамоми кишварҳое, ки имзо гузоштанд бояд то 17 июни соли 2015 ин гузаришро анҷом медоданд. Дар асоси ҳамин созишнома “Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати худ соли 2009 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз 01 октябри соли 2009 таҳти рақами 529 дар бораи қабули Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи телевизион ва радиошунавониро барои солҳои 2010-2025 қабул кард. Баъдтар “Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024” таҳия ва қабул гардид, ки он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми августи соли 2019 таҳти рақами 437 тасдиқ шудааст”. Ҳамин тариқ аввалин шуда Телевизиони Тоҷикистон дар арафаи 26-умин солгарди истиқлолияти Чумҳурии Тоҷикистон 8-уми сентябри соли 2017 ба системаи нави пахши дақиқияташ баланд HD гузашт. Акнун натанҳо сокинони кишвар балки кулли мардуми сайёра метавонанд, ки телевизионҳои Тоҷикистонро бо сифати хуб тамошо кунанд ва бад-ин васила аз андешаву рафтори тоҷикистониён бархурдор гарданд, бубинанд, ки ин сарзамини бостонӣ дар зарфи хеле кутоҳ ноил ба чи дастовардҳо гаштааст, акнун барояшон имкон аст, ки Тоҷикистони дирузу имрӯзро муқоиса кунанд, огоҳ бошанд, ки Тоҷикистон низ марҳила ба марҳила рушд меёбаду миллати тоҷик ҳамқадами ҷомеаи ҷаҳонӣ мегардад ва билохира бо фарҳангу тамаддуни миллати тоҷик ошноӣ пайдо кунанд. Бо такя ба ингуна густариши соҳа Сафарзода М. Дар китоби “Барномасозӣ дар телевизион” изҳор доштааст, ки «...имрӯзҳо телевизионро на ҳамчун дастоварди техникӣ, воситаи иттилоърасонӣ, балки воситаи тарғибу ташвиқ меомӯзанд. Бо ин далелҳо аз қудрату тавоноӣ ва таъсиргузорӣ гуфта метавонем, ки мавқеи телевизион дар муборизаҳои иттилоотӣ устувор аст» [13, с. 10].

Агар мурӯре ба таърихи пайдоиш ва саҳми телевизион дар идеологияи мардум дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон кунем бараъло намоён мешавад, ки имрӯз дар кишвар телевизион дар баробари он ки бо тараққии замон ҳамқадам шудааст, ҳамчунин рисолати худро ба дурусти иҷро карда истодааст.Баъди ба даст овардани истиқлолияти комили давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таҳавуллоти зиёде дар ҳама самтҳо ба миён омад, аз ҷумла дар васоити ахбори омма ва дар як муддати кӯтоҳ дар сар то сари кишвар телевизионҳои шахсиву давлатӣ ба фаъолият шуруъ карданд. Таъсис ёфтани телевизионҳои маҳалливу вилоятӣ боиси хушнудии ҳамма гардид, зеро акнун имконият фароҳам омад то ин ки камтарин навгониҳо ва кучактарин мушкилоти халқ дар минтақаву вилоятҳои кишвар рӯи навор оварда шавад.

Аз оғози фаъолияти аввалин телевизион ҳамакнун 26сол сипарӣ шуд ва бо мурури замон сафи шабакаҳои телевизионии ҷумҳуриявию маҳаллӣ дар кишвар зиёд шудан гирифт. Имрӯз дар ҳудуди мамлакат минтақае нест, ки он ҷо мавҷи шабакаҳои телевизионӣ фаъол набошад. Дар умум айни ҳол дар ҷумҳурӣ 101 шабакаи давлативу хусусии телевизиону радио ва студияҳои истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ, аз ҷумла 15 телевизиону 10 радиои давлатӣ, 18 телевизиони хусусӣ, 16 телевизиони ноқилӣ, 4 телевизиони IP, 24 радиои хусусӣ ва 14 студияи истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ фаъолият доранд. Маврид ба қайд аст, ки тамоми тараққиёт ва пешравиҳо дар соҳа натиҷаи осудагиву осоишгаӣ дар мамлакат ва пасон раванди ҷаҳонишавӣ мебошад. Зеро маҳз ҳамин марҳила инсонро водор месозад, то ки дар

ҷусуҷӯи роҳу усулҳои навин барои рушди бештар гардад. «...асри равон, ки дар тамаддуни инсоният дигаргуниҳои зиёде ворид сохтаву месозад, мавқеи журналистика дар ҳалли масъалаҳои умумиҷаҳонӣ торафт фаъол мегардад. Чунин раванди инкишофи ҷомеа, серпаҳлӯ гардидани ҳадафҳои журналистика, аз як тараф боиси афзоиши нақши журналистика дар ҷаҳони муосир гардад, аз сӯи дигар ба дӯши кормандони воситаҳои ахбори омма масъулияти бештаре мегузорад»- гуфтааст, Мурод Муродӣ дар китоби “Истиқлолият ва журналистикаи муосир” [5, с. 5-6]. Акнун журналисте, ки дар телевизион фаъолият мекунад, хусусан онҳое, ки кори телевизионҳои соҳавиро пеш мебаранд, масъулияти муҳиме бар дӯш доранд, яъне намоишҳое ки онҳо таҳия мекунанд бояд дар навбати аввал орӣ аз камбудиҳои касбӣ бошанд, аммо танҳо бо ин нишондод иктифо набояд кард, нуктаи дигарро бояд зикр кард, ки барои таҳияи маводи нишонрас дар телевизионҳои соҳавии мамлакат танҳо касбияти журналист кофӣ нест, хеле ва хеле зарур аст, ки журналисте, ки дар телевизионҳои соҳавӣ фаъолият мекунад, роҷеъ ба мавзуе, ки интихоб кардааст, маълумоти лозимаро дошта бошад. Зеро бидуни огоҳӣ аз ягон соҳа ва ё мавзу таҳия кардани барномаи нишонрас ва ба мақсад мувофиқ имконпазир нахоҳад шуд. Дар ин ҳол агар журналист аз соҳа ва ё мавзуи мавриди назар иттилои кофӣ надошта бошад, тамоми суолҳое, ки ба мутахассисон пешниҳод мекунад, ғайримақсаднок ва номуайян хоҳад буд. Зимнан, посухе, ки аз ҳар суол дарёфт мегардад, роҳнамо ва ё ишораи хубе барои идомаи пурмуҳтавои барнома шуда метавонад, ин нуктаро танҳо дар ҳоле журналист метавонад пай барад, ки агар дар марвиди мавзуи мазкур мутолиа карда бошад. Дар акси ҳолат барномаи таҳияшуда наметавонад қаноатмандии бинандаро ба даст орад. Ба андешаидонишмандони соҳа имрӯз сабаби заиф будани муҳтавои барномаҳои телевизионӣ шояд заифии донишҳои соҳавии таҳиягарони барномаҳо бошад. Дар ин маврид М. Муродӣ Дар китоби “Истиқлолият ва журналистикаи муосир”гуфтааст, ки «Шояд яке аз иллатҳои таҳлили амиқу ҳаматарафа нашудани муаммоҳои рӯз дар надоштан ё сатҳан паст будани дониши соҳавии рӯзноманигорон бошад. Шояд ин иллат бошад, ки дар рӯзноманигории ватанӣ мавзу ва масъалаҳо ба тарзи силсилавӣ зина ба зина таҳқиқу таҳлил намешавад» [5, с. 9]. Аз ин ҷо бори дигар маълум мешавад, ки рисолати журналист дар пешниҳод ва баррасиву таҳлили мавзуоти рӯз басо назаррас аст. Пас ба соҳаи журналистика ба таври тасодуфи ворид гаштан дар он муваффақ шудан имкон надорад, зеро журналистика дар баробари шохае аз фарҳанг ва санъатбудан ҳамзамонсоҳаест, ки дар он донишу касбият ва талошхоҳӣ мавкеи муҳимро ишғол мекунад. Тибқи ишораи мутахассисони соҳа ва шоҳидони ҳол солҳои аввали фаъолияти аввалин телевизион дар кишвар на ба ҳама муяссар буд, ки ба системаи телевизион роҳ ёбанд. Дар ин маврид Мирзоев И. Яке аз собиқадорони аввалин телевизион дар мамлакат дар китобе бо номи “Рукни чорум” чунин ёдовар шудааст. «Он солҳо шахсоне, ки тавассути телевизион доир ба ин ва ё он масъала баромад мекарданд ва ё бурдани ягон барномаро ба зиммаашон мегузоштанд, шахсияти онҳоро ҳамаҷониба санҷида меомӯхтанд, то ки аз ҷиҳати маънавӣ ҳуқуқи дар телевизион баромад карданро дошта бошанд» [6, с. 17]. Пӯшида нест, ки бо вуҷуди фаъолияти шумораи зиёди телевизионҳои давлативу хусусӣ дар кишвар тайи солҳои охир таваҷҷуҳи бештари бинандагони телевизионро интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, ки тоза ба майдони иттилооти кишвар ворид гаштанд, ба худ ҷалб сохтанд, зеро дар телевизион касбияти журналист ва маҳорату дониши ӯ мавқеи асосӣ дорад дар шабакаҳои иҷтимоӣ бошад,хусусияти чандоне аз унсурҳои журналистика ҷой надорад, ҳар кӣ бо ҳар роҳу бо ҳар шевае мехоҳад, ба мардум хабару навгониеро мерасонад. Бо назардошти доираи васеъи таваҷҷуҳи омма ба ин хабару хабаргузорӣ мутахассисони соҳа зарур мешуморанд, ки рафти ин хабаргузорӣ ва фаъолияти шабакаҳои иҷтимоӣ дар як чаҳорчубаи муайян дароварда шавад. Бо ин вуҷуд ҳастанд шахсоне, ки дунболи хабаргузориву таҳлили мутахассисони ҳирфаиянд, яъне ин ба он маъност, ки мавқеи телевизион дар фазои иттилоотӣ ҳамоно побарҷост. Аммо гоҳо аз ҷониби бинандаи телевизион низ роҷеъ ба костагии мазмуни барномаҳо норозигӣ ба миён меояд.Ин ҳақиқатро наметавон нодида гирифт, ки имрӯз тариқи телевизионҳои кишвар барномаҳое пахш мешаванд, ки дар он мавқеи журналист норушан мемонад. Бараъло дида мешавад, ки мавзу аз ҷониби таҳиягар ба пуррагӣ ва ҳатто ба андозае оне, ки як барномаи диданӣ таҳия гардад, омӯхта нашудааст. Ин ҳолат албатта боиси нигаронии мутахассисони соҳаи журналистика гаштааст. Ба ин маъно муҳаққиқ м. Муродӣ дар китоби «Истиқлолият ва журналистикаи муосир»ба таври зайл баёни анбеша кардааст: «Ба назар чунин мерасад, ки муаллифони чунин мавод на ин ки донишу ҷаҳонбинии фаррох, балки чандон қобилияти дарки воқеиёти иҷтимоиро надоранд. Дар ингуна нигоштаҳо тафаккури аввомона ҳукмрон

аст ва муаллифон ба ҷои дунболи худ бурдани ҷомеа аз паси ом мераванд. Онҳо масъалаҳоро чунончи дар гуфтори аввом садо медиҳанд рӯи саҳифа меоранд. Ин ҳолат аз як тараф гувоҳи дар васоити ахбори омма кам андар кам фаъолият доштани рӯзноманигорони касбиро фаҳмонад, аз ҷониби дигар дар ҷустуҷӯй ва сайқали маҳорати касбӣ камҳавсала будани рӯзноманигорони ҷавонро нишон медиҳад» [5, с. 8]. Ғайр аз як камбудии дигар, ки бештар дида мешавад, ин ба суханони мусоҳиб камтар аҳамият додани ровиёни ҷавон аст. Ба ҷои гӯш додан бештар сайъ мекунанд то ба имову ишораҳои ноҷо машғул шаванд, ки ин ҳолат ҳам ғайритабииву сохта ба назар мерасад ва ҳам муҳтавои матнро аз байн мебарад. Муҳаққиқ Муъминҷонов З. Дар яке аз мақолаҳо овардааст, ки: «Агар матнҳо бодиққат омӯхта шаванд, тарзи хониши онҳо рангорангии ифодаро пайдо мекунад. Аммо бепарвоӣ ба онҳо имкон намедиҳад, ки ин паҳлӯи корро хуб ба анҷом расонанд, обрӯ ва нуфузи худро ҳамчун баранда ва ё ровӣ баланд бардоранд» [4, с. 196].

Аммо дида мешавад, ки олимону мутахассисони соҳа пайи омода кардани кадрҳои соҳавӣ талош доранд ва умед аст, ки дар ояндаи наздик кӯшишҳои донишмандон ва устодони соҳа натиҷа медиҳад ва муассисаҳое, ки дар кишвар мутахассисони соҳаи журналистикаро ба майдони дониш ва истеҳсолот мебароранд, дар баробари донишу малакаи касбӣ, ҳамчунин, онҳоро бо донишҳои соҳавӣ низ мусаллаҳ мегардонанд ва ҳамин тариқ тамоми телевизионҳои соҳавие, ки имрӯз дар мамлакат фаъолият доранд бо мутахассисони сирф касбӣ, ки ҳам аз мактаби устодони соҳаи журналистика гузаштаанду ҳам то андозае маълумоти соҳавӣ доранд, таъмин мегарданд.

Ғайр аз ин аллакай нафарони зиёдеро мебинем, ки хатмкардагони соҳаҳои дигаранд аммо дар телевизион ба ҳайси наттоқ, баранда, муҳаррир ё коргардонфаъолият мебаранд. Агар ин нафарон вобаста ба соҳаи худ барномаҳо таҳия кунанд, шояд то андозае нишонрас ояд, чун дар тӯли таҳсил аз нозукиҳои соҳа бархурдор шудаанд, аммо дар ҳар сурат барои идомаи фаъолият дар телевизион ва радиоҳои кишвар ошноӣ бо асосҳои журналистика ба манфиати кор хоҳад буд. Аз ин рӯ Муассисаи давлатии “Академияи ВАО – и Тоҷикистон” пайваста бобати такмили ихтисоси кулли масъулон ва кормандони радиову телевизионҳои кишвар аз ҷумла, коргардонҳо, равшанидиҳандагон, ровӣ ва наттоқон, рӯзноманигорон, наворбардорон, танзимгарон ва ғайра курсҳои омӯзиширо ҳамасола ба роҳ мемонад. Барои мисол ин академия соли 2024 барои кормандони ғайриихтисоси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон курси омузишии “Асосҳои журналистика”-ро ба роҳ монда буд. Ҳамаи дарсҳодар Академияи ВАО гузаронида шуд ва хатмкунандагони он бо гувоҳномаи пешбурди фаъолияти журналистӣ сарфароз гардонида шуданд. Курси мазкур аз қисмати назариявӣ ва амалӣ иборат буд, ки қисмати назариявии онро профессори факултаи журналистикаи ДМТ Мурод Муродӣ ва қисмати амалии онро мудири шуъбаи иттилоот ва равобити байналмилаллии Дастгоҳи раиси шаҳри Душанбе Абдумаҷид Ҳакимзода ва шоир – рӯзноманигор Иззатманд Саломиён гузарониданд.

Ин ҷо боз масъалаи дигар ба миён меояд, ки он завқи бинанда ва ҷалби ҳарчи бештари аудитория аз ҷониби телевизионҳои кишвар мебошад.«Сол то сол шумораи телевизионҳои давлатӣ, хусусӣ тиҷоратӣ ва ҷамъиятӣ зиёд гардида истодаанд. Имконоти дастрасӣ ба телевизион ҳамарӯза бештар мешавад, чун интихоби бинанда васеъ аст, дигар дар иваз намудани шабака таъхир намекунад. Ин ҳолат кормандони телевизионро водор менамояд, то маҳорату малакаи зиёди касбӣ дошта бошанд. Ҳар дақиқаву сонияи барнома ва намоиши телевизионӣ бояд ба талабот ва завқу шавқи бинанда ҷавобгӯ бошад, вагарна ҳамон лаҳза бинанда ба шабакаи дигар рӯ меорад. Инро ба инобат гирифта, муассисони телевизион барои беҳбуди фаъолияти телевизион талош меварзанд»- гуфтааст Сафарзода М. дар китоби “Барномасозӣ дар телевизион” [9, с. 10].

Хулоса, барои он ки телевизион аудиторияи худро бо пешниҳоди барномаҳои диққатҷалбкунанда ҷазб карда тавонад, лозим аст, кирӯзноманигорони касбӣ ба кор ҷалб карда шаванд ва муҳимтар аз ҳама, нафароне, ки воқеан хоҳиши кор кардан дар ин соҳаро доранд, хусусан фаъолияти эҷодӣ доштан дар телевизион, бояд ҷиддан ба омӯзиши махсусиятҳои соҳа машғул шаванд. Зеро кор дар телевизион танҳо баранда ва ё наттоқи барномаҳои гуногун будан нест, ба илова мебояд барномаҳои гуногунжанру гуногунмавзу омода кард ва ин масаъулият саҳл нест. Дониш, маҳорат, завқ, идрок ва масъулиятро тақозо мекунад. Шуруъ аз таҳияи барнома то ба эфир баровардани барнома қадамҳои зиёде ҳаст, ки бояд бо риояи барҷои талабот тай карда шавад. Мо ҳоло дар мавриди камбудии мутахассисони соҳавӣ сухан гуфтем, яъне ишора ба он шуд, ки барои таҳияи барномаҳои

ҷолибу нишонрас ва ҷалби ҳарчи бештари бинанда бояд таҳиягарон ҳатман мутахассиси соҳаи худ бошанд, хоса муаллифони барномаҳо бояд бевосита аз мактаби бузурги рӯзноманигорон дарс омӯхта бошанд. Аммо ин ҳолат ба танҳои кофӣ нест. Кам нестанд онҳое, ки хатмкардаи риштаи рӯзноманигорияд вале дар таҳияи барномаҳои марбут ба соҳаҳои гуногун костагиҳоро нишон медиҳанд. Дар ниҳояти сухан, агар касбият бо донишҳои соҳавӣ муттаҳид шавад он гоҳ метавон ояндаи боз ҳам беҳтару дурахшони телевизионҳои кишварро интизор шуд.

Адабиёт

1. *Давронов, Д. Сухан ва мавқеи суханварӣ дар телевизион / Д. Давронов. – Душанбе, 2007. - 100 с.*
2. *Қуддус, Ҷ. Жанрҳои журналистикаи телевизион / Ҷ. Қуддус. – Душанбе, 2003. - 47 с.*
3. *Қуддус, Ҷ. Асосҳои журналистикаи телевизион / Ҷ. Қуддус. – Душанбе, 2008. - 52 с.*
4. *Муъминҷонов, З. Нақши баранда (журналист) дар рангорангии барномаҳои соҳавии телевизион / З. Муъминҷонов, Р. Воҳидӣ // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2023. – № 1(102). – С. 196-202.*
5. *Муродӣ, М. Истиқлолият ва журналистикаи муосир / М. Муродӣ. – Душанбе, 2006. - 96 с.*
6. *Мирзоев, И. Рукни чорум / И. Мирзоев. – Душанбе, 2006. - 209 с.*
7. *Наврӯзшоҳи, Х. Р. Бунёд ва ташаккули телевизионҳои соҳавӣ дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Х. Р. Наврӯзшоҳи // Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2025. – № 1 (114). – С. 180-185.*
8. *Саъдуллоев, А. Шоев М. Асосҳои журналистикаи телевизион / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе. 2007. - 96 с.*
9. *Сафарзода, М. Барномасозӣ дар телевизион / М. Сафарзода. – Душанбе, 2021. - 100 с.*
10. *Хоҷазод, С. Махсусияти жанрҳои Радиои Тоҷикистон С. Хоҷазод. – Душанбе, 2010. – 187 с.*

МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ ТЕЛЕВИЗИОН ВА МАВҚЕИ ОН МИЁНИ ДИГАР ВАСОИТИ АХБОРИ ОММА

Дар мақола нахуст сухан бобати пайдоиши соҳаи журналистика меравад, зеро барои он ки нақши телевизион дар рушди афкори мардум ба дурустӣ дарк карда шавад, зарур аст, ки дар бораи ба вуҷуд омадани аввалин хабар ва василаи расонидани он ба мардум марҳила ба марҳила маълумот пешниҳод карда шавад. Муаллиф сайъ кардааст, то ки мавқеъи телевизионро миёни дигар васоити ахбори умум бузургу намоён нишон диҳад ва далелу истиноде, ки аз олимони соҳа пеш овардааст, даст додааст, телевизионро миёни дигар воситаҳои хабаррасонӣ ба хубӣ нишон диҳад. Ҳамчунин дар мақола роҷеъ ба фаъолияти таҳиягарони касбӣ ва ғайрикасбии барномаҳои телевизионӣ сухан рафтааст. Лозим ба зикр аст, ки бо овардани андешаву далели муҳақиқони соҳа ва назари шахсӣ яке аз сабабҳои костагии мазмуни барномаҳои телевизионӣ ва кам гаштани аудиторияи он, паст будани сатҳи дониши касбӣ ва нокифоя будани маълумоти соҳавии муаллифони барномаҳои телевизионӣ дониста мешавад. Пешниҳоди муаллиф дар самти ҷоннок гардонидани такмили ихтисос миёни таҳиягарони барномаҳои телевизионӣ ва мукаммалгардонии донишҳои соҳавии онҳо қобили қабул ва ҷонибдорист.

Калидвожаҳо: телевизион, журналист, сиёсат, васоити ахбори омма, муаллиф, омил, ташаккул, донишҳои соҳавӣ, Академияи ВАО.

СТАДИИ РАЗВИТИЕ И МЕСТО ТЕЛЕВИДЕНИЕ СРЕДИ ДРУГИХ СРЕДСТВ МАССОВОЙ ИНФОРМАЦИИ

В статье прежде всего обсуждается возникновение сферы журналистики. Потому что для того, чтобы правильно понят роль телевидения в формировании общественного мнения, необходимо шаг за шагом предоставить информацию о появлении первой новости и способах ее донесения. Автор стремился показать большое и выдающееся положение телевидения среди других средств массовой информации и представленные им доказательства от учёных в этой области демонстрируют стабильность положения телевидения среди других средств массовой информации. В статье также рассматривается деятельность профессиональных и любительских персонал телевидении. По мнению исследователей в данной области, одной из причин низкого содержания телепрограмм и отсутствия аудитории является низкий уровень профессиональных знаний авторов телепрограмм. Предложение автора по активизации професионального развития телевизионных персонал и повышению их отраслевых знаний приемлимо для поддержки.

Ключевые слова: телевидение, журналист, политика, средства массовых информации, автор, причина, формирование, отраслевие знания, Академия массовых медиа.

STAGES OF DEVELOPMENT AND TELEVISION'S PLASE AMONG OTHER MASS MEDIA

The article primarily discusses the emergence of the field of journalism, because in order to property understand the role of television in shaping public opinion, it is necessary to provide step by step information about the appearance of the first news and the ways in which it is communicated. The author has sought to show the great and prominent position of television among other media and the evidence. He has also presented scholars opinion on the following field to demonstrated the stability of television's position among other media. The article also examines the activities of professional and amateur television staff. According to researchers in this field, one of the reasons for the low content of television programs and the lack of audience is the low level of professional knowledge of the authors of television programs. The author's proposal is to activate the professional development of television personnel and improve their industry knowledge is acceptable for support.

Keywords: television, journalist, politics, mass media, author, factor, formation, industry, knowledge, Academy of mass media.

Дар бораи муаллиф
Мохрухсори Азизулло
Докторант аз рӯи ихтисос (PhD)-и кафедраи рӯзноманигори телевизион ва радиошунавонӣ
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Борбад, 73/а
E-mail: azizullomohruhsori@gmail.com

Об авторе
Мохрухсори Азизулло
Докторант по специальности (PhD) кафедры телерадиожурналистики
Таджикский государственный институт культуры и искусств имени М. Турсунзода
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбад, 73/а
E-mail: azizullomohruhsori@gmail.com

About the author
Mohrukhsori Azizullo
PhD candidate in the department of television and radio journalism
Tajik State Institute of Culture and Arts named after M. Tursunzoda
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Borbad str., 73/a
E-mail: azizullomohruhsori@gmail.com

УДК 94(575.3):37-051

КООРДИНАЦИЯ НАУЧНЫХ СВЯЗЕЙ ТАДЖИКИСТАНА СО СТРАНАМИ-ЧЛЕНАМИ ШАНХАЙСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ СОТРУДНИЧЕСТВА (ШОС)

Ибодуллозода А. И., Вохидова М. А.
Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни

Шанхайская организация сотрудничества (ШОС) представляет собой одну из ведущих международных организаций, которая содействует укреплению безопасности, экономическому росту и развитию научных связей среди стран Центральной Азии и Восточной Азии. Таджикистан активно участвует в этом процессе, развивая научное сотрудничество со странами-членами ШОС, что способствует укреплению научного и образовательного потенциала региона. Рассмотрим более подробно, как Таджикистан координирует свои научные связи с партнерами по ШОС.

Шанхайская организация сотрудничества (ШОС) была основана в 2001 году, и на сегодняшний день включает в себя восемь стран: Китай, Индию, Казахстан, Кыргызстан, Россию, Пакистан, Таджикистан и Узбекистан. Важной частью работы ШОС является развитие многосторонних отношений, включая научное и образовательное сотрудничество, что позволяет странам обмениваться научным опытом, технологиями и инновациями.

В рамках ШОС была разработана программа по укреплению научно-технического сотрудничества, которая охватывает различные сферы, включая экологию, информационные технологии, медицину, энергетику и сельское хозяйство. Например, в 2016 году было принято решение о создании Совета научных организаций ШОС, который служит платформой для более тесного взаимодействия научных институтов и исследовательских центров стран-членов [4, с. 53].

Таджикистан активно участвует в этой платформе, делая акцент на укрепление связей в области экологии, водных ресурсов и сельского хозяйства. Как страна с ограниченными природными ресурсами и нестабильной гидрологической ситуацией, Таджикистан находит полезным обмен опытом с соседними странами, такими как Китай и Казахстан, в области управления водными ресурсами, что также поддерживает стабильность региона.

Одним из главных направлений научного сотрудничества Таджикистана со странами ШОС является реализация совместных исследовательских проектов. В последние годы активно разрабатываются программы, направленные на решение таких глобальных проблем, как изменение климата, охрана окружающей среды и устойчивое использование природных ресурсов [3, с. 53].

К примеру, Таджикистан и Китай провели совместные исследования по вопросам изменения климата в Центральной Азии, а также о влиянии изменения климата на водные ресурсы региона. Китайские ученые делятся опытом по внедрению передовых технологий водообеспечения, что особенно актуально для Таджикистана, где значительная часть водных ресурсов зависит от трансграничных рек [5, с. 76].

Кроме того, Таджикистан активно сотрудничает с Россией и Казахстаном в области сельского хозяйства. В частности, были реализованы проекты по улучшению методов орошения, защите от засухи и повышению устойчивости сельского хозяйства к изменениям климата.

В области медицины и здравоохранения Таджикистан также развивает сотрудничество с Индией и Россией. В 2019 году был запущен совместный проект по лечению инфекционных заболеваний, включая профилактику и борьбу с туберкулезом и ВИЧ. Таджикистан получает значительную поддержку в области подготовки медицинских кадров и внедрения передовых методов лечения [7, с. 82].

Совместные исследовательские проекты и инициативы стран Шанхайской организации сотрудничества (ШОС) представляют собой важный элемент их взаимодействия,

направленный на укрепление научной и технологической кооперации среди государств-членов. Страны ШОС активно развивают проекты в таких областях, как экология, энергетика, сельское хозяйство, медицина и информационные технологии. Создание совместных научных центров, проведение конференций и семинаров, обмен опытом и знаниями способствуют развитию инновационных технологий и решению общих задач в области устойчивого развития. В рамках ШОС также инициируются проекты, направленные на улучшение качества жизни населения через внедрение новейших научных достижений и передовых практик.

Одним из ярких примеров таких инициатив является создание сети исследовательских институтов, которые работают над важнейшими проблемами, такими как изменение климата, развитие альтернативных источников энергии, борьба с инфекционными заболеваниями и продовольственная безопасность. Важную роль в этом процессе играют программы обмена студентами и учеными, что способствует не только научному прогрессу, но и укреплению межкультурных связей между странами. Совместные научные проекты ШОС служат основой для формирования общего научно-технического пространства, которое позволяет государствам-членам более эффективно реагировать на глобальные вызовы и достигать устойчивого роста [5, с. 69].

С момента вступления Таджикистана в Шанхайскую организацию сотрудничества (ШОС) в 2001 году, страна активно участвует в ряде образовательных и научных инициатив, направленных на укрепление международного сотрудничества в этих областях. ШОС объединяет страны с богатым культурным и научным потенциалом, и Таджикистан, как участник этой организации, использует возможности для улучшения качества образования и расширения научного обмена. Образовательные и научные обмены между Таджикистаном и государствами-членами ШОС являются важным элементом в укреплении научно-технического и культурного взаимодействия, что способствует развитию инновационных технологий и укреплению научного потенциала страны.

Таджикистан активно сотрудничает со странами ШОС в области образования, в частности, в рамках образовательных программ и стипендий. Важную роль в этом процессе играют межуниверситетские соглашения, которые позволяют студентам и преподавателям Таджикистана проходить обучение и стажировку в ведущих учебных заведениях Китая, России, Индии и других стран-членов организации. Особенно стоит отметить значительное количество студентов, обучающихся в китайских университетах, что обусловлено хорошими двусторонними отношениями между странами и наличием широких программ на получение стипендий для обучения.

Кроме того, ШОС активно поддерживает программы обмена преподавателями и научными сотрудниками, которые способствуют обмену знаниями и лучшими практиками в области педагогики и научных исследований. Это помогает Таджикистану не только повысить качество образования, но и интегрировать свои учебные заведения в международное образовательное сообщество, что открывает возможности для обмена студентами и создания совместных образовательных проектов [9].

В сфере науки Таджикистан активно участвует в многочисленных инициативах ШОС, направленных на развитие научных исследований и технологических инноваций. Важным аспектом этого сотрудничества является совместная работа в области экологии, энергетики, медицины и сельского хозяйства. Программы обмена научными работниками и создание совместных исследовательских проектов помогают Таджикистану не только обмениваться опытом, но и внедрять передовые технологии в решении актуальных задач.

Одним из ярких примеров научного сотрудничества является участие Таджикистана в исследованиях, направленных на решение экологических проблем региона. В частности, страны ШОС активно сотрудничают в рамках научных инициатив, связанных с изменением климата, борьбой с загрязнением воды и воздуха, а также рациональным использованием водных ресурсов Центральной Азии. Совместные исследования в этих областях играют важную роль для Таджикистана, который сталкивается с серьезными экологическими вызовами, связанными с нехваткой воды и ухудшением состояния окружающей среды [9].

ШОС проводит регулярные международные научные конференции и семинары, которые способствуют расширению научных обменов и укреплению межгосударственного сотрудничества в области науки и образования. Таджикистан активно участвует в таких

форумах, где ученые и исследователи из разных стран имеют возможность обмениваться результатами своих научных изысканий и обсуждать современные научные тенденции. Эти мероприятия не только помогают укрепить научные связи между странами-членами ШОС, но и создают платформу для совместной работы по решению региональных проблем [10].

Образовательные и научные обмены Таджикистана со странами ШОС играют важную роль в укреплении научно-образовательного потенциала страны и расширении возможностей для научных исследований и инноваций. Сотрудничество в этих областях способствует обмену знаниями, внедрению современных технологий и улучшению качества образования. Важно, что участие Таджикистана в образовательных и научных инициативах ШОС позволяет не только решать внутренние задачи, но и интегрировать страну в международное научное и образовательное сообщество, что открывает новые перспективы для развития и процветания региона [7, с. 23].

Таджикистан активно развивает образовательные и научные обмены в рамках ШОС. Студенты и ученые страны регулярно участвуют в международных программах обмена, которые предлагают университеты и исследовательские институты стран-членов ШОС. Одним из таких примеров является программа стипендий для таджикских студентов и аспирантов в китайских и российских университетах, что способствует углубленному изучению науки и технологий.

Кроме того, в Таджикистане проводятся научные и образовательные мероприятия, такие как международные конференции, семинары и форумы, где исследователи из стран ШОС делятся своим опытом. Например, в 2020 году в Душанбе состоялась международная конференция по вопросам устойчивого развития, организованная совместно с Россией, Казахстаном и Китаем, на которой обсуждались перспективы совместных исследований в области экологии, энергетики и технологии [10].

Важным этапом в развитии образовательного сотрудничества стало открытие культурных и образовательных центров стран-членов ШОС в Таджикистане. Китайский культурный центр в Душанбе активно организует курсы китайского языка и программы для таджикских студентов, а также проводит конференции и мастер-классы по научным и технологическим темам.

В настоящее время Таджикистан сталкивается с рядом вызовов в области научного сотрудничества со странами ШОС. Одним из основных препятствий является недостаток финансирования научных проектов и ограниченные возможности для внедрения новых технологий в научную сферу. Несмотря на наличие платформ и соглашений о сотрудничестве, необходимость создания эффективных механизмов для реализации совместных научных инициатив остается актуальной задачей.

Кроме того, Таджикистан сталкивается с проблемой нехватки квалифицированных кадров в научных областях, что затрудняет эффективную реализацию совместных проектов. Важно развивать системы подготовки высококвалифицированных специалистов в области науки и техники, а также привлекать молодежь к научным исследованиям [7, с. 104].

Тем не менее, Таджикистан продолжает активно работать над развитием научного потенциала, особенно через участие в международных научных проектах и инициативных форумах ШОС. Это сотрудничество уже приносит конкретные результаты, такие как улучшение научных публикаций, обмен опытом в области инновационных технологий и повышение научной активности в регионе.

Взаимодействие в рамках этой организации охватывает различные аспекты, включая политическую, экономическую и социальную сферу, однако одной из ключевых областей сотрудничества остаются научные связи. Для Таджикистана, который активно развивает научно-технический потенциал в ответ на внутренние вызовы и глобальные тенденции, сотрудничество с государствами-членами ШОС в сфере науки открывает значительные перспективы. Тем не менее, существуют и определенные вызовы, связанные с развитием этих научных связей. Настоящая статья рассматривает как перспективы, так и вызовы, с которыми сталкивается Таджикистан при углублении научных контактов с странами ШОС.

Таджикистан стремится укрепить свой научно-образовательный сектор и активно сотрудничает с странами ШОС в этой области. Одной из значимых перспектив является обмен знаниями и опытом между научными учреждениями, университетами и исследовательскими центрами. Страны ШОС, такие как Китай, Россия и Индия, обладают

мощными научными и образовательными системами, и Таджикистан может извлечь пользу из участия в совместных проектах и программах обмена студентами и преподавателями. Программы стипендий и стажировок для таджикских студентов, которые обучаются в ведущих вузах ШОС, позволяют развивать кадровый потенциал в стране и создавать условия для роста высококвалифицированных специалистов [7, с. 104].

Кроме того, совместные исследования, направленные на решение экологических, медицинских и технологических проблем, становятся важным элементом укрепления научных связей. Таджикистан, как страна с богатым природным ресурсным потенциалом, может активно участвовать в исследованиях в области экологии, гидрологии, агрономии и сельского хозяйства, что способствует интеграции в международное научное сообщество и развитию новых технологий.

В рамках ШОС Таджикистан может участвовать в совместных научных проектах, направленных на развитие инновационных технологий. Таджикистан, как страна, стремящаяся к модернизации своей экономики, может активно использовать достижения в области высоких технологий, таких как информационные технологии, биотехнологии, энергетика и новые материалы. ШОС предоставляет платформу для обмена опытом и научными результатами, что открывает новые возможности для внедрения передовых технологий в различные отрасли экономики, такие как сельское хозяйство, энергетика и промышленность [6, с. 112].

Одним из перспективных направлений является сотрудничество в области экологии и устойчивого развития. Страны ШОС могут объединить усилия для решения общих экологических проблем, таких как изменение климата, загрязнение водных ресурсов и ухудшение состояния экосистем. Это создает возможности для совместных исследований и разработки инновационных решений, которые могут быть применены в Таджикистане для улучшения экологической ситуации.

Таджикистан активно участвует в создании совместных научных центров с государствами-членами ШОС. Это позволяет не только решать конкретные задачи, но и разрабатывать долгосрочные проекты, направленные на развитие науки и технологий в Центральной Азии. Совместные исследования в области сельского хозяйства, медицины, энергетики и инженерии могут привести к созданию новых технологических решений, которые могут значительно повлиять на развитие национальной экономики [8, с. 136].

Одним из основных вызовов для Таджикистана является недостаток финансирования для научных исследований и разработок. Несмотря на существующие возможности для привлечения инвестиций и международного сотрудничества, бюджетные ограничения и недостаточная поддержка со стороны государственного сектора могут ограничивать потенциал научных исследований. Развитие науки требует значительных финансовых вложений в инфраструктуру, кадры, а также в приобретение высокотехнологичного оборудования. В этой связи Таджикистану необходимо активно искать внешнее финансирование и поддерживать государственно-частное партнерство в научной сфере.

Еще одним вызовом для Таджикистана является необходимость адаптации к международным научным стандартам и методам работы. Научные исследования, проводимые в рамках ШОС, часто требуют высоких стандартов качества и соответствия мировым тенденциям. Таджикистану предстоит разработать стратегии для улучшения качества своих научных исследований и обучения в высших учебных заведениях, а также для интеграции в глобальную научную сеть [2, с. 52].

Таджикистан сталкивается с рядом трансграничных проблем, связанных с водными ресурсами, что также влияет на научные исследования, особенно в области экологии и сельского хозяйства. Необходимость урегулирования споров о водных ресурсах с соседними странами и согласование научных исследований в области экологии требуют детализированного подхода и сотрудничества в рамках ШОС [1, с. 157].

Научное сотрудничество Таджикистана с государствами ШОС имеет значительный потенциал для развития науки и технологий в стране. Перспективы включают развитие инновационных технологий, участие в совместных исследовательских проектах и укрепление научно-образовательного сектора. Однако для успешного внедрения этих возможностей Таджикистану необходимо преодолевать вызовы, такие как ограниченные ресурсы, необходимость адаптации к международным стандартам и политико-

экономические трудности. Существующие возможности для усиления научных связей в рамках ШОС могут стать основой для устойчивого развития научного потенциала Таджикистана, а также для улучшения качества жизни и экономического процветания в стране.

Координация научных связей Таджикистана с государствами-членами ШОС является важной частью регионального сотрудничества. Взаимодействие в научной и образовательной сферах способствует укреплению научного потенциала, развитию инновационных технологий и решению глобальных проблем, таких как изменение климата и охрана окружающей среды. В будущем Таджикистан будет продолжать активное участие в научных инициативах ШОС, что позволит улучшить положение страны на международной научной арене и обеспечить устойчивое развитие региона.

Литература

1. *Ахмедов, Ш. Проблемы и вызовы научных связей Таджикистана с государствами-членами ШОС. - Душанбе: Институт международных отношений, 2017. – 120 с.*
2. *Алимов, К. Вклад Таджикистана в научные инициативы ШОС: анализ текущего состояния. - Душанбе: Издательство ТНУ, 2015. – 98 с.*
3. *Всемирный банк. Водные ресурсы Центральной Азии: вызовы и перспективы. - Вашингтон: Всемирный банк, 2013. – 215 с.*
4. *Ким, Ю. Современные тенденции образовательного обмена в рамках ШОС. - Алматы: Казахский национальный университет, 2014. – 132 с.*
5. *Ли, В. Перспективы сотрудничества Китая и Таджикистана в области науки и образования. - Пекин: Университет Цинхуа, 2018. – 145 с.*
6. *Министерство иностранных дел Республики Таджикистан. Внешняя политика Таджикистана в рамках ШОС. - Душанбе: МИД РТ, 2020. – 200 с.*
7. *Рахмон, Э. Роль Таджикистана в развитии научного сотрудничества со странами ШОС. - Душанбе: Академия наук Республики Таджикистан, 2019. – 185 с.*
8. *Российская Академия Наук. Совместные исследовательские проекты в рамках ШОС. - Москва: РАН, 2016. – 250 с.*
9. *Совет научных организаций ШОС (2016). Отчет о научно-техническом сотрудничестве [Электронный ресурс]. - URL: http://www.scos.org (Дата использования: 27.11.2024).*
10. *Шанхайская организация сотрудничества (2021). Официальный сайт ШОС [Электронный ресурс]. - URL: http://www.sco.int (Дата использования: 12.10.2024).*

КООРДИНАЦИЯ НАУЧНЫХ СВЯЗЕЙ ТАДЖИКИСТАНА СО СТРАНАМИ-ЧЛЕНАМИ ШАНХАЙСКОЙ ОРГАНИЗАЦИИ СОТРУДНИЧЕСТВА (ШОС)

В статье рассматриваются научные связи Таджикистана со странами ШОС, освещаются перспективы и вызовы координации совместных исследовательских проектов и образовательных инициатив в рамках организации. Особое внимание уделяется ключевым направлениям сотрудничества, таким как экология, водные ресурсы, инновационные технологии и устойчивое развитие, что способствует укреплению научного потенциала региона. Анализируются существующие барьеры и предложены рекомендации для повышения эффективности взаимодействия Таджикистана с государствами-членами ШОС в научно-образовательной сфере.

Ключевые слова: Таджикистан, ШОС, научные связи, международное сотрудничество, совместные исследования, образовательные программы, экология, устойчивое развитие, инновации, водные ресурсы.

ҲАМОҲАНГСОЗИИ РОБИТАҲОИ ИЛМИИ ТОҶИКИСТОН БО ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ СОЗМОНИ ҲАМКОРИИ ШАНХАЙ (СҲШ)

Дар мақола робитаҳои илмии Тоҷикистон бо кишварҳои СҲШ баррасӣ мешаванд, дурнамо ва мушкилоти ҳамоҳангсозии лоиҳаҳои муштараки таҳқиқотӣ ва ташаббусҳои таълимӣ дар доираи созмон равшан карда мешаванд. Таъкид ба самтҳои калидии ҳамкорӣ, аз ҷумла экология, захираҳои обӣ, технологияҳои инноватсионӣ ва рушди устувор карда шудааст, ки ба тақвияти иқтидори илмии минтақа мусоидат мекунанд. Ҳамзамон, монеаҳои мавҷуда таҳлил шуда, барои такмили ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ дар соҳаи илм ва маориф тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: Тоҷикистон, СҲШ, равобити илмӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ, тадқиқоти муштарак, барномаҳои таълимӣ, экология, рушди устувор, инноватсия, захираҳои об.

COORDINATION OF SCIENTIFIC RELATIONS OF TAJIKISTAN WITH MEMBER STATES OF THE SHANGHAI COOPERATION ORGANIZATION (SCO)

The article explores Tajikistan's scientific relations with the SCO countries, highlighting the prospects and challenges of coordinating joint research projects and educational initiatives within the organization. Special focus is given to key areas of cooperation, such as ecology, water resources, innovative technologies, and sustainable development, which contribute to strengthening the region's scientific potential. The analysis also addresses existing barriers and provides recommendations for improving Tajikistan's collaboration with SCO member states in the scientific and educational sectors.

Keywords: Tajikistan, SCO, scientific relations, international cooperation, joint research, educational programs, ecology, sustainable development, innovation, water resources.

Об авторах

Ибодуллозода Ахлиддин Ибодулло
Доктор исторических наук, профессор, ректор Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: ahliddin_holov@mail.ru

Вохидова Мадина Абдухоликовна
Докторант (PhD) кафедры всеобщей истории и международных отношений Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
E-mail: vohidovamadinakhon@gmail.com

Дар бораи муаллифон

Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло
Доктори илмҳои таърих, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: ahliddin_holov@mail.ru

Воҳидова Мадина Абдухолиқовна
Докторант (PhD)-и кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 121
E-mail: vohidovamadinakhon@gmail.com

About the authors

Ibodullozoda Ahliddin Ibodullo
Doctor of historical sciences, professor, Rector of the Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail: ahliddin_holov@mail.ru

Vohidova Madina Abdukholiqovna
PhD studies at the Department of World History and International Relations
Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121
E-mail.: vohidovamadinakhon@gmail.com

ТДУ 94(575.3)

ИСЛОҲОТ ДАР ҲАЁТИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ “БОЗСОЗӢ” (1985-1991)

Абдурашитов Ф. М.
Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ

Дар охири солҳои 70-ум ва ибтидои солҳои 80-уми асри XX дар соҳаи кишоварзӣ карахтӣ авҷ гирифт ва вазъи он хусусияти буҳронӣ гирифт. Суръати миёнаи солонаи афзоиши маҳсулот то 1 фоиз кам шуда, назар ба афзоиши аҳолӣ пасттар гардид. Истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба ҳар сар аҳолӣ аслан наафзуд ва аз рӯи бисьёр намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ ҳатто кам шуд. Норасоии озуқаворӣ аз ҳисоби воридот пурра карда мешуд.

Дар аввали солҳои 80-ум дар тамоми қаламрави ИҶШС ҳолати буҳрони амиқи иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ шиддат гирифт. Суръати афзоиши саноат аз 8,4 фоиз дар охири солҳои 60-ум то 3,5 фоиз дар аввали солҳои 80-ум ва ҳосилнокии меҳнат мутаносибан аз 6,3 фоиз то 3 фоиз паст шуд. Дар бозори истеъмолӣ ва молия вазъи буҳронӣ, аз ҷумла бо сабаби паст шудани нархи ҷаҳонии нафт дар ибтидои солҳои 80-уми асри XX ба вуҷуд омад. Таназзули иқтисодиёт аз ҳисоби ҳиссаи калони хароҷоти ҳарбӣ дар буҷа, ба амал омад [2, с. 12].

Аз ин рӯ ба хотири баромадан аз ин ҳолати ногувори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар ибтидои солҳои 80-ум қабул шудани Барномаи озуқаворӣ масъалаи на камтар аз ду баробар зиёд кардани истехсоли меваю ангур ахамияти калони иқтисодӣ ва сиёсӣ пайдо кард. Яке аз роҳҳои ҳалли ин масъала ба муомилоти хоҷагии қишлоқ васеъ ҷалб намудани заминҳои лалмӣ ва ба технологияи индустриалӣ гузарондани соҳа буд. Ба яке аз соҳаҳои пешқадами хоҷагии қишлоқ табдил додани боғу токдорӣ дар заминҳои лалмӣ на танҳо ба таъмини корхонаҳои ҷумҳурӣ бо ин маҳсулот, зиёда аз ин ба хориҷ интиқол намудани ангур, меваҳои хуштаъм мусоидат намуд. Аз ҳама муҳим, технологияи нави истеҳсоли ангур ба рушди комплекси агросаноатӣ дар Тоҷикистон мусоидат намуд [4, с. 433].

Бо вуҷуди ин дар ҷараёни дигаргунсозиҳо дар иқтисодиёт, махсусан дар соҳаи аграрӣ суръати миёнаи солонаи афзоиши нишондодҳо дар солхои 1981-1985 3,02 фоизро ташкил дода бошад, пас дар хоҷагии қишлоқи комплекси агросаноатӣ мутаносибан аз + 3,4 ва – 0,3 фоиз иборат буд. Ба ин таназзул то андозае номукаммалии низоми идоракунӣ ҳам дар зинахои поёнӣ ва чи дар зинаи боло таъсир расонд [8, с. 1-2].

Дар чунин шароит 11 марти соли 1985 Михаил Сергеевич Горбачёв Котиби Генералии КМ ҲКИШ интихоб шуд. Баробари омадани М. Горбачёв вазифаҳои асосии ҳизб ва давлатро ба қавли худи Котиби Генералӣ “одамони ҷавону серғайрат ишғол карданд, ки зарурати дигаргуниҳои ҷиддиро дар мамлакат фаҳмиданд” [2, с. 12]. Дар Пленуми апрелии (соли 1985) КМ ҲКИШ сиёсати тезондани тараққиёти ҳаёти ичтимоӣ-иқтисодии мамлакат эълон карда шуд. Максади сиёсати бозсозӣ беҳтар намудани нишондиҳандаҳои сифатии иқтисодиёт буд. Пленум стратегияи суръатбахши се самти асосиро муайян кард. Самти якум аз қатъиян пурзур намудани пайвастагии сиёсати иҷтимои бо тараққиёти хоҷагии халқ, дар навбати аввал вазифаҳои баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ иборат буд. Самти дуйум ба роҳи тараққиёти интенсивӣ гузарондани хоҷагии халқ, пеш аз ҳама ба тезондани рушди илму техника асос ёфта буд. Самти сеюмро гузарондани ислоҳоти куллии идоракунӣ дар тамоми сатҳҳои роҳбарикунанда ташкил мекард. Стратегияи роҳи тезондани самтҳои асосии рушди мамлакат дар съезди XXVII ҲКИШ моҳи феврали соли 1986 дастгирӣ карда шуд.

Моҳияти асосии ислоҳоти сиёсати аграрӣ дар давраи бозсозии Шӯравӣ ин баргардонидани соҳибияти замин ба мардум ва истифодаи имконоти иқтисодии колхоз ва совхозҳо бо роҳи «озод кардан» аз васояти маъмурӣ ва додани мустақилияти бештар ба сохторҳои дохилии онҳо буд. Мақсади стратегӣ дар сиёсати аграрӣ шомили рушди «методҳои нави хоҷагидорӣ, кооператсия ва иҷора» буд, ки ин имкониятҳои колхозу совхозҳо ба таври комил истифода шаванд. Инро метавон ҳамчун як раванде, ки вазъияти

хоҷагиҳои коллективии Шӯравӣ дар навбати худ кӯшиш мекард, ки бо истифода аз мӯҳтавои ислоҳот ва шаклҳои нави истеҳсолӣ, барои афзоиши самаранокии иқтисодӣ ва рафъи камбудиҳо дар соҳаи кишоварзӣ роҳандозӣ кунад [3]. Пешгӯӣ ва таъкид ба «баргардондани соҳиби комилҳуқуқ» ва «кушодани имконот» дар асл равиши ягонаи ислоҳот буд, ки мақсади он таъмин кардани пешравии иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа буд.

Нигоҳ накарда ба каррахтии иҷтимоӣ-сиёси ин давра дар натиҷаи азхуд намудани заминҳои нав ва аз нав барқарор намудани заминҳои куҳна дар панҷсолаи даҳум ва ёздаҳум заминҳои корами обӣ дар республика васеъ гардид. Аз ҳисоби ба кор андохтани майдонҳои нав, васеъ кардан ва аз нав сохтани майдонҳои мавҷудаи кишт дар давоми ду панҷсола заминҳои обӣ 112,6 ҳазор гектар зиёд шуданд [9, с. 148].

Дар як қатор районҳои қишлоқ «Эстафетаи деҳқконӣ» васеъ паҳн гардид, ки дар рафти он пахтакорон – колхозу совхозҳо ва заводҳои пахтатозакунӣ аз руи шартнома ҳамкорӣ намуда, барои таъмин намудани нахи аълосифат кушиш мекарданд.

Муроҷиатномаи КМ ҲКИШ ба халқи Шӯравӣ аз 9 марти соли 1987 [11] меҳнаткашони деҳотро баҳри иҷрои нақшаи панҷсола руҳбаланд кард. Дар сафи пеши мусобиқа коммунистони деҳот буда, аз паси онҳо ба таври оммавӣ колхозчиён, коргарони совхозҳо, механизаторон, чорводорон, ирригаторон ва дигар меҳнаткашони деҳот қарор доштанд. Меҳнати фидкоронаи пешқадамони истеҳсолот ба монанди Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, сардори бригадаи нақлиёти ҳосилғундории совхози ба номи Турдиеви ноҳияи Москва Шариф Турабов, картошкапарвари совхози «Кзилсу»-и ноҳияи Ҷирғатол, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Сайли Раҳмонова, механизатори ноҳияи Ҳисор Мирзо Ғафуров, чинакчии совхози «Съезди XXV партия»-и ноҳияи Куйбишев, вакили Съезди XXVII ҲКИШ Гулнисо Паҳлавонова. сардори бригадаи комсомолу-ҷавонони колхози ба номи. Куйбишеви ноҳияи Мастчоҳ С Хамидов дар байни омма намунаи ибрат шудаанд.

Аммо дар баробари муваффақиятҳо дар нимаи якуми солҳои 80-ум дар тамоми соҳаҳо ҳаётан муҳими хоҷагии халқ пастравии истеҳсолот, алалхусус сифати маҳсулот ба назар мерасид, ки ин на танҳо ба иқтисодиёти хоҷагиҳо, зиёда аз он ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сатҳи зиндагии мардум низ таъсири худро мерасонд. Боиси нигарон аст, ки танҳо дар соли 1985 дар натиҷаи каррахтӣ дар идоракунии истеҳсолот 91 совхози республика зараровар буд. Дар вилояти мухтори Бадахшони Куҳӣ, Кулоб, ноҳияхои Ҷирғатол, Ғарм, Комсомолобод ва баъзе дигар ноҳияхо махсусан хоҷагиҳои зиёновар бисьёр буданд. 15 фоизи хочагиҳо нақшаи ба давлат фурухтани гуштро ва ҳар як фермаи панҷум нақшаи фурухтани шир ва тухмро иҷро накард [14, с. 206]. Дар ин давра дар 72 ферма нақшаи хариди чорво ва мурғ, дар 71 ферма истеҳсоли шир, 35 ферма нақшаи хариди тухмро иҷро накарданд. Дар бобати хариди чорво ва мурғ дар хоҷагиҳои вилояти Кулоб, ширу тухм дар вилояти Қурғонтеппа, тухм дар ноҳияи Ленин ба қафомонӣ роҳ дода шуд. Дар хоҷагиҳои ВАБК, вилояти Ленинобод, ноҳияхои Ҷирғатол ва Комсомолобод саршумори гусфанду буз, дар ноҳияҳои Ҳисор, Ленин ва Орҷоникидзеобод вазни миёнаи чорвои калони шохдор хеле кам шуд [6].

27 ноябри соли 2007 дар ҷаласаи 17-уми Ассамблеяи Генералии Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ (СУС) Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати узви комилҳуқуқи ин созмони бонуфузи байналмилалӣ пазируфта шуд. Маврид ба зикр аст, ки аз рӯзҳои аввали шомил шуданаш, Тоҷикистон ҳамкориҳои худро бо ин ташкилот равнақ дода, шуруъ аз соли 2008 масъулини соҳаи туризми кишвар дар намоишгоҳҳои бузурги ҷаҳонӣ дар шаҳрҳои Берлин, Токио, Лондон ва дигар кишварҳои ҷаҳон ширкат менамоянд. Имрӯз кишвари мо аз ҷониби туризми байналмилалӣ ҳамчун сарзамини дорои пайраҳаи «Шоҳроҳи Абрешим» эътироф гардидааст.

Ин рӯйдод як марҳалаи муҳим дар таърихи туризми кишвар маҳсуб меёбад, зеро шомил шудан ба (СУС) барои Тоҷикистон имкониятҳои навро барои рушди соҳаи сайёҳӣ ва муаррифии имкониятҳои сайёҳӣ дар арсаи ҷаҳонӣ фароҳам оварда, таҳкими мавқеи кишварро дар бозори сайёҳӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ ва ҷалби сайёҳон боз кунад.

Тадқиқоти олимон ва коршиносон нишон медиҳанд, ки соҳаи сайёҳӣ дар ҳама давлатҳо бояд ба таври холис ва дар мувофиқа бо сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ рушд ёбад, ки ҳамаи онҳо тавассути созмондиҳии самарабахши қонунгузории соҳа амалӣ мешаванд.

Дар даврони истиқлолият дар Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқиро барои рушди соҳаи сайёҳӣ эҷод намуда, баҳри танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии соҳа стратегияву консепсия ва қонуну барномаҳо аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» соли 1999», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ», «Барномаи давлатии рушди туризм дар Тоҷикистон барои солҳои 2004-2009», «Консепсияи миллии рушди туризм барои солҳои 2009-2019», «Барномаи давлатии рушди туризм барои солҳои 2010-2014», «Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017», «Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2018-2020» [16], «Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [4] ва «Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [13] қабул шуда, дар доираи ин як қатор тадбирҳои муҳим барои рушди соҳаи туризм ва ҷалби сайёҳони хориҷӣ бо равона гардидани низоми раводиди электронӣ барои сайёҳони хориҷӣ, таъсиси минтақаҳои сайёҳӣ ва муҳайё намудани инфрасохтори зарурӣ таъмин шуда истодааст.

Хотирнишон бояд намуд, ки Тоҷикистон аз давлати Шуравӣ низоми сайёҳиро ба мерос гирифт, ки инкишофи он дар сатҳи поёнӣ қарор дошт ва ба талаботи иқтисоди бозаргонӣ мувофиқат намекард. Сиёсати давлати Шуравӣ дар соҳаи туризм бештар ба манфиатҳои умумии Иттиҳоди Шуравӣ нигаронида шуда буд ва манфиатҳои миллии Тоҷикистон ва эҳтиёҷоти маҳаллии он хеле кам баррасӣ мешуд. Дар рӯзҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ соҳаи сайёҳӣ ба душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ гардида буд, ки пеш аз ҳама ба раванди аз байнравии ИҶШС ва буҳрони сиёсию иқтисодии солҳои 90-уми асри XX инчунин ноороимиҳо дар ҷумҳурӣ робита доштанд, ки ин ҳама боиси заиф шудани имиджи Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ гардид.

Хушбахтона, бо шарофати ба даст овардани ваҳдати миллӣ, шуруъ аз соли 2000-ум соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон дигарбора эҳё гашта, имкониятҳои нав барои рушди соҳа фароҳам омад. Дар партави сиёсати хирадмандона ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи сайёҳӣ дар мамлакат ба як самти муҳим табдил ёфта, пешпурди ташаббусҳои нав, таҳким ва дастгирии инфрасохторӣ ва хидматрасониҳои туристӣ дар мамлакат солҳои охир чашмрасанд.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо мақсади дастгирии рушди соҳа ва таъмини шароити мусоиди баробар ва рақобатпазирро барои субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ фароҳам меорад. Инчунин ҳуқуқу озодиҳои субъектҳои хизматрасонии сайёҳиро ҳифз намуда, ба онҳо имконият медиҳад, ки ба захираҳои табиии сайёҳӣ дастрасӣ пайдо кунанд.

Роҳбари давлат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2016), вобаста ба шароити воқеӣ самтҳои муҳимми пешрафти соҳаро муайян намуда, бахши хусусиро барои ҷалби соҳаи сайёҳӣ ҳавасманд намуда супориш доданд: «Ҷиҳати босуръат тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ дар кишвар зарур аст, ки воридоти таҷҳизоту маводи сохтмонии иншооти сайёҳӣ аз пардохтҳои андозиву гумрукӣ, инчунин, ширкатҳои сайёҳӣ дар панҷ соли аввали фаъолияташон аз пардохтҳои андоз аз фоида озод карда шаванд» [8, с. 18].

Бо мақсади татбиқи пурра ва самараноки имтиёзи мазкур бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2018 №189, рӯйхати иншооти сайёҳие, ки барои бунёдашон воридоти таҷҳизоту техника ва масолеҳи сохтмонӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд, тасдиқ гардид.

Ба ин рӯйхат меҳмонхонаҳо, меҳмонхонаҳои махсус (гестҳаус, ҳостел),осоишгоҳҳои табобатӣ, истироҳатгоҳҳо, фароғатгоҳҳо, марказҳои хизматрасонии маҷмуии сайёҳӣ (маҷмааи сайёҳӣ), нуқтаҳои хизматрасонии маҷмуии сарироҳӣ (мотел), боғҳои фарҳангию фароғатӣ, мавзеъҳои фарҳангию таърихӣ ва динӣ (осорхонаҳо, зиёратгоҳҳо, иншооти таърихӣ), инфрасохтори моҳигирӣ ва шикор бо мақсади сайёҳӣ, тарабхонаҳои дорои бренди байналмилалӣ, марказҳои истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ, пойгоҳҳои махсуси мутобиқгардонии минтақаҳои баландкӯҳ барои сайёҳон, маҷмааи сайёҳию лижаронӣ, марказҳои омӯзишӣ барои кӯҳнавардон, лижаронӣ ва роҳбаладӣ ворид гардид. Ин ҳавасмандгардиҳо натиҷаҳои хуб ба бор оварда, танҳо дар соли 2018 75 ширкати нави сайёҳӣ таъсис ёфт ва ба бозори сайёҳии мамлакат ворид гардиданд [14].

Дар ин замина баҳри боз ҳам вусъат додани соҳаи сайёҳӣ ва истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷуда, дар соли 2017 Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди мустақил таъсис ёфт. Дар доираи ташаббусҳои Роҳбари давлат эълон гардидани соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва солҳои 2019-

2021«Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», боиси баланд шудани маърифати байналмилалӣ дар бораи Тоҷикистон ва муаррифии табиати нотакрор ҳунарҳои халқии он шуд, ки ба рушди соҳа ва иқтисоди кишвар таъсир гузошт. Маҳз тадбирҳои муассири Президенти малакат буд, ки соли 2018 бори аввал дар таърихи мамлакат теъдоди воридоти сайёҳони хориҷӣ ба 1 млн 155 ҳазор нафар расид, ки ин нишондод нисбати соли қаблӣ 2,6 маротиба бештар буд [5, с. 323].

Илова бар ин, баҳри фароҳам овардани шароити созгори таълимӣ ва омодасозии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ дар кишвар соли 2022 дар заминаи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизматрасонӣ таъсис ёфт, ки ин иқдом нишонаи амалӣ кардани сиёсати муваффақ дар рушди соҳаи сайёҳӣ ва ташвиқу муаррифии кишвар ҳамчун як мавқеи ҷолиби сайёҳӣ дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад.

Тибқи таҳлилҳои созмонҳои бонуфуз ва расонаҳои маъруфи ҷаҳонӣ Тоҷикистон ҳамчун кишвари сайёҳӣ ба феҳристи 50 кишвари маъмул барои сайёҳони Русия шомил шуда, дар миёни 10 минтақаи беҳтарин барои сайру саёҳат дар Осиёи Марказӣ зинаи аввалро касб намудааст. Илова бар ин, ба 10 роҳи зеботарини дунё ворид гардидани шоҳроҳи Помир, эътироф шудани пойтахти кишварамон – шаҳри Душанбе ба ҳайси даҳгонаи мавзеҳои бехатар аз рӯйи таъмини амнияти шабона, ба даҳгонаи давлатҳои беҳтарин аз рӯйи сайёҳии пиёдагардӣ ва саргузаштӣ ворид шудани Тоҷикистон ва ба панҷгонаи беҳтарин аз рӯйи низоми соддаи пешниҳоди раводид ворид шудани мамлакат [6, с. 210], баёнгари эътирофи байналмилалии соҳаи сайёҳии Тоҷикистон ва нишондиҳандаи дастовардҳои муҳим дар даврони Истиқлолияти давлатӣ мебош ад.

Баҳри афзоиш ёфтани теъдоди сайёҳон ва иқтисоди афзояндаи сайёҳии кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари бидуни раводидро барои шаҳрвандони 77 кишвари ҷаҳон ҷорӣ кард, ки ин кишварро ба яке аз дастрастарин мавзеъҳои гардишгарӣ дар Осиёи Марказӣ табдил додааст. Ҳадафи ин сиёсат соддагардонии расмиёти сафар, ҷалби сайёҳони хориҷӣ ва тақвияти нақши Тоҷикистон ҳамчун маркази калидии сайёҳӣ дар минтақаи Авруосиё мебошад. Ба ин рӯйхат кишварҳои бузурги Аврупо, Осиё, Амрико ва Ховари Миёна, аз қабили Иёлоти Муттаҳида, Британияи Кабир, Олмон, Фаронса, Италия, Австралия ва Ҷопон шомиланд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амиқ ва самаранок шумораи саёҳон сол аз сол зиёд шуда, ҳазорон сайёҳону кӯҳнавардон барои боздид аз ёдгориҳои таърихӣ ба мисоли қалъаи Ҳисор, Хуҷанд, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (Кӯлоб), Саразм (Панҷакент), Ҳулбук (Восеъ), Муғтеппа (Истаравшан), Қаҳқаҳа (Шаҳристон), Тахти Сангин ва Тахти Қубод (Қубодиён), Хоҷа Машҳад ва Хоҷа Дурбод (Шаҳритус), Аҷинатеппа (Кӯшониён), марқадҳои таърихӣ-динии Султон Увайси Қаранӣ (Ховалинг), Мавлоно Яъқуби Чархӣ (Рӯдакӣ), Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ (Балҷувон), Муҳаммад Башоро (Панҷакент), Бурхи Сармасти Валӣ (Сангвор), барои фатҳи қуллаҳои осмонбӯси Исмоили Сомонӣ, Ибни Сино дигар қаторкӯҳҳои Помиру Олой, мавзеи варзишии Сафеддара, кӯҳи Чилдухтарон, Искандаркӯл, Қарокӯл, кӯлҳои Сарез, обҳои шифобахшу табобатии Гармчашма, Бибифотимаи Заҳро, Ясчун, Ҷелондеҳ, Авҷ, Зумрад, Хоҷа оби гарм, мамнуъгоҳи “Бешаи палангон” ва ғайраҳо ба кишвари дилрабову биҳиштосои мо ташриф меоранд [16, с. 74].

Бояд қайд намуд, ки айни замон, як қатор ёдгориҳо: қалъаи Ямчун, қалъаи Хуҷанд, маҷмааи меъмории Шайх Муслиҳиддин (Хуҷанд), тасвирҳои рӯисангии ноҳияи Ашт, ёдгории меъмории Мадрасаи Ойим ва ёдгории меъмории Мадрасаи Мир Раҷабдодхоҷ (Конибодом) ҳамчун силсилаёдгориҳои Шоҳроҳи бузурги Абрешим барои номнавис шудан ба Феҳристи ёдгориҳои мероси умумиҷаҳонии фарҳангии ЮНЕСКО интихоб шудаанд, ки ин бори дигар аз муҳиммияти ёдгориҳои беназири мо шаҳодат медиҳад [15, с. 168].

Оид ба афзоиш ёфтани шумораи сайёҳони хориҷӣ ба кишвар Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олӣ қайд намуданд, ки соли 2024 ба мамлакат 1 миллиону 400 ҳазор сайёҳ ташриф оварданд, ки ин нисбат ба соли 2019 12 фоиз афзудааст [9, с. 17].

То имрӯз аз 127 давлати ҷаҳон сайёҳон ба Тоҷикистон ворид шудааст ва шумораи умумии санадҳои ҳамкории бо давлатҳои хориҷӣ (Амороти Муттаҳидаи Араб, Қатар, Эрон, Шри-Ланка, Покистон, Урдун, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон,Русия, Швейтсария, Фаронса, Озарбойҷон, Беларус, Италия ва Созмони ҳамкории Шанхай) баимзорасида дар маҷмуъ 20 ададро ташкил медиҳад.

Бинобар иттилои АМИТ «Ховар», дар ҷараёни як машварати омӯзишӣ, ки дар шаҳри Бангкоки Тайланд баргузор шуд, эълон гардид, ки имрӯз Тоҷикистон дар раддабандии

Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ дар бахши «Беҳтарин макони сайёҳӣ аз ҷиҳати қабули сайёҳони хориҷӣ» аз моҳи январ то моҳи июли соли 2024, бо афзоиши 75%-и теъдоди ҷаҳонгардон ба мамлакат, пас аз Албания ва Сербия, дар зинаи сеюм қарор дорад [11].

Дар ин росто, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рақамикунонии босифати иқтисоди мамлакат ва гузаштани соҳаи сайёҳӣ ба низоми рақамикунонӣ 13 декабри соли 2024 дар бинои Кумитаи рушди сайёҳи маросими ифтитоҳи барномаи мобилии «Tourist Map Tajikistan» баргузор шуд. Дар маросим, ки бо иштироки раиси Кумитаи рушди сайёҳӣ, ширкатҳои сайёҳӣ, намояндагони васоити ахбори омма ва кормандони дастгоҳи марказии Кумита доир гардид, қарор дода шуд, ки минбаъд сайёҳони хориҷиву дохилӣ метавонанд тамоми маълумоти заруриро дар бораи маконҳои сайёҳӣ, аз ҷумла меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо дар Тоҷикистон маълумот дастрас намоянд. Мақсади асосии барномаи мазкур рушди соҳаи сайёҳӣ бо маҳароти баланд аст, то ки ҷаҳониён на танҳо зебоиву меҳмоннавозии Тоҷикистонро балки мавзеъҳои нодири кишвари азизамонро тамошо намоянд [3].

Истиқлолияти кишвар имкон дод, ки равандҳои рушди инфрасохтор ва соҳаҳои калидии иқтисодӣ, аз ҷумла сайёҳӣ, ба таври мунтазам дар шаҳру манотиқи гуногуни мамлакат ба роҳ монда шаванд.

Дар даврони истиқлолият аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ёдгориҳои таърихии меъморӣ, аз ҷумла марқадҳо ва маконҳои маъруфи таърихии кишвар, ки ба таърихи динӣ, фарҳангӣ ва ирфонӣ алоқамандӣ доранд, таъмиру азнавсозӣ гардиданд. Марқадҳои пайравони маъруфи соҳаҳои илму маърифат аз қабили Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Султон Увайс, Мавлоно Яъқуби Чархӣ, Муҳаммад Башоро, Шоҳ Неъматуллои Валӣ, Мавлоно Тоҷиддини Даштикулакӣ ва Бурхи Сармасти Валӣ [17, с. 78], ки дар маркази ҳаёти маънавии мардуми тоҷик қарор доранд, ҳамчун нишонаҳои шукӯҳ ва ваҳдати миллӣ нигоҳ дошта шудаанд. Таъмиру тармим ва эҳё намудани ин маконҳо имконият фароҳам меоранд, ки наслҳои имрӯза ва оянда бо арзишҳои таърихии худ ошно ва аз мероси таърихии гузаштагон шукргузор бошанд.

Инчунин дар ин давра баҳри пешрафт ва таъмини ободиву шукуфоии пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе, тадбирҳои зиёде аз ҷониби Роҳбари давлат андешида шуда, сохтани ёдгориҳои нав ва иншоотҳои фарҳангию иҷтимоии муосир барои боз ҳам зебою дилрабо гардонидани шаҳри Душанбе ва тақвият бахшидани имиджи кишвар дар арсаи байналмилалӣ иншоотҳо ба монанди Қасри Миллат, Кохи Сомон, Кохи Наврӯз, Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, Маҷмааи Исмоили Сомонӣ, бинои Парлумон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ ёфтанд. Ин ҳама на танҳо зебоии шаҳри Душанбе, балки ҷалби сайёҳон ва меҳмонони байналмилалиро бо мақсади рушди сайёҳӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ тақвият мебахшанд.

Тибқи маълумоти додаи Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар кишвар 214 ширкати сайёҳӣ фаъолият доранд, ки аз ин миқдор ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 41 адад, ба шаҳри Душанбе 101 адад, вилояти Суғд- 46, вилояти Хатлон - 17 ва ба шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 9 адад рост меояд. Дар мамлакат 338 субъекти хизматрасони сайёҳӣ ба ҳисоб гирифта шудааст, ки инҳо 209 меҳмонхона, 46 хостел ва мотел, 54 осоишгоҳ, 5 осоишгоҳи кӯдакона ва лагерҳои солимгардонӣ, 7 маркази муолиҷавӣ ва дармонгоҳи солимгардонӣ, 10 хонаи истироҳатӣ, 3 кемпинг ва 4 базаи сайёҳӣ ва истироҳатӣ мебошанд [10].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар қатори мавзеҳои таърихиву сайёҳии мамлакат шаҳри Душанбе низ имрӯзҳо ба як макони дилбанду тамошогоҳ табдил ёфта, бо ташаббусҳои пайвастаи Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтани соҳаи сайёҳӣ ба як маркази муҳим барои рушди иқтисодӣ ва фарҳангӣ мубаддал гаштааст. Инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ дар шаҳр пайваста такмил ёфта, имконоти нав барои ҷалби сайёҳон ва мусоидат ба рушди ин соҳа фароҳам оварда мешавад. Таъсиси ҷойҳои нав ва рушди корхонаҳои хизматрасонӣ имкон медиҳад, ки меҳмонон аз тамоми ҷаҳон бо дидани ҷозибаи таърихӣ ва фарҳангии шаҳр ташриф оваранд.

Аз 7 то 9 сентябри соли 2018 дар шаҳри Чиндаои Ҷумҳурии Мардумии Чин ҷаласаи Федератсияи умумиҷаҳонии шаҳрҳои туристӣ (WTCF) баргузор гардида, шаҳри Душанбе ба узвияти ин Федератсия пазируфта шуд [2]. Узвият дар (WTCF) ба Душанбе ва Тоҷикистон имкониятҳои беҳтару бештарро барои муаррифии ҷойҳои таърихӣ, табиӣ, фарҳангӣ ва

сайёҳии кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ фароҳам меорад, ки ин имкониятҳо метавонад омили муҳим дар рушди сайёҳӣ ва тақвияти имиджи Тоҷикистон дар миқёси ҷаҳонӣ бошад.

Бо назардошти имконияту муваффақиятҳо ба рушди сайёҳӣ, шаҳри Душанбе солҳои 2020-2021 ҳамчун пойтахти сайёҳии кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва дар соли 2021 ба сифати «Пойтахти фарҳангии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил» пазируфта шуд [7, с. 317].

Ин иқдомҳо ва мушаххасоти байналмилалӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки шаҳри Душанбе ба як маркази бузурги фарҳангӣ ва сайёҳӣ дар Осиёи Марказӣ табдил ёфта, дар масири таҳким ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ, фарҳанг ва иқтисод, ҳамчунин ҷалби сайёҳон ва ташаккули равобити фарҳангии байналмилалӣ муваффақ аст. Тадбирҳои андешидаи роҳбарияти шаҳри Душанбе дар рушди сайёҳӣ ва муаррифии имконоти соҳа нақши назаррас гузоштанд. Тибқи таҳлилҳо ва арзёбии мутахассисон, аз шумораи умумии сайёҳоне, ки соли 2024 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд, тақрибан 60% ё 840 ҳазор нафар ба шаҳри Душанбе рост меояд. Тавассути гузаргоҳҳои марзии Фурӯдгоҳи байналмилалии Душанбе ва Роҳи оҳани Тоҷикистон то 20 декабри соли 2024, 247 440 нафар ба сифати сайёҳ ба шаҳри Душанбе ворид шудаанд, ки ин тақрибан 18 ҳазору 283 нафар ё 13,5% зиёдтар нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 аст [12].

Натиҷаи тадбирҳо ва сиёсати дурандешонаи Сарвари давлат дар самти муаррифии сарзамини мардуми тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ буд, ки кишвар тавонист захираҳои табиӣ ва фарҳангии худро муаррифӣ кунад, инфрасохтори сайёҳӣ ба таври назаррас беҳтар гардад, ки ҳамаи ин аз муҳаббати бепоён ва ифтихори баланди Пешвои миллат ба Ватан ва талошҳои пайвастаи ӯ барои беҳтар намудани вазъи зиндагии мардум маншаъ мегиранд.

Ҳамин тавр, аз натиҷагириҳо метавон хулоса намуд, ки сайёҳӣ дар Тоҷикистон дар даврони истиқлол дар ду марҳилаи бо хусусиятҳои хос рушд кардааст.

Марҳилаи эҳё (1991-2000), ки дар ин давра Тоҷикистон бо мушкилоти зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ рӯ ба рӯ шуда буд, барои соҳаи сайёҳӣ душвороти зиёде ба вуҷуд овард. Бо вуҷуди ин, дар оғози истиқлолият кӯшишҳо барои пешрафти соҳаи сайёҳӣ бо истифода аз захираҳои табиӣ ва ҷалби сайёҳон ба маконҳои таърихӣ ва табиӣ кӯшишҳо барои эҳёи соҳаи сайёҳӣ оғоз гардид.

Марҳилаи рушд (аз соли 2000 - то инҷониб) шуруъ аз оғози асри XXI, Ҳукумати мамлакат дар самти рушди соҳаи сайёҳӣ тадбирҳои зиёде андешида, тавассути сиёсати ягона инфрасохтор ва шароити лозимаро барои ҷалби сайёҳон таъмин намояд. Дар ин давра, тадбирҳои муҳим ва лоиҳаҳои нав барои рушди соҳаи сайёҳӣ амалӣ гардиданд.

Дар маҷмуъ, агарчӣ соҳаи сайёҳӣ дар марҳилаи аввал хеле маҳдуд буд, вале дар марҳилаи дуввум бо кушишҳои Ҳукумати кишвар таҳти роҳбарии Пешвои муаззами миллат чораҳои такмили инфрасохтор ба маротиб рушд ёфта, Тоҷикистон ба як макони муҳим дар минтақаи Осиёи Марказӣ барои сайёҳон табдил ёфт.

Хулоса, сайёҳӣ дар Тоҷикистон ҳамчун соҳаи калидии рушди иқтисоди кишвар аҳамияти бузург дошта, солҳои охир босуръат рушд карда истодааст ва дар ояндаи наздик ин соҳа на танҳо ба рушди иқтисод кумак мекунад, балки тамоми самтҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро равнақ дода, ба шуғли мардум низ мусоидат карда, бозори меҳнатро тавсеа бахшида, манбаъҳои нави даромадро барои кишвар фароҳам меоварад.

Адабиёт

1. *Диловаров, Р. Асосҳои туризм / Р. Диловаров, Ҷ. Н. Ёров, Н.Н. Сайфуллоев. Душанбе 2014. 196с.*
2. *Душанбе узви Федератсияи ҷаҳонии шаҳрҳои туристӣ интихоб шуд [Манбаи электронӣ]. – URL: www.//https:khovar.tj 2018.09. (Санаи мурочиат: 12.02.2025).*
3. *Ифтитоҳи барномаи мобилии tourist map tajikistan. [Манбаи электронӣ]. – URL: https://ctd.tj/2024/12/17/ (Санаи мурочиат: 30.12.2024).*
4. *Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 11 июли соли 2015, № 522.*
5. *Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: Масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷ.3. - Душанбе: "Фасл-4", 2021. – 506 с.*
6. *Махкамова, Ч. А. Факторы развития туризма в Таджикистане: текущее состояние и перспективы развития зарубежных туристов // ОФ "Международный научно-исследовательский центр "Endless Light in Science"Impact Factor: SJIF .2022 - 5/94.*
7. *Наимзода, Н.Қ. Иқтидори сайёҳии ҷумҳурӣ ва раванди инкишофи соҳаи туризм. / Ҳ.У. Умаров., Н.Қ. Наимзода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, 2022. -.№ 1-2 (98). – С. 311-317.*

8. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2016). - Душанбе: Шарқи озод, 2016. – 39 с.*
9. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28.12.2024). - Душанбе: Шарқи озод, 2024. – 38 с.*
10. *Рушди соҳаи сайёҳӣ. Дар Тоҷикистон 338 субъекти хизматрасон ва 214 ширкати сайёҳӣ фаъолият менамоянд. [Манбаи электронӣ]. Санаи мурочиат: 21.12.2024. https://www.stat.tj /http://ctd.tj/2024/09/17/ rushdi-sohai-sajyohe-dar-tojikiston-338-subekti-hizmatrason-va-214-shirkati-sajyohe-faoliyat-menamoyand/*
11. *Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ: «Тоҷикистон аз ҳисоби афзоиши теъдоди ҷаҳонгардон ба мамлакат дар зинаи сеюм қарор гирифт». [Манбаи электронӣ]. Санаи мурочиат 23.11.2024. https://khovar.tj /2024/11/sozmoni-a-onii-sajyo-to-ikiston-az-isobi-afzoishi-tedodi-a-ongardon-ba-mamlakat-dar-zinai-seyum-aror-girift/*
12. *Соли 2024 ҳудуди 840 000 сайёҳ аз Душанбе дидан кардаанд. [Манбаи электронӣ]. Санаи мурочиат,02.01.2025. https://ctd.tj/2025/01/03/соли-2024-ҳудуди-840-000-сайёҳ-аз-душанбе-дидан-к/*
13. *Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.08.2018, № 372.*
14. *Фирдавси Абдулҳамид. Нақши осорхонаҳо дар рушди сайёҳии фарҳангӣ // Абдулҳамид Ф.// Паёми Донишкадаи забонҳо (силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ, таърих ва фалсафа. - 2020. - № 1 (37).*
15. *Ҳайдаров Ф. Рушди сайёҳи омили пешрафти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ҷаҳони паём, 2019.*
16. *Шеравганзода З. Вазъи рушди сайёҳӣ ва туризм дар замони соҳибистиқлолӣ / З. Шеравганзода // Паёми Донишгоҳи миллӣ. - 2021. - №7.*

САЙЁҲӢ ДАР ТОҶИКИСТОН: РУШДИ СОҲА ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

Мақолаи мазкур ба рушди соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон ҳамчун як самти калидии рушди иқтисоди кишвар равона шудааст. Тибқи назарсанҷиҳои мавҷуда, соҳаи сайёҳӣ дар солҳои охир дар Тоҷикистон бо суръати баланди рушд дорад. Сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки таҳти роҳбарии Пешвои миллат амалӣ мегардад, ба пешрафти соҳаи сайёҳӣ мусоидат мекунад. Ҳукумати мамлакат соҳаи сайёҳиро ҳамчун самти афзалиятноки иқтисоди миллӣ эътироф намуда, кушиш дорад то иқдори сайёҳии Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд ва ба ин васила имконият пайдо мекунад, ки аз рушди ин соҳа манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии бештарро ба даст орад. Дар мақола таъкид мешавад, ки тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар кишвар барои танзими муносибатҳои ҷамъиятии соҳаи сайёҳӣ стратегияву консепсияҳо ва қонуну барномаҳои давлатӣ қабул ва амалӣ шуда, заминаи ҳуқуқии мустаҳкам барои рушди соҳа эҷод кардаанд. Ин тадбирҳо ва ҳуҷҷатҳо кӯмак мекунанд, ки соҳаи сайёҳӣ дар кишвар рушд ёбад ва устувор бошад. Тибқи таҳлилҳои созмонҳои бонуфуз ва расонаҳои маъруфи ҷаҳонӣ, Тоҷикистон ҳамчун кишвари сайёҳӣ ба феҳристи кишварҳои маъмул барои сайру сайёҳӣ пазируфта шудааст, ки ин баёнгари эътирофи байналмилалии соҳаи сайёҳии Тоҷикистон ва нишондиҳандаи дастовардҳои муҳим дар даврони Истиқлолияти давлатӣ мебошад. Инчунин қайд мегардад, ки соҳаи сайёҳӣ, ба ғайр аз кӯмак ба рушди иқтисод, бо таъсиргузорӣ ба дигар ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ба шуғли мардум ва тавсеаи бозори меҳнат мусоидат мекунад, ки дар натиҷа манбаъҳои нави даромад ва имкониятҳои беҳтари зиндагиро барои кишвар фароҳам меорад.

Калидвожаҳо: истиқлолият, созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ, инфрасохтор, мамнуъгоҳ, кӯҳнавардон, ёдгориҳои таърихӣ, табиат, осоишгоҳ, сайёҳӣ, маърифати байналмилалӣ.

ТУРИЗМ В ТАДЖИКИСТАНЕ: РАЗВИТИЕ ОТРАСЛИ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

Данная статья посвящена развитию туристической отрасли в Таджикистане как ключевому направлению экономического развития страны. Согласно имеющимся исследованиям, туристическая отрасль в Таджикистане в последние годы развивается высокими темпами. Конструктивная политика Правительства Республики Таджикистан, реализуемая под руководством Лидера Нации, способствует развитию туристической отрасли. Правительство страны признает туристическую отрасль приоритетным направлением национальной экономики и старается представить туристический потенциал Таджикистана миру, и таким образом имеет возможность получить больше экономических и социальных выгод от развития этой отрасли. В статье подчеркивается, что за годы независимости в стране были приняты и реализованы стратегии, концепции, законы и программы по регулированию общественных отношений в сфере туризма, создающие прочную правовую основу для развития отрасли. Эти меры и документы помогают туристической отрасли в стране развиваться и быть устойчивой. По опросам влиятельных организаций и международных СМИ, Таджикистан признан туристической страной и безопасным местом для туристов и включён в список приемлемых стран для туризма. Это является свидетельством международного признания туристической отрасли Таджикистана и одним из достижений государственной независимости. Также отмечается, что

индустрия туризма, помимо помощи экономике, влияя на другие аспекты социальной, экономической и культурной жизни, способствует трудоустройству людей и расширению рынка труда, в результате чего появляются новые источники доходов и лучшие жизненные возможности для страны.

Ключевые слова: независимость, всемирная туристическая организация, инфраструктура, заповедник, альпинисты, исторические памятники, природа, курорт, туризм, международное знание.

TOURISM IN TAJIKISTAN: DEVELOPMENT OF THE INDUSTRY DURING INDEPENDENCE

This article is devoted to the development of the tourism industry in Tajikistan as a key area of economic development of the country. According to available research, the tourism industry in Tajikistan has been developing at a rapid pace in recent years. The constructive policy of the Government of the Republic of Tajikistan, implemented under the leadership of the Leader of the Nation, contributes to the development of the tourism industry. The government of the country recognizes the tourism industry as a priority direction of the national economy and tries to present the tourism potential of Tajikistan to the world, and thus has the opportunity to receive more economic and social benefits from the development of this industry. The article emphasizes that over the years of independence, strategies, concepts, laws and programs to regulate public relations in the field of tourism have been adopted and implemented in the country, creating a solid legal basis for the development of the industry. These measures and documents help the tourism industry in the country to develop and be sustainable. According to surveys of influential organizations and international media, Tajikistan is recognized as a tourist country and a safe place for tourists and is included in the list of acceptable countries for tourism. This is evidence of international recognition of the tourism industry of Tajikistan and one of the achievements of state independence. It is also noted that the tourism industry, in addition to helping the economy, by influencing other aspects of social, economic and cultural life, contributes to the employment of people and the expansion of the labor market, resulting in new sources of income and better life opportunities for the country.

Keywords: independence, world tourism organization, infrastructure, reserve, climbers, historical monuments, nature, resort, tourism, international knowledge.

Дар бораи муаллифон

Амроев Умедҷон Мамадхонович
Номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Сино 29-31
E-mail: umed-08@mail.ru

Назаров Шералӣ Сафаралиевич
Муаллими калони кафедраи фанҳои ҷомеашиносӣ
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Сино 29-31

Об авторах

Амроев Умеджон Мамадхонович
Кандидат исторических наук, старший преподователь кафедры общественных наук
Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Сино 29-31
E-mail: umed-08@mail.ru

Назаров Шералӣ Сафаралиевич
Старший преподаватель кафедры общественных наук
Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Сино 29-31

About the authors

Amroev Umedjon Mamadkhonovich
Candidate of Historical Sciences, Senior Lecturer at the Department of Social Sciences
Avicenna Tajik State Medical University
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino street 29-31
E-mail: umed-08@mail.ru

Nazarov Sherali Safaralievich
Senior Lecturer, Department of Social Sciences
Avicenna Tajik State Medical University
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Sino street 29-31

ТДУ 32:9 (575.3)

СИЁСАТИ КИШВАРКУШОИИ КУРУШИ КАБИР ДАР ОСОРИ МУҲАҚҚИҚОН

Қодирзода Х. С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар қатори шоҳону императорони абаркудрати ҷаҳон, номи Куруш ҳамчун асосгузори нахустин империяи ҷаҳонӣ дар таърихи инсоният сабт гардидааст. То имрӯз муҳаққиқони сершумори дохилӣ ва хориҷӣ дар мавриди шахсияту фаъолияти Куруши Кабир андешаҳои гуногун баён намудаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи мақоми Куруш дар таърихи тоҷикон чунин таъкид менамояд: «Дар таърихи ҳар як миллат, барвақт ё дертар шахсиятҳои барҷастае зуҳур менамоянд, ки метавонанд сарнавишти онро ба таври ҷиддӣ тағйир бахшида, нерӯҳои пинҳонии онро бедор сохта, фарҳангу маданияти моддиву маънавии онро ба сатҳи нави рушд расонанд ва онро ба саҳнаи тамаддуни ҷаҳонӣ бароранд. Барои форсҳо (ва эҳтимолан барои тамоми халқҳои эронитабор) чунин шахсият Куруши Кабир ба шумор меравад» [11, с. 6].

Бояд зикр намуд, ки Куруш аз мақоми ҳокими вилоят ба мартабаи шоҳаншоҳи як империяи бузурги ҷаҳонӣ расид. Дар ҷараёни ба даст овардани шоҳигарӣ ӯ талошу ҷидду ҷаҳди зиёд ба харҷ дода, монеаҳои гуногунро паси сар намуд. Аз рӯзҳои аввали ба қудрат расиданаш, ба таҳкими ҳокимияти марказӣ ва тақвияти артиши худ пардохт. Вақте ки мақом ва нерӯи низомии худро устувор дид, соли 553 то милод бар зидди шоҳи Мод Астиаг шӯриш намуд ва амалиётан аз итоати ӯ хориҷ гардид. Астиаг ду маротиба бо нияти саркӯб кардани Куруш ба Порс юриши низомӣ анҷом дод, аммо ҳар ду бор бо нокомӣ рӯ ба рӯ шуд. Баъди ин Куруш ба шаҳри Экботан, пойтахти Мод ворид шуда, расман ҳамчун шоҳи Порс ва Мод эълон гардид. Дар мавриди забти Мод аз ҷониби Куруш, манбаъҳои таърихӣ ҷуз се муҳорибае, ки байни ҷонибҳо сурат гирифтааст, маълумоти иловагӣ пешниҳод накардаанд.

Новобаста ба ин, шинохтани Куруш ҳамчун шоҳи ҳар ду кишвар нуфуз ва эътибори сиёсии ӯро таҳким бахшид. Бо назардошти он ки дар он давра Порс барои давлати Мод аҳамияти муҳими стратегӣ дошт, вале танҳо як воҳиди итоаткор ҳисобида мешуд, ин тағйирот хеле таъсиргузор буд. Аз таҳлили иттилооти таърихнависони қадим бармеояд, ки Мод яке аз давлатҳои пуриқтидори минтақа ба шумор мерафт ва дорои эътибори ҷаҳонӣ буд. Ҳеродот иттилоъ медиҳад, ки Куруш набераи Астиаг буд ва ба ҳамин сабаб на ҳамчун ғосиб, балки чун вориси қонунии подшоҳони Мод пазируфта шуд. Ба ҳамин асос, ҳамаи кишварҳое, ки таҳти итоати давлати Мод қарор доштанд, бояд ҳокимияти Курушро эътироф мекарданд. Таҳлили таҷрибаи сиёсати кишваркушоии Куруш нишон медиҳад, ки минбаъд ҳамаи вилоятҳои тобеи Мод ҳокимияти ӯро расман қабул намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар китоби «Аз Ориёи то Сомониён» чунин навиштааст: «Воқеияти таърихӣ гувоҳӣ медиҳад, ки Куруши Кабир пас аз шӯриш бар зидди шоҳи Мод – Астиаг ва мағлуб кардани ӯ, ба таҳкими иқтидори давлати Форс шуруъ намуда, тахминан дар солҳои 547–546 то милод пай дар пай Парфия, Гиркания, Лидия ва давлатҳои юнонии Осиёи Хурдро ишғол мекунад. Баъдан, бо мақсади таъмини амнияти марзҳои шимолу шарқии қаламрави Форс, тақрибан дар солҳои 545–540 то милод, яъне дар тӯли зиёда аз панҷ сол, ба минтақаҳои Марғиён, Хоразм, Суғд ва Бохтар, ҳамчунин ба сарзамини скифҳо (сакоҳои соҳили рӯди Ому ва канори Сир) лашкар мекашад» [13, с. 82].

Ҳангоми таҳлили ин масъала равшан мегардад, ки амалиёти низомии Куруш бо фатҳи Мод ба поён нарасидааст. Вай бо ҳадафи ташкили як империяи бузургу мутамарказ ба кишварҳои ҳамсарҳад низ юришҳои пайдарпай анҷом медиҳад. Пас аз тасарруфи ҳукумати Мод, Куруш давлати Эломро, ки дар ҷанг бо Ашшур заиф шуда буд, таҳти назорати худ қарор дода, пойтахти империяро аз Аншон ба шаҳри Шуш кӯч медиҳад.

Масъалаи тасарруфи кишвари Лидия аз ҷониби Куруш мавриди таваҷҷуҳи таҳлилгарону муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷӣ қарор гирифта, дар осори илмии хеш ба таври муфассал баррасӣ шудааст. Зикр мегардад, ки шоҳи Лидия Крез яке аз рақибони ҷиддии Куруши Кабир дар самти ғарбии давлати Ҳахоманишиён ба шумор мерафт. Манбаъҳои таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар қаламрави Лидия юнониҳои муҳоҷиршуда, инчунин хеттиҳову лувайҳиҳо сокини ин кишвар буданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо назардошти тавонмандии ҳарбӣ ва масоҳати худ, Лидия баъд аз давлатҳои Мод, Бобул ва

Миср дар ҷойгоҳи чорум қарор дошт. Ин кишвар роҳҳои муҳими савдоро, ки аз қаламрави Байнаннаҳрайн ва Эрони Ғарбӣ гузашта, ба соҳилҳои баҳри Эгей, Юнон ва Аврупо мерафтанд, зери назорат дошт [16, с. 117–124]. Аз дидгоҳи иқтисодӣ низ Лидия мавқеи хос дошт, зеро он як гиреҳгоҳи муҳими роҳҳои тиҷоратӣ ба шумор мерафт. Мисли он, ки шоҳи Мод Фравартиш барои ба даст овардани дастрасӣ ба ин роҳҳо қисмати шарқии Осиёи Хурдро ишғол карда буд ва панҷ сол бо Лидия ҷанг бурд, вале натавонист онро ба итоати худ дарорад.

Ҳеродот дар осори худ дар бораи муносибатҳои шоҳаншоҳии Ҳахоманишиён, бахусус Куруш бо Лидия маълумоти муфассал додааст. Ба гуфтаи ӯ, шурӯи муносиботи шадид ва оғози ҷанг аз ҷониби Крез сурат гирифтааст. Пас аз тасарруфи давлати Мод аз ҷониби форсҳо, Крез мавқеи худро зери хатар дида, ба омодагии ҷангӣ пардохт ва бо Миср, ки низ ҳариф ва рақиби Ҳахоманишиён буд, эътилофи ҳарбӣ баст. Дар соли 547 то милод, Крез бо нерӯи бузурги худ ба Каппадокия, ки он вақт таҳти идораи форсҳо буд, ворид гардида, дар наздикии шаҳри Синопа камингоҳи низомӣ таъсис дод. Дар пайи ин, Куруш бо артишаш ба Синопа расид ва дар ин муҳорибаи нахустин ӯ хислатҳои сиёсатмадори дурандеш ва одилро ба намоиш гузошт. Куруш намояндаи худро ба назди Крез фиристода, пешниҳод намуд, ки агар бе ҷанг таслим шавад, ӯро ҳамчун шоҳи Лидия эътироф мекунад. Ҳамзамон, ӯ ба шаҳр-давлатҳои юнонии Осиёи Хурд ваъда дод, ки дар сурати бе ҷанг таслим шудан, озодӣ ва имтиёзҳои худро нигоҳ хоҳанд дошт. Крез, бо эътимод ба нерӯи артиши худ, ин пешниҳоди Курушро рад намуд. Аз миёни шаҳрҳо танҳо Милет ин пешниҳоди дурандешонаро пазируфт. Пас аз рад шудани пешниҳоди сулҳ, дар назди дарёи Галис ҷанги шадиде рух дод, ки натиҷаи ҳалкунанда надошт. Крез ба Сард, пойтахт, баргашт, то барои муҳорибаи навбатӣ омодагӣ гирад. Дар ҳамин фосила, аз иттифоқчии худ Спарта ёрӣ талабид ва ҳамзамон ба шоҳи Бобул Набонид пешниҳод барои эътилофи ҳарбӣ ирсол намуд. Ӯ инчунин сарбозони зархариди юнониро, ки дар артишаш буданд, ба хонаҳояшон ҷавоб дод, то онҳо то баҳор баргарданд.

Дар ҳамин миён, Куруш аз вазъи баамаломада истифода бурда, бидуни интизориҳои Крез, нерӯҳои худро аз нав мураттаб кард ва бо суръат ба Сард ҳаракат намуд. Крез маҷбур шуд, нерӯҳои худро ба дашти назди шаҳр барорад, вале дар муҳориба артиши Лидия шикаст хӯрд ва ба шаҳр қафо нишаст. Баъди чордаҳ рӯзи муҳосира, шаҳри Сард ба дасти форсҳо гузашт. Ин воқеаҳо дар байни моҳҳои октябр – декабри соли 547 то милод ба амал омадаанд. Иттифоқчиёни Крез дигар фурсат пайдо накарданд, ки ба кӯмак бирасанд. Дар ин ҷараён Куруш ҳиммати олӣ нишон дод ва Крези асиршударо бахшид. Сипас Табала, як фарди форс, ба ҳайси ҳокими Лидия таъин гардид ва дар Сард гарнизони форсӣ мустақар шуд. Худи Куруш ба Экботан баргашт [12, с. 132].

Пас аз ин рӯйдодҳо, мардумони Лидия шӯриш бардоштанд, аммо сипоҳи форсҳо бо роҳбарии Мазар шӯришро саркӯб намуда, шаҳрҳои дигари Осиёи Хурдро низ зери назорат даровардаанд. Баъдан, Гарпаг – аз асли мод – ҳокими Лидия таъин гардид ва боқимондаи шаҳрҳои юнонии Осиёи Хурдро низ тасарруф намуд. Ба гуфтаи манбаъҳо, маҳз ҳамин Гарпаг дар фатҳи Мод ба Куруш ёрӣ расонида буд. Куруш ба шахсони содиқу салоҳиятдор вазифаҳои давлатӣ супорида, бо ин роҳ идораи муассири давлатро таъмин мекард.

Дар мавриди сиёсати густариши нуфузи Куруш дар Эрони Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ маълумоти таърихӣ хеле кам ва пароканда аст. Ҳамаи муҳаққиқоне, ки таҳқиқи давлати Ҳахоманишиёнро анҷом додаанд, дар осори худ ба ин нукта ишора кардаанд. Тибқи иттилои Ҳеродот, пас аз тасарруфи Лидия, Куруш бо Бобулиҳо, Бохтариҳо, Сакоиҳо ва Мисриҳо рӯ ба рӯ мешавад. Ктесий мегӯяд, ки дар ҷанг бо Бохтариҳо Куруш гоҳе пирӯз мешуд ва гоҳе шикаст мехӯрд. Танҳо баъди он ки маълум гардид Куруш писари шоҳи Мод Астиаг аст, мардуми Бохтар муқовиматро қатъ намуда, ҳокимияти ӯро эътироф карданд. Аз ин маълумот бармеояд, ки Куруш бо роҳи гуфтушунид тавонист Бохтариҳоро водор ба таслим шавад. Ктесий ҳамчунин аз фатҳи сарзамини сакоиҳои хаумаваргаро аз ҷониби Куруш хабар додааст. Ба ақидаи бархе олимон, ин сакоиҳо дар он тарафи Сирдарё зиндагӣ мекарданд [2, с. 73].

Плиний (VI, 92) менависад, ки Куруш шаҳри Каписаро, ки дар шимоли Кобул воқеъ буд, хароб кард. Арриан низ аз ҳамлаи Куруш ба сарзамини ҳиндуҳо ёд мекунад. Сабаби он ки таърихнигорони юнонӣ маълумоти маҳдуд дар бораи ин ҷангҳо додаанд, ҳанӯз равшан нест. Шояд онҳо дар бораи ин минтақаҳои шарқӣ иттилои кофӣ надоштанд. Ахбори Ҳеродот дар ин масъала диққатҷалбкунанда аст ва аксари муҳаққиқони таърихи Ҳахоманишиён аз он истифода бурдаанд. Дар онҳо таъкид мешавад, ки ин ҷангҳо бар форсҳо душвориҳои зиёд овардаанд. Бинобар ин, эҳтимол аксари манотиқи Эрони Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ бе ҷанг ба

ҳайати империяи Ҳахоманишиён ворид шудаанд. Пас аз он ки давлатҳои қавии минтақа, аз ҷумла Бохтар, ихтиёран ба итоати Куруш даромаданд, дигар сарзаминҳо, ба монанди Суғд ва Хоразм низ ба ин раванд пайвастанд.

Бояд қайд намуд, ки Эрони Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ ҳанӯз дар замони Куруш ба ҳайати давлати Ҳахоманишиён дохил шуда буданд. Дар навиштаҷоти Доро (Дориюш) дар кӯҳи Беҳсутун дар ин бора маълумоти муфассал дода шудааст. Дар ин санадҳо аз кишварҳои зери итоати Форс, аз ҷумла Марғинон (Марв), Арея (Ҳирот), Бохтар, Хоразм ва Суғд ёд мешавад [12, с. 135].

Як масъалаи дигари баҳсбарангез — муайян кардани санаи ҳуҷуми Куруш ба Осиёи Марказист. Муаррихони қадим санаи дақиқро зикр накарда, се эҳтимолро пешниҳод намудаанд: 1) баъд аз фатҳи Мод, яъне солҳои 550–547 то м.; 2) баъд аз тасарруфи Лидия, яъне солҳои 547–539 то м.; 3) баъд аз ишғоли Бобул, яъне солҳои 539–530 то м. [13, с. 11–12].

Муҳаққиқони муосир низ дар ин масъала ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд. Тадқиқотгари шинохта М. А. Дандамаев аз дувумин фарзия ҷонибдорӣ намуда, ин ҳодисаро ба солҳои 545–539 то м. мансуб медонад. Аммо далели мутмаин барои тарафдорӣ аз яке аз ин се сана то ҳол дастрас нест. Ба назар мерасад, ки ин рӯйдод то ҳуҷуми Куруш ба Бобул, яъне соли 539 то м. иттифоқ афтодааст.

Бархе аз муҳаққиқон иттилои Ҳеродотро нисбатан боэътимод меҳисобанд. Тибқи он, ин ҳодиса баъд аз ишғоли Лидия аз ҷониби Куруш ба вуқӯъ пайвастааст. Дар шарҳи Ҳеродот гуфта мешавад, ки Куруш баъд аз тасарруфи шаҳрҳои Осиёи Хурд бо роҳбарии Гарпаг, ба сӯи Бобул ҳаракат намудааст. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар осораш сабаби ихтилофи андешаи муаррихони юнонӣ роҷеъ ба ин масоилро дар он мебинад, ки бархе кишварҳои шарқии Эрон, аз ҷумла Гиркания ва Порт, пеш аз ишғоли Мод ва баъди он ихтиёран ба Куруш итоат карданд [13, с. 15–16]. Аз ин рӯ, метавон эҳтимол дод, ки ин ҷараён пеш аз забти Лидия оғоз ёфта, дар марҳилаҳои мухталиф татбиқ шудааст. Аз гуфтаҳои Ҳеродот ва дигар муаррихон бармеояд, ки дар ин минтақаҳо ҷангҳои бузург рух надода буданд ва онҳо дониши маҳдуде дар бораи воқеаҳои дурдасти шарқ доштанд.

Пас аз ишғоли минтақаҳои Эрони Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ, монеаи асосии дар роҳи Куруш барои расидан ба мақоми ҳукмронии ҷаҳони мутамаддини замон давлате набуд ҷуз Бобул. Ин давлат на танҳо маркази қудрати сиёсӣ ва низомӣ, балки як маркази пешрафтаи фарҳанг ва тиҷорат дар минтақа ба ҳисоб мерафт. Аз ҳамин рӯ, тасарруфи Бобул барои Куруши Кабир аҳамияти бузурги стратегии сиёсӣ, низомӣ ва иқтисодию фарҳангӣ дошт. Дар замоне, ки Куруш тасмими ҳамла ба Бобулро гирифт, вазъи дохилии ин давлат барои шоҳи вақти он Набонид мусоид набуд. Тибқи маълумоти баъзе манбаъҳои таърихӣ, гурӯҳҳои нуфузнок ба монанди тоҷирон ва рӯҳониёни мазҳаби Мардук, ки мавриди таъқиб қарор доштанд, ҳамчунин яҳудиёни асир ва иҷборан муҳоҷиршуда, аз сиёсати Набонид норозӣ буданд. Куруш, ҳамчун шахсияти бофурӯғат ва сиёсатмадори зирак, аз ин норизоиятҳо бохабар буд ва саъй менамуд аз вазъи мавҷуда барои амалӣ сохтани ҳадафҳои худ бо роҳҳои сиёсӣ ва дипломатӣ истифода намояд. Бо вуҷуди ин, вазъияти дохилии Бобул ҳанӯз тақдири онро ҳал накарда буд, зеро дар ҳама гуна низоъ, нерӯи ҳарбӣ ва омодагии ҷангии ҷонибҳо нақши ҳалкунанда мебозад. Куруш ин воқеиятро хуб дарк намуда, ба омодагии ҷиддӣ барои юриш шуруъ намуд. Бо фатҳи Лидия, Эрони Шарқӣ ва Осиёи Миёна, ӯ ақибгоҳашро устувор сохта, қувваҳои ҳарбии ин кишварҳоро барои тақвияти артиши худ ба кор гирифт.

Дар баҳори соли 539 то милод лашкари Куруш ба қаламрави Бобул ворид гардид. Чунонки маълум аст, шаҳрҳои Бобул бо деворҳо ва бурҷҳои мустаҳкам муҳофизат мешуданд, вале муқовимати ҷиддии ҳарбӣ нишон дода натавонистанд. Ҷанги ҳалкунанда дар моҳи августи ҳамон сол дар назди шаҳри Описа, дар соҳили рӯди Даҷла, рух дод. Сарвари неруҳои Бобул писари шоҳ Набонид — Белшарусур буд. Дар ин набард артиши форсҳо ғалаба ба даст овард ва бобулиён шикаст хӯрданд. 29-уми октябри соли 539 то милод Куруш ба Бобул бо шукӯҳу шаҳомат ворид шуд. Набонид асир гардид, аммо Куруш ӯро афв намуд, дар ҳоле ки писараш Белшарусур ба қатл расонда шуд. Куруш дар муносибат бо душманони оштинопазир устуворӣ ва қатъият нишон медод.

Баъди фатҳи Бобул, Куруши Кабир як қатор тадбирҳои сиёсӣ ва дипломатиро амалӣ сохт, ки ҳадафашон таҳкими ҳокимият дар ин минтақа буд. Ӯ пеш аз ҳама маъбади асосии шаҳр — Эсагиларо барқарор намуд ва ба Худои Мардук қурбонӣ овард, ҳуқуқ ва имтиёзҳои рӯҳониёни марбут ба ин мазҳабро барқарор кард. Сипас, бо нашри эъломияе, ба тамоми халқҳо ҳуқуқу озодӣ дод. Мувофиқи ин эъломия, яҳудиён ҳақ пайдо карданд, ки ба ватан ё дигар макони дилхоҳи худ баргарданд ва зиндагии мустақил дошта бошанд. Низоми сиёсӣ ва

сохтори маъмурии Бобул низ бетағйир боқӣ монд. Ин иқдомҳои Куруш аз ҷониби мардуми Бобул хуш пазируфта шуданд ва ҷойгоҳи ӯро ҳамчун ҳокими одил дар минтақа таҳким бахшиданд [3, с. 178–201; 4, с. 32–52].

Баъд аз ин пирӯзӣ, давлатҳои Финикия ва Фаластин низ ихтиёрӣ тобеи Куруш гардиданд. Ҳамин тариқ, дар дасти ӯ Бобул ва тамоми қаламрави Шарқи Баҳримиёназамин қарор гирифт. Танҳо давлати пуриқтидори Миср боқӣ монда буд, ки ҳанӯз форсҳо онро ишғол накарда буданд. Бисёре аз муҳаққиқон ба дурустӣ ишора намудаанд, ки Куруш нияти юриш ба Мисрро дошт, вале бар хилофи интизориҳои ҳамзамонон ва донишмандони муосир, ӯ ин иқдомро ба таъхир гузошт.

Ба ин тартиб, дар муддати нуҳ соли баъд аз тасарруфи Бобул, ки Куруш ба як империяи бузургу паҳновари ҷаҳонӣ даст ёфт, ҳеч гоҳ ба Миср, ки наздиктарин рақиби ӯ буд, юриш накард. Дар бораи ин давра, ки байни ишғоли Бобул ва ҳамла ба масагетҳо воқеъ мешавад, таърихнигорони Юнон маълумоти мушаххас надодаанд. Ҳеродот танҳо ишора намудааст, ки баъди забти Бобул Куруш ба масагетҳо юриш кардааст. Аммо оид ба он нуҳ соли миёна маълумоте пешниҳод нашудааст. Муаммои таърихии ҳамла накардани Куруш ба Миср то ҳол пурра равшан нагардидааст.

Соли 530 то милод, Куруш ба муқобили масагетҳо ба Осиёи Миёна юриш намуд. Ҳеродот ва дигар таърихнигорони Юнонӣ дар бораи ин ҳодиса маълумоти муайян додаанд. Бисёре аз муҳаққиқони муосир ривояти Ҳеродотро дар осори худ овардаанд, гарчанде ки он бо воқеият мувофиқат намекунад. Донишмандон дуруст таъкид намудаанд, ки ривояти Ҳеродот бо унсурҳои хаёлот ва ҳикоясозии бадеӣ омехта шудааст.

Ба ақидаи ин ҷониб, Куруш аз дигар лашкаркашо ва забткорони таърих чун Чингизхон, Темур ва Искандари Мақдунӣ ба таври куллӣ фарқ дошт. Ӯ ҳаргиз ба қатлу куштори омма даст намезад ва дар марҳилаҳои аввалини ташаккули тамаддуни башарӣ арзишҳои ҳуқуқи инсон, адолат ва инсондӯстиро пойбандӣ мекард. Эъломияи машҳури ӯ гувоҳ аз дурандешӣ ва ақлу хирадмандии ӯст. Куруш поягузори аввалин давлати мутамарказ ва мутамаддини инсонӣ дониста мешавад.

Ҷомеае, ки Куруши Кабир ташкил дод, бар пояи зӯроварӣ ва ғуломдории ақвоми мағлуб бунёд нашуда буд. Баръакс, ӯ ҷомеае офарид, ки ба ҷойи харобсозӣ ва куштор, ба мағлубшудагон шафқат нишон медод ва онҳоро бо эҳтиром ба озодии динию фарҳангиашон вомегузошт. Соли 537 то милод, бо фармони расмии худ пас аз ворид шудан ба Бобул, чунин ҷомеаро амалӣ сохт. Ин фармон, ки бо номи «Силиндри Куруш» машҳур аст, ба забони сурёнӣ навишта шуда, яке аз қадимтарин ҳуҷҷатҳои таърихӣ дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон маҳсуб меёбад. Дар он чунин омадааст:

«Ман Куруш ҳастам – шоҳи шоҳон, шоҳи бузург, шоҳи пуркудрат, шоҳи Бобул, Ашшур ва Аккад, шоҳи замин, писари Камбуҷия, подшоҳе, ки аз ҷониби Худоён пазируфта шудааст. Вақте бе хунрезӣ вориди Бобул шудам, мардум бо хурсандӣ маро пазироӣ карданд. Ман ба салтанат нишастам ва Мардук – Худои Бобул – маро дастгирӣ кард, чун ман ӯро гиромӣ доштам. Артиши ман оромона вориди шаҳр гардид. Ман иҷозат надодам, ки сокинон озор бинанд. Ман фармон додам, ки ҳама халқҳо дар парастиши Худои худ озод бошанд ва ба онҳо зулм нашавад. Фармон додам, ки манзилҳои мардум тахриб нашаванд ва касе аз ҳаёт маҳрум нагардад. Худои бузург аз ман розӣ гардид ва ба ману писарам Камбуҷия ва нерӯи мусаллаҳи ман баракат дод. Подшоҳоне, ки аз уқёнус то баҳри поён подшоҳ буданд, ба пойҳои ман бӯса доданд. Ман маъобиди вайроншударо аз нав бино кардам, бутҳоро баргардондам ва мардумро дар амният гузоштам» [15, с. 121–122].

Файласуфи маъруфи Юнони бостон Афлотун дар рисолаи худ «Кавонин», ки онро дар охири умраш навиштааст, менависад: «Дар замони ҳукмронии Куруш, эрониён озод буданд ва ҳама шаҳрвандон ҳуқуқи баробар доштанд».

Шахсият ва фаъолияти сиёсии Куруш дар замони худ низ баҳои баланд гирифтааст. Рӯҳониёни Бобул ӯро паёмбари Худои Мардук, яҳудиён – фиристодаи Яҳво, ва юнониён – сиёсатмадори бузург хондаанд. Муҳаққиқон дар бораи ӯ китобҳо ва таҳқиқоти зиёде навиштаанд. Эъломияи Куруш падидаи нави сиёсию фарҳангӣ дар таърихи башар ба шумор меравад, ки бо собиқаи шоҳони пешин, ки мағлубонро ғулом эълон мекарданд, фарқ дорад.

Дар ҷамъбаст, Куруши Кабир яке аз нодиртарин шоҳаншоҳоне буд, ки ҳуқуқи инсон ва арзишҳои инсонпарвариро арҷ мегузошт. Танҳо Силиндри ӯ кофист, ки ба унвони ҳуҷҷати таърихии ҳимояи ҳуқуқи башар шинохта шавад. Эътирофи ӯ аз ҷониби мардуми мазлум ва фирориву асир, аз ҷумла яҳудиёну бобулиён, шаҳодати равшани бузургии шахсияти ӯст. Дар ҳоле ки шоҳони таърих аз зафарҳо ва куштор сухан мегӯянд, Куруш ягона шоҳест, ки дар

тамоми таърих мавриди ситоиш ва эҳтиром қарор гирифтааст. Омӯзиши зиндагӣ ва фаъолияти ин шахсияти таърихӣ имрӯз барои мардуми тоҷик дорои аҳамияти хос аст. Аз ҳамин ҷост, ки дар осори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маълумоти фаровон ва муфассал дар бораи Куруш пешниҳод шудааст. Омӯзиши корномаи ин абармард воситаи муҳими худшиносӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ мебошад.

Адабиёт

1. *Васильев, Л.С. История Востока / Л.С. Васильев. – М.: История, 1998. – Т.I. – 495 с.*
2. *Гафуров, Б.Г. Таджики. Древнейшая, древная и средневековая история / Б.Г. Гафуров. – М.: Издастельство «Наука», 1972. – 657 с.*
3. *Геродот. История в девяти книгах / Геродот. – М.: Нучно-издательский центр «Ладомир» «Аст», 1999. – 739 с.*
4. *Дандамаев, М.А. Политическая история Ахеманидской державы / М.А. Дандамаев. – М., 1985. – 319 с.*
5. *Дандамаев, М.А., Луконин В.Г. Культура и экономика древного Ирана / М.А. Дандамаев. – М., 1980. – 418 с.*
6. *Дьяконов, И.М. История Мидии от древнейших времен до конца IV в. до н.э / И.М. Дьяконов. – М.: – Л., 1956. – 488 с.*
7. *Дьяконов М.М. Очерки истории древнего Ирана / М.А. Дандамаев. – М., 1961. – 444 с.*
8. *История древнего мира. – М., 1981. – 304 с.*
9. *Куликан, У. Персы и мидяне. Подданные империи Ахеменидов / У. Куликан. – М.: Центрполиграф, 2002. – 1448 с.*
10. *Масон, В.М. Средняя Азия и Древний Восток / В.М. Масон. – М.: -Л.: 1964. – 474 с.*
11. *Раҳмон, Э. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр–Граф, 2016. – 364 с.*
12. *Раҳмонов, Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёиҳо / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 372 с.*
13. *Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён. Китоби I / Э. Раҳмонов. – Лондон, 1999. – 240 с.*
14. *Ҳазратқулов М. Ориёиҳо ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Дониш, 2006. – 578 с.*
15. *Ҳакимов, Н. Таърихи халқи тоҷик / Н. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 484 с.*
16. *Шарипов, Ҷ.С. Вижагии муборизаи истиқлолхоҳонаи аҳдоди тоҷикон ба муқобили истилогарони юнону мақдунӣ / Ҷ.С. Шарипов, Н.С. Муродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. – Душанбе: Сино, 2022. - № 12. - С. 117-124.*

СИЁСАТИ КИШВАРКУШОИИ КУРУШИ КАБИР ДАР ОСОРИ МУҲАҚҚИҚОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф бо истифода аз манобеъи таърихӣ ва осори муҳаққиқони ватанию хориҷӣ масъалаи сиёсати кишваркушоии яке чеҳраҳои мондагори таъриху тамаддуни ҷаҳонӣ – Куруши Кабирро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Таъкид мегардад, ки муҳаққиқони зиёде доир ба сиёсати кишваркушоии Куруш дар осори худ маълумот додаанд. Ҳанӯз аз аҳди бостон сар карда муаррихоне монанди Ҳеродот, Ктесий, Ксенофонт ва дигарон шахсияти Куруш ва сиёсати кишваркушоии ӯро омӯхта, ибрози андеш намудаанд. Аз маълумоти онҳо ва таҳқиқоти муҳаққиқон бармеояд, ки Куруш аз дигар сиёсатмадорони аҳди бостон тафовути зиёде дошт. Куруш аз сатҳи ҳокими вилоят ба дараҷаи шоҳаншоҳи як империяи бузурги ҷаҳонӣ расид. Дар масири ба мартабаи шоҳӣ расидан талош ва ҷидду ҷаҳди зиёде намуда, монеаҳои зиёдеро дар сари роҳи худ бартараф кард. Ӯ аз рӯзҳои аввали ба сари қудрат омадан ба мустаҳкам кардани ҳокимияти марказӣ ва пурқувват кардани артиши худ шуруъ намуд. Куруши Кабир аз забткорону ҷаҳонкушоёну қудратталабоне монанди Чингиз, Темур ва ҳатто Искандари Мақдунӣ ва лашкаркашони араб тафовути куллӣ дошт. Ӯ ҳеҷ гоҳ ба қатли ом роҳ намедод, дар ҳамон давраҳои аввали инкишофи тамаддуни башарӣ риояи ҳуқуқи инсон ва адолату инсофро аз ҷумлаи аслҳои давлатдорӣ медонист. Эъломияи ӯ аз дурандешӣ ва хирадмандии ӯ гувоҳӣ медиҳад. Ӯ бунёдгузори давлати нахустини муназзам ва мутамаддини инсонӣ буд. Беҳуда нест, ки рӯҳониёни Бобул ӯро фиристодаи худованд Мардук, яҳудиён фиристодаи худованд Яҳво ва юнониён сиёсатмадори бузург номидаанд. Донишмандони муосир дар бораи ӯ ҷилд - ҷилд асарҳо офаридаанд.

Калидвожаҳо: сиёсат, кишваркушоӣ, Куруш, вижагӣ, маълумот, адолат, таҳқиқот, муҳаққиқон, андеша, нақш, тамаддун, ишғол, муаррихон.

ЭКСПАНСИОННАЯ ПОЛИТИКА ВЕЛИКОГО КИРА В ТРУДАХ ИССЛЕДОВАТЕЛЕЙ

В данной статье автор, используя исторические источники и труды отечественных и зарубежных исследователей, рассматривает вопрос экспансионистской политики одного из самых выдающихся деятелей мировой истории и цивилизации - Кира Великого. Подчеркивается, что многие исследователи в своих трудах приводили сведения об экспансионистской политике Кира. С древних времен такие историки, как Ҳеродот, Ктесий, Ксенофонт и другие, изучали и высказывали свои мнения о личности Кира и его экспансионистской политике. Их информация и исследования

исследователей показывают, что Кир сильно отличался от других политиков древности. Кир поднялся с уровня провинциального наместника до уровня царя огромной мировой империи. На своем пути к становлению королем он приложил огромные усилия и проявил упорство, преодолев множество препятствий на своем пути. С первых дней своего прихода к власти он начал укреплять центральную власть и армию. Кир Великий принципиально отличался от завоевателей, исследователей мира и властолюбцев, таких как Чингисхан, Тимур и даже Александр Македонский, а также от арабских воинов. Он никогда не одобрял массовых убийств и на ранних этапах развития человеческой цивилизации считал уважение прав человека, а также справедливость и честность одними из принципов государственного управления. Его заявление демонстрирует его дальновидность и мудрость. Он был основателем первого организованного и цивилизованного человеческого государства. Недаром вавилонские жрецы называли его посланником бога Мардука, евреи — посланником бога Яхве, а греки — великим политиком. Современные ученые написали о нем целые тома.

Ключевые слова: политика, завоевание, Кир, уникальность, информация, справедливость, исследование, исследователи, мысль, роль, цивилизация, оккупация, историки.

EXPANSION POLICY OF KRUSH THE GREAT IN THE WORKS OF RESEARCHERS

In this article, the author, using historical sources and works of domestic and foreign researchers, discusses the issue of the expansion policy of one of the most prominent figures in world history and civilization – Krush the Great. It is emphasized that many researchers have provided information about the expansion policy of Krush in their works. Since ancient times, historians such as Herodotus, Ctesias, Xenophon and others have studied the personality of Krush and his expansion policy and expressed their opinions. From their information and the research of researchers, it follows that Krush was significantly different from other politicians of ancient times. Krush rose from the level of a provincial governor to the level of a king of a great world empire. On the way to achieving the rank of king, he made great efforts and diligence, overcoming many obstacles in his path. From the first days of his rise to power, he began to strengthen the central government and strengthen his army. Krush the Great was fundamentally different from conquerors, world explorers, and power-seekers such as Genghis, Timur, and even Alexander the Great and Arab warriors. He never allowed mass murder; in those early stages of the development of human civilization, he considered the observance of human rights, justice, and fairness to be among the principles of statehood. His proclamation testifies to his foresight and wisdom. He was the founder of the first orderly and civilized human state. It is not for nothing that the Babylonian priests called him the messenger of the god Marduk, the Jews the messenger of the god Yahweh, and the Greeks a great politician. Modern scholars have written volumes about him.

Keywords: politics, country opening, Krush, special, information, justice, research, researchers, opinion, role, civilization, occupation, historians.

Дар бораи муаллиф
Қодирзода Хушбахти Сафар
Унвончӯи кафедраи таърихи халқи тоҷик
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
х. Рӯдакӣ, 17
E-mail: khqodirzoda@mail.ru

Об авторе
Кодирзода Хушбахти Сафар
Соискатель кафедры истории таджикского народа
Таджикский национальный университет
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, пр.Рудаки 17
E-mail: khqodirzoda@mail.ru

About the author
Qodirzoda Khushbakhti Safar
Applicant of the Department of History of the Tajik People
Tajik National University
734025 Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Rudaki ave. 17
E-mail: khqodirzoda@mail.ru

ТДУ 94(575.3)

НАҚШИ ТУРСУН ӮЛҶАБОЕВ ДАР РУШДИ ИҶТИМОИЮ ФАРҲАНГӢ ВА ТАЙЁР КАРДАНИ КАДРҲО ДАР ҶШС ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 50 – ИБТИДОИ СОЛҲОИ 60-УМИ АСРИ ХХ

Ализода Б. П., Одилова З. Р.
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар солҳои баъдиҷангӣ таҳти роҳбарии Котиби якуми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон, академик Б Ғафуров, ҳамчунин дар нимаи дуюми солҳои 50 – ибтидои солҳои 60-уми асри ХХ дар ҶШС Тоҷикистон таҳти роҳбарии Котиби якуми Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон Турсун Ӯлҷабоев дар соҳаи фарҳанг, соҳаи иҷтимоиёт ва тайёр кардани кадрҳо муваффақиятҳои калон ба даст оварда шуд. Солҳои 50-60-уми асри ХХ муваффақиятҳои иқтисодиёти сотсиалистӣ шароитро барои рушди босуръати фарҳанги халқи тоҷик мусоид сохт. Дар ҷумҳурӣ дар муддати нисбатан кӯтоҳ вазифаи дорои аҳамияти бузурги давлатӣ – барҳамдиҳии бесаводӣ ҳал шуда буд. Дар ин марҳила дар Тоҷикистон мутахассисони зиёди дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ кор мекарданд. Ҳамзамон, дар ин давраи ҳокимияти Шуравӣ «дар Тоҷикистон даҳҳо рӯзномаҳо, маҷаллаҳои адабию махсус нашр мешуданд. Танҳо дар соли 1956 дар ҷумҳурӣ 3,5 миллион нусха китоб нашр шуд» [3, с. 81].

Дар ҶШС Тоҷикистон солҳои баъдиҷангии 50-60 -уми асри гузашта бо таҳаввулоти зиёде рӯ ба рӯ гардид. Аз ҷумла, давраи мазкури асри ХХ давраи таҳаввули куллӣ дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон гардид. Дар ин давра таҳти роҳбарии ду абармардони миллати тоҷик Бобоҷон Ғафуров ва Турсун Ӯлҷабоев дар баробари рушди соҳаи кишоварзӣ соҳаҳои илму фарҳанг дар кишвар рушд ёфта, ба дастовардҳои бузург ноил гардид.

Кордонию фарҳангпарварии Турсун Ӯлҷабоев ҳамчун роҳбари аввали ҷумҳурӣ сабаби пешравиҳои зиёд дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон гардид, ки ба қавли худаш “аз хурдсолӣ фаъолияти комсомолӣ ва ҳизбиро пеша намуда, пас аз хатми техникуми педагогӣ дар соли 1935 ба маҷрои пуртуғёни сиёсати Шуравӣ ворид гардида буд [4, с. 25].

Бояд қайд намуд, ки Турсун Ӯлҷабоев дар низоми ҳокимияти ҶШС Тоҷикистон аз аввалин роҳбароне ба шумор меравад, ки ҳамаи зинаҳои фаъолияти ҳизбиро аз ташкилоти ибтидоӣ то КМ ҲК-ро тай намуда, ба боварии халқу миллат ва ҳамсафони ҳизбии худ сазовор гардидааст. Матонату шуҷоат, хоксорӣ ва фидокориҳои ин фарзонафарзанди миллати тоҷикро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 1998 зимни ифтитоҳи расмии нимпайкараи Турсун Ӯлҷабоев дар зодгоҳаш чунин баён намудаанд: “Турсун Ӯлҷабоев воқеан фарзанди халқ буд. Ӯ аз рӯзе, ки ақли худро шинохт, то лаҳзаҳои охирини умр ҳамроҳи халқ менишасту мехест, ҳамдаму ҳамнафаси мардум буд” [1].

Муҳаққиқ ва таърихшиноси варзида Усмонҷон Ғаффоров дар асари ба ҳаёт ва фаъолияти ин абармард бахшидааш, менависад: “Турсун Ӯлҷабоев: роҳбари хирадпеша ва бебок” мебошад ва аз пайкори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ӯ давраи фаъолияти меҳнатии Турсун Ӯлҷабоевро чунин ба қалам додааст: Сараввал мудири бахши кадрҳои мақомоти шуравӣ, баъдтар муовини мудири шӯъбаи қайдҳои КМ ҲК Тоҷикистон шуда кор кардааст. Соли 1943 котиби якуми КМ ИЛҚҶ Тоҷикистон интихоб мешавад. Аз соли 1947 то соли 1950 шунавандаи мактаби олии ҳизбии назди КМ ВКП (б)-и шаҳри Маскав буд. Баъди хатми он котиби кумитаи ҳизбии вилояти Сталинобод, мудири шӯъбаи тарғибу ташвиқи КМ ҲК Тоҷикистон, котиби якуми ҳизбии вилоятҳои Кӯлобу Ленинобод шуда кор кардааст. Соли 1954 котиби КМ ҲК Тоҷикистон, соли 1955 Раиси Шурои Вазирон, баъди як сол, яъне соли 1956 котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон интихоб мешавад” [4, с. 25]. Ҳамин тавр, дар вазифаи пурмасъули давлатӣ, яъне котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон то соли 1961 кору фаъолият намудааст.

Давраи аз ҳама сермаҳсул ва самаровари фаъолияти меҳнатии Турсун Ӯлҷабоевро давраи панҷсолаи роҳбарии ӯ дар кишвар ташкил менамояд. Тавре аллакай маълум аст, дар солҳои ҳокимияти Шӯравӣ роҳбарии бевоситаи давлатро котиби якуми КМ ҲК кишвар иҷро

менамуд. Аз ин ҷост, ки Ӯлҷабоев солҳои 1956 – 1961 бевосита роҳбари амалии Тоҷикистон буд ва муаллиф ва ё меъмори асосии бузургтарин лоиҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистони навин гардид. Ҳамсафар ва рафиқи наздики Ӯлҷабоев, Раиси Шурои вазирони ҶШС Тоҷикистон Назаршо Додхудоев лаҳзаҳои ба вазифаи котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон интихоб шудани Турсун Ӯлҷабоевро шарҳ дода, мегӯяд, ки дар байни номзадҳои пешбаришаванда номи Ӯлҷабоев чандон ошно ва соҳиби тарафдорони зиёд набуд. Аммо боварӣ ва ҳурмати эҳтироми бевоситаи Бобоҷон Ғафуров ва тавсияномаи ӯ ба Никита Хрушёв дар бораи Турсун Ӯлҷабоев боис гашт, ки дар соли 1956 ӯ котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон интихоб карда шавад [9].

Давоми солҳои роҳбарии Турсун Ӯлҷабоев Тоҷикистон дар минтақа ва миқёси ИҶШС ҳамчун кишвари дорои имкониятҳои зиёди рушди иқтисодиву иҷтимоӣ муаррифӣ карда шуд ва аксарияти бузургтарин лоиҳаҳои иқтисодию саноатие, ки дар Тоҷикистон солҳои минбаъда бунёд гардиданд, маҳз таҳти роҳбарӣ ва талошу заҳматҳои ҳамин фарзанди тоҷик оғоз гардида буд.

Бо талошҳои пайвастаи Турсун Ӯлҷабоев ниҳоят 17 декабри соли 1960 лоиҳаи бунёди НБО Норак аз ҷониби Шӯрои вазирони ИҶШС тасдиқ карда шуд ва аввалин сангҳо ба сарбанди азими ин лоиҳаи бунёдӣ барои саноати Тоҷикистон аз ҷониби Турсун Ӯлҷабоев ва Назаршо Додхудоев гузошта шуд. Ҳарчанд баъдҳо номҳои ашхоси дигар ҳамчун онҳое, ки дар бунёди ин иншоот нақши асосиро гузоштаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд, аммо ташаббускор ва бунёдгузори асосии ин лоиҳаи азим маҳз Турсун Ӯлҷабоев боқӣ мемонад. Ин аст, ки дар натиҷаи сиёсати оқилонаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1997 таҳти №918 нерӯгоҳи барқии обии Норак “барои хизматҳои бузург дар инкишофи хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, фаъолияти хирадмандонаи давлатдорӣ, бунёдгузории силсилаи энергетикию саноатии ҷануби Тоҷикистон” ба номи Ӯлҷабоев Турсун номгузорӣ карда шуд [6].

Дар баробари ин давоми солҳои роҳбарии Турсун Ӯлҷабоев дар мамлакат тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодии кишвар ба мисли инфрасохтори зиндагиву нақлиёт, хоҷагии қишлоқ, кишоварзӣ, тандурустӣ, маориф, илм, фарҳанг ва санъат рушд намуд. Дар ин бора суханроniҳои худи Турсун Ӯлҷабоев ва мақолаҳояш дар як қатор чорабиниҳои муҳимми давлатӣ ва рӯзномаву ҳафтаномаҳо дарак медиҳад. Масалан дар мақолаи табрикии котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон Турсун Ӯлҷабоев ба муносибати Рӯзи Инқилоби Октбяр таҳти унвони “Тоҷикистони Советӣ – фарзанди октябри аъзам” масъалаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони Шуравӣ таҳлил карда шуда, дастовардҳои азими халқи заҳматкаши тоҷик инъикос гардидааст.

Дар солҳои баъд аз ҷанг, махсусан дар солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта дар ҶШС Тоҷикистон дар соҳаи тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва маданӣ муваффақиятҳои калон ба даст оварда шуданд. Дар ин кор котиби якуми Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон Б. Ғафуров (1946-1956) ва котиби якуми Комитети Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон Т. Улҷабоев (1956-1961) дар самти сиёсати рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҷумҳурӣ фаъолиятро хело хуб ба роҳ монда буданд.

Дар давоми даҳ соли баъд аз ҷанг (солҳои 1946-1956) барқарор гардидани иқтисодиёт Тоҷикистон на танҳо ба дараҷаи тараққиёти пеш аз ҷанг расид, балки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла фарҳанг ҳам ба пешравиҳои калон ноил гардид.

Дар солҳои 50-60-уми асри ХХ комёбиҳои иқтисоди сотсиалистӣ барои тараққиёти босуръати фарҳанги халқи тоҷик шароит фароҳам оварданд. Дар натиҷаи ёрии бузурги Ҳизби Коммунистӣ ва Ҳукумати Шуравӣ дар ҷумҳурӣ дар як муддати ниҳоят кӯтоҳ вазифаи дорои аҳамияти бузурги умумидавлатӣ, аз ҷумла, бесаводӣ барҳам дода шуд, муаллимон, табибон, кормандони муҳандисӣ -техникӣ, мутахассисони соҳаи кишоварзӣ, кормандони илм, адабиёт ва санъат ба камол расиданд. Дар ин марҳила дар ҷумҳурӣ зиёда аз 40 ҳазор нафар мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёна кор мекарданд.

Рушди фарҳанг ва илми Тоҷикистон бо номи чунин олимони барҷаста, монанди Б. Ғафуров, С. Айнӣ, В.Л. Комаров, Е.Н. Павловский, Е.Е. Бертелс, А. Семёнов, М. С. Андреев, Б. Искандаров ва дигарон алоқаманд буд. Шоирон ва нависандагон шумораи зиёди асарҳои адабиёти классикӣ ва муосирро тарҷума карда, дастраси омма гардониданд.

Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон, ки дар соли 1951 ташкил карда шуда буд, институтҳо ва дигар муассисахои илмӣ-таҳқиқотиро муттаҳид намуд, ки дар соҳаҳои муҳимтарини хоҷагии халқ бо кори илмӣ машғул буданд. Дар бораи муваффақияти адабиёт ва санъати советӣ даҳрӯзаи адабиёт ва санъати тоҷик, ки соли 1957 дар Москва барпо гардид,

гувоҳӣ медиҳад: «Даҳсолаи мазкур маданияти пурҷушу хуруш ва ба худ хосеро нишон дода тавонист, ки дар солҳои Ҳокимияти Советӣ дар Тоҷикистон ташаккул ёфт» [3, с. 82].

Дар солҳои Ҳокимияти Советӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла, дар Тоҷикистон инқилоби ҳақиқии фарҳангӣ ба амал омад. Дар ҳамаи ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна Академияҳои миллии илмҳо, донишкадаҳои сершумори олӣ, аз ҷумла мактабҳои олӣ, техникумҳо, садҳо мактабҳо, театрҳои опера ва балет, театрҳои драмавӣ, филармония, хонаи маданият ва ғайра ташкил карда шуданд. Дар ин давра «дар Тоҷикистон 7 театр, 1500 клубу хонаи маданият, қариб 2000 китобхона, даҳҳо музей, боғи маданият ва истироҳатгоҳ кор мекарданд, дар ҷумҳури 63 газета ва 12 журнали адабӣ ва махсус чоп карда мешуданд. Дар соли 1956 3,5 миллион нусха китоб чоп шуд» [10, с. 21].

Дар ин давра, дар соли таҳсили 1950-1951 шумораи донишҷуёни маҳаллӣ хеле афзуд. Агар «дар соли хониши 1949-1950 дар ДОМД (ДГПИ) донишҷуёни тоҷику узбек 31 фоизро ташкил карда бошанд, дар соли таҳсили 1950-1951 аллакай 48,5 фоизро ташкил медоданд. Шумораи донишҷуёни маҳаллӣ низ афзуд: дар соли 1950-ум 41 нафар ва соли 1951-ум 93 нафарро ташки медод [10, с. 21].

Баробари рушд кардани муассисаҳои таълимӣ, тайёр кардани мутахассисон сол аз сол афзуд. «Танҳо дар давраи аз соли 1950 то соли 1956 мактабҳои миёнаи махсус ва донишгоҳҳои Тоҷикистонро 28 ҳазор нафар мутахассис хатм карданд, ки аз онҳо тақрибан 10 ҳазор нафарашон мутахассисони баландихтисос буданд. Дар соли таҳсили 1956-1957 дар мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси Тоҷикистон 30 ҳазор нафар донишҷӯён таҳсил мекарданд» [11, с. 21].

Дар ҷумҳурӣ кинематография рушд намуда, васеъ паҳн шуд. Кино ба шакли дустдоштаи истироҳати ҳамаи табақаҳои аҳолӣ табдил ёфт. Дар ҷумҳурӣ кинотеатрҳо сол то сол меафзуд. Киностудияи Сталинобод барои филмҳои бадеӣ ва кинохроника кор мекард. «Танҳо дар нимаи аввали соли 1957 студия ду филми бадеӣ ва як филми мустанад, 18 шумораи кинохроникаи «Тоҷикистони советӣ», 14 филм ба забони тоҷикӣ дубляж карда, 20 қисмати филмҳои илмӣ-оммавӣ ва 24 шумораи маҷаллаи «Ахбори рӯз» бароварда шуд [3, с. 84].

Фаъолияти самарабахши роҳбарияти ҶШС Тоҷикистон, таъмини рушди иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ, ба вуҷуд овардани кадрҳои сершумори миллӣ барои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халҷ, баланд шудани дараҷаи некуаҳволии меҳнаткашон далели равшани муваффақиятҳои бузурги халқи меҳнатдусти тоҷик дар солҳои роҳбарии Турсун Улҷабоев дар ҶШС Тоҷикистон мебошад.

Бояд ёдовар гашт, ки яке аз музаффариятҳои бузург ва таърихии дигари халқи тоҷик, яъне ноил гардидани ҶШС Тоҷикистон ба ордени Ленин низ маҳз дар давраи роҳбарии Турсун Ӯлҷабоев ба даст омадааст. Дар бораи ба даст овардани ин орден ва талоши бевоситаи Турсун Ӯлҷабоев барои ба Тоҷикистон додани он Назаршо Додхудоев қайд менамояд, ки: “Баъди пленуми декабрии КМ КПСС (соли 1956) ману Турсун Ӯлҷабоев ба қабули Н.С. Хрушёв рафтем. Турсун Ӯлҷабоев гуфт, ки Тоҷикистон дар соҳаи саноат, зироат ва маданияту маърифат дар солҳои Ҳокимияти Советӣ ба дастовардҳои калоне муваффақ шуд [7].

Дар баробари ин, дар давраи солҳои 1956-1961 буҷети давлатии Тоҷикистон афзоиш ёфта, аз як миллион сӯми соли 1924 ба 2,6 миллиард сӯм дар соли 1958 расонида шуд. Ҳамчунин даромади соҳаи саноат барои кишвари кӯҳие чун Тоҷикистон, ки аксаран аҳолӣ ба кишоварзӣ машғул мебошанд, нисбат ба соли 1924 10 баробар афзоиш ёфта, дар соли 1958 ба 5 млрд. сӯм баробар гардид [7].

Дар баробари ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ таҳти роҳбарӣ ва сиёсати дурбинонаи Турсун Ӯлҷабоев солҳои 1956-1961 дар ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон низ дастовардҳои бузурге ба даст оварда шуданд. Турсун Ӯлҷабоев ҳамчун кадри дорои донишу маданияти баланд ва фидоии халқу миллати худ аҳамияти ҳифзи маданияту фарҳанги тоҷиконро хуб дарк менамуд ва барои ташаккули маориф, илм, фарҳанг, санъат, адабиёт ва журналистикаи миллӣ талоши худро равона намуда буд. Дастовардҳои муҳимтарини ин соҳаҳоро дар ҷараёни роҳбарии Турсун Ӯлҷабоев метавон чунин қайд намуд:

- дар соли 1958 шумораи умумии кормандони соҳаи илму маориф ба 45 ҳазор нафар расонида шуд;

- дар давраи роҳбарии Ӯлҷабоев шумораи зиёди бонувон ба фаъолияти давлатӣ ҷалб карда шуданд ва се нафар занон дар вазифаҳои вазирӣ ва 100 нафар ҳамчун депутатҳои марказиву маҳаллӣ кор мекарданд;

- дар соли 1958 2 ҳазор номгӯй китобу брошюраҳои адабиёти ватанӣ ва иттифоқӣ ба теъдоди 15 миллион нусха ва зиёда аз 100 номгӯй китобзои адабиёти ҷаҳонӣ бо теъдоди 750 ҳазор нусха бо забони тоҷикӣ ва русӣ чоп ва дастари хонандагон карда шуд;

- дар кишвар аввалин ансамбли халқии этнографии “Помир” аз ҳисоби фонди махсуси Шӯрои вазирони ИҶШС ташкил карда шуд;

- аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ барои докторантони тоҷик дар шаҳри Москва 50 адад хонаҳои истиқоматӣ харидорӣ карда шуд [7].

Ҳамаи ин дастовардҳо аз иродаи қавии сиёсӣ, мавқеи устувор, ояндабинӣ, зиракӣ ва меҳанпарвории роҳбари вақти Тоҷикистон Турсун Ӯлҷабоев дарак медиҳад. Усмонҷон Ғаффоров дар асари худ доир ба бунёдкориҳои Турсун Ӯлҷабоев ёдоварӣ намуда, шоҳкориҳои бунёдии давраи ӯро чунин номбар намудааст: “бинои собиқи КМ ҲК Тоҷикистон, фурӯдгоҳи пойтахт, вокзали роҳи оҳани пойтахт, меҳмонхонаи собиқ бо номи «Душанбе», чойхонаи «Роҳат», театри академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ, маҷмааи беморхонаи Қарияи боло, бинои боҳашмати Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур, заводи дар вақташ калонтарини сементбарорӣ дар Душанбе, асоси лоиҳаи имрӯза қасри Борбад” [4, с. 20].

Мутаассифона, поёни корномаи сиёсии ин шахси наҷиб бар асари туҳмату бухтон ва ғаразу сиёҳтинатии як қатор аз ҳизбиёни вақт на он қадар хуб ба анҷом расид. Соли 1961 котиби якуми ҲК Тоҷикистон Турсун Ӯлҷабоев ва раиси Шӯрои вазирони Тоҷикистон Назаршо Додхудоевро бо туҳмати изофанависӣ дар ҷамъоварии ҳосили пахта аз вазифаҳои ишғолнамудаашон сабукдӯш намуда, онҳоро аз сафи ҳизб берун намуданд. Аммо бо ин корномаи Турсун Ӯлҷабоев, ки аслан фарзанди халқ буду аз миёни халқ баромада буд, хотима наёфт. Ӯ вазифа ва масъулияти бунёдкоронаи худро дар колхозу совхоҳзои ақибмондаи ҷануби Тоҷикистон идома дода, натиҷаҳои назарраси меҳнатӣ ба даст оварда.

Турсун Ӯлҷабоев шахсияти наҷиб, содиқ ва миллатдӯст буд. Ҳамсафарон, шогирдон ва арбобони бузурги давлатие, ки ҳамроҳи ӯ солиёни дароз кору фаъолият намудаанд, аз вай ҳамчун роҳбари қавиирода ва ғамхору меҳандӯст ёдоварӣ менамоянд.

Пас аз таҳлилу баррасии сарчашмаҳо ва адабиёти илмиву адабии ба ҳаёту рӯзгори ин фарзанди миллати тоҷик марбутбударо таҳлил намуда, ба хулосае омадем, ки Турсун Улҷабоев ҳамчун иқтисоддон ва сиёсатмадор дар таърихи иқтисодии Тоҷикистон нақши назаррас дорад. Ӯ дар рушди иқтисодиёту иҷтимоиёти кишвар дар замони басо душвор ва баъдиҷангии шӯравӣ саҳм гузошта, барои рушди низоми иқтисодӣ ва татбиқи сиёсати оқилонаву созанда иҷтимоӣ кӯшишҳои зиёде ба харҷ додааст.

Турсун Ӯлҷабоев ҳарчанд бо туҳмат ва ҳасади як қатор аз элитаи сиёсии Тоҷикистони Шуравӣ аз мансаб дур гардида, солҳои охирини ҳаёти худро дар минтақаҳои дурдасти кишвар паси сар намуд, аммо барои Тоҷикистон саҳми арзанда гузоштааст. Ба таъбири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Турсун Ӯлҷабоев воқеан фарзанди халқ буд. Ӯ аз рӯзе, ки ақли худро шинохт, то лаҳзаҳои охирини умр ҳамроҳи халқ мешишту мехест, ҳамдаму ҳамнафаси мардум буд” [1].

Пас аз иҷрои вазифаи пурмасъули давлатӣ, яъне котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон ва Пленуми ноадолатонаи апрелии соли 1961, ки Турсун Ӯлҷабоев қурбони туҳмати ниқорхоҳонаи як гуруҳ ҳизбиён гардид, аз сафи ҳизби коммунистӣ ронда шуда, дар совхозу колхозҳои дурдасту ақибмондаи Тоҷикистони шуравӣ дар вазифаҳои директору раис кору фаъолият намудааст. Номи Турсун Ӯлҷабоев низ садсолаҳо дар хотираҳо боқӣ мемонад ва хизматҳои беминнати ӯ барои ташаккули иқтисодиёту иҷтимоиёти Тоҷикистон ҳаргиз аз хотираҳо зудуда нахоҳад шуд.

Адабиёт

1. *Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими кушодашавии нимпайкараи Т. Ӯлҷабоев дар ноҳияи Спитамен, 13 сентябри соли 1998.*
2. *Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ба нерӯгоҳи барқии обии Норак гузоштани номи Т. Ӯлҷабоев”, ш. Душанбе, аз 9 сентябри соли 1997, № 918.*
3. *Ализода, Б.П. Трансформация и развитие государственного управления в Таджикистане (1929-2015 гг.) Монография / Б.П. Ализода. – Душанбе, 2021. – 202 с.*
4. *Внеочередной XXI съезд КПСС. Стенографический отчет – М.: Госкомиздат, 1959. - Т.2. - С. 120-132.*

5. *Ғаффоров, У. Турсун Ӯлҷабоев: роҳбари хирадпеша ва бебок [Матн] / У. Ғаффоров. – Хуҷанд, 2007. – 397 с.*
6. *Додхудоев, Н. Ободӣ кардем, ҷаллодӣ накардем. Иқтибос аз нақли Н. Додхудоев // Адабиёт ва санъат. – 1990, 1 ноябр.*
7. *Нутқи котиби якуми КМ ҲК Тоҷикистон Т. Ӯлҷабоев дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 1100-солагии юбилеи Абӯабдулло Рӯдакӣ аз 15 октябри соли 1958 // Маҷаллаи "Маданияти Тоҷикистон", № 10, октябри 1958.*
8. *Нутқи Турсун Ӯлҷабоев дар Иҷлосияи панҷуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон [Матн] // Рӯзномаи "Тоҷикистони Советӣ", №108 (10.370) аз 8 майи соли 1960.*
9. *Раджабов, З. Ш. Таджикский народ в братской семье народов СССР / З. Раджабов. – Сталинабад, 1957. – 27 с.*
10. *Ӯлҷабоев, Т. "Тоҷикистони Советӣ – фарзанди Октябри аъзам", мақола ба муносибати Рӯзи Инқилоби Октбяр / Т. Ӯлҷабоев // Рӯзномаи Тоҷикистони Советӣ, 1958. - №16.*
11. *Шарифзода, А. А. История высшего образования Таджикистана: опыт и проблемы. (Вторая половина 40-х - первая половина 90-х гг.): / А.А. Шарифзода, автореф. дис. ... д-ра ист. наук. – Душанбе, 2000. – 54 с.*

НАҚШИ ТУРСУН ӮЛҶАБОЕВ ДАР РУШДИ ИҶТИМОИЮ ФАРҲАНГӢ ВА ТАЙЁР КАРДАНИ КАДРҲО ДАР ҶШС ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ 50 – ИБТИДОИ СОЛҲОИ 60-УМИ АСРИ XX

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи мавзуи нақши Турсун Ӯлҷабоев дар рушди иҷтимоию фарҳангӣ ва тайёр кардани кадрҳо дар ҶШС Тоҷикистон дар солҳои 50 – ибтидои солҳои 60-уми асри XX бахшида шудааст. Дар рафти таҳқиқ ба воқеаҳои таърихӣ аз ҳаёту фаъолият, инчунин корнамоиҳои Турсун Улҷабоев дар рушди иҷтимою фарҳангӣ ва тайёр кардани кадрҳо Тоҷикистони Шуравӣ таваҷҷуҳ карда шудааст. Ҳамчунин, дар рафти таҳқиқ ба масъалаи ҳунари роҳбарӣ, муносибат бо кормандон ва ташаббусҳои Турсун Улҷабоев ҳамчун ходими намоёни сиёсӣ дар ташаккул ва рушди соҳаҳои мухталифи ҳаёти ҷамъиятии ИҶШС аҳаммияти махсус зоҳир карда шуда, ҷанбаҳои таърихии фаъолияти сиёсию ҷамъиятии ӯ ҳамчун воқеаҳои мондагор дар тарбия намудани насли худогоҳи миллӣ аз манфиат холӣ нест. Таҳқиқоти илмии мазкур кӯшиши саривақтӣ мебошад, ки доираи васеи масъалаҳои иҷтимою фарҳангӣ ва тайёр кардани кадрҳо Тоҷикистонро дар замони фаъолияти меҳнатии Турсун Ӯлҷабоев нишон медиҳад ва барои фаҳмидани чӣ гуна нақши шахсии ӯ дар гузаришҳои иҷтимою фарҳангӣ ва тайёр кардани кадрҳои он давра боқӣ мондааст, тавассути усулҳои илмии таҳлил ва арзёбӣ муайян карда шудааст. Таҳлили саҳми Турсун Улҷабоев дар рушди иҷтимою фарҳангӣ ва тайёр кардани кадрҳо дар Тоҷикистон на танҳо барои фаҳмидани нақши шахсиятҳои муассир дар таърихи кишвар муҳим аст, балки барои баҳогузорӣ ва дарк кардани таъсири сиёсати иҷтимою фарҳангӣ ва тайёр кардани кадрҳо дар раванди муносибатҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии кишварҳои собиқ иттиҳоди шуравӣ низ аҳаммияти махсус дорад.

Калидвожаҳо: Шурои Олӣ, Президиум, Шурои вазирон, инфрасохтор, кумитаи марказӣ, Кумитаи ҳизбӣ, бюрои сиёсӣ, иҷтимоиёт, фарҳанг, тайёр кардани кадрҳо, абармард, маориф, илм, муассисаҳои фарҳангӣ.

РОЛЬ ТУРСУНА УЛДЖАБАЕВА В СОЦИАЛЬНО-КУЛТУРНОЙ РАЗВИТИИ И ПОДГОТОВКЕ КАДРОВ В ТАДЖИКСКОЙ ССР В 50-Е – НАЧАЛО 60-Х ГОДОВ XX ВЕКА

Данная статья посвящена исследованию темы роль Турсуна Улджабоева в экономическое и социальное развитие Таджикской ССР. В ходе расследования было обращено внимание на исторические события из жизни и деятельности, а также вклад Турсуна Улджабоева в экономическом развитии Советского Таджикистана. Также в ходе исследования особое значение было уделено вопросу руководства, взаимоотношений с сотрудниками и инициатив Турсуна Ульджабоева как видного политического деятеля в становлении и развитии различных сфер общественной жизни Советского Союза, а также исторические аспекты его политической и общественной деятельности как неутомимые мероприятия по воспитанию подрастающего поколения не лишены интереса. Это научное исследование является своевременной попыткой показать широкий спектр экономических проблем Таджикистана во время руководства Турсуна Ульджабаева и понять, как сохранялась его личная роль в экономических и социальных переходах того периода, определяемых с помощью научных методов анализа и оценки. Анализ вклада Турсуна Улджабоева в формирование экономической и социальной сферы Таджикистана важен не только для понимания роли влиятельных фигур в истории страны, но и для оценки и понимания влияния экономической политики на процессы социальные и культурные отношения в странах бывшего Советского Союза.

Ключевые слова: Верховный Совет, Президиум, Совет Министров инфраструктура, ЦК, политбюро, культура социальная служба, образование, наука, подготовка кадров, культурные учреждения.

THE ROLE OF TURSUN ULDZHABAEV IN THE SOCIO-CULTURAL DEVELOPMENT AND PERSONNEL TRAINING IN THE TAJIK SSR IN THE 1950s – EARLY 1960s

This article is devoted to studying the role of Tursun Uldzhabayev in the economic and social development of the Tajik SSR. The investigation focused on historical events from his life and work, as well as Tursun Uldzhabayev's contribution to the economic development of Soviet Tajikistan. Also, in the course of the study, special importance was attached to the issue of leadership skills, relations with employees and initiatives of Tursun Uljabaev as a prominent political figure in the formation and development of various spheres of public life of the USSR, and the historical aspects of his political and social activities as lasting events are not without interest in educating a nationally conscious generation. This scientific study is a timely attempt to show a wide range of economic issues in Tajikistan during the period of Tursun Uljabaev's labor activity and to understand how his personal role in the economic and social transitions of that period remained, determined by scientific methods of analysis and evaluation. The analysis of Tursun Uljabaev's contribution to the formation of the economic and social sectors of Tajikistan is important not only for understanding the role of influential figures in the history of the country, but also for assessing and understanding the impact of economic policy on the processes of social and cultural relations in the countries of the former Soviet Union.

Keywords: Supreme Soviet, Presidium, Council of Ministers, infrastructure, Central Committee, Politburo, culture, social service, education, science, personnel training, cultural institutions.

Дар бораи муаллифон

Ализода Баҳриддини Пирмуҳаммад
Доктори илмҳои таърих, и.в. профессор, директори Пажӯҳишгоҳи идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯч.Саид Носир, 33
E-mail: b.p.alizoda63@mail.ru

Одилова Зарина Рабимовна
Унвончӯи кафедраи фалсафа ва илмҳои гуманитарӣ
Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, кӯч.Саид Носир, 33
E-mail: odilova.8787.@mail.ru

Об авторах

Ализода Бахриддини Пирмухаммад
Доктор исторических наук, и.о. профессора, директор НИИ государственного управления и государственной службы Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Республики Таджикистан, Душанбе, ул. Саид Носира, 33
E-mail: b.p.alizoda63@mail.ru

Одилова Зарина Рабимовна
Соискатель кафедры философии и гуманитарных наук
Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734003, Республика Таджикистан, ш. Душанбе, ул. Саида Насира, 33
E-mail: odilova.8787.@mail.ru

About the authors

Alizoda Bahriddini Pirmuhammad
Doctor of Historical Sciences, Acting Professor, Director of the Research Institute of Public Administration and Civil Service Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir St., 33
E-mail: b.p.alizoda63@mail.ru

Odilova Zarina Rabimovna
Applicant department of philosophy and humanities
Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan
734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Said Nosir St., 33
E-mail: odilova.8787.@mail.ru

ҚОИДАҲОИ ТАҲИЯИ МАҚОЛАҲО

Идораи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» мақолаҳои илмиро дар доираи самтҳои дар мавзуи нашрия мавҷудбуда барои чоп қабул мекунад. Муаллифон ҳангоми таҳия ва пешниҳоди мақолаҳо бояд ба нуктаҳои зерин таваҷҷуҳ дошта бошанд:

1. Мақолаҳо ба идораи маҷалла дар шакли электронӣ ва чопӣ пешниҳод карда мешаванд.
2. Мақола дар вироишгари матни WinWord (формати А4) бо ҳуруфи Times New Roman чоп шуда, бояд ҳошияҳои саҳифаҳо 2 см, ҳаҷми ҳарфҳо 14 ва фосилаи байни сатрҳо 1,0 бошад.
3. Ҳаҷми матлуби мақола якҷо бо аннотатсия ва рӯйхати адабиёт аз 10 то 16 саҳифа мебошад.
4. Дар аввали мақола индекси ТДУ (УДК) дар тарафи чапи саҳифа гузошта мешавад.
5. Маълумот дар бораи муаллиф(он), номи мақола, матни аннотатсия ва калидвожаҳо бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд.
6. Насаб, ном ва номи падар (пурра), унвон, дараҷаи илмӣ, вазифа, ҷои кор ва суроғаи он, почтаи электронӣ ва шумораи телефони муаллиф(он) дар сатрҳои алоҳида зери ҳам навишта мешаванд.
7. Аннотатсия бояд 100 - 200 вожаро фаро гирифта, дар он хулосаи муҳтавои мақола ва натиҷаҳои таҳқиқот дарҷ гардад. Истифодаи иборахои умумӣ ва ҷузъиёти беаҳамияти мавзуъ зарурат надорад.
8. Калидвожаҳо аз ҳамдигар бо аломати вергул ҷудо карда шуда, бояд фарогири 5-10 калима ва ибораҳои зарурии мавзуъ бошанд.
9. Дар матни мақола овардани истинод ба манбаи истифодашуда ҳатмӣ мебошад. Истинод ба манбаъ пас аз матни иқтибосшуда бо нишон додани рақами тартибии манбаи иқтибос ва саҳифаи мавриди назари он дар дохили қавсайни чоркунҷа оварда мешавад, масалан: [5, с. 24].
10. Рӯйхати адабиёт пас аз матни мақола ба тартиби алифбо дар шакли феҳристи библиографӣ оварда мешавад. Феҳристи библиографӣ мутобиқи талаботи ГОСТ таҳия карда шуда, дар он нахуст номгӯи адабиёти кириллӣ ва сипас адабиёти хориҷӣ меояд.
11. Дар рӯйхати адабиёт ҳангоми овардани монография, луғатнома, автореферат ва дигар намуди китобҳо овардани ҷой (шаҳр, нашриёт) ва соли нашр, шумораи умумии саҳифаҳо ва барои мақола, фишурда, боб ё фасли китоб ва монанди ин қайд намудани саҳифаҳои онҳо ҳатмист.
12. Рӯйхати адабиёт бояд на кам аз 10 манбаи илмӣ-таҳқиқотӣ, аз ҷумла на кам аз 30% таҳқиқоти илмии дар дохили кишвар ба нашр расидаро фаро гирад. Номгӯи адабиёти мансуб ба муаллиф набояд беш аз 25%-и рӯйхати адабиётро ташкил диҳад.
13. Тавсия дода мешавад, ки аз таҳқиқотҳои доир ба мавзуи мақола қаблан дар нашрияҳои илмии тақризшаванда, хусусан дар маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» нашргардида истифода бурда шавад. Инчунин ба нашри мақолаҳое, ки дар онҳо ба таҳқиқотҳои анҷомёфтаи солҳои охир ва манбаъҳои муътамад истинод сурат гирифтааст, бартарӣ дода мешавад.
14. Маҷалла мақолаҳои илмиеро, ки дорои зиёда аз ду ҳаммуаллиф мебошанд (ба истиснои таҳқиқотҳои таҷрибавӣ), нашр намекунад.
15. Мақолаҳои аспирантон, унвонҷӯён ва докторантон аз рӯи ихтисос (PhD) бо тавсияи роҳбари илмӣ ва мақолаҳои магистрантон дар ҳаммуаллифӣ бо номзади илм ё доктори илм қабул карда мешаванд.
16. Мақолаҳое, ки қаблан дар дигар нашрияҳо ба нашр расидаанд ё барои чоп супорида шудаанд, қабул карда намешаванд. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ё ислоҳ намояд.
17. Матни маводи пешниҳодшаванда нусхаи ниҳоӣ маҳсуб шуда, бояд таҳриршуда ва беғалат бошад. Масъулияти боэътимодии аснод, рақамҳо ва муҳтавои мақолот бар дӯши муаллиф(он) мебошад.
18. Дар ҳолати риоя нашудани талаботҳои дар боло зикршуда идораи маҷалла ҳақ дорад, ки чунин мақолаҳоро баррасӣ нанамояд.

ПРАВИЛА ОФОРМЛЕНИЯ СТАТЕЙ

Редакция журнала «Вестник Педагогического университета» принимает к печати научные статьи по тематике, соответствующей профилю журнала. При подготовке и представлении статей авторы должны обратить внимание на следующее:

1. Статьи предоставляются в редакцию журнала в электронном и печатном виде.

2. Статья должна быть напечатана в текстовом редакторе WinWord (формат А4) шрифтом Times New Roman, с полями 2 см, кеглем 14 и межстрочным интервалом 1,0.

3. Оптимальный объем статьи вместе с аннотацией и списком литературы составляет от 10 до 16 страниц.

4. В начале статьи слева на странице размещается индекс УДК.

5. Информация об авторе(ах), название статьи, текст аннотации и ключевые слова приводятся на 3 языках - таджикском, русском и английском.

6. Фамилия, имя и отчество (полностью), ученое звание, ученая степень, должность, место работы и его адрес, электронная почта и номер телефона автора(ов) пишутся на отдельных строках.

7. Аннотация должна содержать 100-200 слов, в ней должны быть изложены краткое содержание статьи и результаты исследования. Использование общих фраз и несущественных деталей темы нецелесообразно.

8. Ключевые слова, отделенные друг от друга запятой, должны содержать 5-10 слов и основных фраз темы.

9. В тексте статьи обязательно должны быть ссылки на использованные источники. Ссылка на источник дается после цитируемого текста с указанием порядкового номера источника и страницы в квадратных скобках, например: [5, с. 24].

10. Список литературы приводится после текста статьи в алфавитном порядке в виде библиографического списка. Библиографический список оформляется в соответствии с требованиями ГОСТа, в нем сначала дается литература на кириллице, затем - на латинице.

11. В списке литературы, при описании монографии, словаря, автореферата и других видов книг, необходимо указать место (город, издательство) и год издания, общее количество страниц, а для статьи, тезисов, глав или раздела книги и т.п. - их страницы.

12. Список литературы должен содержать не менее 10 научно-исследовательских источников, из них не менее 30% - научных работ, опубликованных в стране. Библиография автора не должна составлять более 25% списка литературы статьи.

13. Рекомендуется использовать исследования по теме статьи, ранее опубликованные в рецензируемых научных журналах, особенно в журнале «Вестник Педагогического университета». Приоритет отдается статьям, в которых ссылаются на исследования последних лет и авторитетные источники.

14. Журнал не публикует научные статьи, имеющие более двух соавторов (за исключением экспериментальных исследований).

15. Статьи аспирантов, соискателей и докторантов PhD принимаются к публикации по рекомендации научного руководителя, а статьи магистрантов - в соавторстве с кандидатом наук или доктором наук.

16. Статьи, ранее опубликованные в других изданиях или переданные в печать, не принимаются. Редакционная коллегия имеет право сокращать или редактировать научную статью.

17. Текст представленного материала является окончательной версией, должен быть вычитанным и без ошибок. Ответственность за достоверность фактов, цифр и содержания статей несет автор(ы).

18. В случае несоблюдения вышеуказанных требований редакция журнала имеет право не рецензировать такие статьи.

RULES FOR THE DESIGN OF ARTICLES

The editorial board of the journal of «Herald of the Pedagogical University» accepts scientific articles on topics corresponding to the journal's for publication profile. During preparing and submitting articles, authors should pay attention to the following:

1. Articles are submitted to the editorial board of the journal in electronic and printed form.
2. The article should be typed in the text editor WinWord (A4 format) in Times New Roman font, with margins of 2 cm, font size 14 and line spacing 1.0.
3. The optimal volume of the article jointly with the abstract and list of references is from 10 to 16 pages.
4. The UDC index is placed on the left side of the page at the beginning of the article.
5. Information about the author(s), the title of the article, the abstract text and keywords are given in 3 languages - Tajik, Russian and English.
6. The author's(s) surname, first name and patronymic (in full), academic title, academic degree, position, place of work and its address, e-mail and phone number are written on separate lines.
7. The abstract should contain 100-200 words and should outline the content of the article and the results of the research. The use of general phrases and insignificant details of the topic is not advisable.
8. Keywords, separated by commas, should contain 5-10 words and main phrases of the topic.
9. The text of the article must contain references to the used sources. The reference to the source is given after the quoted text with the indication of the serial number of the source and the page in square brackets, for example: [5, p. 24].
10. The list of references is given after the text of the article in alphabetical order in the form of a bibliographic list. The bibliographic list is drawn up in accordance with the requirements of GOST; it first lists literature in Cyrillic, then in Latin.
11. During describing a monograph, dictionary, abstract and other types of books in the list of references, it is necessary to indicate the place (city, publisher) and year of publication, the total number of pages, and for an article, abstract, chapter or section of a book, etc. - their pages.
12. The list of references should contain at least 10 scientific research sources, at least 30% of them should be scientific papers published in the country. The author's bibliography should not exceed 25% of the list of references in the article.
13. It is recommended to use research on the topic of the article, previously published in peer-reviewed scientific journals, especially in the journal «Herald of the Pedagogical University». Priority is given to articles that refer to research from recent years and authoritative sources.
14. Scientific articles with more than two co-authors (except for experimental research) will not be published in the journal.
15. Articles of postgraduate students, applicants and PhD students are accepted for publication on the recommendation of the scientific supervisor, and articles of master's students - in co-authorship with a candidate of sciences or doctor of sciences.
16. Articles previously published in other publications or submitted for publication are not accepted. The editorial board has the right to shorten or edit the scientific article.
17. The text of the submitted material is the final version, it must be proofread and free of errors. The author(s) is responsible for the accuracy of the facts, figures and content of the articles.
18. In case of non-observance of the above requirements, the editorial board of the journal has the right not to review such articles.

ВЕСТНИК
ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА

2025, № 4 (117)

Издательский центр
Таджикского государственного педагогического
университета им. С. Айни
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 121
Сайт журнала: www.vestnik.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-36-91

Формат 60x80/8. Бумага офсетная.
Печать офсетная. Тираж 100 экз. П.л.30.
Подписано в печать 26.08.2025 г. Заказ № 153
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С. Айни